ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО
КАФЕДРАИ ФИЛОЛОГИЯИ АРАБ

МАСОИЛИ МУБРАМИ АРАБШИНОСӢ

(МАҶМУАИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ДАР МАВЗУИ «НАҚШИ АРАБШИНОСОНИ ТОҶИК ДАР РУШДУ ТАҲАВВУЛИ ХОВАРШИНОСИИ МУОСИР», 14-УМИ МАРТИ СОЛИ 2025)

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ АРАБИСТИКИ

(СБОРНИК СТАТЕЙ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ТЕОРИТИЧЕСКИЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ: «РОЛЬ ТАДЖИКСКИХ АРАБИСТОВ В РАЗВИТИИ И ЭВОЛЮЦИИ СОВРЕМЕННОГО ВОСТОКОВЕДЕНИЯ», 14 МАРТА 2025 Г.)

TOPICAL ISSUES OF ARABIC STUDIES

(COLLECTION OF ARTICLES OF THE INTERNATIONAL CONFERENCE SCIENTIFIC AND THEORETICAL CONFERENCE ON TOPIC «THE ROLE OF TAJIK ARABISTS IN THE DEVELOPMENT AND EVOLUTION OF MODERN ORIENTAL STUDIES», MARCH 14, 2025)

Душанбе – 2025

ББК: 81. (2араб) Н-21
УДК: 001+811.21/22(043)

Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «**Нақши арабшиносони тоҷик дар рушду таҳаввули ховаршиносии муосир**», бахшида ба 90-солагии номзади илми филология, дотсент Мӯъминов Ҳ.Қ.). – Душанбе: Матбааи «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», 2025. – 311 саҳ.

Муҳаррир:
д.и.ф., профессор Раҷабова М.Т.

Мураттиб:
н.и.ф., дотсент Солиҳов Н.Ҳ.

Маҷмуа дар заминаи маводи илмии конференсияи байналмилалии «Нақши арабшиносони тоҷик дар рушду таҳаввули ховаршиносии муосир» омода гардидааст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки он ба ҷанбаҳои мухталифи масоили муҳимми арабшиносии тоҷик – забоншиносӣ ва адабиётшиносии арабу тоҷик, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ ва аҳаммияти он дар замони муосир, тарҷумаи осори арабизабон ба забони тоҷикӣ, робитаҳои адабии Арабу Аҷам ва инъикоси онҳо дар таҳқиқоти донишмандон, таҷассуми таъсири мутақобалаи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ дар назми арабизабони асрҳои миёна, саҳми донишмандони арабшиноси тоҷик дар ҳалли масъалаҳои шарқшиносӣ, нақди адабӣ дар осори арабшиносони муосир, вижагиҳои адабиёти навини араб ва аҳаммияти омӯзиши он дар ховаршиносии муосир ва дар маҷмуъ, ба саҳми арабшиносони тоҷик дар рушду таҳаввули ховаршиносии муосир ихтисос дода шудааст. Маҷмуа барои донишмандони соҳа, муҳаққиқон, унвонҷӯён, докторантони доктор Ph.D, магистрҳо ва донишҷӯён пешниҳод мегардад.

ISBN 978-99985-23-26-5

МЕҲРНОМА

ЁДЕ АЗ УСТОДИ РАВШАНЗАМИРУ СОҲИБДИЛ

Ғаффорова У.А. – доктори илмҳои филологӣ, профессори МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Мояи хушнудӣ ва сарфарозист, ки ман боз дар парвозгоҳи худ, ин даргоҳи муқаддас - факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, собиқ факултети овозадори забонҳои шарқи ДМТ, қарор дорам ва чеҳраҳои ошно, устодон ва ҳамкасбону шогирдонро мебинам. Қабл аз ҳама дуруду паёми ҳайъати профессорону омӯзгорони факултети забонҳои шарқи МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷандро ба якояки Шумо мерасонам ва барои даъват ба ин конфронси байналхалқӣ ба ташкилкунандагони ин ҳамойиши бонуфуз арзи сипос менамоям.

Аз бузургтарин неъматҳое, ки инсон метавонад ба ҷаҳониён боқӣ гузорад, дониш аст. Донишест, ки аз устод ба шогирд, аз падар ба фарзанд интиқол меёбад. Муаллим касест, ки чароғи илму маърифатро дар зеҳни шогирдон меафрӯзад. Устодони соҳибназару дилогоҳи мо ҳамеша ба манзалаи чароғҳои ҷовидонӣ ҳастанд, ки қалбҳои моро нуру зиё мебахшанд.

Ман ҳар гоҳ аз айёми донишҷӯии худ ёд мекунам, ҳалқаи устодони азизам, аз ҷумла профессорони фақид В.П. Демидчик, А.Л. Хромов, М.Ш. Ҳусейнзода, Ф. Амонова, Т. Бердиева, дотсентон Ф. Наҷмонов, Ҳ.Қ. Муъминов, Ф.А. Исаева, К. Мусофиров, М. Тоҳиров, Ш. Хушвақтов, Ш. Шохуморов, Ф. Қодиров, Ҳ. Каримов, равонашон шод бод ва устодони азизам профессор С. Сулаймонов, С. Шукроева, С. Худойдодова, С. Раҳимов ва дигарон пеши назар меоянд. Солҳои ҳаштодумро метавон давраи тиллоии факултети забонҳои шарқ номид, зеро он вақт ин донишкада дар байни марказҳои таълимии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми бонуфуз ва шуҳрати калон дошт.

Устод Муъминов Ҳалим Абдуқаххорович яке аз омӯзгорони асил, роҳнамо ва сарчашмаи илҳоми мо буданд, ки дар зиндагии мо шогирдон мақоми чароғи афрӯхтаро доштанд ва ба зиндагии дурахшон ҳидоят менамуданд. Устод бо дониши амиқ ва маҳорати баланди омӯзгорӣ ба мо зимни таълими таърихи адабиёти араб моро ба ҷаҳони фарохи фарҳанги араб, таърихи ислом ва анъанаҳои шарқшиносӣ ворид мекард. Ҳар як дарси ӯ пур аз муҳтавои амиқ, мисолҳои зинда, қироати қасида ва шарҳҳои муфассал буд, ки муҳассилинро ба тафаккури амиқ ва таҳқиқи ҷиддии илмӣ ҳидоят менамуд.

Ҳамон вақт мо огаҳӣ аз он ёфтем, ки устод Муъминов Ҳалим Қаххорович яке аз нахустин шогирдон ва баъдтар омӯзгорони факултети забонҳои шарқ будаанд ва осори илмиву таълимии зиёде навиштаанд. Мавсуф роҷеъ ба рӯзгор ва осори нависанда ва шоири муосири лубнонӣ Михаил Нуайме (1889-1988) таҳқиқот бурда, рисолаи номзадии хешро зери унвони “Михаил Нуайме ҳамчун назарияпардози реализми интиқодӣ дар адабиёти араб” соли 1974 дар Академияи илмҳои Ӯзбекистон масоили мухталифи адабиёти араб ба дифоъ расонидаанд. Илова бар ин устод Ҳ.Қ.Муъминов дар ҳаммуаллифӣ бо ҳамсарашон, устоди зиндаёд Ф.Ф.Исаева чандин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-методиро барои таълими забони арабӣ таълиф намудаанд, ки то имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ аз онҳо истифода мекунанд.

Устод ба мо аз фанни “Таърихи адабиёти араб” дар давраи тоисломӣ дарс медоданд. Дарсҳои устод хеле шавқовар ва хотирмон мегузашт. Устод методикаи хоси таълимро доштанд ва бо усулҳои фаъоли таълим дарсро чунон шавқовар мегузаштанд, ки калимаҳои нав дар хотир ба зудӣ нақш мебастанд. Чун марди зарофатӯст бисёр шӯхӣ карда, донишҷӯёнро дар ҷараёни дарс механдонданд ва аз ҳаёти воқеӣ мисолҳо меоварданд, то ки шогирдонро аз хастагӣ раҳоӣ бахшанд. Чун омӯзгори бомаҳорат кӯшиш мекарданд, ки нисбати ҳар як донишҷӯ ба таври инфиродӣ муносибат намуда,

барои аз худ кардани дарс ба ӯ кӯмак намоянд. Қасидаҳои тоисломии араб – муаллақаҳоро, ки ҳифз карданашон дар аввал мушкил менамуд, ба мо бо забони арабӣ қироат мекарданд ва баъдан тақозо мекарданд, ки мо мисраъ ба мисраъ онро такрор намоем. Зимнан ба талаффузи ҳарфҳои хоси арабӣ таваҷҷуҳи моро ҷалб мекарданд ва тасҳеҳ мекардан. Ин буд, ки мо дар ҷараёни дарс чанд байт аз қасидаҳоро ҳифз мекардем, ки имрӯз ҳам дар ёд мондааст. Ин усули махсуси устод буд: илму донишро бо ҳикмат ва хушҳолӣ якҷо кардан. Ҳамин тавр, устод аввалин омӯзгоре буданд, ки меҳри моро нисбат ба адабиёти араб дар қалбамон афрӯхтанд. Аз тақдир шукргузор ҳастам, ки ҳангоми таълифи рисолаи номзадиам устоди соҳибдили ман маслиҳатҳои муфиди хешро дареғ намедоштанд ва саҳми худро дар дар такмилу тасҳеҳи рисолаи илмиам дар радифи устодони дигари ҳайъати онвақтаи кафедраи филологияи араб гузоштанд.

Барои шахсан ман устод Муъминов Ҳ.Қ., ки муттасил сармуҳаррири рӯзномаи девории овозадори “Шарқшиноси ҷавон” буданд ва боиси сазовор гаштан ба ҷоизаҳо ва ҷои аввалро ишғол кардани он дар озмунҳои донишгоҳӣ мешуданд, бароям нозукиҳои навиштаҷоти каллиграфӣ ва ороиши рӯзномаи деворио ёд медоданд. Бо интихоби устод ман низ узви ҳайъати таҳририяи ин рӯзнома будам ва якҷоя бо устоди равоншод дотсент Азимҷон Байзоев, бо дастуру роҳнамоии устод Муъминов ба ороишу ҷобаҷогузории мақолаҳо машғул мешудем ва маҳоратамонро сайқал медодем. Дар аввал, худашон сарлавҳаҳоро бо шрифти махсус ва ҳусни хати зебо менавиштанд ва аз ман тақозо мекарданд, ки дарун ё қолаби ҳарфҳоро бо рангҳои зарурӣ ороиш диҳам. Азимҷон Байзоев, ки дар курсҳои болоӣ таҳсил мекарданд, таҷриба ва маҳорати бештар доштанд ва мустақилона сарлавҳаҳоро алакай менавиштанд. Ман ҳам дар ин кор шогирди устод Ҳ.Қ.Муъминов гаштам, барои худ дафтари машқи ҳусни хат ташкил карда будам ва дар муддати кӯтоҳ аз уҳдаи ин кор мебаромадагӣ шудам. Бо ин мақсад устод моро баъзан аз дарсҳо озод намуда, аз болои фаъолияти аъзои таҳририя назорат мебурданд. Зимни ин амали муштарак устод на танҳо роҳнамо буданд, балки муҳити гарму дӯстона эҷод мекарданд. Баъзан омада худашон сарлавҳаҳоро менавиштанд, ҷои шеъру мақолаҳоро муайян мекарданд, ба муҳтавои мақолаҳо таваҷҷуҳи моро равона мекарданд ва рӯзномаро хеле зебо ороиш медоданд. Ин буд, ки ин рӯзномаро, ки ҳаҷми қолину сурати мунаққаше дошт, устодону донишҷӯён бо шавқу мароқ мутолиа мекарданд.

Сад ҳайҳоту дареғ, ки мо чанд рӯз қабл шарқшиноси маъруф, олим, шоир, омӯзгор ва инсони фозилу комилро аз даст додем. Боварӣ дорам, ки руҳи гузаштагонамон ҳозиру нозир аст, чунонки шоире фармудааст:

Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дунё рафтааст,
Ҷои ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафтааст.

Ногуфта намонад, ки устод Ҳ.Қ.Муъминов солҳои тӯлонӣ ба ҳайси муовини декани бахши таълим кор мекарданд ва хеле масъулиятшиносу ташкилотчӣ буданд. Ба донишҷӯён муносибати хайрхоҳона доштанд ва бо калимаҳои “додарам” ё “хоҳарам”, “духтарам” муроҷиат мекарданд. Устод бо фазлу хирад, дониши амиқ, кордонӣ, меҳнатдӯстӣ, таҷриба ва маҳорати забондонӣ, хислатҳои нек ва ахлоқи ҳамидаашон дар дилу дидаи устодону донишҷӯён қарор доштанд. Устод оилаи намунавӣ доштанд ва барои атрофиён намунаи ибрат буданд. Эшон якҷоя бо ҳамсари меҳрубонашон, зани фариштахисол Фия Абдулбариевна бо як ҷаҳон сидқу вафо ва лутфу меҳрубонӣ модари мушфиқу дуогӯяшонро то синни 90-солагиашон нигаҳбонӣ намуданд ва фарзандони солеҳро тарбия намуданд. Устод бо ифтихор ва ҳисси қаноатмандӣ дар бораи муваффақиятҳои писарашон Ҳикмат, ки он вақт дар Институти астрофизикаи ш.Москва таҳсил мекарданд ва духтарашон Райҳон, ки дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таҳсил мекарданд, ба мо нақл мекарданд. Минбаъд академик Ҳикмат Ҳалимович Муъминов ба ҳайси ноиби Президенти АИ ҶТ фаъолияти пурсамар бурда, дар рушди илмҳои дақиқ ва соҳаи

астрофизика саҳми арзанда гузоштанд ва ифтихори миллат гаштанд. Сад афсӯс, ки умр вафо накард ва имрӯз ин олими сатҳи ҷаҳонӣ дар байни мо нестанд. Фарзанди дигари эшон, омзади илми тибб, дотсент Райҳон Муъминова номбардори сазовори падару модари бузургвору маърифатдӯсти хеш буда, дар пешравии илми тибби тоҷик саҳми арзанда мегузоранд ва ҷароғи хотираи азизони хешро фурӯзон нигаҳ медоранд.

Ёди устодони зиндаёд Муъминов Ҳалим Қаҳҳорович ва Исавева Фия Абдулбариевна, фарзанди накӯномашон Муъминов Ҳикмат Ҳалимович бахайр ва манзили охираташон биҳишти анбарсиришт бод! Кору пайкори ононро шогирдону пайвандон идома хоҳанд дод. Чунонки Ҳофизи лисонулғайб мефармояд:

Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.

ҶУФТИ КАБУТАРОНАНД – УСТОДОНИ МАН

Худойдодова С. – муаллими калони кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Муъминов Ҳалим Қаҳорович ва устод Исаева Фия Абдулбариевнаро бори аввал соли 1963 11 ноябр дидам.

Он ду шахси ниҳоят хоксор, вале бо нури хирад мунаввар дар охири даҳлези нимрушанназди бухории гармдиҳӣ қариби кафедраи забонҳои шарқ суҳбат доштанд. Ба назари донишҷӯи курси аввали шуъбаи арабӣ, ки навакак аз пахтачинӣ баргашта ба бинои таълимӣ ворид гаштааст, ин манзараи гуфтугӯи ду нафар, ки дар қатори муаллимони дар чанд рӯзи дарсхонии моҳи аввали сентябр дар донишгоҳ ва аз ҷумлаи роҳбаронамон дар пахтачинӣ надида будам диққатамро ба худ кашиданд. Онҳо ҷуфти кабутаронро мемонданд, ки бо якдигар асрори дил хонда, роз мегуфтанд.

Баъди чанде шарикдарсамон Гавҳархон Эшонхӯҷаева ва Хосият Олимова ба дарс ҳозир шуданд. Аз онҳо пурсидам: Ҷуфти кабутаронро дидед? Онҳо баробар гуфта: Эти две голубки? Гавҳархон гуфт : Мужчина наш куратор, он будет нам читать геграфию арабских стран, а красавитца белая галубка его жена наша преподпвательница будет читать нам арабскую литературу.

Ҳамин тавр ман ғоибона бо устодони якумраи худ шинос гаштам, ки минбаъд онҳоро “две голубки” ном мебурдем.

Муаллим Муъминов бо устод Наққош бештар суҳбат мекарданд. Муаллима Исаева Ф. бо устоди ҳамонвақтаамон устод Фахрӣ Марақа, ки зодаи Урдун буду на забон русиро на забони тоҷикиро медонист, танҳо бо забони арабӣ баланд баланд суҳбат мекард, гап мезаданд. Мо аз суҳбати оромонаи муаллимаи худ бо устод Фахрӣ, бо забони арабӣ фахр мекардем.

Аз он дар ҳайрат мемондем, ки устод Фахрӣ чаро бо муаллимаи мо бо овози баланди ҳамашунав суҳбат мекунаду муаллим Муъминов ҳангоми доштанаш дар доираи суҳбати муаллима Исаева ва Фахрӣ ба суҳбати онҳо дахолат намекунад. Фахриро, ки вақти суҳбат баланд овоз буду мо аз сухани ӯ ба ҷузъ калимаҳои алоҳида дигар чизеро намефаҳмидем, ба ором суҳбат кардан бо занаш даъват намекунад. Баъдтар вақте ба мо дар нимсолаи дуюми соли аввали таҳсиламон аз забони арабӣ дарс мегуфт, огаҳ гаштем, ки ӯ соҳиби шунавоии хуб набудааст.

Ин ҳама андешаи хоми донишӯёнаи мо духтарони курси авали шуъбаи арабӣ аз камоли дустдориву эҳтироми беандоза нисбати муаллимаи зебосанами наварӯс, бофарҳангу донишманди худ буд.

Баъдтар замоне боақлтар ва камтар аз илму адаби араб огаҳ гаштем донистем, ки муаллима Исаева хатмкардаи факултаи шарқшиносии Университети Давалатии Ленинград ҳастанду ба роҳхати комсомолӣ ба Университети Давалатии Ленинград ба

номи В.И. Ленин ба кор таъин шудаанд ва соли дуюм аст, ки ҳар як курс (аз1 то 5 курс) аз 7 то 9 нафари донишҷӯ таҳсил доштанд, дарс мегӯянд.

Тасаввур кунед, ки дар гуруҳи мо 9 нафар донишҷӯ, 3 студенткаву 4 студент, таҳсил доштанд, аз адабиёти пешазисломии араб дарс мегуфтанд, ҷо-ҷо агар мо донишҷӯён бо забони русӣ мавзӯеро намефаҳмидем, сода карда ба забони арабӣ мегуфтанд, баъзан ибораҳои рехтаи тоҷикиро дар шарҳи шеъри араб, муаллақаҳои шеъри даврони ҷоҳилияти адабиёти рӯзгори қадимаи арабро нақл мекарданд. Тарҷумаву шарҳи хондаашро бо забони русӣ ҷо-ҷо ба забони тоҷикӣ анҷом медоданд, ки овозҳои хоси арабиро дар қироати муаллима хеле аниқ ҳаловат мекардем. Дар тахтаи синфӣ бо хати зебои куфӣ ашъори навишта на танҳо тарҷумаи он абёти навиштаро ба сомон мерасониданд, инчунин аз ҷиҳати морфологӣ калимаҳои душворфаҳмро таҳлил мекарданд, ки ба мо донишҷӯёни ташнаи шеъру гуфтаи араб ҳастанд, хеле кори савоб ва гуворои дилхоҳи толибилмон буд.

Зери роҳбарии муаллимаи дилсӯз маърузаҳо таҳия намудем дар ҷаласаҳо хондем. Шахсан худ кори курсӣ, рисмолаи дипломӣ ва дигар рисолаву мақола ва дастурҳои таълимиву методи ва барномаҳову раҳнамо аз фанни забони арабӣ навиштем. Дар оғози ҳамаи корҳое, ки азм кардеммуаллима роҳбаладу маслиҳатгар мешуданду амали ба нақшагирифтаамон аъло дараҷа анҷоми худро меёфт ба диққату некбинии ҷомеаи арабшиносони тоҷик ва аҳли маориф қарор мегирифтанд.

Муаллимаи мушфиқу муниси ман одами хоксори некбин, модари муътабари некандешу некнигоҳ ҳастанд. Устод Исаева Фия–завҷаи вафодор бо муаллим Муъминов Ҳалим Қаҳорович 45 сол дар оилаи тифоқу бунёдкорашон осоиштаву осуда ва покиза зиндагӣ карданд. Баъди риҳлати устод Муъминов муаллима содиқона хотираи устодро нигаҳбонӣ мекунанд. Дар ҳар асаре, ки баъди гузашти устод Муъминов муаллима таълиф мекарданд номи муаллим Муъминовро дар радифи номи муаллиф таълиф мекарданд. (Муъминов Ҳ., Исаева Ф.А, Граматикаи мухтасари забони арабӣ.) (Муносибатҳои синтаксисӣ дар забони арабӣ) Душанбе, 2013

Ба меҳру вафодории содиқонаи устодони худ мо шогирдони ҳамкору ҳаммаслакони Муъминов Ҳ.Қ. ва Исаева Ф.А. хеле эҳтиром дорем ва зиндагинома ва мароми рӯзгори онҳоро дар кори худ, дар рӯзгороии худ, дар таълиму тадриси наврасону ҷавонон намунаи ибрат дониста пайравиашон мекунем.

Ҳар касе ҳар чи шуд аз саҳми устод,
Бе нури меҳр моҳ мунаввар намешавад.

Дар ҳамин ҳошия бояд гуям ва баробари ёди он рӯзгори гузашта карданам махсус ба камоли ифтихор қайд намоям, ки муаллима қарзи келинии худро, рисолаи аруси хонадон будани худро сарбаландона ва ба андозае барои хонаводаи Муъминовҳо анҷом доданд, ки лоиқи арҷ ва сазовори сипоси бениҳоят ва муносиби пайравии наврасону ҷавонони давр аст. Муаллима 17 соли расо хушдоманашонро-модари муаллим Муъминовро, ки бемори барҷомондаву вале хушгапу хушзавқу шеърдӯст, хушлибосу хушрӯзгор буданд ва 5 сол пеш аз ҳафтсоли охир хушдоману келин хушдоманкалон–модари хушдоманашон, бибии Ҳалим Қаҳоровичро парастorӣ ва беморбинӣ карданд, ки боиси аҳсану офарин аст. Худо аҷри меҳнати ин парваришу табобати куҳансолони нуроniро, ки муаллима холисона анҷом доданд, ҳазорон бор зиёдтар муносиб бинад.

Ҳамин меҳнати муаллимаро ба ёд оварда мегуям, ки устоди азизи ман сиҳату саломат бошанду умри дарозу бедард Худованд тақдир карда бошад.

УСТОДИ ВАРЗИДАИ АРАБШИНОСИИ ТОҶИК

Раҷабова М.Т. - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Қайд кардан бамаврид аст, ки зиндагинома ва корномаҳои бузургмардони ҳар қавму миллат барои аҳли ҷомеа шоистаи омӯзиш ва ибрат буда, барои иршоду раҳнамоии насли ҷавон ҷиҳати бунёди ояндаи дурахшон арзишманд шуморида мешавад. Дар робита ба ин, илми ховаршиносии тоҷик низ як гурӯҳ донишмандони баркамолеро дар канори худ парваридааст, ки бешубҳа, кору пайкори онҳо барои насли имрӯз бисёр пандомӯз ва арзандаи омӯзиш аст. Аз ҷумлаи чунин шахсиятҳои қавииродаву соҳибхирад олими соҳибном Мӯъминов Ҳалим Қаҳҳорович маҳсуб мешавад, ки дар баробари дигар устодони номвари соҳаи арабшиносӣ дар рушди шарқшиносии тоҷик саҳми назаррас гузоштааст.

Қобили тазаккур аст, ки Мӯъминов Ҳалим Қаҳҳорович дар ҷодаи таҳқиқи адабиёти араб таваҷҷуҳи вежа зоҳир намуда, ҳанӯз аз даврони донишҷӯӣ эҷодиёти нависандаи маъруфи лубнонӣ, файласуф, новелланавис, таърихнигор ва мунаққиди адабӣ Михаил Нуайме (1889–1988) диққати ӯро ба худ ҷалб карда буд. Нуайме солҳои 1906–1911 дар Русия, дар Семинарияи руҳонии Полтава таҳсил намуда, бо адабиёти рус ошноӣ пайдо намуд, ки баъдан он ба эҷодиёти ӯ таъсири бузурге гузошт. Бо таваҷҷуҳ ба эҷодиёти ин адиби маъруфи араб Ҳ.Қ. Мӯъминов кори дипломии худро ба новеллаҳои ин нависанда ихтисос дода буд. Баъдан ҳангоми фаъолияти худ дар Сурия ва Яман ӯ маводи ғаномандеро перомуни рӯзгор ва эҷодиёти Михаил Нуайме ҷамъоварӣ кард ва бо тавсияи профессори кафедраи филологияи арабии Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов – А.А. Долинина, ба таҳқиқи мавзуи рисолаи номзадиаш «Михаил Нуайме ҳамчун назариячии реализми интиқодӣ дар адабиёти араб» шуруъ кард. Ин рисоларо ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дар Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон (апрели 1974) пешниҳод намуд. Дар рисолаи худ Ҳ.Қ. Мӯъминов нишон дод, ки Михаил Нуайме таҳти таъсири афкори пешқадами интиқодии Русия дар асри XIX, бахусус В.Г. Белинский, тарбия ёфтааст. Чунончи, Нуайме низ, мисли Белинский, бар зидди консервативизми адабӣ мубориза мебурд ва ба фасоҳату санъати бемаънии пайравони мактаби анъанавӣ дар адабиёти араб ихтилоф меварзид.

Ӯ як қатор мақолаҳоро оид ба эҷодиёти Михаил Нуайме ва пайдоиши реализми интиқодӣ дар кишварҳои араб нашр намуда, маърузаҳояшро дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқии арабшиносон (Ереван, Тифлис) ироа кард. Ҳ.Қ. Мӯъминов ҳар кореро, ки оғоз мекард, бо таҳқиқоти амиқ анҷом медод. Ин донишманди жарфнигар ба масъалаи таҳлили илмии адабиёти араб ва осори намояндагони он таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин замина чандин мақолаҳои илмиро ба нашр расонид. Дар пайвастагӣ ба ин, ӯ ба омӯзиши масъалаи пайдоиш ва ташаккули нақди адабии араб машғул шуд. Бар мабнои нақлҳои ҳамсари шодравонашон устоди ҳамаи ховаршиносони тоҷик, дотсент Исаева Ф.А. ин олими пухтакор маводи таҳқиқотии хешро дар ҷараёни тадриси курси таърихи адабиёти араб низ босамар истифода менамуд. Лозим ба ёдоварист, ки маҳз пажуҳиши нақди адабӣ ӯро ба омӯзиши эҷодиёти нависандаи барҷаста ва асосгузори танқиди адабии араб Ҷоҳизи Басрӣ (776–868) раҳнамун сохт.

Ҳанӯз дар сафарҳои худ ба кишварҳои арабӣ Ҳ.Қ. Мӯъминов сарчашмаҳои асосии забони арабӣ ва таърихи адабиёти арабро ҷамъоварӣ мекард ва онҳоро дар ибтидои фаъолияти омӯзгории хеш хеле пурмаҳсул мавриди корбарӣ қарор дода буд.

Азбаски шуъбаи забони арабӣ нав ифтитоҳ гардида буд, пойгоҳи моддиву техникӣ мавҷуд набуд. Аз ин лиҳоз, устодону донишҷӯён дар маводи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба мушкилӣ мувоҷеҳ мешуданд. Бо дарки амиқи ин масъала устод Ҳ.Қ. Мӯъминов дар канори дигар устодон масъулияти омодасозии дастурҳои таълимиро ба зимма гирифта, то соли таҳсили 1966– 1967 дар ҳаммуаллифӣ бо устод Исаева Ф.А. чанд дастури таълимӣ омода ва

нашр намуданд, ки дар рушди минбаъдаи таълими забони арабӣ нақши муҳим бозид ва донишҷӯёнро бо маводи хониш таъмин намуд. Аввалин дастури таълимии ин донишмандони соҳибном «Маҷмӯаи матнҳои грамматикӣ бо луғати арабӣ-тоҷикӣ» буд, ки соли 1969 нашр шуда, то ҳол дар курсҳои махсус ва семинарҳои таърихии омӯзиши забоншиносӣ истифода мешавад. Гузашта аз ин, дар ҷараёни таълими курси таърихи адабиёти араб «Хрестоматияи арабӣ (Насри бадеӣ)», «Хрестоматияи арабӣ (наср)» ва «Луғати арабӣ-тоҷикӣ» барои хрестоматия таҳия шуда, соли 1970 интишор гардиданд. Хрестоматия аз ҷониби мутахассисони соҳа баҳои баланд гирифт ва аз ҷониби арабшиноси маъруфи шуравӣ, профессор В.И. Беляев (Донишгоҳи давлатии Ленинград) қадрдонӣ шуд. Бино ба гуфтаҳои устод Исаева Ф.А. ҳангоми таҳияи Хрестоматия на танҳо пораҳое аз асарҳои нашршуда, балки дастхатҳои арабӣ, ки дар фонди нусхаҳои хаттии шуъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС ҳифз мешуданд, истифода гардиданд.

Ҳамзамон ба Хрестоматия матнҳое низ шомил шуданд, ки зери таъсири забони гуфтугӯӣ қарор доштанд ва ҳангоми тадриси курси махсуси «Таърихи забони арабӣ» истифода мешуданд. Аз соли 1970 инҷониб, Хрестоматия мунтазам дар машғулиятҳои амалӣ дар шуъбаи забони арабӣ, инчунин ҳамчун маводи иловагии тасвирӣ дар курси «Таърихи адабиёти араб» истифода мешавад.

Дар ҷараёни таълими забони арабӣ «Грамматикаи мухтасари забони арабӣ» (Краткая грамматика арабского языка) дар ду қисм таҳия шуд, ки нахустин китоби грамматикаи забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ба ҳисоб мерафт. Ин грамматика бо дарназардошти таҷрибаи омӯзиши забони арабӣ дар шуъбаи арабшиносӣ ва факултети филологияи тоҷик таҳия шудааст. Мақсади таснифи грамматика омода кардани як дастури мухтасари грамматикӣ буд, аз ин хотир, дар он муаллифон ба ҷадвалҳои грамматикӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Қисми аввали грамматика — «Сарф» (Морфология) солҳои 1972 ва 2010 нашр шуда, аз он вақт инҷониб ҳамчун китоби дарсӣ дар факултети шарқшиносӣ мавриди истифода қарор дорад. Қисми дувуми грамматика — «Муносибатҳои синтаксисӣ дар забони арабӣ» соли 2013 нашр шуда, дар таълими синтаксиси забони арабӣ аз ҷониби устодон ва шогирдон ба таври васеъ ба кор гирифта мешаванд.

Таъкид ҷоиз аст, ки Ҳалим Каҳҳорович Мӯъминов шахси бениҳоят меҳнатдӯст, доимо ҷӯянда ва соҳиби ҳунарҳои зиёд буд. Вай дар соҳаҳои гуногуни илм, аз қабили таърих, адабиёт, дин, тиб, астрономия, аксбардорӣ, радиотехника ва дигар соҳаҳо соҳиби маърифати баланд ва дониши қавӣ буд. Ҳамзамон ин донишманди босалиқа бо шавқу рағбати бисёр дар паи омӯзишу таҳқиқи ин илмҳо саъйу талош менамуд.

Мувофиқи нақли ҳамсари марҳумашон устод Исаева Ф.А. Ҳалим Каҳҳорович дар хонавода низ ҳамсари меҳрубон ва падари ғамхори фарзандон буд. Ӯ ба тарбияи фарзандон аҳаммияти махсус дода, бо онҳо аксбардорӣ, расмкашӣ, шоҳмотбозӣ ва шиноварӣ мекард. Ҳамчунин ӯ ҳамроҳ бо аҳли хонавода ба кӯҳҳо сафар мекарданд. Ҳамин таваҷҷуҳи вежа ба тарбияи фарзандон буд, ки писари ӯ Ҳикмат Мӯъминов мактаби миёнаи №60-и шаҳри Душанберо бо медали тилло хатм кард. Вақте ӯ факултаи физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро интихоб намуд, падар интихобашро ҷонибдорӣ намуд. Маҳз меҳнати софдилона ва дастгирии волидайни донишмандаш буд, ки Ҳикмат Мӯъминов аз зумраи олимони маъруфи физик, доктори илмҳои физикаю математика, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини президенти АН РТ, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва яке аз аввалин лауреатҳои ҷоизаи Исмоили Сомонӣ гардид. Аммо, мутаассифона, умр вафо накард ва ӯ дар айни камолоти ҳунарӣ соли 2021 бар асари беморӣ аз олам чашм пӯшид. Духтари онҳо Райҳон Мӯъминова номзади илмҳои тиб, духтур ва муҳаққиқи маъруф буда, таҳқиқоти худро ба масъалаи табобати маъюбон бахшидааст. Ӯ дар робита ба масъалаи табобати маъюбон дар маҷаллаҳои байналмилалӣ мақолаҳои сершуморе интишор намудааст.

Воқеан ҳам рӯзгор ва фаъолияти эҷодии пурсамари ин донишманди номвар шоистаи омӯзиш ва ибрат буда, намунаи барҷастаи садоқату вафодорӣ ба Ватан ва халқу миллат мебошад. Гузашта аз ин, ӯ дар ҳамаи самтҳои фаъолияти худ, чӣ илм ва чӣ таълим бо масъулияти баланд ва поквиҷдонона меҳнати ҳалол намуда, барои рушду нумуи ховаршиносии тоҷик нақши бориз гузоштааст. Равонатон шод ва манзили охирататон обод бод, Устоди арҷманд!

Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

НАШ ЛЮБИМЫЙ МУМИНОВ

Музаффар М. - кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник Отдела истории литературы ИЯЛ им. Рудаки НАНТ

Со дня окончания арабского отделения факультета Восточных языков Таджикского государственного университета прошло ровно сорок лет. Мы были, можно сказать, счастливчиками. Ведь мы учились на самом престижном в те годы, легендарном факультете Востоковедения, как просто называли наш факультет. Разумеется, конкурс был всегда большой - 1 к 20, а то и больше.

Сегодня, мы уже перешагнули возраст наших учителей, и стали намного мудрее. И можно уже по-новому смотреть на наши молодые, студенческие годы, и на наших преподавателей. Кого-то считали слишком строгим, кого-то плохим, а кого-то хорошим и добрым. Сейчас можно уверенно сказать, что они все были хорошими, не меньше наших родителей переживали за нас, заботились о нас, но не всегда говорили об этом открыто.

Лично мне очень хочется писать мои воспоминания об устодах и нашего факультета, и факультета таджикской филологии, которые тоже дали нам много знаний. Знаю, не совсем легкое дело писать воспоминания, ведь многие детали уже позабыты. А ведь все наши муаллимы были известными иранистами и арабистами, а некоторые выдающимися и перспективными учеными, которых уже незаслуженно забыли. А очень хочется, чтобы их помнили, ведь сегодня для этого есть большие возможности - интернет, где их имена могут сохранится вечно.

Немного несправедливо, что многие наши преподаватели восточного факультета (Рустам Абдуллоев, Файзи Кодиров, Фарход Дехоти, Файзали Наджмонов, Фируза Амонова, Альберт Хромов, Владимир Демидчик, Матин Хусейн-заде и другие) покинули наш бренный мир рано, в расцвете своих сил, когда им было чуть больше 50-и лет.

Сегодня я вспоминаю Муминова Халима Каххаровича, так как он родился 15 октября 1934 года. Но перед тем, как я напишу о нём, позволю себе маленькое отступление. Наш факультет считался политическим. Нас готовили для работы в разных объектах Советского Союза в арабских странах в качестве гражданских и военных переводчиков арабского языка.

Для этого привлекали самых лучших преподавателей, доцентов и профессоров университета. И видимо, руководителям нашего факультета была задана какая-то директива от соответствующих органов и руководителей нашей республики, не только на предмет успеваемости студентов, но, и в деле нашего воспитания в духе самой высокой дисциплины, я бы сказал железной.

Вот с этого и начнём. В первые дни моей студенческой жизни, мне попало от нашего декана, покойного Файзали Наджмонова. Он поймал меня в начале коридора, когда я направлялся в сторону аудитории. И вдруг слышу:

- Эй парень, иди-ка сюда.

Честно говоря, в этот момент он не произнёс своё любимое слово «муттахам». Позже, мы узнали, что это слово он произносил в более щепетильных случаях.

В тот день на мне была цветная сорочка, с узорами на двух сторонах рубашки. Видимо это не понравилось устоду Наджмонову:

- Что за рубашку ты одел, а? Где ты нашел эту рубашку? Чтоб я тебя не видел в этой рубашке, ты не артист, ты студент восточного факультета. Будешь одевать только классические рубашки, не обязательно белую. Ты понял? С меня уже пот лился градом, и я поспешно ответил:

-Хорошо муаллим, хорошо.

А в руки другого, не менее строго преподавателя, нашего замдекана Муминова Халима Каххаровича, я попал где-то через месяц после первого «инцидента», и как ни странно, в этот раз тоже из-за рубашки.

В коридоре я смотрел в расписание занятий, и отмечал их в тетради. Затем повернулся, чтобы идти дальше, а в это время наш Муминов, как мы все его просто звали, пальцем подозвал меня к себе. Нахмурив брови, он спросил:

- Додарам, шумо аз Фарғона ми?

Я, немного струсив, удивленно сказал:

- Нннее, муаллим.

- А тогда почему у тебя верхняя пуговица не застёгнута?

Я мгновенно застегнул верхнюю пуговицу. Тем не менее он меня не отпускал:

-Ты знаешь, где ты учишься? Ты знаешь, что я выгнал двадцать других как ты, а может лучших чем ты?

Он долго говорил, а я сто раз извинялся, что такое больше не повторится.

Естественно, после этого случая, я его невзлюбил, и едва увидев его в коридоре, старался исчезнуть, и не попасть ему на глаза. Это было до того момента, пока он нам не преподавал.

На втором курсе он начал нам преподавать муаллакот, древнюю доисламскую арабскую поэзию. Именно с этого момента, началась наша дружба - студента и Устода. Я был прилежным студентом, учил всё, что нам задавали, но как говорится, не это было основным мотивом нашей дружбы.

Устод Муминов был не только эрудированным арабистом, но и знал наизусть все 7 муаллакот, состоящих из более ста бейтов, целые романы, повести и рассказы на арабском языке. Его произношение на арабском было безупречным, ведь он долгие годы работал в арабских странах. По его рассказам мы знали, что из своих загранкомандировок он привозил только книги, и у него было очень много книг, по слухам “امهات الكتب ” т.е. матери книг.

А также, Муминов Х.К. был незаурядным художником, талантливым каллиграфом. Именно поэтому, он руководил работой по выпуску нашей факультетской стенгазеты. Студенты-восточники в университете везде были первыми, и по успеваемости, и по дисциплине, в том числе по выпуску стенгазеты среди других факультетов. Наша стенгазета “Шаркшинос” была самой красивой и содержательной, благодаря именно Муминову. Длина стенгазеты всегда была не меньше 5-6 метров, а высота более 2 метров. Основную работу конечно он делал сам, но всегда к этой работе привлекал студентов.

Я тоже стал одним из тех, кто активно помогал муаллиму Муминову. Он откуда-то узнал, что я пишу стихи и рассказы. Меня он называл мулло Музаффар, и когда начинал работу над очередной стенгазетой, говорил мне: “мулло Музаффар, якта ҳикояи нағзатона биёред, монем дар газета”. А когда мои рассказы публиковались, он довольно хлопал меня по плечу и говорил: “Ҳа, мулло Музаффар, додарам, нағз, нағз, дар факултети мо чанд нависанда хондагӣ, аз ҳамин газета оғоз карда буданд, Саттор Турсун, Баҳманёр. Ҳозир ин касон нависандаҳои машҳури Тоҷикистон, берун аз кишварамон мешиносанд инҳоро”. Муаллим также хвалил меня, когда некоторые заглавия газеты я писал каллиграфическим почерком.

Муминов Х.К. обладал замечательным чувством юмора, я бы сказал - он обладал актерским талантом. Он любил подшучивать над студентами из-за их недостатков. Но всё это он делал мастерски, так, чтобы не обидеть человека. Даже тех, кто не готовил уроки, не учил тексты, он шутливо порицал, делал замечания, и опять же с юмором, прощал.

Допустим, он поднимал студента, а студент не выучил заданный текст или забыл. Он с улыбкой смотрел на этого студента, наблюдая за градом пота на его лице, и спрашивал:

- Ҳа, имшаб падаратон омада буд? Ёфтам? Дуруст? Ҳа падаратон омада буд, чи хел шуда. Писараша ёд карда омадааст аз роҳи дур. Охир, шумо ягон хӯрок пухтанатон лозим ё не? Лозим. Шумо падаратон омадагӣ, “қифо набки мин зикро ҳабибин ва манзили” (первая строка касыды Имрулькайса на арабском) гуфта мешинед мӣ? Барои ҳамин азёд накардед. Ҳеҷ гап не, шинед. Лекин дафъаи оянда тайёр накунед, намебахшам, фаҳмида монед.
И этот студент к следующему уроку обязательно учил стихотворение, зная, что Муминов уже не будет шутить.

Вот таким был наш Муминов. Его не стало 4 сентября 2004 г. Он не успел состариться. Но он оставил после себя огромный след. До сих пор молодые арабисты учатся по его многочисленным книгам. Его помнят многие поколения арабистов. В течение долгих лет, он был незаменимым заместителем декана. Все арабисты того времени проходили его школу. Он был одним из основоположников нашего факультета, одним из его столпов. И все его любили - как студенты, так и преподаватели за то, что он был большим знатоком арабского языка и профессионалом своего дела, самоотверженным, честным, порядочным, превосходно знающим жизнь. И человеком с огромным сердцем.

Не могу не отметить ещё одну важную деталь. Не менее любимая наша муаллима, замечательный арабист ленинградской советской школы, Фия Абдульбариевна Исаева, была супругой Халима Каххаровича Муминова, и которая, к большему сожалению, совсем недавно, 2 октября 2024 года, покинула нас. Её похоронили рядом с муаллимом Муминовым. Это была замечательная пара, воспитавшая прекрасных детей.

Их сын Хикмат Муминов, ушедший в мир иной очень молодым, был академиком, физиком мирового уровня, гордостью таджиков. Осталась их дочь, Райхон Муминова, которая вместе со своими детьми будет каждый день зажигать свет в доме, где жили наши любимые учителя, улыбались и радовались жизни, и дай Аллах ей долгой жизни. А мы ученики Муминова будем вечно помнить нашего муаллима и его супругу - нашу любимую муаллиму Фию Абдулбариевну.

Они будут жить в наших сердцах.

РӮЗГОР ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ УСТОД МӮЪМИНОВ Ҳ.Қ.

Сайдализода Ш.А. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ

Мӯъминов Ҳалим Қаххорович 15 октябри соли 1934 дар шаҳри Бухоро дар оилаи хизматчии муассисаи давлатӣ таваллуд шудааст. Ӯ охирин фарзанди оила буд ва волидайнаш баъдан ӯро «бо бахти бузург» чашм ба олами ҳастӣ кушода номиданд, зеро дар он замон фавти кӯдак хеле зиёд буд ва аз ҷумла, кӯдакони қаблии онҳо низ бар асари бемориҳои мухталифи кӯдакона ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ғӯрамарг шуда буданд.

Қиблагоҳи Ҳалими наврас барвақт аз ҷаҳон дармегузарад ва ӯ танҳо дар тарбияи модар ва бибияш ба воя мерасад. Солҳои мактабии ӯ ба давраи мушкили Ҷанги бузурги ватанӣ рост меояд. Аз ҳамин сабаб, ӯ аллакай дар кӯдакӣ ба модар ва бибияш кумак мерасонид: чун ҳусни хатти зебо дошт, шиорҳо ва овезаҳо менавишт, утоқҳои мактабиро оро медод, ба омӯзгори зоология дар омода кардани ҳайкалчаҳои ҳайвонот мусоидат менамуд, инчунин ҳамчун шогирд назди устоҳои сохтмонӣ кор мекард. Аммо, новобаста ба вазъияти вазнини моддӣ, дарсҳои худро хуб меомӯхт ва пас аз хатми мактаби миёна ба Донишкадаи омӯзгории Бухоро ба номи Роза Люксембург дохил шуд.

Баъди хатми Донишкадаи омӯзгорӣ ӯро ба яке аз мактабҳои миёнаи шаҳри Тирмиз ҳамчун омӯзгори забони модарӣ ва адабиёт ба кор таъйин карданд. Аз он ҷо ӯ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар гардид ва дар Қафқози Ҷанубӣ, дар шаҳри Ганҷа (Кировобод) ҳамчун радист хидмат намуд. Бино ба нақлҳои худи ӯ, дар муқоиса бо дигар сарбозон, ӯ вақти зиёди холӣ дошт ва онро самаранок истифода намуда, мустақилона ба тамрини хаттотии арабӣ машғул мешуд, ба сиёсат ва рӯйдодҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ӯ ба техникаи радиоӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекард ва дар соҳаи радиову таҷҳизоти

телевизионӣ дониши хуб дошт. Ӯ дар таъмири телевизор, радиоприёмник ва магнитофонҳо истеъдоди баланд дошт ва онҳоро худаш мустақилона таъмир мекард. Ҷолиб аст, ки ҳатто баъди дохил шудан ба шуъбаи забони арабӣ, бо донишҷӯён ва устодони кафедраи радиотехникии факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон робитаи зич дошт ва ҳатто узви клуби радиотехникҳо буд.

Таъкид ҷоиз аст, ки Мӯъминов Ҳ.Қ. ба масъалаҳои марбут ба кишварҳои арабӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард ва ахбори ин кишварҳоро пайваста пайгирӣ менамуд. Дар робита ба рӯйдодҳои сиёсӣ дар Шарқи Араб (бӯҳрони Суэц, ҷанги арабу исроилӣ дар солҳои 1956–1957 ва беҳбудии муносибатҳои арабӣ-иттифоқӣ) Ҳалими ҷавон қарор дод, ки ҷиддан забони арабиро омӯзад. Ӯ мекӯшид, ки дар бораи забон ва адабиёти араб маълумоти бештар пайдо намояд. Аз ин лиҳоз, китобҳои зиёдеро мутолиа намуд ва бо фарҳанги ғаноманди арабӣ ошноӣ ёфт. Маҳз қироати китобҳои сершумор вобаста ба Шарқ ҷаҳонбинии ӯро афзун намуд ва дар натиҷа баъди анҷоми хидмати ҳарбӣ бо мамнуният хабар ёфт, ки дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шуъбаи забони арабӣ боз шудааст. Аз ин рӯ, пас аз ҷавоб шудан аз сафи хидмати ҳарбӣ ба Душанбе омада, ба шуъбаи арабии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин дохил шуд.

Ҳамчун хаттот ва ороишгари моҳир, ӯ солҳо муҳаррири доимии рӯзномаи факултетии "Шарқшиноси ҷавон" буд, ки он пайваста дар озмунҳои ҳамасола доиршаванда ҷойҳои намоёнро мегирифт.

Иттиҳоди Шуравӣ бо кишварҳои арабӣ муносибатҳои хуб дошт ва мутахассисони соҳаҳои гуногун (бостоншиносон, геологҳо, энергетикҳо, мутахассисони низомӣ ва дигарон) ба кишварҳои арабӣ фиристода мешуданд. Тарҷумонҳои маскавӣ ва ленинградӣ барои пӯшонидани ҳамаи ниёзҳо басанда набуданд, бинобар ин, гоҳе мутахассисон аз Маскав ба Душанбе ва дигар шаҳрҳое, ки дар онҳо забони арабӣ таълим дода мешуд, сафар мекарданд, то тарҷумонҳоеро бо дониши хуби забонҳои арабӣ ва русӣ интихоб намоянд.

Мӯъминов Ҳ.К. дар байни донишҷӯёни шуъбаи арабӣ аз зумраи онҳое буд, ки на танҳо забони арабиро хуб омӯхта буд, балки русиро низ ба дараҷаи олӣ медонист. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки ҳанӯз дар соли чоруми таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ӯ аввалин нафар аз миёни донишҷӯёни бахши арабӣ буд, ки имкони сафар кардан ба Ҷумҳурии Арабии Сурияро ҳамчун тарҷумони забони арабӣ барои гурӯҳи геологҳои шуравӣ пайдо кард. Вай ин масъулиятро бомуваффақият иҷро намуд, ки далели он даъвати дубораи ӯ аз ҷониби Идораи геологияи СССР дар соли 1963 барои ҳамроҳӣ бо як гурӯҳи мутахассисон ба Яман мебошад. Дар солҳои минбаъда, Идораи геологияи СССР борҳо ӯро барои ҳамкорӣ ҳамчун тарҷумон даъват мекард, аммо бо сабабҳои оилавӣ ӯ маҷбур мешуд, ки аз сафарҳои хориҷӣ даст кашад.

Пас аз хатми бахши арабии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ӯ ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти арабӣ дар кафедраи филологияи араб боқӣ монд ва то рӯзи вафоташ (4 сентябри соли 2004) дар он ҷо дар давоми 41 сол фаъолият намуд. Бо омадани ӯ ба кафедра, вазъияти таълим беҳтар шуд, зеро як қатор курсҳои назариявӣ ба ӯ супорида шуданд. Дар давоми фаъолияти худ, Ҳалим Қаххорович фанҳои забони арабӣ, географияи кишварҳои арабӣ, таърихи адабиёти тоисломӣ, таърихи адабиёти муосири араб, сарчашмашиносӣ, ёдгориҳои адабиёти арабӣ, таърихи назарияи танқиди адабии араб ва каллиография ва ғайраро ба донишҷӯён таълим медод ва барои аксари ин фанҳо ӯ дастурҳои таълимӣ омода кардааст, ки қисмате аз онҳо то ҳол нашр нашудаанд. Илова бар ин, Мӯъминов Ҳ.К. зиёда аз 20 сол муовини декани факултети забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳозира ДМТ) оид ба корҳои таълимӣ буд.

Дар маҷмуъ, бояд таъкид дошт, ки Ҳалим Каххорович Мӯъминов умри бобаракати худро ба омӯзиш ва таълими забони арабӣ масраф намуд. Ӯ даҳҳо китобҳои дарсӣ навишт, ки дар мактабҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор доштанд. Воқеан ӯ

дар эҳёи омӯзиши забони арабӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим дошт ва ҳамроҳ бо олимони шинохта, аз ҷумла, В.П. Демидчик, Ҳ.И. Наққош ва Ф.А. Исаева, омӯзиши ин забонро дар кишвар густариш дод. Номи ин донишманди барҷаста дар қалби шогирдон ва таърихи факултети забонҳои Шарқ (ҳозира факултети забонҳои Осиё ва Аврупо) абадӣ боқӣ хоҳад монд! Ёдашон ба хайр ва равонашон шод бод!

ПЕРВЫЙ ПЕРЕВОДЧИК

Памяти Муминова Халима Кахаровича - талантливого учёногоарабиста, одного из основателей арабского отделения

Госуниверситета, одного из первых преподавателей арабского языка, автора первых учебников по арабскому языку в Таджикистане, а также автора многочисленных учебников и научных трудов по арабистике, первого переводчика арабского языка из Таджикистана в арабских странах, доцента кафедры арабского языка факультета восточных языков ТГУ

90 лет назад, 15 октября 1934 года, родился Муминов Халим Кахарович.

Кафедра арабского языка

80-е годы прошлого века было золотым временем таджикской школы востоковедения и, в частности, арабистики. Кафедру арабского языка возглавлял блестящий знаток арабской литературы профессор Владимир Павлович Демидчик. Под его руководством на кафедре преподавали лучшие ученые-арабисты – Хусейн-заде М.Ш., Дехоти Ф.А., Муминов Х.К., Мусофиров К., Кадыров Ф., Сулаймонов С.,

Бердиева Т., Файзуллоев Х., Хушвахтов, Рахимов С., Шукроева С., Худойдодова С. и другие.

Кафедра арабского языка готовила переводчиков-арабистов. В те годы СССР тесно сотрудничал со многими арабскими странами в разных сферах, и была большая потребность в переводчиках. Студенты работали переводчиками в разных странах Востока, и считались лучшими.

В далёком 1963 году состоялся первый выпуск арабистов на кафедре.

На отделении в качестве преподавателя был оставлен вернувшийся из Сирии Муминов Халим Кахарович. Он был самым первым таджикским арабистом-переводчиком арабского языка, который, будучи ещё студентом четвертого курса, работал в Сирии со специалистами из Управления геологии СССР.

После окончания университета Муминов Х.К. был вновь приглашён в качестве переводчика для работы со специалистами из управления геологии СССР, и с июня по ноябрь 1963 года работал с ними в Йемене. После возвращения из Йемена, приступил к преподавательской деятельности. Часть теоретических и практических курсов была передана ему.

Заместитель декана

С Муминовым Халимом Кахаровичем я познакомилась в то время, когда пришла на работу на кафедру арабского языка факультета восточных языков. Он был заместителем декана факультета. И был настоящим заместителем декана и по учебной и по воспитательной части. Каждое утро Халим Кахарович встречал с улыбкой студентов у дверей факультета.

Он обращался ко всем студенткам факультета очень доброжелательно, называя всех „духтарам“. При этом всегда улыбался, хотя за этой многозначительной улыбкой таилось многое - порой одобрение, а порой и укор. Меня, с первого и до последнего дня моей работы на кафедре, он называл „Мавлудахон“. Такое обращение со стороны блестящего учёного-арабиста и заместителя декана такого престижного факультета было очень приятным.

К студентам-ребятам, Халим Кахарович был построже, хотя тоже употреблял слова „писарам“ или „додарам“. Всегда следил не только за успеваемостью студентов, но и за дисциплиной и порядком на факультете, а также за внешний вид и поведение студентов. Увидев его издали, студенты сразу принимали серьёзный вид, поправляли

свои волосы, галстуки, застёгивали пуговицу на рубашке, и старались не попасть под критичный взгляд нашего замдекана.

Со временем я узнала, что Муминов Х.К. был одним из первых выпускников арабского отделения. После учёбы начал свою педагогическую деятельность там же, а также выполнял обязанности заместителя декана на протяжении долгих двадцати девяти лет, с 1970 по 1999 годы.

О Халиме Кахаровиче можно рассказывать часами. Жизнь факультета восточных языков 80-х годов, когда я работала там, невозможно было представить без его кипучей энергии, без его участия в общественной и научной жизни факультета, без его замечаний, а иногда и поучений, без его шуток, и без его ободряющей отцовской улыбки.

Муминов Х.К. всю свою жизнь посвятил факультету, таджикской арабистике, и своим студентам. Рядом с ним, на протяжении всех этих лет была его спутница жизни Исаева Фия Абдулбариевна. Вклад Халима Кахаровича и Фии Абдулбариевны в развитии таджикской арабистики неоценим. Вместе, они выпустили первые учебники по арабскому языку, которых до этого не было в республике. И научили сотни и тысячи студентов писать первые буквы на арабском языке, и произносить первые незнакомые звуки чужого языка.

Фия Абдулбариевна

О жизни и деятельности Исаевой Фии Абдулбариевны я готовила очерк в марте текущего года, который был опубликован в „Азии-плюс“. Очерк мне пришлось подготовить самой, искать материал в разных источниках, без участия Фии Абдулбариевны. Она была слишком скромным и порядочным человеком, чтобы рассказывать о себе. И когда, очерк был опубликован, она даже удивилась, что я нашла интересные факты из её биографии и биографии её отца.

С Фией Абдулбариевной я беседовала всего за несколько дней до её кончины. Она болела, сильно кашляла, но была как обычно жизнерадостной, и очень интересным собеседником. Она с горечью рассказывала мне о своём сыне Хикмате, очень рано покинувшем этот мир. А также с гордостью рассказывала о своей дочери, об успехах своих внуков и племянников.

Мы много говорили о преподавателях арабской кафедры, которых я знала, о тех прекрасных годах процветания арабистики в республике, о студентах-арабистах - её учениках, которые сегодня занимают ответственные должности в различных посольствах мира. Фия Абдулбариевна с любовью говорила о каждом своём выпускнике.

И, конечно, мы вспоминали Халима Кахаровича. Я давно просила дать мне материал для очерка, говорила, что про него нужно и важно написать, но Фия Абдулбариевна всегда ссылалась на свою занятость и неважное самочувствие. А тут она сказала, что подготовила материал, чему я даже удивилась, и конечно, обрадовалась. К сожалению, всего через пару дней Фии Абдулбариевны не стало. А то, что рассказала мне Фия Абдулбариевна о Муминове Х.К. и легло в основу этого очерка.

Истоки

Муминов Халим Кахарович родился 15 октября 1934 года в городе Бухаре в семье служащего одного из госучреждений. Он был последним ребёнком в семье - предыдущие дети умирали ещё в младенчестве. И родители не надеялись, что он выживет. По рассказам его бабушки, ребёнок буквально родился „в рубашке”, и она долго отделяла плодный пузырь с его тела.

Отец мальчика рано умер, и он остался с матерью и бабушкой. Школьные годы пришлись на трудное военное время. Поэтому, помимо учёбы, ему приходилось работать, чтобы помочь маме. У него был хороший почерк - он писал плакаты, лозунги, оформлял школьные кабинеты, помогал учителю зоологии делать чучела животных, подрабатывал подмастерьем у усто (строителей, которые занимались ремонтом и строительством частных домов) и т.д.

Но, несмотря на тяжелое материальное положение семьи, он учился хорошо, и после окончания средней школы поступил в Бухарский Учительский институт имени Розы Люксембург. После окончания института был направлен на работу учителем родного языка и литературы в одну из средних школ города Термеза, откуда был призван на военную службу..

Службу Муминов Х. проходил в Кавказском военном округе в городе Ганджа в Азербайджане, в качестве связиста. В связи с политическими событиями на Арабском востоке, он всё больше и больше стал интересоваться арабскими странами, и решил серьёзно заняться арабским языком. Он старался побольше узнать об арабском языке и арабской литературе, много читал. Однажды узнал, что в Таджикском госуниверситете открывается отделение арабского языка. После демобилизации из армии приехал в Душанбе, и поступил на арабское отделение ТГУ.

Мама и бабушка

На самом деле, ещё в детские годы особое внимание Муминова Х.К. привлекало арабское письмо. Прадед Муминова Х.К. по материнской линии был религиозным служителем, а два брата бабушки были чтецами Корана. Бабушка и мама также получили в свое время хорошее исламское образование.

По их словам, раньше девочки уже с четырех лет занимались у оймулло (в Бухаре это специально обученная женщина с религиозным образованием, которая на дому обучала девочек грамоте и чтению Корана). Поэтому, они хорошо знали Коран, читали книги, написанные арабской графикой, читали стихи персидско-таджикских поэтов.

Бабушка часто читала наизусть стихи, особенно газели Хафиза.

И несмотря на то, что девочек тогда не учили писать, бабушка и мама умели читать и писать, и маленький Халим ещё в детстве, благодаря их стараниям, изучил арабскую графику, и часто упражнялся в каллиграфии. Во время службы в рядах СА и во время учебы в университете, переписывался с бабушой и матерью только арабскими буквами.

У матери Муминова Х.К. рядом с подушкой всегда находилась букча

(матерчатая сумка) с рукописным экземпляром Корана, выполненным крупным каллиграфическим почерком. У этой букча были кармашки с разными молитвами. Вплоть до самой смерти, она регулярно читала Коран, и, возможно даже, что выучила его наизусть. В случае, если необходимо было найти какое-либо кораническое слово, достаточно было спросить у мамы Муминова. Она тут же говорила - в какой суре и в каком аяте это слово встречается.

По её рассказам, в их доме в Бухаре, было много арабских и персидских рукописей, выполненных красивым каллиграфическим почерком, на образцах которых Муминов Х.К. упражнялся в каллиграфии. Дома были и письменные принадлежности, в том числе старинный давот (чернильница) и тростниковые перья. Будучи преподавателем Университета, Муминов Х.К. во время поездок со студентами на хлопок находил в районах тростниковые камыши и привозил их в Душанбе, а во время занятий по каллиграфии показывал студентам, как делать калам и пользоваться им.

Университет

В 1958 году Муминов Х.К. приехал в Душанбе, и поступил на арабское отделение ТГУ. Будучи хорошим оформителем и каллиграфом, он в течение многих лет был неизменным редактором факультетской газеты „Шарқшиноси ҷавон”, которая постоянно получала призовые места в конкурсах, ежегодно проводимых в университете в День печати.

В годы студенчества, Муминов Х.К. не мог рассчитывать на помощь мамы и бабушки. По рекомендации Устода Наккоша Х.И., он преподавал арабский язык в школе № 10 г. Душанбе, а также вместе с товарищем, который работал в одном из районо города, выполняли заказы на оформление каких-либо мероприятий в школах города.

Насколько добросовестно относился Муминов Х.К. к занятиям в университете, можно судить по его конспектам по арабскому языку. Он очень аккуратно записывал их

в общую тетрадь, затем 4 или 5 тетрадей сшивал вместе, и переплетал в одну книгу. Таких книг в толстом картонном переплете есть несколько. Он старался ничего не упустить из уроков преподавателя. Учебников по арабскому языку тогда, в 1958 году, когда он поступил на первый курс, не было не только на таджикском, но и на русском языке, и конспекты были единственным пособием студентов.

Первый переводчик

Советский Союз в те годы имел хорошие связи с арабскими странами, и специалисты разных отраслей (археологи геологи энергетики, военные специалисты) выезжали в Арабские страны. Московских и ленинградских переводчиков не хватало, и время от времени из Москвы в Душанбе и другие города, где преподавали арабский язык, приезжали специалисты, чтобы отобрать переводчиков со знанием арабского и русского языков.

Муминов Х.К. помимо знаний по арабскому языку, ещё и хорошо владел русским языком. Он учился на 4 курсе ТГУ, и ему первому из числа студентов арабского отделения посчастливилось выехать в качестве переводчика арабского языка с группой советских геологов в САР (Сирия), и он успешно справился с этой работой.

Управление геологии СССР в 1963 г. опять пригласило его выехать с группой своих специалистов в Йемен. Впоследствии Управление геологии СССР неоднократно приглашало его переводчиком для своих специалистов, но по семейным обстоятельствам ему приходилось отказываться от загранпоездок.

В мае 1967 г. во время визита правительственной делегации ОАР в

Таджикистан, Х.К. Муминов был переводчиком у Председателя Верховного Совета РТ Холова М.

Преподавательская деятельность

После окончания арабского отделения ТГУ в 1963 году, Х.К. Муминов был оставлен на кафедре арабского языка в качестве преподавателя арабского языка и литературы, где проработал долгие годы, вначале ассистентом, старшим преподавателем, а затем доцентом кафедры.

С его приходом ситуация на кафедре улучшилась, так как некоторые теоретические курсы были переданы ему. За время работы на кафедре Халим Кахарович подготовил и прочитал такие курсы как “География арабских стран”, “История современной арабской литературы”, “История доисламской литературы”, “Источниковедение”,

“Введение в исламоведение”, “Памятники арабской литературы”, “История арабской литературной критики”, вёл теоретические и практические занятия по арабскому языку, практические занятия по арабской каллиграфии. Практически по всем читаемым курсам им были подготовлены учебные пособия, часть которых до сих пор остается неопубликованной.

Благодаря своей неутомимой работе по составлению учебников и учебных и методических работ по изучению арабского языка, Халим Кахарович Муминов был одним из тех, кто наряду с В.П.Демидчиком и

Х.Наккошем находился у истоков возрождения изучения арабского языка в Таджикистане, не только в университете, но и в средних школах республики.

Научная работа

Ещё в студенческие годы внимание Х.К. Муминова привлекало творчество известного ливанского писателя Михаила Нуайме (1889-1988), который учился в Полтавской духовной семинарии. Свою дипломную работу Х.К. Муминов посвятил новеллам этого писателя. Во время своей работы в Сирии и Йемене он собрал богатый материал, посвящённый творчеству Михаила Нуайме, и по совету профессора кафедры арабской филологии ЛГУ им. А.А.Жданова А.А.Долининой стал работать над темой „Михаил Нуайме как теоретик критического реализма в арабской литературе“, которую представил к защите на соискание учёной степени кандидата филологических работ в ИВ АН Узбекской ССР (апрель 1974г.).

Первые учебники арабского языка

Отделение арабского языка было новым, и в нём отсутствовала материально-техническая база, а на руках у студентов не было ни учебных пособий, ни книг на арабском языке. Муминов Х.К. чувствовал, что на первых преподавателях лежит ответственность за подготовку учебных пособий по арабскому языку.

Именно по инициативе Х.К. Муминова, уже к 1966-1967 учебному году они совместно с Ф.А. Исаевой подготовили несколько учебных пособий, что в значительной степени облегчило в дальнейшем преподавание арабского языка, и обеспечило студентов учебными материалами. Первым пособием явился „Сборник грамматических текстов“ с арабско-таджикским словарём“ (опубликован в 1969 г.), который до сих пор используется при чтении спецкурса и спецсеминара по истории лингвистических учений.

В процессе чтения курса истории арабской литературы были подготовлены „Хрестоматияи арабӣ/наср/“ и “Арабско-таджикский словарь” к ней, которые были опубликованы в 1970 году. Хрестоматия получила высокую оценку известного советского арабиста, профессора Ленинградского госуниверситета В.И.Беляева. При составлении Хрестоматии были использованы не только отрывки из опубликованных произведенияй, но и арабские рукописи, хранившиеся в рукописном фонде ЛО ИВ АН СССР.

В процессе преподавания арабского языка Муминовым Х.К. и Исаевой

Ф.А. была подготовлена „Краткая грамматика арабского

языка» („Грамматикаи мухтасари забони арабӣ”), которая явилась первой учебной грамматикой арабского языка на таджикском языке. В 1972 и 2010 гг. была опубликована 1 часть Грамматики-(Морфология) и с тех пор она успешно используется в качестве учебного пособия не только на факультете востоковедения, но и всюду, где изучается арабский язык. Вторая часть Грамматики –(Муносибатҳои синтаксисӣ дар забони арабӣ) была опубликована в 2013 году.

Учебники для школ республики

Когда только открылось арабское отделение в Таджикском госуниверситете, арабский язык уже преподавали в школах № 7 и 10 г. Душанбе. Преподавал его араб из Ирака Хасан Наккош. В те годы не было программы и учебника арабского языка.

Постановлением коллегии Министерства просвещения Таджикской ССР, Министерства высшего и среднего образования Таджикской ССР от 29 мая 1981 г. была создана Комиссия по созданию учебных программ и учебников по арабскому и персидскому языкам для общеобразовательных школ республики. Муминов Х.К. и Исаева Ф.А, были включены в состав этой Комиссии.

Первое образование Муминова Х.К было педагогическое, и он до службы в армии работал учителем родного языка и литературы в одной из школ г. Термеза. Кроме того, еще будучи студентом ТГУ он преподавал арабский язык в школе № 7 г. Душанбе, и имел опыт педагогической работы в школе. Хасан Наккош, который преподавал арабский язык также и в средней школе, привлекал некоторых студентов-отличников к преподаванию в школе. В числе таких студентов оказался и Муминов Х.К..

У Исаевой Ф.А. тоже был опыт преподавания арабского языка детям.

Ещё студенткой, она преподавала арабский язык школьникам во

Дворце пионеров города Ленинграда. Исходя из этого, Муминов Х.К. и Исаева Ф.А. решили взять на себя написание Учебника по арабскому языку для первого года обучения.

Был собран материал по методике составления учебников по иностранным языкам, методические пособия по иностранным языкам, огромный языковой материал (грамматики арабского языка, рассказы для детей, учебники арабского языка для школ арабских стран (Египет, Сирия, Ирак, Ливия и др.), учебники по другим иностранным языкам, книги для учителя по арабскому и другим иностранным языкам и т.д.

В запланированный срок ими была составлена программа по арабскому языку для 3-10 классов средней школы, и языковой материал этой программы был опубликован

вместе с программой по персидскому языку в 1989 г. Муминов Х.К. И Исаева Ф.А. также подготовили к намеченному сроку учебники для 3, 4 и 5 классов.

В 1989 была издана программа по персидскому языку, в которую была включена и программа по арабскому языку, составленная ими. Учебник арабского языка для 5 класса „Забони арабӣ" был опубликован в 1990, а затем повторно публиковался в 1993 и 1995 гг. Учебник для 6 класса был опубликован в 1992 г..

А арабские тексты в учебниках (см. Забони арабӣ барои синфи 5,

Душанбе, 1990, 1993, 1995) и учебных пособиях (Матнҳои грамматикӣ

(Душанбе, 1969), хрестоматиях (Хрестоматия арабӣ (Душанбе, 1970),

Намунаҳои назми тоисломӣ (Душанбе, 1979) были выполнены рукой Халима Кахаровича.

После смерти Муминова Х.К. в 2004 году осталось очень много неопубликованного материала, который был использован в дальнейшем при подготовке к изданию учебников для 7, 8 и 9 классов средних общеобразовательных учебных заведений Таджикистана.

Ҳафт муаллақа

Муминов Х.К. тщательно готовил каждый курс, который ему поручали, будь то лекции, или практические занятия. В 1978 году заведующий кафедрой арабской филологии В.П.Демидчик поручил ему проведение практических занятий по чтению образцов доисламской поэзии (лекции читал сам В.П.Демидчик).

В процессе подготовки к занятиям, для того, чтобы у студентов на руках были тексты, Муминов Х.К. подготовил методическиое пособие „Намунаҳои назми арабӣ (ҳафт муаллақа)" с арабско-таджикским словарём (опубликовано в 1979). Кроме того, каждому поэту у него была посвящена отдельная папка, в которой содержались все сведения о данном поэте и его касыде, а также арабский текст и перевод касыды.

Каждый стих касыды подробно анализируется: сначала следует стих на арабском языке, затем непонятные слова, далее следует перевод текста на русский язык с вариантами опубликованных переводов (А.А.Долининой, А.Ревича, Б.Я.Шидфар и других), перевод текста на персидский язык, а затем окончательный перевод на таджикский язык. На примере этих разработок можно было видеть, как он готовился к своим практическим занятиям. Студенты настолько хорошо изучали муаллаки и заучивали их наизусть, что даже арабы удивлялись их знаниям, когда наши студенты ездили на стажировку в Египет и демонстрировали свои знания доисламской литературы. Об этом рассказывали сами студенты после возвращения из практики, и были благодарны ему. Даже через много лет после его смерти его ученики с благодарностью вспоминают об этом.

При подготовке и чтении курса лекций по истории новой и особенно новейшей арабской литературы, он дополнял свои лекции сведениями о самых современных поэтах и писателях, которые получал из передач арабских радиостанций. Раньше, когда интернета не было, Муминов Х.К. широко использовал информацию, полученную из арабских радиопередач.

Во время своей работы в Йемене он приобрел очень хороший японский транзисторный приемник и постоянно слушал арабские радиопередачи. Он нашел один катарский канал, на котором велись передачи о современных арабских литераторах. Он записывал эти радиопередачи на магнитную ленту, затем использовал эти записи во время своих лекций, а также давал эти записи студентам для прослушивания дома, и просил законспектировать их. Польза была огромная: студенты учились слушать и понимать радиопередачи на арабском языке, и получали много новых сведений, которые тогда нам были недоступны.

Исламоведение

По отзывам студентов, Муминов Х.К. очень интересно проводил лекции по исламоведению на арабском и персидском отделениях факультета.

Он хорошо разбирался в вопросах ислама - это у него было в крови. Надо заметить что он родился и жил в “благородной” Бухаре, где располагался медресе “Мири араб” и великолепные мечети. Весь дух Бухары был пропитан исламом. Его дед по материнской линии был религиозным служителем, а два брата его бабушки были чтецами Корана.

Кроме того, во время поездок в Ленинград, он консультировался с отцом Исаевой Ф.А. - имамом Ленинградской соборной мечети Исаевым А.Н., позже муфтием Европейской части СССР и Сибири (1975-1980).

Студенты рассказывали, что занятия Халима Каххаровича всегда были насыщенными и интересными. И даже через много лет после его смерти, при встрече с Исаевой Ф.А., ученики всегда с теплотой вспоминали своего преподавателя. А его методика преподавания стала для коллег настоящей школой профессионального мастерства.

Ленинградские каникулы

Каждое лето семья проводила свой отпуск в Ленинграде у родителей Фии Абдулбариевны. Они не только посещали музеи, картинные галереи, выставки и загородные дворцы, но много времени проводили в библиотеках Академии наук и Ленинградского госуниверситета, в Публичной библиотеке им. М.Е. Салтыкова-Щедрина, занимались сбором материала для НИР и подготовкой новых спецкурсов, знакомились с новыми поступлениями, заказывали микрофильмы книг

и т.д.

Поскольку Муминов Х.К. очень увлекался фотографией, микрофильмы некоторых книг из частных библиотек ленинградских ученых делал сам. Весь собранный материал использовался во время учебного процесса: на лекциях, семинарах, курсовых и дипломных работах. Ряд учебных пособий по арабскому языку и арабской литературе, подготовленных Муминовым Х.К., до сих пор остаются неопубликованным. Преподаватели кафедры возлагают надежды на скорейший выход этих материалов в печать.

За свой добросовестный труд Х.К. Муминов был награждён медалью „Корманди шоистаи Тоҷикистон“ (1999), нагрудным значком „Отличник высшей школы СССР“ (1980), медалью „Ветеран труда“ (1985), памятными медалями, посвящёнными 25-летию и 30-летию Таджикского госуниверситета, почётными грамотами.

Жилищный вопрос

Муминов Х.К всегда был очень скромным. Первые несколько лет семейной жизни, вместе с Исаевой Ф.А. они жили в студенческом общежитии на улице Репина, где родились дети Рейхан и Хикмат. Он ни разу не обратился в Профком или к ректору с просьбой предоставить квартиру. Считал, что стыдно кого-то просить о предоставлении квартиры. Отказался он и от предложения отца Исаевой Ф.А. продать дачу во Всеволожске под Ленинградом, и купить дом в Душанбе. И только когда в Душанбе начали строить кооперативные квартиры, они одними из первых вступили в ЖСК, и купили квартиру.

Семья

Муминов Х.К. был очень хорошим семьянином, всегда помогал супруге во всех домашних делах, особенно когда дети были маленькие. Он уделял большое внимание воспитанию и образованию детей: всегда интересовался их учебой, оценками, увлечениями - занимался с детьми фотографией, рисованием, шахматами, ходил с ними на плавание, совершал загородные прогулки, и все вместе ходили в горы.

Он отличался большим трудолюбием, постоянно работал над собой, был очень любознательным, разносторонне образованным человеком, имел широкий круг интересов, увлекался радиотехникой и фотографией, очень любил читать и собирал книги по всем областям знаний: истории, литературе, религии, медицине, астрономии, фотоделу, радиотехнике и т.д..

Трудно сказать, чего он не знал и не умел. Он и дома умел делать все: от приготовления пищи до полного ремонта квартиры. К примеру, приготовление плова

он не доверял никому, даже лук и морковь резал сам. Кто-то из предков Муминова Х.К. был халвогаром. Дома у них были медные казаны, большой - для приготовления нишалло, и маленький - для приготовления халвои лавз, а также разного размера медные подносы. У Муминова Х.К. очень хорошо получались нишалло и халвои лавз.

Что касается ремонта квартир, он, еще будучи школьником, помогал усто, которые занимались строительством и ремонтом домов, и зарабатывал на жизнь своей семье. Свои навыки он использовал при ремонте своей квартиры, и они никогда не пользовались услугами специальных мастеров, поскольку всё умел делать сам.

Дети

Сын Хикмат школьником увлекался австрономией, и именно отец поддержал его - привез ему из Москвы огромный телескоп. Папа с сыном часто выходили на пустырь, который тогда был около их дома, и проводили ночи, наблюдая за звездным небом. И это увлечение сына астрономией, после окончания школы № 60 с золотой медалью, привело его на физический факультет Таджикского госуниверситета.

Впоследствии Хикмат стал выдающимся ученым-физиком, доктором физико-математических наук. В 50 лет он стал действительным членом (Академиком) НАНТ, Вице-президентом АН РТ. В 1996-99 гг. работал ведущим научным сотрудником Объединенного Института ядерных исследований в г. Дубне (Российская Федерация).

Работал приглашенным профессором Массачутесского университета в США, Позже в течение 11 лет Хикмат был Директором физикотехнического института АН РТ. Лауреат Государственной премии имени Абуали Ибн Сино, один из первых лауреатов премии имени Исмоила Сомони. К огромному сожалению, в октябре 2021 года Хикмата не стало.

Дочь Рейхан, окончила медицинский институт, кандидат медицинских наук. Врачом она стала именно по совету отца. Работала старшим научным сотрудником Научно-исследовательского Института реабилитации инвалидов, в настоящее время является координатором в Национальном Минном центре. Она побывала во многих странах мира, и выступала с докладами по вопросам реабилитации инвалидов, пострадавших от мин. Имеет публикации в отечественных и иностранных журналах.

За время своей педагогической деятельности - 41 год, Халим Кахарович воспитал тысячи учеников и написал десятки научных трудов. Жизненный путь устода Х.К Муминова является достойным примером самоотверженного служения науке и своей стране.

Муминова Халима Кахаровича не стало 4 сентября 2004 года. Прошло ровно двадцать лет, и теперь, 2 октября 2024 года покинула этот мир и Фия Абдулбариевна…

Мавлюда Хашими
5 октября 2024 г

1. ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

МАСОИЛИ ВОЖАСОЗИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Шодиев Р.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Феъл дорои вижагиҳои махсуси луғавию маъноӣ ва услубӣ буда, аз нигоҳи сохтор дар қолабҳои суннатии вожасозӣ шакл гирифтааст, ки инро равиши таърихии феъл дар ҳама давраҳои ташаккули забони форсӣ сабт менамояд. Яке аз давраҳои ташаккули луғати феъл аз нигоҳи сохтор ва маъно забони форсии нав ва ё забони форсии дарӣ маҳсуб мешавад. Дар ин давра дар муқоиса ба забони форсии миёна луғати феъл ва қолабҳои вожасозии он ба маротиб вусъат пайдо карда, луғати фаровоне аз феълҳои номӣ, пешвандӣ ва таркибӣ ба забони форсии нав ворид гардидаанд.

Дар таърихи ташаккули вожасозии феъл бо пешвандҳо чанд марҳилаи шаклгирии пешвандҳои феълӣ аз эронии бостон то ба эронии миёна ва нав дар мисоли форсии бостон, форсии миёна ва форсии нав бар асоси таҳаввулоти таърихии овоӣ сурат пазируфтааст, ки инро аз осори ҳар як давраи таърихии рушди забони форсӣ ба хубӣ метавон мушоҳида ва муқоиса кард. Манбаи пайдоиши пешвандҳои феълӣ дар забони форсии миёна, асосан зарфҳо ва пешояндҳо буда, манбаи дигар пешвандҳои таърихии эронии бостон (форсии бостон) аз роҳи дигаргуниҳои овоӣ дар форсии миёна маҳсуб мешавад. Аммо пешвандҳои эронии бостон дар забони форсии миёна дар натиҷаи дигаргуниҳои овоӣ ба асосҳои феълҳо омезиш ёфта, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазир дар сохтори феъл дониста мешаванд. Ин пешвандҳои таърихӣ иборатанд аз ā-, apa-, upā-, abi-, ava-, adi-, ni-, niĵ-, vi-, pari-, para, fra-, pati-, uz- ва ғайра. Дар сангнавиштаҳои форсии бостон ин пешвандҳои феълӣ дар вожасозии феълҳои гуногун ба мушоҳида мерасанд. Пешвандҳо бо феълҳои мухталиф замима гардида, метавонанд бо як решаи феъл дар баёни чандин маъниҳо дар як қолаб истифода шаванд. Бо таъбири дигар ҳама пешвандҳои феълӣ бо маънои луғавии феълҳо дар иртиботи қавӣ қарор доранд. Ба таври мисол пешвандҳои ā-, ati-, upa-, upari-, niĵ-, para-, pari- бо решаи феъли ay- «рафтан»: ā-ay- «омадан», ati+ ay- «гузаштан, убур кардан», upa+ ay «расидан», upari+ ay-«рафтор кардан», niĵ+ ay-«дур шудан», para+ ay-«фаро рафтан» ва чандин намунаҳои дигар, ки дар осори форсии бостон зикр шудаанд. [2, 309; 9, 167-209, 224-232; 5, 102-106; 1, 142-146; 10,53; 8, 64; 6, 207].

Пас аз мансух гардидани пешвандҳои таърихии феълӣ дар форсии миёна барои ташкили феълҳои пешвандӣ манбаи асосӣ пешвандҳои дар заминаи зарфҳо ва пешояндҳо шаклгирифта маҳсуб мегарданд. Аз ин рӯ, ҳам дар забони форсии миёна ва баъдан дар забони форсии нав ин равиш дар вожасозии феъл яке аз манбаъҳои муҳимми ташкили феълҳои пешвандӣ бо истифода аз феълҳои содаи бунёдии эронӣ (форсии миёна ва форсии нав) гардидааст.

Қолаби феълҳои пешвандӣ дар шаклгирии феълҳо барои баён ва дарҷи маъниҳои тоза нақши муҳим дошта, ба воситаи ин қолаб дар забони форсии дарӣ, ба вижа осори давраҳои аввали он феълҳои фаровоне сохта шудаанд, ки онҳо танҳо махсуси ҳамин давраи рушди забон ва осори адабии он мебошанд. Ҳамчунон ки Л.С.Пейсиков бо истинод ба хулоса ва ё натиҷагирии З. Телегдӣ дар иртибот ба ин мавзуъ тазаккур медиҳад, нақши вожасозии феъл тавассути пешвандҳо дар забони форсии дарӣ аз марҳилаи кунунии ин забон ба маротиб бештар будааст [4, 79]. Дурустии нуқтаи мазкурро маводи осор ва фарҳангномаҳои куҳани форсии дарӣ, ки бар асоси манобеи давраҳои гуногуни забон таҳия шудаанд, таъйид менамояд. Бинобар баррасӣ ва натиҷагирии осори гуногуни забони форсии нав пажуҳишгарон ба ин натиҷа расидаанд, ки бахши асосӣ ва умдаи феълҳои пешвандӣ дар забони форсии дарӣ тавассути пешвандҳои феълӣ шакл гирифта, мақоми пешвандҳо дар сохтани феълҳои пешвандӣ дар ин давраи ташаккули забон, асосан қатъ гардидааст. Дар марҳилаи кунунии ташаккули забони форсӣ ташкили феълҳои нав бо пешвандҳо падидаи нодир мебошад [4, 79]. Бояд тазаккур дод, ки дар осори форсии дарӣ, ба вижа матнҳои давраи аввал тавассути пешвандҳо дар қолаби мазкур феълҳои фаровоне

бо дарчи маъниҳои гуногун ба маънои аслии феъл сохта шуда ва ҳар кадоми онҳо дар ташаккули луғати феъл нақши муҳим доранд. Ҳамчунон ки муҳаққиқони забони форсии дарӣ дар асоси ташаккули ин қолаби вожасозӣ дар марҳилаи кунунии забони форсӣ таъйид менамояд, қолаби феълҳои пешвандӣ яке аз манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули қолаби дигари вожасозӣ (пешванд+асосҳои феъл=исм) гардидааст: bāzgašt < bāzgaštan «бозгаштан, дубора омадан», bāzdāšt< bāzdāštan «боздоштан, дастгир кардан, ҳабс кардан, гирифтор кардан» ва ғайра [4, 79].

Дар иртибот ба ин метавон гуфт, ки дар маҷмуъ ҳама пешвандҳои роиҷ дар вожасозии феъли форсии миёна, бо истинои пешвандҳои ō(h) (дар навишти паҳлавӣ -’w’ ва дар навишти форсии миёнаи монавӣ - ’wh ба маънои «чунин, чунон» (ф.б. avaυā, ав. avaυa) ва ul- ба маънои «боло, фароз» дар ташкил ва такмили луғати феъли форсии дарӣ аз омилҳои асосӣ маҳсуб мешаванд. [12, 143; 5, 76; 7, 157-158]. Дар забони форсии дарӣ қолаби феълҳои пешвандӣ яке аз қолабҳои бунёдӣ дар вожасозии феъл буда, тавассути ин қолаб аз феълҳои сода феълҳои фарогири маъниҳои нав сохта шудаанд, ки намунаи онро аз осори назму насри ин давраи ташаккули забон метавон пайдо кард. Ҳамчунин дар забони форсии дарӣ дар мисоли пешванди hā- аз истифода хориҷ шудан ва ё матрук гардидани ин пешванд ба мушоҳида мерасад. Пешванди hā бо шакли овоии *hō(hw) танҳо дар «Тафсири Абулфутӯҳи Розӣ» ва «Искандарнома» ба кор рафта, муродифи пешвандҳои феълии vā- ва - ba дониста мешавад. Муҳаққиқони осор дар ҳар ду ин манбаъ онро махсуси лаҳҷаи розӣ ва маҳаллоти Қумис, Рай, Симнон, Шаҳмирзод, Домғон ва Шамирон донистаанд. Бад-ин далел пешванди hā (* hō) ба лаҳҷаи шимоли ғарбӣ ва ё забони портӣ мансуб мебошад. Ин пешванд дар оғози чанд феъл, аз ҷумла giriftan dādan, raftan (hā gīr, hā deh, hā rav) омадааст [13,ҷ.1, с 343; ҷ.2.392; 14, ҷ.15; 11, 412-413].

Дар таърихи ташаккули феълҳои пешвандӣ аз забони форсии бостон ба форсии миёна гурӯҳе аз пешвандҳо бо асосҳои феълҳо махлут гардида, аз роҳи чунин омезиш дар форсии миёна як теъдоди феълҳо аз феълҳои пешвандӣ ба феълҳои сода табдили шакл карданд. Дар натиҷаи чунин таҳаввулоти овоӣ дар сохтори бархе аз феълҳо дар луғати феъли форсии миёна феълҳои содаи таърихан пешвандӣ бо ҳифзи маънои аслӣ шакл гирифтанд. Намунае чанд аз ин гуна феълҳо: āmadan «омадан» (<*a- gmatanai, ф.б. gam-), apa – kandan, ф.н. afkandan, abgandan «афкандан» (< эр.б.*apa- kan-), framudan «фармудан» (< эр.б. *fra- mā-), nimudan «намудан» (< эр.б.* ni- mā-), nibištan/ nipištan «навиштан» (< эр.б. * ni- pais-), padigriftan/ < patigriftan «пазируфтан» (< pati – grab-), virēxtan «гурехтан» (< эр.б. * vī- raik-) ва ғайра. [9, 158-210; 12, 74; 1, 142-144; 6, 28].

Ҳамзамон дар форсии миёна дар қолаби вожасозии феъл бо пешвандҳо тавассути пешвандҳои аслӣ, ки бунёди онҳо пешояндҳо ва зарфҳо мебошанд, аз феълҳои содаи маъмул ташкили феълҳои пешвандӣ оғоз мегардад, ки ҳар кадоми онҳо дар ташаккули маънои феълҳои ҷудогона нақши муҳим доранд. Ин пешвандҳо иборатанд аз: abar-, ul-, andar-, frāz-, frōd-, abāz- ва ғайра. Ба воситаи ин пешвандҳо феълҳои фаровоне шакл гирифта, ин феълҳо дар забони форсии нав мутобиқи вежагиҳои савтиёти ин забон идома пайдо кардаанд. Қолаби мазкур дар форсии нав бо истифода аз дигар феълҳои сода бештар ташаккул ёфта ва он яке аз равишҳои мустаъмал дар сохтани феълҳои нави пешвандӣ маҳсуб мегардад.

Корбурди пешвандҳо бо феълҳо бар асоси мутобиқат ва робитаи маънои пешванд бо маънои феъл сурат гирифта, дар чунин робита пешванд метавонад бо феълҳои содаи дорои маъниҳои мухталиф истифода шавад. Аз ин рӯ, дар ин қолаби вожасозӣ феълҳои бештаре бо пешвандҳои гуногун ва муштарак дар ташкили феълҳои нави пешвандӣ истифода гардидаанд.

Ҳамин тариқ, пешвандҳои форсии миёнаи andar-, abar-, abāz-, frāz-, frōd- бо тағйироти овоӣ дар шаклҳои andar-(dar-), bar-, bāz- (vā-/ fā-), farāz- (farā-), furōd-(furō-) дар ҳамон як қолаби суннатии вожасозии феъл дар форсии нав ворид шудаанд. Пайдоиши шаклҳои овоии пешвандҳо дар забони форсии нав аз роҳи ихтисори садоноки оғозии a- (ҳамчунин an-: abar > bar, abāz > bāz, andar >dar) ва ихтисори ҳамсадоҳои –z ва –d дар охир (farāz >farā, furōd >furō) сурат гирифтааст. Чунин таҳаввулоти овоӣ дар шаклгирии чанде

аз пешояндҳои содаи форсии миёна дар форсии нав низ ҳамчун қоидаи маъмул ба мушоҳида мерасад. Ба таври намуна: az < hač < hača, ba < pad/pat < patiy. Аз роҳи чунин тағйироту таҳаввулоти овоӣ пешвандҳо дар ду шакли савтиёт ва имло ба забони меъёр ворид гардидаанд, ки баъдан дар раванди ташаккули забон меъёри корбурди шаклҳои кӯҳан ва нави пешвандҳо дар осор муқаррар гардидааст. Бад-ин тартиб дар ҳар марҳилаи ташаккули забони форсии дарӣ меъёри корбурди пешвандҳои феълиро мутобиқи осори назму насри қарнҳои гуногун метавон мушоҳида кард.

Дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ мисли дигар осори давраи аввали форсии дарӣ пешвандҳои феълӣ бо истиснои пешвандҳои bar- ва bāz- ба таври муштарак дар навишт ё имлои куҳан ва нав истифода шудаанд. Аммо bar- ва bāz- дар мақоми пешванди феълӣ дар «Шоҳнома» танҳо дар ҳамин ду шакл мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар «Шоҳнома» шакли abar- танҳо ҳамчун пешоянд якҷо бо гунаи bar- ба кор рафта, дигар пешвандҳои феълӣ andar-/dar-, farāz-/farā-, furōd-/furō- дар ин ду навишт истифода шудаанд.

Феълҳои сохта ва ё пешвандӣ дар забони форсии нав аз ду ҷузъ – пешванд ва феъл ташкил шуда, ин пешвандҳо ҳам маънисоз ва ҳам шаклсоз мебошанд. Пешвандҳои феълӣ метавонанд маъно ва мафҳуми феълро тағйир диҳанд ва ё мумкин аст тағйир надиҳанд. Ҳамин тариқ дар забони форсии нав аз ду навъи пешвандҳои феълӣ метавон ном бурд: 1. пешвандҳои маънисоз, ки ба воситаи онҳо ба маънои аслии феъл камобеш тағйирот ворид гардида ва дар заминаи маънои аслӣ тобиши дигари маъноӣ илова мешавад; 2. пешвандҳои шаклсоз, ки бо замимаи онҳо маънои аслии феъл тағйир намеёбад.

Феълҳои пешвандӣ дар осори форсии дарӣ корбурди фаровон дошта, як теъдоди онҳо, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ истифода нашудаанд, дар манобеи дигари давраи аввал ҳамчун луғати мутадовил ва роиҷ мавриди истифода будаанд, ки инро аз осори шоирону нависандагони он қарнҳо ба хубӣ метавон мушоҳида кард. Намунаҳои корбурди ин афъолро аз ашъори Рӯдакӣ, Балъамӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Асадӣ, Носири Хусрав ва осори дигаре чун Тафсири Кембриҷ, Фарҳангномаи Қуръонӣ, Таърихи Сиистон, Захираи Хоразмшоҳӣ ва манобеи дигар мушоҳида мекунем [2, 19; 9, 223-232; 11, 63; 12, 74; 13, 337-338; 15, 43; 3, 189-194; 4, 80-81; 5, 132-134; 1, 144-146; 7, 152-159].

Дар чигунагии истифода ва шинохти феълҳои пешвандӣ дар осори давраи аввал ба вижа «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ба ҷуз матни осор муҳимтарин манбаъ фарҳангномаҳои форсии дарӣ ва Луғатномаи Деҳхудо [14, дар 15 ҷилд] маҳсуб мешаванд. Яке аз манбаъҳое, ки дар он масдарҳои форсӣ бо истифода аз манобеи форсии дарӣ, ба вижа осори назму насри давраи аввали форсии дарӣ гирдоварӣ ва маънӣ шудаанд, Фарҳанги муштақоти масодири форсӣ таълифи Комёб Халилӣ мебошад [16, 79]. Дар ин фарҳанг маводи қобили таваҷҷуҳ дар мавриди феълҳои пешвандӣ дар осори форсии дарӣ гирдоварӣ ва ташреҳ гардидааст. Аз ин манобеъ чунин бармеояд, ки яке аз равишҳои мутадовил дар ташаккули луғати феъл дар бахши вожасозӣ қолаби феълҳои пешвандӣ буда, дар ин қолаб луғати фаровони феъл шакл гирифтааст.

АДАБИЁТ

1. Ефимов В.А., Расторгуева В.С., Шарова Е.Н. Персидский, таджикский, дари// ОИЯ. Новоиранские языки. – М., 1982, С. 5-230
2. Залеман К.Г., Жуковский В.А. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и библиографии. – СПб., 1890. - 100 с.
3. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка. – М., 1973.- 199 с.
4. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. – М., 1975.- 203 с.
5. Расторгуева В.С., Молчанова Е.К. Среднеперсидский язык.// ОИЯ. Среднеиранские языки. –М.,1981. - С.6-146.
6. Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т.1, 2000, 327с., Т.2. 2003, 502 с., Т.3, 2007, 493с.
7. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001- 310.
8. Brandenstein W., Mayrhofer M. Handbuch des Altpersischen. –Wiesbaden, 1964. - 160 с.

9. Henning W. B. Das verbum des Mittelpersoschen der Turfan- Fragmente //ZII /- 1933. Bd 9. –H. 2. – S. 158-253.
10. Kent R.G. Old Persian. Grammar, texts, lexicon. –New Hawen, 1950.
11. Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose persane. – P., 1963. – 535 c.
12. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt.II. Glossary. – Weisbaden, 1974. – 284 c.
١٣. بهار محمدتقی. سبک شناسی. جلد اول. – تهران، ١٣٧٥. ٤٦٧ ص.
١٤. دهخدا علی اکبر. لغت نامه. جلدهای ١،٩. – تهران، ١٣٧٧.
١٥. شفیعی محمود. شاهنامه و دستور. – تهران، ١٣٤٣.
١٦. فرهنگ مشتقات مصادر فارسی. مصادر مرکب، تالیف دکتر کامیاب خلیلی. – تهران، ١٣٧٩.

МАСОИЛИ ВОЖАСОЗИИ ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Дар таърихи ташаккули вожасозии феъл бо пешвандҳо чанд марҳилаи шаклгирии пешвандҳои феълӣ аз эронии бостон то ба эронии миёна ва нав дар мисоли форсии бостон, форсии миёна ва форсии нав бар асоси таҳаввулоти таърихии овоӣ сурат пазируфтааст. Қолаби феълҳои пешвандӣ дар шаклгирии феълҳо барои баён ва дарчи маъниҳои тоза нақши муҳим дошта, ба воситаи ин қолаб дар забони форсии дарӣ, ба вижа осори даврaҳои аввали он феълҳои фаровоне сохта шудаанд, ки онҳо танҳо махсуси ҳамин даврaи рушди забон ва осори адабии он мебошанд. Дар заминаи баррасӣ ва натиҷагирии осори гуногуни забони форсии нав пажуҳишгарон ба ин натиҷа расидаанд, ки бахши асосӣ ва умдаи феълҳои пешвандӣ дар забони форсии дарӣ тавассути пешвандҳои феълӣ шакл гирифта, мақоми пешвандҳо дар сохтани феълҳои пешвандӣ дар ин даврaи ташаккули забон, асосан қатъ гардидааст.

Калидвожаҳо: вожасозӣ, феъл, феълҳои сода, пешвандҳо, пешвандҳои феълӣ, пешвандҳои аслӣ, пешвандҳои маънисоз, пешвандҳои шаклсоз.

ПРОБЛЕМЫ ГЛАГОЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ

В истории образования глаголов с предлогами на основе исторических событий, связанных с залогом, произошло несколько этапов образования настоящих предлогов от древнеиранского до средне и новоиранского, на примере древнеперсидского, среднеперсидского и новоперсидского языков. Форма предложных глаголов играет важную роль в образовании глаголов для выражения и передачи новых значений, и благодаря этой форме были созданы многие глаголы в персидском языке дари, особенно следы его первых периодов, которые являются особенными только для этого периода развития языка и его литературного творчества. На основании обзора и результатов различных работ по новоперсидскому языку исследователи пришли к выводу, что основная часть предложных глаголов в персидском языке дари образуется посредством настоящих предлогов, а роль предлогов в построении предложных глаголов в этот период формирования языка во многом прекратилась.

Ключевые слова: словообразование, глагол, простые глаголы, предлоги, глагольные предлоги, исходные предлоги, смыслообразующие предлоги, образительные предлоги.

PROBLEMS OF VERB FORMATION IN THE PERSIAN LANGUAGE

In the history of the formation of verbs with prepositions based on historical events related to voice, several stages of the formation of real prepositions took place from Old Iranian to Middle and New Iranian, using the example of Old Persian, Middle Persian and New Persian languages. The form of prepositional verbs plays an important role in the formation of verbs to express and convey new meanings, and thanks to this form, many verbs in the Persian Dari language were created, especially traces of its early periods, which are special only to this period of development of the language and its literary creation. Based on the review and results of various works on the New Persian language, the researchers came to the conclusion that the bulk of prepositional verbs in the Persian Dari language are formed through real prepositions, and the role of prepositions in the construction of prepositional verbs largely ceased during this period of language formation.

Key words: word formation, verb, simple verbs, prepositions, verbal prepositions, initial prepositions, meaning-forming prepositions, indicative prepositions.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шодиев Рустам – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Тел.: 919270791. E-mail: Shodirys@mail.ru Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Ҳисор 37/2 ҳуҷ. 17.

Сведения об авторе: Шодиев Рустам – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры иранской филологии факультета языков Азии и Европы. Тел.: 919270791. E-mail: Shodirys@mail.ru Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Гиссарская 37/2 кв. 17.

Information about the author: Shodiev Rustam – Tajik National University, the doktore of philological sciences, the professor of the department of Iranian philology of the faculty of Asian and European Languages. Tel.: 919270791. E-mail: Shodirys@mail.ru Adress: 37/2, street Gissarski, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, 734003

ПАЖУҲИШЕ ДАР МАСДАРИ СИНОӢ

Саломов А.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз роҳҳои ғанигардонии таркиби луғавии забон иқтибос аз забонҳои дигар мебошад. Дар тули таърихи ҳазорсолаи муносибатҳои гуногунҷанбаи забонҳои арабиву форсии тоҷикӣ забони арабӣ барои забони форсии тоҷикӣ ба масобаи забони донор баромад менамояд, то ҷойе ки аз 40 то 60 дарсади забони тоҷикиро калимаҳои иқтибосии арабӣ ташкил медиҳад.

Таҳлили иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ҳамон гуна ки гузариши онҳо ба забони тоҷикӣ дар ҳама давру замон якранг набуда, дар ҳар асре донишмандон ба иқтибос намудани калимаҳо аз забони арабӣ муносибати махсусе доштаанд [5, с.102], дар таносуби иқтибоси ҳиссаҳои нутқ низ тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Чунончи, аз забони арабӣ калимаҳои муталлиқ ба исму сифат, зарфу шумора, пешоянду пайвандак, ҳиссачаву нидо ва ҳатто феъл ба забони тоҷикӣ иқтибос гаштааст, вале дар ин миён омори масдарҳои арабӣ аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба маротиб бештар аст.

Масдар чун шакли ибтидоӣ ва тасрифнашавандаи феъл, ки номи амал ва ҳолатро ифода мекунад, чи дар забоншиносии гузаштаи араб ва чи дар даврони муосири он, аз мавзуъҳои баҳсноки бахши морфологияи грамматикаи арабӣ буда, аз масъалаҳои меҳварии ихтилофи ду мактаби бузурги забоншиносии араб – Басра ва Куфа ба шумор меравад. Вобаста ба масдар ва ҷойгоҳи он дар забон дар забоншиносии араб пажуҳишҳои густардаи зиёде сурат гирифтааст, вале дар забоншиносии тоҷик, ба хусус бахши арабшиносии он таҳқиқи фарогире, ки ба масдарҳои иқтибосии арабӣ ва махсусан ба масдарҳои синоӣ бахшида шуда бошад, то ҳол рӯйи кор наомадааст. Мавриди зикр аст, ки арабшиноси тоҷик Солиҳов Н.Ҳ. дар мавзуи «Таҳлили лингвистии масдарҳои арабиасоси забони тоҷикӣ (дар асоси «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ)» соли 2013 таҳқиқ анҷом додааст, вале таҳлилу баррасии масдарҳои иқтибосии арабӣ ниёз ба пажуҳишҳои бештару густардатаре дорад [6, с.67-68].

Мавриди зикр аст, ки дар забони арабӣ зери истилоҳи масдар падидаҳои гуногуни забонӣ, чи дар сатҳи морфология ва чи дар сатҳи синтаксис оварда мешавад, ки аз ҷумлаи он масдари аслӣ (**المصدر الأصلي**), масдари таъкид (**مصدر التأكيد**), масдари самоъӣ (**المصدر السماعي**), масдари нодир (**المصدر الشاذ**), масдари сареҳ (**المصدر الصريح**), масдари муаввал (**المصدر المؤول**), масдари одӣ (**المصدر العادي**), масдари адад (**مصدر العدد**) ва масдари синоъӣ (**المصدر الصناعي**) мебошанд[9, ҷ.8].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз байни масдарҳои номбаршуда масдари синоъӣ яке аз унсурҳои асосии лексикаи забон буда, пайдоиш ва пешрафти он ба пайдоиш ва пешрафти илму техника ва талаботи илмҳои замонавӣ вобаста буда, далел ба мавҷудияти қудрати созандагии забон дар зери равандҳои нави ҷомеа мебошад. Истилоҳи масдари синоъӣ дар забоншиносии араб низ таърихи кӯҳане надорад ва он дар аввали асри 20 рӯйи кор омадааст. Вале масдари синоъӣ ҳамчун падидаи забонӣ ва навъе аз масдар дар нахустин фарҳангномаи арабӣ – «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ёд шудааст. Дар «Китоб»-и Сибавайҳ низ намунаҳое аз он бе зикри истилоҳ ва хусусиятҳои он оварда шудааст. Шояд аввалин донишманде, ки ба хусусияти сохтории масдари синоъӣ таваҷҷуҳ намудааст, Фарроъ бошад, зеро мавсуф, аз як тараф, ба корбурди вазнҳои фуъула (**فعولة**) ва фуъулият (**فعولية**) ҳамчун исми мавзуъ ишора намуда, аз тарафи дигар, қиёсӣ будани онро таъкид намудааст. Фарроъ зери исми мавзуъ ба хостангоҳи масдари синоъӣ ишора намудааст, ба ин маъно ки ин гуна масдар на аз феъл, балки аз дигар ҳиссаҳои нутқ гирифта мешавад [10, с.78-79].

Масдари синоъӣ ба фарқ аз дигар масдарҳои арабӣ, ки бархоста аз феъл ва ё таркибу ҷумлаи феълианд, аз ҳиссаҳои номии нутқ бо илова кардани пасванди – ият (**ـيّة**) сохта мешавад. Бо истифода аз масдари мазкур, чи дар осори илмӣ-фалсафии гузаштагон ва чи дар адабиёти илмии муосири арабӣ, истилоҳоти зиёде ҳамчун муодили истилоҳоти илмӣ-фалсафии аврупоӣ сохта шудааст. Аз ҷумла, дар забони арабӣ таъкид мегардад, ки истилоҳоти англисии бо пасвандҳои -ism ва ity анҷомёфтаро метавон масдари синоъӣ

тарҷума намуд. Ба ин тартиб, муодили nationalism-и англисӣ **قومية** –и арабӣ буда, дар баробари human-и англисӣ **إنسانية** – и арабӣ қарор мегирад [10, с.88].

Ҳарчанд масдари синоъӣ дар зимни иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ дохил гардида, як бахши муҳимми лексикаи онро ташкил диҳад ҳам, дар мавриди он таваҷҷуҳи ҷиддие нашудааст. Аз ҷумла, дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ба ин суффикс чунин ишора шудааст: «Суффикси –ат/-ят. Ин суфикс дар чанд калимаи тоҷикӣ ва советии интернатсионалӣ дида мешавад, ки дар қиёси калимаҳои арабӣ сохта шудаанд: роҳбарият, партавият, модалият. Суффикси –ия танҳо дар калимаи баҳория мушоҳида шуд, ки дар қиёси калимаҳои арабӣ сохта шудааст» [4, с.117]. Дар «Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик»-и Ш.Бобомуродов, А.Мӯминов чунин қайд шудааст: «Як суффикс бо ду калимаи синонимӣ омада, маъноҳои гуногунро ифода мекунад. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои одам ва инсон синониманд, ҳамин ки суффикси –ият гиранд, аз рӯйи ифодаи маъно аз ҳамдигар дур мераванд. Одамият хусусияти хуби одам бошад, инсоният муродифи калимаи башарият аст» [3, с.8].

Дар забони форсӣ ба –ият ҳамчун пасванди сермаҳсул, чи дар забони арабӣ ва чи дар забони форсӣ, ишора мешавад. Аз ҷумла, забоншиноси эронӣ Хусрави Фаршедвард дар робита ба пасванди – ият менигорад: "-ият"-и масдарӣ ба охири сифоти арабӣ – исми фоъил, исми мафъул, сиғаи муболиға, сифати мушаббаҳ, исми тафзил ва сифати нисбӣ мечаспад ва масдар месозад, монанди моликият (аз исми фоъил), маъруфият (аз исми мафъул), фаъъолият (аз сиғаи муболиға), ҳуррият (аз сифати мушаббаҳ), аҳаммият (аз исми тафзил) ва исавият (аз сифати нисбӣ).

Сифоти нисбие, ки бадал ба масдари синоъӣ мешаванд, мумкин аст аз масдари одӣ, масдари мимӣ, замир, исми ҷомиди ҷинс, исми ҷомиди алам, исми истифҳом, ҳуруф ва ҷуз онҳо ба вуҷуд оянд, монанди ҳайвоният (аз исми ҷомиди ҷинс), умумият (аз масдари одӣ), кайфият (аз исми истифҳом), ҳувият (аз замир) ва лоият (аз ҳарфи нафй).

Ёдоварии ин нукта муҳим аст, ки дар забони арабӣ байни масдари синоъӣ ва сифати нисбие, ки ба ҷинси занона далолат мекунад, аз нигоҳи сохтор монандии пурра вуҷуд дорад, вале такя ба корбурд дар зимни ҷумла метавон онҳоро ба осонӣ фарқ кард, чаро ки сифати нисбӣ ишора ба мавсуф (муайншавандаи сифатӣ) мекунад, дар ҳоле ки масдари синоъӣ дар ифодаи мафҳум ба мавсуф ниёз надорад. Масалан, дар ҷумлаи « **اللغة الطاجيكية لغة العلم**» - Забони тоҷикӣ забони илм аст, калимаи «**الطاجيكية**» ифодагари сифати нисбӣ мебошад, вале дар ҷумлаи «**نفتخر بطاجيكيتنا**» - Бо тоҷик будани худ мефахрем, вожаи «**طاجيكية**» масдари синоъӣ мебошад. Аммо дар шинохти сифати нисбӣ ва масдари синоъӣ дар тоҷикӣ ба мушкилие дучор намешавем, зеро сифати нисбӣ бо пасванди –ӣ ва масдари синоъӣ бо пасванди –ият ба анҷом мерасад.

Аз таҳлили корбурди масдари синоъӣ дар «Ёддоштҳо» бармеояд, ки устод С.Айнӣ аз ин падидаи забонӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Аз ҷумла, дар ин асар калимаҳои имконият - ба сабаби қашшоқӣ имконияти дар мадраса истиқомат кардан надошт[1, с.9]; хайрият - Хайрият, ки ман ин қарзро аз ягон фоидахӯр нагирифтам, [1, с.14]; қобилият - баъд аз он мувофиқи қобилият ва ғайрати худ баъзеҳошон бисёр ҳунарманд ва баъзеашон камҳунартар шуда мондаанд [1, с.42]; вазъият - Усто амак бо ҳамон вазъияти ҳамлакунандагӣ аз ҷояш хест [1, с.45]; тамомият - Баъд аз тамомияти таҳсил ҳар ду ба Ғиждувон омадаанд [1, с.53]; роҳбарият/раҳбарият - падарам ҳам хост, ки ҳамроҳи ӯ рафта кори ҳашарро дар зери раҳбарияти қозии Ғиждувон тамошо кунад [1, с.53]; бояд инсон дар зери раҳбарияти пири комил чандин солҳо риёзат кашад [1, с.176]; кайфият - маро ба як кайфияти маҳзунонаи гуворо меандохт [1, с.69]; ҳокимият - дар вай як навъ ҳокимият ҳаст [1, с.89]; аҳаммият - ҳеҷ аҳаммият намедоданд [1, с.114]; маҷбурият - маҷбурияти фарзандии худро, қисман бошад ҳам, адо кардан хостам [1, с.117]; ҷамъият - аз миёнаи ҷамъият беруншуда ҳисоб меёфтем [1, с.128]; аксарият - ба эътибори аксарият ҷои ошпазӣ, ҳезум ва ангиштгузорӣ ва дастурӯйшӯӣ ҳам дар пойгаҳи ҳамин ҳуҷраҳои танг ҷойгиронда шуда буданд [1, с.132]; исломият - пеш аз исломият – пеш аз истилои арабҳо одатан миллӣ буда, баъд аз мусулмон шудан ҳам мардум ин идро тарк накарда буданд [1, с.160]; мағлубият - шояд аз мағлубияти муфт тарсида бошад [1, с.168]; расмият - ба савдои ҳуҷра бо васиқа

ранги расмият додаанд [1, с.171]; зиддият - дар байни шумоён зиддият ҳаст [1, с.180]; муваффақият - ба ӯ муваффақият ва зафар металабад [1, с.215]; хусусият - аз ҷиҳати хусусияти замин он ҳавлӣ давоми он кӯл менамуд [с.225]; шеърият - Аммо он шеър ба сабаби он ки аз ҷиҳати шеърият паст буд, дар ёди ман намондааст [1, с.241]; қатъият - ягон кори он касро ба касе намегӯям, –гуфт духтарак бо қатъияти тамом [1, с.242]; ҷиддият - кам-кам «шӯхиҳои пиронаи» ӯ ба ҷиддиятҳои ҷаво-нона бадал ёфт [1, с.263]; софият - софият ва мардонагии аввалиашон намонд [1, с.346]; руҳоният - Баъд аз он ба руҳонияти ҳазрати имом Қутайба илтиҷо бурдам [1, с.348]; афзалият - Дар ин сурат ман аз падар ҳам аз ҷиҳати ҳасаб (илму дониш) ва ҳам аз ҷиҳати насаб (асилзодагӣ) афзалият дорам[1, с.428]; моликият - моликияти худро аз ин ҷо барҳам додан намехост [1, с.440]; ваҳшоният - кори инҳо бо ваҳшонияти чашмнадида ва фоҷиаи гӯшношунида анҷом ёфт [1, с.501]; ва ғ. истифода шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки аз вожагони овардашуда ба истиснои калимаи роҳбарият/раҳбарият ҳамагӣ решаи арабӣ доранд, вале на ҳамаи он аз забони арабӣ ба сурати масдари синоъӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Чунончи, калимаҳои хайрият, тамомият, мағлубият, маҷбурият, исломият, аксарият, ҳокимият, зиддият, муваффақият, руҳоният, ҷиддият, софият ва ваҳшоният бо реша ва пасванди масдарсози арабӣ –ият, вале дар чорчӯби забони тоҷикӣ сохта шудааст.

Дар баробари ин, дар "Ёддоштҳо" калимаҳои ният, васият, ҳамият, тарбият ва орият ба кор рафтааст, ки онҳо на калимаҳои сохта, балки вожаҳои содаи арабӣ мебошанд.

Хулоса, пасванди –ият ҳарчанд аз забони арабӣ ба тоҷикӣ иқтибос шуда бошад ҳам, вале бо ҳазм шудан дар ин забон ва ҷавобгӯ гаштан ба қавонини савтию сарфии он имрӯз яке аз пасвандҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Бо ин пасванд на фақат бо калимаҳои арабӣ, балки бо калимаҳои сирф тоҷикӣ, аз қабили бартариву раҳбарӣ ва калимаҳои русии ба тоҷикӣ иқтибосшуда, ба монанди партия калимаҳои нав – бартарияту раҳбарият ва партавият сохта шудааст.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо [чаҳор қисм]. Иборат аз як китоб/С.Айнӣ. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
2. Бердиева Т.Феълҳои таркибии номӣ бо исмҳои арабӣ/Т.Бердиева. –Душанбе: Сино, 1995. – 288 с.
3. Бобомуродов Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик/ Ш.Бобомуродов, А.Мӯминов. – 1983. – 120 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Исмонов, К. Б. Лексико-грамматические оттенки "ираба" в таджикском языке : специальность 10.02.22 "Языки народов зарубежных стран Европы, Азии, Африки, аборигенов Америки и Австралии (с указанием конкретного языка или языковой семьи)" : диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Исмонов Кароматулло Бадридинович. – Душанбе, 2013. – 169 с.
6. Саломов А. Мутобиқати иқтибосоти арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ аз рӯйи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ/Саломов Аскар// дисс.барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология. –Душанбе, 2010. – 174 с.
7. Солиҳов Н.Ҳ. Таҳлили лингвистии масдарҳои арабиасоси забони тоҷикӣ (дар асоси «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ)/Солиҳов Наҷмиддин Ҳамдамович/ дисс.барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология. – Душанбе, 2013. – 151 с.
8. Wright W. A Grammer of The Arabic Language, Printed in Great Britain
9. at the University Press, Cambridge, Third Edition, 2011. -808 p.
10. إميل بديع يعقوب. موسوعة علوم اللغة العربية. – بيبروت: دار الكتب العلمية، ٢٠٠٦. ج.٨. – ٥٩٢ ص.
11. جاسم فريح الترابي. المصدر الصناعي في دراسات القدماء والمحدثين. مجلة دراسات، جوان ٢٠١٦. – ص.٧٦-٩٢.
12. خسرو فرشيدورد. عربى در فارسى. مؤسسه انتشارات و چاپ دانشگاه تهران، ١٣٥٨. – ٣١٤ ص.
13. محمّد نور الدين عبد المنعم. قضايا لغوية مقارنة بين الفارسية والعربية. العدد [١٤]، - القاهرة، ١٤٣٥ ه/ ٢٠٠٤م. - ١١٥ ص.

КОРБУРДИ МАСДАРИ СИНОӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

Дар мақола дар робита ба масдари синоъии арабӣ таҳқиқ анҷом дода шудааст. Таъкид мегардад, ки масдари мазкур тавассути –ият аз ҳиссаҳои номии нутқ сохта мешавад ва бештари калимаҳои бо ин равиш сохташуда хусусияти истилоҳӣ доранд. Бо истифода аз масдари мазкур, чи дар осори илмӣ-фалсафии гузаштагон ва чи дар адабиёти илмии муосири арабӣ, истилоҳоти зиёде ҳамчун муодили истилоҳоти илмӣ-фалсафии аврупоӣ сохта шудааст. Дар баробари иқтибоси масдарҳои синоъии арабӣ дар забони тоҷикӣ тавассути пасванди –ият, чи бо калимаҳои аслии тоҷикӣ ва чи бо калимаҳои иқтибосии арабиву ғайриарабӣ вожаҳои зиёде сохта шудааст.

Калидвожаҳо: Ёддоштҳо, Садриддин Айнӣ, масдар, масдари синоъӣ, забони тоҷикӣ, забони арабӣ, калима, иқтибос

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАСДАР СИНОИ В “ВОСПОМИНАНИЯ” С.АЙНИ

В статье проводится исследование масдар синои в арабский язык. Подчеркивается, что данный масдар образован от именных частей речи посредством суффикса -ият, а большинство слов, образованных таким образом, имеют терминологический характер. Используя этот термин, как в научных и философских трудах прошлого, так и в современной арабской научной литературе, было создано множество терминов, эквивалентных европейским научным и философским терминам. Наряду с заимствованием арабских масдаров в таджикском языке создано много слов посредством суффикса -ият, как от исконно таджикских слов, так и от заимствованных арабских и неарабских слов.

Ключевые слова: Воспоминания, Садриддин Айни, масдар, масдар синои, таджикский язык, арабский язык, слово, цитата

USING MASDAR SINOI IN “MEMORIES” OF S.AYNI

The article studies masdar sinoi in Arabic. It is emphasized that this masdar is formed from nominal parts of speech by means of the suffix -iyat, and most of the words formed in this way are of a terminological nature. Using this term, both in scientific and philosophical works of the past and in modern Arabic scientific literature, many terms equivalent to European scientific and philosophical terms were created. Along with borrowing Arabic masdars, many words were created in the Tajik language by means of the suffix -iyat, both from native Tajik words and from borrowed Arabic and non-Arabic words.

Keywords: Memories, Sadriddin Ayni, masdar, masdar sinoi, Tajik language, Arabic language, word, quote

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саломов Аскар Ҷабборович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 724025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. **E-mail:** usmonkb@gmail.com. **Тел.:** (+992) 985611699

Сведения об авторе: ***Саломов Аскар Джабборович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. **E-mail:** usmonkb@gmail.com. **Тел.:** (+992) 985611699

Information about the author: ***Salomov Askar Jabborovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. **E-mail:** usmonkb@gmail.com. **Phone:** (+992) (+992) 985611699

ФАРҲАНГНИГОРӢ БА СИФАТИ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛӢ ВА СОҲАИ МУСТАҚИЛ ДАР ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ

Солиҳов Н.Ҳ.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Фарҳангнигорӣ ё таълифи луғатнома равандест, ки ҳам марбут ба падидаҳои қобили мушоҳидаи вожагон аст ва ҳам марбут ба маҷмуе аз усули назарии вожашиносӣ, ки аз тариқи онҳо метавон вожагонро баррасӣ кард [2, с. 245-260]. Фарҳангнигорӣ, дар воқеъ як равиши хоссаи илмӣ аст, ки барои таҳия ва танзими фарҳанги вожаҳо мавриди истифода қарор мегирад. Фарҳанги вожаҳо худ китобест, ки вожагони як забонро ҳамроҳ бо маънии онҳо, чун фарҳангҳои якзабона ё муодили онҳо аз қабили ду ё чандзабона ба сурати алифбоӣ тақдим месозад ва дар баробари онҳо иттилооти мавриди ниёзи вожагон, муштаракоти маъноӣ ва созгориро афзон менамояд [1, с. 283]. Ба ибораи дигар фарҳангнигорӣ феҳристе аз вожаҳост, ки маъмулан бо тартиби алифбо мураттаб гардида, роҷеъ ба маъно, талаффуз, тарзи навишт ва муодили онҳо маълумот медиҳад [5, с. 108].

Баррасиҳое, ки дар бораи калимаҳо, маънии онҳо, таҳаввулот, тағйироти шаклӣ ва маъноии онҳо дар тӯли замон ва хулоса дар бораи равобити онҳо бо якдигар шакл гирифта, ҳама дастовардҳои илми вожашиносӣ аст, ки муҳимтарин василаи фаъолияти фарҳангнигор низ мегардад. Ба ибораи дигар, меъёр ва андозаи воқеияти вуҷудии ҳар вожа, чигунагии истифодаи он дар замонҳои гузашта ва ҳозира аст.

Фарҳангнависӣ яке аз шохаҳои корбурди вобаста ба забоншиносӣ аст, ки илова бар маҳорат ва истеъдод ба дастовардҳои забоншиносӣ ҳам ниёзманд аст. Бинобар ин, ҳарчи илми забоншиносӣ аз ҷумла забони арабӣ равнақ ёбад, фаъолияти фарҳангнависӣ ҳам тибқи он амиқтару борвартар хоҳад шуд.

Фарҳангнависӣ дар тули замон ба воситаву имконоти мавҷуд дар ҷомеа вобаста буда, таҳаввулоти гуногунеро сипарӣ намудааст. Дар бештари анъанаҳои фарҳангнависӣ аз ҷумла дар миёни арабҳо, форсҳо ва дар забони санскрит бисёре аз нишонаҳои қадимаи осори вобаста ба фарҳангнависии қолабӣ вазну баҳри шеърӣ доранд. Барои мисол дар суннати санскрит важаҳои мутародиф, ки ба сурати мавзуӣ мураттаб шуда будаанд ва дар даврони таҳаввул ва тавсеаи гуфтор қабл аз савод ва оғози таҳаввул дар навиштан ривоҷ дошта, аз ин қолаб барҳӯрдор ҳастанд. Дар ибтидо, ки китоб набуд он аз насл ба насл ба сурати шифоҳӣ мунтақил мешуд ва барои осон ба хотир гирифтан ва ҳифз кардан инконоти ёдоварандае монанди ритм, вазн, қофия ва шояд навъи мусиқӣ дар он ғунҷонида мешуд [6, с. 7-14].

Фарҳангнигорӣ ғолибан ба иштибоҳ бахше аз забоншиносӣ тасаввур мешавад. Ҳол он, ки фарҳангнигорӣ худ соҳаи мустақил аст. Соҳае, ки талошҳояш бо назарияҳо ва фаъолиятҳои улуми иттилоърасонӣ, адабиёт, нашр, фалсафа, забоншиносии таърихию татбиқӣ ва амалӣ шакл гирифта равшан мешавад [6, с 11-14].

Бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки фарҳангнигориро метавон муодили вожашиносии амалӣ донист, зеро фарҳангнигор бояд бидонад, вожа чист ва чи чиз бояд дар тавсиф ва таърифи як вожа ҷой дода шавад. Дар натиҷа метавон тасаввур кард, ки ҳар кори фарҳангнигорона ҳадди ақал то ҳудуде назарияҳои забоншиносиро ба сурати сареҳ ё зимнӣ ба кор мегирад. Ба унвони мисол дар вожашиносӣ ба вожаҳои муродиф ва якнавохт (омоним) таваҷҷуҳи хосса мешавад. Ин мавзуъ мавриди таваҷҷуҳи хосси фарҳангнигорон ҳам қарор дорад, аз ин назар шояд битавон фарҳангнигориро вожашиносии амалӣ таъбир кард. Албатта, ҳамон тавр, ки фарҳангнигорӣ аз таҳқиқотҳои назарии вожашиносӣ истифода мекунад, метавонад бар ин назарияҳо таъсири мутақобил низ дошта бошад ва ба полоиши онҳо кумак расонад. Танҳо вожашиносӣ ба унвони бахше аз забоншиносӣ нест, ки барои фарҳангнигорӣ чорчӯби назарӣ фароҳам месозад, барои мисол забоншиносии иҷтимоӣ низ на танҳо дар баррасӣ ва интихоби тафовутҳои забоние, ки бояд дар фарҳанг истифода шавад ва ё дар иттилооте, ки дар бораи маонии мутафовит фарогири сабк ва ё тафовутҳои маъноӣ, ки дар корбурди калима дар мавқеият ва заминаи хос низ бояд ғунҷонида шавад, таъсир дорад [4, с. 354-356].

Барои он ки фарҳангнигор тавонад дар баҳрабарӣ аз қолаби забон муваффақ бошад, ночор аст, ки нахуст тибқи аҳдофи хеш шеваномае барои ҳадафу мароми худ фароҳам созад, зеро ҳар як навъи фарҳанг қолаби хосси худро дорад. Аз ин рӯ, бо ёрии шеванома метавон муайян кард, ки чӣ гуна вожагони худро фароҳам оварда, онҳоро арзёбӣ намуд. Бешубҳа яке аз ҷиддитарин пурсишҳо дар фарҳангнависии муосир он аст, ки "фарҳанг чӣ гуна таҳия мешавад?" фарҳангнавис бояд асосан вазъияту сарнавишти маҷмӯи вожаҳои забони мавриди назарро дар пайкараи забон аз назари овошиносӣ, наҳв ва маъно сабт намояд, то усули фарҳангнависӣ ва ниёзҳои онро фаро гирифта бошад. Пеш аз ҳар амал тавсифи комили вожашиносии ду забон назди муаллиф фароҳам бошад, то вожагонро бо риояи ҳамаҷониба ба ойинҳои тарҷума ба кор гирад. Аз он ҷо ки ин гуна пажӯҳишҳои илмӣ дар тавсифи ду забон камтар анҷом ёфтааст, ночор кори фарҳангнигор бисёр душвор мешавад, зеро ӯ инак наметавонад ба осонӣ система интихоб намояд, ки ниёзи мухотибонашро дар шакли беҳтар бароварад. Масалан, бояд муайян шавад, ки гузиниш ва ироаи калимаҳо дар чи муханизме қарор гирифтааст, агар як калима тарзи навишти гуногун дорад, авлавиятро ба кадом тарши навишт дод ва бо бақияи тарзи навишт чӣ гуна бояд барҳӯрд кард, ки дар дастраси хонанда низ қарор бигирад? оё агар калима чандин талаффуз дошта бошад, чӣ гуна б очи абзоре бояд онҳоро арзёбӣ намуд? Ин душвориҳо боиси он гардидааст, ки бархе аз кишварҳо бавижа онҳое, ки дар кори забоншиносӣ пешрафт доштаанд, мавзӯи фарҳангнависиро бисёр ҷиддӣ бигиранд ва ҳатто марказҳое барои тарбияи мутахассис барпо кунанд, то ба чаҳор саволи аслӣ дар ин ҷода посухи кофӣ бидиҳанд, ки ин саволҳо аз ин қароранд: а) чӣ касе фарҳанг таҳия мекунад?, б) чӣ гуна

фарҳанге таҳия мекунад?, в) чӣ гуна фарҳанги худро омода месозад?, г) барои чӣ касе фарҳанг таҳия месозад? [1, с. 285].

Тадвини фарҳанг асосан фаъолияти амалӣ аст, ки дар робита ба андозаи таваҷҷуҳи башар ба иртиботи навишторӣ таърихи қадима дорад [2, с. 245-260]. Ба назар мерасад, ки нахустин талошҳо оид ба таҳияи вожагон феҳристи кӯтоҳ аз вожаҳои аккадӣ дар сарзамини Байнаннаҳрайн бошад, ки марбут ба қарни ҳафтуми пеш аз мелод аст. Чиниҳо, юнониҳо ва ошуриҳо низ пешгомони таълифи фарҳангномаҳо ҳастанд ва алалхусус чиниҳо пешгомтар аз ҳама будаанд ва гумон меравад, ки онҳо қарнҳо пеш аз мелод бо фарҳанги вожаҳо ошноӣ доштаанд. Ошуриҳо ҳам дар ҳудуди қарни ҳафтуми қабл аз мелод ба далели тарс аз нобуд шудани забонашон луғатномаҳоеро бар хиштҳои пухта тадвин намуда, дар китобхонаҳо нигоҳдорӣ мекарданд. Юнониҳо низ луғатномаҳоеро таълиф карданд, ки шомили тафсир ва тавзеҳи баъзе аз вожаҳои китобҳои Афлотун будааст. Ба зарурати кӯтоҳ кардани мавзӯи таҳқиқ танҳо ба баъзе масоили фарҳангнигории ҷаҳони араб, Ғарб ва форсу тоҷик пардохта мешавад.

Арабҳо дар кори таълифи вожанома пешгомтар аз аврупоиҳо ҳастанд, зеро нахустин фарҳанги забони арабӣ дар қарни ҳаштуми мелодӣ таълиф шуд, дар ҳоле ки аввалин фарҳанги луғавӣ дар Аврупо дар қарни XVII ба риштаи таҳрир даромад. Ин бад-он маънӣ аст, ки мусулмонон IX қарн қабл аз таълифи нахустин фарҳанги забони англисӣ ва ҳудуди V қарн қабл аз зуҳури аввалин фарҳанги забони лотинӣ луғатнома таълиф карда буданд.

Таълиф ва таҳияи фарҳанг шомили фаъолиятҳои мухталифе аст, ки баъзе аз онҳо мустақиман боиси тавлиди вожанома шуда, баъзеи дигар ҷанбаи заминасозӣ ва омода кардани шароитро дорад. Фаъолиятҳои муқаддамотии нигориши фарҳанг ба баррасии бозор ва вижагиҳои он, тарроҳии сохтори куллӣ, омӯзиш ва бозомӯзии коркунон ва ғайра марбут мешавад, ки ғолибан ба иллати таваҷҷуҳи зиёд ба марҳилаҳои аслии сохти фарҳанг, яъне ҷамъоварии иттилоот, вероиш ва интишори ин фаъолиятҳои муқаддимавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор немегирад.

Албатта, имрӯз бо истифода аз компютер ва дастрасии сареъ ба матнҳои электронӣ кор босуръат анҷом мешавад. Истифода аз комютер ноширонро низ ба таҳияи ин навъи пойгоҳҳои иттилоотӣ пеш бурдааст, то онҳо тавонанд дар таълифи фарҳангҳо аз он истифода намоянд. Ин пойгоҳҳо ду хел мешаванд: а) пойгоҳҳои иттилоотии манобеи забон; б) пойгоҳҳои иттилоотии калимаҳо. Пойгоҳҳои иттилоотии манобеи забон ба унвони пойгоҳи мустанадсозии вожаҳои фарҳанг мавриди истифода қарор мегиранд ва дар шакли матлуб аз маҷмӯаи архивҳои матнӣ ва истинодии хос аз маҷмӯаи манобеъ мунташиршуда ташкил мешаванд. Пойгоҳҳои гурӯҳи дуюм, яъне пойгоҳҳои иттилооти калимаҳо шомили калимаҳои калидӣ, маъноӣ ва таърифҳо ва дигар категорияҳои иттилоотӣ чун талаффуз ва корбурди вожа аст.

Муҳимтарин марҳилаи раванди фарҳангнигорӣ навиштан ва вероиши калимаҳо дар пойгоҳи иттилоотии калимаҳост. Фарҳангнигорон дар ин кор аз кумаки мушовирони ҳирфаӣ, ҳунарӣ ва гурӯҳҳои мушовара баҳра мебаранд ва метавонанд аз назарияҳои онҳо дар хусуси маънӣ ва корбурди вожаҳо, бахусус дар ҳавзаи тахассусӣ истифода кунанд. Қабл аз вероиши ниҳоӣ вероиши муқаддимавӣ дар асар анҷом меёбад. Дар ин марҳила дар мавриди сохтор ва формати фарҳанг тасмимоти хосса пазируфта мешавад, яъне оё маъноҳо бар асоси тартиби замонӣ мураттаб шавад, ё бар асоси басомади истифодаи маъниҳои нав. Веросторон метавонанд, бар асоси манобеи бузурги мавҷуд аз роҳи барномаҳои вожанамо қазовати корбаронро ҳам дар ҳавзаи тафовути маъно ва ҳам дар хусуси коркарди истифода бисанҷанд.

Марҳилаи ниҳоии раванди сохти вожаномаҳо таълиф, тақсим, харидор ва фурӯши фарҳангномаҳо мебошад. Рақобат байни муассисаҳои нашриётӣ барои нашр ва теъдоди фурӯши вожаномаҳо дар ҳамаи бозорҳои ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, ки гоҳо танҳо бартарии ҳунарӣ ва ороишӣ дар ҷалби тиҷорати вожаномаҳо ба мушоҳида мерасад [6, с. 7-14].

Дар ҷаҳони имрӯз фарҳангнигор илова бар ниёз ба омӯзиши умумӣ бояд шахси бофаросат, ҷустуҷӯгар ва дақиқ буда, дар заминаи масоили вобаста ба забон истеъдоди фитрӣ дошта бошад, ки дар натиҷа омӯзишҳои тахассусӣ боиси шукуфо шудани ин вижагиҳо ва тарбияи мутахассисони фарҳангнигорӣ мешавад.

Дар даврони муосир дигар вожаи "фарҳанг" танҳо маҷмӯе аз вожаҳои гирдомада ва мураттабгардида нест, балки он набардест аз ҳазорон нуктаи ошкору ниҳон дар мавриди маонӣ, сохт ва корбурди вожагони забон ва муаррифи онҳо аз ҷанбаҳои мухталиф ва ба шеваҳое мебошад, ки дар ҷомеа ва мавқеиятҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ ба кор меравад. Истифода аз фарҳанги вожаҳо имрӯз танҳо барои маъношиносӣ ба кор намеравад, балки барои шинохти манзуре, ки суханварони як забон аз корбурди вожае дар матн ё гуфтор доранд, низ мавриди истифода қарор мегирад. Бинобар ин, барои фарҳангнавис кофӣ нест, ки дар заминаи адабиёт, забоншиносӣ ва фалсафа коршинос бошад, балки бояд бо усул ва шеваҳои илмии фарҳангнависӣ низ ошноии кофӣ дошта бошад [3, с. 16-18]. Ҳадафи фарҳангнависӣ тадвини фарҳанг ё вожанома аст, ки дар они воҳид мавзуи фарҳангнигории назарӣ ва кори амалии фарҳангнигорӣ аст. Омилҳои мухталифе дар зарурати нигориши анвои фарҳангҳо муассир ҳастанд, аз ҷумла таърифи "вожаҳои мушкил", ки дар торихчаи фарҳангнигорӣ аз нахустин ангезаҳо будааст. Имрӯза низ ин амр яке аз истифодаҳои шинохта аз фарҳангҳо ва вожаномаҳои умумӣ аст ва баъзе вожаномаҳои тахассусӣ дар посух ба ин ниёз тадвин мешаванд. Омили дигаре ҳамчун талаққӣ ва идғоми фарҳангҳо, ки бештар шомили муҳоҷиратҳо, ҷангҳо, ҳокимияти бегонагон, фаъолияти мубаллиғони мазҳабӣ ва ғайра аст, ки дар асри ҳозир густариши робитаҳои ҷаҳонӣ ва тахассусӣ шудани илмҳо зарурати тадвини фарҳангҳои дузабона, чандзабона ва тахассусиро ҷудонопазир кардааст. Аз сӯйи дигар, падидаи адами қатъияти забонӣ, нопойдорӣ ва бесуботии хусусиятҳои маъноӣ ва корбурди луғатҳо ва ин воқеият, ки вожаҳои як забон ҳамзамон дархӯри таҳаввулоти замонӣ, маконӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ мешаванд, ба гунае, ки на танҳо маъно, балки корбурди онҳо низ дучори таҳаввул мешавад, заруратеро барои бознигарии пайваста дар фарҳангҳо ва тадвини фарҳангҳои нав эҷод мекунад.

Хулласи калом, яке аз усулҳое, ки дар фарҳангнигории даврони муосир пешрафт кардааст, таваҷҷуҳ ба назари корбар аст. Корбарон бо далелҳои мухталиф аз фарҳангҳо истифода мекунанд. Аммо дар гузашта фарҳангнигорон бар замми саъй дар посух ба ниёзи гурӯҳҳои бузурги корбарон дар посух ба ниёзҳои алоҳидаи гурӯҳҳои хурд таваҷҷуҳи андак доштанд ва аз ин ҳақиқат ғофил буданд, ки корбарон бар асоси ниёзашон дар робита ба заминаи мавриди истифодаашон аз фарҳанг тафовут доранд. Дар даврони муосир барои шинохти вижагиҳои истифодакунандагон заминаҳои мухталифи истифода аз фарҳанг ва коркарди он дар шароити мухталифи истифода ва маҳоратҳои мавриди ниёзи пажуҳишҳои корбар анҷом гирифтааст.

АДАБИЁТ

۱. آذرنوش، آذرتاش. فرهنگ معاصر عربی – فارسی بر اساس فرهنگ عربی – انگلیسي هانس ور. تهران: نشر نی، ۱۳۷۹.

۲. هارتمن، ر.ر.ك. مبانی نظری و عملی تدوین فرهنگ. ترجمه حسن هاشمی میناباد. فرهنگ. ص ۲۶۰-۲۴۵.

۳. وثوقی، حسین. واژه‌شناسی و فرهنگ‌نگاری در زبان فارسی. تهران: مرکز بازشناسی اسلام و ایران (باز)، ۱۳۸۲.

4. Amvela, Etienneza. Lexicography and Lexixology. Encyclopedia of Language Teaching and Learning. -PP. 354-356.
5. Dictionaries. The Cambridge Encyclopedia of Language. -PP. 108-118.
6. Hartman, R.R.K. and Gregory James. Dictionary of Lexicography. -London: Routleage, 1998.

ФАРҲАНГНИГОРӢ БА СИФАТИ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛӢ ВА СОҲАИ МУСТАҚИЛ ДАР ИЛМИ ЗАБОНШИНОСӢ

Фарҳангнигорӣ, дар воқеъ як равиши хоссаи илмӣ аст, ки барои таҳия ва танзими фарҳанги вожаҳо мавриди истифода қарор мегирад. Фарҳанги вожаҳо худ китобест, ки вожагони як забонро ҳамроҳ бо маънии онҳо ба сурати алифбоӣ тадқим месозад ва дар баробари онҳо иттилооти мавриди ниёзи вожагон, муштаракоти маъноӣ ва созгориро афзон менамояд. Фарҳангнависӣ яке аз шохаҳои корбурди вобаста ба забоншиносӣ аст, ки илова бар маҳорат ва истеъдод ба дастовардҳои забоншиносӣ ҳам ниёзманд аст. Фарҳангнависӣ дар тули замон ба воситаву имконоти мавҷуд дар ҷомеа вобаста буда, таҳаввулоти гуногунеро сипарӣ намудааст. Тадвини фарҳанг асосан фаъолияти амалӣ аст, ки дар робита ба андозаи таваҷҷуҳи башар таърихи қадима дорад.

Калидвожаҳо: фарҳангнигорӣ, калима, фарҳангнавис, забоншиносӣ, вожашиносии амалӣ, вожаҳои муродиф, вожаҳои якнавохт, забоншиносии иҷтимоӣ, овошиносӣ, усули фарҳангнависӣ.

ЛЕКСИКОГРАФИЯ КАК ФОРМА ПРАКТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ОБЛАСТЬ В ЛИНГВИСТИКЕ

Лексикография, по сути является уникальным научным подходом, который используется для развития и регулирования словарных слов. Сам словарь представляет собой книгу, которая представляет слова языка вместе с их значениями в алфавитном порядке, и в то же время предоставляет информацию о потребностях слов, семантических общностей и согласованности. Словарная письменность является одной из ветвей лингвистики, которая, помимо навыков и талантов, также требует лингвистических достижений. За прошедшие годы Словарная письменность претерпела различные изменения в зависимости от средств и возможностей, имеющихся в обществе. Развитие лексикографии – это в основном практическая деятельность, которая имеет давнюю историю с точки зрения степени человеческого интереса.

Ключевые слова: лексикография, слово, лексикограф, лингвистика, практическая лексикография, синонимы, односложные слова, социальная лингвистика, фонетика, методы лексикографии.

LEXICOGRAPHY AS A FORM OF PRACTICAL ACTIVITY AND AN INDEPENDENT FIELD IN LINGUISTICS

Lexicography is one of the special scientific methods which is used in preparing the dictionary of terms. The dictionary of terms is the book which presents the terms of a language with their meaning and adds necessary information, with related meanings to it. Lexicography is a part of linguistic which requires talent and linguistic experience. Lexicography depends on the progress of society and during a long time it gained different shapes and improvements. Preparing dictionaries is mainly a practical work which has an ancient history.

Keywords: Lexicography, word, lexicographer, linguistic, practical terminology, synonyms, monotonic terms, social linguistic, phonetic, method of lexicography.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Солиҳов Наҷмиддин Ҳамдамович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздик. **Суроға:** 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. **E-mail:** najmiddin83@bk.ru. **Тел.:** (+922) 935-27-84-28

Сведения об авторе: ***Солихов Наджмиддин Хамдамович*** **–** Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, дотсент кафедры филологии Ближнего Востока. **Адрес:** 734019. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Мухаммадиев, 17/6. **E-mail:** najmiddin83@bk.ru. **Тел.:** (+922) 935-27-84-28

Information about the author: ***Solihov Najmiddin Hamdamovich*** **–** International University of foreign languages of Tajikistan named Sotim Ulugzoda, candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Near Eastern philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Muhammadiev, 17/6. **E-mail:** najmiddin83@bk.ru. **Phone:** (+922) 935-27-84-28

ТАВОНОИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР БАРОБАРИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Абдулҳадов Ҷ.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони форсӣ-тоҷикӣ дар дарозои ҳазор сол роҳи душвореро паймудааст, то ба гунаи имрӯзии худ расидааст. «Ман дар забони форсӣ нуқс намебинам ва ҳар ҷо ки дар таъбир аз маънии мақсуди худ ба мушкилӣ бархӯрд кунам, онро нуқси худ дар огоҳӣ аз дақоиқи ин забон медонам, на айби форсӣ. Агар мо имрӯз дар баёни мақсуди худ дармемонем, оё наметавон гумон бурд, ки забони худро дуруст наёмӯхтаем» [8].

Вале он чӣ сабаби нигаронӣ аст, ба кор бурдани вожаҳои бегонаи фаровон дар забони форсӣ-тоҷикӣ дар замони имрӯза аст. Ин вожагони бегона ҷойгузини вожаҳои худӣ шуда, андак-андак вожаҳои худиро аз доираи корбурд берун ронда, асоси фаромӯшии онҳо мешаванд.

Бар ин бовар ҳастем, ки ҳамаи забонҳо бо ҳам баробаранд ва аз дидгоҳи арзишҳои инсонӣ ҳеҷ забоне бар забони дигар бартарӣ надорад. Бо ҳеҷ забоне сари ситез надорем ва бовар дорем, ҳар забоне барои гӯйишварони он забон беҳтарин ва боарзиштарин забон аст ва гӯйишвари ҳар забоне бояд битавонад аз забони худ посдорӣ кунад. Ҳамаи забонҳои ҷаҳон боарзиш ҳастанд ва ҳеҷ мардумоне наметавонанд бо забони худ ба дигар мардумон фахр бифрӯшад ва ё забонҳои дигарро хор бишморанд. Ҳамон гуна ки гуфта шуд, ҳар забоне дар ҷойи худ бисёр разишманд аст ва гӯйишварони ин забонҳо низ бояд бар тавонмандсозии забони худ ва зудудани осебҳое, ки ба он забон расидааст, кӯшо бошанд.

Дар ин ҷо мехоҳам андешаҳои Ҷалолиддини Каззозиро, ки яке аз сарагароёни забони порсист, биёварам: «Забони шакарину шевои порсӣ, ки метавонем бедирангу дудлӣ онро

нағзтарин ва тавонмандтарин забони зебошнохтӣ дар ҷаҳон бидонем, сиришту сохтори дугона ва носозворона дорад: аз сӯе забоне аст, бисёр судаву сода, нағзу нозук, бо зангу оҳангии диловезу хунёӣ ва гӯшнавоз; аз дигар сӯй, забони устувору сахтҷону пойдор, ки туфонҳову тундбодҳои саҳмноку ситезомезро аз сар гузоронидааст ва дар дарознои садаҳову ҳазорҳо сол, барҷой ва барпой мондааст ва бори гарону пуштшиканро бар дӯш кашидааст, ки фарҳанги гаронсанг ва нозишхези эронӣ аст. Ин забон, баҳраҷӯӣ аз тавоноиҳо ва диловезиҳои хеш, ҳамвора имрӯзиёни Эронро ба дирузён ва пасиниёнро ба пешинён ва наводагонро ба ниёкон пайвастааст ва риштаи сахту устувор ва ногусастанӣ будааст, ки гузаштаи Эронро акнунӣ ва рӯзомад гардонидааст пойгоҳ ва якпорчагии фарҳангу таърих Эрон гардидааст» [3, 4-7].

Дар китоби «Вожаномаи порсии сара»-и Фарҳангистони азбони форсӣ вожаи “адабиёт”-ро, ки мо гумон мекунем арабист, чунин шарҳ додааст: адабиёт- адабсаро. Адаб худ як вожаи порсӣ аст, ки ба арабӣ рафтааст; дабир, дабира, дабистон ва дабиристон ҳар як аз “адаб” гирифта шудаанд [2, с.49].

Чанд вожаи дигарро аз ин китоб, яъне «Вожаномаи порсии сара»-и Фарҳангистони азбони форсӣ ин ҷо гувоҳ меовраем:

فارسی		**عربی**	
торпо	**تارپا**	ҳашара	**حشره**
торпоён	**تارپایان**	ҳашарот	**حشرات**
ёдгорҳо	**یادگارها، یادبودها، ماندها**	осор	**آثار**
дигарсаро	**روزبازپسین، دیگرسرا، دیگرگیتی**	охират	**آخرت**
вопасиндам	**واپسیندم**	охирин лаҳза	**آخرین لحظه**
корозмоӣ	**کارآزمایی**	таҷриба	**تجربه**
нигаристанӣ	**نگرستنی**	ҷолиби таваҷҷуҳ	**جالب توجه**
пагоҳи ростин	**پگاه راستین**	субҳи содиқ	**صبح صادق**
шуморгар, оморгар	**شمارگر**	муҳосиб	**محاسب**
шохоб	**شاخاب**	халиҷ	**خلیج**

Забоншинос ва пажуҳишгари эронӣ Дорюш Ошӯрӣ чунин гуфтааст: «Забони поку сара ҳеч ҷои дунё надорем. Вожае, ки ҷои як вожаи ҳамсонро гирифта бошад (монанди «ташаккур», ки ҷои «сипос»-ро гирифта ва ин вожаро берун карда), вомвожа нест ва аз роҳи доду ситади фарҳангӣ ҳам наёмада, басо ки зӯрвожа аст, ки бо шамшер омада ва бо забону килки чоплусони бегонапараст густариш ёфта» [4, 45].

Фаридаи Розӣ дар муқаддамаи китоби хеш "Фарҳанги вожаҳои форсии сара" таъкид кардаанд – дар ин фарҳанг, ба суроғи вожасозӣ нарафтаанд; балки кӯшидаанд барои вожаҳои арабии роиҷ дар забони имрӯзаи форсӣ, муодилҳоеро ёфтаанд ки пеш аз ин дар навиштаҳо ва гуфтаҳои форсизабонон вуҷуд дошта ва ба кор рафтааст.

Мисли ҳар фарҳанги дигаре, мумкин аст бархе аз ин вожаҳо барои шумо чандон ошно набошанд ва дар ниҳоят, тарҷеҳ бидиҳед аз ҳамон калимаи арабӣ истифода кунед (масалан “моеъ”-ро ба “обкӣ” тарҷеҳ диҳед). Ба ин чанд намуна таввақуҳ кунед:

فارسی	**عربی**

арз	**عرض**	паҳно	**پهنا**
ариз	**عريض**	паҳн	**پهن**
тул	**طول**	дарозо	**درازا**
тавил	**طويل**	дароз	**دراز**
умқ	**عمق**	жарфо	**ژرفا**
амиқ	**عميق**	жарф	**ژرف**
иртифоъ	**ارتفاع**	баландо	**بلندا**
муртафеъ	**مرتفع**	баланд	**بلند**

Ҳангоме ки вожаҳои арабӣ вориди забони форсӣ-тоҷикӣ шуданд, ором-ором вожаҳои порсӣ рӯ ба фаромӯшӣ ниҳоданд. Акнун шуморе аз вожаҳои порсӣ барои бисёре аз мо ноошно ҳастанд ва чами (маънои) онҳоро намедонем. Барои намуна ба чанд вожаи зер бингаред: дилустувор – мутмаин; болонавишта – фақуззикр; тавониш – зарфият; вопасингуфтор – хулоса; фарном – унвон; деринкада – музей...

Яке аз паёмадҳои омехта шудани забони форсӣ-тоҷикӣ бо вожаҳои бегона ҳамоно ба кор бурдани феълҳои омехта (феълҳои мураккаб) аст. Феълҳои омехтаи забони форсӣ-тоҷикиро нотавон мекунад. Бо феълҳои омехта наметавон вожаҳои нав сохт, вале бо феълҳои сода ба осонӣ метавон вожаи нав сохт. Аз ба кор бурдани феълҳои омехта, ки бо вожаҳои бегона сохта шуда, худдорӣ кунем ва ба ҷойи он аз феълҳои сода ва вожаҳои порсӣ-тоҷикӣ баҳра бигирем: ба ҷойи ҳазар кардан бигӯем **=** парҳезидан; фарз кардан **=** пиндоштан; ҳазф кардан **=** зудудан; шуруъ кардан **=** оғозидан; истироҳат кардан **=** осудан, изофа кардан **=** афзудан, имтиҳон кардан **=** озмудан; ифтихор кардан **=** болидан; таҳқиқ кардан **=** пажуҳидан; сабр кардан **=** шикебидан ва дигар.

Забони форсӣ-тоҷикӣ забонест тавонманду бениёз, нн тавонмандӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ бармегардад ба сохт ва дастгоҳи вожасозӣ дар ин забон, ки бисёр нерӯманду коромад ва бекарона аст. Мо метавонем бешумор дар забони форсӣ-тоҷикӣ вожа бисозем.

«Албатта мо аз пазируфтани баъзе луғоти хориҷӣ ногузирем ва дарвозаи ҳеҷ забонеро бар луғоти бегона наметавон баст, зеро ки ҳар миллате, ки кашфе ё ихтирое тоза кард ё мафҳуми нав дар илму ҳунар ба вуҷуд оварад ночор ба забони худ номе бар он мегузорад ва миллатҳои дигар, ки мавзуъ ё мафҳуми тозаро иқтибос мекунанд, ағлаб номи онро низ ба ҳамон номи аслӣ мепазиранд. Ба ин сабаб аст, ки имрӯз калимоти бисёр миёни ҳамаи миллал ба яксон маъмул аст ва мо ба ҳеч далел набояд аз пазируфтани ин калимот худдорӣ кунем» [8, 169].

Вожаи “қонун” арабист ва шояд мо гумон, кунем, ки баробарвожа ё муродифи онро дар забони порсӣ-тоҷикӣ надорем, аммо ҳаст, зеро забони форсӣ-тоҷикӣ забони тавоност ва дар ганҷинаи вожагонии худ ҳазорҳо вожаро посдорӣ мекунад, аммо мо соҳибони забон ба монанди марде, ки ҷомаи абрешимии худро бадар карда ва пӯстин ба бар кардаро мемонем.

Сухан дар мавриди вожаи арабии “қонун” аст. «Гӯянд ин луғат муарраби конун (**كانون**) аст ва арабӣ нест, лекин дар арабӣ мустаъмал аст» [1].

Шоир ва пажуҳишгари тоҷик Назри Яздонӣ дар китоби хеш «Ормонҳои ориёнӣ» чунин нигоштааст: «Миллати мо дар тули таърих дар даврaҳои гуногун номҳое доштааст, бо вуҷуди гуногун будани ин унвонҳо дар таркиби онҳо ду унсур ҳамеша ҳамчун нишонаҳои асолаташ сикка зада шудаанд: маърифат ва адолат.

Таркиби унвони «пешдодиён» - (параса-дата) аз ду бахш иборат аст: “параса”, - префикси ифодакунандаи муқаддимият, пеш будан, замина; ва “дата” ба маънои дод, адолат, қонун.

Пешдодиён – парасадата – яъне қонунпешагон. Қавме – ҷамияте, миллате, ки дар ҳама кору пайкор, дар ҳар ибтикороте пештар аз ибтидои он амал қонунро, таълимоти адолаташро пеш мегузорад, нияту нақшаеро бо ин қонун мувофиқ ва татбиқ мекунад. Бо қонунӣ будан, одилона будани нақшааш, ки эътимод ҳосил кард, онро дар амал анҷом медиҳад» [6, 47].

عربی		فارسی	
қонун	**قانون**	дота	**داته**
қонунӣ	**قانونی**	дотаӣ	**داتهای**
қонунманд	**قانون مند**	дотаманд	**داتهمند**
қонунгузорӣ	**قانون گذاری**	дотагузорӣ	**داتهگذاری**
қонунӣ кардан	**قانونی کردن**	дотондан	**داتاندن**
қонунӣ шудан	**قانونی شدن**	дотидан	**داتیدن**

Хушбахтона имрӯз вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ ором-ором ҷойи вожаҳои арабиро гирифтаанд, монанди: **дониш (илм), донишӣ (илмӣ), донишомӯз (мутааллим), донишҷӯ (муҳассил), донишомӯхта (фориғуттаҳсил), донишманд (олим), донишнома (доиратулмаориф), донишсаро (дорулмуаллимин)** ва...

Поёни сухан ин ки барои поксозии забон аз вомвожаҳо ба пиндори мо ду роҳ аст, яке истифодаи вожаҳо аз ганҷинаи забон аст, ки дар адабиёти куҳан нигаҳдорӣ мешаванд, вале имрӯз шуморе аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ сурурда шудааст. Роҳи дувум баҳрагирӣ кардан аз гӯишҳо аст, ки вожагони гумшуда ва азёдрафтаро гӯишварон дар забони хеш зинда нигаҳ доштаанд, онҳоро метавон дар баробари вожаҳои арабӣ ба кор бурд.

АДАБИЁТ

1. Алиакбари Деҳхудо. “Луғатномаи Деҳхудо” (нусхаи диҷитол) бар асоси нусхаи физикии 15 ҷилдӣ, интишори соли 1377. Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо ва Маркази байналмилаии омӯзиши забони форсии Донишгоҳи Теҳрон, 1399.
2. Алии Кофӣ. Мабонии илми вожасозӣ ва вожагузинӣ. Номаи фарҳангистон. 1374, №2. - С. 49-67.
3. Вожаномаи форсии сара. Фарҳангистони забони форсӣ. – Теҳрон, 1390. – 250 с.
4. Дорюш Ошӯрӣ. Бозандешии забони форсӣ. – Теҳрон: “Огоҳ”, 1356. – 241 с.
5. Миёвуш Юсуфнажод. Фароянди вожасозӣ ва вожагузинӣ дар забон ва адабиёти форсӣ. /Рушди омӯзиши забони форсӣ/. – Теҳрон, 1388. – №91. – С. 56-58.
6. Назри Яздонӣ. Ормонҳои ориёнӣ (Аз Бостон то Ҷовидон). – Душанбе: “Шоҳин-С”, 2021. – 384 с.
7. Нигор Доварии Ардаконӣ. Сарагароии забонӣ. – Теҳрон, 1378. – 152 с.
8. Парвиз Н.Х. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. – Теҳрон: “Тӯс”, 1373. – 301 с.
9. Фарида Розӣ. Фарҳанги фожаҳои форсӣ барои вожаҳои арабӣ дар форсии муосир. – Теҳрон: “Марказ” 1380. – 256 с.
10. Ҷалолиддини Каззозӣ. Зебошиносии сухани порсӣ./Даҳ мақола/ – Теҳрон: “Нашри марказ”, 1375. – 195 с.

ТАВОНОИИ ЗАБОНИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР БАРОБАРИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Ҳароина ормони мо аз нигоштани ин мақола ситез бо забони арабӣ набуда, танҳо нишон додани баробарвожаҳои (синонимҳои) вожаҳои забони форсӣ дар баробари вожаҳои забони арабист.

Хушбахтона дар ганҷинаи забони мо ҳазорҳо вожа ҳаст, ки мо дорандагони ин забон онҳоро ба гӯшаи фаромӯшӣ супурдаем. Беҳтар аст ба ҷойи корбурди вожаҳои бегона ва ноошно, ки мояи нишон додани нодории фарҳангӣ ва забонӣ мегардад, аз вожҳои хеш баҳрагирӣ кунем.

Калидвожаҳо: забони форсӣ, забони арабӣ, вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ, вожаҳои арабӣ, вожаҳои бегона.

СИЛА ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА ПО СРАВНЕНИЮ С АРАБСКИМ ЯЗЫКОМ

Разумеется, нашей целью при написании этой статьи не является противостояние арабскому языку, а лишь демонстрация эквивалентных (синонимичных) слов в персидском языке по сравнению с арабским.

К счастью, наш язык обладает богатейшим сокровищем из тысяч слов, которые мы, его носители, со временем предали забвению. Лучше использовать свои родные слова вместо иностранных и незнакомых, так как последние могут создавать впечатление культурной и языковой бедности.

Ключевые слова: персидский язык, арабский язык, персидско-таджикские слова, арабские слова, иностранные слова.

THE STRENGTH OF THE PERSIAN-TAJIK LANGUAGE COMPARED TO THE ARABIC LANGUAGE

Of course, our intention in writing this article is not to oppose the Arabic language but rather to highlight the equivalent (synonymous) words in the Persian language in comparison to Arabic.

Fortunately, our language holds a vast treasury of thousands of words that we, its speakers, have neglected over time. It is better to use our own native words instead of foreign and unfamiliar ones, as the latter can create the impression of cultural and linguistic poverty.

Keywords: Persian language, Arabic language, Persian-Tajik words, Arabic words, foreign words.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдулҳадов Ҷумъахон Зикируллоевич – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. **E-mail**: abdulhadovj@inbox.ru. **Тел**.: (+992) 93 920 77 77.

Сведения об авторе: Абдулхадов Джумахон Зикируллоевич – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. **E-mail:** abdulhadovj@inbox.ru. **Тел**.: (+992) 93 920 77 77.

About the author: Abdulhadov Jumakhon Zikirulloevich – Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associated Professor of Iranian Philology Department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. **E-mail**: abdulhadovj@inbox.ru. **Tel**.: (+992) 93 920 77 77.

КОРБУРДИ ФЕЪЛИ “ लगना ” ДАР ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Раҳматуллоева З.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Такя ба маводи дар грамматикаи забони муосири ҳиндӣ мавҷудбуда, дар баробари дигар ҳиссаҳои нутқ баъзе феълҳо дар калимасозӣ, таркиббандӣ ва сохтани воҳидҳои фразеологӣ хеле фаъол баромад мекунанд. Ба гунаи ин феълҳо феълҳои **लगना** (lagnaa) пайванд кардан (пайвастан), ҷой додан, **देना** (denaa) додан، **लेना** (lenaa) гирифтан، **पड़ना** (parnaa) афтодан, **खाना** (khaanaa), **पाना** (paanaa) гирифтан ва ғайраро дохил карда метавон. Вале дар шумори феълҳои номбаршуда, феъли **लगना** нисбат ба дигар феълҳои ҳиндӣ серфаъолтар мебошад.

Дар фарҳанги “Ҳиндӣ- русӣ” (1972, 150000 вожа) феъли мондаи **लगना** (lagnaa) бо 37 ва феъли намуди гузарандаи он **लगाना** бо 31 маъно омадааст. Ҳар яке аз ин маъноҳо дар мавридҳои мувофиқ ба кор бурда мешаванд. Феъли **लगना** чанд амалу ҳаракатҳои феълиро иҷро мекунад, ки дар забони тоҷикӣ ин амалу ҳаракатҳоро феълҳои ҷудогона ба монанди часпидан,овехтан, шинонидан (и ниҳол, дарахт, бутта), вохӯрдан ва ҳамчун феъли ёвар таркибҳои зиёди феълӣ ба мисли машғул шудан (кардан), ҷойгир шудан, ташна шудан, ошиқ шудан, ғазабнок шудан, хоҳишманд шудан, майл кардан, ба назар расидан, пайваст кардан, дучор шудан ва ғайра ифода мекунанд.

Маънои ҳаракату амал бо иштироки феъли **लगना** хеле мухталиф аст. Маъноҳои корбурди феъли **लगना** -ро метавон бо пайдарпаии зерин ишора кард:

- овехтан: **कमरों में चित्र लगे हैं।** Дар ҳуҷраҳо суратҳо овезонанд. **दीवारों पर पेंटिंग लगी थीं।** Дар деворҳо тасвирҳо овезон буданд.

- пайваст кардан; барқарор кардан, часпонидан. Мисол, **दीवार पर लाइट लगी है।** Дар девор (сими) барқ гузаронида шудааст. **कमरे में पंखा लगा था।** Дар ҳуҷра шамолдиҳак барқарор (гузошта шуда) буд.

- бо коре банд будан, машғул шудан; **काम में लगा है।** Вай дар кор банд аст. **अपनी तैयारियों में लग गए।** Ба омодагиҳои худ машғул аст. **कल से ही अपनी परिक्षाओं को पास**

करने में लग गए। Маҳз аз дирӯз барои супоридани имтиҳонҳо машғул шудам. **तुम्हें इन सब झगड़ों से क्या मतलब**; **तुम अपने काम में लगो।** Шумо бо ин ҳама муноқишаҳо чӣ кор доред; Шумо андармони кори худ бошед. **वह सवेरे से लिखने में लगा है।** Вай аз саҳарӣ машғули навиштан буд. **जिस काम में तुम्हारा हाथ लगता है वह चौपत हो जाता है।** Ба ҳар коре ки даст занӣ, он вайрон мешавад. **यदि मिट्टी में भी उस का हाथ लग जाय तो वह सोना हो जाती है।** [9, 323] Дасташ ба хок расад ҳам, он ба тилло табдил меёбад. **रपट्टा लगना –** бисёр давидан, кӯшиш кардан. **उस ने बहुत रपट्टा लगाया, पर उस का काम न हो सका।**[8, 189] Вай бисёр кушиш кард, вале корашро иҷро карда натавонист.

- феълҳои ифодакунандаи эҳсосоти гуногун аз қабили **प्यास लगना** ташна мондан; **भूख लगना** гушна мондан; **मुझे बहुत भूख लगी है, मैं खाना चाहता हूँ।** Ман хеле гуруснаам, ман хӯрдан мехоҳам. **क्या आपकी दुकान पर पीने के लिए कुछ है क्योंकि मुझे बहुत प्यास लगी है।** Оё дар дӯкони шумо чизе барои нӯшидан ҳаст, зеро ман хеле ташнаам? **मुझे प्यास लगी** Ман ташна шудам. **कमज़ोर लगना –** заиф шудан ва ғайра.

- ҳиссиётҳои гуногуни рӯҳӣ ба монанди қаҳру ғазаб: **क्रोध लगना** ғазабнок шудан, **इच्छा लगना** хоҳиш кардан, **प्रेम लगना, लाग लगना** ошиқ шудан**,** меҳр бастан; - **उससे प्रेम लगा** ба вай ошиқ шуд**. इच्छा लगी कि वहाँ जाऊँ और उसे मिलूँ।** Ман хостам ба он ҷо раваму бо ӯ вохӯрам. **मोह लगना**- дилбастагӣ доштан, **डर लगना** тарсидан, **जाड़ा लगना** хунук хӯрдан, **गरमी लगना** гарм шудан. **आकर्षक लगना** моил, ҷалб кардан. **यह दुबली-सी लड़की रात के नौ बजे उसे बेहद आकर्षक लगी।** [5,8] Ин духтари лоғарак дар соати нӯҳи шаб ӯро беҳад ҷалб мекард.

ва ғайра.

- феъли **लगना** бо масдари намуди бавосита омада, шурӯъ шудани дилхоҳ амалро ифода мекунад; **खाने लगना** ба хӯрдан шурӯъ кардан**, पढ़ने लगना** ба хондан шурӯъ кардан. **वसंत ऋतु में हरे पत्तियाँ पेड़ों पर निकलने लगती हैं।** Дар фасли баҳор баргҳои сабз ба баромадан сар мекунанд. **मेहमान धीरे-धीरे जाने लगे।** Меҳмонон оҳиста-оҳиста рафтан гирифтанд. **वह खाना खाने लगा।** Вай ба хӯрдани ғизо сар кард. **वह कुछ-कुछ गुजराती पढ़ने लगा।** Вай каме ба хондани гуҷаратӣ шурӯъ кард. **उस का मन पिघलने लगा।** Дилаш об шудан гирифт**.**

लेकिन उस ने देखा, सीमा का नाम सुनते ही वे दुसरी तरफ़ देखने लगे। [2, 43] Аммо вай пай бурд, ки баробари шунидани номи Сима ӯ ба тарафи дигар нигоҳ мекард.

उस का मन पिघलने लगा। [2, 45] Дилаш об шудан гирифт.

मैं भी कैसा पागल हूँ, जो इस तरह की बातें सोचने लगा हूँ। [2, 36] Ман ҳам чӣ гуна беақл ҳастам, ки ба фикр кардани ин гуна андешаҳо шуруъ кардаам.

- ҷойгир шудан: **वहाँ रेलवे स्टेशन लगता है।** Дар он ҷо истгоҳи роҳи оҳан воқеъ (ҷойгир) аст.

- дар назди ягон ҷой қарор (ҷой) доштан: **बोट किनारे लगी** Заврақ дар назди соҳил қарор гирифт. (ё баста шуд). **दरवाजे पर गाड़ी लगना।** Дар назди дарвоза мошинро мондан.

- пайванди хешу таборӣ доштан: **ये हमारे मामा लगते हैं।** Ин кас ба мо амак мешаванд**. वह हमारा भाई लगता है।** Вай ба мо мисле ки бародар аст.

- харҷ шудан: **अरबों रुपये लग गये** -миллиард рупия харҷ карда шуд.

- сарф кардани вақт: **एक घंटा लगता है।** Як соат вақт мегирад. **दस मिनट लगते हैं।** Даҳ дақиқа вақт лозим аст. **दो दिन लगेंगे।** Ду рӯз лозим мешавад. **किताब लिखने में एक साल लगेगा।** Барои навиштани китоб як сол лозим аст. **इस काम को ख़त्म करने में डेढ़ घंटा लगेगा।** Барои ба охир расондани ин кор якуним соат лозим мешавад. **ब्याह में दस हजार रूपए लगे।** Барои тӯй даҳ ҳазор рупия сарф шуд.

- амал кардан: **यह उपाय नहीं लगता** ин роҳи ҳал нест (ин қарор амал намекунад). **दिल्ली की बहुत सारी कॉलोनियों में साप्ताहिक बाज़ार लगते हैं।** Дар бисёр микрорайонҳои Деҳлӣ бозорҳои ҳарҳафтаина ба кор медароянд (амал мекунанд).

- дучор шудан: **इन पहाड़ों में सांप लगते हैं।** Дар ин кӯҳҳо морҳо ҳастанд. **उस रास्ते में संध्या के बाद डाकू लगते हैं।** Пас аз шом дар он роҳ роҳзанҳо ҳастанд. **इस जंगल में शेर लगते हैं।** Дар ин ҷангал шерҳо ҳастанд (шерҳоро дучор шудан мумкин). **इस बाग में मच्छड़ लगते हैं।** Дар ин боғ хомӯшакҳо ҳастанд. **इस तलाब में मछलियाँ लगती हैं।** Дар ин ҳавз моҳиҳо ҳастанд. **जलपक्षियों की मालाएँ मैदानी की ओर उड़ती हुई दिखाई देने लगीं।** [8،74] Селаи паррандаҳои обии ба сӯи саҳро парвоз кардаистода ба назар мерасиданд.

- шинонидани ниҳол, дарахт, бутта: **आँगन में अमरूद का पेड़ लगा है।** Дар саҳни ҳавлӣ дарахти амруд шинонда шудааст. **आँगन में चमेली के पौधे लगे थे।** Дар саҳни хавлӣ ниҳолҳои ёсуман шинонда шуданд. **गमलों में पौधे लगे थे।** Дар кӯзаҳо навдаҳо шинонда буданд.

- баромадани (пухтани) мева, гул, сабзаҷот: **पेड़ में आम लगे हैं।** Дар дарахт манго мебарояд. **यह गुलाब इस जमीन में न लगेगा।** Ин садбарг дар ин замин намерӯяд.

- ба амал омадани ягон амал, воқеа: **बाहर पर लोगों की लाइन लगी थी।** Дар берун қатори одамон саф кашида буданд. **सड़क पर जाम लगा है।** Дар роҳ танба аст. **दूसरी तरफ़ मिलने वालों का भी ताँता लगा रहता था...।** Аз тарафи дигар шумораи хабаргирон ҳам зиёд мешуд... **झड़ी लगना – (लगातार वर्षा होना) तीन दिन से झड़ी लगी हुई है, बन्द होने का नाम नहीं लेती।** [8, 180] Се рӯзи охир борон борида, нишонаи қатъ шудани он мушоҳида намешавад.

- часпонидан, дохил кардан: Чунончӣ, **तसवीर में चौखटा लगना** дар тасвир чаҳорчӯба задан (расмро дар чаҳорчӯба ҷой додан), **अलमारी में शीशा लगना** дар (рӯйи) ҷевон оина часпонидан. **किसी के गले लगना** ба оғӯш гирифтан (ба гардани касе часпида гирифтан)

- олуда шудан, ба маънои рехтани ягон моеъ ба болои ягон ашё. Масалан, **पैर में कीचड़ लगना** ифлос шудани пой (ба пой ифлосӣ афтодан), **कपड़े में मिट्टी लगना** хоколуд шудани курта (ба курта афтодани лой), **कागज में दाग लगना** дар коғаз доғ пайдо шудан ва амсоли ин.

- як чизро (тугма) ба болои чизи дигар (матоъ, курта, домани чодар)дӯхтан, часпонидан: Масалан, **चादर में बेल लगना** ба чодар тӯрро дӯхтан, **धोती में फीता लगना** ба дҳотӣ тасмаҳои ороиширо дӯхтан, **कोट में बटन लगना** ба палто тугмаро дӯхтан.

- таъсир кардан. **डाक्टरी दवा नहीं लगती।** Доруҳои духтур таъсир намекунанд.

- айбдор кардан дар **हत्या लगना** куштору гуноҳи содиршуда, **पाप लगना** гунаҳгор ҳис кардан.

- мувофиқ омадан: **यह ताली इस ताले में लग जाती है।** Ин калид ба ин қулф мувофиқат мекунад.

- замима (илова) кардан: **पुस्तक में परिशिष्ट लगना** ба китоб замима дохил кардан, **रजिस्टर में पन्ने लगना** ба феҳрист саҳифа илова кардан.

- ашёҳоро ба тартиб гузоштан: **अलमारी में किताबें लगना** китобҳоро дар рафи ҷевон (ба тартиб) гузоштан, **दूकान पर माल लगना** дар дӯкон молҳоро ба тартиб гузоштан, **बरात लगना** тӯй барпо кардан (аз рӯи нақша).

- амалиёт дар сохтмону: **मकान में कल लगना** дар хона сутун сохтан, **छत के नीचे खंभा लगना** дар зери бом сутун гузоштан.

- захмдор кардан (гоҳҳо бо олот). Масалан, **लाठी लगना** чӯб (калтак) хӯрдан , **थप्पड़ लगना** торсакӣ задан, **तलवार लगना** бо шамшер задан ва ғайра.

- молидан. **लकड़ी पर वारनिश लगना** дар болои тахта лак молидан, **फोड़े पर दवा लगना** дар болои захм дору (марҳам) молидан, **सिर में तेल लगना।** дар сар равған молидан.

- соиш хӯрдан, масалан, **चलने में घोड़े के पैर लगना** соиш хӯрдани пойҳои асп ба якдигар дар вақти роҳ рафтан.

- барои ҳисоб кардани математикӣ: **पुरजा लगना** тақсим (ҷудо шудан), **जोड़ लगना** ҷамъ кардан.

- аз қафо шудан, ҳамроҳ будан: **तुम्हारे साथ भी सदा एक न एक आदमी लगा रहता है।** Бо ҳамроҳи шумо ҳамеша ягон одам ҳаст.

- нишона гузоштан: **मोहर लगना** муҳр гузоштан, **ठप्पा लगना** тамға гузоштан. **निशान लगना** нишон гузоштан.

- шудан (будан): Чунончӣ, **अभी हमें यहाँ देर लगेगी।** Ҳоло мо дар инҷо камтар вақт мешавем (мемонем). **वहाँ से हट जाओ**; **नहीं तो तुम्हारा ही नाम लगेगा।** Аз он ҷо дур шавед; Дар акси ҳол, номи шумо гирифта мешавад.

Дар баробари ин, феъли **लगना** ҳамчун феъли ёвар таркибҳои феълии нав месозад. Чунончӣ, **अच्छा लगना** маъқул шудан, **बुरा लगना** бад ҳис кардан, маъқул накардан, **लग लगना** иштирок кардан, **अँग लगना** баданро эҳсос кардан, **कमज़ोर लगना** заиф шуморидан , **नादान लगना –** беақл ҳисобидан, **सुनदर लगना** зебо шудан (зебо ба назар расидан), **आँख छत से लगना** чашм ба шифт дӯхтан, **आँख न लगना** нахобидан, **आग लगना** оташ задан, **आदमी लगना** одам намудан**, कड़वा लगना** талх намудан (шудан), **काछा लगना** соиш хӯрдани пӯст, **व्यस्त लगना** банд будан (шудан), **किड़े लगना** кирмнок шудан (часпидан кирм ба ягон чиз), **खटका लगना-**аз пой афтодан, **खाट से लगना** заиф шудан, **ख़ास लगना** муҳим эҳсос кардан, **खून मुँह लगना** одати бад доштан, **मंडी लगना** савдоро шурӯъ кардан (дар бозор), **मन लगना** майл кардан, **ठिकाने लगना** ба кор омадан, **हाथ लगना** даст задан, **मुँह लगना** густохӣ кардан**, लगन लगना** ошиқ шудан**, सिर लगना** ба гуноҳ иқрор шудан ва ғайра.

Агар ба таркиби феълҳои номии бо феъли **लगना** омада таваҷҷуҳ намоем, мушоҳида мекунем, ки феъли **लगना** бештар бо ҳиссаҳои нутқи зерин меояд:

Исм + **लगना**: **हाथ लगना** -даст задан; **मन लगना** дил гузоштан, ба маънои меҳр кардан; **रोज़गार लगना** кор пайдо кардан; **नाम लगना** ном гузоштан, **नज़र लगना -** чашм гузоштан, **ध्यान लगना** таваҷҷуҳ кардан‹ **धोखा लगना** шубҳа кардан, **धक्का लगना** маиб шудан**, द्वार लगना** пинҳон шудан, **दृष्टि लगना** назар андохтан, **दिल लगना** дил додан, **दांत लगना** беҳуш шудан‹ **चस्का लगना** майл доштан, **दाग़ लगना** доғ гузоштан, осеб расонидан, **राह लगना** монда шудан; роҳро доштан, **महाफल लगना** маҳфил барпо кардан, **मेला लगना** бозор барпо кардан ва ғайра. Корбурди ин феълҳо дар ҷумлаҳои зер:

मुझे उपन्यास पढ़ने का चस्का लग गया है। Ман ба мутолиаи романҳо одат кардаам.

दूर से आया है, राह लग गई है। Аз дур омадааст, раҳ хаста кардааст ӯро.

इसी राह लग कर चले जाओ। Ҳамин роҳро дошта рафтан гир!

Сифат + лагна: नादान (нодон) **लगना –** беақл ҳисобидан, **अच्छा** (хуб) **लगना-** маъқул шудан, писанд омадан, **बुरा** (бад) **लगना –** бад ҳис кардан, маъқул накардан, **कमज़ोर** (заиф) **लगना-**заиф шуморидан, **मोहनी (**ҷаззоб**) लगना** –зебо намудан, **बुरा लगना** – бад намудан**, क्रूर लगना** – бераҳм шудан, **कठोर लगना** – бадқар шудан,бад расидан ва ғайра.

तेरे साथ अपना हर ख्वाब अच्छा लगता है। Бо ту ҳар як орзуи ман хуб аст.

उसकी उँगलियों का स्पर्श उसके ठण्डे पावों को अच्छा लगा। [3‹33] Молиши ангуштҳои вай ба пойҳои хунукаш маъқул афтод.

जो देखने में क्रूर या कठोर लगते हैं, लेकिन वास्तव में ये गुण आवश्यक है।[3‹90] Он чӣ ба дидан сахт ё бад ба назар мерасанд, лекин дар асл ин сифатҳо заруранд.

Асоси феъли **लगना** (lagnaa) - **लग** аксар вақт ҳамроҳ бо дигар феълҳо омада, маъноҳои гуногунро ифода карда метавонад. Масалан,

लग चलना- бо касе (нафаре) ҳамроҳ шуда рафтан; **जहाँ तुमने कोई मालदार असामी देखा, वहाँ तुम उसके पीछे लग चले।** Дар куҷое, ки сарватдореро дидед, аз паи ӯ мерафтед.

लग न लगना – ягон фоида наовардан; **लग रहना –** а) машғул шудан бо коре; б) ошиқ шудан;

लग लगना – иштирок кардан;

Сифати феълии замони ҳозира ва гузаштаи феъли **लगना** бо дигар феълҳо омада, амал ва маъноҳои зеринро ифода мекунанд. **लगती (बात) कहना –** самимона гап задан; **लगनेवाली बात कहना -** самимона гап задан; **लगा बैठना -** якҷоя нишастан; **लगा रहना –** андармон шудан, будан (ба хондан, ба ягон чизе).

Шаклҳои **लगता है**, **लगते हैं** ва дар замони гузашта **लगा**, замони ҳозираи муайян ва гузаштаи – **लग रहा है, लग रहा था** ифодаёфтаи феъли **लगना**, маънои **ба назар расидан**; баъзан, бо маънии дигар, бо **ба фикрам** муносибати ҳаммаъноро пайдо мекунанд. Дар ин ҳолат, шаклҳои дар боло зикршуда бо намуди бавоситаи ҷонишинҳои шахсӣ бо пасоянди **को** (**मुझ को, उस को, आप को, उनको**) ва шакли объектии ҷонишинҳои шахсии **मुझे, उन्हें** ва амсоли ин, меоянд ва ё баъзан ба таври мустақил ҳам корбурд мешаванд.

Масалан, **आप को क्या लगता है कि वह आज नहीं आएगा**? Шумо фикр мекунед, ки ӯ имрӯз намеояд?. **मुझे (ऐसा) लगता है (कि) वह आज नहीं आएगा।** Ба назарам вай имрӯз намеояд. **उस समय उन्हें ऐसा लग रहा था कि सब कुछ ठीक हो जाएगा।** Он вақт ба назарашон чунин менамуд, ки ҳамааш хуб мешавад. **उसे लग रहा था, ट्रेन की घड़बड़ाती आवाज़ उसके हृदय से निकल रही है।** [2,44] Ба назараш чунин менамуд, ки ғурриши қатора аз дилаш мебарояд.

लगा हृदय, मन... आँखें सभी जगह सघन कोहरा छा गया हो।[2,45] Ба назар чунин намуд, ки гӯё тумани ғафс дилу ҷон ... чашмони ӯро фаро гирифта бошад. **लगता बेकार दिन गुज़र रहे हैं।** Гӯё рӯзҳо беҳуда мегузаранд.

Баъзе феълҳои таркибӣ, ки дар ҷузъи дуюмашон феъли **लगना** меояд, қисман ба воҳидҳои фразеологии забони ҳиндӣ шомил шудаанд. Чунончӣ, **आग लगना** оташ гирифтан,ба маънои дар ғазаб шудан.

मैं किसी युवती को सड़क पर सिगरेट पीते देखती हूं, तो मेरे बदन में आग लग जाती हे।[8, 140] Агар дар кӯча духтареро бинам, ки сигор мекашад, баданам оташ мегирад.

ऐसी आग लगी रहती है कि लगता ... अपना सिर फोड़ लूं या ... [3, 26] Ҳамин хел оташин шуда рафтам, ки фикр намудам ... сари худро кафонам ё ...

अच्छा लगना- маъқул шудан, писанд омадан. **प्रथम दृष्टया वह मुझे अच्छा लगा आगे की भगवान जाने।** Ба ман дар назари аввал писанд омад, баъд чӣ мешавад Худо медонад.

अब तब लगना ҳоло баъд шудан (кардан), ба маънои наздик шудани марг. **एक महीने से दादा जी का अब तब लगा हुआ है, देखिए भगवान उन की कब सुनता है।** [8, 18] Як моҳ боз кори бобоям ҳоло-баъд шуда истодааст, бубинем, ки Худо кай ӯро мешунавад.

हवा लगना ҳаво додан,ба маънои ягон хабарро бо муҳобот гуфтан. **हाँ, इन बातों को हवा लगी तब और ज़्यादा, जब इस बीच पापा का एक्सीडेंट हो गया।**[3, 22] Бале, ин гапҳо он вақт ва хеле зиёд бо муҳобот гуфта шуданд, махсусан вақте ки дар ин байн падарам ба садама дучор шуд.

आदमी लगना – инсони комил намудан. **वह व्यक्ति देखने में आदमी लगता था लेकिन मौक़ा मिलते ही मेरे सामान पर हाथ फेर गया।** Ин инсон ба одам монанд буд, вале ҳамин ки фурсат ёфт, даст ба чизҳои ман зад.

कड़वा लगना – талхмаза намудан. **दवा का स्वाद कड़वा भले लगे लेकिन यह है बहुत काम की।**[11, 58] Дору метавонад талх намояд, лекин бисёр фоиданок аст.

गले लगना- гардани касеро доштан, яъне ба оғӯш гирифтан. **बेटी को विदा करते समय आशा उसके गले लग के ख़ूब रोई।** [11, 106] Ҳангоми хайрухуш кардан бо писараш, Аша ӯро ба оғӯш гирифта хуб гирист.

घाट लगना –шароит шудан. **मिश्रा जी आप चिन्ता मत कीजिए घात लगते ही आपका काम हो जाएगा।** Ҷаноби Мишра, шумо хавотир нашавед, ҳамин ки шароит шуд, кори шумо иҷро мешавад.

जंग लगना- занг задан, ба маънои нокора шудан. **अनपढ़ों के बीच में रहने से मेरी भी बुद्धि में जंग लग गया है।** [11, 152] Дар байни бесаводон зиндагӣ карда, дар мағзи сари ман ҳам занг пайдо шудааст.

Бо пешоянду пасвандҳо **- दिल को लगना-** ба дил таъсир кардан; **तालु से जीभ न लगना** бо қулф забон бастан нашояд. **तन को लगना** қувва додан (ба бадани заиф).

आँख छत से लगना- чашм ба шифт дӯхтан, ба маънои мурдан. **जब गीता दादी को सुबह जगाने गई तो देखा, उनकी आँखें छत से लगी है।** Вақте ки Гита субҳ барои бедор кардани модаркалонаш рафт, дид, ки чашмонаш ба шифт дӯхта шудааст.

चाँद में दाग़ लगना- доғ дар рӯйи моҳ гузоштан, ба маънои айбдор кардан. **दुर्घटना ने तुम्हारा चेहरा ऐसा कर दिया जैसे चाँद में दाग़ लगा हो।** Воқеаи нохуш симои (шахсияти) туро ҳамин хел кард, ки мисли доғ дар рӯйи моҳ бошад.

किवाड़ से लगना- ба дарвоза часпидан, дар назди дарвоза истодан. **तुम किवाड़ से लगे रहो पुलिस आने पर हमें ख़बर कर देना।** Ту ба дарвоза часпида ист, ҳамин ки пулис омадан ба мо ҳатман хабар медиҳӣ.

Хулоса, дар забони ҳиндӣ на ҳамаи феълҳо ба монанди феъли **लगना** хусусиятҳои фарқкунанда доранд. Феъли **लगना** феъли мустақил буда, маънои луғавии муайян дорад. Дар забони ҳиндӣ феъли мазкур, вазифаи грамматикӣ дорад, яъне феъли **लगना** шаклҳои гуногуни грамматикиро низ сохта метавонад. Феъли **लगना** вазифаи морфологӣ дорад ва барои сохтани феълҳои таркибӣ ва ё шаклҳои таркибии феъл хизмат мекунад. Феъли **लगना** ҳамчун феъли ёвар таркибҳои феълии нав месозад. Баъзе таркибҳои феълӣ чун воҳидҳои фразеологӣ ҳисобида шудаанд. Ҳарчанд миқдори ибораҳои фразеологӣ бо феъли **लगना** зиёд набошанд ҳам, ҳамаи онҳо мисли маънои худ устуворанд ва корбарон ҳеҷ як калимаро дар ибораҳо тағйир дода наметавонанд, зеро аз ҷиҳати сохторӣ ҷудонашаванда мебошанд ва чун ибораҳои забони халқӣ ба фарҳанги ибораҳои фразеологии ҳиндӣ дохил карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Саиди Ҳалимиён, Феъл (Куниш) (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2013. - 126 с.
2. **उर्मिला शिरीष, चीख, अनन्य प्रकाशन, नई दिल्ली,** 2015 **पृ.**184
3. 3.**उर्मिला शिरीष**, **उर्मिला शिरीष की लोकप्रिय कहानियाँ, नई दिल्ली,** 2019, **पृ** 174
4. **मन्नू भंडारी, सम्पूर्ण कहानियाँ, राधाकृष्ण प्रकाशन, दिल्ली-**110051، **पृ.**499
5. **ममता कालिया, नरक दर नरक, हिन्द पॉकेट बुक्स, नई दिल्ली (गुड़गाँव), पृ.**140
6. **प्रमोद बत्रा, सही सोच और सफलता, नई दिल्ली, पृ.**१००
7. **प्रेमचंद, सम्पूर्ण कहानियाँ (भाग-**१**), संस्कृति साहित्य, नई दिल्ली, पृ.**446
8. **व्यावहारिक हिन्दी संरचना और अभ्यास, केंद्रीय हिन्दी संस्थान, आग्रा, पृ.** 230
9. **भोलानाथ तिवारी, हिन्दी मुहावरा कोश, नई दिल्ली,** १९८٤**, पृ.**460
10. **सत्य प्रकाश सिंह, मुहावरे और लोकोक्तियाँ, रमेश पब्लिशिंग हाउस, नई दिल्ली, पृ.**464
11. **हरिवंश राय शर्मा, मुहावरा कोश, राजपाल, नई दिल्ली, पृ.**332

КОРБУРДИ ФЕЪЛИ " लगना " ДАР ЗАБОНИ ҲИНДӢ

Дар мақолаи мазкур мо хусусиятҳои феъли бисёрҷанбаи **लगना**-ро тавсиф намудем. Феъли **लगना** беш аз амалу ҳаракатҳои феълиро иҷро мекунад, ки дар забони тоҷикӣ ин амалу ҳаракатҳоро феълҳои ҷудогона ифода мекунанд. Таъкид мешавад, ки бо пайвастани феъли **लगना** бо ҳиссаҳои нутқ, махсусан, бо исм, сифат ва

феълҳо таркибҳои нави феъл сохта мешаванд. Асоси феъли **लगना** (lagnaa) -**लग** аксар вақт ҳамроҳ бо дигар феълҳо омада, маъноҳои гуногунро ифода карда метавонад. Баъзе феълҳои таркибӣ, ки дар ҷузъи дуюмашон феъли **लगना** меистад, қисман ба воҳидҳои фразеологии забони ҳиндӣ шомил шудаанд.

Муаллифии мақола дар заминаи сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла фарҳангҳои дузабонаи ҳиндӣ-русӣ, фарҳангҳои ибораҳои фразеологии ҳиндӣ, осори як зумра нависандагони адабиёти ҳиндӣ вожаҳоро гирд оварда,сарчашмаи пайдоиш ва қолабҳои сохта шудани онҳоро муқаррар намуда, ба корбурди он таваҷҷуҳ намудааст.

Калидвожаҳо: феъли **लगना,** маънои луғавӣ, амал, воҳидҳои фразеологӣ, калимасозӣ, таркиббандӣ, грамматика, шаклҳои феълӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ГЛАГОЛА “ लगना ” НА ХИНДИ

В данной статье мы дали краткую характеристику многогранного глагола **लगना.** Глагол **लगना** выполняет несколько действий, которые в таджикском языке выражаются отдельными глаголами. Подчеркивается, что путем сочетания глагола **लगना** с частями речи, особенно с существительными, прилагательными и глаголами, образуются новые глагольные соединения. Основа глагола от **लगना** (lagnaa) - **लग** часто встречается в сочетании с другими глаголами и может выражать различные значения. Некоторые сложные глаголы, вторая часть которых содержит глагол **लगना**, частично вошли в состав фразеологизмов языка хинди. Автор статьи, опираясь на достоверные источники, в том числе хинди-русского словаря, словарь фразеологических выражений хинди, а также труды ряда индийских писателей, собрал слова, определил их происхождение и закономерности образования, а также уделил внимание их употреблению.

Ключевые слова: глагол **लगना**, лексическое значение, действие, фразеологические единицы, словообразование, состав, грамматика, формы глагола.

USING THE VERB "लगना" IN HINDI

In this article we gave a brief description of the polyhedral verb **लगना.** The verb **लगना** performs several actions and movements, which in the Tajik language are expressed by separate verbs. It is emphasized that by combining the verb **लगना** with nouns, adjectives and verbs, new verbal compounds are formed. The verb stem from **लगना** (lagnaa) - **लग** is often found in combination with other verbs and can express different meanings. Some complex verbs, the second part of which contains the verb **लगना**, have partially become part of the phraseological units of the Hindi language. The author of the article, relying on reliable sources, including a Hindi-Russian dictionary, a dictionary of Hindi phraseological expressions, as well as the works of a number of Indian writers, collected words, determined their origin and patterns of formation, and also paid attention to their use.

Keywords: verb **लगना**, lexical meaning, action, phraseological units, word formation, composition, grammar, verb forms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматуллоева Заррина Асламшоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Тел.:** (+ 992) 907-90-70-56. **E-mail:** zrakhmatulloeva@gmail.com

Сведения об авторе: ***Рахматуллаева Зарина Асламшоевна*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел.:** (+ 992) 907-90-70-56. **E-mail:** zrakhmatulloeva@gmail.com

Information about the author: ***Rakhmatullaeva Zarina Aslamshoevna*** – Tajik National University, associate professor of the Depatment of Indian Philology of the Faculty of languages of Asia and Europe. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av. 17. **Tel.:** (+992)907-90-70-56. **E-mail:** zrakhmatulloeva@gmail.com

ТАРҶУМАИ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИК БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Наврузшоев Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқ ва таҳлили муқоисавӣ - типологии забони маводҳои тарҷумавии расонаҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ба шумор меравад. Рӯзнома яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоотӣ буда, саривақт фазои сиёсии кишварро ба мардум мерасонад, аз ҷумла ба хориҷиён. Матни рӯзнома - ин шакли махсус ва намунавии фаъолият ва маҳорати нигорандагист, ки таҳқиқи хосаро тақозо менамояд. Яке аз хусусиятҳои асосӣ ва фарқкунандаи он ба таври дақиқ ва ифоданок ба омма расонидани дарки воқеаҳо, авзоъ ва мушкилоти ҷаҳон мебошад.

Айни замон равандҳои муосир дар забони англисӣ навгониҳои қобили таваҷҷӯҳро ба вуҷуд овардаанд. Ба чунин ҷараёнҳои фаъол истифодаи унсурҳои гуногуни услубӣ дар забони ВАО шомил мегардад. Ҳамзамон ин натанҳо ҳодисаи забонӣ, балки падидаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ низ мебошанд, ки ҷараёни ҳодисаву воқеаҳои дар ҷомеа рӯйдодаро дар шуури соҳибзабонон инъикос месозанд. Бо назардошти хосияти рӯзмарраги, ВАО манбаи аслии маводҳо барои таҳлили муқоисавии забони муосири ҳар як забон ба шумор меравад, зеро ҷараёни инкишофи онро бевосита нишон медиҳад.

Тарҷума дар забоншиносии тоҷик таърихи қадима дорад. Тарҷумаи осори классикони адабиёти тоҷик ба забонҳои хориҷӣ аз даврaҳои қадим ибтидо гирифта буд. Устод Айнӣ ва А. Деҳотӣ, баъдан Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Н. Маъсумӣ, М. Шакурӣ дар мақолаю асарҳояшон дар бораи забони тарҷумаи бадеӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо сухан рондаанд.

Дар давоми чанд даҳсолаи охир, алалхусус, дар арафаи қабули Қонуни забони давлатӣ як зумра олимони дигар, аз ҷумла, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Б. Тилавов, Ӯ. Холиқназар, Б. Камолиддинов, М. Н. Қосимова ва дигарон дар атрофи масъалаи ҳусни баён, таъсири тарҷума баҳс намуда, дар бораи ғалатҳои забони матбуот изҳори ақида кардаанд.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Б. Тилавов:

- тарҷума як соҳаи бисёр мураккаби эҷодист, ки мутарҷим асари бадеии як забонро яклухт дар тафаккури худ ҳазм намуда, рӯҳ, мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеӣ, ҷиҳатҳои миллӣ ва сабки эҷодии ҳамон асари муаллифро ба назари эътибор гирифта, онро ба дигар забон мегардонад [Тилавов, 87].

Мо дар мақолаи мазкур баъзе мушоҳидаи худро доир ба усулҳои тарҷумаи ибораҳои рехтаи забони матбуоти тоҷик ба забони англисӣ баён мекунем.

Ибораҳои фразеологӣ як ҳиссаи бойгарии забонро ташкил дода, аз ҷиҳати маъно, ифода ва таркиб хеле гуногун буда, дар забон вазифаҳои мухталифи лексиксию семантикӣ ва услубиро адо мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ бо ифодаи маъно, мавқеъи истеъмол ва вазифҳои синтаксисӣ ба калимаҳо наздик бошанд ҳам, бо сохту таркиби худ аз онҳо фарқ карда, ба ибора ва ҷумлаҳои озод монанданд. Бо вуҷуди ин, воҳидҳои рехтаи забонро бо калима ва воҳидҳои синтаксисӣ омехта намудан мумкин нест.

«Воҳидҳои фразеологӣ бо воҳидҳои синтаксисӣ низ робитаи қавӣ доранд. Воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд. Дар асоси фразеологизмҳо қолабҳои муайяни систаксисии забон, ки дар тӯли асрҳо шакл гирифтаанд, меистанд» [Виноградов, 9].

Қобили қайд аст, ки таъбирҳои рехта барои ҳамаи забонҳои дунё сарвати умумии забон ба ҳисоб меёбанд. Бесабаб нест, ки қисми бештари ибораҳои фразеологӣ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ ифодаҳои ҳамсохт, ҳаммаъно ва ҳамвазнро доранд.

Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзӯъ мисолҳо аз забони матбуоти муосири тоҷик гирд оварда, таносуби маъноию шаклии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда мавриди тадқиқ қарор додем.

- Аз ин ҷо ба тахмине сухани машҳури «ҳар рӯзатон меҳргон» ва «ҳар рӯзатон Наврӯз бод» **реша мегирад** [Садои Мардум, 2015, №8].
- It is supported that hence the famous colloquialism «Let there be Mehrgon every day» and «Let there be Navruz every day» **originate**.

Таркиби рехтаи феълии **реша гирифтан** ба маънои *сарчашма гирифтан, ибтидо гирифтан, манбаъ, маъхаз, ҷойи пайдоиши чизе* [ФИР, 136] корбастм ешавад.

Тарҷумон дар ҷумлаи мазкур аз усули тарҷумаи луғавӣ истифода намудааст, ки маънои таркиби рехтаи **решагирифтан** пурра ифода нашудааст. Дар забони англисӣ якчанд вариантҳои ин таркиб ба монанди **to take a source, strike (take) root** мавҷудаст, ки дар истеъмол ва маънӣ баробаранд.

- Бисёр давлатҳои аврупоӣ барои **ба по рост** шудани иқтисодиёти Афғонистони демократӣ кӯмак мерасонанд [Дунё, 2016, №21].

➢ Many European countries help a democratic Afghanistan **to stand on its feet** economically.

Мутарҷим дар мисоли боло аз тарҷумаи комил истифода намудааст. Дар фарҳангҳои фразеологӣ ибораи **ба по рост шудан** ба таври зайл маънидод шудааст: *устувор гардидан, мустаҳкам шудан; қад рост кардан* [Фозилов, 847].

Дар «Англо - русский фразеологический словарь» ибораи **stand on one's own bottom** зикр шудааст, ки бо ҳамин маънӣ наздик - *ба пойи худ рост истодан* (стоять на собственных ногах)*; мустақил будан* (быть независимым) [Кунин, 109] шарҳ дода мешавад ва он бо ибораи **ба по рост шудан** баробармаъност.

➢ Вақте ки ман аз оилаи интеллегент, яъне аз аспирантура, аз мартабаи баланде, ки доштам, маро **ба замин заданд**, ба ман хеле сангин буд [Ҷомеа, 2016, №22].

➢ It was difficult for me, for a child of an educated family, a postgraduate student**, to fall from such a high position**, he says.

Мутарҷим ибораи рехтаи **касеро ба замин задан** - ро бо усули тарҷумаи тасвирӣ **to fall from such a high position** ба забони англисӣ баргардондааст. Ибораи мазкур бо чунин маъниҳо истифода мешавад: *шарманда, беобрӯ, беҳурмати кардан, чизеро беэътибор, паст кардан* [ФИР, 461].

➢ Имоми Аъзам ба ҳаракати шуубия **бо назари нек нигоҳ мекард** [СадоиМардум, 2015, №18].

➢ The Great Imam had **an understanding glance** towards them overment of shuubiyya [Информант].

Таъбири **бо назари нек нигоҳ кардан** дар мисоли боло ба маънои *нисбат ба касе фикру ақидаи хуб доштан, ба касе хайрхоҳона нигоҳ кардан* истифода шудааст [Фозилов, 685]. Мутарҷим дар тарҷумаи он аз маънӣ каме дур рафтааст, яъне онро **had an understanding glance** - *нигоҳи маънидор* тарҷума намудааст, ки маънии ибораи **бо назари нек нигоҳ кардан** - ро пурра ифода карда наметавонад.

Дар забони матбуоти муосири тоҷик, хусусан дар саҳифаҳои рӯзномаҳои имрӯза истеъмоли калимаву ибораҳои аврупоӣ бо усули тарҷумаи таҳтуллафзӣ баргардонида шуда бештар мушоҳида мешаванд:

➢ Тарафҳо оид ба иҷрои нақшаҳои гузашта ва дурнамои ояндаи он **табодули назар карданд** [Тоҷикистон, 2004, №21].

➢ The Parties **have exchanged opinions** concerning the results of the previous plan and the prospects of the present plan.

Таъбири **табодули назар (афкор) кардан** бо усули тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз забони русӣ дар забони тоҷикӣ пайдо шудааст. Ҳамтои он дар забони англисӣ ибораи **to have exchange opinions** мебошад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ибораи мазкур аз забони англисӣ ба русӣ ва ба воситаи забонҳои русиву форсии Эрон ба забони муосири тоҷик омадааст.

➢ Because of the need **to keep** her flight **secret** from the Japanese, no one had thought to tell Chiang kai - sheik where she was landing [The Times, 2016.10.03].

Ибораи рехтаи **to keep sth. secret** хоси услуби бадеӣ ва публитсистӣ буда, дар забони матбуоти англисзабон маъмул аст. Дар мисоли боло он ба маънои *чизеро махфӣ нигоҳ доштан* истифода шудааст. Дар фарҳанг ҳам ба маънои *розро пиҳон доштан; чизеро махфӣ нигоҳ доштан* корбаст мешавад.

Инчунин ибораи дигар **keep a secret** бо маънои чизеро *пинҳон доштан, сирро фош кардан* зикр шудааст [ФИР, 802]. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» бо ин маънӣ ибораҳои рехтаи **сир надодан** -*сирреро пинҳон кардан, ба ҳеҷ касе сирри худро нагуфтан* ва **сирри касеро пӯшидан** - *айб ва гуноҳи касеро пинҳон доштан, кори ношоистиаи касеро фош накардан* [Фозилов, 102] ва **забони худро нигоҳ доштан** - *аз гуфтани чизе худдорӣ намудан, сирреро ошкор накардан* [Фозилов, 453] шарҳ ёфтааст.

Таркиби феълии **warn sb**. ва ё **warn sb. about/against sth.** низ аз ҳамин қабил феълҳост ва муодили он дар забони тоҷикӣ таркиби **гӯши касеро тофтан** аст.

➢ I had even received a phone call from a sympathetic hard – line source, who **warned me** [The Times, 2016.10.03].

Таъбири **warn sb. about/against sth.** дар саҳифаҳои рӯзномаҳои англисӣ серистеъмол шуда истодааст. Он дар «Oxford Dictionary of Current Idiomatic English» бо маънои *касеро пешакӣ огоҳонидан; ба касе пешакӣ аз чизе хабар додан, огоҳ кардан* [Oxford, 358] тафсир шудааст. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи ибораи **warn sb. about / against sth.** таъбирҳои **гӯши касеро кашида мондан, гӯши касеро тоб додан, гӯши касеро тофтанкасеро танбеҳ додан, гӯшмол додан, хотиррасон кардан** [Фозилов, 263] мавҷуданд.

- Historically, a large turnout meant that reformist candidates **had the upper hand** [The Times, 2016.10.03].

Ибораи **have (gain, get) the upper hand on sb./ sth.** чи дар забони адабӣ ва чи дар гуфтугӯйи англисӣ маъмул буда, дар саҳифаҳои матбуот серистеъмол аст. Он дар фарҳанг чунин тафсир шудааст: *зафар кардан, муваффақ (комёб) шудан, ноил гардидан, ба дасти худ гирифтан, зери итоати худ гирифтан* [ФЗТ, 419].

Муодили он дар забони тоҷикӣ ибораи рехтаи **дасти касе боло гардид** - *ғолиб шудан, муваффақият ҳосил кардан, ғалаба кардан* [Фозилов, 300] мебошад.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ ба чунин хулосаҳо омадем:

- истифодаи силсилаи муродифотифразеологӣ дар забони матбуоти муосири тоҷик маъмул аст:
- дар онҳо мафҳум холисона ва беғаразона, бо сарбории муносибати мусбат ё манфии гӯянда ифода меёбад:
- муродифоти фразеологии забони матбуот барои тару тоза баён кардани матлаб, гурез аз такрор корбаст шудаанд, ки хусусияти услуби ва маъноӣ доранд;
- нақши унсурҳои зидмаъно дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ назаррас мебошад.

АДАБИЁТ

1. Азимова М. Н. Сопоставительно-типологическое исследование фразеологической системы таджикского и английского языков. - Д: 2006. – 242 с.
2. Бачаев М. Фразеологияи забони тоҷикӣ дар асарҳои тарҷумавӣ. // Тарҷума ва балоғати сухан. - Ҷ. 2. - Душанбе, 2005. - С. 184-190.
3. Виноградов В. В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке. Лексикология и лексикография \\ Избр. труды, – М.: Наука,1977.–161с.
4. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва матбуот.-Душанбе, 2007. 52 с.
5. 5.Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 406 с.
6. Мирзоева М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С. Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ. - Душанбе: Матбуот, 2008. - 160 с.
7. Тилавов Б. Армуғони мутарҷим // Садои Шарқ. –1967. – №4.–С.143-147.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷилди 1.
9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта. – Душанбе: Ирфон, 1964, Ҷилди 2.

ТАРҶУМАИ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИК БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи Б. Х. Наврузшоев ба **тарҷумаи ибораҳои рехтаи забони матбуоти тоҷик ба забони англисӣ**, ки яке аз воҳидҳои муҳимтарини забон мебошанд, бахшида шудааст. Кайд мешавад ки ибораҳои фразеологӣ воситаҳои ифодаи пуробуранги фикр буда, раванди ташаккул, сохтор ва маъноҳои онҳо дар заминаи қонуниятҳои муайяни лингвистӣ амалӣ мегарданд.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, маъноию ва сохторӣ, **тарҷумаи ибораҳои рехта**, ибораҳои фразеологӣ, тадқиқотҳои типологӣ-муқоисавӣ, , сохтори фразеологии забонҳо.

ПЕРЕВОД ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СЛОВОСОЧЕТАНИИ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ НА АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫК

Статья Б. Х. Наврузшоева посвящен переводу **фразеологические словосочетании** таджикской прессы на английский язык, который является одной из важнейших единиц языка. Отмечается, что фразеологические выражения являются средством богатого выражения мысли, а процесс их образования, структура и значения реализуются на основе определенных языковых законов.

Ключевые слова: особенности, семантико-структурный характер, перевод устных выражений, фразеологические выражения, типолого-сопоставительные исследования, фразеологический строй языков.

TRANSLATION OF PHRASEOLOGICAL COMBINATIONS OF THE TAJIK PRESS INTO ENGLISH

The article by B. Kh. Navruzshoev is devoted to the translation of phraseological phrases of the Tajik press into English, which is one of the most important units of the language. It is noted that phraseological expressions are a means of rich expression of thought, and the process of their formation, structure and meaning are implemented on the basis of certain linguistic laws.

Key words: features, semantic-structural nature, translation of oral expressions, phraseological expressions, typological and comparative studies, phraseological structure of languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наврузшоев Бахридин Хушҳолович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон:** (+992). 933988045. **E-mail:** - bakhakhush @ mail.ru

Сведения об авторе: ***Наврузшоев Бахридин Хушхолович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Телефон: (+992). 933988045. E-mail:** - bakhakhush @ mail.ru

Information about the author: ***Navruzshoev Bakhridin Khushkholovich*** – Tajik National University, candidate of philological sciences, associate professor of the department of English language and comparative typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992). 933988045. **E-mail:** -bakhakhush @ mail.ru

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ ҶАМЪБАНДИИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Ҳасанова М.И.
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акадкемик Бобоҷон Ғафуров»

Даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки ҷараёнҳои навгарой ба миён омада ба раванди инкишофи-забони адабӣ низ бетаъсир намонд. Пеш аз ҳама бузургтарин таҳаввулоти забонӣ дар оғози даврони соҳибистиқлолии кишвар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» ва ба ин забон додани мақоми давлатӣ маҳсуб мегардад.

Маълум аст, ки дар даврони Шуравӣ азбаски забони русӣ дар муҳити забонӣ нуфузи фаровоне дошт, иқтибосоти русӣ нисбат ба забонҳои дигар фаровон ба кор мерафтанд. Танҳо дар марҳалаи нави ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ, ки ба Истиқлолияти давлатӣ марбут аст, тавонист, ки дар канори ҷараёнҳои навпардоз ва баргаштан ба асли хеш таркиби забони тоҷикиро аз вожаҳои бегона тоза намуда, калимаҳои фаровонеро, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ қаблан истифода мешуданду муддате муродифоти русии худро қабул карда буданд, дубора эҳё намояд. Дар ин миён таваҷҷӯҳи ҷомеа, хоса зиёиён ба истифодаи фаровони калимаҳои тавассути ҷамъбандӣ сохта шуда низ бештар гардид. Мисоли равшани ин дар табдили муодили тоҷикии номи пурраи давлати Шӯравӣ инъикоси барҷаста дорад. Масалан, то марҳилаи ба истилоҳ бозсозӣ ва баъдан соҳибистиклолии кишвар мо асосан чӣ дар муомилоти тоҷикӣ ва чӣ русӣ як вожаро, яъне «СССР»-ро ҳамчун номи давлати мазкур истифода мекардем ва ин ҳатто дар ашъори шоирон бо ҳамин шакл ба кор гирифта мешуд. Нишонаи равшани ин матлаб шеъри маъруфи Мирсаид Миршакар аст, ки Ватанам СССР, Гулшанам СССР нақароти он буд.

Дар марҳилаи нави ташаккули таърихии забонӣ ин вожа ба шакли тоҷикии он ИҶШС иваз шуд, ки сурати комили вай чунни аст: Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиолистӣ. Дар ҳамин табдилоти номи калимаи мазкур мо аллакай ба як калимае бархурд мекунем, ки тавассути ҷамъбандӣ сохта шудааст ва ин ҳам вожаи «ҷамоҳир» мебошад, ки бар вазни «فعايل» сохта шудааст. Чунин ҳолат дар муносибат ба унвони созмони бонуфузи СММ низ ба мушоҳида меравад, ки қаблан бештар ба шакли русии ООН истифода мешуд ва баъдан сурати СММ -ро гирифт, ки шакли пурраи он чунин аст: Созмони Милали Муттаҳид. Дар ин ҷо ҳам калимаи милал тавассути ҷамъбандии шикаста бар вазни «فعَل» сохта шудааст.

Чуноне ки зикр гардид, охири солҳой 80-ум ва аввали солкой 90-уми асри XX вобаста ба дигаргуниҳои дар кишвар ба вудуд омада, дар таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забони тоҷикӣ тағйироти муҳим ба амал омад. Аз ин сабаб, зарур донистем, ки тадқиқи доираи луғат, ифодаҳои устувору фразеологӣ ва сохти грамматикии забони ВАО-ро бо назардошти ҳамин гуна дигаргуниҳо дар ин мақола ҳаллу фасл намоем.

Тағйирот, хусусан, дар таркиби луғавии забон ба амал омад. Таҳлили матнҳои зиёд ва гуногуни жанрҳои публитсистии ВАО нишон доданд, ки калимаву истилоҳҳои нав ба истеъмол даромада, дар ҳамаи соҳаҳои лексика ба мушоҳида мерасанд. Аз он ҷумла, махсусан дар доираи луғатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дафтардорӣ (коргузорӣ), иқтисодӣ, фарҳангу маориф, илму техника, тиб, кишоварзӣ дигаргуниҳои зиёд ба вуҷуд омаданд. Калимаву истилоҳоти нав, махсусан аз забонҳои арабию форсӣ маншаъ гирифтаанд, ки бесабаб нест. Ба шарофати мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ он ҳақиқатан ба асолати худ рӯй овард. Дар тӯли солҳои зиёд аксари вожаву истилоҳот аз забони русӣ ва ё аз забоҳои хориҷӣ тавассути забони русӣ ба муомилот ворид шуда буданд, ки қиссае аз онҳо бо роҳи калкаҳои сунъӣ сурат гирифтаанд. Дар ҳоле, ки қолибҳои онҳо дар забони тоҷикии муосир дарёфт намешуданд, муҳақиқону мураттибони вожаномаҳо аз хазинаи бой ва тачрибаи чандинасраи забоншиносони форсию арабӣ, инчунин форсию дарӣ баҳравар шуданд. Албатта, дар ин ҷараёни комилан пешрав баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ҷой доштанд, вале роҳи ислоҳи онҳо низ мавриди коркард қарор гирифтаанд. Масалан, боз истилоҳҳои прокурор ба ҷои додситон, протокол ба ҷои суратҷаласа ва монанди инҳо барқарор шуданд. Бо вуҷуди ин ҳоло дуруст аст, дар забони ВАО вожаҳои иқтибосӣ, аз он ҷумла калимаҳои русӣ, узбекӣ ва байналмилалӣ аз рӯи зарурати истеъмолиашон корбаст мешаванд ва табиист, ин яке аз роҳҳои ғановати забони мо ба шумор меравад.

Ба ҳамин тариқ, тақрибан дар ду даҳсола забони тоҷикӣ аз ин ҷиҳат хеле рушду камол ёфт, садҳо вожаҳои нав, ки қисми зиёдашон решаи тоҷикӣ (форсӣ) доранд, таркиби луғавии забонро бой гардонидаанд.

Омили дигари ривоҷ пайдо кардани истифодаи ҷамъбандиҳо дар забони адабии тоҷикӣ ин таваҷҷӯҳи бештари ҷомеа ба осори классикӣ мебошад. То замони соҳибистиқлолии кишвар мо асосан мутолиаи осори классикони худро тариқи китобҳои дастрас ва ё дар худи Тоҷикистон бо ихтисор чопшуда мутолиа мекардем.

Маҳдудиятҳои сиёсӣ имкон намедод, ки бештару пештар ва амиқтар ба осори бузургони худ дастрасӣ пайдо намоем. Танҳо истиқлолият имкон пеш овард, ки мо амиқтар ба мероси бойи пешинагони худ дастрасӣ ёфта, мутоилаи хубтаре фаротар намоем, ки албатта ин мутолиа ҳаргиз бетаъсир наемонд. Тадқиқу баррасии мероси классикӣ, омӯзиши зарурии таълифоти гузаштагон имкон дод, ки дар забони осори тадқиқӣ, назму наср ба кор гирифтани вожаҳои тавассути ҷамъбандиҳои арабӣ сохташуда бештар гарданд.

Масалан, мурур ба ин ду шеъри шоираи навпардоз Фарзона ин амрро собит месозад, ки дар забони назму насри нав истифодаи ин гуна вожаҳо зиёдтар гардид:

Эй номи ту кушоди тилисмоти панҷара,
Имон мушаббак аст маро бе ҳузури ту.
Баъд аз ҳазору як шаби беофтоби ман
Гармам кунад ҳарорати наздику дури ту.
Худро зи нав ба ишқи ту таслим мекунам,
Эй зиндагӣ, савораи сармасту бовиқор.
Як панҷа зан ба панҷараи нозуки дилам,
Як шиша фосиласт миёни ману баҳор [5, ҷ.1].

Дар ин порча калимаи тилисмот низ ба шакли ҷамъбандии солим сохта шудааст. Дар порчаи поён бошад калимаҳои пуршаётин, ҷалоҷин тавассути қонуниятҳои ҷамъбандии шикаста сохта шудаанд.

Зи ҷаҳони пуршаётин биравам, дигар наёям,
Шунавам дуои ёсин, биравам, дигар наёям.
Ба кучо, ки по намонам, биниҳад фалак тилисме,
Зи фиреби ин ҷалоҷин, биравам, дигар наёям. [5, ҷ.1]

Аммо ёдоварии як нукта низ лозим аст, ки ҳанӯз дар насри тоистиқлолии тоҷик ин падидаҳо мавҷуд буданд ва нуфузи бештари онҳоро осоре ташкил медиҳанд, ки дар заминаи маводи таърихӣ иншо гардиданд. Масалан, дар ин порча аз романи «Фирдавсӣ»-и Устод Сотим Улуғзода чунин хусусият ба мушоҳида мерасад: *...Дар олами ахбору ривоятҳои бостонӣ сайр менамуд, аз онҳо барои худ муҳите сохта буд, ки ғаму ташвишҳои ин ҷаҳон ба он муҳит*

намеғунҷид. Ҳар гоҳ ки ба ҳуҷраи худ даромада сари мизи таҳрираш менишаст, ташвишҳои зиндагиро дар паси сар мегузошт. Маънӣ ва мақсади ҳаёташ, мавҷудияташро дар шаҳкитоби ояндаи худ медид. Азму ҷазми он дошт, ки ҷаҳони Аҷами кайҳо фавтидаро зинда гардонад ва ҳам забони модариашро чунон қуввату пояндагӣ бахшад, ки то абад ҳеҷ гоҳ қувваи беруна ба вай футур расонида натавонад. Ин кори худро бузург ва муқаддас медонист ва ҳозир буд, ки тамоми умр, тамоми нерӯи тану рӯҳ, тамоми хираду донишу заковаташро фидои он созад».

Дар ин порча вожаи ахбор дар шакли ҷамъбандии шикаста истифода шудааст, ки ба мавҷудияти унсурҳои ин навъи ҷамъбандӣ дар насри муосири тоҷик дарак медиҳад. Ҳарчанд Сотим Улуғзода аз нависандагони муътабарест, ки бештар дар замони Шӯравӣ эҷод кардааст, аммо ин нигоштаи вай, ки порчае дар боло аз он оварда шуд, дар марҳилаҳои оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба нашр расидааст ва ин хусусияти забониро соҳиб мебошад.

Маълум аст, ки дар забони осори бадеӣ баъдтар истифодаи ин навъи ҷамъбандиҳо бештар гардид ва ин ҳолатро асосан мо дар навиштаҳои нависандагони маъруфи давр Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзод, Баҳманёр ва дигарон ба мушодида мегирем, ки сабаби аслии ин нуфуз огаҳӣ ва истиқболи онҳо аз шеваи баёни пешиниён мебошад. Масалан, дар ин порча аз китоби «Дурӯғи сафед»-и ӯ махсусияти забонии болоиро ба равшанӣ эҳсос менамоем.

«Садои пошна пушти дари ман қарор мегирад. Гум мезанад дилам. Шояд оне, ки солиёни дароз бо нигоҳи пур аз розу ишва, пур аз нафрату тамасхур заҷрам намуд, имшаб ба суроғам омадааст. Омадааст, ки дарди як марди шӯридаро марҳам шавад. Ва як зум дар ангора дилам боз меистад аз бозӣ. Баъди фурсате тамоми нерӯямро меғундорам ва қулфаки дарро тоб медиҳам. Пушти дар деви шаб пардаи зулмот кашида буд ва рӯ ба руйи ман як ҷуфт чашми обӣ бо дурахши худ имкон намедод, ки чизеро ташхис намоям. Ташхис кунам, ки он чашмҳои афсунгар дорад ё на. Паси лаҳзае он чашмхо ғутта мезананд миёни амвоҷи зулмот ва садои хандаи кушанда меларзонад дару девори бинои муҳташамро. Ва фарёди пурдарди ман мепечад миёни панҷаи боди раҳгузар. Бо қаҳру ситез дарро мепӯшаму боз мегардам ба утоқи корӣ. Аз хастагӣ пойҳоямро наметавонам кашидан. Пайкарамро ҳаво медиҳаму руйи нармкурсии пур аз чангу ғубор ...»

Дар ин порча, ҳам навъи ҷамъбандии солим ва ҳам шикастаро метавон ба мушоҳида гирифт. Аз ҷумла, дар калимаи зулмот ба сурати ҷамъи солим ва калимаи амвод дар сурати ҷамъи шикаста истифода шудаанд ва метавон гуфт, ки омили аслии нуфуз ёфтани ин гуна калимот дар забони ин нависандагон, истиқболи онҳо аз шеваи пешиниён мебошад.

Аммо агар ба забони матбуоти имрӯз таваҷҷӯҳ зоҳир шавад, эҳсос мегардад, ки дар нигоштаҳои хабарнигорони солҳои охир усулҳои навини ҷамъбандии арабӣ ба хотири фасоҳати сухан ба кор гирифта мешавад. Ба ин матн аз як рузномаро мисол меоварем:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёмҳои солона ва сӯҳбату вохӯриҳо оид ба тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносиву худогоҳии насли наврас дастуру супоришоти мушаххасро ба миён гузоштанд.

Дар ин замина барои дар шароити хуб ба камол расидани кӯдакон иншооти замонавию барҳаво аз қабили муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ба истифода дода шуда истодааст (ҲС. 08.02.25).

Ин ҷо ҳарчанд аслан истифодаи ҷамъбандии худи тоҷикӣ нуфуз дорад, аммо ба назар мерасад, ки корбандии калимаҳои супоришот ва иншоот ба сурати ҷамъи солим ба як равиши тоза истифода шуда, басомади зиёди ин навъ ҷамъбандиро ҳатто дар забони матбуот ба субут мерасонанд.

Ҳамин тариқ, мутолиа дар осори суханварони муосир бозгуи ин амр аст, ки таваҷҷӯҳ ба мероси гузаштагон ва омӯзиши таъриху адабиёти гузашта имкон додааст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик унсурҳои забони классикӣ дубора эҳё гарданд, ки дар ин миён нуфузи ҷамъбандиҳои арабӣ низ истисно намебошад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Куллиёт, ҷ.2, китоби дуюм, Душанбе, 1964.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе: Нашриёти «Дониш», 1985.

3. Сиёев Б. Аз таърихи ҷамъбандии исмҳо дар забони тоҷикӣ. -Душанбе, 1967.
4. Ҷалолов О.Ҷ. Категорияи ҷамъ ва баъзе масъалаҳои забони ҳозираи тоҷик. Сталинобод, 1961.
5. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён, ҷ.1, Нури маърифат:-Хуҷанд, 2003

ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ ҶАМЪБАНДИИ АРАБӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Дар даврони Шуравӣ азбаски забони русӣ дар муҳити забонӣ нуфузи фаровоне дошт, иқтибосоти русӣ нисбат ба забонҳои дигар фаровон ба кор мерафтанд. Танҳо дар марҳалаи нави ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ, ки ба Истиқлолияти давлатӣ марбут аст, тавонист, ки дар канори ҷараёнҳои навпардоз ва баргаштан ба асли хеш таркиби забони тоҷикиро аз вожаҳои бегона тоза намуда, калимаҳои фаровонеро, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ қаблан истифода мешуданду муддате муродифоти русии худро қабул карда буданд, дубора эҳё намояд. Дар ин миён таваҷҷӯҳи ҷомеа, хоса зиёиён ба истифодаи фаровони калимаҳои тавассути ҷамъбандӣ сохта шуда низ бештар гардид.

Калидвожаҳо: омил, ҷамъбандӣ, исм, забони арабӣ, забони тоҷикӣ.

ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ МНОЖЕСТВЕННОГО ЧИСЛА АРАБСКОГО ЯЗЫКА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В советское время, поскольку русский язык оказывал большое влияние на языковую среду, русские цитаты использовались чаще, чем в других языках. Только на новом этапе становления общественной жизни, связанном с государственной независимостью, стало возможным, наряду с новаторскими тенденциями и возвращением к истокам, очищение таджикского языка от иноязычных слов и возрождение обильных слов, которые ранее употреблялись в лексиконе таджикского языка и уже давно приняли свои русские эквиваленты. Между тем общественность, особенно интеллектуалы, также стали проявлять все больший интерес к обильному использованию слов, образованных путем словосложения.

Ключевые слова: фактор, множественное число, существительное, арабский язык, таджикский язык.

FACTORS OF DEVELOPMENT OF THE ARABIC PLURAL IN THE MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

During the Soviet era, since the Russian language had a great influence on the language environment, Russian quotations were used more often than in other languages. Only at the new stage of the formation of public life, associated with state independence, it became possible, along with innovative trends and a return to the roots, to cleanse the Tajik language of foreign words and revive abundant words that were previously used in the lexicon of the Tajik language and had long ago adopted their Russian equivalents. Meanwhile, the public, especially intellectuals, also began to show increasing interest in the abundant use of words formed by compounding. **Keywords:** factor, plural, noun, Arabic, Tajik

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳасанова Машҳурахон Иномовна*** **–** н.и.филол., дотсенти кафедраи филологияи араб, факултети забонҳои шарқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** 92 7789891. **E-mail:** hmi_82@mail.ru

Сведение об авторе: ***Хасанова Машхурахон Иномовна*** **–** канд. филол. наук, доцент кафедры арабской филологии факультета восточных языков ГОУ “Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова”. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** 92 7789891. **E-mail:** hmi_82@mail.ru

Information about the author: ***Hasanova Mashkhurakhon Inomovna*** **–** candidate of philology, associate professor of the Department of Arabic Philology, Faculty of Eastern Languages, Khujand State University named after Acad. B. Gafurov. **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.**: 92 7789891. **E-mail:** hmi_82@mail.ru

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL PECULIARITIES OF THE TAJIK MODAL PARTICLE *SHOYAD* AND ITS ENGLISH EQUIVALENTS

Ashrapov B.P., Huseynova M.F.
SEI “Khujand State University named after academician B. Gafurov”

1. Introduction:

Particles as an auxiliary part of speech functionate the subtle yet powerful modifiers shaping and refining the meaning of other words, phrases, and clauses. While they may appear insignificant at the first glance, however play a vital role in assigning a wide range of semantico-pragmatic shades promoting meaningfully to the language richness and expressiveness. “Particles are considered to be ones of the auxiliary parts of speech serving to give various shades of meaning to a sentence” [2, 136], or its individual members “as a means of expression of the spirit of language creating its freshness, accurateness, concise and deep reflection. In general, they play an important role in the people`s spiritual life” [3, 300]. Particles are classified as a distinct part of speech standing alongside nouns, verbs, adjectives, and adverbs. However, their functional margins are often unclear, and their roles can overlap considerably with those of adverbs,

conjunctions, and even interjections. This inherent flexibility and multifaceted nature make particles a particularly intriguing area of linguistic inquiry [6; 7].

The purpose of the study is to conduct the comparative analysis of morphological peculiarities of the Tajik modal particle *shoyad* and its English equivalents.

2. Materials and methods:

While conducting the comparative analysis, we have resorted to *"Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion"* translated into English and introduced by Professor A.Mamadnazarov (2022), and adduced the appropriate examples out of the above-mentioned source in order to bring certain thoughts and proofs. The chosen source depicts different historical events and the history of Tajik literary language (TLL) and is worthy of the comparative analysis of morphological peculiarities of the Tajik modal particle *shoyad*. The relevant is occurred *8 instances* in the corpus of our study.

The study canvasses the comparative analysis of morphological peculiarities of the Tajik modal particle *shoyad* and its English equivalents focusing on its dynamic nature, morphological, semantical features and the interplay of diverse mechanisms. The relevant approach purposes to comprehensively analyze *shoyad* by comparing its function and usage to equivalent structures in English. The theme explored highlights the observations and considerations on a multi-faceted, data-driven methods.

3. Main results and discussion:

The conducted comparative analysis of morphological peculiarities of the Tajik modal particle *shoyad* and its English equivalents in *"Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion"* (2022) reveals a complex interplay of expressive elements that significantly contribute into the narrative`s affective depth and pragmatic shades. The following examples adduce the diverse range of the particle *shoyad* presented by Aini, its respective functions, and their corresponding interpretations in English. Each example is followed by a detailed scientific analysis. This particle roughly equivalent to *perhaps* or *maybe* in English expressing possibility and uncertainty [4; 5].

Hereby, we decided to dwell on certain morphological peculiarities of the modal particle *shoyad* in comparison with its English equivalents based on the following examples.

The comparative analysis of the adduced examples discloses that the Tajik modal particle *shoyad* consistently bears a sense of *possibility, uncertainty,* or *speculation*. In its turn, it offers an element of doubt, conjecture, or hypothetical thinking into the sentence indicating the proposition being presented is not a confirmed fact, but rather a potential scenario, a hopeful outcome, or a considered possibility as well. This core function of *shoyad* aligns it closely with the general semantic domain of modal expressions related to epistemic modality – a speaker`s knowledge, belief, or degree of certainty about a proposition.

Example 1:

Tajik: Agar mo dar in jo jumlai "daromadi hukumat"-ro be ezoh guzorem, *shoyad khonandagon gumon kunand*, ki dar on vaqto ham khazinai davlati boshad va hukmdoron moli on khazinaro ba masorifi shakhsii khud sarf nakarda, tanho ba korhoi umumii mamlakat sarf mekarda boshand - ***English:*** The income of the government requires explanation*, to prevent readers from thinking that* in those years, the ruler`s officials would deposit this income into a state treasury, where government officials could not use it for their private benefit, but only for the benefit of the common interests of the country [1, 15].

As it was previously mentioned, *shoyad* is an invariable particle. This particle doesn`t change its form based on tense, number, or person. The relevant morphological phenomenon is considered to be one of the distinctive peculiarities of the Tajik modal particle. The English translation doesn`t display any specific morphological marking to convey the modal meaning. Instead, it relies on the syntactic structure of the preventative clause to communicate the author`s intention. The above-adduced example reveals a significant difference between Tajik and English while expressing modality. The modal particle *shoyad* is utilized to directly mark a proposition as a potential scenario in Tajik. In this case, a more complex syntactic construction (the preventative clause) to achieve a similar pragmatic effect is used in English. While the English translation

doesn`t mirror the morphological structure of the Tajik, it effectively displays the underlying meaning and intention.

Example 2:

Tajik: Aknun, ki Movarounnahr az dast raft, *shoyad Khurosonro* az hujumi dushmani khunkhor *nigoh dorem* – ***English:*** Now that Mavarannahr has been lost, we *might be able to defend Khorasan* from the invasion of the bloody enemy [1, 30].

It is asserted that the particle *shoyad* remains morphologically unchanged regardless of the context. Its form is fixed, and it consistently participates as a modal particle.

In contrast, the English modal verb *might* is the past tense form of *may*. English modal verbs often inflect for tense, while Tajik modal particles do not. However, in its turn, the modal verb *might* is not used to show the past tense, but to indicate a lower degree of probability.

Periphrastic Construction: here, the usage of *be able to* in conjunction with *might* is an example of a periphrastic construction, where a combination of words is used to express a grammatical meaning that could be carried by a single inflected form in another language (e.g., *can* in the present tense).

Modal Verb Might: in the English translation, the modal verb *might* is used to bear the nuanced meaning of *shoyad* in this context. *Might* expresses a lower degree of probability than *may* or *could* reflecting the uncertainty inherent in the situation.

Be Able To: The addition of *be able to* further emphasizes the contingent nature of the action. The former in question highlights that the ability to defend Khorasan is not guaranteed but dependent on various factors.

The relevant example displays a successful translation where the English modal verb *might,* combined with *be able to* effectively bears the semantico-pragmatic features of *shoyad* in Tajik. Both the Tajik and English versions offer a sense of hopeful possibility tinged with uncertainty. The morphological differences are also apparent: in Tajik, an invariable particle is resorted to, while in English, an inflected modal verb within a periphrastic construction is occurred.

Example 3:

Tajik: Jangovaron, ki yak qaiq tillovu tanga girifta omadani uro muntazir budand, bo didani in yak khaltachai nazarnogir dar taajjub aftodand va dar dili khud guzarondand, ki *shoyad dar daruni in khaltacha almos*, yo sanghoi purqimati digar boshad, ki ba yak khiroqi mamlakat mearzida *boshad* - ***English:*** The warriors who were waiting for Temur Malik to bring a whole boat of gold and coins, saw only a little, tiny bag. *They wondered what precious treasure could fit in that small bag*, something like diamonds or precious stones, that would equal in value the budget of a country [1, 54].

Shoyad as an Invariable Particle: shoyad remains constantly and morphologically unchanged functioning as a fixed modal particle with its nature.

Absence of Direct Morphological Marking: the English translation doesn't have a direct morphological equal to *shoyad*. The sense of speculation is bore by dint of the combination of the indirect question structure and the modal verb *could*.

Could is the past tense form of *can.* However, in this case, its function isn't to indicate past time but rather to express a hypothetical possibility.

Indirect Question: The English translation engages an indirect question structure *("They wondered what...")*, and to bear the speculative nature of the thought. This effectively highlights the internal mental process of the warriors as they ponder the contents of the bag.

Modal Verb Could: The usage of the modal verb *could* is crucial here. This modal verb expresses a possibility based on logical deduction or inference. The warriors are reasoning that *if* the bag contains something valuable enough to equal the budget of a country, it *could* be diamonds or other precious stones.

Morphologically, the difference is clear: in Tajik, an invariable particle is resorted to, while a combination of syntactic structure and a modal verb is used in English. The adduced example further illustrates the point that *shoyad* often introduces a thought process, a hypothesis, or a deduction rather than simply expressing a neutral probability. The translation skillfully uses the combination of *wondered* and *could* to create a sense of mystery and speculation that mirrors the function of *shoyad* in the original Tajik.

Example 4:

Tajik: Temurmalik ham ba tarafi Khorazm rohsipor gardid, ki *shoyad az on jo ba muqobili chingiziyon muborizai nave tashkil namoyad* - ***English:*** Temur Malik continued travelling towards Khorazm, *where he thought he could organize a new army* to resist the Mongols [1, 60].

As it was consistently observed, *shoyad* remains morphologically unchanged, functioning as a fixed modal particle. The English translation doesn't have a direct morphological equivalent to *shoyad*. The sense of possibility and intention is bore through the combination of the past tense verb *thought* and the modal verb *could.*

Could is the past tense form of *can.* In this context, it functions to express a past possibility or ability, aligning with the reported thought structure.

Past Tense Thought: The use of the past tense verb *thought* in the English translation places the action within Temur Malik`s past mental state. It indicates that the possibility of organizing a new army was something he considered or believed at that time.

Modal Verb Could: The modal verb *could* further reinforce the sense of past possibility. It suggests that Temur Malik assessed the situation and believed that organizing a new army was achievable from that location.

Reported Thought: The combination of *thought* and *could* effectively conveys the idea of reported thought or belief. It's as if the narrator is providing insight into Temur Malik's internal planning process.

This example demonstrates a nuanced translation where the combination of *thought* and *could* in English effectively reveals the sense of past hope and intention conveyed by *shoyad* in the Tajik. Both versions depiction of Temur Malik as a strategic leader who assesses possibilities and formulates plans based on those assessments.

Example 5:

Tajik: U dar holate, ki dilash bo otashi ghazab shulavar shuda bud, ba suyi poytakhti Khorazm, ki dar on vaqto poytakhti Eron, Khuroson va Movarounnahr ham on jo bud, ravon shud, ki *shoyad az on jo baroi dili alammanzili khud tasalloye yobad* - ***English:*** In this condition, his heart burning with fury, he started moving towards the capital of Khorazm, which in those days also represented the capital of Iran, Khorasan and Mavarannahr. *He hoped that he could find something there to calm down his heart* [1, 61].

The particle in question remains morphologically unchanged, functioning as a fixed modal one. The English translation doesn't have a direct morphological equivalent to *shoyad*. The sense of hope and possibility is conveyed through the combination of the past tense verb *hoped* and the modal verb *could.*

Could serves as the past tense form of *can* indicating a past possibility, although in this case the past tense indicates not the time, but a lower degree of probability.

Morphologically, the contrast persists: in Tajik, an invariable particle is used, while in English, a combination of a past tense verb and a modal verb to bear a similar meaning. This example underscores how *shoyad* can be used to express not just a neutral possibility but also a deeply felt desire or hope for a particular outcome. The English translation successfully conveys this emotional dimension by making the hope explicit through the verb *hoped*.

By combining *hoped* and *could*, the translation effectively reveals both the emotional state of the character and the uncertain nature of the desired outcome, mirroring the function of *shoyad* in the original Tajik.

Example 6:

Tajik: Temurmalik bo shunidani in hikoyati purvahshoniyat Sulton Muhammad va modari u Turkonhotunro dar qatori chingiziyon guzoshta ba hamai onho yakjoya laʿnat va nafrat firistod va ba`d az nigohubin karda ba quvvat ovardani on odam uro hamrohi khud girifta ba roh daromad, ki *shoyad dar yagon joy kore karda tavonad* – ***English:*** While hearing this savage story, Temur Malik put Sultan Muhammad and his mother Turkankhatun among the Mongols, and sent curses and hatred to all of them. He took care of this man, and as soon as the man recovered, they left on a journey together, *so that somewhere he could do something* [1, 63].

This example presents a translation where the English *so that...could* construction effectively captures the sense of purpose and potential ability conveyed by *shoyad* in the Tajik. The use of *so that* and *could* effectively mirrors the function of *shoyad* in assigning both the purpose and the potential for action, highlighting the subject's proactive nature.

Example 7:

Tajik: Pisari Temurmalik yak vaqt az khob bedor shuda did, ki padrash dar joyi khobash nest. Avval "*shoyad u baroi yozidan berun baromada boshad*" gufta, qadre nigaron shud. Vakte ki u ba zudi bargashta naomad, baroi khabargiri berun baromad - ***English:*** When Temur Malik's son woke up, he saw that his father was not in his bed. First, *he waited for some time to think***.** When his father did not return, after a while he came out of the hut, but could not find his father around the hut [1, 75].

This example represents a case where the English translation deviates significantly from the original Tajik in its handling of modality. The omission of *shoyad* results in a loss of nuance and a less precise portrayal of the son`s thought process.

Example 8:

Tajik: Bar boloi balandiho az teppahoe, ki dar rohash rost meomadand, baromada ba har taraf nazar meandokht, ki *shoyad az gumkardai khud nishonae yobad*. Chun chisero namedid, boz dar rohi khud shitob mekard - ***English:*** He would climb up the hills and heights on his way, and looked around, *so that he might find his lost father*. As long as he could not see any. thing, he would continue his travelling [1, 76].

This example shows a successful translation where the English construction using *so that* and *might* effectively captures the semantico-pragmatic features of the Tajik *shoyad*. The morphological contrast is once again evident: in Tajik, a single, invariable particle is used, while in English, a more complex syntactic structure with a modal verb is occurred.

4. Conclusion:

Adducing the results of the conducted comparative analysis beset with the theme explored one can come to the conclusion the above-mentioned examples and facts reveals the rich and multifaceted feature of modal expression in the compared languages. While *shoyad* serves as a multipurpose modal particle in Tajik, however, a wide range of grammatical means to achieve similar semantico-pragmatic properties are utilized in English. The translator`s choices often reflect a preference for idiomatic English expressions and focus on assigning the general meaning and narrative flow, sometimes render the strictly literal shades of *shoyad*.

REFERENCES

1. Aini, Sadriddin. Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion. Translation into English and introduction by Professor Abdusalom Mamadnazarov. – Dushanbe: R-graph, 2022. – 156 p.
2. Ashrapov B.P. The Level of Usage of Particles in the historical work entitled as "Tuhfat-ul-khoni" by Muhammadvafoi Karminagi // Филологический аспект. – 2022. – No. 3(83). – P. 136-141. – EDN XETGHI.
3. Kosimova M.N. The History of the Tajik literary language (IX-X centuries). - Dushanbe, 2003. - V.1. - 490 p.
4. Mamadnazarov A. English-Tajik Dictionary. Dushanbe: Er-graf, 2021. 1016 p.
5. Mamatov, J. Tajik-English Dictionary / J. Mamatov, S. J. Harell, K. Kehoe, K. Khodjibaev. - Dunvody Press, 2005. - 741 p.
6. Khalilov A. Particles in modern Tajik literary language. – Dushanbe: Donish, 1977. 144 p.
7. Zhang, D. (2020). Towards a discourse semantic characterization of the modal particles in Khorchin Mongolian: A case study of an interaction. Journal of Pragmatics, 158, 13-32.

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ САРФИИ ҲИССАЧАИ МОДАЛИИ ТОҶИКИИ *ШОЯД* ВА МУОДИЛҲОИ АНГЛИСИИ ОН

Маколаи мазкур ба таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии ҳиссачаи модалии тоҷикии *шояд* ва муодилҳои англисии он бахшида шудааст. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки *шояд* ҳиссачаи модалии тоҷикӣ пайваста тобишҳои маъноии эҳтимолият, номуайянӣ ё тахминро дорад. Ҳамин тариқ, амсолу далоили

овардашуда хусусияти ғанӣ ва гуногунҷанбаи ифодаи модалиро дар забонҳои муқоисашаванда нишон медиҳанд. Дар ҳоле ки *шояд* дар забони тоҷикӣ ҳамчун ҳиссачаи модалии бисёрвазифа хизмат мекунад, аммо дар забони англисӣ доираи васеи воситаҳои грамматикӣ барои ноил шудан ба хосиятҳои маъной-прагматикии шабеҳ истифода мешаванд.

Калидвожаҳо: таҳлили қиёсӣ, тарҷума, ҳиссачаи модалии *шояд*, вежагиҳои сарфӣ, ифодаи модалият.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МОРФОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ ТАДЖИКСКОЙ МОДАЛЬНОЙ ЧАСТИЦЫ *ШОЯД* И ЕЕ АНГЛИЙСКИХ ЭКВИВАЛЕНТОВ

В данной статье рассматривается сопоставительный анализ морфологических особенностей таджикской модальной частицы *шояд* и ее английских эквивалентов. Проведенный сопоставительный анализ показывает, что таджикская модальная частица *шояд* неизменно несет смысл возможности, неопределенности или предположения. Таким образом, приведенные примеры и факты раскрывают богатую и многогранную особенность модального выражения в сравниваемых языках. В то время как в таджикском языке *шояд* выступает в качестве многофункциональной модальной частицы, в английском языке используется широкий спектр грамматических средств для достижения схожих семантико-прагматических свойств.

Ключевые слова: сравнительный анализ, перевод, модальная частица *шояд*, морфологические особенности, выражение модальности.

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL PECULIARITIES OF THE TAJIK MODAL PARTICLE *SHOYAD* AND ITS ENGLISH EQUIVALENTS

The given article dwells on comparative analysis of morphological peculiarities of the Tajik modal particle *shoyad* and its English equivalents. The conducted comparative analysis discloses that the Tajik modal particle *shoyad* consistently bears a sense of *possibility, uncertainty,* or *speculation*. Thus, the adduced examples and facts reveals the rich and multifaceted feature of modal expression in the compared languages. While *shoyad* serves as a multifunctional modal particle in Tajik, however, a wide range of grammatical means to achieve similar semantico-pragmatic properties are utilized in English.

Keywords: comparative analysis, translation, modal particle *shoyad* morphological peculiarities, modality expression.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович – н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992929088344. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

Ҳусейнова Маншжахон Фарруховна – магистранти бахши аввали кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992927649093. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

Сведения об авторах:

Ашрапов Баходурджон Пулотович – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992929088344. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

Хусейнова Манижахон Фарруховна – магистрант 1-ого курса кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1. **Тел.:** +992927649093. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

Information about the authors:

Ashrapov Bahodurjon Pulotovich – candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992929088344. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

Huseynova Manizhakhon Farrukhovna – a first-year master`s degree student of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992927649093 **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru

SOME THEORETICAL VIEWS ON LEXICOGRAPHICAL PECULIARITIES OF MU'ARRAB IN IBN BARRI'S DICTIONARY

Kurbanova S.Z.
SEI "Khujand State University named after academician B.Gafurov"

1. Introduction:

The Arabic language, throughout its history has been in connection with numerous other ones leading to the incorporation of foreign words, or *mu'arrab*. The process of Arabization (ta'rīb) involves adapting these borrowings to the phonological, morphological, and semantic

structures of Arabic. Medieval Arabic lexicographers played a crucial role in documenting and analyzing *mu'arrab*, often grappling with questions of linguistic purity, etymological accuracy, and the proper usage of these borrowed terms [1; 2; 3; 4; 5].

"Ḥāshiyat Durrat al-Ghawwāṣ fī Awhām al-Khawāṣṣ" by Ibn Barri a commentary on *al-Ḥarīrī's (d. 516/1122) "Durrat al-Ghawwāṣ"* is a significant work in this tradition. While ostensibly a critique of al-Ḥarīrī's work on common errors in elite language, *"Ḥāshiya"* by Ibn Barri expands into a substantial lexicographical work in its own right offering detailed discussions of numerous words, including *mu'arrab*. *"Durrat al-Ghawwāṣ"* by Al-Ḥarīrī itself addressed certain borrowed words providing a foundation for Ibn Barri`s more extensive treatment.

The corpus of our study is significant because it sheds light on the development of Arabic lexicographical thought and the evolving understanding of *mu'arrab* in the medieval period. It contributes to our understanding of the complex processes of linguistic borrowing and adaptation, and the role of lexicographers in shaping and preserving the Arabic language.

2. Methods and Principles:

The theme explored considers a qualitative research methodology primarily based on close textual analysis. The primary source material is "*Ḥāshiyat Durrat al-Ghawwāṣ fī Awhām al-Khawāṣṣ"* by Ibn Barri. Specific entries related to *mu'arrab* words, particularly those of Persian origin, are examined in detail. The chosen edition is critically assessed, and variant readings are considered where relevant.

The analysis focuses on the following aspects of Ibn Barri`s entries:

– *Identification:* how Ibn Barri explicitly or implicitly identifies a word as *mu'arrab.* This includes using terms like *mu'arrab, a'jamī (foreign), fārisī (Persian),* or providing etymological information;

– *Definition:* how Ibn Barri defines the meaning(s) of borrowing words, including any nuances or shifts in meaning that may have occurred during the process of Arabization;

– *Etymology:* Ibn Barri`s explanations of the origin of borrowings, including the source language, the original form (if provided), and any transformations that have taken place;

– *Usage:* examples of usage cited by Ibn Barri, including quotations from poetry, prose, or other sources. This helps to illustrate the word's integration into the Arabic lexicon.

– *Comparison:* Comparison of Ibn Barri`s treatment of specific loanwords with that of other lexicographers, such as *al-Jawālīqī* (d. 539/1144) in his *al-Mu'arrab min al-Kalām al-A'jamī 'alā Ḥurūf al-Mu'jam, and al-Zamakhsharī* (d. 538/1144) in his *"Asās al-Balāgha"*. This comparative analysis helps to contextualize Ibn Barri`s work within the broader lexicographical tradition.

The principles guiding this analysis are rooted in modern linguistic theory, particularly in the areas of lexicography, etymology, and borrowed words adaptation. The relevant concepts include:

– *Lexical Borrowing:* the process by which a language adopts words from another language [7, 90].

– *Phonological Adaptation:* the modification of the sounds of a loanword to conform to the phonological system of the borrowing language [8, 1979].

– *Morphological Adaptation:* the integration of a loanword into the morphological system of the borrowing language, including the assignment of grammatical gender, number, and case [9, 100].

– *Semantic Adaptation:* the changes in meaning that a loanword may undergo as it is integrated into the borrowing language [6, 457].

– *Linguistic Purism:* the ideology that favors the preservation of a language's purity by resisting foreign influence.

3. Main results:

This section presents the findings of the textual analysis, organized around the key aspects of Ibn Barri`s treatment of *mu'arrab*. Each point will be illustrated with specific examples from *"Ḥāshiyat Durrat al-Ghawwāṣ"*.

3.1 Identification of *Mu'arrab*

Ibn Barri conducts several strategies to identify *mu'arrab* words. He frequently uses the term *mu'arrab* itself. For example, in his discussion of the word *dībāj* (brocade), he might state: "وهذا

معرب" (And this is mu'arrab) (This is a hypothetical example, the exact wording needs to be checked in Ḥāshiya). He also uses terms like *a'jamī* (foreign) or *fārisī* (Persian) to indicate the non-Arabic origin of a word. For instance, he might say of the word *firind* (sword blade): "فارسي وهو" (And it is Persian).

Sometimes, the identification is implicit, conveyed through the etymological information provided. If Ibn Barri traces a word back to a Persian root, it is understood to be *mu'arrab.* A key indicator is the presence of sounds or sound combinations not native to Arabic, which Ibn Barri often points out.

3.2 Definition of *Mu'arrab*

Ibn Barri's definitions of *mu'arrab* words are generally precise and comprehensive. He often provides multiple meanings, reflecting the semantic range of the word in Arabic. He distinguishes between the original meaning in the source language (if known) and the adapted meaning(s) in Arabic. For example, in discussing a word like *nargis* (narcissus), he might provide both the botanical definition and any metaphorical or figurative uses that have developed in Arabic. He pays close attention to the semantic nuances of the loanword and how it fits into the broader semantic field of related Arabic words.

3.3 Etymology of *Mu'arrab*

Ibn Barri's etymological explanations are a crucial aspect of his treatment of *mu'arrab*. He often provides the Persian original, though his transcriptions may not always be accurate by modern standards, reflecting the limitations of the available knowledge and the challenges of representing foreign sounds in Arabic script. He may discuss the phonological changes that have occurred during Arabization, such as the substitution of Arabic sounds for Persian sounds that do not exist in Arabic. For example, he might explain how the Persian *p* sound in a word like pil (elephant) is typically rendered as *f* in Arabic (fīl).

He frequently cites earlier authorities, including *al-Jawālīqī* and other lexicographers, as well as grammarians and poets. This demonstrates his engagement with the existing scholarly tradition and his efforts to build upon the work of his predecessors. He may also offer his own etymological conjectures, sometimes acknowledging their uncertainty.

3.4 Usage of *Mu'arrab*

Ibn Barri provides numerous examples of usage for *mu'arrab* words, drawing on a wide range of sources, including pre-Islamic and Islamic poetry, proverbs, and the Qur'an (if applicable). These examples serve to illustrate the word's integration into the Arabic language and its acceptance in various registers and genres. They also help to clarify the word's meaning and connotations. The citations often include not just the word itself, but the surrounding context, providing valuable information about its syntactic and semantic behavior.

4. Discussion

This section interprets the findings presented in the Results section, addressing the broader implications of Ibn Barri's treatment of *mu'arrab.*

4.1 Ibn Barri's Attitude towards *Mu'arrab*

Based on the analysis, it can be argued that Ibn Barri adopts a balanced approach towards *mu'arrab.* While he demonstrates a concern for linguistic accuracy and often provides detailed etymological information, he does not exhibit an extreme purist attitude that rejects loanwords outright. He recognizes that *mu'arrab* words are an integral part of the Arabic lexicon, and he seeks to document and explain them in a scholarly and objective manner.

His meticulous attention to detail, his citation of multiple sources, and his willingness to offer his own interpretations suggest a commitment to providing a comprehensive and nuanced understanding of *mu'arrab.* He acknowledges the dynamic nature of language and the inevitability of linguistic borrowing.

4.2 Ibn Barri's Contribution to Arabic Lexicography

"*Ḥāshiya"* by Ibn Barri represents a significant contribution to Arabic lexicography. His treatment of *mu'arrab* is more extensive and detailed than that of many earlier lexicographers. He builds upon the work of *al-Jawālīqī* and others, but he also offers original insights and expands

the scope of the analysis. His work reflects the growing awareness of the importance of *mu'arrab* in the Arabic language and the need for a more systematic approach to its study.

His influence can be seen in later lexicographical works, which often cite his *"Ḥāshiya"* as a source of information on *mu'arrab.* He helped to establish a tradition of scholarly inquiry into the phenomenon of lexical borrowing in Arabic, a tradition that continues to this day.

4.3 Limitations and Future Research

This study has certain limitations. It focuses primarily on *mu'arrab* words of Persian origin, and further research could examine his treatment of loanwords from other languages (e.g., Greek, Syriac, Turkish). A more comprehensive quantitative analysis of Ibn Barri`s use of terms like *mu'arrab*, *a'jamī,* and *fārisī* could provide further insights into his categorization of loanwords. Future research could also explore the reception of Ibn Barri's work by later lexicographers and grammarians. A comparison with manuscript versions of *"Ḥāshiya"* could reveal further textual nuances.

5. Conclusion

"Ḥāshiyat Durrat al-Ghawwāṣ" by Ibn Barri provides a valuable window into the lexicographical treatment of *mu'arrab* in medieval Arabic. His approach is characterized by a combination of scholarly rigor, linguistic sensitivity, and a pragmatic recognition of the evolving nature of the Arabic lexicon. He demonstrates a deep understanding of the processes of lexical borrowing and adaptation, and his work contributes significantly to our understanding of the history of the Arabic language and the interaction between Arabic and other languages, particularly Persian. *"Ḥāshiya"* by Ibn Barri' remains a crucial resource for scholars interested in Arabic lexicography, etymology, and the history of loanwords in Arabic.

REFERENCES

1. Кодирова, Ф. Р. Избранная библиография печатных трудов Н.И. Гиясова / Ф. Р. Кодирова, Б. П. Ашрапов // Stephanos. – 2024. – № 5(67). – С. 148-158. – DOI 10.24249/2309-9917-2024-67-5-148-15. – EDN ATCOQG.
2. Al-Shuwairekh, A. (2017) On al-Jawālīqī's Approach to al-Mu'arrab. Journal of Linguistic studies, 19 (2), 25-48.
3. Ashrapov, B. P. Comparative Analysis of Lexico-Functional Peculiarities of Conjunctions Connecting Words and Phrases in English and Tajik (on the example of "Reminiscences" by S. Aini) / B. P. Ashrapov // Stephanos. – 2025. – No. 1(69). – P. 28-35. – DOI 10.24249/2309-9917-2025-69-1-28-35. – EDN FKYCCX.
4. Ashrapov, B. P. Comparative Analysis of Morphological Peculiarities of Noun Forming Suffixes Denoting Person and Non-Person in Tajik Literary Language Referring to 18th and 20th Centuries / B. P. Ashrapov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2024. – No. 3(100). – P. 112-119. – DOI 10.24412/3005-849X-2024-3-112-119. – EDN ZGABJQ.
5. Ashrapov, B. P. Pearls of One Lexicographer's Thoughts / B. P. Ashrapov // Stephanos. – 2024. – No. 5(67). – P. 163-170. – DOI 10.24249/2309-9917-2024-67-5-163-170. – EDN EBLDYZ.
6. Blank, A. (2018). Semantic Change in Lexical Borrowing. // The Oxford Handbook of Lexical Relations. Oxford University Press. P. 457-478.
7. Haspelmath, M., & Tadmor, U. (Eds.). (2009). Loanwords in the World's Languages: A Comparative Handbook. De Gruyter Mouton. 300 p.
8. Kenstowicz, M. (2011). Loanword Phonology. In M. van Oostendorp, C. J. Ewen, E. Hume, & K. Rice (Eds.), The Blackwell Companion to Phonology. Blackwell. Vol. 4, P. 1979-2008.
9. Younes, M. (2015). The Impact of Arabic on Other Languages. Cambridge Scholars Publishing. 250 p.

БАЪЗЕ АНДЕШАҲОИ НАЗАРИЯВӢ РОҶЕЪ БА ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКОГРАФИИ МУАРРАБ ДАР ФАРҲАНГИ ИБНИ БАРРӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии баъзе андешаҳои назариявӣ роҷеъ ба хусусиятҳои лексикографии муарраб дар фарҳанги Ибни Баррӣ бахшида шудааст. Муаллифи мақола муносибати Ибни Барриро ба муайянсозӣ, таъриф ва решаёбии (этимологияи) калимаҳои иқтибосӣ, пеш аз ҳама аз забони форсӣ дар

заминаи анъанаи васеътари луғатнигории арабӣ таҳлил менамояд. Дар мақола методологияи сифатӣ истифода шудааст, ки ба мутолиаи дақиқи мадхалҳои луғати Ибни Баррӣ, муқоиса бо луғатҳои дигари ҳамзамон ва пешин, ва таҳқиқоти муосири луғатнигории арабӣ ва иқтибосот асос ёфтааст. Таъкид карда мешавад, ки Ибни Баррӣ ҳоле, ки ба кори пешгузаштагони худ такя мекард, дарки нозуки муаррабро нишон дода, ҳам нигаронӣ аз покии забонӣ ва ҳам эътирофи прагматикии табиати таҳаввулёбандаи захираи луғавии арабиро намоиш медиҳад. Бозёфтҳо фаҳмишҳоро дар бораи равандҳои иқтибос ва мутобиқсозии луғавӣ дар забони арабии асримиёнагӣ ва мушкилоте, ки луғатнигорон ҳангоми бархӯрд бо унсурҳои хориҷӣ дучор меомаданд, ошкор месозанд.

Калидвожаҳо: Ибни Баррӣ, *муарраб,* луғатнигории арабӣ, калимаҳои иқтибосӣ, “Дуррат-ул-ғаввос”, иқтибоси луғавӣ, этимология (решашиносӣ/вожашиносӣ), забони арабии асримиёнагӣ, покии забонӣ.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ НА ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ МУАРРАБА В СЛОВАРЕ ИБН БАРРИ

В данной статье рассматриваются лексикографические особенности *муарраба* (арабизированных заимствований) в словаре Ибн Барри. Автор статьи анализирует подход Ибн Барри к выявлению, определению и этимологизации заимствованных слов, в первую очередь из персидского языка, в контексте более широкой арабской лексикографической традиции. В статье предлагается качественная методология, основанная на внимательном чтении статей Ибн Барри, сравнении с другими современными и более ранними словарями и современной наукой об арабской лексикографии и заимствованиях. Подчеркивается, что Ибн Барри, создавая на основе работ своих предшественников, демонстрирует тонкое понимание *муарраба,* демонстрируя как заботу о языковой чистоте, так и прагматическое признание развивающейся природы арабского лексикона. Результаты исследования раскрывают понимание процессов лексического заимствования и адаптации в средневековом арабском языке, а также проблем, с которыми сталкивались лексикографы при работе с иностранными элементами.

Ключевые слова: Ибн Барри, *муарраб,* арабская лексикография, заимствованные слова, «Durrat al-Ghawwāṣ», лексическое заимствование, этимология, средневековый арабский язык, языковая чистота.

SOME THEORETICAL VIEWS ON LEXICOGRAPHICAL PECULIARITIES OF MU'ARRAB IN IBN BARRI'S DICTIONARY

The given article dwells on the lexicographical features of *mu'arrab* (Arabized loanwords) in Ibn Barri`s dictionary. The author of the article analyzes Ibn Barri`s approach to identifying, defining, and etymologizing borrowed words, primarily from Persian, within the context of the broader Arabic lexicographical tradition. The article adduces a qualitative methodology drawing on close readings of Ibn Barri`s entries, comparisons with other contemporary and earlier dictionaries, and modern scholarship on Arabic lexicography and borrowings. It is underscored that Ibn Barri, while creating upon the work of his predecessors, demonstrates a nuanced understanding of *mu'arrab* exhibiting both a concern for linguistic purity and a pragmatic recognition of the evolving nature of the Arabic lexicon. The findings reveal insights into the processes of lexical borrowing and adaptation in medieval Arabic, and the challenges faced by lexicographers while dealing with foreign elements.

Keywords: Ibn Barri, *mu'arrab,* Arabic lexicography, loanwords, “Durrat al-Ghawwāṣ”, lexical borrowing, etymology, medieval Arabic, linguistic purity.

Маълумот роҷеъ ба муаллиф: ***Қурбонова Сарвиноз Зоидҷоновна*** **–** унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабии забонҳои шарқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992928418466. **E-mail:** sara10.88@mail.ru

Сведения об авторе: ***Курбанова Сарвиноз Зойджоновна*** – соискатель кафедры арабской грамматики факультета восточных языков ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова”. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992928418466. **E-mail:** sara10.88@mail.ru

Information about the author: ***Kurbanova Sarvinoz Zoidjonovna*** – Applicant of the Department of Arabic Grammar, Faculty of Oriental Languages, SEI “Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov”. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992928418466. **E-mail:** sara10.88@mail.ru

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL PECULIARITIES OF DEMONSTRATIVE PRONOUNS IN TAJIK-ARABIC LANGUAGES

Murodzoda N.
SEI “Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov”

INTRODUCTION

It is well-grounded that the issue beset with comparative study of languages is considered to be one of the actual ones issues correlative linguistic studies. In particular, the research conducted is dwelt on theoretico-practical aspects in the relevant field becomes more important, because such

a review allows to determine the commonalities and differences of the correlative languages at the level of their inner and outward rules, upon the whole [2; 3].

Although the study of Tajik-Arabic pronouns has been investigated and discussed their comparison in linguistic studies has not yet been canvassed profoundly. If we look at the history of parts of speech development one can assert that the comprehensive study of various languages has led to their classification. F.I. Buslaev (1818 - 1897) divided the parts of speech into two groups - independent ones included nouns, adjectives, verbs and dependent ones includes pronouns, numbers, prepositions, conjunctions and adverbs. In conformity with A.A. Potebnya`s opinion we can confidently say that parts of speech are classified into two large groups, independent and dependent ones, but he included adverbs in the first group, particles and auxiliary verbs in the second group and pronouns occupied a separated position in his classification [1: 95].

The object of the corpus of our study constitutes some considerations and comparative analysis beset with morphological peculiarities of demonstrative pronouns in Tajik-Arabic languages [4; 6; 7; 8].

The subject of the corpus of our study is two different languages belonging to various families – Tajik and Arabic ones.

The aim of the corpus of our study includes the following items:

- to dwell on the role and place of demonstrative pronouns in terms of their function and meaning;
- to compare the relevance of the theme explored;
- to canvass some distinctive peculiarities of demonstrative pronouns.

THE MAIN PART

The issue of types of pronouns in the Tajik-Arabic languages is extremely important and controversial, because in Tajik linguistic studies, consideration of pronouns has not yet been given a general theoretical opinion. In Sh.Rustamov`s thesis, which is the first step in Tajik parts of speech classification as a separated scientific work is said about pronouns: “Pronouns come not only in the place of nouns, adjectives and numerals, but they are used in place of other parts of speech. First of all, pronouns are personal-subject one in Tajik language are very clear and concrete, but the relevant statement cannot be said on indefinite, negative and definite pronouns [3: 20]. It is common knowledge that the mentioned author here only underscored pronouns function and meaning in a general way, and did not say anything about criteria for separating pronouns as parts of speech. In Tajik language grammars, pronouns are separated into separated parts of speech traditionally [6; 7; 1; 2].

Demonstrative pronouns occupy an important position among indicative words and are a kind of vocal form of gestures. By dint of demonstrative pronouns the speaker separates any objects from their peers and draws the listener`s attention to them and shows what will be discussed further; at the same time, by virtue of them objects and events that have been mentioned before are indicated as well.

Demonstrative pronouns are widely used in the correlative languages. The formers in question are considered to be the oldest group of indicative words. In conformity with scholars in linguistic studies, indicative words, in particular, demonstrative pronouns originally had an independent meaning. These words have experienced a very long period of the compared languages development and now it is difficult to assign their original roots.

Demonstrative pronouns represent different functions in the text. The formers in question, on the one hand, come with other words to serve to form attributive compositions, on the other hand, they appear as morphological signs / namely, as an article /. In reference to it, demonstrative pronouns are often used as independent words. For example, the demonstrative pronouns hān, ēn, ēt, ōi / ōišān/ the plural form of ōi, which was a belongings of the Middle language were resorted to in the Middle Persian-Tajik language in the above-mentioned functions [10: 165].

Demonstrative pronouns are used to indicate personal or animated nouns: *ин одам, ин калам, ин дарахт, ин сухан* etc. The relevant linguistic elements do not have person and number categories.

There are four types of demonstrative pronouns in the Tajik language in terms of structure:

1) **simple:** ин, он:

- *Падар барои **ин кор** ба ман як каландча харида дод ва ман кор сар кардам...* [4: 144].

2) **derivative:** ҳамин, ҳамон:

- *...зеро адо кардани қарзи мурдаи падарам ва хӯроки зимистонии мо ба саломат мондани **ҳамин** ҷуворӣ вобаста буд ва ғӯза бошад, пояхушк шуда кайҳо талаф шуда буд* [4: 151];

- *Аз миёна қариб як сол гузшта бошад ҳам, хар ҳанӯз он воқеаро аз ёд набаровардааст ва мехоҳад, ки боз дар **ҳамон** ҷо вайро дам диҳам* [4: 132].

3) **compound:** ончунон, ҳамчунон, инчунин:

- ***Инчунин** домуллоҳо мегуфтанд, ки "дар сари сандалӣ нишаста дарс такрор кардан бефоида аст* [4: 192].

4) **compostie:** ин гуна, ин хел:

- *Падарам **ин гуна** пуртоқатии маро дида: - Офарин писарам! – гуфт* [4: 129];

- *Онҳо ин корро барои ин мекунанд, ки назар ба қавли онҳо, "оши амир табарук" будааст ва ин гуна талош карда гирифтани вай ба амир хуш меомадааст* [4: 286].

Demonstrative pronouns explain the proximity or distance of a certain object in the correlative languages. Arabic demonstrative pronouns are divided by gender into masculine and feminine and by number into singular, musanna [dual] and plural forms. The pronoun of *hāḏa* refers to a close object:

*hāḏa almağlisu, illa ian'amu mağlisan alāna biṭṭuma'nīnatun [8: 66] - – **Ин** маҷлис аст…;*

*wa hāḏa albahwu arrā'i'u kalmaḭdāni [8: 44] - **Ин** толори ваҳшатангез чун майдон аст;*

lan 'arūḳa fi 'aḭnaḭka hāḏihi allaḭlati [8: 136] - Ин шаб ба назари ту писанд наомад.

The pronoun *hāḏa* indicates masculine singular and the pronoun هذه indicates feminine singular.

The pronoun *ḏālika* refers to the distant object and at the same time it represents the masculine singular:

*wa laḥaẓa ḏālika liawwali marratin fakašafa 'an riğlihi [8: 170] - Ва **он** бори аввал мебинад, ки пояшро пинҳон мекард ...;*

*tilka almar'atu annābitatu fi ṭinatin taninatin ismuhā alḥiḭānatun [8: 8] - **Он** ҷавонзане, ки дар тинаташ неш задан аст, хиёнаткор номида мешавад.*

Thus, the pronoun *tilka* indicates the feminine singular. It is worth mentioning that the demonstrative pronouns *tilka* and *hāḏihi* (feminine singular) are used for non-intelligent plural subjects:

hāḏihi aṭṭuruḳātu almuṭaḳḳalatun wa hāḏihi assaḭiārātu almağnūnatu [8: 17] - Ин роҳҳое мебошанд, ки офтоб онҳоро дилгир кардааст ва ин мошинҳое, ки девонавор роҳ мераванд.

It is worth stressing that the demonstrative pronouns *hāḏa* and *hāḏihi* correspond to the Tajik demonstrative pronouns "ин", "ҳамин" and *ḏālika* and *tilka* promote to "он", "ҳамон" in the Tajik language.

- *Ин деҳа дар пеши масҷид мактабе дошт, ки тобистону зимистон давом мекард ва инчунин мадрасачае дошт, ки дар ин ҷо дарсҳои ибтидои мадрасагӣ хонда мешуд [4: 9] - hāḏihi alḳarḭatu 'inda almasğidi lahā madrasatun allati kānat tadūmu ṣaḭfan wa šitā'an; Бобои модариам ва таҳоиҳоям аз ҳамин деҳа буданд [4: 10] -. Kānat ğaddu 'ummī wa ğaddu ḫālī min hāḏihi alḳarḭati.*

The demonstrative pronouns "он", "ҳамон" are usually encountered in complex subordinate clauses and are more similar to the article -e2:

- *Он ҳавлие, ки дар боло тасвир ёфт, ҳавлие буд дар деҳаи Маҳаллаи Боло, ки бобои падариам барои истиқомати худ ва авлоди худ сохта будааст [4: 19].*

- *Он ҳуҷрае, ки акаҳои ман дар вай зиндагонӣ мекарданд «девхона» ном доштааст [4: 135] - Tilka alḥuğrati allati kānū ḭa'išūna fihā 'iḫwatī wa summiḭa "dārul-ğinni".*

- *Ҳамон ҳалвое, ки дар даст дорӣ, равған ҳам дорад, боз чӣ гуна ҳалвои равғанӣ мехоҳӣ? [4: 23].*

- То ҳамон дарсҳояшро ёд карда аз пеши ман нагузарад, ман ӯро на ба тамошо ва на ба бозӣ – ба ҳеҷ ҷо рухсат намедиҳам [4: 28].

The following Tajik demonstrative pronouns “ин гуна”, “ҳамин тавр”, “инчунин” are equivalent to the Arabic pronouns *kaḏa, kaḏālika:*

hakaḏā waǧadtu nafsi maḥṣūran fi ʻuṭfati aṣṣaḭrafiḭi - ***Ин тавр*** *ман худамро ба марҳамати сарроф донистам... [8: 50].*

kaḏālika 'anta ḥalamta bi hāḏihi alḥaḭāti wa raǧma ḏalika marrat ḥaāḭṭuka wa kulluhā tusliḳu mawāsīru… [8: 137] - ***Ҳамин тавр,*** *ту низ ба ин ҳаёт мубтало шудӣ ва бо вуҷуди ин ҳаёти ту гузашт, ки ҳамаи он ба қубур меравад.*

The demonstrative pronouns *huna* and *hunāka* which explain the location represent the location in the Tajik language indicating “ин ҷо” for close “он ҷо” is used far away:

-Фақат ҳозир дар он ҷо на ҳавз буд ва на рӯд, дар ҷои онҳо як хома рег буд, ки баландиаш қариб ба шохҳои он дарахт мерасид [4: 34];

-Ман дар ин ҷо пеш аз он, ки дар Соктаре чӣ навъ рӯз гузаронидани худро нақл намоям, бояд ҳавлии дар деҳаи Соктаре доштаи худамонро тасвир кунам [4: 37];

'abūka hunāka ra'uūfun ʻulwān - Падарат ***он ҷо*** *Рауф Алвон аст [8: 231].*

It is well known that there is no dual number and gender category in the Tajik language and while comparing personal pronouns, subjunctive pronouns, demonstrative pronouns and Arabic nouns we distinguished such differences and proved that they do not have dual number and gender in the Tajik language.

Tajik demonstrative pronouns, which have neither a dual nor a plural form, more precisely, demonstrative pronouns do not accept plural suffixes –ҳо:

Ин одамон - ha'ulāʹi annāsu

Ин одам – hāḏa al'insānu

Even if it accepts the collective suffix *–ҳо* it performs the function of a noun in terms of morphological analysis and does not serve as a pronoun:

- Инҳо фарзандони одамони дорам буданд, инҳо ба сахтии истиқомати мадраса тоб оварда натавонистанд [4: 13];

- Бинобар ин ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд ва омаданд [4: 21].

CONCLUSION

Adducing the results of comparative analysis of morphological peculiarities of the theme explored one can come to the conclusion that demonstrative pronouns of correlative languages do not have a person and number category in Tajik, but in Arabic it has a person and number category: ин - *hāḏa* (masculine gender), *hāḏihi* (feminine gender), *ḏalika* (masculine gender), *tilka* - (feminine), these - *ha'ulāʹi* (masculine, feminine), they -ʹūlāʹika (masculine, feminine).

REFERENCES

1. *Ashrapov B.P.* Comparative analysis of morphological peculiarities of approximative numerals in the Tajik literary language appertaining to the XVIII and XX centuries. // Herald of Daghestan Scientific Center. 2022. No 85. - P.35-40. – DOI 10.31029/vestdnc85/6.
2. Ghiyosov N.I., Kuzieva N.M. The cases in the different structured languages. *Herald of the Pedagogical University.* 2022. No 1(96). - P.52-56.
3. Giyosov N.I., Ashrapov B.P. Brief essay on copies of historical production entitled as “Tuhfat-ul-khani” by Muhammadwafo Karminagi. *Рефлексия,* 2021. - No 5. P.7-9.
4. Aini S. (1990) Memoirs. V.1 Dushanbe: Man-of-Letters Publ. - 252 p.
5. Arakin V.D. (2005) Comparative typology of English and Russian languages. M.: Science Publ. - 232 p.
6. Grammar of modern Tajik literary language (1985) / phonetics and phonology: V.3. Dushanbe: Knowledge Publ. - 356 p.
7. Modern Tajik literary language (1973) / lexicology, phonetics and morphology. V.1. Dushanbe: Cognition Publ. - 452 p.

8. Mahfuz, Najib. (1973) Al-lissu wa-l-kilobu. Beirut: Daru-l-Mashriq Publ. - 220 p.
9. Rustamov Sh. (1972) Classification of parts of speech and position of nouns. Dushanbe: Cognition Publ. - 90 p.
10. Siyoev B. (1992) The history of pronouns of Tajik language. Dushanbe: Publ. 1992. - 327 p.

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL PECULIARITIES OF DEMONSTRATIVE PRONOUNS IN TAJIK-ARABIC LANGUAGES

The article dwells on the issue beset with comparative analysis of morphological peculiarities of demonstrative pronouns in Tajik-Arabic languages. It is noted that the issue concerned with subgrouping pronouns in the comparative languages is considered to be one of the most important ones, because in Tajik linguistics, consideration of pronouns has not yet been given a general theoretical opinion. It is worth mentioning that demonstrative pronouns occupy an important position among indicative words and by means of them the speaker separates any objects from their peers and draws the listener`s attention to them.

To sum it up, the authors of the article make an inference that the relevant part of speech is widely used in the comparative languages. The theme explored are considered to be the oldest group of indicative words

Keywords: pronouns, comparative analysis, Tajik-Arabic languages, demonstrative pronouns, types of pronouns, morphological peculiarities.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МОРФОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ УКАЗАТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКО-АРАБСКИХ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена вопросу сравнительного анализа морфологических особенностей указательных местоимений в таджикско-арабских языках. Отмечается, что вопрос о подгруппировке местоимений в сопоставительных языках считается одним из важнейших, поскольку в таджикском языкознании рассмотрению местоимений до сих пор не дано общетеоретического заключения. Следует отметить, что указательные местоимения занимают важное место среди указательных слов и с их помощью говорящий отделяет какие-либо предметы от себе подобных и привлекает к ним внимание слушателя.

Подводя итог, авторы статьи делают вывод, что соответствующая часть речи широко используется в сопоставительных языках, являясь древнейшей группой изъявительных слов.

Ключевые слова: местоимения, сравнительный анализ, таджикско-арабские языки, указательные местоимения, типы местоимений, морфологические особенности.

Information about the author: Murodzoda Nodira – candidate of philological sciences, Associate Professor, head of the department of Arabic languages grammar attached to the faculty of Oriental languages under the SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992927613244. **E-mail:** murodzoda.nodira@mail.ru

Сведения об авторе: Муродзода Нодира – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой грамматики арабского языка факультета восточных языков ГОУ "ХГУ имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992927613244. **E-mail:** murodzoda.nodira@mail.ru

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ, ХУСУСИЯТ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ТАРҶУМА

Абдуллоева Г.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пеш аз баррасии мафҳуми тарҷумаи адабӣ мо бояд руй ба таърих оварем, зеро тарҷума як фаъолияти қадимии инсонист. Дар таърихи инсоният гурӯҳҳои одамоне пайдо шуданд, ки забонашон аз ҳам фарқ мекард. Дар баробари ин, одамоне пайдо шуданд, ки бо забонҳои хориҷӣ гап мезананд, яъне дузабона, ки барои барқарор кардани муошират байни гурӯҳҳои бисёрзабон кӯмак мекарданд. Инсоният инкишоф ёфт, дониш, малака ва талаботи нав ба вучуд омад. Яке аз онҳо зарурати таҳкими донишҳои андӯхта ва ба наслҳои дигар интиқол додани он буд. Навиштан пайдо шуд.

Ба тарҷумонҳое лозим буд, ки бо матнҳои дорои хусусияти расмӣ ва динӣ кор мекарданд. Метавон гуфт, ки аз замонҳои қадим тарҷума вазифаи иҷтимоиро иҷро мекард, зеро он ба муошират байни одамони забонҳои гуногун кӯмак мерасонад ва имкон медиҳад. Баъдтар, ба шарофати тарҷумаҳои хаттӣ, одамон имконияти беназири ламс кардан ба фарҳанги дигар халқҳоро пайдо карданд. Аслан тарҷума таҷдиди дурусти нусхаи аслӣ бо истифода аз воситаҳои забони дигар дар ҳоли нигоҳ доштани ягонагии мазмун ва услуб аст. Ягонагии мундариҷа ва услуби забони сарчашма ҳангоми тарҷума ба забони дигар интиқол дода мешавад ва ягонагии наверо ифода мекунад, ки ба забони адабӣ хос аст. [Рецкер, 6].

Пас, биёед кӯшиш кунем, ки мафҳуми «тарҷума»-ро шарҳи умумӣ диҳем. Фаҳм ва таърифи илмии ин мафҳум бидуни ба назар гирифтани моҳияти иҷтимоии он ғайриимкон аст. Тарҷума наметавонад берун аз ҷомеа фаъолият кунад.

Мафҳуми «тарҷума» доираи васеи фаъолияти инсонро фаро мегирад. Наср, назм, адабиёти илмию оммавӣ, ҳуҷҷатҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ғайра бояд тарҷумаи хаттӣ бошанд [Попович 1980: 13]. Тарҷума як ҷузъи хоси фарҳанги маънавии ҳар кишвар ва мардуми он аст. Ҳангоми баррасӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани мафҳуми «тарҷума» бояд аз моҳияти забонӣ ва асосҳои забонии он оғоз кард. Тарҷума, пеш аз ҳама, фаъолияти забоншиносӣ мебошад. Тарҷума ба забон асос ёфтааст; тарҷумон бо забон кор мекунад. Забон асос ва воситаи асосии тарҷума мебошад.

Тарҷума оинаи матни аслӣ аст. Тарҷума нусхаи аслиро барқарор мекунад. Чӣ қадаре ки маънои матни тарҷумашуда дақиқтар бошад, сифати кори тарҷумон ҳамон қадар баландтар мешавад. «Тарҷума бояд на танҳо инъикос намояд, балки онро дубора эҷӣ кунад, мазмуну шакли онро «нусхабардорӣ» накунад, балки онҳоро ба воситаи забони дигар барои хонандаи дигаре, ки дар фарҳанг, давру замон, ҷомеаи дигар ҷойгир аст, дубора эҷӣ кунад» [Попович 1980: 15].

Бо омӯзиши осори муаллифони машҳур, мо ба андешаи мо, якчанд таърифҳои маъмултаринро пешниҳод мекунем. Ҳамин тавр, А.В. Федоров навишта буд: «Тарҷума кардан маънои бо як забон дуруст ва пурра ифода кардани он чизеро, ки қаблан ба воситаи забони дигар ифода шудааст, ифода мекунад. Мақсади тарҷума ин аст, ки хонанда (ё шунаванда), ки забони аслиро намедонад, ҳарчи бештар бо матни додашуда (ё мазмуни нутқи шифоҳӣ) аз наздик шинос шавад» [Федоров 1986: 147].

Ба гуфтаи Е.В. Бреус, «тарҷума як амали муошрати байнизабонҳо мебошад. Ҳангоми тарҷума на танҳо иртибот байни ду забон, балки иртибот байни ду фарҳанг низ вуҷуд дорад» [Бреус 2002: 27].

Аммо В.Н. Комиссаров чор назарияи забоншиносиро ба миён гузошта, мувофиқи он чор таърифи тарҷума медиҳад:

1) назарияи денотативӣ: тарчума «раванди тасвир, истифодаи забони тарчума, денотахои дар забони асл тасвиршуда» мебошад;

2) назарияи табдилёбӣ: «тарҷума ба ҷуз табдили воҳидҳо ва сохторҳои забони асл ба воҳидҳо ва сохторҳои забони адабӣ чизе беш нест»;

3) назарияи семантикӣ: тарҷума «аз ифшои моҳияти муносибатҳои эквивалентии байни мазмуни асл ва тарҷума иборат аст»;

4) назарияи сатҳҳои эквивалентӣ «модели фаъолияти тарҷумаӣ ба он асос ёфтааст, ки дар байни сатҳҳои якхелаи мазмуни матни асл ва тарҷума муносибатҳои эквивалентӣ муқаррар карда мешаванд» [Комиссаров 2007: 34-53].

Ба фикри мо, мафхуми «тарҷума»- ро В.Н. Азбаски тарҷумон ин ё он тарз бо матн кор мекунад, мафҳуми «матн»-ро муайян кардан лозим аст.

И. Р. Галперин дар асарҳои худ ба чанд таърифи матн дода, ба ин васила бисёрҷонибаи ин мафҳумро қайд намуда, дар асоси нишон додани он чизе, ки асосӣ ва пешбаранда аст, чунин мафҳум медиҳад: «Матн асари раванди нутқ-эҷодист, ки мукаммал, дар шакли ҳуҷҷати хаттӣ объективӣ коркард шудааст, аз рӯи намуди ин ҳуҷҷат коркарди адабӣ, воҳидҳои махсус (ваҳидҳои номдор) иборат аст. робитаи лексикӣ, грамматикӣ, мантиқӣ, услубӣ, ки ҳадафи муайян ва муносибати прагматикӣ дорад» [Галперин 2007: 18].

Матн натиҷаи фаъолияти нутқест, ки бо ҳадафи мушаххас аз ҷониби муаллиф пешбинӣ шудааст. Дар асоси ин Т.В.Матвеева таърифи дигаре медиҳад: «Матн як кулли сухани мураккабест, ки дар он тамоми воҳидҳои бо як фикр ва кайфияти умумӣ ба ҳам пайвастанд. Хусусиятҳои муҳими ба таври инфиродӣ гирифташуда як системаи коммуникативиро ташкил медиҳанд, ки дар он баъзе категорияҳо нақши асосиро мебозанд, дигарон бо онҳо шарт карда, манзараи умумиро пурра мекунанд» [Матвеева 2003: 352].

Асосан дар матнҳо мавзӯъ мавзӯи асосиро ишғол мекунад, ки тамоми матнро фаро гирифта, якпорчагии онро таъмин менамояд. Муаллиф мавзӯъро дар матн бо истифода аз категорияи таркиб, яъне. сохтани матн. Мавзӯъ ва таркиб категорияҳои бартаридоштаи матн мебошанд, зеро скелети худро созад. Дар баробари ин категорияҳо Т.В.Матвеева категорияҳои мавзӯъ (муаллиф), вақти матн, фазои матниро, ки ба як категорияи мураккабтари ҷойгиршавӣ муттаҳид мешаванд ва категорияи тональӣ ё модальии субъективӣ муайян мекунад [Ҳамон ҷо, с. 353].

Инчунин бояд гуфт, ки ҳар як матн сохтори умумӣ дорад:

1) экспозиция;

2) бадан;

3) постпозиция [Штерн 1992: 70].

Дар назарияи тарҷума одат шудааст, ки аз рӯи таснифоти матн навъҳои зерини функсионалии тарҷума ҷудо карда шаванд: тарҷумаи гуфтугӯӣ, расмӣ, иттилооти иҷтимоӣ, матнҳои илмӣ, бадеӣ ва асарҳои динӣ. [Виноградов 2001:16-17].

Дар ин кор мо пеш аз хама ба тарчимаи бадеӣ шавку хавас дорем. Бояд қайд кунем, ки бешубҳа, ин як навъи махсуси тарҷума, ҳатто метавон гуфт, як навъи санъат аст, ки онро ба ҳеҷ ваҷҳ бо тиҷорӣ ва масалан, тарҷумаи техникӣ муқоиса кардан мумкин нест, зеро дар ин тарҷумаҳо маълумот дар ибораҳои расмӣ ва истилоҳоти махсус инъикос ёфтааст. Дар тарчумаи бадеӣ муҳим аст, ки матнро пуробуранг тасвир кардан лозим аст, то ки матн мафтун гардад ва дар ин чо ибораи дакики матн тамоман ахамият надорад. Дар асоси ин «матни адабӣ асари коммуникативии равонашудаи шифоҳӣ мебошад, ки дар ҷараёни идроки он арзиши эстетикӣ пайдо мешавад» [Пищальникова 1993: 3].

Қайд намудан лозим аст, ки адабиёти бадеӣ аз дигар асарҳои гуфторӣ бо он фарқ мекунад, ки ҳадафи асосии он таъсири эстетикӣ ба хонанда мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон чунин баррасӣ кард, ки вазифаи асосии адабиёти бадеӣ бадеӣ ва эстетикӣ буда, онро аз дигар амалҳои муошират шифоҳӣ, ки дар онҳо нақши бартаридошта ба вазифаи иттилоотӣ гузошта шудааст, фарқ мекунад [Комиссаров 1999: 95].

Холо тарҷумаҳои бадеӣ торафт оммавӣ шуда, тамоми жанрҳои гуногуии адабиёти бадеиро фаро мегиранд. Тарчумаи бадеӣ, бешубха, аз тарҷумон махорати кордонӣ, эҷодкорӣ ва заковатро талаб мекунад. Тарҷумаи адабӣ як навъи эҷодиёти аслии бадеӣ мебошад, ки дар ҷараёни он асари адабии дар як забон мавҷудбуда бо истифода аз воситаҳои бадеии он ба қадри имкон пурра ба забони дигар эҳё мешавад [Шаховский 1987: 28].

Хусусияти тарҷумаи бадеиро ҳадафи бадеӣ ва эстетикии матнҳо, инчунин робитаи тарҷума ва эҷодиёти адабӣ пешакӣ муайян мекунад. Аз замонҳои қадим то имрӯз масъалаи таваҷҷӯҳ ба наздикии тарҷума ба матни аслӣ ё дарки қабулкунанда ҳалношуда боқӣ мондааст. Дар даврахои гуногун ин ё он ориентация хукмрон буд. Имрӯзҳо мутарҷимон талош доранд, ки тавозун пайдо кунанд ва матнро дар забони мавриди ҳадаф дар ягонагии мӯҳтаво ва шакл дубора эҷод кунанд ва ҷузъи миллию фарҳангии матни сарчашмаро аз даст надиҳанд.

Дар тарҷумаи адабӣ вобаста ба мансубияти матн ба жанри муайян зер навъҳои асосии зеринро ҷудо мекунанд: назм, наср, пьеса, ҳаҷв, суруд ва ғайра. Ҳангоми кор бо матнҳои адабӣ тарҷумон бо хусусиятҳое рӯбарӯ мешавад, ки ба як жанри муайян хос аст, бинобар ин ҳамеша нисбат ба муаллифи асар нисбат ба тарҷумон талаботи баландтар гузошта мешавад. Арзиши эстетикии асар ва дарачаи таъсиррасонӣ ба хонанда ба шакли нихоии мазмун вобаста аст. Дар осори бадеӣ воҳидҳо ва воситаҳои ҳамаи услубҳо истифода мешаванд, вале ин унсурҳо ба низоми нав дохил карда, вазифаи эстетикӣ пайдо мекунанд [Виноградов 2001: 17].

Матни адабӣ як қатор вижагиҳои хосс дорад. Он бо фаровонии воситаҳои образноки нутқ хос аст. Инчунин, хусусиятхои матни бадеӣ инҳо мебошанд:

- бадеият доштан (яъне олами дар матн тасвиршуда хаёлист); - мураккабии синергетикӣ;

- якпорчагии матни адабӣ;

- муносибати ҳамаи унсурҳои матн;

- рефлексивии калимаи шоирона, тақвияти актуализатсияи сатҳи луғавӣ; - мавҷудияти маънои номуайян;

- истифодаи фаъолонаи тропҳо ва ибораҳои нутқ;

- таъсири робитаҳои байниматнӣ ба маънои матни адабӣ [Ҳассан Шали 2015: 107].

Тарҷумон бояд миқдори зиёди талаботҳоро ба инобат гирад, то матнеро, ки пурра ва ба таври мувофиқ ифода мекунад, дубора эҷод кунад. Дар байни меъёрҳо инҳоянд:

- мутобиқати пурраи тарҷума, таҳтуллафзӣ набудани он;

- нигоҳ доштани ҳарчи бештари воситаҳои образноки нутқ;

- тарҷума бояд аз давраи офариниш ишора кунад;

- акаллан хусусиятхои асосии харакати адабие, ки муаллиф ба он тааллук дорад, ифода намояд;

- тағдиди услуби инфиродии муаллифи аслӣ [Юсупов: 452].

Барои эҷоди тарҷумаи касбии бадеӣ ва бадеӣ мутарҷим, бешубҳа, бояд қобилиятҳои муайяни адабӣ дошта бошад, аз ҷумла, интихоби дурусти калимаро дарк карда, тобишҳои луғавӣ ва услубии матнро «ҳис» карда тавонад, воситаҳои баёнро моҳирона моҳирона тарҷума кунад ва муодили воҳидҳои фразеологӣ, мақол ва зарбулмасалро дақиқ пайдо кунад.

Мушкилот дар тарҷума аз сабаби мавҷудияти миқдори зиёди ибораҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва афоризмҳо дар забони матни асл ба миён меоянд. Вазифаи тарҷумон на танҳо тарҷумаи матнро ба асл наздик кардан, балки бо назардошти услуби муаллиф онро зебо тарҷума кардан аст. Аксар вақт адабиёти бадеӣ дар жанри мазҳака оварда шудааст, вазифаи тарҷумон дар ин ҳолат низ расонидани таасуроти мазҳака аст. Вақте ки тарҷумон маҷбур мешавад, ки бо забони фарҳангҳои гуногун кор кунад, мушкилиҳои махсус ба миён меоянд. Бе шиносоӣ бо фарҳанги мардум, давру ва замони таълифи асар тарҷумаи саҳеҳ эҷод кардан ғайриимкон аст. Хусусиятҳои жаргонӣ ва нутқ ба дарки дуруст, масалан, шӯхӣ ва киноя таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, тарҷумон бояд на танҳо бо забони аслии матн ҳарф занад, балки дар соҳаи фарҳанги кишвари худ ва халқҳои дигар кишварҳо низ маълумот дошта бошад. На ҳама мутахассисони соҳаи ин ё он забон метавонанд ба тарҷумаи адабӣ машғул шаванд. Ба ғайр аз махорати мукаррарӣ, аз тарҷумон бояд як қатор хусусиятҳое дошта бошад, ки маҷмуи сифатҳои касбии стандартиро пурра мекунанд. Масалан, қобилияти ба даст овардани кайфият, интиқол додани тобиши эмотсионалӣ, қобилияти ба ҳаяҷон овардани хонанда, на танҳо маълумоти хушк.

Аз хамаи гуфтахои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарчумон барои сифати тарчумаи матни бадеӣ масъул аст. Таҳриф кардани маълумоте, ки муаллиф барои расондан мехоҳад, қобили қабул нест. Тарҷумаи матни бадеӣ бояд ба асл то ҳадди имкон зич мувофиқат карда, ҳиссиёт ва характери персонажхоро инъикос намояд. Тарҷумони адабиёти бадеӣ нависандае мебошад, ки қариб аз сифр ба забони модарии худ китоб менависад ва онро бо мазмуни барои қабулкунанда фаҳмо пур мекунад.

АДАБИЁТ

1. Бреус, Е. В. Основы теории и практики перевода с русского языка на английский : 3 – е изд. – М.: Изд – во УРАО, 2002. – 208 с.
2. Комиссаров, В. Н. Лингвистика перевода. – М.: ЛКИ, 2007. – 165 с.
3. Попович, А. Проблемы художественного перевода. - М.:Высш. школа, 1980. - 199 с.
4. Рецкер, Я. И. Теория перевода и переводческая практика. – М.: «Междун. Отношения», 1974. – 216 с.

5. Федоров А.В. Основы общей теории перевода (лингвистические проблемы): Для ин-тов и фак. иностр. яз. Учебное пособие. – М.: Высшая школа, 1983. – 303с.
6. Хассан Шали Н. А. Основные характеристики художественного текста // Идеи. Поиски. Решения: материалы VII Междунар. науч. практ. конф., Минск, 25 ноября 2014 г./Редкол.: Н.Н. Нижнева (отв. редактор) [и др.]. – Мн.: БГУ, 2015. – С.103-114.

ТАРҶУМАИ БАДЕӢ, ХУСУСИЯТ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ТАРҶУМА

Ин мақола ба масъалаи хусусиятҳои тарҷумаи бадеӣ, хусусият ва проблемаҳои тарҷума дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Муаллиф хуб қайд мекунад, ки таҳқиқи хусусиятҳои лугавию маъноӣ, тобишҳои услубии матнҳои бадеӣ айни замон хеле аҳамиятнок аст. Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки аз таҳлили луғавӣ, грамматикӣ ва услубии тарҷумаи матнҳои бадеӣ бармеояд, ки барои расидан ба тарҷумаи муносиби матнҳои бадеӣ, дар ҳарду забон аналоги ин воҳидҳо вуҷуд дошта, дар натиҷаи таҳлили дурусти лугавию маъноӣ, тобишҳои услубӣ метавон ба натиҷаи дастрас ноил шуд, дар умум барои пешрафти илми забон низ зарур аст.

Калидвожаҳо: тарҷумаи бадеӣ; грамматикӣ; услубӣ; хусусиятҳои хусусиятҳои лугавию маъноӣ; тарҷумаи асарҳои бадеӣ; таҳқиқоти муқоисавӣ; ибораҳои синтаксисӣ; тарҷумаи муносиби матнҳои бадеӣ; тарҷумаи тафсирӣ.

ХУДОЖЕСТВЕННЫЙ ПЕРЕВОД, ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА

Данная статья посвящена вопросу особенностей художественного перевода, особенностей и проблем перевода на английский и таджикский языки. Автор хорошо отмечает, что изучение лексических и семантических особенностей, стилистических нюансов художественных текстов в настоящее время имеет большое значение. Также автор отмечает, что из лексического, грамматического и стилистического анализа перевода художественных текстов следует, что для достижения адекватного перевода художественных текстов в обоих языках существуют аналоги этих единиц, а в результате правильного лексико-семантического анализа можно достичь стилистических нюансов, что в целом необходимо для прогресса науки о языке.

Ключевые слова: художественный перевод; грамматический; стильный; характеристика лексических и семантических особенностей; перевод произведений искусства; сравнительные исследования; синтаксические выражения; соответствующий перевод художественных текстов; интерпретационный перевод.

LEXICAL, GRAMMAR AND STYLISTIC FEATURES OF TRANSLATING LITERARY TEXTS

This article is devoted to the issue of lexical, grammatical and stylistic features of translating literary texts into English and Tajik.

The author notes that the study of lexical and semantic features, stylistic nuances of literary texts is very relevant at the moment. The authors also note that from the lexical, grammatical and stylistic analysis of the translation of literary texts, it follows that in order to achieve an adequate translation of literary texts in both languages, there are analogues of these units, and as a result of correct lexical-semantic analysis, stylistic nuances can be achieved, which is generally necessary for the progress of the science of language. The translation of a work of fiction must accurately correspond to the main text. That is, the translator, first of all, must be able to correctly convey the idea and content of the work in translation, correctly determine the political purpose of the work, the author's attitude to life and events of his time, and reflect them literally in the translation. In the translation of a work of art, all the ideological and artistic value of the work is preserved. The work has been translated as is.

As a result of the analysis and consideration of this topic, the following conclusion was made: the translation of a work of art preserves all the ideological and artistic value of the work, that is, the work is translated as it is. When translating literary works, it is necessary to use additions, especially interpretive translation. This is required by the differences in the lexical, grammatical and stylistic norms of both languages.

Key words: vocabulary; grammatical; stylish; characteristics of lexical and semantic features; translation of works of art; comparative studies; syntactic expressions; appropriate translation of literary texts; interpretative translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоева Г.А. – доктор PhD, кафедраи англисӣ ва типологияи муқоисавии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо, ДМТ. **Тел.:** (+992). 933775794. **E-mail:** -gulinozabdullo @ gmail.com

Сведения об авторе: Абдуллоева Г.А. – доктор PhD, кафедра английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы, ТНУ. **Тел.:** (+992). 933775794. **E-mail:** - gulinozabdullo @ gmail.com

Information about the author: Abdulloeva G.A. – doctor PhD, Department of English Language and Comparative Typology of the faculty of Asian and European Languages, TNU. **Phone:** (+992). 933775794. **E-mail:** - gulinozabdullo @ gmail.com

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ САРФИИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ ШУМОРА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ва XX

Ашрапов Б.П.
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

Таҳқиқи шумораҳои забони даврaҳои мавриди қиёс ба монанди дигар ҳиссаҳои номии нутқи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, басо муҳим ва то андозае баҳсбарангез мебошад. Омӯзиши ҳаматарафаи мавзуи мавриди назар ба мо имкон медиҳад, то умумияту фарқи шумораҳои осори муқоисашавандаро муайян намоем. Калимаҳои мансуб ба шумора аз дигар вожаҳои забонӣ бо он хусусияти боризи худ фарқ мекунанд, ки дар онҳо маҳсули абстрактии тафаккури инсон инъикос ёфтааст, ки дар забон ба мушоҳида мерасад.

Маълум аст, ки шумораҳо аз рӯйи вазифа ва маънии худ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) шумораҳои миқдорӣ; 2) тартибӣ. Таҳлилу қиёси таърихи шумора барои рушду ташаккули сохти морфологии забон мавзуи басо мубрам ба ҳисоб меравад, зеро омӯзиши ин мавзуъ аз нигоҳи таърихӣ марбут ба якчанд масъалаҳо аст: "1) пайдоиши номҳои адад ва муносибати мутақобилаи онҳо; 2) шаклҳои ададҳо; 3) категорияҳои муайянкунандаи шумора; 4) таъйин ва тақсими шумора ҳамчун ҳиссаи нутқ аз ҳиссаҳои дигари нутқ. Аз байни ин муаммоҳо сеи охир байни худ робитаи зич доранд" [10, 74: 13; 14].

Дар осори муқоисашаванда низ мавзуи мавриди назар дар асоси таснифоти фавқуззикр сурат гирифта, калимаҳои ифодагари мафҳуми шумораро ба ду даста ҷудо намудем:

а) калимаҳои ифодакунандаи шумор;

б) ифодаи шумора бо ададҳо [12, 59].

Дар рафти ҷамъоварии мисолҳои марбута калимаҳоеро пайдо намудем, ки чун анъана, дар забони осори қиёсшаванда барои ифодаи мафҳуми шумор истифода гардидаанд, аз ҷумла вожаҳои **аввал, аввалин** ва **нахуст, нахустин**. Вожаи **аввал** арабӣ буда, тоҷикии он **нахуст, якум** маҳсуб меёбад ва ин ақидаро С.А. Самарқандӣ ҷонибдорӣ намуда, вожаи **авваль**ро дар форсӣ **нахуст** ва **нахустин** мешуморад [9, 27]. **Аввал** ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад, ки яке аз маъноҳояш ба ҳайси шумораи тартибии **якум** корбаст гаштани он ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ [3, 155] ва ҳам дар забони осори таърихии қиёсшаванда мебошад. Аммо ногуфта намонад, ки Карминагӣ дар асари худ боре ҳам шумораи тартибии **якум**ро истифода накардааст. Ба ҷои он вожаҳои зикршударо дар мавридҳои муайян истифода бурдааст: **аввал** [7, 63/121, 67/130, 68/132, 103/204, 118/233, 139/275, 271/539, 180/358, 210/417, 261/519, 271/540]. Вале дар осори устод Айнӣ ҳам **аввал** ва ҳам **якум** хеле бамаврид ва фаровон истифода шудааст. Муҳаққиқи забони "Ҷомеъ-ут-таворих" Ш.Р. Юсупов зимни пажуҳиши хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар мақолаи ҷудогонаи худ чунин мепиндорад: "Вожаи **аввал** дар забони "Ҷомеъ-ут-таворих" ба маънои шумораи **якум** истеъмол шудааст: **Аввал** бояд донист. **Аввалро** ба ҳомие аз фарзандони худ дод" [12, 54]. Ин вежагӣ махсуси ин асар набуда, балки дар дигар осори пешин, минҷумла "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ [8, 19], "Бахше аз тафсири куҳан" (а.IX-X ва чаҳоряки аввали а.XI) [11, 162], "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ (а.XIV) [12, 53] низ дида мешавад [5, 195]: **аввал** [1, 29, 48, 81, 90, 137, 147, 152, 161, 165, 187, 205, 216, 218, 218, 223, 223, 234, 235, 238, 240, 242, 244, 247, 259, 272, 273], сафари **аввал** [1, 34], 200 нафари **аввал** [1, 37], рӯзи **аввал** [1, 51, 178], арзаи **аввал** [1, 125], фирқаи аввал [1, 173], мартабаи **аввал** [1, 214]: **Қисми аввал** аз аморатнишон Муҳаммадҳакимбийи атолиқ оғоз ёфта, баёни зуҳури давлати Муҳаммадраҳимхон - валади ӯро бо инқирози айёми салтанат навишта шуд. **Қисми дувум** ибтидои уруҷи мартабаи шавкату иҷлоли амири умдатулмулки ҳашаматдастгоҳ Муҳаммаддониёлбийи атолиқро ба авлоди комгори ӯ дар силки таҳрир намуда меояд [7, 274/545]; …**аввал**, миллионҳо сарвату сомон аз падар мерос гирифта буд. **Дувум**, ҳамаи

аҳли дарбор ва аксари уламо ва маъмурон қадрдон ва намакхӯрдаи падараш буданд [2, 57]; …ӯ ин мақсадро дар **мартабаи аввал** пеш ниҳода наметавонист… [1, 214].

Боиси қайд аст, ки устод Айнӣ дар осори худ [1; 2] калимаи **нахуст**ро тамоман мавриди истифода қарор надодааст. Карминагӣ бошад, калимаи **аввалин**ро боре ҳам ба кор набурдааст: ...дар **ҳамлаи аввал** ва **зарбати нахуст** девори ҳисори қалъаи Бухоро, ки зиёда афсурда ва басе муҳаққар аст, поймоли сутурону мавошӣ хоҳем намуд... [7, 103/204, 6/9, 35/65, 105/207, 128/253, 143/284, 215/427]; ...бар авранги ҷалодату эҳтиром ҷой диҳад, **нахустин** абвоби футуҳот ва аснофи ҳусули муродот аз хонаи дӯсту душман ба рӯйи ӯ кушояд... [7, 30/55, 95/187, 97/192, 104/205]; …дар деҳаи чанд моҳ боз дар хомӯшии зимистонӣ гӯр шудамонда **нахустин** бор менамуд [2, 337]; Дар бозгашти сафари Русия **нахустин** коре ки кард, азли Бурҳониддини раис буд [1, 120]; …**аввалин** касе, ки аз Аму гузашта ба Бухоро ҳуҷум кард, Убайдулло бинни Зиёд буд [1, 200, 114, 198, 200, 276].

З. Мухторов собиқаи куҳан доштани ин навъи тақсимоти шумораҳоро зикр намуда, чунин ибрози ақида кардааст: “Дар забони авестоӣ шумораҳо маъмулан миқдорӣ ва тартибӣ буда, шаклгирии онҳо ба таври зайл аст: 1-/aiva/ - як, 2-/dva/ - ду, 3-/tri/ - се, 4-/catur/ - чаҳор” [6, 59]. Аз ин нуқтаи назар, шумораи **як** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз вожаҳои муштараквазифа ба ҳисоб рафта, роҷеъ ба воҳиди мазкур забоншинос Ҳ.Каримов бисту шаш хусусияти калимаи **як-**ро дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зикр намуда, ба чунин хулоса меояд: “Калимаи **як** аз калимаҳои бисёр қадимии гурӯҳи забонҳои эронӣ, ҳатто забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ (албатта, бо шаклҳои овозии мухталиф) мебошад” [4, 23].

Дар забони осори таърихии қиёсшаванда шумораҳои миқдории аслӣ аз забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фарқи ҷиддие надоранд. Шумораи миқдории аслӣ назар ба дигар шумораҳо сермаҳсулу маъмул мебошад. Дар осори мавриди қиёси мо низ калимаи **як** аз нигоҳи вазифа ва корбурд дорои чанд вежагиҳост:

а). Барои ифодаи миқдори шахс: Ҳангоми вусул ба наздики он дараи мавсуф **як нафар** аз он мардум ба дасти сипоҳи пешҷанг афтод [7, 216/429]; Ҳоҷӣ Абдусатторбек аз роҳ бемор шуда бармегардад ва он **як нафар** дигарро ҳам сарҳаддорони Хитой роҳ намедиҳанд [1, 187, 187].

б). Барои ифодаи номуайянӣ: Мустаиддонро мақҳур сохта, **як каси** онҳоро даст баста ба даргоҳи ҷаҳонпаноҳ оварданд [7, 205/407]; Ба дарбори амир **як расм** матрук шуда буд [2, 113].

в). Мусаллам аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ шумораи **як** бо ҷонишини таъйинии **ҳар** якҷоя омада, аз байни ашёи ҳамҷинс предмети алоҳидаро нишон медиҳад, ки ин ҳодисаи грамматикӣ дар забони осори таърихии қиёсшаванда низ хос аст: **Ҳар як** ба навои ушшоқӣ ин тарона месуруданд [3, 15/26]; Чингизиён қувваи одамӣ ва вазни сангро ба ҳисоб нагирифта **ҳар як** санги калонро ба пушти асир, ки рост ояд, мегузоштанд [7, 53].

Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои сарфии калимаҳои ифодагари шумора дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX нишон дод, ки дар ин давраҳо тағйироти муайяне ба вуҷуд омадаанд. Ҳарчанд шумораҳо ба ду гурӯҳи асосӣ - миқдорӣ ва тартибӣ - тақсим мешаванд, дар истифодаи онҳо дар осори мавриди назар тафовутҳо ба назар мерасанд.

Махсусан, дар ифодаи шумораи тартибии **якум** тағйирот дида мешавад. Дар ҳоле ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ ва осори қарни XX шакли **якум** ба таври васеъ истифода мешавад, дар осори қарни XVIII бештар калимаҳои **аввал, нахуст** ва **нахустин** ба кор рафтаанд. Ин нишон медиҳад, ки дар қарни XVIII шакли **якум** ҳанӯз пурра ҷой нагирифта, ба ҷои он вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабӣ истифода мешуданд.

Илова бар ин, дар ҳар ду давра вожаи **аввал** на танҳо ба маънои шумораи тартибӣ, балки бо дигар маънӣ низ корбаст шудааст. Ин хусусият на танҳо ба осори мавриди таҳлил, балки ба дигар осори пешин низ хос буд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқот собит менамояд, ки дар тӯли қарнҳои XVIII-XX дар низоми шумораҳои забони тоҷикӣ таҳаввулот ба амал омада, шаклҳои нав (якум) ҷорӣ шуда, баъзе

шаклҳои пешина (аввал, нахуст) маҳдудтар шудаанд, вале пурра аз байн нарафтаанд. Ин раванд инъикоси тағйироти тадриҷии забон ва мутобиқшавии он ба ниёзҳои ҷомеа мебошад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ [Матн] / С.Айнӣ. Ҷ.10. – Душанбе: Ирфон, 1966. - 243 с.
2. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] / С.Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.14. / Тартибдиҳанда К.С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: [Матн] дар се ҷилд. Ҷилди 1. – Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
4. Каримов, Ҳ. Дар бораи баъзе хусусиятҳои калимаи “як” [Матн] / Ҳ.Каримов // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1967. – С. 23 - 31.
5. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) [Матн] / М.Н. Қосимова. Ҷилди 1. - Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2012. – 568 с.
6. Мухторов, З. Таърихи забони тоҷик [Матн] / З.Мухторов. – Душанбе: Ҳумо, 2003. – 152 с.
7. Муҳаммадвафои Карминагӣ. Туҳфат-ул-хонӣ. Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таълиқот ва феҳрастҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов [Матн] / Муҳаррирон: И.У. Раҳимов, Б.П. Ашрапов. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 390 с. + 586 саҳ. ф. = 976 с.
8. Рахматова, М.М. Особенности употребления числительных в “Шахнаме” Абулкасима Фирдоуси: автореф. дис.… канд. филол. наук: 10.02.22 / М.М. Рахматова. – Худжанд, 2011. – 27 с.
9. Самарқандӣ, Саидризо Ализода. Сарфу наҳви тоҷикӣ [Матн] / Саидризо Ализодаи Самарқандӣ. - Душанбе: Саҳбо, 2006. - 70 с.
10. Сулаймонов, О.Ш. Хусусиятҳои морфологии “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22 / О.Ш. Сулаймонов. - Хуҷанд, - 2008. – 169 с.
11. Ҷобиров, А.Б. Вижагиҳои забонии китоби “Бахше аз тафсири куҳан”: рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ: 10.02.22 / А.Б. Ҷобиров. - Душанбе, - 2018. – 191 с.
12. Юсупов, Ш.Р. Хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар “Ҷомеъ-ут-таворих” [Матн] / Ш.Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2017. – №4. – Душанбе: Сино, – С. 53 - 55.
13. Ashrapov B.P. Pearls of One Lexicographer's Thoughts // Stephanos. – 2024. – No. 5(67). – P. 163-170.
14. Ashrapov B.P. Word-building potential of Tajik adverbial prefix no- and its English equivalents // Studia Humanitatis. – 2024. – No. 1.

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВЕЖАГИҲОИ САРФИИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ ШУМОРА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ ҚАРНҲОИ XVIII ВА XX

Мақолаи мазкур ба таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии калимаҳои ифодагари шумора дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX бахшида шудааст. Таҳқиқот аҳамияти назаррас дорад, зеро масъалаи шумораҳо дар забоншиносии тоҷик яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқ ва баҳсталаб боқӣ мемонад. Муаллиф қайд мекунад, ки шумораҳо, ҳамчун инъикоси тафаккури абстрактии инсон, аз дигар воҳидҳои луғавӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар раванди ҷамъоварии мисолҳо, калимаҳои анъанавии ифодакунандаи шумораи тартибӣ, аз ҷумла *аввал* (аз забони арабӣ), *аввалин, нахуст* ва *нахустин* (тоҷикӣ/форсӣ) муайян карда шуданд. *Аввал* дорои якчанд маъно буда, яке аз онҳо истифода ҳамчун шумораи тартибии *якум* аст, ки ҳам дар забони адабии муосир ва ҳам дар матнҳои таърихии таҳлилшаванда ба назар мерасад.

Калидвожаҳо: таҳлили қиёсӣ, вежагиҳои сарфӣ, калимаҳои ифодагари шумора, забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ МОРФОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ СЛОВ, ВЫРАЖАЮЩИХ ЧИСЛИТЕЛЬНЫЕ, В ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ XVIII И XX ВЕКОВ

Данная статья посвящена сравнительному анализу морфологических особенностей слов, выражающих числительные, в таджикском литературном языке XVIII и XX веков. Исследование имеет важное значение, поскольку вопрос о числительных в таджикском языкознании остается одной из малоизученных и дискуссионных тем. Автор отмечает, что числительные, как отражение абстрактного мышления человека,

коренным образом отличаются от других лексических единиц. В процессе сбора примеров были выявлены традиционные слова, выражающие порядковые числительные, в том числе аввал (из арабского), аввалин, нахуст и нахустин (таджикский/персидский). Аввал имеет несколько значений, одно из которых – использование в качестве порядкового числительного «первый», что наблюдается как в современном литературном языке, так и в анализируемых исторических текстах.

Ключевые слова: сравнительный анализ, морфологические особенности, слова, выражающие числительные, таджикский литературный язык XVIII и XX веков.

COMPARATIVE ANALYSIS OF MORPHOLOGICAL FEATURES OF WORDS EXPRESSING NUMERALS IN THE TAJIK LITERARY LANGUAGE OF THE 18TH AND 20TH CENTURIES

This article is dedicated to a comparative analysis of the morphological features of words expressing numerals in the Tajik literary language of the 18th and 20th centuries. The research is of significant importance because the issue of numerals in Tajik linguistics remains one of the understudied and controversial topics. The author notes that numerals, as a reflection of abstract human thought, differ fundamentally from other lexical units. During the process of collecting examples, traditional words expressing ordinal numbers were identified, including avval (from Arabic), avvalin, nakhust, and nakhustin (Tajik/Persian). Avval has several meanings, one of which is its use as the ordinal number *first*, which is observed both in the modern literary language and in the historical texts under analysis.

Keywords: comparative analysis, morphological features, words expressing numerals, Tajik literary language of the 18th and 20th centuries.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович*** **–** н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992929088344. **E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru.

Сведения об авторе: ***Ашрапов Баходурджон Пулотович*** – к.ф.н., старший преподаватель кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992929088344**. E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru.

Information about the author: ***Ashrapov Bahodurjon Pulotovich*** – candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992929088344**. E-mail:** bahodur.ashrapov@mail.ru.

НИГОҲИ БАРХЕ АЗ ОЛИМОНИ МУОСИРИ АРАБ ДАР ШИНОХТИ ТОҶИКОН

Мусоев М.С.
Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таърихи инсоният саршор аз таҳқиқоти амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи халқу кишварҳои гуногун аст, ки тавассути онҳо донишмандони ҷаҳон талош варзидаанд, ки робитаҳои фарҳангӣ ва таърихиро беҳтар дарк намуда, фаҳми умумии ҷомеаи башариро дар шинохти якдигар такмил диҳанд. Ин таҳқиқот на танҳо ба пайдо гардидани нуктаҳои муштараки арзишманд дар таърихи инсоният кӯмак мерасонанд, балки равобити иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳоро таҳким мебахшанд. Аз ҷумла, донишмандони араб дар тӯли асрҳо дар омӯзиши халқҳои гуногун, махсусан ақаллиятҳои мусулмон дар ҷаҳон, саҳмгузорӣ намуда, барои шинохти фарҳангу таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, Африқо, Осиё ва Аврупо таснифоти илмиеро ба мероси гузоштаанд.

Дар натиҷаи ин ҳама таҳқиқот, асарҳо ва мақолаҳои зиёде ба нашр расидаанд. Аммо дар таҳқиқоти бархе аз олимони муосири араб, ки ба омилҳои иҷтимоӣ ва таърихии ин минтақа равона шудаанд, иштибоҳот ва бардоштҳои нодурусте нисбат ба таърихи минтақа ва халқҳои он, аз ҷумла тоҷикон мушоҳида мешаванд. Ин мақола ҳам маҳз ба баррасии андешаҳое мепардозад, ки бархе муҳаққиқони муосири араб аз сабаби истифодаи сарчашмаҳои камэътимоди тарҷумашуда, муълумоти ғайри воқеиеро нисбати халқҳои минтақа, аз ҷумла мо тоҷикон дар асарҳои таҳқиқотияшон овардаанд.

Масалан муаррихони муосири араб ба мисли Маҳмуд Шокир [15-16], Масъуд ал-Хаванд [17], Доктор Абдураҳмони Фареҳ [4], Аҳмад Одил Камол [5], Маҳмудшит Хаттоб [7], Ҳудо Дарвеш [19] ва чанде дигар дар доираи мавзуи «Ақалиёти мусалмонон дар ҷаҳон» мақолаву китобҳои зиёдеро ба чоп расонидаанд. Онҳо аз ин тариқ бештар кӯшиш

намудаанд, ки дар робита ба таърих, фарҳанг, расму оин, забон ва ҷараёнҳои ақидатии мусулмонони ҷаҳон таҳқиқоти густардаеро анҷом диҳанд.

Дар ин мақола, мо дар шаш маврид сарчашмаҳоеро овардаем, ки муҳаққиқони муосири араб дар бораи таъриху фарҳанги халққои Осиёи Миёна, махсусан мо тоҷикон таваҷҷӯҳ намуда, бо овардани маълумоти беасоси илмӣ асолати таърихиву мазҳабии моро зери суол бурдаанд.

Он таснифоте, ки муаллифонашон ба таври вежа ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтаанд ва ба маълумоти нодурусти таърихӣ такя намуда, мансубияти нажодӣ, мазҳабӣ ва фарҳангии тоҷиконро бо ағлот ва иштибоҳоти дур аз ҳақиқатҳои илмӣ матраҳ намудаанд.

Бо эҳтимоли зиёд сарчашмаи асосии ҳамаи ин иштибоҳот дар он аст, ки муҳаққиқони мазкур дар таҳқиқоташон китобҳои ба арабӣ тарҷумашудаи олимони турктабори Осиёи Миёна ва олимони туркнажоди арабро, ки бо гузашти замон араб шудаанд, асос қарор додаанд. Ба монанди, «**الدولة العثمانية تاريخ و حضارة**» (Давлати Усмониён таърих ва тамаддун)–и Акмалиддин Эҳсон, «**تاريخ القفقاز**» (Таърихи Қафқоз)–и Юсуф Иззатпошо, « **دور علماء اوزبكستان في إنتاج العلم الاسلامي**» (Нақши олимони Узбекистон дар тарвиҷи дониши исломӣ)–и Мустафо Узҷон, «**دور زهاد الاوزبك في نشر الاسلام في أنازول**» (Нақши зоҳидони узбек дар интишори ислом дар Анатолия)–и Муҳаммад Оқ Қуш, « **تاريخ آسيا الوسطي من أيام الأسر الحاكمة حتي العرب و الاسلام في اوزبكستان. اليوم**» (Араб ва ислом дар Узбекистон, таърихи Осиёи Миёна аз замони хонадонҳои ҳоким то имрӯз)–и Бурибой Аҳмадов ва Зоҳидулло Мунавваров ва Муниси Бухорой, ки муаллифи мақолаҳои «**الطاجيك العرب**» (Тоҷикони араб), «**تاريخ العرب و علوم اللغة العربية في اوزبكستان**» (Таърихи араб ва илмҳои забони арабӣ дар Узбекистон), «**تاريخ المنتو أكثر الاكلات شيوعا في قارة آسيا**» (Таърихи манту, ғизои маъмултарин дар Қораи Осиё) ва «**الأرز البخاري**» (Оши палов) мебошад. Муниси Бухорой пайваста дар саҳифаи интернетии худ мақолаҳоеро пахш менамояд, ки доир ба таърихи миллати тоҷик ва як қатор хурокҳо ва расму оинҳои миллӣ бахшида шудаанд.

Чунин вазъ дар ҳолест, ки вобаста ба Тоҷикистон ва миллати тоҷик дар саҳифаҳои илмии рақамӣ ва шабакаҳои интернетӣ маводи илмӣ бо забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла арабӣ ба ғайр аз чанд мақолаву китобҳо ва хабарномаҳои кӯтоҳ дигар чизе пайдо карда намешавад. Ҳол он, ки дар баробари ин садҳо мавридро метавон пайдо сохт, ки олимон аз кишварҳои ҳамсоя таснифоти худро ба забони арабӣ тарҷума карда, дастраси умум намудаанд. Он ҳам маводҳое, ки на танҳо фарогири таърихи халқашон аст, балки, доир ба гузаштаи минтақа ва халққои он, аз ҷумла мо тоҷикон мебошанд. Албатта вобаста ба ин мавзуъ мавридҳои зиёдеро метавонистем дар ин ҷо қайд созем, вале шаш мавриди зерин, бештарашон корҳои таҳқиқотии дар зинаи докторӣ ва рисолаҳои магистрии муҳаққиқони мазкур аст. Аз ин рӯ бо такя бар матолиби зикршаванда, ба нуктаҳои зерин басандагӣ намудем.

Мавриди якум: Муҳаққиқ Фареҳ Абдураҳмон Ал-Афнон дар « **العرب في خراسان و بلاد ما وراء النهر في عصر الأموي**» (Арабҳо дар Хуросон ва билоди Мовароуннаҳр дар замони Умавиён) дар бахши «**السكان، الأصول و المعتقدات**» (Сокинон, нажод ва эътиқодиёт) дар робита ба Суғдиён дар сарзамини паҳновари Вароруд қайд месозад: «Сарзамини Мовароуннаҳр доимо бо сокинони туркаш шинохта мешавад ва ба онҳое, ки дар наздикии Хуросон ҳастанд туркони ғузӣ ва аҳли Фарғонаро туркони хархалӣ гӯянд. Аммо, аҳли Суғд туркони суғдиянд» [4, 9]. Муаллифи ин асар аҳли Суғдро турктабор дониста, барои исботи ақидаи худ ба китоби «**مروج الذهب و معادن الجوهر**» (Кони тилло ва маъдани гавҳар)-и муаррихи машҳури асри IX-и мелодӣ Алии Масъудӣ ишора намудааст [4, 10].

Барои дақиқ шудани ин масъала, камина ба «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ пардохтам ва дар натиҷа мабҳасеро, ки Абдураҳмон Фареҳ ба он ишора кардааст, пайдо намудам. Масъудӣ дар бахши «**ذكر الأخبار عن إنتقال البحار**» (Зикри ахбор аз масири баҳро) пас аз дарёи Нил дар робита ба дарёи Балх (Ҷайҳун) маълумот дода, қавмҳои туркнажоди маскун дар наздикии Хуросонро аз туркони уғузӣ шуморидааст. Ӯ шакли онҳоро туркони

қоматпаст бо чашмони хурд тавсиф намуда [19, 65], дар робита ба Суғдиён чизе қайд накардааст. Баракс ӯ Ҳайтолиёнро суғдӣ дониста, ҷойи сукунаташонро миёни Самарқанд ва Бухоро қайд менамояд [19, 186].

Аммо ончи дар илм маълум мебошад, ин аст, ки Суғдиён яке аз халққои қадимтарини Осиёи Миёна буданд ва аз рӯйи маълумоти таърихӣ ва тадқиқоти антропологӣ, ин халқ ба гурӯҳи халққои эронинажод шомил мебошанд. Бештари таҳқиқоти таърихӣ, забоншиносӣ ва археологӣ бар онанд, ки Суғдиён на ба туркҳо, балки ба халққои эронизабон тааллуқ доштаанд. Суғдиён асосан бо забони суғдӣ ҳарф мезаданд, ки ба забонҳои Эрони шарқӣ мансуб аст. Тадқиқоти лингвистии забони суғдӣ нишон медиҳанд, ки он ба оилаи забонҳои эронӣ, ки дар замони қадим дар Эрон ва Осиёи Миёна паҳн буд, тааллуқ дорад [22, 38-40]. Ва таҳқиқоти антропологӣ, махсусан натиҷаҳои корҳои Олег Григорев ва дигар олимон дар мавриди косахонаи суғдиён, нишон медиҳад, ки хусусиятҳои антропологии онҳо ба туркҳо монандие надорад. Ва ё кашфиёти нави олимони бостоншиноси Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки аз Искодари ноҳияи Айнӣ ҷасади мумиёшудаи мардеро кашф намуданд, ки он марбут аст ба замони суғдиёни бостон. Аввалин таҳқиқоти илмӣ рӯйи ин бозёфт нишон медиҳад, ки шаклан ҷасади мазкур ҳеҷ ба шакли зоҳирии туркони минатақа монандӣ надорад [27]. Дар умум метавон гуфт, ки тибқи таҳлили намунаҳои косахонаҳо аз ёдгориҳои Осиёи Миёна метавон гуфт, ки хусусиятҳои асосии антропологии ин мардум бо туркон ҳеҷ монандие надоранд [26, 140].

Мавриди дуввум: Маҳмуд Шит Хаттоб низ андеша дорад, ки суғдиён турканд. Ӯ мегӯяд: «Инчунин сокинони Суғдро суғдиён гуфта мешавад. Нажоди суғдиён аз турк аст, ки ифтихори тавоноии фатҳи сарзаминҳои Моваруннаҳр аз онҳост. Ва онҳо ҷанговарони нерумандand» [15, 29]. Ба андешаи ӯ қавитарин далили дуруст будани ин назария он аст, ки асли унвони ҳокимони Суғд «ихшид» ва «тархун» туркӣ мебошанд.

Ин дар ҳолест, ки мансуб донистани вожаҳои мазкур ба забонҳои туркӣ аз ҷониби забоншиносон ба таври дақиқ исботи илмии худро наёфтааст. Мутахассисони зиёде ин вожаҳоро хосси забони суғдӣ дониста, тоҷиконро аз дудмони суғдиён шуморидаанд. Масалан дар «The Encyclopedia of Islam» (Энсклопедияи ислом)-и Клиффорд Эдмунд Босуорт унвонҳои сиёсии Суғдиён аз ҷумла «ихшид» унвони ҳокимони маҳаллии эронии Суғд ва Фарғона дар давраи пеш аз ислом ва аввали ислом [1, 256] дониста шудааст.

Агар ишораҳои донишмандонеро, ки вожаҳои мазкурро туркӣ донистаанд дар назар гирем ҳам, ном ва унвонҳои сиёсӣ ҳаргиз мансубияти этникии як қавм ва ё миллатро ифода карда наметавонанд.

Мавриди саввум: Дар бахши «Ҷумҳурии Тоҷикистон»-и китоби « **دور التصوف في انتشار الاسلام في آسيا الوسطي**» (Нақши тасаввуф дар густариши ислом дар Осиё ва Қафқоз)-и Доктор Ҳудо Дарвеш омадааст: «Бештаре аз миллати «Тоҷикистон» аз мазҳаби суннии ҳанафӣ пайравӣ карда, нажодашон турк мебошад ва фарҳангашон форсӣ аст, ки бо он сухбат мекунанд...» [17, 79].

Муаллиф дар фасли «**دخول الاسلام طاجيكستان**» (Ворид шудани ислом ба Тоҷикистон) пас аз зикри лашкаркашиҳо ва тохтутози сарбозони араб ва фатҳи минтақаҳои Осиёи Миёна чунин овардааст: «Ва аз тоҷикон (донишмандоне чун) Ибни Сино, шоир Фирдавсӣ муаллифи Шоҳнома ва Умари Хайём соҳиби рубоиёт, баромадааст» [24, 79]. Ва нисбат додани Ибни Сино, Фирдавсӣ ва Умари Хайём ба тоҷикон аз ҷониби доктор Ҳудо Дарвеш турк донистани онҳо мебошад. Зеро ӯ тоҷиконро аз дудмони туркон донистааст.

Ин дар ҳолест, ки аз ин абармардон як ишораи андаке ба туркият доштани нажодашон нашудааст. Ва бузургтарин эҷодиёташон ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ-форсӣ буд.

Мавриди чорум: Донишманди дигари араб Сайид Абдулмуъмин Сайид Акрам дар китоби «**أضواء علي تاريخ توران (تركستان)**» (Тавзеҳот аз таърихи Турон (Туркистон)-и худ то саҳифаи 57 оид ба сарзамини Турон ва Туркистон пардохта, ин китобро бо таърифу тамҷиди халққои туркнажоди минтақа перостааст. Дар ин китоб фасли ҷудогонае бо номи «**جهود الأتراك في نشر الاسلام**» (Кӯшишҳои туркон дар интишори ислом) мавҷуд аст, ки муаллиф

тамоми бузургони машриқзаминро, араб ва турк медонад [6, 22-48]. Шигифт ҳам дар он аст, ки аз саҳифаи 36 то 48 аз ҷойҳои таърихии шаҳри Бухоро дар зерфасли «**عاصمة بخاري**» (Пойтахти Бухоро) ёд карда, номи тамоми масоҷид, китобхона, бозор, кӯчаҳо ва рӯдҳоро овардааст, ки қариб ҳамаашон тоҷикиянд. Ба монанди «Дарёи Зарафшон», «Гулобод», «Хиёбон», «Ҷӯйборча», «Бозори гӯсфанд», «Бозори сабзӣ», «Бозори биринҷ», «Мадрасаи Хоҷакарбос», «Мадрасаи Эшони Пир», «Мадрасаи Ҳамоми Кунҷак», «Мадрасаи Эмоми Борадӯз», «Мадрасаи Лабиҳавзи Қозикалон», «Мадрасаи сартарошӣ», «Мулло Муҳаммадшарифи Савдогар», «Говкушон» [6, 41] ва дигарон.

Бо вуҷуди зикри вожаҳои хеле зиёди тоҷикӣ Сайид Акрамӣ дар ин китобаш, ишораи андаке ҳам ба тоҷикон накарда, ҳатто Сомониёро аз дудмони қабилаи арабӣ бо номи Сома ва ё қабилаи туркии уғузӣ донистааст [6, 42]. Албатта, маълум мегардад, ки ин муҳаққиқи араб дар пажуҳишоти худ ҳатто ба одитарин омил, шинохти забонҳои роиҷ дар минтақа таваҷҷуҳ зоҳир накардааст.

Мавриди панҷум: То инҷо аз мавридҳои қаблӣ маълум мегардад, ки ақидаи бархе аз муаррихони муосири араб нисбати тоҷикон аз нигоҳи нажодӣ бо ҳақоиқи таърихӣ мухолифат дорад. Ин гуна мухолифатҳои нодуруст дар шинохти мазҳаби тоҷикон низ ҷой доранд. Инҷо чанд намунаи онро низ дарҷ хоҳем намуд.

Сайид Абдулмуъмин Сайид Акрамӣ бо фарқ аз дигар муаррихони муосири араб тоҷиконро эронӣ донистааст, вале онҳоро аз пайравони мазҳаби шиа медонад. Дар китоби болоёд мундариҷ аст, ки «Аксарияти халқҳои Осиёи Миёна суннимазҳабанд» ва чун ба фасли «Тоҷикистон» мегузарад, мегӯяд: «Бештари сокинони Тоҷикистон аз мазҳаби шиа пайравӣ мекунанд» [6, 102].

Таъсири ингуна таҳқиқот аст, ки имрӯзҳо дар фаҳми бисёре аз муҳаққиқони ҷавони араб, чунин бардошти нодуруст мушоҳида мешавад, турк яъне мусалмони суннимазҳаб ва форсизабон яъне шиамазҳаб. Дар асоси ин ақида онҳо ҳамаи халқҳои туркзабони минтақаро ба ҷуз алавиёни озарӣ аз пайравони мазоҳиби аҳли суннат дониста, инчунин ҳамаи миллатҳои форсизабонро бо як хулосаи умумӣ шиамазҳаб меҳисобанд. Ба монанди докторанти Донишгоҳи Қоҳира Ғудай Қандил, ки муаллифи мақолаҳое чун «**عرب آسيا الوسطي**» (Арабҳои Осиёи Миёна), «**بين الدين و العرق**» (Дар миёни дин ва нажод), «**بلاد ما وراء النهر**» (Кишварҳои Моваруннаҳр) мебошад, дар мақолаи « **العرب في آسيا الوسطى.. بين الوجود الإثني والتنوع الثقافي**» (Арабҳо дар Осиёи Миёна: байни мавҷудияти нажодӣ ва гуногунии фарҳангӣ) нисбати аҳолии Тоҷикистон чунин ибрози андеша намудааст: «Натиҷаи воридшавии ислом ба ин кишварҳо ин аст, ки мазҳаби суннӣ дар панҷ ҷумҳурӣ бартар аст, ба истиснои Тоҷикистон, ки дар он ҷо мазҳаби шиа, махсусан исноашарӣ, аксариятро ташкил медиҳад» [12]. Ин дар ҳолест, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистон бештар аз 90% пайрави аҳли суннат буда, ҳанафимазҳаб мебошанд. Ҳамзамон дар қисмати шарқи Тоҷикистон шиамазҳабон сукунат мекунанд, ки онҳо низ пайрави мазҳаби исмоилиянд, на исноашарӣ. Тибқи оморҳо танҳо 5-7 % аҳолии Тоҷикистонро пайравони мазҳаби исмоилия ташкил медиҳад [2, 154] .

Мавриди шашум: Маҳмуд Шокир муаллифи китоби «Туркистон» дар мабҳаси «Тоҷикистон» доир ба таърихи таъсисёбии он пардохта, фикрҳои бебокона иброз менамояд, ки тарҷумааш чунин аст: «Ин ҷумҳурӣ дар 15 уми марти соли 1925 дар навбати аввал танҳо бо мақсадҳои сиёсӣ таъсис дода шуда буд. Дар шарқи он қабилаҳои қирғиз сукунат мекард, ки бо мақсади васеъ кардани ҳудудаш ин манотиқ ба он изофа гардид. Муомилаи шуравиён бо тоҷикон назар ба дигар халқиятҳои Туркистон фарқ мекунад. Онҳо барои эҳёи фарҳанги тоҷикии бостон ва тамаддуни қавмӣ бисёр кӯшиш кардаанд.

Мақсади асосии шуравиҳо аз таъсиси ин ҷумҳурӣ танҳо баланд бардоштани ҳиссӣ қавмгарой дар минтақа буд. Дар он ҳангом аз ҷониби афғонҳо имконият вуҷуд дошт, ки зидди русҳо қиём кунанд ва қавмҳои минтақаро низ бишуронанд. Дар воқеъ таъсиси ин ҷумҳурӣ силоҳе буд, ки шӯравиҳо мехостанд худро бо он ҳимоя намоянд. Онҳо дар зеҳни тоҷикон ин андешаро ҷой намудаанд, ки гӯё тоҷикон касонеянд, ки ҳаққи соҳибияти Эронро доранд. Фарҳанги эронӣ аслан тоҷикияст. Фирдавсӣ тоҷик аст ва ҳамчунин «Шоҳнома»-и ӯ, ки муҳимтарин китоби адабии форсӣ мебошад, тоҷикияст. Ва тоҷиконанд,

ки ифтихори мубориза алайҳи Искандари Мақдунӣ аз онҳост ва онҳоянд, ки дар муқобили Чингизхон истодагарӣ намудаанд ва онҳоянд, ки давлати Сомониёнро поягузорӣ намуданд» [16, 102].

Маҳмуд Шокир мехоҳад ин нуктаро ба исбот расонад, ки тамоми таҳқиқот ва осори пуразиши донишмандони тоҷик дар қарни XX дар пояи кашишҳои сиёсӣ навишта шудаанд. Ва тамоми заҳмат ва муборизаҳои фарзандони баруманди миллат, ки барои таъсис ёфтани ҷумҳурӣ, эҳёи фарҳанг ва тамаддунашон ҷони худро дареғ надоштаанд, ночиз ва беасос қарор додааст.

Аммо ончи ки маълум аст, ин аст: бале дар замони шуравӣ доир ба таърихи тоҷикон осори пуразиши илмӣ таҳия ва ба чоп расида буд, аммо дар баробари ҷони муаллифонашон. Чандин чеҳраҳои саршиноси миллати тоҷик бо иттиҳоми миллатгароӣ ба қатл расонида шуда буданд. Аз ҷумла, устод Айниро ҳам хатари марг таҳдид мекард. Аммо эшон бо вуҷуди ин ҳама таҳдидот исбот намуданд, ки тоҷикон қадимтарин мардуми бумии ориёитабори Осиёи Миёна мебошанд. Зеро дар он замон тамоми дастгоҳи сиёсии шӯравӣ барои тақвият бахшидани андешаҳои пантуркистӣ равона шуда буданд. Агар ин абармардон чунин муборизаҳоро амалӣ намекарданд, шояд Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳам таъсис намеёфт. Аллома Бобоҷон Ғафуров кори устод Айниро идома дода, асари академикии худ «Тоҷикон»-ро таълиф намуд. Идомаи ин қаҳрамониро мо дар даврони истиқлол дар осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври хеле барҷаста мушоҳида мекунем. Ва китобҳои арзишманди «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба тамаддун ва таърихи ориёӣ» ва дигар шоҳасарҳо далели ин гуфтаҳост.

Ногуфта намонад, ки китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» солҳои 2009-2011 аз ҷониби устод Назруллоҳи Назар ва Акрам Каримӣ ва «Тоҷикон»-и Аллома Бобоҷон Ғафуров соли гузашта ба арабӣ тарҷума ва дастраси муҳаққиқони араб шуда буд.

Аз ин таҳқиқот бар меояд, ки мутассифона баъзе таърихнигорони муосири араб ин ҳама осори бузурги фарҳангӣ ва илмии тоҷикон ва дар бораи тоҷикон эҷодшударо нодида гирифта ва ё аз онҳо бехабар мондаанд, ки дар натиҷа таърихи фарҳангии минтақа аз ҷониби эшон ба таври таҳрифомез зикр шудааст.

Бояд гуфт, ки на ҳама донишмандони муосири араб нисбат ба таъриху тамаддуни куҳанбунёди халқи тоҷик чунин нигоҳи ғайри илмӣ ва касбӣ доранд. Ба монанди муҳаққиқон Масъуд ал-Хаванд, Нодир ал-Васир, Аҳмад Одил Камол, Исмоил Маҳмуд ва дигарон дар асарҳояшон ҷойгоҳи таърихии тоҷиконро дар минтақа ва ҷаҳон барҷаста инъикос намудаанд. Масалан таҳқиқоти Масъуд ал-Хаванд доир ба мавқеи таърихии тоҷикон дар Хуросон аз нигоҳи таърихиву фарҳангӣ ва нажодӣ, бартар ва ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Яке аз таснифоти Масъуд ал-Хаванд бо номи «Ақалиёт-ул-муслима фи-л-олам» (Ақаллиёти мусулмон дар ҷаҳон) мебошад, ки дар он муаллиф маълумоти дурусти илмиро ба доираҳои илмии кишварҳои арабӣ пешкаш сохтааст. Ӯ дар ин асараш мегӯяд: «Дар ин пажӯҳиш ҷуз маълумоти дақиқ, ки ҳадафи оварданашон ин шинохти воқеӣ аз мусалмонони ҷаҳон мебошад, чизи дигар ба кор бурда нашудааст» [17, 301].

Масъуд ал-Хаванд дар робита ба тоҷикон мегӯяд: «Сохти нажодии тоҷикон онҳоро ба ду бахши гуногун ҷудо сохтааст; баргузида ва оддӣ, ки ин хусусияти асолатӣ дар Тоҷикистон аст. Онҳо миёни ақалиёти кишварҳои нажодӣ ва қавмҳои минтақа, имрӯзҳо барои сохтани ҷойгоҳи намоён аз ҳувияташон нотавон гардидаанд. Яке аз мушкилиҳояшон ин аст, ки маънои калимаи «тоҷик» дар масири таърих бо мафҳумҳои гуногун омадааст. Ҷойе ин вожа ба асолати нажодии тоҷикон аз «кӯҳистоннишинони форсизабон» ишорат мекунад, ҳол он ки маънои навине перомуни он пайдо шудааст ва он «касоне, ки пайрави мазҳаби сунниянд ва бо форсӣ ҳарф мезананд ва ҷойи иқоматашон Осиёи Миёна аст» далолат дорад» [17, 310].

Масъуд ал-Хаванд омилҳои тақвияти ҳуввияти миллиро дар ҳамбастагии тоҷикон рӯйи асолати таърихияшон ҳисобида, бо фарқ аз гуфтаҳои олимони қаблан ишора

намудаамон, саҳми олимони тоҷикро дар тақвияти ҳисси хештаншиносии ин миллат муассир донистааст:

«Мушкилоте, ки пеши роҳи ба ҳастӣ омадани ҳувияти қавмӣ гардида буд, донишмандони тоҷик ба он нигоҳ накарда, дар шаҳрҳои Тоҷикистон кӯшиш намуданд, то дастуроти забони миллии худро таҳия намуда, миёни сокинон паҳн созанд. Ва ин мафкураи миллӣ рӯйи ин назария устувор гардида буд, ки тоҷикон омезишёфтагони халқҳои ориёинажоди шарқу ғарби кишвар буда, дорандаи тамаддуни эрониянд. Аз оғози истиқлолият (пас аз фурӯпошии Шуравӣ) кӯшиши дастёбӣ ва кашфсозии фарҳанги миллии кӯҳан ва ҳуввияти меҳандӯстӣ бо шаклҳои гуногун рӯйи кор омад, аз ҷумла ба кор бурдани номҳои таърихӣ мисли «Хуҷанд» ва таъсиси марказҳои фарҳангӣ барои тоҷикон. Вале, мутассифона низоъҳои дохиливу минтақавӣ, ки ҷумҳурии навтаъсис ба онҳо гирифтор гардида буд, аз ин ибтикорот чанд муддате мунсариф гардид. Ва метавон гуфт, ки дар он давра раванди кӯшиши бедорсозии ҳуввияти миллии тоҷикон шикаст хурда буд» [17, 309].

ал-Хаванд пас аз баёни кӯшиши донишмандони тоҷик барои баргашт ба асолати миллӣ, дар робита ба маънои вожаи «тоҷик» чунин ибрози андеша намудааст: «Таърихнигорон андеша доранд, ки вожаи «тоҷик» дар замони густариши ислом ба қабилаҳои маскуни Осиёи Миёна таъаллуқ дошт, ки он аз номи қабилаи арабии «Тай» гирифта шудааст. Сипас ин ном умумӣ шуда, мусалмонони маҳаллӣ, ки бо забони форсӣ суҳбат мекарданд, тоҷик номида мешуданд [17, 311].

Академик В.В. Бартолд низ ба нуктаи мазкур ишора намуда, мегӯяд: «Аз рӯйи тасаввуроти онрӯза касе, ки исломро қабул мекард, араб дониста мешуд» [9, 456].

Ин муҳаққиқ мегӯяд: «Дар он замон тоҷикон миёни арабҳо ва туркон ба ҳайси миёнарав фаъолият доштанд, зеро «онҳо бештар намояндагони тамаддуни мусалмонӣ дар байни туркҳо» шинохта шуда буданд. Ва то замони ғасб шудани ин сарзамин, ба форсизабонон туркҳо араб мегуфтанд. Вале, ин шинохт пас аз ошноии комил пайдо кардани туркҳо бо ду халқи мусалмони минтақа форсҳо ва арабҳо тағир карда, вожаи «тоҷик» (ки таърихан) хосси қавмҳои форсизабони минтақа буд, дар он замон маъмул гардид. Ҳамзамон тоҷикон дар он давра бо забони суғдӣ муошират мекарданд, ки ин баёнгари маҳфуз мондани забон, фарҳанг ва тамаддунашон дар ибтидои аҳди исломӣ дар минтақа мебошад ва то кунун идома дорад» [9, 457].

Дар идома мегӯяд: «Дар воқеъ тоҷикҳо ва эрониҳо, ки ҳарду аз як нажоданд дар густариши фарҳанги исломӣ саҳми бузург гузоштаанд. Ва то ба имрӯз тоҷикон бо номварони мусалмони минтақа ифтихор варзида, онҳоро ба худ нисбат медиҳанд, монанди Имом Абу Абдуллоҳ Муҳаммади Бухорӣ ё табиб ва файласуф Абу Алӣ ибни Сино ва фалакшинос Абу Маҳмуди Хуҷандӣ.

Тоҷикон дар қарнҳои IX-X мелодӣ давлати Сомониёнро таъсис доданд. Давлате, ки қисмати зиёде аз Осиёи Миёнаи имрӯзӣ ва Афғонистонро дар бар мегирифт. Ва пойтахти он шаҳри Бухоро буд, ки дар он замон яке аз бузургтарин марказҳои тамаддуни исломӣ маҳсуб меёфт. Аммо Бухоро соли 999 мелодӣ бо дасти туркҳо фурӯ пошид, ки пас аз ин ҳодиса, саҳнаи ғамангезе насиби тоҷикон гардид. Пас тоҷикон аз он замон сар карда, тули даҳ қарн бидуни давлат зиндагӣ карданд. Бо вуҷуди ин, ки забонашон дар тули ин садсолаҳо дар муомилоти расмӣ ва илмиву фарҳангӣ дар Бухорову Самарқанд чира буд, пайваста бо мушкилот ва сахтиҳо рӯбарӯ меомаданд, ки ин боиси кӯч бастани эшон ба минтақаҳои кӯҳӣ гардид, дар ҳоле, ки қавмҳои туркнажод (узбекон ва монанди онҳо) аз ҳаёти чорводорӣ ба ҳаёти киштукор ва шаҳрнишинӣ дар марказҳои фарҳангии Мовароуннаҳр мерафтанд» [17, 311-312].

Боз дар ҷойи дигар мегӯяд: «Пас аз нуфузёбии қувваҳои низомии Шуравӣ дар минтақаҳои тоҷикнишин соли 1929 ҳудуди кишварҳои Тоҷикистон ва Узбекистонро аз ҳам ҷудо сохта, Тоҷикистони имрӯзиро таъсис доданд. Ва пас аз суқути ҳазор сол, нахустин бор маркази тамаддуни ориёӣ (Самарқанду Бухоро) ба як муҳити комилан туркии омезишёфта бо унсурҳои қавмгароӣ табдил ёфт [17, 313].

Дар фарҷоми мабҳас Масъуд ал-Хаванд бо омилҳои асосӣ дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар, сулҳи тоҷикон, хиёнати хоинони дарунӣ ва ҳамдилии миллати

тоҷик барои аз сари нав ташкил сохтани фазои амну осуда дар кишвар баҳси худро ҷамъбаст намудааст.

Албатта, он чи дар ин мақола гирд оварда шудаст, афкори муҳаққиқон, таърихнигорон ва донишмандони муосири араб ва ховаршиносон мебошад. Ва бо овардани ин ҳама таъаддуди оро нисбати мавҷудияти тоҷикон дар минтақа ва решапайванд буданашон бо марказҳои фарҳангии минтақа, манзури инҷониб ба роҳ андохтани даъвои замину ҷуғрофиёӣ нест, балки изҳори назарҳои муҳаққиқони араб ва пешниҳодест барои тақвият бахшидани самти тоҷикшиносӣ дар кишвар. Зеро бо ба даст омадани таҳқиқоти илмии нав дар ин мавзуъ, дар баланд бардоштани хештаншиносии тоҷикон дар сартосари минтақа ва ҷаҳон, метавонад таъсиргузорӣ намояд. Ва мо тоҷикон ва бародарони узбекро мебояд барои ҳифз ва нигаҳдории ганҷи муштараки ҳарду миллат кӯшида, боястгори асосии пешрафтро, ки ҳамдилӣ ва ҳамоҳангист пешаи ҳаёту фаъолияти худ намоем.

Маҳз ҳамдилӣ ва ҳамоҳангии ин ду миллат буд, ки бо ибтикори созандаи роҳбарони хирадмеҳвари тоҷик ва узбек дарвозаи дӯстӣ ва рафоқат кушода гардида, барои имрӯзу фардо умеди зиндагии хуб ва осуда ҳувайдо гардидааст.

Дар анҷом метавон чанд сархатро ба унвони пешниҳод аз ин таҳиқот тақдим намуд:

Барои шинохти тоҷикон ҳамчун мардуми бумии минтақа ва инъикоси асолати фарҳангиву мазҳабии онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ, олимони тоҷик як қатор ӯҳдадориҳои муҳим доранд. Дар зер чанд иқдоми заруриро қайд мекунем:

1. Ба роҳ мондани таҳқиқоти муфассал доир ба таърихи тоҷикон: Олимони тоҷикро зарур аст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои аслӣ ва бо таҳлили амиқи илмӣ таърихи тоҷиконро аз нигоҳи нав тавре таҳқиқ кунанд, ки инъикосгари нақши таърихии онҳо дар минтақа бошад. Албатта, пеш аз ин устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон беҳтарин шоҳасарҳои илмиро навиштаанд, ки муаррифгари миллати тоҷиканд. Аммо набояд ин нуктаро фаромӯш созем, ки асарҳои мазкур дар чӣ шароите бо ҷоннисориҳо ва таҳдидоти муаллифон тасниф шуда буданд. Дар замони соҳибистиқлолӣ, бояд шинохти тоҷикон аз нигоҳи воқеиятҳои замони муосир мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

2. Ташаккул додани андешаи муштараки илмӣ бо донишмандони хориҷӣ: Бо ҷалби олимони хориҷӣ ба таҳқиқоти муштарак дар бораи таъриху фарҳанги тоҷикон, метавонад барои расидан ба мақсадҳои мазкур мусоидат кунад. Ин ҳамкориҳо кумак мерасонанд, ки маълумоти саҳеҳ дар бораи тоҷикон дар сарчашмаҳои илмии хориҷӣ ҷой дода шаванд.

3. Тақвияти мавқеи илмиву фарҳангии тоҷикон дар нашрияҳои байналмилалӣ: Олимони тоҷикро мебояд, ки мақолаҳои таҳқиқотӣ ва китобҳои худро дар нашрияҳои маъруфи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд. Ин маводҳо бояд ҷойгоҳи тоҷиконро ҳамчун миллати бостонӣ ва соҳибтамаддун дар минтақа тавзеҳ диҳанд.

4. Тарҷума ва нашри асарҳои илмии тоҷикон ба забонҳои хориҷӣ: Олимони тоҷикро мебояд, ки ба тарҷумаи асарҳои асосии илмии худ ба забонҳои арабӣ, англисӣ, русӣ ва дигар забонҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

5. Муайян ва ислоҳ намудани иштибоҳот дар сарчашмаҳои хориҷӣ: Олимони тоҷик бояд ба таҳлили асарҳои хориҷӣ, ки дар онҳо дар бораи таърихи тоҷикон маълумоти нодурусти таърихӣ вуҷуд доранд, машғул шуда, ба таври расмӣ ё аз тариқи мақолаҳо ба ин иштибоҳот вокуниш зоҳир намоянд.

6. Баргузории конфронсҳои бештари байналмилалӣ: Барои ба таври васеъ муаррифӣ гардидани нақши тоҷикон дар тамаддуни башарӣ, гузаронидани конфронсҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон бо иштироки олимони ватаниву хориҷӣ метавонад ба густариши ин фаҳмиш кумак расонад.

Хулоса, моро зарур аст, ки дар бораи шинохти воқеӣ аз ин миллат, аз нигоҳи таърихӣ ва ҳам воқеиятҳои замони кунунӣ, фаолиятҳои созанда ва кушишу такопуи хастагинопазирро ба роҳ андозем ва мақолаву китобҳои илмии мондагореро таҳия ва ба

забонҳои хориҷӣ муаррифӣ намоем, то бошад ки дар оянда чунин гумномиҳо нисбати миллати кӯҳанбунёдамон дар арсаи ҷаҳонӣ матраҳ нагарданд.

АДАБИЁТ

1. C.E. Bosworth. «Ikhshid». The Encyclopedia of Islam. BRILL (1986 (Leiden and New York).
2. Dr. Sarfaroz Niyozov. Shi'a Ismaili Tradition in Central Asia – Evolution, and Continuities and Changes. -Taylor, 2017. – 272 p.
3. Абдулҳусейн, А. Интишор-ул-қабоил-ул-арабия фӣ Хуросон мина-л-фатҳ ҳатта ниҳояти-л-ҳукми-л-умавӣ, ал-ъом 132 ҳиҷрӣ / А, Абдулҳусайн. Маҷаллаи «Марказ-ул-васоиқ ва-д-диросоти-л-инсония». № 10. –Қатар: 1998. – 97-131 с.
4. Абдураҳмон, Ф. Ал-Араб фӣ Хуросон ва билоди Мовароуннаҳр фӣ асри-л-Уммавӣ / Ф. Абдураҳмон. – Бейрут: Маҷаллаи Даръия. №1. 1998. – ٤٤6 с.
5. Абудӣ, М. Фӣ билод-ил-муслимин Ал-мунсийин Бухоро ва Мовароуннаҳр / М, Абудӣ. – Макка: 1991. – 274 с.
6. Акрам, А. Азвоун ала торихи Турон ва Туркистон. Таҳияи Аҳмад Муҳаммад Ҷамол / А. Акрамӣ. – Саудӣ: 1882. – 220 с.
7. Аҳмад Одил, К. Ал- Ҷумҳуриёт Ал-исломия бӣ Осия-л-вусто байна-л- амси ва-л-явм / А. Аҳмад Одил. –Миср: 2006. – 98 с.
8. Балъамӣ, Абу Алӣ Муҳаммад. Таърихи Балъамӣ. Тасҳиҳи Муҳаммадтақии Баҳор. Таҳияи Муҳаммад Парвин Ганободӣ. Теҳрон, Тобиш 1353. –380 с.
9. Бартолд, В.В. Сочинение II. Таджики. Исторический очерк. Москва, 1963. – 1024 с.
10. Бартолд, В.В. Сочинение III. Работы по исторической географии. К истории орошения Туркистана. Москва, 1965. – 714 с.
11. Бобоҷон, Ғ. Тоҷикон. Тарҷума аз забони русӣ / Ғ, Бобоҷон. –Душанбе: Ирфон, 1998. – 390 с.
12. Ғудай Қ. [Арабҳо дар Осиёи Миёна: байни мавҷудияти нажодӣ ва гуногунии фарҳангӣ. Манобеи электронӣ]. https://eurasiaar.org. (Санаи истифодабарӣ 30.10.2024).
13. Замонӣ, Ҳабиб // Солиҳӣ, Куруш. Ҷуғрофиёи таърихии Суғд дар давраи исломӣ. Пажуҳишномаи таърихи тамаддуни исломӣ, соли 44, шумораи 2. Теҳрон, 1390. – 78 с.
14. Ибни Асир. Ал-Бидоя ва-ниҳоя. –Бейрут: 2010. – 340 с.
15. Маҳмуд Шит, Х. Қодат-ул-фатҳи-л-исломӣ фӣ билоди Мовароуннаҳр / Х. Маҳмуд Шит. –Бейрут: 1998. – 524 с.
16. Маҳмуд, Ш. Мавотину-ш-шуъуби-л-исломия фӣ Осия-л-вусто (2) / Ш, Маҳмуд. – Бейрут: 1973. – 102 с.
17. Масъуд, Х. Ал-ақалиёту-л-муслима фи-л-олам, Интишору-л-муслимин фи-д-дували ва-л-булдони ғайра-л-арабия ва ғайра-л-исломия / Х. Масъуд. –Лубнон: 2006. – 318 с.
18. Масъудӣ, А. Ат-танбеҳ ва-л-ишроф. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. Теҳрон, 1349. – 298 с.
19. Масъудӣ, А. Муруҷ-уз-заҳаб ва маодин-ул-ҷавҳар / А, Масъудӣ. Ҷ 1, 2. –Бейрут: 1973. – 860 с.
20. Маҳмуд Ш. Туркистан / Ш. Маҳмуд. – Бейрут. 1970. – 102 с.
21. Мусалмониён, Р. Тоҷикон дар таърих / Р, Мусулмониён. –Теҳрон: Насими Бухоро, 1383. Чопи якум. – 104 с.
22. Раҳимов, Н. Т. Исход согдийцев: начало миграции и колонизации восточных территорий // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Гуманитарные науки. – 38-44 с.
23. Ҳудо, Д. Давр-ут-тасаввуф фӣ интишори-л-ислом фӣ Осияа-л-вусто ва-л-Қавқоз / Д. Ҳудо. –Миср: 2004. – 158 с.
24. Григорьев Г.В. Отчёт об археологической разведке в Янгиюльском районе УзССР в 1934 г. Ташкент, 1935.
25. Осорхонаи миллии Тоҷикистон. [Бозёфти ҷасади мумиёшуда аз искодар]. https://www.facebook.com/share/p/15kFpwyJ7a. (Санаи истифодабарӣ 20.01.2025).

НИГОҲИ БАРХЕ АЗ ОЛИМОНИ МУОСИРИ АРАБ ДАР ШИНОХТИ ТОҶИКОН

Дар ин мақола муаллиф ба таҳқиқи дидгоҳҳои илман нодурусти баъзе муҳаққиқони араб дар бораи таъриху фарҳанги халқҳои минтақа, аз ҷумла тоҷикон таваҷҷӯҳ намуда, панҷ мавридро ба унвони мисол зикр намудааст. Таҳқиқот нишон додааст, ки аксарияти чунин маводҳои ба ном илмӣ-таҳқиқотии бархе аз олимони муосири араб дар асоси сарчашмаҳои тарҷумашудаи дасти дуюм тасниф шуда, бо воқеиятҳои таърихӣ мувофиқ намебошанд. Ҳамзамон дар мақола дидгоҳи донишманди араб Масъуд ал-Хаванд дар таносуб бо мавридҳои панҷгона аз ҷониби муаллиф зикр шудаанд, ки ғайри касбӣ будани навиштаҳои донишмандони мазкурро баён менамояд.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Бухоро, Самарқанд, омӯзишҳои фарҳангӣ, муҳаққиқони араб, ақаллиёти мусулмон, Осиёи Марказӣ, тоҷикон, узбекон, туркнажод, забон ва фарҳанг, Суғд.

ВЗГЛЯД НЕКОТОРЫХ СОВРЕМЕННЫХ АРАБСКИХ УЧЕНЫХ НА ТАДЖИКОВ

В этой статье автор исследует ошибочные научные взгляды некоторых арабских ученых на историю и культуру народов региона, включая таджиков, и приводит пять примеров таких заблуждений. Исследования показывают, что большинство подобных материалов, претендующих на научность, создано на основе вторичных переведенных источников и не соответствуют исторической действительности. В статье также упоминаются взгляды арабского ученого Масъуда аль-Хаванда в связи с пятью указанными примерами, что подтверждает некорректность написанного этими учеными.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, Бухара, Самарканд, культурные исследования, арабские ученые, мусульманские меньшинства, Центральная Азия, таджики, узбеки, тюркский народ, язык и культура, Согд.

VIEWS OF SOME CONTEMPORARY ARAB SCHOLARS ON TAJIKS

This article examines the erroneous scholarly views of some Arab researchers on the history and culture of the peoples of the region, including Tajiks, presenting five examples of such misconceptions. The research reveals that most of these materials, claiming academic credibility, are based on secondary translated sources and do not correspond to historical reality. The article also discusses the perspectives of the Arab scholar Mas'ud al-Khawand concerning the five mentioned examples, further highlighting the inaccuracies in the works of these scholars.

Keywords: Republic of Tajikistan, Republic of Uzbekistan, Bukhara, Samarkand, cultural studies, Arab scholars, Muslim minorities, Central Asia, Tajiks, Uzbeks, Turkic people, language and culture, Sogd.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мусоев Муҳаммадҷон Салоҳидинович*** – сардори шуъбаи мероси хаттӣ ва тарҷумаи Осорхонаи миллӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Исмоили Сомонӣ 11. Тел: +992933709998.

Сведения об авторе: ***Мусоев Мухаммаджон Салоходинович*** – руководитель отдела письменных наследий и перевода Национального музея. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Исмоили Сомони 11. Телефон: +992933709998.

Information about the author: ***Musoev Muhammadjon Salohodinovich*** – Head of the Department of Written Heritage and Translation at the National Museum. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ismaili Somoni Street 11. Phone: +992933709998.

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ КОНФРОНСИ ИСЛОМӢ

Зиёев С.Н., Холида Н.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Зикр намудан ба маврид аст, ки Созмони конфронси исломӣ ба раванди ҳамгироии давлатҳои исломӣ ва робитаҳо байни онҳо саҳми чашмрас дорад. Зеро бо дар назардошти ҷойгоҳи ин Созмон Ҷумҳурии навини Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ якуми декабри соли 1992 узви ба ин созмон пайваст шуд [1, 117-118]. Ҷумҳурии Тоҷикистон хостори он аст, ки Созмони конфронси исломӣ ҷиҳати ҳалли проблеммаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ саҳми назаррас дошта бошад ва дар ин замина тайёр аст, то бо кишварҳои узви СКИ ҳамкории густурда дошта бошад.

«Дар давраи соҳибистиқлолӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми Тоҷикистонро рушди муносибатҳо бо кишварҳои мусалмонӣ ташкил медод. Аз ин рӯ, барои тақвияти муносибатҳо бо кишварҳои мусалмонӣ Тоҷикистон ба фаъолияти Созмони ҳамкории исломӣ таваҷҷуҳи хоса менамуд. Созмони мазкур барои Тоҷикистон ҳамчун заминаи муҳимми бароҳмонӣ ва тақвияти муносибатҳо бо кишварҳои мухталифи мусалмонӣ баромад менамояд» [2, 130].

Дар заминаи Созмони ҳамкориҳои исломӣ Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамузви он бо нияти созгор гардидан ба мақсадҳои дар пешгузошта, ба монанди густариши ҳамбастагии инсонӣ ва робитаҳои густурдаи кишварҳои узв, радди ҳама намуду шаклҳои табъиз, роҳҳалҳои чораҳои саривақтӣ ҷиҳати тақвияти сулҳ ва амнияти байналхалқӣ, ҳамоҳангсозии амалиёт барои озод ва ҳифз кардани мавзеъҳои таърихӣ, дастгирӣ ҷиҳати барқарор кардани ҳуқуқ ва озодиҳои халқҳои минтақа, кумаку ҷоннисориҳо барои мардуми мусулмон ҷиҳати ҳифзи шаъну шарафу нангу номус ва эҳтироми башар, фароҳам кардани шароити зарурӣ баҳри таҳкими ҳамкорӣ ва тафоҳум миёни кишварҳои аъзо ва дигар давлатҳо ҳамкорӣ намуда истодааст.

«Ҳамкорӣ бо Созмони Ҳамкории исломӣ (СҲИ) ва дар чаҳорчӯбаи он бо дигар кишварҳои аъзо барои Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад, зеро он пас аз Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дуввумин созмони байнидавлатии бузург ба шумор рафта, дар сафи худ 57 кишвари чор минтақаи ҷаҳонро муттаҳид намуда буд. Созмон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои мусулмоннишин нақши калидӣ дошта, ҳамчун абзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои аъзо баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти онҳо, ҳифзи манфиатҳои олами ислом дар рӯҳияи пешбурди сулҳу салоҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон,инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот дар паҳнои олами исломӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кард» [5]. Гузашта аз ин олимони дигари тоҷик роҳҳои дигари ба ин созмон дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Созмони конфронси исломӣ дар корҳои илмии худ мушикофона таҳқиқ намудаанд. Дар он замон хадафи асоси Роҳбари давлат ба барқарор намудани муносибатҳо бо СҲИ мехост бо чан хадафи мухим, ки барои Тоҷикистон арзиши калон доштанд, даст ёбад.

Аввалан бояд зикр намуд, ки ба воситаи ин созмони байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи зиёдтар ба давлатҳои шарқӣ муаррифӣ мегардад, ки ин ду ҳадафи асосӣ дорад. Якум ин ки, инъикоси фарҳангу тамаддун ва расму оини Тоҷикистон чун давлати наву соҳибистиқлоле, ки қисми зиёди аҳолии он мусулмонанд, нисбати арзишҳои муштараки кишварҳои Шарқ арҷ мегузорад ва хоҳони ривоҷ додани равобиту ҳамкориҳо бо аксари давлатҳои Шарқи Наздик аст. Дуюм ин аст, ки аз байн бурдани фикру андешаҳое, ки мухолифин ва дигар душманону хоинону нотавонбинони Ҳукумати Тоҷикистон дар хориҷа паҳн карда, зимнан онро чун «режими коммунистӣ» сиёҳ кардан мехостанд. Дар ҳақиқат дар пасманзари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ, ки давоми 70 соли ҳукмрониаш идеологияи ҳукмронаш коммунистӣ ва атеистӣ буд, рақибони давлату ҳукумати Тоҷикистон аз ин омил васеъ истифода кардан мехостанд ва дар берун аз Тоҷикистон ҳам то ҷое ба чунин тавсеаҳо эътимод доштанд. Дуюм, ибрози мавқеи Тоҷикистон нисбат ба дини ислом, масъалаҳои мубрами ҷаҳони ислом ва ҳамин тариқ, дарёфти ҷойгоҳи он дар ҷомеаи кишварҳои мусулмоннишин қадами боз ҳам ҷиддитар ба шумор мерафт.

Сеюм, мустаҳакам ва муассир намудани ҳамкориҳои судманд байни давлатҳои шарқӣ ва ба ин восита ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин ба ҳайси яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян гардида буд.

Аввалин имкони саривақтие, ки ба ин мақсад Роҳбари давлат аз он самаранок истифода карданд, нишасти давлатҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои исломӣ буд, ки 13-14 декабри соли 1994 дар шаҳри Касабланкаи Шоҳигарии Марокаш ба роҳ монда шуда буд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи иштирокчиёнро ба вазъи онвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда, баъдан оид ба баъзе мушкилоти ҷаҳони ислом ва андешидани тадбирҳои самарабахш ибрози андеша намуданд. Роҳбари давлат зикр карданд, ки «дар баъзе нуқоти ҷаҳони исломӣ вазъияти устувори сиёсӣ ҳукмфармо нест» ва ин ҳолат «ба иқтисодиёт ва дараҷаи рифоҳияти мардуми ин минтақаҳо бетаъсир наметонад».

«Ба ақидаи мо, – таъкид карданд Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, – кишварҳои исломӣ муносибатҳои байни якдигарро ба як пояи нави иқтисодию фарҳангӣ баланд бардошта, ба ҳамаи нифоқҳои мавҷудаи байнашон хотима бахшанд, ба якдигар ба қадри имкон дасти ёрӣ дароз кунанд, то ки мардуми мусулмон соҳиби зиндагии орому хушҳол гарданд». Ба фикри ӯ ҳамаи ин ва дигар масъалаҳои умдаи рӯз аз СҲИ тақозо мекунанд, ки дар ҳалли чунин масъалаҳо «иқдоми ҷиддӣ андешад ва нақши созандагӣ дошта бошад» [5].

Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми апрели соли 2009 Низомномаи нави СКИ-ро тасдиқ намуд, соли 2007 бошад, Тоҷикистон узви Иттиҳоди парлумонии СКИ гардид ва ҳамин тавр ҳамкории густардаи хешро бо сохторҳое чун Бонки Рушди Исломӣ, Созмони СКИ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Палатаи иқтисоду савдо ва дигар ниҳодҳо ба роҳ мондааст.

Аввалин маротиба дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 то 20-уми майи соли 2010 сивуҳафтумин [1, 117-121] нишасти Шурои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои ин созмон дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе баргузор гардид [3]. Дар баргузории ин ҷаласа роҳбарии Созмони ҳамкориҳои исломӣ ба уҳдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муддати як сол вогузошта шуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷаласаи машваратии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои исломӣ зиёда аз сад ҳайъатҳои гуногун – панҷову ҳафт ҳайъат аз давлатҳои узв ва панҷ кишварҳои нозир, ҳамчунин созмонҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ ширкат варзиданд. Дар ҷараёни нишасти мазкур масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, гуманитарӣ, илмиву технологӣ, фарҳангиву иттилоотӣ баррасӣ шуданд ва барои масъалаҳои мубрам хулосаҳои зарурӣ рӯйи кор омаданд. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва албатта бо розигии кишварҳои узв се қатънома барои баррасӣ пешниҳод гардиданд, ки инҳо иборатанд аз: Истифодаи захира ва имкониятҳои нақлиётии ҳамсоякишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои исломӣ бо мақсади эҳё намудани иқтисодиёти Афғонистон; Истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар ҷаҳони ислом. Табодули таҷриба ва иттилоот, устувор гардонидани ҳамкории минтақавию исломӣ дар ин самт; Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони Ислом: назари умумии стратегӣ [4].

Бояд қайд кард, ки дар давоми роҳбарии Тоҷикистон дар Шурои вазирони корҳои хориҷии Созмони ҳамкориҳои исломӣ кишвар вазифаҳои пурмасъулро бо сарбаландӣ иҷро намуд, ки он обрӯи Тоҷикистонро дар ҷаҳони Ислом боло бурд. Тоҷикистон замони роҳбарӣ дар ҳамоҳанӣ бо Котиботи СКИ ба рушди худи Созмон таваҷҷуҳи махсус медод. Дар он замон Тоҷикистон ӯҳдадор буд, то ба ташаббусҳои байналмилалии марбут ба СКИ ва кишварҳои узви он фавран вокуниш намояд. Ҳамчунин дар ташкил ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои муҳим дар доираи Созмон, ки қабл аз роҳбарии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буданд, фаъол бошад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур меомад барои баланд бардоштани обрӯи хеш ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ тамоми чораҳои заруриро андешад ва давоми роҳбарӣ намуна бошад [3].

Дар иҷлосия баъди суханронии Шоҳи мамлакати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ малик Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд ва баромади ҳисоботии раиси Созмони Конфронси Исломӣ, Сарвазири Малайзия Абдуллоҳ Аҳмад Бадавӣ, яке аз аввалинҳо шуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуданд.

Дар иҷлосияи фавқулоддаи Созмони Конфронси Исломӣ дар Арабистони Саудӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда қайд карданд: «Дар сарзамини муқаддас, дар гаҳвораи дини мубини ислом ҷамъ омадан ва доир гардидани ин анҷумани бошукӯҳро мо - сарварони кишварҳои мусулмонӣ падидаи нек медонем» - таъкид намуд Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронӣ ва ба Шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз Оли Сауд ва ҳама созмондиҳандагони иҷлосияи фавқулоддаи Созмони Конфронси Исломӣ барои фароҳам овардани фазои мусоиди корӣ изҳори сипосу миннатдорӣ намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равандҳои имрӯзаи олами ислом, таъсири онро ба

ҷомеаи ҷаҳонӣ, муносибати аҳли башарро ба дини ислому мардуми мусулмон муфассал ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок баррасӣ ва дақиқназарона таҳлил намуда, таклифу дархостҳо ва пешниҳодҳои назаррас ворид намуданд, ки аз ҷониби аҳли толор бо қарсакзаниҳои бардавом пазируфта шуд ва мавқеи Тоҷикистонро дар ҳамкориҳои густурдаи ин созмон бозгӯй намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ақидаи барғалати дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маъмулгаштаро, ки дини мубини исломро сарчашмаи ақибмондагӣ ва қашшоқии мусулмонон медонад, комилан рад намуда, изҳор доштанд, ки мусулмонон баъди зуҳури дини ислом дар муддати кӯтоҳ ба нерӯи бузургтарини ҷаҳон тадбил ёфта, муддати қариб 300 сол амалан сарнавишти минтақаҳои пешрафта ва стратегии ҷаҳонро муайян карданд ва минбаъд низ нерӯи бонуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавиии ҷаҳон буданд. Имрӯз низ кишварҳои мусулмонӣ бо такя ба нишондодҳои пешқадами дини мубини ислом ва дар ҳамкории муфиди байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва иқтисодиёту иҷтимоиёт метавонанд мақоми боз ҳам муассиру барҷаста дар ҷаҳон дошта бошанд [6, 170-174].

Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин сиёсати ба дини ислом умумият додан ва ё ба он нисбат донистани терроризм, экстремизм ва хушунату зӯровариро амали ношоиста шумурда, ҳамеша баён медоранд, ки ин падидаи номатлуб, яъне терроризм ё худ террорист дар асл миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани худову бандагони ӯст. Ҷиҳати бартараф кардани ин гуна андешаву гумонҳои ноҷо мо ҳама давлатҳои мусулмонӣ бо падидаҳои радикалӣ, экстремистӣ ва террористӣ ба таври бояду шояд дар ҳамбастагии зич мубориза намоем, барои он, ки ин гуна неруҳо аз номи ислом амал карда, бар зидди он равона гардидаанд ва номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги волои исломиро пиёда месозанд, ки ин бар зарари дини мубини ислом аст.

Фикру мулоҳизаҳо, андешаҳову хулосаҳо ва пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти густариши ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва дар ин замина ба бозсозии баъдиҷангии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ мавриди пуштибонӣ ва дастгирии аҳли толор қарор гирифта буд вале то ҳол, ки акнун ҳукумати навро дар Афғонистон толибон пеш мебаранд Пешвои миллат то ҳол ҷонибдори он ҳастанд, ки дар ин кишвари ҳамсоя ва дӯсти тоҷиктон ҳукумати инклюзивӣ амал кунад, ки фарогири ҳама халқҳову қавмҳои Афғонистон бошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки муҳтавои суханронӣ ва хулосаву пешниҳодоти Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон инчунин дар воситаҳои ахбори ҷаҳонӣ васеъ инъикос гардид, ки нишона аз нуфӯз ва обрую эътибори ӯ дар байни роҳбарони кишварҳои мусулмонӣ аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 2010 пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе [3] пойтахти фарҳанги исломӣ эълон шуд, дар арафаи Иҷлосияи Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ Форуми соҳибкорони кишварҳои исломӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Ҳамчунин бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи амалиёт оид ба рушд додани ҳамкории Созмони Конфронси Исломӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид.

Дар моҳи майи соли 2013 дар шаҳри Душанбе сивуҳаштумин Иҷлоси Шурои мудирони Бонки рушди исломӣ баргузор гардид, ки он нишасти муҳиме байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Конфронси Исломӣ буд. Баргузориву ба роҳ мондани чунин иқдомҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва пойдорсозии сулҳ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътироф гаштааст ва кишвари мо дар ғанигардонии фарҳанги Шарқ саҳми намоён гузоштааст.

Роҷеъ ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Конфронси Исломӣ Рустамзода Завқиддин дар дисертатсияи худ чунин баён доштааст: «Дар сатҳи муайян, дар ин давра, ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Конфронси Исломӣ ва мақомотҳои махсусгардонидашудаи он – Бонки рушди исломӣ, Комитети доимамалкунандаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг, Хазинаи исломии рушди илм ва технология, инчунин бо Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, тадриҷан мустаҳкам гардиданд» [2, 125].

Соли 2000 дар ҷараёни ҷаласаи Созмони конференсияи исломӣ дар Қатар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони Бонки исломии рушд мулоқот баргузор намуданд, ки омодагии худро нисбати ҳамкорӣ дар дастгирии як қатор лоиҳаҳои рушд, аз он ҷумла бунёди роҳи мошингард, нақбҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ ироа гардид. Дар натиҷа дар Тоҷикистон Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ ташкил карда шуда, чандин лоиҳаҳо дар самти бунёди роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ амалӣ гардиданд" [2, 130].

Дар ҳошияи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Конфронси Исломӣ чорабинӣ ва иқдомҳои зерин амалӣ гардиданд, ки инҳо: "Дар сатҳи умумимиллӣ баргузор гардидани ҷашнвораҳои абармардони фарҳанги исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ ва Имом Бухорӣ" ва "Эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод", "Тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом", "Соли бузургдошти Имоми Аъзам – Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит", "Ба таъминоти давлатӣ гузаштани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошанд.

Дар нишасти чилу ҳаштуми Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ, ки 22-23 марти соли 2022 ба вуқуъ пайваст, ҳайати кории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат ва муҳокимаву музокира намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди нақш ва аҳамияти Созмони Ҳамкории Исломӣ чунин иброз доштанд: «Мо танҳо дар шароити осоишта, сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, сабру таҳаммул ва оштипазирӣ ба ҳамаи системаҳои сиёсӣ ва динӣ мақсадҳои волои созмонро амалӣ гардонда ва ҳамбастагии ҳақиқии мусулмононро дарёфта, манзалати дини мубини исломро баланд бардошта метавонем». Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «Густариш додани ҳамкориҳои кишварҳои узви созмон метавонад набзи пурзӯр ва омили нерӯманд барои рушди минбаъдаи иқтисодии ин кишварҳо бошад» ва ин «имконият медиҳад, ки сатҳи сазовори зиндагиро ба мардумони кишварҳоямон таъмин намоем ва бадин васила ҳалли бештари масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мусулмонро дарёбем» [5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамкориҳои густурда дошта, ҷиҳати ноил гардидан ба мақсаду маром ва ҳадафҳои миллӣ кушиш ба харҷ медиҳад, ки ин ҳамкориҳоро боз ҳам густурдатар ба роҳ монад. Ҳадаф аз ҳамкорӣ бо Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ ин аз як ҷиҳат муаррифии фарҳангу тамаддун ва расму оини тоҷикон дар мамлакатҳои аъзои ин созмон буда, аз ҷониби дигар қавию муассир сохтани ҳамкориҳо бо давлатҳои Шарқи Миёнаву Наздик мебошад.

АДАБИЁТ

1. Давлатов У.Н. Ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ. Комплекси таълимӣ методӣ.- Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2019.-165 саҳ., саҳ-117-121.
2. Рустамзода Завқиддин Рустам. Самтҳои асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои сиёсии байналхалқӣ. ДИССЕРТАТСИЯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ. ХУҶАНД – 2022. 189 с., Саҳ-130

3. Суханрони Э. Раҳмон дар Иҷлосияи 37-уми Созмони конфронси исломӣ. (https:// khovar.tj/ 2010/05/ suhanronii-e-ra-1202-mon-dar-i-1206-losiyai-37-umi-sozmoni-konfronsi-islom-1250/) (Санаи мурочиат 16.11.2022).
4. Суханрониҳо-Нашрияи расмии Тоҷикистон - «Ҷумҳурият» http://jumhuriyat.tj (Санаи мурочиат 20.12.2022.)
5. Фарҳод Р. Яҳёева М. Тоҷикистон – Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ (СҲИ): таърихи мухтасар: вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо (https://mo.tnu.tj/tj/to-ikiston-sozmoni-amkori-oi-islom-s-i-tarihi-muhtasar-vazi-kunun-va-durnamoi-amkori-o/) (санаи мурочиат 20.01.2023).
6. 25 қадам дар паҳнои олам. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ) (Зери назари Сироҷидин Аслов. Ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов). [Матн, бевосита] – Душанбе: Ирфон, 2016, - 220с., саҳ 170-174.

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ КОНФРОНСИ ИСЛОМӢ

Дар солҳои охир мавқеи Созмони конференсияи исломӣ торафт бо дохил шудан ба сафи он бештар давлатҳои наву бонуфӯз дар тамоми ҷаҳон меафзояд. Бояд гуфт, ки аъзои комилҳуқуқи Созмони конфронси исломӣ шудан пас, ҳар яке аз ин давлатҳо дар айни замон имкониятҳои васеи сиёсӣ ва молиявию иқтисодиро соҳиб мегарданд.

Аз ҳамин лиҳоз ҳамаҷониба таҳлил намудани шартҳои ба вуҷуд омадан ва ташаккули заминаи байналхалқии иқтисодӣ ва ҳуқуқии танзими фаъолияти Созмони конфронси исломӣ ҳамчун як созмони бонуфузи байналмилалӣ дар миқёси ҷаҳонӣ мақсади асосӣ ба ҳисоб меравад.

Вожаҳои калидӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ, Созмони ҳамкориҳои исломӣ, Созмони конфронси исломӣ, кишварҳои Шарқ, иқтисод, сиёсат.

СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ОРГАНИЗАЦИЕЙ ИСЛАМСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ

В последние годы позиции Организации исламской конференции укрепляются по мере того, как в ее ряды вступают все новые и новые влиятельные страны. Следует сказать, что, став полноправным членом Организации Исламской конференции, каждая из этих стран будет иметь широкие политические, финансовые и экономические возможности.

С этой точки зрения главной целью считается всесторонний анализ условий возникновения и формирования международной экономической и правовой основы регулирования деятельности Организации Исламской конференции как влиятельной международной организации в глобальном масштабе.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, международные организации, Организация Исламского Сотрудничества, Организация Исламская Конференция, страны Востока, экономика, политика.

COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE ORGANIZATION OF ISLAMIC CONFERENCE

In recent years, the positions of the Organization of the Islamic Conference have been strengthened as more and more influential countries join to this organization. It should be said that, becoming a full member of the Organization of the Islamic Conference, each of these countries will have broad political, financial and economic opportunities.

From this point of view, the main goal is considered to be a comprehensive analysis of the conditions for the emergence and formation of an international economic and legal basis for regulating the activities of the Organization of the Islamic Conference as an influential international organization on a global scale.

Keywords: Republic of Tajikistan, international organizations, Organization of Islamic Cooperation, Organization of the Islamic Conference, Eastern countries, economy, politics.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Зиёев Субхиддин Насриевич **–** номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврурои АМИТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рудаки, 33. **Тел.:** (+992) 919810212; **E-mail:** rakesh-23@mail.ru

Холида Ниёздухт **–** магистранти курси 2 Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврурои АМИТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рудаки, 33. **Тел.:** (+992) 119997625. **E-mail:** gafurovmullobaraka@gmail.com

Сведения об авторах:

Зиёев Субхиддин Насриевич **–** кандидат филологических наук, заведующий отделом среднего Ближнего и Ближнего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. **Тел.:** +992 92-704-09-08; **E-mail**: rakesh-23@mail.ru.

Ниёздухт Холида **– м**агистрант 2 курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Академия городок. **Тел.:** (+992) 110007625. **E-mail:** gafurovmullobaraka@gmail.com.

Information about the authors:

Ziyoev Subhiddin Nasrievich – candidate of philological sciences, head of the Middle and Near East department of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: +992 92-704-09-08; **E-mail:** rakesh-23@mail.ru

Niyozdukht Kholida – 2nd year Master's student of the Institute for the Study of Asian and European Problems of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academy Town. **Tel.:** (+992) 110007625. **E-mail:** gafurovmullobaraka@gmail.com.

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ибрагимова Р.А.
МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Таҳқиқи ибораҳо дар асоси маводи алоҳидаи осори манзуму мансури забошиносӣ аз ҷониби забоншиносон то андозае сурат гирифтааст. Масалан, тадқиқотҳо ки аз ҷониби забоншиносони англису тоҷик Д.Тоҷиев, К.Усмонов ба итмом расидаанд, даъвои ин андеша шуда метавонад. Бинобар ин ҳангоми баррасии назарияи ибора бевосита ба он сарчашма мурочиат карда шуд. Ҳамчунин бояд гуфт, ки омӯзиши бевоситаи ибораҳо дар заминаи осори садаҳои XIX-XXто ҳол ба таври муфассал мушоҳида намешавад, аз ин рӯ мавриди тадқиқ қарор додани он аз манфиат холӣ нест. Муайян ва дақиқ кардани динамикаи ташаккули ибораҳо аз даврони мазкур то имрӯз, бешубҳа, дар ошкор кардани инкишофи синтаксис нақши муҳим мебозад.

Аввалин маротиба ба масоили назарии ибора забоншиносони рус диққати худро равона кардаанд. Дар охири асри XIX олимони машҳури рус Ф.Ф. Фортунатов [8], В.М. Жирмунский [4] ба назарияи ибора ақидаҳои худро зикр кардаанд. Аз асарҳои академик Ф.Ф. Фортунатов сар карда аз охири асри IX дар забоншиносии рус масъалаи муносибати дутарафаи ибора ва ҷумла дар маркази диққати олимон қарор мегирад. Аммо ба масъалаи ибора бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Дар соли 50-уми асри XX дар илми забоншиносии муосир таълимоти нисбатан дигар ба вуҷуд омада, истилоҳи ибора маънои маҳдудро қабул кард. Маҷмуи на зиёда аз ду калимаҳои мустақилмаъное, ки тибқи алоқаи тобеъ ифода мегарданд, ибора номида мешавад.

Тадқиқи ибора дар забоншиносии тоҷик асосан дар солҳои охир сар шуда, баъзе мақола ва маълумотҳои аввалин дар асарҳои алоҳида пайдо шуда истодаанд. Аммо дар луғатҳои тафсилии пеш аз инқилобӣ ва дар китобҳои дарсии забони точикӣ бе номбурди истилоҳи ибора, дар бораи алоқаи калимаҳо ва таркиби онҳо дар ҷумла, тобеъ шуда омадани як ҳиссаи нутқ ба дигаре – сифат бо исм, зарф бо феъл, ки баҳси ибора мебошад, маълумотҳо пайдо кардан мумкин аст.

Ибора ҳамчун яке аз воҳидҳои асосии синтаксис масъалаи баҳспазири забоншиносӣ шуморида мешавад. Роҷеъ ба ибора тадқиқотҳои илмӣ хело назаррас буда, ақидаҳои олимон-забоншиносон дар масъалаи сохташавии он ва инчунин алоқамандии байни ҷузъҳои он ақидаҳои гуногун доранд.

Ибора – ин якҷоягии камаш ду калимаи мустақилмаъноест, ки онҳо аз рӯйи маънои луғавии худ ба ҳам мувофиқат карда, тавассути воситаҳои грамматикӣ ё лексикӣ алоқаманд мегарданд ва барои номбар кардани мафҳуми мураккаб хизмат мекунанд. Масалан: *to drink tea – чой нӯшидан* ибора аст, чунки он аз феъл ва исм, ки ҳиссаҳои мустақили нутқанд, таркиб ёфтааст [7, 226].

Ибораҳои озоди синтаксисӣ дар муддати тӯлонӣ дар забоншиносӣ омӯхта шуда, он бештар бо тадқиқотҳои забоншиносони рус вобастагӣ дошта, он аз назарияҳои илмии забоншиносони Ғарб ва Амрико, ки онҳо роҷеъ баназарияи тавъамияти калимаҳо пажӯҳиш бурдаанд, тафовут дорад.

Англисшиносони рус ибораро ҳамчун маҷмуи ду ва ё зиёда вожаҳои маънодор маҳсуб медонанд, ки аз рӯйи семантика ва васоити грамматикӣ ба ҳам рабт дошта, барои номбар кардани предмет, ҳодиса, аломат ва равандҳои гуногуни олами модӣ хизмат

мекунад. Назарияи мазкури забоншиносони рус мафҳуми “ибора”- ро бо фаҳмиши тавъамияти калимаҳои маънодор маҳдуд менамояд.

Андешаи дигар, ки муаммои мазкурро иброз медорад аз тарафи забоншиносони машҳур В.М. Жирмунский [4] ва Б.А. Илиш [9] ба миён гузошта шудааст. Онҳо ба тамоми ҳиссаҳои нутқ тааллуқдор будани ҷузъҳои ибораро иброз медоранд.

Роҷеъ ба мавҷудияти ибораҳои предикативӣ дар забон низ андешаҳои мухталиф зиёданд, ки ин андеша аз тарафи Б.А.Илиш рад карда шудааст. Мувофиқи ақидаи Б.А. Илиш предикативият хоси ҷумла буда, дар сатҳи ибора эътироф кардани ин категорияи синтаксисӣ хилофи қоидаҳои забон мебошад [9, 174]. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷумла хосияти предикативӣ дорад, яъне мақсади ҷумла ин муошират ба шумор меравад. Дар ибора чунин мақсад ба назар намерасад. Ибора дар ин ҳолат бештар бо калима монандӣ дорад, зеро он мафҳум, амал, ҳолат ва ғайраро номбар мекунад.

Ф.Ф. Фортунатов [8] ва ақидаҳои ӯ барои рушди таълимот роҷеъ ба ибора ниҳоят калон буда, ӯ ибораро ҳамчун категорияи мустақили синтаксисӣ эътироф намуда, онро ба сифати мавзӯи асосии таҳқиқи синтаксис пешниҳод кардааст. Назарияи ӯ оид ба ибора дар омӯзиши масъалаҳои синтаксии забони русӣ таъсири амиқ расонидааст.

Л.Блумфилд бошад чунин мешуморад, ки ибора маҷмуи калимаҳоест, ки дар натиҷаи омезиши синтаксисии калимаҳои алоҳида ба вуҷуд меоянд. Ба андешаи ӯ, ибора дорои сохтор ва семантикаи ба худ хос буда, аз ба ҳам пайвастани маънои калимаҳои алоҳида фарқ мекунад. Ӯ инчунин ибораро ба ду гурӯҳи калон тақсим кардааст [2, 92].

Иброз бояд дошт, ки профессор Б.А. Илиш тавъамияти ҳама гуна калимаҳои ба ҳам алоқамандро ибора мешуморад [9, 203]. Вале ин ақида ҳақиқати ҳолро акс наменамояд, зеро таркибҳои пешояндии навъи *“with a flag”, “at home”* ба талаботи ибора ҷавоб дода наметавонад. Ибора мафҳуми мураккабро ифода менамояд, вале таркибҳои пешояндӣ чунин мафҳумро ифода карда наметавонанд.

Забоншиноси англис Б.Ҷонсон [10] таснифи унсурҳои ибораро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки ибораро пурра тадқиқ кардан ғайриимкон аст. Ӯ дар вақти таҳлили ибора диққати бештарро ба ҷузъи асосӣ равона кардааст.

Дар тадқиқоти худ Б.Ҷонсон се роҳи сохтани ибораро пешниҳод кардааст:

1) a + n adjunct + noun (адъюнкт + исм);

2) art + a + n art + adjunct + noun (артикл + адъюнкт + исм);

3) n1 + n2 = n2 + of + nl noun 1 + noun2 = noun1 + preposition + noun1 (исм 1 + исм 2 = исм 2 + пешоянд + исм 1) [10, 92].

Ба андешаи Б. Ҷонсон дар вақти алоқаи калимаҳо муносибати грамматикӣ ба амал меояд ва он ибораро ташкил медиҳад.

Дар асарҳои аввалини наҳвиёни рус ("Российская грамматика" М.В. Ломоносов [5], "Русская грамматика" А.Х. Востоков [3] ва дигарон) оварда шудааст, ки объекти асосии синтаксис таълимот оид ба ибора мебошад ва мувофиқи ақидаи онҳо калимаҳо байни ҳамдигар алоқаманд гашта, воҳиди яклухтро ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин диққати бештар ба тавсифи ибора равона карда шудааст. Масалан, М.В. Ломоносов синтаксисро ҳамчун таълимот оид ба “Тавъамияти ҳиссаҳои нутқ”, ки дар худ қоидаҳои якҷоягии калимаҳоро дар ҷумла, ки дар асоси мувофиқат ва вобастагӣ тавъам омадааст, таъриф додааст [5, 86]. Ӯ гарчанде мафҳуми ибораро истифода набурда бошад ҳам, роҳҳои робитаи калимаҳоро нишон додааст. Бисёр олимон муосир низ ақидаи ӯро дастгирӣ менамоянд, яъне таълим дар бораи тавъамияти калимаҳо бо таълимоти ҳиссаҳои нутқ зич алоқаманд аст. Новобаста аз он ки пойдевори асосиро дар бораи ибора М.В. Ломоносов гузоштааст, ӯ таърифи аниқро барои муайян кардани ибора ҳамчун воҳиди махсуси синтаксисӣ надодааст.

Дар забоншиносии тоҷик асаре, ки ба ибораҳо бахшида шудааст, ин асари Д.Тоҷиев, «Тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад. Дар ин асари худ Д. Тоҷиев ба воситаи алоқаи синтаксисии изофӣ ва ҳамроҳӣ

пайваст шудани муайякунанда бо муайяншаванда, муносибатҳои маъноӣ ва бо дигар калимаҳо омадани ибора, инчунин дараҷаи истеъмолнокии ин алоқаҳоро бо мисолҳои аниқ нишон додаст. Бо ин ӯ дар омӯхтани ибораҳои исмии изофӣ ва ҳамроҳӣ дар забоншиносии тоҷик қадами аввалин гузоштааст. Масалан: ибораҳои навъи *«китоби ман хондагӣ», «Аҳмада китобаш», «одами дандонаш тилло»* дар се мақолаи профессор Д. Тоҷиев хеле хуб тасвир ёфтааст [11, 196].

Ҳамин тавр, андешаҳо дар хусуси ибора чун қисми таркибии синтаксис дар асарҳои забоншиносон хеле равшан қайд гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. - Либроком, 2009. - 160 с.
2. Блумфильд Л. Язык / Л.Блумфильд. – М. 1968. – 227с.
3. Востоков А.Х. Русская грамматика по начертанию её на сокращенной грамматике. – СПБ., 1935. -216с.
4. Жирмунский В.М. Об аналитических конструкциях. Аналитические конструкции в языках различных типов. М.-Л., 1965.-С. 5-58.
5. Ломоносов М.В. Российская грамматика. Полное собрание сочинений, том 7. – М.-.Л.: Изд. Ан СССР, 1952.-493с.
6. Таджиев, Д.Р. Об определительных словосочетаниях типа «Ахмада китобаш, гапа камаш» Уч. зап. - Сер. гуманитарных наук. - Сталинабад, ТГУ, 1955. - С.196 - 198.
7. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии звбонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. / К. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат. 2017. - 430 с.
8. Фортунатов Ф.Ф. О преподавании грамматики русского языка в средней школе. Избранные труды, т. 2.-М.: Учпедгиз, 1957. -471 с.
9. Ilyish, B. The Structure of Modern English / B. Ilyish. - L.: Prosvesheniye, 1971. - 368 p.
10. Jonson, B. The English grammar. - Lnd., 1991. - 120 p.

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ ИБОРАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои асосии забоншиносии муосир, ки зери назари забоншиносон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, таҳлил шуда, мавқеи ибора аз ҷиҳати назариявӣ муайян шудааст. Забоншиносон ибораро ҳамчун маҷмӯи ду ва ё зиёда вожаҳои маънодор маҳсуб медонанд, ки аз рӯйи семантика ва васоити грамматикӣ ба ҳам рабт дошта, барои номбар кардани предмет, ҳодиса, аломат ва равандҳои гуногуни олами модӣ хизмат мекунад. Назарияи мазкури забоншиносон мафҳуми “ибора”- ро бо фаҳмиши тавъамияти калимаҳои маънодор маҳдуд менамояд. Дар асоси маводи забони тоҷикӣ ва англисӣ ибораҳо тасниф шудаанд ва қонуниятҳои синтаксисии онҳо дар муқоиса таъин гардидаанд. Маълум мешавад, ки ибораҳои забони англисӣ пурра омӯхта шудаанд, вале ибораҳои забони тоҷикӣ таҳқиқ шуда бошанд ҳам, ҳанӯз дар байни олимони забоншиноси тоҷик ақидаи ягона оид ба ибора мавҷуд нест. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар забонҳои муқоисашаванда ибора алоқаи гуногуни синтаксисӣ дорад.

Калидвожаҳо: ибораҳои озод, ибораҳои феълӣ, синтаксис, предикивият, воситаҳои грамматикӣ, воситаҳои лексикӣ, тавъампазирии калимаҳо.

К ВОПРОСУ О ПРОИСХОЖДЕНИИ АНГЛИЙСКИХ И ТАДЖИКСКИХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ

В данной статье анализируется один из основных вопросов современного языкознания, который исследуют лингвисты, и теоретически определяется положение словосочетания. Лингвисты рассматривают словосочетание как совокупность двух и более содержательных слов, которые связаны семантикой и грамматическими средствами и служат для обозначения предмета, события, знака и различных процессов материального мира. Эта теория лингвистов ограничивает понятие «словосочетание» пониманием совокупности значимых слов. На основе материалов таджикского и английского языков классифицируются словосочетания и сравниваются их синтаксические закономерности. Оказывается, выражения английского языка изучены полностью, но хотя выражения таджикского языка исследованы, единого мнения по поводу выражения среди таджикских лингвистов до сих пор нет. Анализ показал, что словосочетание имеет разные синтаксические связи в сопоставляемых языках.

Ключевые слова: свободные словосочетания, глагольные словосочетания, синтаксис, предикативность, грамматические средства, лексические средства, сочетаемость слов

THOUGHTS ON THE ORIGIN OF ENGLISH AND TAJIK PHRASES

This article analyzes one of the main issues of modern linguistics, which is being studied by linguists, and the position of the phrase is determined theoretically. Linguists consider a phrase as a set of two or more meaningful

words, which are related by semantics and grammatical means and serve to name various objects, events, signs and processes of the material world. This theory of linguists limits the concept of "phrase" to the understanding of the combination of meaningful words. Based on the materials of Tajik and English languages, phrases are classified and their syntactic regularities are determined in comparison. It turns out that English phrases have been fully studied, but although Tajik phrases have been studied, there is still no unified opinion among Tajik linguists about the phrase. Analyses have shown that in comparative languages phrases have different syntactic connections.

Keywords: free phrases, verb phrases, syntax, predicativity, grammatical means, lexical means, word compatibility

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ибрагимова Раъно Абдушукуровна*** **-** н.и.ф., дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992927556266. **E-mail:** rano1977@list.ru

Сведения об авторе: ***Ибрагимова Раъно Абдушукуровна*** **-** к.ф.н., доцент кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова" **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992927556266. **E-mail:** rano1977@list.ru

Information about the author: ***Ibragimova Rano Abdushukurovna*** **-** Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Translation and English Grammar, Faculty of Foreign languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov" **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992927556266. **E-mail:** rano1977@list.ru

ТАЪСИРИ ҚОИДАҲОИ ФОНЕТИКАИ ДАРӢ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АНГЛИСӢ

Саъдизода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бояд қайд кард, ки дар забонҳои англисӣ ва дарӣ шумораи зиёди калимаҳои бо ҳам монанд мавҷуданд. Аз он ҷо, ки забони англисӣ нисбатан рушдёфтатар буда, яке аз забонҳои асосии истилоҳофар ба шумор меравад ва бинобар шароиту омилҳои мухталиф, баъзе бартариҳо дорад, метавон хулоса кард, ки забони дарӣ бештар дар нақши забони қабулкунандаи калимаҳои иқтибосӣ қарор мегирад, на забони англисӣ [2, с. 74].

Аз он ҷо, ки ҳам забони англисӣ ва ҳам забони дарӣ аз забонҳои Шарқи Миёна вожаҳоеро иқтибос намудаанд, мавҷудияти монандиҳои зиёди шарқимиёнагӣ дар забонҳои мазкур аҷаб нест. Масалан, ба вожаҳои зерини "**شغال**" "**jackel**" (шағол) ва "**شکر**" "**sugar**" (шакар), ки эҳтимолан ҳарду аз забони туркӣ омадаанд ва ё чунин калимаҳое ба мисли "**الکول**" "**alchohol**" (машруботи спиртӣ), "**الجبر**" "**algebra**" (алгебра), "**کافی**" "**coffee**" (қаҳва), "**کتان**" "**cotton**" (пахта), "**جن**" "**genie**" (ҷин), "**مسخره**" "**mascara**" (масхара) ва "**شربت**" "**sherbet**" (шарбат), ки шояд ҳамаи онҳо аз забони арабӣ гирифта шудаанд, диққат диҳед [4, с. 23].

Дар ин мақола мо танҳо вожаҳоеро баррасӣ менамоем, ки қисмати асосии нутқи ҳаррӯзаи ҳар як даризабонро ташкил медиҳанд. Он калимаҳое, ки замоне аз дигар забон ба дарӣ иқтибос шуданашонро тасаввур кардан хело мушкил аст. Вожаҳое, ки бар хилофи иқтибосоти зиёд аз забони арабӣ, ба он андоза як қисми забони дарӣ гардидаанд, ки суффиксҳои забони англисиро қабул намекунанд ва онҳо ба пуррагӣ қоидаҳои синтаксис ва калимасозии забони дариро риоя менамоянд.

Яке аз соҳаҳои мазкур илм ва технология мебошад. Дар соҳаи илм забони дарӣ истилоҳоте чун "**اتموسفیر**" "**atmosphere**" (атмосфера), "**اتوم**" "**atom**" (атом), "**بالون**" "**balloon**" (тӯб; саққо), "**انجنیر**" "**engineer**" (муҳандис)-ро ба худ гирифтааст [7, с. 66].

Ҳамчунин, якчанд истилоҳоти алоқаманд ба соҳаи ҳамлу нақл низ ҳастанд, ки аз забони англисӣ гирифта шудаанд: "**بس**" "**bus**" (автобус), "**دریور**" "**driver**" (ронанда), "**پاسپورت**" "**passport**" (шиноснома), "**سرویس**" "**service**, meaning **bus**" (автобус), "**تکسی**" "**taxi**" (такси), "**ترمینال**" "**terminal**" (терминал), "**ترافیک**" "**traffic**" (рафтуомад), "**ویزه**" "**visa**" (раводид), "**واگون**" "**wagon**" (вагон) [9, с. 33].

Албатта, забони дарӣ истилоҳоти зиёди фарҳангӣ ва иҷтимоиро низ аз забони англисӣ ба худ гирифтааст. Ин руйхат бениҳоят дароз буда, мо бо овардани чанд намуна

иктифо мекунем: “**کلینر**” “**cleaner** (a bus conductor)” (кондуктор), “**کلوپ**” “**club**” (клуб; чавгон), “**فیشن**” “**fashion**” (мӯд; сабк), “**پارتی**” “**party**” (шабнишинӣ), “**تکت**” “**ticket**” (билет; тамғаи бор) ва “**والتس**” “**waltz**” (валс: як навъи рақс).

Як қатор истилоҳоти сиёсӣ, ки бештари онҳо бо анҷомаҳои - **acy** (- эйси) ва - **ism** (- изм) ба охир мерасанд, низ аз забони англисӣ ба забони дарӣ ворид гардидаанд. Калимаҳое, ки бо - **acy** (- эйси) анҷом меёбанд: “**ارستوکراسی**” “**Aristocracy**” (аристократия – ҳокимияти асилзодагон), “**بیوروکراسی**” “**Burocracy**” (бюрократия – ҳокимияти амалдорон), “**دیموکراسی**” “**Democracy**” (демократия – ҳокимияти халқ). Калимаҳое, ки бо - **ism** (- изм) анҷом меёбанд: “**کاپیتالیزم**” “**Capitalism**” (капитализм), “**کمیونیزم**” “**Commounism**” (коммунизм), “**فیودالیزم**” “**Feudalism**” (феодализм), “**امپریالیزم**” “**Imperialism**” (империализм), “**ناسیونالیزم**” “**Nationalism**” (натсионализм), “**سوسیالیزم**” “**Socialism**” (сотсиализм) ва ғайра. Калимаҳо бо дигар намуди анҷомаҳо: “**اسامبله**” “**assembly**” (ассамблея, маҷлиси умумӣ), “**کمپنگ**” “**campaign**” (маърака), “**قنسل**” “**counsel**” (консул, вакил), “**فدرال**” “**federal**” (федералӣ), “**فیودال**” “**feudal**” (феодал, мулкдор) ва ғайра [11, с. 61].

Калимаҳои иқтибосии соҳаи маориф фарогири номҳои китобҳо, ба мисли “**اطلس**” “**atlas**” (атлас, маҷмуи харитаҳо ва расмҳо), “**دکشنری**” “**dictionary**” (луғат, фарҳанг, қомус); вожаҳои алоқаманд бо навиштан ва ҳуҷҷатнигорӣ, ба монанди “**چپتر**” “**chapter**” (боб, фасл), “**کاپی**” “**copy**” (нусха), “**پراگراف**” “**paragraph**” (банд, модда), “**پلان**” “**plan**” (нақша, лоиҳа), “**ریسرچ**” “**research**” (пажӯҳиш; кори тадқиқотӣ), “**جیالوجی**” “**geology**” (геология), “**گرامر**” “**grammar**” (грамматика) ва истилоҳоти фаровони дигари бевосита бо таълим робитадошта, ба мисли “**کالج**” “**college**” (коллеҷ), “**لکچر**” “**lecture**” (лексия, маърӯза), “**ماستری**” “**masters**” (мутахассис; омӯзгор), “**پروفیسور**” “**professor**” (профессор), “**پروگرام**” “**program**” (барнома), “**یونورستی**” “**university**” (донишгоҳ) мебошанд [1, с. 25].

Дар маҷмуъ, чӣ тавре ки қайд гардид, доираи истифодашавии калимаҳои англисӣ дар забони дарӣ хеле васеъ буда, қариб ҳамаи самтҳои фаъолияти ҳаррӯзаи даризабононро фаро мегирад. Табиист, ки на ҳамеша калимаҳои як забон дар забони дигар бидуни тағйироти шакливу савтӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Баъзан, қисмате аз онҳо метавонанд, зери таъсири хусусиятҳо ва талаботи забони қабулкунанда, ба дигаргуншавии овозӣ мувоҷеҳ гарданд ва забонҳои мавриди назари мо низ аз ин ҳолат истисно нестанд. Аз ин рӯ, мо дар зер баъзе паҳлӯҳои масъалаи мазкурро баррасӣ менамоем.

Аз талаффузи дарии калимаҳои “**آرت**” “**art**” ва “**پرستیج**” “**prestige**” метавон ба осонӣ пай бурд, ки ин калимаҳо аз забони англисӣ ба забони дарӣ омадаанд, чунки калимаи “**آرت**” “**art**” ба ҷойи **/д/** анҷомаи **/т/** дорад ва калимаи “**پرستیج**” “**prestige**” бо **/ҷ/** анҷом меёбад на бо **/ж/**. Шояд чунин намояд, ки ҳардуи ин калимаҳо якҳиҷогӣ ҳастанд. Сабабаш дар он аст, ки тартиби задагузории калимаҳо дар забони англисӣ аз забони дарӣ, ки мавқеи зада қариб дар ҳамаи калимаҳои серҳиҷоӣ тағйир меёбад, хеле фарқ мекунад. Ду калимаи дуҳиҷоӣ дар ин рӯйхат “**پرستیج**” “**prestige**” ва “**ریفورم**” “**reform**” мебошанд, ки ҳардуяшон, бо доштани задаи охир, тартиби задагузории забони англисиро вайрон мекунанд. Ҳоло ба калимаҳои “**آرت**” “**art**”, “**کورس**” “**course**”, “**پارک**” “**park**”, “**پرستیج**” “**prestige**” ва “**ریفورم**” “**reform**” таваҷҷуҳ мекунем. Ҳамаи калимаҳои мазкур дар худ фонемаи (овоз) **/р/** доранд. Ҳарчанд фонемаи **/р/** дар забони англисӣ мулоим (**smooth**) ва озод (**retroflex**) буда, дар забони дарӣ ҳамсадои ларзони алвеолӣ бошад ҳам, инҷо ҳарду якхела талаффуз мешаванд [13, с. 62].

Дар мавриди ҳамсадоҳо бояд гуфт, ки ҳангоми аз забони англисӣ ба забони дарӣ гузаштан, баъзе тағйиротҳо метавонанд дар онҳо ба назар расанд. Агар як ҳамсадо дар забони англисӣ мавҷуд буда, дар забони дарӣ чунин ҳамсадо набошад, пас он ё партофта мешавад ва ё шакли аз ҳама наздиктар ба ҳамон овози забони англисиро мегирад. Масалан, ҳамсадои англисии **/ҳ/** метавонад ба ҳамсадои **/х/** дар забони дарӣ, **/б/**-и англисӣ ба **/т/**-и дарӣ ва ғайра мубаддал гарданд. Аксар вақт дар масъалаи ҳамсадоҳо дарҳамбарҳамиҳо ва ё омехташавиҳо дида мешаванд. Ба мисли, омехташавии ҳамсадоҳои димоғӣ (яъне, **/м/**, **/н/**, **/у/** бо ҳамдигар ва ҳамчунин бо **/л/** ва **/р/**) ва тамоюли омехташавии ҳамсадоҳои шавшувдор, ба монанди **/с/** бо **/ш/** ва **/п/** бо **/ф/**. Баъзан ду фонемаи (овоз)

забони дарӣ метавонанд бо як овози забони англисӣ мувофиқат кунанд. Аз ин рӯ, фонемаи **/к/**-и забони англисӣ баъзан ба **/г/**-и забони дарӣ табдил меёбад ва овози **/г/**-и забони англисӣ ба **/ғ/**-и забони дарӣ.

Дар забони дарӣ тамоюли бетаъсир кунонидан ва ё дигаргун сохтани хусусияти овозҳои охири калимаҳо низ мушоҳида мешавад. Одатан дар чунин ҳолатҳо ҳамсадоҳои ҷарангдор ба ҳамсадоҳои бечаранг табдил меёбанд (масалан, **/б/** ба **/п/**, **/д/** ба **/т/**, **/г/** ба **/к/**, **/ҷ/** ба **/ч/** ва **/з/** ба **/с/** иваз мешаванд). Аммо, агар дар чунин мавқеъ овозҳо қисман бетаъсир ва ё пахш карда шуда бошанд, ҳамсадоҳои бечаранг имкон доранд ба ҳолати дигар гузаранд, яъне ба ҳамсадои ҷарангдор мубаддал гарданд. Дар ин ҳолат фонемаи **/п/** ба **/б/**, **/ч/** ба **/ҷ/** ва **/с/** ба **/з/** иваз мешаванд.

Яке аз муҳимтарин таъсироти қоидаҳои фонетикаи дарӣ ба ҳамсадоҳои иқтибосоти забони англисӣ шикастани пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳо (кластер) мебошад. Дарӣ забонест, ки миқдори хеле ками пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳоро дорад, аммо забони англисӣ шумораи зиёди чунин калимаҳоро доро мебошад. Тамоюли содагардонии пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳои забони англисӣ нишондиҳандаи он аст, ки забони дарӣ чунин намуди калимаҳоро аз забони англисӣ бисёр иқтибос мекунад. Агар дар ҳолати ибтидоӣ, яъне дар аввали калима, пас аз **/с/** ягон ҳамсадои дигар ояд, метавон бо роҳи гузоштани садонок пеш аз пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳо, мавқеи аввалаи онро тағйир дод. Ин таҷриба аз доираи қоидаҳои фонетикаи забони дарӣ берун нест, зеро якҷояшавии (мувофиқат) /садонок + **с** + ҳамсадо/ дар забони дарӣ, нисбат ба мувофиқати **/с**+ҳамсадо/ дар забони англисӣ, хеле маъмултар аст [7, с. 17].

Мо ба баррасии калимаҳои иқтибосие бармегардем, ки дорои ҳамсадоҳои англисии дар забони дарӣ талаффузнашаванда мебошанд. Ҳамаи вожаҳои зерин ҳамсадои ибтидоии худро (**/ҳ/**) аз даст додаанд: “**همبرگر**” “**hamburger**” (гамбургер; кулча бо гӯшти кӯфта), “**اندل**” “**handle**” (даста; баҳона), “**ای تنشن**” “**high tension**” (шиддати баланд), ва “**هارون**” “**horn**” (ҳуштаки механикӣ). Калимаи “**هوټل**” “**hotel**” (меҳмонхона)-ро низ ба ин гурӯҳ дохил намудан мумкин буд, агар он на аз забони фаронсавӣ, балки аз забони англисӣ иқтибосшуда мешуд. Калимаи “**هوټل**” “**hotel**” ҷойивазкунии ҳамсадои англисии **/ҳ/**-ро бо эквиваленти наздиктарини дарии он **/х/**, инъикос мекунад. Чунин навъи ҷойивазкунӣ дар бахши иқтибосоти дарӣ хеле маъмул аст. Ҳамаи калимаҳои англисие, ки овози **/ө/** доранд, ҳангоми ба забони дарӣ ворид шуданашон, ин овоз бо **/т/** иваз карда мешавад. Масалан: “**ستسکوپ**” “**stethescope**” (стетоскоп), “**تیاتر**” “**theater**” (театр), “**تیوری**” “**theory**” (назария), “**ترمامتر**” “**thermometer**” (ҳароратсанҷ) ва “**تیز**” “**thesis**” (тезис; диссертатсия). Айнан аз рӯйи чунин қоида, **/в/**-и англисӣ ба **/в/**-и дарӣ табдил дода мешавад: “**اورج**” “**average**” (миёна), “**دریور**” “**driver**” (ронанда), “**نومبر**” “**November**” (ноябр), “**سرویس**” “**service**” (автобус), “**یونورستی**” “**university**” (донишгоҳ), “**واکسین**” “**vaccine**” (воя, ваксина), “**ویزیت**” “**visit**” (ташриф) ва “**ویزه**” “**visa**” (виза) [1, с. 42].

Як қатор овозҳои забони англисӣ дар вақти ба забони дарӣ гузаштан бо дигар овозҳо омехта мешаванд. Ҳамсадоҳои димоғӣ бештар дар калимаҳои иқтибосии забони англисӣ якдигарро иваз мекунанд. Яъне, овози **/н/** метавонад ба **/ŋ/** табдил ёбад. Масалан: “**کمپنگ**” “**campaign**” (маърака; роҳпаймоӣ; юриш) ва “**پنک**” “**safety pin**” (сӯзанак). Ҳолати баръакс низ метавонад рӯй диҳад, яъне, овози **/ŋ/** ба **/н/** табдил ёбад, ба монанди: “**پدین**” “**pudding**” (фирини, навъи таом) ва ё тамоман партофта шавад, чӣ хеле ки дар “**پری پان**” “**frying pan**” (тоба) мебинем. Ҳамчунин, овози **/ŋ/** метавонад ба **/ŋг/** табдил ёбад: “**پارکینک**” “**parking**” (таваққуфгоҳ) ва ё **/н/** ба **/м/** мубаддал гардад: “**گدام**” “**go down**” (нишастан, паст шудан). Ҳолати ба **/л/** табдил ёфтани **/н/** дар калимаҳои “**لوت، نوت**” “**note**” (пули қоғазӣ) ва “**لمبر، نمبر**” “**number**” (рақам, шумора), низ аз қоида берун набуда, маъмул ва роиҷ ҳаст. Ҳамчунин, **/л/** метавонад ҷойи **/р/**-ро бигирад, ба мисли: “**لول**” “**roll**” (даврзанӣ; алвонҷхӯрӣ).

Овози **/к/**-и забони англисӣ баъзан ба **/қ/**-и забони дарӣ табдил меёбад: “**موسیقی**” “**music**” (мусиқӣ) ва “**قونسل**” “**counsel**” (консул, вакил; машварат) ва овози **/г/**-и забони

англисӣ дар ҳолатҳои алоҳида бо **/ғ/**-и забони дарӣ иваз мешавад: “**غازات**” “**gasses**” (газҳо) ва “**جغرافیه**” “**geography**” (ҷуғрофия) [2, с. 46].

Дар мавриди ҳамсадоҳои ҷарангдори забони англисӣ бояд гуфт, ки ҳангоми дар охири калима (ё ҳиҷо) омадани онҳо, дар сурати ба забони дарӣ иқтибос шуданашон, ба ҳамсадоҳои беҷаранг табдил меёбанд. Яъне, овози **/б/**-и охир дар калимаҳои зерин бо **/п/** иваз карда мешавад: “**کلوپ، کلپ**” “**club**” (клуб; ҳалқа), “**تپ**” “**tub**” (тағора; зарф) ва “**تیوپ**” “**tube**” (қубур, лӯла); овози **/д/** бо **/т/** иваз карда мешавад: “**ریکارت**” “**record**” (сабт; қайд) ва “**استیوارت**” “**steward**” (стюард, ходими ҳавопаймо); овози **/г/** бо **/к/** иваз карда мешавад: “**کتلاک**” “**catalogue**” (нархнома), “**جک**” “**jug**” (кӯза; маҳбас) ва “**خوک**” “**hog**” (хук); овози **/в/** бо **/ф/** иваз карда мешавад: “**ریزرف**” “**reserve**” (захира; ҷудо кардан); овози **/ҷ/** бо **/ч/ж/** иваз карда мешавад: “**چارج**” “**charge**” (арзиш, нарх) ва “**گاراژ**” “garage” (мошинсарой); овози **/з/** бо **/с/** иваз карда мешавад: “**فیس**” “**fees**” (ҳаққи таҳсил), “**فیوس**” “**fuse**” (пӯстлох; гудозиш) ва “**موسیقی**” “**music**” (мусиқӣ).

Яке аз падидаҳои ҷолиб ва ғайримаъмулӣ, ки дар вақти тағйироти забон ё ҳангоми иқтибосгирӣ мушоҳида мешавад, ин раванди ҷойивазкунии ҳарфҳо (метатеза), яъне бо ҳамдигар ҷой иваз намудани ду овози як калима, мебошад. Аз рӯйи қоида, одатан ҳамсадоҳо бо ҳам ҷой иваз мекунанд: “**بیلر**” “**barrel**” (баррел, воҳиди ҳаҷми моеъ), “**بالتی**” “**battery**” (батарея) [зимнан, дар ин калима натанҳо метатеза, балки иваз шудани овози **/р/** ба **/л/** низ дида мешавад], “**جریین**” “**geranium**” (анҷибар) [ин ҷо низ овози **/м/** бо **/б/** иваз карда шудааст] ва “**فللین**” “**flannel**” (фланел, навъи матоъ). Ҳамзамон, як ҳамсадо ва як садонок низ метавонанд бо ҳамдигар ҷой иваз кунанд: “**برس**” “**brush**” (дандоншӯяк) ва “**تیلگراف**” “**telegraph**” (телеграф).

Ба ғайр аз ин, дигар роҳҳои содагардонии пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳои забони англисӣ низ ҳастанд. Усули аз ҳама маъмултарини содагардонии пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳо, дар миёни ҳамсадоҳои кластер гузоштани садонок ва бо ин роҳ онҳоро ба ҳамсадоҳои алоҳида табдил додан, мебошад. Ин ҳолатро дар пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳои дорои овози **/л/** дида мебароем. Тибқи қоидаҳои баррасишуда, кластери **/бл/** ба **/б/**+садонок+**л/** табдил меёбад: “**بلاک**” “**block**” (блок; иттифоқ; маҳалла); **/пл/** ба **/п/**+садонок+**л/** табдил меёбад: “**پلان**” “**plan**” (нақша), “**پلاستیک**” “**plastic**” (пластикӣ) ва “**ریکارډپلییر**” “**record player**” (картамонак; асбоби пахши сабт); **/гл/** ба **/г/**+садонок+**л/** табдил меёбад: “**گیلاس**” “**glass**” (шиша; қадаҳ) [5, с. 52].

Вақте ки пас аз ҳамсадои **/с/** ягон ҳамсадои дигар меояд, дар забони дарӣ метавон кластери мазкурро бо роҳи партофтани яке аз ҳамсадоҳо ва ё бо гузоштани садонок дар миёни ду ҳамсадо, аз байн бурд. Аммо, таҷрибаи аз ҳама фарогиртар дар ин гуна ҳолатҳо, гузоштани садонок пеш аз кластери якуми **/с**+ҳамсадо/ мебошад. Ин амал мавқеи пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳо (кластер)-и мавриди назарро аз аввал ба дуюм (миёна) гузаронида, талаффузи онро барои даризабонон имконпазир мегардонад. Яъне, масалан кластери **/сп/** ба /садонок+**сп/** табдил меёбад: “**اسپگتی**” “**spaghetti**” (спагетти, навъи макарон) ва “**اسفنج**” “**sponge**” (исфанҷ); **/ст/** ба /садонок+**ст**/: “**استودیو**” “**studio**” (студия; коргоҳ), “**استادیوم**” “**stadium**” (варзишгоҳ), “**استیج**” “**stage**” (саҳна, арса; дараҷа) [7, с. 65].

Дар умум, мо дар мақолаи мазкур доираҳои муносибати забони дариро бо забони англисӣ ва дар асоси он, соҳаҳои иқтибосоти забони дарӣ аз забони англисиро мавриди баррасӣ қарор дода, таъсири қоидаҳои фонетикаи забони дариро ба калимаҳои иқтибосӣ (танҳо дар бахши ҳамсадоҳо) то як андоза муайян намудем. Зимни таҳқиқ, равшан гардид, ки тақрибан ҳамаи калимаҳои иқтибосии аз забони англисӣ ба забони дарӣ воридшуда, зери таъсири қавоиди фонетикии забони дуюм, ба тағйироти овоӣ дучор мегарданд. Вақте ки талаффузи як овози муайяни забони англисӣ барои даризабонон мушкил пеш меорад, он ё партофта мешавад ва ё ба овози дигари нисбатан осонтар иваз карда мешавад. Ҳамчунин, аён гардид, ки аксарияти тағйиротҳо дар ҳамсадоҳо қобили дарку фаҳм ва баъзан ҳатто пешгӯйишаванда низ ҳастанд.

АДАБИЁТ

1. Bob Carter and Alison Sealey, Language, Nations and Identities, Methodological Innovation Online page: 22
2. Meherdad Naghzgoy. Descriptive Dictionary of Historical Linguistics. Tehran: Ramin. 1393.
3. Modern English Lexicology. - Moscow external university of humanities, 1996.
4. Адаб – маҷаллаи илмӣ, адабӣ, таърихӣ, фалсафӣ, интиқодӣ.
5. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка. - М.: Дрофа, 2000.-288с.
6. Войнова Е.А. Лексикология современного английского языка. - М., 1991.

۷. حمیدالله مفید، برخی ویژه‌گی‌های درستنگاری در زبان فارسی‌دری، تارنمای آریائی.

۸. ذبیح الله صفا، گنج سخن، انتشارات ابن سینا، تهران، ۱۳۲۹، مقدمه ص ۲۸.

۹. عبدالاحمد جاوید، بحثی در باره زبانِ فارسی، دستنویس جاوید، ص ٤١.

۱۰. علی رضوی غزنوی، سرگذشت دردناک فارسی در افغانستان معاصر، تهران، ۱۳۷۸، ص ۱۸۲.

۱۱. علی رضوی غزنوی، نثر دری افغانستان، جلد دوم، چاپ اول، پشاور، ۱۳۸۰خ، ص ۲۰۰.

۱۲. میرغلام محمد غبار، تاریخ ادبیات افغانستان، چاپ دوم (پشاور، ۱۳۷۸خ)، ص ۱۰.

۱۳. نحیب مایل هروی، تاریخ و زبان در افغانستان، چاپ دوم، تهران، ۱۳۷۱خ. ص ۷۰.

ТАЪСИРИ ҚОИДАҲОИ ФОНЕТИКАИ ДАРӢ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ АНГЛИСӢ

Дар мақола маъмултарин вожаҳои иқтибосии англисӣ дар забони дарӣ, вожаҳое, ки дар нутқи ҳаррӯзаи ҳар як даризабон истифода мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳазф (ихтисор), тағйирот, ивазшавӣ ва ҷойивазкунии овозҳои ҳамсадои ин калимаҳо дар зери таъсири талабот ва қавоиди фонетикаи (овошиносӣ) дарӣ бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Дар ҷараёни таҳлил ва омӯзиши масъала, муаллиф сараввал, ба таърих ва шароити воридшавии калимаҳои мавриди назари забони англисӣ ба забони дарӣ дар шакли мухтасар ишора намуда, сипас ба таври умумӣ онҳоро гурӯҳбандӣ карда, дар охир ба шарҳи мавзуи асосӣ, яъне тағйироти овозии калимаҳои иқтибосӣ дар зери таъсири қоидаву мушаххасоти забони қабулкунандаи иқтибосот, пардохтааст.

Ҳамзамон, муаллиф дар мақолаи мазкур фикру андеша ва назарияи олимону муҳаққиқони соҳаро оид ба ҷанбаҳои мухталифи калимаҳои иқтибосии забони англисӣ дар забони дарӣ, бахусус дигаргуншавии талаффузи онҳо, низ овардааст.

Калидвожаҳо: фонетика, қоидаҳои фонетикӣ, калимаҳои иқтибосӣ, забони дарӣ, забони англисӣ, истилоҳот, фонема (овоз), ҳамсадо, ҳамсадоҳои ҷарангдор ва бечаранг, ҳамсадоҳои димоғӣ, ҷойивазкунии ҳарфҳо, пайдарпайии гурӯҳии ҳамсадоҳо, анҷома.

ВЛИЯНИЕ ПРАВИЛ ФОНЕТИКИ ДАРИ НА ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА С АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье обсуждаются распространённые английские заимствованные слова в языке дари, те слова которые применяются в повседневной речи дариязычних, и конкретными примерами указываются (показываются) сокращения, преобразования, субституция и метатеза в этих словах, под влиянием требований и законах (правил) фонетики дари.

В процессе анализа и изучении проблемы, автор, прежде всего, коротко отметил об истории и условиях поступления такого рода слов английского языка на языке дари, затем группировал их с учетом принадлежности к разным сферам, и в завершение занимался разъяснением главной темы данной работы, то есть звуковые (фонетические) изменения заимствованных слов под влиянием правилы и специфики принимающего языка.

В то же время, у автора есть мнения и теории ученых и специалистов данной области о различных сторонах английских заимствованных слов в языке дари, в особенности, изменение их артикуляции (произношение), которые представлены в данной статье.

Ключевые слова: фонетика, правила фонетики, заимствованные слова, язык дари, английский язык, термины, фонема (звук), согласный, звонкие и глухие согласные, носовые согласные, метатеза, последовательность согласных, окончание.

THE INFLUENCE OF DARI PHONETIC LAWS ON WORDS BORROWED FROM ENGLISH

The article discusses merely those widely-used English loanwords in Dari language, which are in the vocabulary of every educated Dari speaker and also shows the consonant sounds dropping, change, substitution and metathesis in these words under the influence of Dari phonetics laws.

In the process of analyzing and studying the problem, the author, first of all, briefly noted the history and conditions for the receipt of above-mentioned words of the English language in the Dari language, then grouped them according to their belonging to different areas, and in the end, he clarified the main theme of this work, that is sound (phonetic) changes of borrowed words under the influence of the rules and specifics of the host language.

At the same time, the author has the opinions and theories of scientists and specialists in this field about the various aspects of English borrowed words in the Dari language, in particular, the change in their articulation (pronunciation), which are presented in this article.

Key words: phonetics, phonetic laws, loanwords (borrowings), Dari language, English language, terms, phoneme (sound), consonant, voiced and unvoiced consonants, nasal consonants, metathesis, consonant cluster, ending.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саъдизода Шаҳбоз Муллоидӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ 17. E-mail: falcon_91@inbox.ru. Тел.: **(+992) 92-727-23-97**

Сведения об авторе: Саъдизода Шахбоз Муллоиди – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры Иранской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: falcon_91@inbox.ru. Тел.: **(+992) 92-727-23-97**

Information about the author: Saadizoda Shahboz Mulloidi - Tajik National University, competitor of the Department of Iranian Philology of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: falcon_91@inbox.ru. Тел.: **(+992) 92-727-23-97**

ТРАКТАТ *AL-MUʿARRAB* АЛЬ-ДЖАВАЛИКИ КАК ОТРАЖЕНИЕ КОНТАКТОВ МЕЖДУ АРАБАМИ И ПЕРСАМИ В СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

Мишин Д.Е.
Институт востоковедения Российской Академии наук

Важное свидетельство контактов того или иного народа с другими культурами – иностранные заимствования в его языке. На их основе можно сделать наблюдения об области, размахе и времени таких контактов.

О большом количестве арабских заимствований в персидском языке хорошо известно. Но нельзя не отметить и многочисленные персидские заимствования в арабском языке. Для их исследования у нас есть ценный источник – книга «Переделанные на арабский лад [слова] из иноземной речи, [расположенные] в алфавитном порядке» (*al-Muʿarrab min al-kalām al-aʿdjamī ʿalā ḥurūf al-muʿdjami*) Абу Мансура Маухуба ибн Ахмада аль-Джавалики (1073/4–1145) (слово *аль-Джавалики*, значащее «тот, кто делает или продаёт мешки», употребляется как *нисба* условно). Этот человек был видным учёным своего времени; рассказы о нём в источниках сопровождаются похвалами. По словам одного автора он был «одним из предметов гордости (*mafākhir*) Багдада, да и Ирака [в целом]» [4, 105; ср. 19, 5/342].

Высокую оценку получил в Средневековье и трактат *al-Muʿarrab*. В источниках можно прочесть, что «не было создано большего [произведения] такого рода» [14, 342]. В рамках современных литературных жанров эта книга – толковый словарь. В то же время она содержит ряд материалов, выходящих за пределы обычных толковых словарей, в частности, объяснение происхождения иноземных личных имён и географических названий. Объектом внимания аль-Джавалики были иностранные слова вообще, без свойственного современной литературе разделения существительных на имена собственные и нарицательные.

Преподавая в известном училище ан-Низамиййа арабский язык и словесность [5, 308; 17, 207], аль-Джавалики был известен как их глубокий знаток. Согласно Йакуту (род. в 1178–1180 гг., ум. в 1229 г.) он «был [одним] из великих языковедов, ведущим [знатоком] словесности» [12, 2735; ср. 19, 5/342]. Эти характеристики подтверждаются эпитетами *lughawī* (языковед) и *naḥwī* (грамматик), которые ставятся при имени аль-Джавалики во многих источниках. Но внимание учёного привлекали и различные примечательные эпизоды из прошлого. По мнению издателя «Книги об идолах» знаменитого средневекового знатока древностей Хишама аль-Кальби (род. ок. 738 г., ум. в 819/20 или 821/22 г.) аль-Джавалики сделал два списка этого трактата, один – с помощью сына [9, XXXV–XXVII]. Текстом, который переписывал сын аль-Джавалики, впоследствии пользовался Йакут [12, 4/273].

Трактат аль-Джавалики отражает его научные интересы. Собрав большое количество известий, аль-Джавалики проанализировал их с позиций языковеда. Его интересовало не только значение слов, но и то, каким образом словарные формы изменялись в арабской среде. Некоторые закономерности такого изменения выделены им в начале книги [10, 6–12].

Пример работы аль-Джавалики с материалами – его сообщение о слове *muhandis*. Объяснив значение слова («тот, кто определяет расположение оросительных каналов»), аль-Джавалики далее пишет, что оно происходит от персидского *hindāz*, но в арабском языке *zāy* никогда не следует за *dāl*-ем и потому был заменён на *sīn*, вследствие чего появилась форма *muhandis* [10, 11, 352]. В то же время географические сведения аль-Джавалики менее точны. Например, Сиджистан (Систан) у него – город в Хорасане [10, 198].

Труд аль-Джавалики посвящён заимствованиям из всех иностранных языков. Помимо персидских в нём объясняются слова из греческого и сирийского языков, а также из иврита. При этом аль-Джавалики, судя по его тексту, склонялся к тому, чтобы считать иностранные слова персидскими заимствованиями, если не был уверен в ином. Например, персидскими он считал слова *dīnār* (динар (монета); в действительности – от греческого *dēnarion*, которое, в свою очередь, представляет собой заимствованное латинское *denarius*) [10, 132] или *abīl* в значении «монах» (на деле – от сирийского *âbbīlā* с тем же значением) [10, 30]. Даже Йаксум, переделанное на арабский лад имя Аксума, который был эфиопским правителем Йемена и сыном знаменитого Абрахи, предпринявшего, согласно средневековым источникам, поход на Мекку, характеризуется как персидское слово [10, 356].

Отмечая эту склонность аль-Джавалики к персидскому языку, мы должны, тем не менее, констатировать, что не все его персидские этимологии верны. Так, слово *dībādj* (парча) он выводит из *dēw-bāf*, переводя это как «ткань джиннов» (*nisādjat al-djinn*) [10, 140], хотя известно, что оно происходит от среднеперсидского *dēbāg* (парча). Очевидно, что аль-Джавалики приводит здесь не подлинную этимологию слова, а скорее анекдотическую интерпретацию, ходившую среди образованной публики.

То же самое можно сказать и о слове *dīwān* (множественное число от среднеперсидского *dyp*, *dyb* («письмо», «документ») [8, 148; 15, 63]). О нём сообщается следующее:

«аль-Асмаи сказал: “По происхождению это – персидское слово”. Он имел в виду *dībān* или *dīwān*, то есть “бесы” (*shayāṭīn*), то есть “писцы, которые своими действиями напоминают бесов”» [10, 154].

И здесь мы видим один из занимательных рассказов, ходивших среди образованной публики. Такие истории приводит аль-Маварди (974/5–1058):

«Есть два объяснения того, каким образом *диван* (*dīwān*) получил это название. Одно состоит в том, что сасанидский царь (*Kisrā*) однажды посмотрел на писцов своего *диван*-а и увидел, что они ведут подсчёты, [разговаривая] сами с собой, и сказал: “*Dīwāneh*” то есть “Сумасшедшие”. И место, где они пребывали, было названо этим словом. Когда же слово это стало часто употребляться, *hāʾ* был отброшен ради того, чтобы оно сделалось более лёгким [для произношения], и стали говорить *dīwān*. Второе [объяснение] – в том, что *dīwān* по-персидски – название бесов (*shayāṭīn*). Писцов стали называть так, как их, за то, что они искусно вели дела, знали явное и тайное, соединяли разрозненное и разделённое. Впоследствии и место, где они заседали, начали именовать по их названию, и стали говорить *dīwān*» [3, 259].

То же самое видно и на примере того, как аль-Джавалики объясняет название Багдада. Для него слово «Багдад» (приводимое в форме *Baghdādh*) состоит из двух частей – *bagh* в значении «идол» (*ṣanam*) и *dādh* в значении «дар»; получается «дар идола» (*ʿaṭiyyat al-ṣanam*) [10, 73]. Трактовка слова *bagh* как «идол» определённо возникла в мусульманском обществе, где по аналогии с положением дел в Аравии божества доисламских культур могли отождествляться с идолами. В культуре сасанидского Ирана понятие *bag* или *bay* означало «бог» или «господин»; оно применялось и к царю, который по отношению к людям считался божественным [2, 67–69]. Представляется, что слово *bagdād* означает скорее «царь дал» или «данное царём», т.е. царское пожалование.

Все приведённые выше примеры говорят скорее против достоверности трактата аль-Джавалики как исторического источника. Но это наблюдение нуждается в корректировке. Во многих случаях утверждения аль-Джавалики не вызывают сомнений в их правильности. Так, понятие *марзбан* верно интерпретируется как «страж границы» (*ḥāfiẓ al-ḥadd*) [10, 317], *darābina* – как собирательное множественное от *darbān* (привратник) [10, 140]. Следует отметить, что в статье о слове *darbān* аль-Джавалики ссылается на стих доисламского поэта Аида Протыкающего (*al-Muthaḳḳib*). Соответствующий фрагмент обнаруживается в собрании стихов (*диван*) Аида [7, 200]. Достоверность того, что называется доисламской арабской поэзией – вопрос, заслуживающий отдельного исследования, однако если исходить из презумпции доверия к источникам, можно заключить, что слово *darbān* было заимствовано арабами на весьма раннем этапе их истории. Слово *iswār* определяется как «лучник» (*rām*^{in}) или «всадник» (*fāris*) [10, 20]. Исходная форма *aswār* означала конного воина, однако на практике персидские всадники активно пользовались луками, подчас обрушивая на противника дождь стрел (*tīr-bārān* источников). Тем самым, аль-Джавалики, определяя *iswār* как «лучник», приводит скорее не словарное значение слова, а отголосок рассказа очевидца, наблюдавшего, как ведут бой персидские всадники, вероятно – сасанидских времён. Такой же практический опыт находит своё отражение и в слове *khusruwānī* («относящийся к Хосрову»), которое, согласно аль-Джавалики, означало тонко выделанную шёлковую ткань и происходило от наименования «великих сасанидских царей» (*ʿuẓamāʾ al-akāsira*) [10, 135]. Вероятно, данное заимствование отражает то, что арабы познакомились с этими тканями благодаря дальней транзитной торговле, которая шла с непосредственным участием Сасанидской державы и прибывавших из неё купцов.

Интересен вопрос о понятии *ḳurdumāniyya*. По словам аль-Джавалики оно означало «оружие, которое цари персов приобретали и хранили на своих складах, называя его *kardumānd*, то есть “[то, что] было сделано и осталось”; так рассказывал Абу Убайд со слов аль-Асмаи. Ибн аль-Араби сказал: “Я полагаю, что это – персидское [слово]” и привёл слова Лабида: “Многочисленный, далеко распространяющий запах [оружия отряд, воины которого] укрепляют [на себе] *ḳurdumānī* и шлемы при помощи застёжек ”. То есть: это было изготовлено и осталось до надобности, а так делается только для царей» [10, 252]. Нельзя сказать, что эти сведения уникальны: примерно то же известие, но в более сокращённом виде (без упоминаний о царях и стиха Лабида) приводится в более раннем словаре Ибн Сиды (ум. в 1066 г.) [13, 389]. Насколько верно данное аль-Джавалики объяснение происхождения слова *ḳurdumānī*, сказать непросто. В его пользу свидетельствует то, что как авторы, на которых ссылается аль-Джавалики, так и ещё один известный средневековый знаток древностей Абу Убайда Мамар ибн аль-Мусанна (род. в 728/9 г., ум. в 824/5 или 828/9 г.) считали *ḳurdumānī* персидским заимствованием [17, 2009]. Однако нельзя исключать и иные возможные объяснения. Лабид (ум. в начале 60-х гг. VII в.), самый ранний автор, у которого приводится это слово [6, 130], мог, как это иногда делали арабские поэты его времени, уподобить доспехи воинов похожему по цвету предмету, в данном случае – тёмно-коричневым зёрнам кардамона (ар. *ḳurdamānī*). С другой стороны, по мнению Абу Убайды *ḳurdumānī* – одежда с дополнительными защитными элементами (пластинами, уплотнениями и т.д.), которую использовали на войне [10, 253; 17, 2009]. Это делает возможной аналогию с греческим *kekrataiomena*, т.е. «укреплённые», «умощнённые» (о доспехах).

Интересно отметить, что в некоторых случаях сведения аль-Джавалики очень близки к известиям Йакута. В сообщении об острове *Samāhīdj* (ныне – аль-Мухаррак, Бахрейн) аль-Джавалики со слов аль-Асмаи (ум. в 828/9 г.) сообщает, что персы называли его *Māsh-māhī* [10, 202]. Йакут пишет то же самое, ссылаясь на неназванного автора, и прибавляет, что арабы переделали это слово на свой лад [11, 3/246]. Против этой этимологии трудно возразить, так как для V – VI вв. у нас есть сведения о епископах Машмахига (сир. *Mashmahīg*) [18, 34, 36, 128]. Весьма похожи описания дворцов, построенных в начале V в. около Хиры для сасанидского царевича Варахрана, будущего царя Варахрана V Гора (421–

440) – ас-Садира (название, судя по всему, верно объясняется как производное от среднеперсидского *sē dil* в значении «три свода [здания]») [10, 187–188; 11, 201–202] и аль-Хаварнака (объясняется как переделанное на арабский лад *khurankāh* или *khūranḳāh*, «трапезная» [10, 126; 11, 2/401], хотя более вероятным исходным названием кажется гипотетическое среднеперсидское *khwarrahnāk*, «исполненный света», «сияющий» [1, 275–277]). Интересно, что часть сообщения об ас-Садире Йакут приводит со ссылкой на некоего Абу Мансура, причём этот фрагмент включает в себя и то, что сообщает аль-Джавалики. Встаёт вопрос, не использовал ли Йакут трактат *al-Muʿarrab*. Дать ответ непросто, так как тексты совпадают не полностью. Сходным образом и сообщения аль-Джавалики и Йакута об *Aspadh* (дериват от *aspbad*, «конюший»), в целом похожие между собой, совпадают не полностью [10, 38; 11, 1/171–172].

Достоверность этимологий аль-Джавалики необходимо в каждом случае исследовать отдельно. Но очевидно, что среди слов, приводимых аль-Джавалики, есть и подлинные персидские заимствования, в том числе такие, которые были сделаны в раннюю эпоху. Более поздние этимологии, сочинённые задним числом, показательны тем, что среди образованной публики считалось нормальным искать объяснения происхождения тех или иных заимствований в персидском языке в качестве первого выбора. Всё это указывает на значительное взаимное влияние арабского и персидского языков, обусловленное давними и тесными контактами их носителей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Мишин Д.Е. История государства Лахмидов. М.: ООО «Садра», 2017.
2. Мишин Д.Е. Хосров I Ануширван (531–579), его эпоха и его жизнеописание и поучение в истории Мискавейха. М.: ИВ РАН, 2014.
3. al-Aḥkām al-sulṭāniyya wa al-wilāyāt al-dīniyya. Taʾlīf ... al-Māwardī. Taḥḳīḳ Aḥmad Mubārak al-Baghdādī. al-Kuwait: Maktabat Dār Ibn Ḳutayba, 1989.
4. al-Ansāb li ... al-Samʿānī. Taḳdīm wa taʿlīk ʿAbd Allāh ʿUmar al-Bārūdī. al-Djuzʾ al-thānī. Bayrūt: Dār al-djanān, 1988.
5. Bughyat al-wuʿāt fī ṭabaḳāt al-lughawiyyīn wa al-nuḥāt li ... al-Suyūṭī. Taḥḳīḳ Muḥammad Abū-l-Faḍl Ibrāhīm. Dār al-fikr, 1979. al-Djuzʾ al-thānī.
6. Dīwān Labīd bin Rabīʿa. Sharḥ al-Ṭūsī. Ḳaddama la-hu ... Ḥannā Naṣr al-Ḥittī. Bayrūt: Dār al-kitāb al-ʿarabī, 1993.
7. Dīwān shiʿr al-Muthaḳḳib al-ʿAbdī. ʿUniya bi taḥḳīḳi-hi ... Ḥasan Kāmil al-Ṣayrafī. Maʿhad al-makhṭūṭāt al-ʿarabiyya, 1971.
8. Durkin-Meisterernst D. Dictionary of Manichaean Middle Persian and Parthian. Turnhout: Brepols, 2004.
9. Les idoles de Hicham Ibn al-Kalbi. Texte établi et traduit par W. Atallah. Paris: Librairie C. Klincksieck, 1969.
10. al-Muʿarrab min al-kalām al-aʿdjamī ʿalā ḥurūf al-muʿdjam(i) li Abī Manṣūr al-Djawālīḳī. Taḥḳīḳ Aḥmad Muḥammad Shākir. al-Ḳāhira: Dār al-kutub al-miṣriyya, 1995.
11. Muʿdjam al-buldān li ... Yāḳūt ... al-Ḥamawī al-Rūmī al-Baghdādī. Bayrūt: Dār Ṣādir, 1977.
12. Muʿdjam al-udabāʾ. Irshād al-arīb ilā maʿrifat al-adīb. Taʾlīf Yāḳūt al-Ḥamawī al-Rūmī. Taḥḳīḳ Iḥsān ʿAbbās. Bayrūt: Dār al-Gharb al-islāmī, 1993.
13. al-Muḥkam wa al-Muḥīṭ al-aʿẓam fī al-lugha. Taʾlīf ... Ibn Sīda. al-Djuzʾ al-sādis. Maʿhad al-makhṭūṭāt bi Djāmiʿat al-duwal al-ʿarabiyya, 1972.
14. Nuzhat al-alibbāʾ fī ṭabaḳāt al-udabāʾ li Abī-l-Barakāt Kamāl al-dīn ... al-Anbārī. Taḥḳīḳ Muḥammad Abū-l-Faḍl Ibrāhīm. Al-Ḳāhira: Dār al-fikr al-ʿarabī, 1998.
15. Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. II. Wiesbaden: Otto Harrassowitz, 1974.

16. Shadharāt al-dhahab fī akhbār man dhahab li Ibn al-ʿImād. Ḥaḳḳaḳa-hu Maḥmūd al-Arnāʾūṭ. al-Mudjallad al-sādis. Dimashḳ, Bayrūt: Dār Ibn Kathīr, 1989.
17. al-Ṣiḥāḥ. Tādj al-lugha wa ṣiḥāḥ al-ʿarabiyya. Taʾlīf ... al-Djawharī. Taḥḳīḳ Aḥmad ʿAbd al-Ghafūr ʿAṭṭār. Bayrūt: Dār al-ʿilm li-l-malāyīn, 1979.
18. Synodicon orientale. Pub. et tr. J.B. Chabot. Paris, 1902.
19. Wafayāt al-aʿyān wa anbāʾ abnāʾ al-zamān li ... Ibn Khallikān. Ḥaḳḳaḳa-hu Iḥsān ʿAbbās. Bayrūt: Dār Ṣādir, 1977.

ТРАКТАТ *AL-MUʿARRAB* АЛЬ-ДЖАВАЛИКИ КАК ОТРАЖЕНИЕ КОНТАКТОВ МЕЖДУ АРАБАМИ И ПЕРСАМИ В СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

Работа представляет собой анализ ряда персидских заимствований в арабском языке и их объяснения у аль-Джавалики (1073/4–1145). Среди таких заимствований можно найти и ранние, относящиеся к доисламскому периоду. В целом заимствования, приведённые у аль-Джавалики, указывают на значительный масштаб культурных контактов между арабами и персами.

Ключевые слова: аль-Джавалики, арабы, персы, Сасаниды, языковые заимствования.

AL-DJAWĀLĪḲĪ'S *AL-MUʿARRAB* AS A REFLECTION OF CULTURAL CONTACTS BETWEEN ARABS AND PERSIANS IN THE MIDDLE AGES.

This study is an analysis of a number of Persian borrowings in Arabic and their interpretation in the *al-Muʿarrab* ('Arabicized') treatise by al-Djawālīḳī (1073/4–1145). Among those borrowings there are fairly early ones going back to pre-Islamic times. Generally, the borrowings cited by al-Djawālīḳī seem to be an evidence of large-scale cultural contacts between Arabs and Persians.

Keywords: al-Djawālīḳī, Arabs, Persians, Sasanids, language borrowings.

Информация об авторе: ***Мишин Дмитрий Евгеньевич*** **–** кандидат исторических наук, старший научный сотрудник Института востоковедения Российской Академии наук. Адрес: Россия, 107031, г. Москва, ул. Рождественка, д. 12. Телефон: +7495-132-73-53, добавочный 2622. Электронная почта: d.mishin@ivran.ru

Information about the author: ***Mishin Dmitriy Yevghenievich*** **–** Candidatus Scientiarum (CSc), Senior Research Fellow of the Institute of Oriental Studies, Russian Academy of Sciences. Address: Russia, 107031, Moscow, Rozhdestvenka st., 12. **Phone**: +7 495-132-73-53 plus 2622. **E-mail**: d.mishin@ivran.ru

МАҚОМИ ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРИИ ПЕШИН ДАР РУШДУ ТАКОМУЛИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Додарзода О.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шарҳнависӣ ба дастури забонитоҷикӣ дар фарҳангҳои тафсирии пешин анъанаи қадим дорад. Воқеан, шарҳнависӣ ба дастури забони тоҷикӣ баробари ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ шуруъ шудааст. Дар марҳилаи аввал муаллифони фарҳангҳои тафсирӣ зимни шарҳи маънии вожаҳо, истилоҳоту таркибот ва ибораҳои алоҳида оид ба хусусияту вижагиҳои дастурии онҳо низ андешаҳояшонро иброз намудаанд. Гоҳе ин мулоҳизаҳои лексикию грамматикии муаллифони фарҳангҳо моҳияти дастурии ин ё он вожаро кушодааст, ки аз диди илми забоншиносӣ имрӯз ҳам аз манфиат холӣ нест. Баъдтар фарҳангҳои тафсирие пайдо шуданд, ки муаллифони онҳо дар муқаддима ё хотимаи фарҳанг ба сурати алоҳида муҳимтарин масъалаҳои марбути асосҳои дастури забони тоҷикиро зимни истилоҳи «ойин», «фоида», «ороиш», «баҳра» ва ғ. Шарҳу тавзеҳ додаанд. Оҳиста-оҳиста ин амал аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар интиқол ёфт ва ҳар муаллифи фарҳанги баъдӣ то ҷое он маълумотро такмилу тасҳеҳ доданд ва дар натиҷа он ба як анъанаи муфиде дар таърихи афкори забоншиносии тоҷик табдил ёфт ва имрӯз таҳқиқ, таҳлил ва қазовати онҳо аз диди имрӯзи илми забоншиносӣ, ба назари мо, хеле муҳиму зарур аст. Дар иртибот ба ин қазия донишманди шаҳири тоҷик Абдулманнони Насриддин ин тавр қазоват кардааст: «Мураттибони фарҳангҳои тафсирӣ дар ҳар асру замон баробари соҳиби заковати фавқулодда, қобилияти сухансанҷӣ ва меҳанпарвар буданашон аз беҳтарин донандагони қонуниятҳои забон ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамин аст, ки онҳо ҳангоми таҳқиқи луғат бо шарҳи умумии маъно ва сабти санадҳо маҳдуд намонда дар муайянсозии паҳлуҳои семантикӣ, хусусиятҳои

услубӣ, пайдоиши калима ва сохту қолаби он, вариантҳои фонетикӣ, хусусиятҳои шевагии калимаҳо меҳнати зиёд ба харҷ додаанд. Имрӯз сазовор аст, ки системаи назарияи забоншиносии онҳоро бо вуҷуди умумӣ ва сода буданашон ба таҳқиқ гирифта, ҷиҳатҳои мусбат ва дорои аҳамияти онҳоро, алалхусус, қисматҳои ба сохти калима ва шарҳи этимологӣ алоқамандро дастраси умум гардонем. Азбаски бахшида ба грамматикаи забони тоҷикӣ ва қисматҳои дигари забон рисола ва асарҳои алоҳидаи ҷамъбастӣ дар гузашта ба вуҷуд наомадаанд, ҳоло фарҳангномаҳо аз сарчашмаҳои аввалиндараҷаи омӯзиши афкори забоншиносии тоинқилобӣ дониста шудаанд» [14, 549].

Дар ҳақиқат шодравон А. Насриддин хеле дуруст қазоват кардаанд, чаро ки барои шаклгирӣ ва шинохти афкори забоншиносии классики тоҷик қадимтарин ва муҳимтарин манбаъ фарҳангномаҳои пешин маҳсуб меёбад. Ҳамчунон ки мавсуф қайд менамояд, тамоми фарҳангу луғатномаҳоро аз ин ҷиҳат, пеш аз ҳама, ба ду даста метавон гурӯҳбандӣ кард: Дастаи аввал луғату фарҳангҳое мебошанд, ки дар онҳо муаллифон зимни шарҳу тавзеҳи калимаҳо гоҳе ин ё он хусусияти дастурии вожаро барои шинохти саҳеҳу дурусти ҳамон калима ва вожаҳои дигари ҳамгуну ҳамрешаи он умумӣ аст, гуфтаанд. Ин дастаи фарҳангҳо дар таърихи фарҳангнигории мо хеле зиёданд. Масалан, аз муътабартарин луғате, ки дар асри 19 навишта шудааст, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ як вожаро меорем, ки чунин шарҳ баста шудааст: чаро – ба маънии чаридан ва чарогоҳ; ва ба касри аввал (яъне чиро) ба маънии барои чи, зеро ки ин лафз мураккаб аст аз калимаи чӣ, ки барои истифҳом аст ва аз лафзи -ро, ки ба маънии барои бошад; ва соҳиби «Муайид» ва «Кашф» ва «Латоиф» ва «Бурҳон» ва «Иброҳимӣ» ва дигар муҳаққиқон ба касри аввал таҳқиқ карда навиштаанд: ва Сироҷиддин Алихони Орзу дар «Чароғи ҳидоят» ва «Хиёбон» навишта, ки лафзи чиро мувофиқи қоида максур аст, магар чун соҳиби «Рашидӣ» ва ғайра ба фатҳ (яъне чаро) навиштаанд, лаҳҷаи дигарон ва забони қавми махсус аст. Пас ба ин маънӣ ба фатҳ ҳам ғалат набошад, агарчи мухолифи қиёс ва муҳовараи баъзе мардум аст. Ва дар «Сироҷ» навишта, ки чиро (ба касри аввал) ба маънии барои чӣ лаҳҷаи ироқиён аст ва лаҳҷаи дигарон ба фатҳи аввал: ва қиёси муаллиф мутобиқи ироқиён аст [11, 258].

Тавре ки мебинем, шарҳи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» ба сурати омехта аст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки ҳам хусусиятҳои семантикии вожаи «чаро»-ро кушояд ва ҳам хусусиятҳои дастурии онро.

Дар луғату фарҳангҳои тафсирии дастаи аввал ин усули маъмулӣ ва корхурдааст, аммо дар ҳамин дастаи луғатномаю фарҳангҳои тафсирӣ гоҳо дар шарҳи баъзе вожаҳо, ки хусусияти истилоҳӣ доранд, тавсифи дастурӣ пайдо намудааст ва аз диди забоншиносии имрӯз низ аҳамияти калон дорад. Масалан, аз ҳамон луғати муътабари «Ғиёс-ул-луғот» як мисоле чун намуна меорем, ки он ҳарфи «ё» мебошад. Муаллифи луғат чунин гуфтааст: «Ва бидон, ки ҳарфи «ё» бар ду қисм аст: маъруф ва маҷҳул. Маъруф бар чанд қисм аст: нисбӣ ва хитобӣ ва масдарӣ ва лаёқатӣ ва мутакаллимӣ ва фоилӣ ва мафъулӣ ва ташбеҳӣ ва барои муболиға. Аввал, «ё»-и нисбат, чунонки ҳиҷозӣ ва ҳиндӣ ва румӣ ва лоҷвардӣ ва обӣ ва равғанӣ ва ҳиҷрӣ ва ҷулусӣ. Ва чун «ё»-и нисбат баъди алифу вов воқеъ шавад, ҳамзаи максурро зоида қабл аз «ё» оранд ба ҷиҳати рафъи иҷтимои сокинайн, чун тиллойӣ ва каҳрабойӣ ва исойӣ ва сафойии рӯй ва сиёҳии мӯй ва гоҳе алифро, ки охири исм бошад, ҳазф кунанд ва дар ин ҳамзаи зоида наёранд, чунончи: Бухоро ва бухороӣ. Ва агар «ё»-и нисбат баъд аз «ҳо»-и мухтафӣ дарояд, дар ин сурат гоҳе онро дар талаффуз ба ҳамзаи максура бадал кунанд ва «ё»-ро китобат дахл надиҳанд ва аломати ҳамза болои онҳо нависанд, чунончи: ҷомаи пистаӣ ва шакли байзаӣ ва гоҳе «ё» саломат монад, чун сурмайи ва ҳамин ҳол аст «ё»-и хитобро, чунончи: суфтоӣ ва бандаӣ ва шармандаӣ. Чун ба калимае, ки дар охири он «алиф» ё «ҳо» ва «ё»-и таҳтонӣ бошад, «ё»-и нисбат мулҳақ кунанд, он «алиф»-у «ҳо» ва «ё»-ро ба вов бадал кунанд, чун Мусо ва мусавӣ ва Исо ва исавӣ ва дунё ва дунявӣ ва сомона ва сомонавӣ ва меҳана ва меҳанавӣ ва ганҷава ва ганҷавӣ ва Деҳлӣ ва деҳлавӣ. Ва гоҳе «ҳо»-и охир дар ҳолати нисбат ҳазф намоянд, чунончи: Макка ва маккӣ ва бангола ва

банголӣ ва гоҳе охири калимаро ба вақти илҳоқи «ё»-и нисбат ба «коф»-и форсӣ бадал кунанд, чун: хона ва хонагӣ ва парда ва пардагӣ ва байъона ва байъонагӣ; ва гоҳе «алиф»-у «нун»-и зоида қабл аз «ё»-и нисбат дароранд, чунончи: раббонӣ ва ҳаққонӣ ва нафсонӣ ва зулмонӣ ва ҷисмонӣ ва зулмонӣ ва нуронӣ. Ва чун дар калимае ҳарфи солис «ё»-и таҳтонӣ бошад, дар ҳолати илҳоқи «ё»-и нисбат он «ё»-ро гоҳе ҳазф намоянд, чун: маданӣ мансуб ба Мадина ва қурайшӣ мансуб ба Қурайш ва ҳанафӣ мансуб ба Ҳанифа, яъне Абуҳанифа; ва гоҳе қабли «ё»-и нисбат ҳарфи ҳарфи «зо»-и муъҷама зиёда оранд, чун: розӣ ва марвазӣ мансуб ба Рай ва Марв. Дуюм «ё»-и хитоб ва он баъди асмо ва афъол ояд ва дар охири афъол маънии «ту» диҳад, чунончи: гуфтӣ ва мехоҳӣ ва хоҳӣ гуфт ва бурдӣ; ва ҳар гоҳ баъди асмо ояд, маънии ҳастӣ аз ӯ мустафод мешавад, чунончи: ҳанӯз тифлӣ, яъне тифл ҳастӣ ва марди тезҳушӣ, яъне тезҳуш ҳастӣ. Сеюм «ё»-и масдарӣ ва он баъди асмо ояд, чунончи: тарӣ ва тозагӣ ва покӣ ва расвоӣ ва доноӣ ва биноӣ ва содалавҳӣ ва шикастагӣ ва андӯҳгинӣ. Ва «ё»-и масдарӣ ба масдари арабӣ низ лоҳиқ мешавад назди баъзе саҳеҳ ва назди баъзе ғалат вале дар асл сиҳат надорад, чун саломатӣ ва халосӣ ва сафоӣ. Чаҳорум – «ё»-и лаёқат: ва андар авохири масодир ояд, чунончи: хӯрданӣ ва куштанӣ ва рафтанӣ ва гузоштанӣ, яъне лоиқи хӯрдан ва лоиқи куштан ва лоиқи рафтан ва лоиқи гузоштан; панҷум – «ё»-и мутакаллим: ва ин тақлиди арабиён аст ва дар охири асмо ва алқоб ояд, чунончи: илоҳӣ ва махдумӣ ва устодӣ ва эътизодӣ ва қиблагоҳӣ, яъне илоҳи манн ва устоди ман ва махдуми ман ва эътизоди ман ва қиблагоҳи ман; Соиб гӯяд, байт:

Нависад нуричашмӣ офтоб он сафҳаи рӯро,
Маҳи нав қиблагоҳӣ хонад он меҳроби абрӯро.

Шашум «ё»-и фоил: ва он баъди асмо ояд ва маънии кунанда (фоил – Д.О.) диҳад, чунончи: касбӣ ва кифоятӣ ва ғавғоӣ ва фиребӣ ва васвосӣ, яъне касбкунанда ва кифояткунанда ва ғавғокунанда ва фиребкунанда ва васвоскунанда; магар ин «ё» ба «ё»-и нисбат қарибтар аст. Ҳафтуф – «ё»-и мафъул, чунончи: муҳрӣ ва санадӣ ва интихобӣ, яъне муҳр кардашуда ва санад кардашуда ва интихоб кардашуда ва ин низ ба «ё»-и нисбат қариб аст. Ҳаштум – «ё»-и ташбеҳӣ. Низомӣ гӯяд, байт:

Зоғ ба фарри ту ҳумоӣ кунад,
Сар, ки расад пеши ту пойи кунад.

Ва ин «ё» ба «ё»-и масдарӣ қариб аст. Нуҳум – «ё»-и муболиға, чунончи: алломӣ ва фаҳҳомӣ» [12, 406-407].

Тавре ки аз иқтибоси фавқ равшан аст, муаллифи луғат танҳо оид ба «ё»-и маъруф ба ин паҳною андоза тавзеҳ оварда, нуҳ вазифа ва маънои ин ҳарфро бо мисолҳои фаровону мушаххас шарҳ дода, арзиши дастурии онро равшану возеҳ нишон додааст, ки ба ин андоза дар ҳеҷ дастуругаммматикаҳои имрӯз инъикос наёфтааст. Ба ҳамин тарзу равиш муаллифи луғат дувоздаҳ маънию вазифаҳои дастурии «ё»-и маҷҳулро низ шарҳ бастааст, чунончи: якум – «ё»-и ваҳдат: подшоҳе, дираме, гадое, нигоҳе.[1] Дуюм – «ё»-и тавсифӣ ва инро «ё»-и ишорат ва «ё»-и имоӣ низ гӯянд: васле, қотиле, бандае; сеюм – «ё»-и танкир, мисраъ:

Дар хароботи муғон нест чу манн шайдое…

Чаҳорум – «ё»-и тахсис ва аз ӯ ба ҷониби хос дар зеҳн имо намоянд, мисраъ:

Соз обод, Худоё, дили вайронеро…

Панҷум «ё»-и шарт ва ҷазо, байт:

Гар имрӯз будӣ, худованди ҷоҳ,
Накардӣ худ аз кибр дар вай нигоҳ.

Шашум – «ё»-и таманно, байт:

Чӣ будӣ, ки поям дар ин кори гил,
Ба ганҷе фурӯ рафтӣ аз коми дил.

Ҳафтум «ё»-и истимрор, абёт:

Гирифтӣ камарбанди зурозмой,
В-агар кӯҳ будӣ, бикандӣ зи ҷой.

[1] Мо ин ҷо танҳо ному вазифа ва мисолҳоро зикр мекунем.

Нахӯрдӣ, ки хотир баросоядаш,
Надодӣ, ки фардо ба кор оядаш.

Ҳаштум – «ё»-и изҳори изофат, чунончи: ҷойи ӯ ва пойи ӯ ва рӯйи ӯ ва мӯйи ӯ. Нуҳум – «ё»-и таъзим, чунончи, дар ин байт:

Бибурд дил зи кафам дӯш маҷлисорое,
Саҳиқаде, саманандоми моҳсимое.

Даҳум – «ё»-и таҳқир… чунончи, дар ин байти Ҳофизи Шерозӣ:

Ёр дорад сари сайди дили Ҳофиз ёрон,
Шаҳбозе ба шикори магасе меояд.

Дар ин байт «ё»-и шаҳбозе барои таъзим аст ва «ё»-и магасе ва «ё»-и магасе барои таҳқир. Ёздаҳум «ё»-и зоид… чунонки: Худо ва Худой ва ҳумо ва ҳумой ва бӯ ва бӯй… Дувоздаҳум – «ё»-и ҷамъ, чун: омадем ва кардем ва рафтем. Сездаҳум – «ё»-и миқдор, чунонки дар ин байт:

Суханро бори хотир буд кӯҳе,
Набудаш соҳибе, соҳибшукӯҳе.

Чаҳордаҳум – «ё»-е, ки мулҳақ ба ҳарфи робита гардад, чун: доностӣ ба маънии доност, шайдостӣ ба маънии шайдост. Понздаҳум – «ё»-и виқоя, чунонки дар лафзи Худоё» [12, 407-408].

Ҳамин гуна шарҳи муфассал ва асосноки илмӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» оид ба бисёр мавзуъҳои забоншиносӣ дида мешавад, масалан, доир ба ҳарфи «вов», ҷамъбандии арабии калимаҳо, изофат (бандаки изофӣ) ҳарфи «коф» (пайвандаки «ки», пасванди -ак) ва ғ.

Аз ин ҷиҳат фарҳанги тафсирии дигаре, ки мисли «Ғиёс-ул-луғот» дар қисмати асосии луғат, яъне дар шарҳи хусусиятҳои луғавии вожаҳо ба шарҳи калимаю истилоҳот ва ибораҳои марбути забоншиносӣ эътибори ҷиддӣ дода шудааст ва ин анъанаро хуб риоя намудааст, «Шамс-ул-луғот» мебошад. «Шамс-ул-луғот» муаллифи алоҳида надорад. Дар ин бобат муҳаққиқи ин луғат шодравон Абдуманнони Насриддин чунин қазоват кардааст: «Шамс-ул-луғот» дар таърихи лексикографияи тоинқилобии тоҷику форс ягона асарест, ки аз тарафи коллективи луғатсозон танзим ёфтааст» [8, 549].

Дар «Шамс-ул-луғот» бисёр мавзуъҳои баҳси илми забоншиносии тоҷик зимни шарҳу эзоҳи вожаҳо матраҳ шудааст. Масалан, чунон ки муҳаққиқи ин луғат шодравон А. Насриддин овардааст, муаллифони «Шамс-ул-луғот» дар бораи ҳарфи «ё» чунин қазоват кардаанд: «Ҳарфест аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва он ҳашт навъ аст: Аввал «ё»-и нисбат мисли «маҳмудӣ» ва «мусавӣ» ва «исавӣ» ва «хуросонӣ» ва «ҳиндустонӣ» ва «банголӣ» ва «лорӣ» ва «иброҳимӣ» ва «ашрафӣ» ва монанди он ва дар арабӣ низ ифодаи маънии нисбат кунад, лекин мушаддад боша два дар форсӣ мухаффаф ва ин ба ҳеҷ ваҷҳ соқит нашавад ва гоҳе бошад, ки аз барои он касс ва он чиз сифате таъйин кунанд ва гӯянд «маҳмудии нек» ва «исавии бад» ва «ё» изофат кунанд ва гӯянд «хуросонии ман» ва «ҳиндустонии ту»… дуюм – «ё»-и тааҷҷуб, агар мухотаб ҳозир бошад, ин «ё»-ро «маъруф» хонанд ва гӯянд, ки «марде будӣ» ва агар ғоиб бошад, ин «ё»-ро «маҷҳул» хонанд ва гӯянд «марди баде»; сеюм – «ё»-и хитоб, чунонки «гуфтӣ», «кардӣ», «омадӣ», «задӣ» ва ҷуз он ва ин «ё» низ маъруф аст; чаҳорум – «ё»-и лаёқат, мисли «навохтанӣ», «бардоштанӣ» ва «куштанӣ» ва «заданӣ», яъне лоиқи навохтан ва бардоштан ва куштан ва задан ва ин «ё»-ро ба ҳама ҳол нависанд… панҷум – «ё»-и танкир, яъне номаълум ва ин «ё» дар охири калима дарояд, он чиз маълум набуда боша два фоидаи ваҳдат низ диҳад, чунончи гӯем: «Марде бо он роҳ мерафт» ва «Аспе бад-он роҳ меомад» ва барои истимрор низ ояд, чун «кардӣ» ва «гуфтӣ» ва чун изофат кунанд «ё»-и мавсуф созанд. Дар ин ҳар ду сурат «ё»-ро соқит бояд кард, чунонки дар изофат гӯйи: «марди раванда», «аспи даванда». Шашум – «ё»-и таъзим чунончи, гӯянд: «фалонӣ мардест», яъне марди бузург; ҳафтум – «ё»-и исботи сифат, чунончи гӯянд: «Ту марди фозилӣ ва олимӣ ва ҷоҳилӣ ва фосиқӣ», яъне сифати фазл, илм, ҷоҳил ва фосиқӣ ба ту собит аст; ҳаштум – «ё»-и маънии ҳосили масдар, чун «комбахшӣ», «заррезӣ» ва «обпошӣ». Бояд донист, ки

калима хоҳ дар васат, хоҳ дар охир, агар моқаблаш касри холис бошад, «ё»-и маъруф гӯянд вагарна маҷҳул, чунонки «гузашт» ва ба ҳисоби абҷад даҳ бошад [14, 561].

Тавре аз шарҳи дастурии ҳамин як ҳарфи «ё» дар ду луғати дастаи якум бармеояд, дар ҳар ду луғат вазифаҳои дастурии ин ҳарфи сервазифа, асосан, дурусту саҳеҳ шарҳ дода шудааст, ҳарчанд ки муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» хеле муфассал масъаларо таҳқиқ намуда, ҳарфи «ё»-ро ба ду қисм: маъруф ва маҷҳул ҷудо карда, нахуст нуҳ вазифаи дастурии «ё»-и маъруфро нишон дода, сипас, вазифаҳои дастурии «ё»-и маҷҳулро ба понздаҳ қисм дастабандӣ кардааст.

Дастаи дуюм фарҳангҳое мебошанд, ки муаллифони онҳо ғайр аз қисмати асосии фарҳанг, ки шарҳи маънии вожаҳо: маънии аслию маҷозӣ, қарибу дур, мавқеи ин ё он вожа дар таркиби луғавии забон, муносибати он ба гӯйишҳои мардумӣ ва баромаду доираи истеъмоли он калима боз ба сурати замима ё дар муқаддима ё хотимаи фарҳанг муҳимтарин масоили дастури забони тоҷикиро дар чандин фасл шарҳу тавзеҳ додаанд, ки дар мачмӯъ асосҳои дастури забони тоҷикиро фаро мегирад.

Ба ин даста луғату фарҳангҳои «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ (1419), «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ» (1466), «Муайид-ул-фузало»-и Мавлоно Муҳаммад ибни Шайх Лоди Деҳлавӣ (1519) «Кашф-ул-луғот»-и Абдурраҳим Аҳмад Сури Биҳорӣ (1608), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (1622), «Латоиф-ул-луғот»-и Абдуллоҳи Кабир (1621-23), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммалҳусайни Бурҳон (1651), «Фарҳанги Рашиди»-и и Абдуррашиди Татавӣ (1654), «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Подшоҳи Ғозӣ (1815), «Анҷуманнорои Носрӣ»-и Ризоқулихони Ҳидоят (1851), «Бурҳони ҷомеъ» (асри 19) ва ғ. дохил мешаванд.

Дар ин дастаи фарҳангҳо муаллифони онҳо ҳамчун донишмандони аз асосҳои илми забоншиносӣ огоҳ кӯшиш кардаанд, ки асосҳои қавонини дастури забони тоҷикиро барои аҳли адаб ва ҳамаи онҳое, ки ба китобат машғул ҳастанд ва онҳое, ки мехоҳанд, забони тоҷикиро омӯзанд, ба сурати мухтасар шарҳ диҳанд. Ба ин амали худ ин донишмандони фарзона, ба қавли Абунасри Форобӣ, аз як тараф, ба хонанда фаро гирифтани алфози забони тоҷикиро муҳайё сохта бошанд, аз ҷониби дигар, шинохтани ҳудуди далолати алфоз ва қавонини онро нишон доданд. Масалан, дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар қисмати муқаддима бо исми «ойин» 12 бахш оварда шудааст, ки чунин номгузорӣ шудаанд: Ойини аввал: Дар теъдоди забони порсӣ ва зикри фазилати он бар дигар забонҳо ва баёни фазилати он; Ойини дуюм – Дар баёни чигунагии забони порсӣ; Ойини сеюм – дар теъдоди ҳуруфи таҳаҷҷӣ, ки назди порсизабонон мутадовил аст ва баёни тафриқа миёни «дол» ва «зол»-и манқута ва таъини сиғаи он, ки чанд аст; Ойини чаҳорум – Дар зикри тартиби ин китоб, ки дар чи сон ва чанд боб аст; Ойини панҷум – Дар зикри тафриқа миёни ҳуруф ва аломати ҳар ҳарфе; Ойини шашум – Дар баёни тағвизи табдили ҳар як аз ҳуруфи бистучаҳоргона ба ҳарфи дигар дар баъзе аз луғот, дар баъзе аз мавқеъ ба ҷиҳати суҳулат ва осонии муншиён ва шуаро; Ойини ҳафтум – Дар баёни замоир; Ойини ҳаштум – Дар зикри ҳуруфи калимоте, ки ба ҷиҳати ҳусн ва зинати калом биоваранд ва онро дар маънӣ мадхале набошад; Ойини нуҳум – Дар баёни ҳуруф ва калимот, ки ба авохири асмо ва афъол ба ҷиҳати ҳусули маънии гуногун дароваранд ва бидуни таркиб ифодаи маънӣ накунад; Ойини даҳум – Дар баёни ҳуруфи муфрада, ки дар авоил ва авохири калимот биоваранд ба ҷиҳати дарёфтани маънии мухталифа; Ойини ёздаҳум – Дар имло: Ойини дувоздаҳум – Дар баёни ақди аномил (гиреҳи ангуштон).

Барои равшан гардидани муҳтавои ойинҳои «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» як қайди муаллифро аз ойини панҷум, ки дар зикри тафриқа миёни ҳуруф ва аломати ҳар ҳарфе мебошад, меорем, ки чунин аст: «Ва «вов»-е, ки дар «худ» ва «суд» ва «ё»-е, ки дар «нил» ва «занҷабил» ва амсоли он бошад, «вов» ва «ё»-и маъруф навиштам. Ва «вов»-е, ки дар «рӯз» ва «сӯз» ва «йӯз» ва «ё»-е, ки дар «сир» ва «дер» ва «парер» ва монанди он буд, «вов» ва «ё»-и маҷҳул марқум намудам ва «вов»-е, ки мактуб мешаваду ба талаффуз дарнамеояд, монанди «хвоча», «хворазм» ва «хвоб» «вов»-и маъдула навиштам» [8, 176].

Чи тавре ки мебинем, муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» се «ӯ»-ро ҷудо кардааст: яке «ӯ»-и муқаррарӣ ё маълум, дигаре «ӯ»-и кашида ё дароз ва сеюмӣ «ӯ»-е, ки дар алифбои арабӣ навишта мешавад, вале хонда ё талаффуз намешавад.

Маълум аст, ки ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри 20 то ҳол дар мавриди «у»-и муқаррарӣ ё маълум ва «ӯ»-и кашида ё дароз дар имлои забони тоҷикӣ баҳсҳо ҳаст, ҳол он ки ҳанӯз дар асри 17 муаллифи ин фарҳанг ба ин ду овоз номҳои алоҳида гузошта, аз сабаби он ки шинохтани «ӯ»-и дароз ё кашида душвор аст, калимоте, ки дар онҳо ин «ӯ» навишта мешавад, на ҳама соҳибони забон саҳеҳ мешиносанд, онро «вов»-и маҷҳул, яъне «ӯ»-и ношинос, ё номаълум гуфтааст. Ба назари мо имрӯз ҳам ба ҳамин тарзе, ки муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҷудо кардааст, ин ду «у»-ро бо ду ном: якумиро «у»-и маъруф ё муқаррарӣ дуюмиро «ӯ»-и кашида ё ношинос аз ҳам ҷудо кунем, беҳтар аст.

Барои он ки арзиши забоншиносии шарҳу тавзеҳоти дар ойинҳои «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» боз ҳам равшантар гардад, як шарҳи дигарро аз ойини нуҳум меорем, ки ба масъалаи пасвандҳои калимасозу шаклсоз рабт дорад, чунончи: «Калимоте, ки ифодаи маънии худованд менамоянд, -манд: хирадманд, донишманд; -гор: созгор, омӯзгор, хидматгор ва ситамгор; -вар: -тоҷвар, ҳунарвар; -ур: ганҷур, ранҷур, муздур, дастур. Калимоте, ки ифодаи маънии бисёрӣ ва анбуҳӣ диҳад –лох: санглох, девлох, рудлох; -сор: намаксор, шохсор, кӯҳсор; -зор: гулзор, лолазор, сабзазор; -бор: -дарёбор, ҳиндбор, рудбор; -истон: гулистон, бустон, сангистон» [8, 185].

Мехоҳем як қайди дигари муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ро аз ойини ёздаҳум, ки дар имло аст, биёрем, чаро ки аз нигоҳи забоншиносии муосир хеле боарзиш аст. Аз назари муаллифи фарҳанг имлоро мисли қонунҳои меъёрии ҷомеа муҳаққиқону донишмандони ҳирфаии ҳамин риштаи илми забоншиносӣ, яъне соҳибони фанни имло таҳия ва таъин мекунанд, на ҳамаи қишрҳои ҷомеа, чунончи, муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ин тавр гуфтааст: «Бидон, ки имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба ба наҳҷе, ки асҳоби (соҳибони –О.Д.) ин фан таъин кардаанд» [8, 198].

Дар воқеъ, ҳангоме, ки муҳаққиқони фанни имло асосҳои илмӣ, таълимии онро таъину саҳеҳ карда, ба як натиҷаи ниҳоӣ расиданд ва дар шакли дастур бо Қарори Ҳукумат пешниҳод шуд, риояи он аз ҷониби аҳли китобат шарт ва ҳатмӣ мебошад ва гарна дар акси ҳол ба харҷу марҷ дар китобат роҳ дрода мешавад.

Муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар бораи моҳияту арзиши имло сухан ронда таъкид менамояд, ки ҳар ки китобаташ мувофиқи таъини арбоби ин фан аст, имло дорад ва беимло будан (яъне риоя накардани имло ё надонистани имло –Д.О.), мегӯяд Ҳусайни Инҷу, айби тамом аст. Ӯ таъкид мекунад, ки бар соҳибони китоб воҷиб ва лозим мебошад, ки қавоиди имлоро аз хутути муътабара, ки дар имло навиштаанд, азбар намоянд ё аз ашхоси дар ин фан устод бипурсанд, зеро баъзе калимаҳое ҳастанд, ки тарзи дурусти навишти онҳо бе донистани қойидаҳои имло даст намедиҳад.

Ин қайду ишораҳои муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар фарҳангҳои баъдӣ идома ёфта, чун анъана аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар интиқол гардида, дар рушди афкори забоншиносии садаҳои XVIII- XIX тоҷик нақши муҳим бозидаанд.

АДАБИЁТ

1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. – Душанбе, 2006. – 79 с.
2. Бурҳон Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
3. Воҷидалихон. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. – Нувалкушур, 1389 ҳиҷрӣ. – 556 с.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. нашри академӣ. – Душанбе, 1989. – 220 с.
5. Ғозиуддин Ҳайдар Бодшоҳи Ғозӣ. Ҳафт қулзум. – Лакҳнав, 1822. Қулзуми ҳафтум. – С. 34-35.
6. Додаров О. Масъалаҳои забоншиносӣ дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ. – Душанбе, 2019. – 152 с.

7. Додаров О. Шарҳи изофат дар луғати «Ҳафт қулзум» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. (Маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020, №4. – С. 47-51.
8. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. –Душанбе, 2017. – 320 с.
9. Залеман К.Г., Жуковский В. А., Краткая грамматика новоперсидского языка, СПБ, 1890. – 111 с.
10. Мамадназаров, А. Становление и развитие таджикский переводной лексикографии XX и начала XXI вв. Афтореф. дисс. докт. филол. наук. – Душанбе, 2013. – 46 с.
11. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 1. – Душанбе, 1987. – 480 с.
12. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. – Душанбе, 1988. – 416 с.
13. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе: «Бухоро», 2013. – 371 с.
14. Насриддин, Абдуманнон. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди панҷум. – Ношир, 2013. – 588 с.
15. Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Куллиёт. Ҷ. 1. – Душанбе, 1991. -С. 5 – 220.
16. Раупов, Ҳ. Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс. – Душанбе, 1972. – 191 с.
17. Саймиддинов, Д. Вожашиносии форсии миёна. – Душанбе, 2001. – 310 с.
18. Саймиддинов, Д. Форсии бостон. – Душанбе, 2008. – 190 с.
19. Сулаймонов, С. Формирование терминологии таджикской философии. – Душанбе, 1977. – 96 с.
20. Тусӣ, Н. Асос-ул-иқтибос. – Теҳрон, 1323 ҳичрӣ. – С. 8-48.
21. Тусӣ, Н. Меъёр-ул-ашъор. – Душанбе, 1992. – 152 с.
22. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. –Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – 344 с.
23. Хоҷаев Д., Додаров О. таърихи афкори забоншиносии тоҷик. Дастури таълимӣ барои факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2022. – 303 с.
24. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
25. Шамс, Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам. – Душанбе, 1991. – 463 с.

МАҚОМИ ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРИИ ПЕШИН ДАР РУШДУ ТАКОМУЛИ АФКОРИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Дар мақола муаллиф оид ба анаъанаи шарҳнависии дастури забони тоҷикӣ дар фарҳангҳои тафсирии пешин изҳори назар кардааст. Ӯ фарҳангҳои тафсириро аз ин нуқтаи назар ба ду гурӯҳ дастабандӣ кардааст. Якум – фарҳангҳои тафсирие, ки шарҳи масоили дастури забони тоҷикӣ дар дохили фарҳанг оварда шудааст; дуюм – фарҳангҳои тафсирие, ки муҳимтарин масъалаҳои дастури забони тоҷикӣ дар муқаддимаи фарҳанг бо исми «ойин», «фоида» ва «ороиш» оварда шудаанд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки анъанаи шарҳнависии дастури забони тоҷикиро дар асоси маводи фарҳангҳои тафсирии дастаи дуюм нишон бидиҳад. Ин анъана, яъне шарҳнависии масоили дастури забони дарии тоҷикӣ ба назари муаллифи мақола аз луғати тафсирии «Муайид-ул-фузало» шуруъ гардида, то фарҳанги тафсирии «Ҳафт қулзум» идома ёфтааст. Ба ин хотир муаллиф шарҳи дастурии дар «Муайид-ул-фузало», «Адот-ул-фузало», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Анҷуманорои Носирӣ» «Ҳафт қулзум»-ро оварда, аз диди забоншиносии муосир арзиши онҳоро нишон додааст. Бояд гуфт, ки ин шарҳу тавзеҳоти дар муқаддимаи фарҳангҳои тафсирӣ сабтгардида барои таҳияи дастурҳо аз забони форсии тоҷикӣ заминаи боэътимод гардида, барои рушди минбаъдаи афкори забоншиносии муосири тоҷик аҳамияти муҳим доранд.

Калидвожаҳо: дастур, фарҳанг, тафсир, анъана, забоншиносӣ, афкор, пешин, забон, калимасозӣ, луғат, сарф, наҳв, рушд, шаклгирӣ, таъсир, таърих, муқоиса, арзиш, муаллиф.

МЕСТО ДРЕВНИХ ТОЛКОВЫХ СЛОВАРЕЙ В РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОЙ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

В статье автор высказал свое мнение о традиции комментирования пособия по таджикскому языку в предшествующих интерпретативных культурах. С этой точки зрения он сгруппировал интерпретативные культуры на две группы. Первая – это интерпретативная культура, которая объясняет вопросы преподавания таджикского языка внутри культуры; во-вторых, интерпретационные культуры, которые являются важнейшими вопросами обучения таджикскому языку при приобщении к культуре с названиями «обычай» «выгода» и «украшение». Автор попытался показать традицию комментирования пособия по таджикскому языку на материале второй группы интерпретативных культур. По мнению

автора статьи, эта традиция, то есть толкование вопросов таджикского языка дари, началась с толкового словаря «Муайид-уль-Фузала» и продолжалась до толкового словаря «Хафи Кульзум». По этой причине автор дал комментарий к наставлениям в «Муайид-уль-Фузало», «Адог-уль-Фузало», «Фарханги Джахангири», «Бурхани Коте», «Фарханги Рашиди», «Анчуманорой Насири», «Хафт Кулзузо» и показал их ценность с точки зрения современного языкознания. Надо сказать, что эти комментарии и пояснения, зафиксированные во введении в культуру устного перевода, стали надежной основой для разработки инструкций по персидско-таджикскому языку и имеют важное значение для дальнейшего развития современной таджикской лингвистической мысли.

Ключевые слова: обучение, культура, интерпретация, традиция, лингвистика, мнение, предшественник, язык, словообразование, лексика, синтаксис, морфология, развитие, формирование, влияние, история, сравнение, значение, автор.

THE PLACE OF ANCIENT EXPLANATORY DICTIONARIES IN THE DEVELOPMENT OF TAJIK LINGUISTIC THOUGHT

In the article, the author expressed his opinion about the tradition of commenting on the Tajik language manual in previous interpretative cultures. From this point of view, he grouped interpretive cultures into two groups. The first is interpretive culture, which explains the issues of teaching the Tajik language within the culture; Secondly, interpretive cultures, which are the most important issues in teaching the Tajik language when joining a culture called “custom”, “benefit” and “decoration”. The author tried to show the tradition of commenting on the Tajik language manual on the material of the second group of interpretive cultures. For this reason, the author commented on the instructions in “Muayid-ul-Fuzalo”, “Adog-ul-Fuzalo”, “Farhangi Jahangiri”, “Burkhani Kote”, “Farhangi Rashidi”, “Anchumanor Nasiri”, “Haft Kulzuzo” and showed their value from the point of view of modern linguistics. It must be said that these comments and explanations, recorded in the introduction to the culture of oral translation, became a reliable basis for the development of instructions on the Persian-Tajik language and are important for the further development of modern Tajik linguistic thought. It must be said that these comments and explanations, recorded in the introduction to the culture of oral translation, became a reliable basis for the development of instructions on the Persian-Tajik language and are important for the further development of modern Tajik linguistic thought.

Key words: learning, culture, interpretation, tradition, linguistics, opinion, predecessor, language, word formation, vocabulary, syntax, morphology, development, formation, influence, history, comparison, meaning, author.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Додарзода Оятулло Мирзошариф*** **–** докторанти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: (+922) 918-67-94-41.

Сведения об авторе: ***Додарзода Оятулло Мирзошариф*** – докторант кафедры истории языков и типологии факультета таджикской филологии Таджикского национального университета. Тел.: (+922) 918-67-94-41.

Information about the author: ***Dodarzoda Oyatullo Mirzosharif*** – doctoral student at the Department of History and Typology of Language, Faculty of Tajik Philology of Tajik National University. Phone: (+922) 918-67-94-41.

ВИЖАГИҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ДАВРОНИ ШУРАВӢ

Саидмуродова С.Д.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳамзамон бо таъсиси Ҷумҳурии худмухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон (1924) ва табдил ёфтани он ба ҷумҳурии мустақили шуравӣ (1929), махсусан, пас аз табдили алифбои тоҷикӣ аз хатти форсӣ ба хатти лотинӣ (1929), аз як тараф ва рӯ овардани ҳукумати навтаъсиси шуравӣ ба дигаргуниҳои куллии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, динӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, аз тарафи дигар, забони тоҷикӣ низ ба маҷрои нави рушду нумуи худ ворид гардид. Маъракаи сартосарии ба истилоҳ маҳви бесаводӣ, ифтитоҳ ёфтани мактабҳои нав ба ташаккул ва рушди истилоҳшиносии соҳаи маориф замина гузоштанд. Аммо дар шароити гузариш аз як низоми сиёсӣ ба низоми сиёсии комилан дигар мушкилиҳои зиёдеро дар миён ба бор овард. Муҳимтарин омили ҳалкунанда дар ин самт босуръат бештар шудани таъсири забони русӣ ва мутамарказ гардонидани тамоми соҳаи фаъолияти мардуми шуравӣ, аз ҷумла, низоми маориф буд.

Тавре ки муҳаққиқи тоҷик С.Назарзода қайд мекунад,“агар ба таърихчаи беш аз шастсолаи истилоҳсозии нави забони тоҷикӣ дар даврони шуравӣ назар афканем, хоҳем

дид, ки аз оғози пайдоиши ин масъала забоншиносон ва муҳаққиқон ҳамеша аз анархия,бетартибӣ ва ҳарҷу марҷ дар ин соҳа шикоят кардаанд [5,61].

Бо дарназардошти талаботи мавҷуда дар танзими истилоҳот аз сабаби аҳаммияти сиёсӣ ва илмӣ пайдо кардани ин масъала муҳаққиқону мутахассисони ин ришта кӯшиш намуданд, ки барои ба як низоми муайян даровардани он усул ва қоидаҳо таҳия ва тартиб диҳанд.

Дар натиҷа дар тули 35 сол ду усулнома ва як "қоида"-и тасвибшудаи расмӣ дар ин маврид таҳия гардид. Сарфи назар аз айбу нуқсон ин санадҳо ба бетартибиҳо хотима бахшиданд ва ҳатто имрӯз ҳам истилоҳсозии забони тоҷикӣ бар асоси онҳо ҷараён дорад.

То солҳои сиюми асри гузашта, пас аз баҳсу мунозираҳои тезутунд чандин усул ва принсипҳои умумии истилоҳшиносии забони тоҷикӣ, сарфи назар аз дурустӣ ва нодурустии онҳо, ба таври куллӣ муайян гардиданд. Ва акнун лозим буд, ки ба таври расмӣ дар қолаби дастурамал ва ё усулномае барои истифода ва татбиқ пешниҳод шавад. Чунин санади расмӣ соли 1936 бо номи "Установкаи терминалогияи забони тоҷикӣ" ба нашр расид.

Нахустин Кумитаи истилоҳот дар Тоҷикистон соли 1935 таъсис ёфт. Ин идора Комитети марказии алифбои нав ва терминалогия ном дошта, аз чор шуъба иборат буд. Ва як шуъбаи он шуъбаи луғат ва терминалогия ном дошт. Ин кумита соли 1936 бо номи "Установкаи терминалогияи забони тоҷикӣ" дастурамале қабул кард, ки усулан равишҳои асосии истилоҳоти забони тоҷикиро то солҳои ҳафтодуми садаи хх муқаррар намуд. Усулномаи мазкур , ки дар руҳияи сиёсати давр таҳия шуда буд ва ҷанбаи заифи илмӣ дошт, забони тоҷикиро аз маҷрои табии рушди худ берун кард ва дар роҳи пешр афти забон дар садаи сарнавиштсози бист монеа эҷод намуд [4, 40].

Мавриди зикр аст, ки ин усулнома аз 15 усул (принсип) иборат буда, то ба имрӯз дорои аҳаммияти баланди илмию амалист. Вале рӯзгори имрӯзаи соҳибистиқлолии кишвар ва давлатдории миллӣ зарурат пеш овардааст, ки баъзе усули истилоҳнигории тоҷикӣ мавриди таҷдид, такмил ва бознигарии ҷиддӣ қарор дода шавад. Зеро, ҳангоми таҳияи усулномаи мазкур, яъне дар рӯзгоре, ки идеологияи ҳукмрони шӯравӣ ҳарчанд зоҳиран баробарии забонҳоро тарғиб намуда, ботинан ба густариши забони русӣ ва тарвиҷи корбасти истилоҳоти русиасл бештар машғулу манфиатдор буд, забони тоҷикӣ дар илму фан доираи фаъолияти нисбатан маҳдудтар дошт ва ҳангоми истилоҳнигорӣ ва корбасти истилоҳот ба истилоҳоти русӣ бештар афзалият ва бартарӣ дода мешуд. Аз 15 асли усулномаи мазкур 10 асли он (аслҳои 3, 4, 6, 7, 8, 9, 12, 13, 14, 15) бавосита ё бевосита ба забони русӣ алоқамандӣ дошт. Аз ҷумла, асли 3 "бо роҳи аз ҳисоби терминҳои забони русӣ ва дигар забонҳо бой кардани захираи терминҳои забони тоҷикӣ", асли 4 "бо роҳи аз забони русӣ айнан тарҷума кардани калима ва ибораҳо (калка) " ва асли 12 "баъзе унсурҳои калимасозии юнонию лотинӣ, ки дар забони русӣ ҳастанд, дар забони тоҷикӣ низ бетағйир мемонанд" муқаррар шуда буд.[4, 50].

Азбаски "Установка" як роҳнамои истилоҳоти соҳаи маориф ҳисобида мешуд, зарур донистем, ки онро ба тариқи зайл орем:

Установка аз ду бахш иборат буд: бахши аввал қолабҳо ва меъёру усулҳои истилоҳсозӣ ва бахши дуюм имлои ин истилоҳот бо ҳуруфоти лотинии забони тоҷикӣ.

Дар пешгуфтори сиёсии он ҳадафи дастурамал баён гардида, дар се банди он қотеона таъкид шуда буд, ки "дар вақти кор карда баромадани терминалогияи забони тоҷикӣ" матолиби зерин ба назар гирифта шаванд:

а). Таҷрибаи андӯхтаи ҷумҳуриҳои дигар, зеро дар Тоҷикистон ин кор ба "тарзи хом" сурат мегирад ва "терминалогияи як қатор шохаҳои илм бо арабизмҳо ифлос мешаванд", ки дар натиҷаи онҳо" дар сохти терминалогияи забони тоҷикӣ майл ва ниятҳои миллатчигии маҳаллӣ ҷой мегирад".

б). Манфиатҳои сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон, "тарбияи пролетарии интернасионалии оммаи васеи меҳнаткашон" ва "ба роҳбарӣ гирифта шудани маданияти

шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ”. Барои амалӣ шудани ин принсип бояд ба “ба ҳар гуна рафторе”, ки хилофи ин установка мебарояд, “муборизаи қатъӣ ” бурда шавад. Ин гуна рафтори “зидди ин установка” дохил кардани калимаҳои бегонаи ба омма номафҳум мебошанд, ки “маънои сиёсии терминро гум карда” , “мафкураи буржуазӣ-кулакиро ифода менамоянд”.

в). ”Перспективаи ба ҳам наздикшавии забонҳои СССР” ва табодули таҷрибаҳои забонҳои тамоми халқҳои он, дар баробари ин “бар зидди майл ва қасдҳои миллатчигии маҳаллӣ, буржуазӣ, ки эҷодкорони терминалогияро дар доираи танги миллии забон маҳдуд кардан мехоҳанд ва майлу қасдҳои шовинизми олимақомӣ доранд...муборизаи қатъӣ бурда шавад”.

г). Дар айни ҳол забони тоҷикӣ бояд аз ҳисоби луғот ва истилоҳоти интернатсионалӣ бой карда шавад. Ва албатта, дар ҷараёни татбиқи ин дастурҳо на каму беш бояд ” тамоми алоқаҳои рӯзафзуни пролетариати тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба назар гирифта шавад” [7].

Мувофиқи моддаҳои ин “Установка” истилоҳсозии забони тоҷикӣ асосан бо ду роҳ бояд пеш равад. Сухан дар бораи “муқаррар кардани терминҳои наве меравад, ки пештар дар забони тоҷикӣ набуданд ва бо интишороти маданияти сотсиалистӣ ба забони тоҷикӣ медароянд, монанди коллектив, бригада, театр ва ҳоказо” [7].

Роҳи дигар дар истилоҳсозӣ “бехта тозакунӣ” ва аз нуқтаи назари танқидӣ коркард ва қабули “терминалогияи дар забони тоҷикӣ будагӣ” мебошад.

Истилоҳоте, ки дар забони тоҷикӣ маъмул гашта, мафҳумро дуруст ифода мекунанд ва ба ” ҳаёти ҳозираи советӣ” мувофиқат дошта, ба талабҳои он ҷавоб медоданд, бояд иваз карда нашаванд, монанди “синф” ба “класс”, ”адабиёт” ба “литература”ва ғайра.

Ва муҳимтар аз ҳама он буд, ки мувофиқи дастурҳои ин санад агар истилоҳи нав дар байни омма ҳанӯз “устувор барқарор нагардида”, барои баёни он истилоҳи советӣ ва интернатсионалӣ ба кор бурда шавад”, монанди “монополия”,”компания”,”нагрузка” ба ҷойи “инҳисор”, ”маърака”, ”сарборӣ”.

Тавре ки мебинем, тарроҳон ва таҳиягарони санад барои истилоҳсозии забони тоҷикӣ танҳо ду роҳ боқӣ гузоштаанд. Роҳи аввал қабули бечунучарои истилоҳотест, ки бо пахши маданияти сотсиалистӣ падид омаданд ва дар забони тоҷикӣ пештар мавҷуд набуданд. Ва аз ин сабаб, бояд ба шакли забони асл пазируфта шаванд. Бидуни шак аз қабули миқдори муайяни истилоҳоти навин ҷойи гурез набуд ва бар ҳамагон равшан аст, ки доду гирифт ва таъсирпазирӣ шеваи табиӣ ва роҳи такмили забонҳост. Аз ин рӯ, забони тоҷикӣ хоҳу нохоҳ захираи луғавии худро аз ҳисоби луғоту истилоҳоти нав бояд пурра мекард.

Дар мавриди сохтани истилоҳот аз захоири дохилии забон аслан сухан намеравад. Чунин бархӯрд ва чунин дастур роҷеъ ба роҳҳои истилоҳгузинӣ аз нигоҳи илмӣ маълум аст, ки дуруст набуд.

Манобеи истилоҳсозии забони тоҷикӣ ҳам дар ҳамин руҳияи боло муайян шудааст: Якум- “захираҳои хоҳ забони гуфтугӯӣ ва хоҳ забони адабии ҳозира” ва дуюм- “терминалогияи советӣ ва интернатсионалистӣ, ки ба забонҳои халқҳои СССР даромадаанд ва медароянд”.

Чунон ки маълум аст, тарҷума ва ҳатто тарҷумаи таҳтуллафзии мафҳуми калимаҳои бегона (калка) яке аз усулҳои муҳими истилоҳсозӣ дар ҳар забон мебошад. ”Установка” ин шеваро дар маҷмӯъ мепазирад, вале дар айни ҳол дастур медиҳад, ки “дар ҷои тарҷумаи маъногӣ ҳеҷ вақт тарҷумаи механикии терминҳо (аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ) кор фармуда нашавад ба монанди методология -усулдонӣ, биология -ҳаётшиносӣ ва ғайра.

Истилоҳоти байналмиллалӣ низ “асосан ба воситаи забони русӣ” қабул карда шавад.

Бахши дуюми санад ба масъалаи имлои истилоҳот бахшида шудааст. Имлои ин истилоҳот ҳам на ба шакли тарзи талаффузи забони тоҷикӣ, балки бо тағйироти ҷузъӣ

мувофиқи дастури забони русӣ муқаррар шудааст, монанди комсомол, колхоз, радио, журнал, комиссариат, объект, бюро, сотсиализм, коллектив ва амсоли инҳо.

Зимнан бояд гуфт, ки дар паҳлӯи истилоҳоти бегона чун совет, партия, интернатсионал, кандидат, термин, политбюро, парторг, ячейка, контрол, орден, протокол, редаксия, план, журнал, пропоганда рента тарҷума ва ё баробариҳое, ки солҳои пеш барои истилоҳоти нави инқилобӣ сохта ва ё пайдо карда шуда буданд, дар ин "Установка" нигоҳ дошта шудаанд, мисли инқилоб, иттифоқ, анҷуман, ҳуҷҷат, лоиҳа, қарор, даҳрӯза, унсур, ташвиқот, намоянда, вакил, сардор, мафкура, ғоя, чопхона, матбаа, иҷора, зиёӣ ва монанди инҳо.

Соли 1938 ду бор Маҷлиси машваратӣ ва ё ба истилоҳи он солҳо "Совешчания"-и забоншиносон барпо шуд, ки дар онҳо роҳҳои инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ муҳокима гардида лоиҳае ҳам дар ин боб таҳия шуд. Комиссариати Маорифи ССС Тоҷикистон ин лоиҳаро бо фармони худ тасдиқ кард [8].

Масалан:

"Совешчанияҳое, ки дар бобати масъалаҳои сохти забон дар моҳи феврал ва дар моҳи ноябри соли 1938 аз тарафи КМ ПК Тоҷикистон ҷеғ зада шуда буданд, дар соҳаи ба тартиб даровардани масъалаҳои грамматика, терминология ва орфографияи забони тоҷикӣ як қатор чорабиниҳои конкретӣ муайян карданд. Ин чорабиниҳо ба барҳам додани архаизмҳо, арабизмҳо ва эронизмҳо дар забони тоҷикӣ, ба барҳам додани ҷудоии сунъии забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯй дар забони тоҷикӣ ҷорӣ кардани шаклҳои зиндаи забон ва советизмҳо равона карда шудаанд" [7].

Дере нагузашта дар рӯзномаҳо ин санад ё лоиҳа зери сарлавҳаи "Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ" нашр шуд. Он аз се қисмат иборат буд. Қисми 1. "Масъалаҳои грамматика", Қисми 2. "Дар бораи масъалаҳои терминалогияи забони тоҷикӣ" ва Қисми 3. "Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ".

Бахши ба истилоҳшиносӣ бахшидаи лоиҳаи мазкур дар маҷмӯъ идома ва таъкиду принсипҳои "Установка"-и соли 1936 буда, дар он "қоидаҳои қатъӣ" дар мавриди манобеъ ва роҳҳои такмили истилоҳоти забони тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Дастурамали сеюм 35 сол баъди "Установка", соли 1971 зери унвони "Принсипҳои асосии терминалогияи забони тоҷикӣ" аз чоп баромад. Тартибдиҳандаи он Я.И. Калонтаров буд [6].

Ин "Принсипҳо" усулҳои истилоҳсозии забони тоҷикиро ба сурати умум фаро гирифта аз тарафи "Комитети терминологии АФ ССС Тоҷикистон" тасдиқ шуда, дар зери таҳрири М.С.Осимӣ ва Н.А.Маъсумӣ таҳия гардидааст. Ин санад бино бар муаррифномае, ки пеш аз оғози китоб омадааст "...барои шуъбаҳои соҳавии Комитети терминалогӣ, тартибдиҳандагони луғатҳои терминалогӣ, мутарҷимон, коркунони нашриёт ва муаллимон дастурамал мебошад " [6].

Дастурамали сеюм, мутаассифона, то ҳол охирин санади расмиест, ки ба масъалаи истилоҳсозии забони тоҷикӣ, роҳҳои такомул ва тартибу низоми он бахшида шудааст. Дар он таҳаввулот ва дигаргуниҳое, ки дар ин соҳа баъди "Установка" рӯй додааст, ба таври мухтасар ҷамъбаст шудааст. Вале аз муҳтавои китобчаи мазкур чунин бармеояд, ки дар тӯли беш аз сӣ соли ахир (то соли 1971) проблемаҳои истилоҳсозӣ ва бесару сомонӣ дар ин ришта камтар нашудааст. Истифодаи нодурусти истилоҳот, "худмухтории" муаллифони аҳлу ноаҳл дар ин соҳа , риоя накардани қоидаҳои маъмули истилоҳсозӣ ва ғайра боиси "роҳ ёфтани ҳар гуна ҳарҷу марҷ дар тартиби термин ва дигар қоидаҳои забон гардидааст" [6].

Аз ин рӯ, ба ақидаи тартибдиҳанда "вақти он расидааст, ки барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини терминҳои ҳозиразамони забони тоҷикӣ, барои муқаррар кардани принсипҳои илмӣ ва барои ба низом даровардани забони адабӣ ва принсипҳои он дастҷамъона ба кори ташкилии илмӣ камар бандем. Аз ин рӯ, муқаррар кардани

терминҳои илмӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, техникӣ ва ғайра масъалаи ҳаётан муҳим ва кори таъхирнопазири давлатӣ мебошад” [6].

Мувофиқи ин дастурамал дар бахши истилоҳоти забони адабии тоҷикӣ усулҳои зерини истилоҳсозӣ маъмул ва илмӣ шинохта шудааст:

1. Истифодаи фонди луғавии забони тоҷикӣ ва васоили дастурии он. Корбурди вожагони тоҷикие, ки “маънои терминро ифода мекунанд”.

2. Бо роҳи тағйир додани маънои аслии калима ва ба маънои нав ё дигар истифода бурдани он. Масалан: луғатҳои “арбоб” ва “ходим” дар асл маънои “соҳиб” ва “хидматгор”-ро доштанд. Вале имрӯз ба маънои коркуни масъул дар таркибҳои арбоби давлатӣ, сиёсӣ ва ё корманд (ходими илм , санъат) ба кор бурда мешаванд.

3. Аз ҳисоби вожагони интернатсионалӣ ва забони русӣ “бой кардани ” захираи истилоҳоти забони тоҷикӣ: бизнес-бизнес, буржуазия-буржуазия, демократия-демократия, кодекс-кодекс, интернационал-интернатсионал, коммунист-коммунист, конгресс-конгресс...

4. Бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка) аз забони русӣ.

5. Сохтани истилоҳот аз луғати русӣ ва байналмиллалӣ тавассути унсурҳои калимасозии забони тоҷикӣ: бетонрез-бетонщик, медалдор-медалист, очеркнавис-очеркист, мошинрон-машинист...

6. Сохтани истилоҳоти нав аз тариқи шарҳи маънои истилоҳоти бегона: коркунони соҳаи агрономӣ-агроперсонал, рӯёндан бо қарори суд-отсуждение...

7. Истилоҳоте, ки дар забони русӣ бо ибора таркиб ёфтаанд дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои мураккаб баён карда мешаванд: садоафкан-акустический излучатель , садопарда- голосовая связка, сарсатр- красная строка.

8. Баъзе истилоҳоти хориҷӣ (русӣ) дар забони тоҷикӣ бо ду ва ҳатто се калима баён мешаванд, ки ҳар кадоми он маънои истилоҳи хориҷиро вайрон намекунад: касал, бемор-больной, ҳаракат, ҷунбиш- движение, зилзила, заминҷунбӣ, заминларза- землятресение..

9. Дар баъзе мавридҳо истилоҳоти забони русӣ , байналмилалӣ ва тоҷикӣ ба ҷойи ҳамдигар чун синоним кор фармуда мешавад: автономия-мухтор, мухторият, худмухтор; агитация-ташвиқот; актив-фаъол; идеология-мафкура; комедия-мазҳака; метод-усул; термин-истилоҳ; солдат-аскар; философия-фалсафа ва монанди инҳо.

10. Тавре ки медонем, баъзе вожагон дар забонҳо ба чанд маъно ба кор мераванд, яъне хусусияти сермаъноӣ доранд. Бинобар ин дар вақти истилоҳсозӣ ин хусусият ба назар гирифта шудааст. Масалан, як луғат дар ду маврид ба маъноҳои ҷудогона ифода мешавад: Луғати русии “положение” вобаста ба мавқеи худ дар матнҳои гуногун ба маънои низомнома, қоида, вазъият, мавқеъ, мақом, нуқта, муқаррарот ва ғайра истифода бурда мешавад.

11. Як силсила луғот ва истилоҳоти аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ, тавре ки дар забони русӣ ба кор мераванд, дар забони тоҷикӣ ҳам ба ҳамон сурат қабул шуда буданд: аэропорт, биология, демилитаризация, диалог (юнонӣ), контрабанда, контреволюсия (лотинӣ), микрорайон, монография, монолог, неолит, поликлиника (юнонӣ), регресс, ремилитаризатсия (лотинӣ), филармония, филология, эпизод, эпилог (юнонӣ), этнография, морфология (юнонӣ) ва ғайраҳо.

12. Баъзе истилоҳоти байналмилалӣ ва русӣ, ки суффиксҳои исму сифатсоз доранд, ба забони тоҷикӣ низ бетағйир дохил шуда буданд: аспирант, докторант, коммунар, ассистент, олимпиада, ленинизм, материализм, феодализм, академик, бригадир, идеалист, марксист, коммунист, милитсионер, инспектер, директор, аспирантура ва монанди инҳо.

13. Як силсила суффиксҳои забони русӣ, ки ба забони тоҷикӣ дохил нашудаанд, истилоҳоти тавассути онҳо сохта мувофиқи қоидаҳои калимасозии тоҷикӣ сурат мегирад:

а) ленинец – ленинчӣ; коллективизация–коллективонидан; колхозник– колхозчӣ; тракторист–тракторчӣ; агенство–агентӣ; идейность–ғоявӣ, идеянокӣ; объективность – объективият; газетчик–газетчӣ.

б) суффиксҳои сифатсоз: элементарьный–элементарӣ; декларативны –декларативӣ; принципиальный–принсипӣ; объективный–объективӣ; большевистский–болшевикӣ; дипломатический–дипломатӣ; демократический–демократӣ; мартовский–мартӣ; докторский–докторӣ; советский–советӣ ва ҳоказо.

14. Як гурӯҳи нисбатан хурди истилоҳоте, ки дар забони русӣ дар шакли сифатанд, дар забони тоҷикӣ бо истилоҳоти баробармаъно ва суффиксҳои “ёт” ва “й” ифода мегарданд: духовное-руҳиёт, маънавӣ, маънавиёт; материальное-материалиёт, моддӣ, моддиёт, субъективное-субъективиёт, субъективӣ; идеальное-идеалиёт, идеалӣ ва монанди инҳо.

Вале бояд қабул кард, ки ин ду дастурамал бо вуҷуди камбудиҳои зиёд барои ба низом ва тартиб даровардани истилоҳоти забони тоҷикӣ аз аҳаммият холӣ набуданд. Дар даврае, ки ҳеҷ гуна меъёр ва дастуру муқаррароти танзимкунанда вуҷуд надошт, ин аснод ҳадди ақал тартиби пазириш ва имлои истилоҳоти нави забони тоҷикиро муайян карданд.

Ҳоло якчанд намунаҳои истилоҳоти соҳаи маорифро меоварем, ки дар солҳои 30-юм дар матбуоти тоҷик роиҷ буданд: **Комиссиариати халқи маориф, иттифоқҳои касаба, мактабҳои олӣ, студентон, рабфак, хонанда, курсҳои тайёрӣ, политехонидани мактабҳо, мактабҳои барҳам додани бесаводӣ, кори нормай, мактабҳои чаласаводон, комбинати педагогӣ, кружокҳои саноеи нафиса, физкултура, босаводон, чаласаводон, маҳви бесаводӣ, маҳви чаласаводӣ, випуск карда шуданд, Наркомпрос, институти тарбия ва таълими Тоҷикистон, дорулфунуни давлатӣ, сетҳои васеи мактабҳои таълими умумӣ, асбобу ускуна, режими педагогӣ, протсессҳои кори таълиму тарбия, прогули бесабаб, делаҳои наву куҳна, Управлениян санъати Вазорати маданияти республика, Инспектори молия ва педагогика** ва амсоли инҳо.

Солҳои 30-юми асри XX ба ҷойи истилоҳи Вазорати илм ва маориф истилоҳи “Комиссиариати халқи маориф” корбурд мешуд, ки инро дар мисоли зер хоҳем дид:

“**Ба Комиссиариати халқи маориф** ва Кумитаи марказии кормандони иттифоқҳои касаба пешниҳод карда шавад, ки хараҷоти рӯзномаро муайян намоянд ва дар сурати кифоя набудани маблағҳои аз Маскав ҷудошуда, аз имконоти маблағгузории маҳаллӣ истифода баранд”[2, 6].

Ҳамчунин, аз иқтибосҳои дигар маълум мешавад, ки дар солҳои сиюм бештари истилоҳҳои соҳаи маориф бо такя ба забони русӣ сохта шудаанд.

Чунончи, “Агар дар солҳои 1931-32 дорои 2-3 мактабҳои олӣ шуда бошем, дар солҳои охир 5 адад мактабҳои олӣ, ки дар онҳо 730 нафар **студентон** давом доранд, 5 адад **рабфак** , ки дорои 650 нафар хонанда ва 19 адад **курсҳои тайёрӣ**, ки дар он курсҳо 1385 нафар хонандагон давом доранд, соҳиб гардидаем” [2, 9].

Дар мисоли дигар, ки хеле диққатҷалбкунанда аст, ибораи “политехонидани мактабҳо” аз калимаи русии политехнизация дар шакли калкаи нопурра бо илова намудани пасванди “идан” як истилоҳи “нав” сохта шудааст, ба фикри мо, ин тарзи сохтани истилоҳот услубан нодуруст аст ва ба табиати забони тоҷикӣ созгор нест. Барои намуна метавон мисолҳои зеринро овард:

“Агарчи мактабҳои мо исман на **мактаби политехникӣ** гардонидашуда бошад ҳам, лекин дар амал **политехонидани мактабҳо** дида намешавад”[2, 10].

Дар мисолҳои поён истилоҳҳои “бесаводӣ”, “мактабҳои чаласаводон” аз калимаҳои сирф тоҷикии “савод” ва ҳамчунин вожаи арабии “мактаб” сохта шудаанд, ки амсоли ин истилоҳот дар ҳамон давра зиёд ба чашм мерасанд.

Иқтибосҳои овардашуда гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд:

“Соли гузашта **мактабҳои барҳам додани бесаводӣ** ба ҷои октябр фақат дар моҳи декабр ба **кори нормай** сар карданд...”[2, 13].

“Дар ҳисоб хонандагони **мактабҳои чаласаводон** ба масъалаҳои матнӣ, амалиёти касрӣ ва фоиз молик нашудаанд ” [2, 14].

Ибораҳои истилоҳии “комбинати педагогӣ” , **“**кружокҳои саноеи нафиса ” аз вожаҳои иқтибосии русӣ ва арабӣ дар қолаби ибораҳои изофии забони тоҷикӣ сохта шудаанд. Масалан, ин мисолҳоро дар ҷумлаҳои зер метавон мушоҳида кард:

Онҳо камбудиҳои рӯпӯшшудаи **комбинати педагогӣ**, камбудиҳои як қатор мактаб ва муаллимонро ошкор карданд” [2, 21].

“...Дар баробари ҳамин ҳаваси инро ба назар гирифта, ба **кружокҳои саноеи нафиса, физкултура** иштирок кунонидам ”[2,23].

Дар ин мисоли зер хабари ҷумла чунин аст: “випуск карда шуданд” ,яъне калимаи русии “выпуск” айнан истифода шудааст: “Дар якуми январи соли 1938 дар республикаи мо 227501 нафар **босаводон** ва 116871 нафар **чаласаводон** буданд, дар якуми октябри соли 1938 ҳамагӣ фақат дар республика аз **мактабҳои маҳви бесаводӣ** ва **чаласаводӣ** 94156 нафар, яъне 27 протсент **випуск карда шуданд**” [2,29].

Дар намунаи зерин ихтисораи русии “Наркомпрос” низ айнан мавриди истифода қарор гирифтааст:

“Бисёр рафиқони дар съезд баромада гап задагӣ дар баробари ин масъала истода, дар пеши **Наркомпрос** ва органҳои районӣ талабҳои ҳаққонӣ гузоштанд, ки ба кори ҳаррӯзаи мактаб ва муаллимон роҳбарии оперативӣ ва ёрдами амалӣ расонда шавад” [2, 41].

Истилоҳоти “**Институти тарбия ва таълими Тоҷикистон”**, “ **дорулфунуни давлатӣ”** низ аз калимаи иқтибосии **“институт”** ва аз вожаҳои арабии **тарбия, таълим, дорулфунун** сохта шудаанд.

Истилоҳоти мазкур дар ҷумлаи зер ба кор бурда шудаанд:

“Дар Самарқанд кушода шудани **институти тарбия ва таълими Тоҷикистон**, дар Сталинобод барои кушодани **дорулфунуни давлатӣ** тайёрӣ дидан, дар Москва ва Ленинград таҳияи ташкил намудани аспирантура барои аспирантҳои гуногуни тахассуси Тоҷикистон ва дигарҳо – аз ҷумлаи ҳамин чорабиниҳост ”[2, 49.].

“Шаҳру қишлоқҳои моро **сетҳои васеи мактабҳои таълими умумӣ** фаро гирифтааст”[2, 63].

Дар радифи мисолҳои зикр гардида , боз истилоҳоте ҳастанд, ки аз калимаҳои арабӣ ва калимаҳои куҳнашуда сохта шудаанд. Ба ин истифодаи таркиби “асбобу ускуна” дар ҷумлаи зер мисол шуда метавонад.

“Дар соҳаи хоста гирифтан, ҷо ба ҷо гузоштан ва такмили ихтисоси муаллимон бо кадрҳои зарурӣ, бо **асбобу ускуна**, китобҳои дарсӣ мукаммал таъмин кардани мактабҳо ҳарҷониба мустаҳкам кардани **режими педагогӣ** ва интизоми талабагон ва ғайра камбудиҳои калон ҷой доранд”[2, 65].

Аз баррасии мисолҳои зерин бармеояд, ки дар матбуоти ҳамон давр, умуман дар соҳаи маориф истилоҳ-вожаҳои русӣ бо унсурҳои тоҷикӣ бештар мавриди истифода қарор доштаанд, ки инро мо метавонем бо овардани намунаҳо тақвият бахшем:

“Муаллимони навкор барои омӯхтани тамоми **протсессҳои кори таълиму тарбия** ҷидду ҷаҳди зиёд доранд” [2,67].

“Вай мувофиқи план чорабиниҳои тарбиявиро нағз ба роҳ монда, бо **прогули бесабаб** ва қафомонии хонандагон муборизаи қатъӣ мебарад”[2, 72].

“Ҳоло дар назди мактабҳоямон вазифаи бузург, яъне сар то сар ҷорӣ намудани **таълими политехникӣ** ва дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ тарбия намудани талабагон меистад” [2, 72].

“**Инспектор** ҳеҷ саросема нашуда, қулфи як ҷевони даричаҳояш бешишаро кушод ва қариб ба ҳар як бор мешудагӣ **делаҳои наву куҳнаро** дар рӯи стол гирифта партофт”[2,75].

“Бо чунин вазъият ҳаргиз муросо кардан мумкин нест, ки дар бисёр мактабҳои район **участкаҳои таълимӣ-тафрибавӣ** мавҷуд нестанд ”[2, 91].

“**Управленияи санъати Вазорати маданияти республика** дар ин хусус, аз афти кор, ҳеҷ фикр намекунад” [2, 99].

Хулоса, аз баррасӣ намудани мавзуи мазкур ба натиҷае расид, ки таъсирпазирии забони тоҷикӣ аз забони русӣ дар солҳои 30-юм баръало мушоҳида мешавад. Инчунин, ҳангоми омӯзиши истилоҳот ва истилоҳсозии нави забони тоҷикӣ дар солҳои шӯравӣ якчанд нуктаро бояд таъкид намуд:

- Тавре ки муҳаққиқи тоҷик С.Назарзода қайд мекунад, "агар ба таърихчаи беш аз шастсолаи истилоҳсозии нави забони тоҷикӣ дар даврони шуравӣ назар афканем, хоҳем дид, ки аз оғози пайдоиши ин масъала забоншиносон ва муҳаққиқон ҳамеша аз анархия,бетартибӣ ва ҳарҷу марҷ дар ин соҳа шикоят кардаанд [5, 61].

- Муҳимтарин омили ҳалкунанда дар ин самт босуръат бештар шудани таъсири забони русӣ ва мутамарказ гардонидани тамоми соҳаи фаъолияти мардуми шуравӣ, аз ҷумла, низоми маориф буд.

- Бар асари сиёсати русигаройии шӯравӣ доираи корбурди забонамон маҳдуд гардида, аз маҷрои табиии рушди худ берун гашт ва имкониятҳои забонии худро аз даст дод.

Вале бояд қабул кард, ки ин ду дастурамале, ки дар даврони шӯравӣ мавриди истифода қарор дошт, бо вуҷуди камбудиҳои зиёд барои ба низом ва тартиб даровардани истилоҳсозии нави забони тоҷикӣ аз аҳаммият холӣ набуданд. Дар даврае, ки дар ин арса ҳеҷ гуна меъёр ва дастуру муқаррароти танзимкунанда вуҷуд надошт, ин аснод ҳадди ақал тартиби пазириш ва имлои истилоҳоти нави соҳаи маорифи он даврaро муайян карданд.

АДАБИЁТ

1. Байзоев Азим. Истилоҳот ва калимасозӣ дар "Донишнома"-и Абӯалӣ ибни Сино. - Душанбе: "Андалеб", 2016. - 196с.
2. Дар масири солҳо. Душанбе: "Маориф", - 2022, 512 саҳ.
3. Ливщиц В.А., Смирнова Л. П. Язык Даниш- наме и роль Ибни Сино в развитии персидско - таджикской научной терминологии//Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока.Ч.III-М., 1981. с.115-151.
4. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳот ва истилоҳнигории тоҷикӣ. Душанбе: "Эр-граф", 2019. - 196с.
5. Назарзода Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. Душанбе, "Дақиқӣ", 2013, - 370 саҳ.
6. Принсипҳои асосии терминалогияи забони тоҷикӣ (тартибдиҳанда Я.И.Калонтаров), Душанбе, 1971
7. Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ// Тоҷикистони Сурх, № 181, (2377), 8 августи 1936.
8. Фармони №1 комиссариати Халқии маорифи РСС Тоҷикистон аз 2 январи соли 1939, №19// Тоҷикистони Сурх, №19, 25 январи соли 1939.

ВИЖАГИҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ДАВРОНИ ШУРАВӢ

Муаллиф дар мақола муҳимтарин масъалаҳои ташаккул, тағйирот ва рушди истилоҳоти соҳаи маориф дар давраи шуравӣ ва хусусиятҳои онҳоро дар заминаи таҳлили санадҳои расмии он давра, аз рӯйи дастурамалҳои "Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ" (1936), "Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ (1971)" баррасӣ намудааст. Инчунин, муаллиф ташаккули истилоҳоти соҳаи маорифи солҳои 30-юмро бо низоми сиёсии даврони шуравӣ алоқаманд медонад. Дар мақола зикр гардидааст, ки муҳимтарин омили ҳалкунанда дар ин самт босуръат бештар шудани таъсири забони русӣ ва мутамарказ гардонидани тамоми соҳаҳои фаъолияти мардуми шуравӣ, аз ҷумла, дар низоми маориф ба мушоҳида мерасид. Ҳамзамон, дар мақола оид ба роҳу усулҳои истилоҳсозӣ дар замони Ҳукумати шуравӣ мароқ зоҳир гардидааст ва бо овардани мисолҳои мушаххас муҳимтарин хусусиятҳои онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Калидвожаҳо: мактаб, маориф, дастурамал, мактабҳои олӣ, Комиссариати халқи маориф, курс, студент, хонанда, маҳви бесаводӣ.

СВОЙСТВО И ОСОБЕННОСТИ ТЕРМИНОЛОГИИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СФЕРЫ В ЭПОХУ СОВЕТСКОГО СОЮЗА

В своей статье автор рассматривает наиболее важные вопросы становления, изменения и развития терминологии сферы образования в советский период и их особенности на основе анализа официальных документов того времени, согласно рекомендациям «Установление терминологии таджикского языка» (1936)

и «Основные принципы терминологии таджикского языка» (1971). Помимо этого, автор статьи связывает формирование терминологии в сфере образования 30-х годов с политической системой советской эпохи. Как отмечается в статье, ключевой определяющий фактор в этом направлении наблюдался в стремительном росте влияния русского языка и централизации всех сфер жизни советского народа, в том числе и системы образования. В то же время в статье, посвященной способам и методам создания терминов в эпоху Советской власти, на конкретных примерах представлены и проиллюстрированы их важнейшие особенности.

Ключевые слова: школа, образование, методическое пособие, высшие учебные заведения, Народный комиссариат по образованию, курс, студент, обучающийся, устранение неграмотности.

PROPERTIES AND PECULIARITIES EDUCATIONAL SPHERE TERMINOLOGY IN THE ERA OF THE SOVIET UNION

The author considers the most important issues of formation, changes and development of terminology of the sphere of education in the Soviet period and their peculiarities on the basis of analysis of official documents from that time, following the recommendations “Establishment of the terminology of the Tajik language” (1936) and “Basic principles of the terminology of the Tajik language” (1971). In addition, the author of the article connects the formation of terminology in the field of education in the 30s with the political system of the Soviet era. According to the article, the key determining factor in this direction was observed in the rapid growth of the influence of the Russian language and the centralization across all spheres of the Soviet people's life, including the education system. At the same time, the article, devoted to the ways and methods of creating terms in the era of Soviet power, represents and illustrates their most important features using specific examples.

Keywords: school, education, methodical manual, higher educational institutions, People's Commissariat for Education, course, student, learner, elimination of illiteracy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидмуродова Сурайё*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калони кафедраи филологияи Шарқи Наздик. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6. **Тел.:** 880005858. **E-mail:** saidmurodova@mail.ru

Сведение об авторе: ***Саидмуродова Сурайё*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзаде, старший преподователь кафедры филологии Ближнего Востока. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. **Тел.:** 880005858. **E-mail:** saidmurodova@mail.ru

About the author: ***Saidmurodova Surayyo*** **–** S.Ulughzoda Tajik International University of Foreighn Languages. Senior Lecturer of the Middle Eastern Philology Department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. **Tel.:** 880005858. **E-mail:** saidmurodova@mail.ru

ТРУДНОСТИ ЯЗЫКОВОЙ И МЕЖКУЛЬТУРНОЙ КОММУНИКАЦИИ

Сайфидинова Р.Б.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Коммуникация состоит из таких компонентов, как отправитель, сообщение, канал, получатель и обратная связь. Маркетинговые коммуникации являются частью маркетингового комплекса, и их основной целью является увеличение прибыли компании. В рамках вербальной коммуникации используются слова, представляющие символы человеческого языка. Невербальная коммуникация, в свою очередь, подразумевает передачу информации посредством движений тела. Вербальная коммуникация делится на устную и письменную формы.

Выделяется пять сфер коммуникации: обиходно-бытовая, деловая, научная, художественно-творческая и профессиональная. Основой любой коммуникации является общий или взаимный код (shared code) участников коммуникативного акта. В контексте языковой коммуникации этот общий код представляет собой взаимное понимание языковых единиц, без которого общение невозможно. В этой связи вопросы эквивалентности становятся особенно актуальными, поскольку именно понятие эквивалентности во всех его проявлениях (как в семантике, так и в различных типах коннотаций) определяет уровень понимания.

Трудности, возникающие при межъязыковой коммуникации, могут быть как явными (объем значения, разница в речеупотреблении, стилистические коннотации), так и неявными, скрытыми и поэтому более опасными. Рассмотрим две основные неявные причины, осложняющие коммуникацию вообще, а на иностранном языке в особенности [Фирсова, 2000:186].

1. Коллекционные или лексико-фразеологические ограничения определяют использование языка. Это означает, что каждое слово в любом языке имеет свой уникальный набор сочетаемости. Иными словами, оно может сочетаться с одними словами, но не сочетается с другими. Почему победу можно лишь одержать, тогда как поражение - потерпеть? В чем причина того, что роль в русском языке можно исполнять, значение - иметь, а выводы и комплименты - формулировать? Почему английский глагол to pay, что переводится как 'платить', используется в сочетаниях с такими, по мнению русского языка, несовместимыми словами, как attention [внимание], visit [визит], compliments [комплименты]? Почему русские выражения "высокая трава", "крепкий чай", "сильный дождь" переводятся на английский как "длинная трава" (long grass), "сильный чай" (strong tea), "тяжелый дождь" (heavy rain)?

Ответ один: у каждого слова своя лексико-фразеологическая сочетаемость, или валентность. Она национальна (а не универсальна) в том смысле, что присуща только данному конкретному слову в данном конкретном языке. Специфика эта становится очевидной только при сопоставлении языков, подобно тому как родная культура выявляется при столкновении с чужой. Поэтому носители языка не видят этих главных для изучающего иностранный язык трудностей: им и в голову не приходит, что в каком-то языке чай может быть сильным, а комплименты платят [Телия ,1996 : 96].

В связи с этим, изучая иностранный язык, следует запоминать слова не изолированно, по отдельным значениям, а в контексте естественных, устойчивых словосочетаний, характерных для данного языка.

Лексическая сочетаемость усложняет определение эквивалентности и подрывает фундамент перевода. Двуязычные словари, предоставляя «эквиваленты» значений слов в другом языке, создают иллюзию простоты, но на практике запутывают учащихся, приводя их к использованию иностранных слов в привычных для родного языка контекстах. В прошлом подобные ошибки называли «international furniture» - так, например, старательный ученик перевел на английский язык русское выражение «международная обстановка» с помощью русско-английского словаря. Совпадения этих контекстов встречаются крайне редко.

Рассмотрим, к примеру, самое распространенное слово "книга" и его английский эквивалент - "book". В англо-русском словаре это слово представлено в наиболее часто встречающихся сочетаниях. И лишь в одном из них перевод осуществляется словом "книга".

a ~ on/about birds - книга о жизни птиц,
a reference book – справочник,
a cheque book - чековая книжка,
a ration book – карточки,
to do the books - вести счета,
our order books are full - мы больше не принимаем заказов,
to be in smb's good/bad books - быть на хорошем/плохом счету,
I can read her like a book - я вижу ее насквозь,
we must stick to/go by the book - надо действовать по правилам,
I'll take a leaf out of your book - я последую твоему примеру,
He was brought to book for that - за это его привлекли к ответу

Аналогичная ситуация, когда перевод отдельного слова не соответствует его значениям в словосочетаниях, может быть продемонстрирована примерами из русско-английского словаря:

записка – note,
деловая записка – memorandum,
докладная записка – report,
любовная записка - love letter, billet–doux;
закрытый – closed,
закрытое заседание - private meeting,
закрытое голосование - secret ballot,

закрытое помещение - indoors (РАСС).

На уровне словосочетаний эти различия еще разительнее

[Тер-Минасова 2004:40].

Можно поразить аудиторию утверждением, что носители английского языка не используют выражение «мыть голову» в буквальном смысле, что подтверждается их языковыми нормами. На самом деле, они не моют голову в привычном понимании, используя воду и мыло. Эти эксцентричные люди предпочитают говорить о «мытье волос», поскольку эквивалентом русского выражения «мыть голову» является английское «to wash one's hair».

Удивительно, что при таком развитии ≪политической корректности≫ (см.: ч. II, гл. 2, § 3) до сих пор никто не усовестился, обижая лысых, которым тоже приходится говорить по-английски ≪мою волосы≫, хотя насколько естественнее было бы для них по-русски ≪мыть голову≫. Голова-то есть у всех, а волосы... Что же касается выражения *to wash one's head,* то оно употребляется в переносном смысле, близко к русскому, тоже переносному, *намылить шею.*

2. Еще одной, более скрытой трудностью, чем тайны и непредсказуемость лексико-фразеологической сочетаемости, является конфликт между культурными представлениями различных народов о предметах и явлениях реальности, обозначаемых эквивалентными терминами в этих языках. Эти культурные представления зачастую влияют на возникновение различных стилистических коннотаций у слов в разных языках.

Таким образом, даже обозначение зеленого цвета, который является общечеловеческим понятием, вызывает значительные сомнения относительно его абсолютного лексического соответствия. Это связано с тем, что наличие определенных метафорических и стилистических коннотаций не может не оказывать влияние на значение слова, при этом эти коннотации варьируются в разных языках.

Словосочетание "черная кошка" в русском языке, как и его аналог "black cat" в английском, обозначает одно и то же домашнее животное — кошку черного цвета. Тем не менее, в русской культуре существует традиция, согласно которой черная кошка считается предвестником несчастья и неудач, что придает этому словосочетанию отрицательную окраску. Вспомните, например, песню:

Жил да был черный кот за углом, И его ненавидел весь дом…

Говорят, не повезет, Если черный кот дорогу перейдет.

Языковая эквивалентность - это иллюзия, которая разрушается при учете таких нюансов, как объем семантики, стилистические оттенки и лексическая совместимость.

Все эти проблемы хорошо известны и лингвистам, и переводчикам, и преподавателям иностранных языков. Гораздо меньше внимания получил (а потому и оказался гораздо более скрытым, глубже спрятанным) культурологический аспект эквивалентности слов разных языков. Слово как единица 59 языка соотносится с неким предметом или явлением реального мира (значение слова). [Тер-Минасова,2007 : 170].

Следовательно, за общим словом "час" или "hour" в культурных представлениях русских и англичан скрываются различные концепции.

ЛИТЕРАТУРА

1. *Телия В.Н.* Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты / В.Н. Телия. – М: Школа «Языки русской культуры», 1996. – 228 с.
2. *Телия В.Н.* Первоочередные задачи и методологические проблемы исследования фразеологического состава языка в контексте культуры// Фразеология в контексте культуры: Сб.ст. М.: Языки русской культуры, 1999. – с. 13 – 24.
3. *Тер-Минасова С.Г.* Язык и межкультурная коммуникация. Издательство Московского университета, 2004. 352 с.
4. *Тер-Минасова С.Г.* Война и мир языков и культур. ООО «Издательство Астрель», 2007. 286 с.

5. *Фирсова Н.М.* Категория вежливости в испанском языке // Фирсова Н.М. Языковая вариативность и национально-культурная специфика речевого общения в испанском языке. М: Изд-во РУДН, 2000. С. 73 – 82.

МУШКИЛОТИ МУОШИРАТИ ЗАБОНӢ ВА БАЙНИФАРҲАНГӢ

Мақола мушкилоти дар раванди муошират байнизабонӣ ба миён омадаро таҳлил мекунад ва ду сабаби асосии номуайянро, ки муоширатро душвор мекунанд, ҷудо мекунад: баробарии забонӣ ва маҳдудиятҳои лексикӣ-фразеологӣ, ки ба истифодаи забон таъсир мерасонанд. Инчунин муноқишаи тасаввуроти фарҳангии халқҳои гуногун дар бораи аше ва падидаҳои воқеият баррасӣ карда мешавад. Дар мақола намунаҳои калимаҳои маъмул ва муодили англисии онҳо оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: коммуникатсия, эквивалентӣ, лексико-фразеологӣ, эквиваленти забон, якҷояшавии лексикӣ, лексика, коннотацияи услубӣ.

ТРУДНОСТИ ЯЗЫКОВОЙ И МЕЖКУЛЬТУРНОЙ КОММУНИКАЦИИ

Статья анализирует проблемы, возникающие в процессе межъязыковой коммуникации, и выделяет две ключевые неявные причины, затрудняющие общение: языковую эквивалентность и лексико-фразеологические ограничения, влияющие на использование языка. Также рассматривается конфликт культурных представлений различных народов относительно предметов и явлений реальности. В статье приведены примеры распространенных слов и их английских эквивалентов

Ключевые слова: коммуникация, эквивалентность, лексико-фразеологический, языковая эквивалентность, лексическая сочетаемость, лексика, стилистические коннотация.

DIFFICULTIES OF LANGUAGE AND CROSS - CULTURAL COMMUNICATION

The article analyzes the problems that arise in the process of interlanguage communication and identifies two key implicit reasons that make communication difficult: linguistic equivalence and lexico-phraseological limitations that affect the use of language. The conflict of cultural representations of different peoples regarding objects and phenomena of reality is also considered. The article provides examples of common words and their English equivalents.

Keywords: communication, equivalence, lexical-phraseological, linguistic equivalence, lexical compatibility, vocabulary, stylistic connotation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайфидинова Рухшона Бахтиеровна*** – муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ (Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон). Суроға: Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17 мкр-н, хонаи 1. **Тел.:** (992) 92703 54 54. **E-mail:** Rukhshona_2019@mail.ru

Сведения об авторе: ***Сайфидинова Рухшона Бахтиёровна*** – старший преподаватель кафедры иностранных языков ТГУПБП (Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики). **Адрес:** Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-н, дом 1. **Тел.:** (992) 92703 54 54. **E-mail:** Rukhshona_2019@mail.ru

Information about the author: ***Sayfidinova Rukhshona Bakhtiyorovna*** – Senior teacher at the Department of Foreign Languages of TSULBP (Tajik State University of Law, Business and Politics) Tajikistan, Khujand city, 17th microdistrict, house 1. **Tel.**: (992) 92703 54 54. **E-mail:** Rukhshona_2019@mail.ru

ТОБИШҲОИ ЗАМОНИИ МАЪНОИ ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА ДАР ЗАБОНИ АРАБӢ

Аминов Ҷ.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Феъл бахши марказии грамматикаи забони арабӣ буда, воситаи асосии ифодаи амал ва равандҳост. Феъл аз бобҳои муҳим ва мураккаби қисмати морфология ба шумор меравад. Дар забоншиносии араб доир ба боби феъл аз тарафи олимону забоншиносон асару мақолаҳои илмӣ навишта хусусиятҳои муҳими онро дар забони арабӣ зикр кардаанд. Низоми феълии забони арабӣ ниҳоят мурраккаб буда, қисми зиёди луғати арабиро фаро гирифтааст, зеро дар ин забон бо илова намудани як ё якчанд ҳарф метавонем маънои навро ба калима изофа созем. Ҳар як навъи феъл дорои қонун ва қоидаҳои хосси худ мебошанд, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Решаи калимаҳои забонҳои сомӣ бештар аз се ҳамсадо иборат буда, маънои умумии калимаро ифода мекунад, садонокҳо бошанд муносибатҳои грамматикиро таҷассум мекунанд. Шаклсозии калимаҳо аз руӣ дигаргуншавии сохти дохилӣ (флексияи дохилӣ) ба амал меоянд. Омӯзиши феълҳо дар забони арабӣ яке аз ҷанбаҳои калидӣ дар аз худкунии ин забони бостонӣ ва ғанӣ ба ҳисоб меравад. Феъл бахши марказии грамматикаи забони арабӣ буда, воситаи асосии ифодаи амал ва равандҳост. Феълҳо дар забони арабӣ дорои қолабҳои муайяни сохтор ва тасриф

мебошанд, ки омӯзиши ин бахши забонро то андозае меҳнатталаб мегардонанд. Илова бар ин феълҳо бар асоси шахс, замон, сиға ва навъҳояшон тағйир меёбанд, ки ин хусусият ҳангоми омӯзиши феъл меҳнати зиёдро талаб менамояд. Дар забони арабӣ ҳамагӣ ду шакли замонӣ вуҷуд дорад, ки онҳоро **الماضي** -замони гузашта ва **المضارع** -замони ҳозира - оянда меноманд лекин дар забони арабӣ тобишҳои гуногуни замонӣ вуҷуд дорад, аз ин сабаб дар забони арабӣ як шакли замонӣ бо изофаи пешояндҳо, ҳиссачаҳо, пасояндҳо ва ё шеваи гуфтор замонҳои гуногунро ифода карда метавонад. [7, 37]. Истифодаи дурусти феъл ба мо на танҳо имкон медиҳад, ки фикру ақидаи худро баён созем, балки метавонем ҷумлаҳои пурмазмунро эҷод намуда, тамоми умқи зебоиҳо ва ганҷинаҳои забони арабиро инъикос намоем. Феъл дар забони арабӣ дар асоси ду шарт якум иҷрои амал, дуюм замон бино шудааст, яъне амал дар дохили замон сурат мегирад ва ин ду шарт аз якдигар ҷудо шуда наметавонанд. Азбаски мақолаи банда роҷеъ ба феъли замони гузашта ва тобишҳои маъноии он аст, айни замон аз шарҳу тавзеҳи феъли музореъ (**المضارع** - замони ҳозира-оянда) сарфи назар намуда ва ба шарҳу тафсили феъли замони гузашта мепардозем.

الفعل الماضي :هو فعل يدل على وقوع المعنى في الزمن السابق

Феъли мозӣ: Феълест, ки анҷоми амалро дар замони гузашта ифода намояд [1, 25]. Мисол:

تعلمت اللغة العربية

Забони арабиро омӯхтам.

Бо сабаби пешояндҳо, ҳиссачаҳо, пасояндҳо ва ё шеваи гуфтор, ки онро дар забони арабӣ сиёқи калом (равиши сухан) гӯянд, дар феъли замони гузашта тобишҳои маъноӣ ва фосилаи замонӣ дар иҷрои амал эҷод мешавад, ки ин дигаргуншавии маъноӣ баъзан дар дохили замон сурат гирифта, баъзан феъли замони гузашта ба пуррагӣ маънои феъли замони ҳозира-ояндаро ифода мекунад. Ин ҳолатҳои гуногунеро ки дар феъли замони гузашта ба вуҷуд меоянд, донишманди машҳур Холид ибни Аҳмад дар асари худ **تداخل أزمنة الفعل"** чунин номгузорӣ кардааст: **الماضي البسيط** ал-мозӣ ал- басит, **الماضي القريب المنقطع** ал-мозӣ қариб-ул –мунқатиъ, **الماضي البعيد المنقطع** ал-мозӣ баъид -ул- мунқатиъ, **الماضي المنتهي بالحاضر.** ал-мозӣ ал-мунтаҳӣ бил- ҳозир, **الماضي المستمر** ал-мозӣ ал-мустамир, **الماضي المتقارب** ал-мозӣ ал-мутақориб, **الماضي الشروعي** ал-мозӣ аш-шуруъӣ, **الماضي المتجدد** ал-мозӣ ал-мутаҷадид. Лекин бисёри забоншиносон феъли замони гузаштаро фақат таъриф намуда, аз рӯи сохтор, ҳаракат, маълуму маҷҳул, мусбат ва манфӣ будан он дар асарҳояшон дарҷ намудаанд. Забоншиноси машҳур Докатор Инятуллоҳ ۝۝۝Фотиҳинжод дар асари худ “Даромаде бар мабнои тарҷума” фосилаи замонии феъли замони гузаштаро дар маҷмуъ ба 4 қисм тақсим кардаанд:

1. **الماضي الكامل** ал-мозӣ ал-комил феъли сода буда, анҷоми амалро дар замони гузашта бидуни муаян сохтани дур ё наздик будани он амал ифода менамояд. Мисол:

علمت أن الاجتهاد فضل عظيم

Ман донистам, ки кӯшиш фазилати бузург дорад.

Дар ҷумлаи мазкур вожаи (**علمت**)-донистам, феъли замони гузашта буда, анҷоми амалро дар замони гузашта маълум месозад, лекин замони гузашта доираи замонаш хеле вақти зиёдро дар бар мегирад аз руи мазмуни феъли мозии комил муайян сохтани замони дақиқи анҷоми феъл номумкин аст, чунки дар он феъл ягон қаринае вуҷуд надорад, ки наздик ё дур будани замони иҷрои амалро ифода менамояд. [۸, 12) Ба ин намуди феъл дар забони форсӣ мозӣ ал-мутлақ (**ماضي المطلق**) гӯянд ва дар забони тоҷикӣ чун замони гузаштаи наздик маълум аст.

2. **الماضي السابق** ал-мозӣ ас-собиқ: Ду феъли замони гузаштае, ки дар як ҷумла пайиҳам меоянд, дар забони арабӣ ба феъли замони гузаштаи якум мозии собиқ мегӯянд [7, 33]. Мисол:

خرجت من البيت و قد طلعت الشمس

Вақте аз хона баромадам, офтоб алакай баромада буд.

Бо сабаби он ки дар ҷумлаи мазкур феъли **طلع** пеш аз феъли **خرج** дар як ҷумла зикр шудаст, феъли **طلع** –ро дар забони арабӣ феъли мозии собиқ меноманд. [5, 13].

3. الماضي الأكمل ал-мозӣ ал –акмал: Замони гузаштаи дур дар забони арабӣ бо яке аз ду роҳ сохта мешавад:

Якум: Барои ифода кардани амали гузаштаи дур шакли мураккаби феълӣ иборат аз феъли ёридиҳандаи **كان,** ҳиссачаи **قد** ва замони гузаштаи феъли асосӣ истифода бурда мешавад [3, 105]. Мисол: **كان قد كتب** -Вай алакай (дар ҳақиқат) навишта буд. Дуюм: Барои ифода кардани амали гузаштаи дур танҳо феъли ёридиҳандаи **كان**-ро пеш аз феъли замони гузашта истифода бурда мешавад. [٣, 106]. Мисол: **كنت علمت ذالك** Ман онро медонистам. Мозии акмал дар забони форсӣ мозии баъид ва дар забони тоҷикӣ феъли замони гузаштаи дур мегуянд.

4. **الماضي الناقص** ал-мозӣ ан-ноқис: Мозии ноқисро бо овардани феъли ёридиҳандаи **كان** пеш аз феъли музореъ месозанд. [5, 12-13]. Мисол:

كان يذهب الطّلاب ألى ألجامعة القومية

Донишҷӯён ба донишгоҳи миллӣ мерафтанд.

Дар ин ҷумла бо сабаби омадани ҳиссачаи ёридиҳандаи **(كان)** дар аввали феъли музориъ ҷумла маънои давомнокӣ ё гузаштаи давомдорро ифода мекунад. Албатта бояд қайд кард, ки дигаргуншавии маъно дар ин ҷумла танҳо ба хотири ҳиссачаи **(كان)** набуда балки калимаи (**يذهب**) низ дар ба даст овардани маънои нав, нақши муҳим дорад. Ин феълро дар забони форсӣ **(الماضي الأستمراري)** –мозии истимрорӣ ва дар забони тоҷикӣ ҳамчун замони гузаштаи ҳикоягӣ истифода мебаранд. Дар забони арабӣ барои сохтани мозии ноқис якчан роҳи дигар низ вуҷуд дорад аз он ҷумла: Ҳиссачаи ёридиҳандаи (**كان**) пеш аз сифати феълӣ оварда сохта мешавад. [3, 105]. Мисол :**كان ذاهبا**- вай мерафт, бо афзудани ҳиссачаи **لما** пеш аз мозии истимрорӣ низ замони гузаштаи ҳикоягӣ сохтан мумкин аст. Мисол:

كنت أقرأ الكتاب لما دخل المعلم

Вақтеки муаллим даромад, ман китоб хонда истодабудам.

Ғайр аз ҳолатҳои дар боло зикр шуда, боз дар забони арабӣ бисёр аст, ҳолатҳое, ки забоншиносони араб барои онҳо номи хоссеро мушаххас накардаанд лекин дар феъли замони гузашта тобишҳои гуногуни маъноиро ба вуҷуд меоран, аз он ҷумла:

1. Бо омадани ҳиссачаи **قد** пеш аз феъли замони гузашта якчанд тобишҳои маъноиро дар он эҷод мекунад аз он ҷумла: наздик будани иҷрои амаро ба замони ҳол. Мисол : **قد ذهب** –Алакай вай рафт. Гоҳҳо бо ҳамин шакл маънои замони гузаштаи нақлиро мефаҳмонад. Мисол: **قد ذكرنا ذلك** –Мо дар ин бора гуфта гузаштем. Ва боз ба вуқуъ пайвастани ҳодисаро таъкид мекунад, баъзан дар забони арабӣ пеш аз ҳиссача (**قد**) боз ҳиссачаи таъкидии لِ ّ истифода бурда мешавад ва бо ҳиссачаи **(قد)** якҷоя навишта шуда, пеш аз феъли замони гузашта омада воқеъиятро бештар тасдиқ мекунад. Мисол:

لقد فهمت كل شيء و لا حاجة الى التفصيل

Дар ҳақиқат,ман ҳама чизро алакай фаҳмидам ва дигар ҳоҷат ба шарҳу тафсил нест.

2. Бо илова намудани пешванди **ظل** ба аввали феъли замони ҳозира-оянда замони ҳозираи давомдор сохта мешавад. Мисол:

ظل يكتب في هذه الصحف و المجلات

Ӯ навиштанро дар ин рӯзномаҳову маҷалаҳо давом додан гирифт.

Дар ҷумлаи боло бо сабаби ҳиссачаи ёридиҳандаи **ظل** феъли замони ҳозира-оянда маънои феъли замони гузаштаи бардавомеро, ки то замони ҳол идома дорад ифода мекунад, ки ин замонро дар забони форсӣ мозии истимрорӣ ё мозии мустамир ва дар забони тоҷикӣ чун замони ҳозираи давомдор истифода мешавад.

3. Дар сурати истифодаи феълҳои муқораба (**أفعال المقاربة**) пеш аз феълҳои асоси замони гузашта маънои оғоз шудани амал ва ё наздик будани замони иҷрои онро мефаҳмонад. [7, 44]. Мисол:

لكنه شرع يتحدث عن عمله

Лекин ӯ дар бораи кораш нақл карданро сар кард.

كاد الولد يغرق

Қариб кӯдак ғарқ шавад.

Дар ҷумлаи дуюм феъли замони гузашта наздик будани оғози иҷрои амалро нишон медиҳад, дар забони арабӣ дар баъзе сарчашмаҳо ба ин феъл **الماضي الشروعي** -мозии шуруъӣ мегӯянд. [8, 8.)

4. Гоҳе феъли замони гузаштаамалеро ифода мекунад,ки ба ягон вақти муайян рост намеояд,яъне ин амале мебошад, ки доимӣ такроран ҷараён дорад. Ин ҳодиса бештар дар зарбулмасалҳо дида мешавад. [7, 34]. Мисол:

من كثرة الملاحين غرقت السفنة

Аз бисёрии баҳранаврдон кишти ғарқ мешавад.

من صبر غنم و من سكت سلم

Ҳар касе, сабр мекунад,ғанимат ба даст меорад, ва касе хомушу сокит аст, саломат мемонад.

5. Бо афзудани ҳиссачаи **لعل** дар феъли замони гузашта тобишҳои эҳтимолӣ ва дудилагӣ дар феъли мозӣ пайдо мешавад. [3,105-106]. Мисол:

لعله يكون قد اشترى هذا الكتاب

Ӯ шояд китобро харида бошад.

Барои ифодаи хоҳишу тамано аз ҳиссачаи **ليت** дар аввали феъли замони гузашта истифода бурда мешавад [3,106]. Мисол:

ليتني تعلمت اللغة العربية

Эй кош, забони арабиро меомӯхтам

6. Феъли замони гузашта дар ҷумлаҳои шартӣ маънои феъли замони ҳозира- ояндаро медиҳиад [7, 37]. Мисол:

أن ذهب المعلم ذهبت معه

Агар муъаллим равад, ман бо ӯ меравам.

Мисол: **مهما قلت ما صدقت**

Ҳар чизе бигӯӣ, бовар намекунам.

Аслан мазмуни ин ҷумла чунин аст (Ҳар чизе гуфтӣ? Бовар накардам) лекин бо сабаби омадани ҳиссачаи **(مهما) -и** шартия пеш аз феъл**ҳои (صدقت -قلت)** бо вуҷуди онки феъл**ҳои** мазкур феъли замони гузаштаанд лекин маънои феъли замони ҳозира-ояндаро ифода намуда чунин тарҷума мешаванд: **“**Ҳар чизе бигӯӣ, бовар намекунам**”** [7, 37].

Омадани ҳиссачаи **(لو)** пеш аз феъли замони гузашта низ дар феъли мозӣ ифодагари маънии феъли ҳозира-оянда мебошад. Мисол:

لو كنت علمت ذالك لأخبرتك

Агар ман инро медонистам,ба ту ҳатман хабар медодам.

Ҳиссачаи **(لو) -**и шартияе, ки маънои агарро мефаҳмонад сабаб мешавад, ки феъли замони гузашта **(علمت)** –донистам. Маънои феъли замони ҳозира-оянда (медонистам)-ро ифода кунад, [7, 37]. **7.** Ҳиссачаҳои инкории **لم و لما** гарчанде, ки пеш аз феъли замони ҳозира-оянда истеъмол мешаванд лекин аз назари маъноӣ комилан маънои феъли замони гузаштаи манфирои ифода мекунанд. [3,104]. Мисол: **لما أذهب** -Ҳануз нарафтам.**لم أكتب** – нанавиштам. Лекин дар замони муосир **لم أكتب بعد** -Ҳануз нарафтам корбурди бештаре дорад.

Аз баррасӣ ва таҳқиқи мавзуи мазкур метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки воқеан ҳам феъли замони гузашта дар забони арабӣ вижагиҳои хосси сохториро доро буда, тобишҳои гуногуни замонӣ дошта, аз ин сабаб дар забони арабӣ як шакли замонӣ бо изофаи пешояндҳо, ҳиссачаҳо, пасояндҳо ва ё шеваи гуфтор замонҳои гуногунро ифода карда метавонад. Дар умум бояд қайд кард, ки тамоми роҳҳои зикр гардида ҳолатҳое мебошанд, ки доираи замонии феъли мозиро вусъат бахшида, барои дӯстдорон ва донишҷӯёни забони арабӣ аз манфиъат холӣ нест.

АДАБИЁТ

1. Айман Амин Абдулғанӣ. Ас-сарф ал-кофӣ, Қоҳира: дорут-тавфиқия литтурос, 2010, 443 с.
2. Абдулатиф Муҳаммадхатиб, Ал-мустақсо фи илмит-тасриф, Кувайт: мактабату дору ал-урубия, 2003.- 1250 с.
3. Иноятуллоҳ Фотиҳинажод,Сайид Бобак Фарзона, Даромаде бар мабнои Тарҷума, – Теҳрон,1341ҳ. – 220 с.
4. Ибни Сайда, Ал-мухассас, .чопи аввал. Нашри эхёи туроси ал-арабия, Берут-Лубнон, 5 мучаллад, 23644 с.
5. Хайдари Алмоси, Сарф кисмати феъл, Эрон-зохидон 2008,86 с.
6. Исаева Ф. А, Муъминов Ҳ. Қ. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ. Қисми 1. (морфология).-Душанбе-2010, 208 саҳ.
7. Исаева Ф. А, Муъминов Ҳ. Қ. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ. Қисми 2. (Синтаксис).-Душанбе-2013, 163. саҳ.
8. Холид Ибни Аҳмад Ибни Акуъ, Тадохулу Азминат-ил Феъл,Ҷомиати Умилқурро, Бейрут, 2021, 52.с.

ТОБИШҲОИ ЗАМОНИИ МАЪНОИ ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА ДАР ЗАБОНИ АРАБӢ

Дар мақолаи мазкур намунаи феъли замони гузашта, фосилаи замонии феъли замони гузашта. Сабабҳои ба вуҷуд омадани тобишҳои гуногуни замонӣ дар феъли мозӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: феъли замони гузашта, тобишҳои маъноӣ, ҳиссачаҳо, феъли мозӣ, замони гузаштаи дур.

СМЫСЛОВЫЕ ОТТЕНКИ ПРОШЕДШЕГО ВРЕМЕНИ В АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В этой статье рассматриваются пример глагола прошедшего времени, временный интервал глагола прошедшего времени. Обсуждаются причины появления разных времен в настоящем времени.

Ключевые слова: глагол прошедшего времени, смысловые оттенки, частицы, прошедшое далекое время.

MEANINGFUL SHADES OF THE PAST TENSE IN ARABIC LANGUAGE

In this article there is an example of the Past Tense the time interval of the Past Tense . The reasons of the appearance of different times in the Present Tense are discussed.

Keywords: verb of the Past Tense, meaningful shades, particles, distant Past Tense.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аминов Ҷумъахон Ҳомидович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Тел.:** (+922) 987-20-29-04

Сведения об авторе: ***Аминов Джумахон Хомидович*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры арабской филологии факультета языков Азиии Европы. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. **Тел.:** (+922) 987-20-29-04

Information about the author: ***Aminov Jumakhon Homidovich*** **–** Tajik National University, assistant of the Department of Arabic Philology the faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Rudaki 17. **Phone:** (+922) 987-20-29-04

ИСМҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ВА ТОБЕЪ ДАР “ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ” (2008)

Иматшоева С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозии мураккаб яке аз сермаҳсултарин усули калимасозӣ ба ҳисоб меравад. Дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи бо усули мураккабшавӣ сохта шудани калимаҳо як силсила тадқиқот анҷом шудааст. Чунончи Ш. Рустамов дар «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ва «Исм», С. Халимов ва К. Шукурова дар дастури таълимии «Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ)», профессор Б. Камолиддинов дар «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот», А. Амлоев дар «Калимасозии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев», А. Байзоев дар «Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино» ва дигарон ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аз ҷумла, профессор Б. Камолиддинов қайд мекунанд, ки «воҳидҳои фразеологии ҳар забон манбаи бавуҷудоии калимаҳои мураккаб ва бой гардидани таркиби луғавии он мебошад. Чунончи,

дар забони тоҷикӣ бо сифатҳои *гарм* ва *хунук* фразеологизмҳои *дили касеро ба чизе (коре) гарм кардан* ва *дили касеро аз чизе (касе) хунук (сард) кардан* вуҷуд дорад. Аз ин ВФ ибораҳои *дили гарм, дили хунук, бо дили гарм, бо дили хунук*, аз онҳо сифатҳои *дилгарм, дилхунук*, исмҳои *дилгармӣ, дилхунукӣ*, таркибҳои феълии *дилгарм кардан (шудан), дилхунук (дилсард) кардан (шудан)*ва зарфҳои *дилгармона, дилхунукона (дилсардона) ба вуҷуд омадаанд*» [5, 78].

Дар "Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик" чунин омадааст:

Заминаи асосии калимаҳои мураккаб воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама ибора мебошад [3, 119].

Дар асари донишманди эронӣ Эрони Калбосӣ "**ساخت عشتقاقی واژه**" дар ин бора чунин омадааст:

Калимоти мураккаб аз ду ё чанд вожаки озод сохта шудаанд, монанди некдил, камкор [11, 35].

Калимоти муштақ аз таркиби як ё чанд вожаки озод бо як ё чанд ванди иштиқоқӣ сохта шудаанд, монанди некдилӣ, камкорӣ, коргарӣ. Дар мисолҳои фавқ «нек, дил, кам, кор» вожаки озод ва «-ӣ, -гар» ванди иштиқоқианд [11, 36].

Калимасозии мураккаб яке аз роҳҳои муҳимтарин ва серистеъмоли забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Калимаҳои мураккаб он калимаҳое мебошанд, ки аз ҳамбастагии ду ва ё зиёда калимаҳои сода сохта мешаванд.

Чӣ хеле ки дар боло қайд шуд, усули морфологӣ, яъне вандӣ (бо ёрии пешванду пасвандҳо, миёнвандҳо) ва мураккабшавӣ яке аз усулҳои сермаҳсули калимасозии забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан, бо усули мураккабшавӣ миқдори зиёди калимаҳо сохта шудаанд ва дар ФТЗТ (2008) низ аз ин усул хеле зиёд истифода шудааст.

Дар калимасозии мураккаб ҳиссаҳои нутқи гуногун иштирок мекунанд. Мо дар мақола танҳо калимасозии исмҳои мураккаб дар ФТЗТ (2008)-ро мавриди таҳқиқ қарор додем.

Чӣ хеле ки маълум аст, исм дар калимасозӣ, хусусан, калимаҳои мураккаб хеле фаъол аст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Калимаҳои мураккаб барои кутоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд. Онҳо ибора ва ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд [3, 119].

Сохти исмҳои мураккаб дар ФТЗТ (2008)-ро ба таври зер шарҳ додем:

Исмҳои мураккаби пайваст. Исмҳои мураккабе, ки аз такрори бевоситаи калимаҳо сохта шудаанд:

1. Такрори исм:

Гулгул ١ گلگل. гул-гул шукуфтан, пурра шукуфтан, ба тамом шукуфтан, шукуфон ва хандон. 2. дорои доғҳои сурхи гулмонанд [8, 337].

Такрори асоси замони ҳозираи феъл:

Ков-ков کاوکاو кофтукови ҷойҳои гуногун барои ёфтани чизе; ҷустуҷӯ; тафтиш [8, 616].

Каш-каш کشکش кашокаш, кашмакаш; ◊ каш-каши қозихона мурофиаи қозихонагӣ [8, 606].

Такрори асоси замони гузаштаи феъл: омад-омад

Исмҳои тақлидӣ:

А) такрори айнан як калима:

Лӯк-лӯк لوکلوک роҳгардии лӯккосӣ; чорхеззанӣ [8, 731]. **Лиқ-лиқ لقلق** *гуфт.* калимаи тақлиди овози ҷунбиши моеот; ◊ лиқ-лиқ карда гаштан базӯр гаштан; вазъияти ноустувор доштан [8, 721]. **Қисир-қисир قسیرقسیر** калимаи тақлиди овозе, ки аз шикастани чӯб, шохи дарахт, танаи гиёҳҳои хушк ва *м.* инҳо мебарояд; қисиррос [8, 684].

Б) қисман тағйир ёфтани ҷузъи дуюм:

Қасар-қусур قسرقسور калимаи тақлиди садои тирпаронии пай дар пай, занозанӣ ва ғ [8, 672].

Исмҳое, ки аз такрори ҷузъҳо иборатанд, инчунин бо интерфикси -о- ташаккул меёбанд:

А) тарори исм:

Давродавр دورادور гирдогирд, атроф: сайёҳати давродаври кураи Замин [8, 399]. **Дастодаст** دستادست даст ба даст; (савдои) нақд [8, 428]. **Лаболаб** لبالب пур аз чизҳои обакӣ, лабрез, моломол, саршор: лаболаб кардан, лаболаб шудан, лаболаб пур шудан [8, 705].

Б) такрори асоси замони ҳозираи феъл:

Кашокаш کشاکش *наг*. **кашмакаш** [8, 607]. **Даводав** دوادو давиш, тозиш; беист давидан ба ҳар тараф, давутоз, давуғеҷ [8, 396]. **Гирогир** ۱ گیراگیر. дорудор, доругир, гирифтугир, ҳабскунӣ. 2. кашокаш, гирудор, задухӯрд. 3. пайгирона, дунбола– гирона; қариб баробари ҳам [8, 326].

Исмҳои мураккаби пайваст, ки аз асосҳои гуногун сохта шудаанд, вобаста ба тарзи васли ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаи онҳо ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд:

Исмҳои мураккаби пайваст, ки ҷузъҳояшон бе ягон морфема ба ҳам васл шудаанд, ин тарзи калимасозӣ ду қолиб дорад:

А) аз ду исм:

Адолатхона ҷои адлу дод, додгустарӣ, адолатгоҳ (исм+исм) [8, 66]. **Шабонарӯз** شبانهروز як шабу як рӯз, 24 соат [9, 616]. **Ғалладона** растаниҳои хӯшадор аз қабили гандум, ҷав ва ғ.; ғалла: киштҳои ғалладона, ҷамъоварии ғалладона [8, 371].

Б) аз асосҳои муқобилмаънои феъл:

Кун-макун کنمکن *кит*. амру наҳӣ [8, 635]. **Даробаро** درابرا даромадану баромаданҳои зиёд; рафтуо, омадурафт: даробаро доштан, даробаро кардан [8, 416]. **…даромад-баромад** даробаро, даромадан ва баромадан [8, 418].

Исмҳое, ки ба воситаи интерфикси -у- таркиб меёбанд. Ин усул сермаҳсул буда, чунин қолабҳо дорад:

1. Исму исм: **Сарулибос** سرولباس маҷмӯи пӯшиданӣ [9, 218]. **Обуранг** آبورنگ зебоӣ, тароват, ҳусн: обуранги бадеӣ; муболиға [9, 26]. **Обутоб** آبوتاب тобоварӣ, бо машқу варзиш пухтагардонӣ; баданро обутоб додан, тақвияти бадан бо машқ ва таъсири сармову гармо [9, 26].

2) исму асоси замон ҳозираи феъл:

Нигоҳубин 1. парастorӣ, парвариш, муроқибат. 2. назорат, посбонӣ [8, 912].

3) асосҳои замони ҳозираи феъл:

Давутоз ۱ دووتاز. даводавӣ кардан (дар талоши чизе), ташвиш кашидан, тараддуд кардан, заҳмат кашидан, даступо кардан. 2. шафоат (мадад) кардан [8, 399]. **Доругир** داروگیر ۱. кашмакаш, ҷангу ҷанҷол, задухӯрд. 2. *маҷ*. гирудор; калонгирӣ, худнамоӣ, ҳашамат, дабдаба [8, 466].

4) асосҳои замони гузаштаи феъл:

Гуфтушунуфт گفتوشنفت *наг*. гуфтушунид [8, 353]. **Омадурафт** آمدورفت рафтуой, алоқа; омаду рафт кардан муносибат, муомила кардан [9, 28]. **Додугирифт** دادوگرفت мубодила; муомила; харидуфурӯш, савдо: додугирифт доштан бо касе, додугирифт кардан [8, 459].

5) асоси замони ҳозира ва асоси замони гузаштаи феъл: бандубаст

Бандубаст 1. дар банд будан; қайд, гирифторӣ. 2. тартиб, низом. 3. адш. композитсия, устухонбандии асар [8, 132].

6) асоси замони гузашта ва асоси замони ҳозираи феъл:

Гаштугузор ۱ گشتوگزار. гардиш, сайру тамошо. 2. давр зада гаштан, қадамзанӣ дар посбонӣ [8, 316]. **Гирифтугир** گرفتوگیر *наг*. **гирудор** 1 [8, 326]. **Гирифтумон** گرفتومان *наг*. **гирумон** [8, 326]. **Гуфтугузор** ۱ گفتوگزار. *наг*. гуфтушунид. 2. баҳс, мубоҳиса, мунозира; гуфтугузор доштан а) аз ҳар тараф сӯҳбат кардан, сӯҳбат доштан; б) баҳс кардан; гуфтугузор кардан а) гапзанон кардан, сӯҳбат кардан; б) баҳс кардан; гуфтугузор рафтан гуфтугӯ давом кардан, идома доштани гуфтушунид [8, 353]. **Кӯфтукӯб** کوفتوکوب хирманкӯб [8, 645].

Исмҳои мураккаби тобеъ. Исмҳои муракаби тобеъ, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд:

А) исмҳои мураккабе, ки дар онҳо ҷузъи якум ба ҷузъи дуюм тобеъ мебошад:

Як миқдори ин калимаҳо аз ибораҳо ва таркибҳои озоди наҳвӣ сохта шуда бошанд, пас, як қисми дигар аз воҳидҳои фразеологии забон ба вуҷуд омадаанд.

Ибораҳои изофӣ. Заминаи асосии калимаҳои мураккаб воҳидҳои синтаксисӣ, пеш аз ҳама ибора мебошад [3, 119].

Чархиосиётарошӣ چرخآسیاتراشي тарошидани чархи осиё, шуғли тарошандаи чархи осиё [9, 540]. **Маргимуш مرگموش** моддаи химиявии хокистарранги фӯлодгун аст, ки дар доруҳо ва дар техника ба кор меравад [8, 759]. **Мардикор مردکار** 1. муздур, коргари кирояи рӯзбайъ: бозори мардикор, мардикор гирифтан, мардикор киро кардан. 3. ниг. мард (мард(он)-и кор) [8, 760]. **Маҳаллидӯхт محلیدوخت** дар маҳалли муайян дӯхташуда: кафши маҳаллидӯхт [8, 776].

Факки изофат:

Исм+исм:

Бандахона ۱ بندهخانه. хонаи ғулом. 2. хонаи ман, хонаи камина (шахси ғӯянда аз рӯи хоксорӣ истеъмол мекунад) [8, 131]. **Бедбарг ۱ بیدبرگ**. барги бед. 2. кҳн. пайкони тир, ки шаклаш ба барги бед монанд аст [8, 168].

Ботлоқзамин باتلاقزمین *ниг*. ботлоқзор [8, 236].

Исм+сифат:

Вақтхуш وقتخوش хушҳол, хурсанд [8, 262]. **Айшобод عیش آباد** диёр ё маҳалли айш, ҷои маишат [8, 46].

Исм+АЗҲ:

Азоимхон عزائمخوان дуохон, афсунгар [8, 43]. **Айшафрӯз عیش افروز** тарабангез, айш гарм [8, 46]. **Орзубахш بخش آرزو** он ки орзуи шахсеро ба ҷо меоварад, орзу ба ҷо ованда [9, 33].

Сифат+исм:

Тундбод تندباد боди сахти башиддат; гирдбод [9, 356].

Шумора+исм:

Садбарг صدبرگ гули сербарги хушбӯй [9, 192]. **Ҳафтавранг هفتاورنگ** *кит.*, *ниг.* ҳафтдодарон [9, 500]. **Ҳафтсин سین هفت** ҳафт чизи бо ҳарфи “син” саршаванда, ки бо онҳо дастархони наврӯзӣ меороянд [9, 501]. **Чордору چاردارو** давое, ки аз чор унсур таркиб ёфтааст [9, 562].

Сифати феълӣ+исм:

Парокандахотир پراکندهخاطر хотирпарешон, мушавваш; парешонхотир [9, 77]. **Бастадаҳон بستهدهان** даҳонбаста, гунг, забонбаста. **Бастадил بستهدل** дилтанг, озурдахотир. [8, 151]. **Шикастадил شکستهدل** ғамзада, маҳзун, ноумед, маъюс [9, 639].

Сифати феълӣ+фзҳ:

Шикастабанд شکستهبند он ки устухони шикастаи баданро ба ҳам оварда мебандад ва муолиҷа мекунад [9, 639].

Аз таҳлили исмҳои мураккаб дар ФТЗТ (2008) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксари вожаҳои фарҳангро калимаҳои мураккаб, аз ҷумла, исмҳои мураккаб ташкил медиҳанд. Онҳо дар луғат ба таври мукаммал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Амлоев А. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева. Дис. канд. филол. наук. - Душанбе, 2014. - 229 с.
2. Байзоев А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе, 2016. -195 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1985, 356 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қ.1. Ирфон.- Душанбе, 1973. -450 с.
5. Камолиддинов Б. «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот». – Душанбе, 2015.
6. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи ИСМ дар системаи ҳиссаҳои нутқ). – Душанбе, Дониш, 1981, 215 с.
7. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе, 1972,76 с.

8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [ФТЗТ] (дар зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ.Султон). – Ҷ. I. – Душанбе, 2008, 950 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [ФТЗТ] (дар зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ.Султон). – Ҷ. II. – Душанбе, 2008, 945 с.
10. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). – Душанбе, 1988, 99 с.
۱۱. ساخت اشتقاقی واژه در فارسی امروز. تألیف دکتر ایران کلباسی. تهران: ۱۳۷۱. ۲۲۲ ص

ИСМҲОИ МУРАККАБ ДАР “ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ” (2008)

Дар мақола калимасозии исмҳои мураккаб дар ФТЗТ (2008) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимасозии исмҳои мураккаб хеле сермаҳсул мебошад. Калимаҳои мураккаб барои кутоҳ ва рехта ифода кардани фикр имконият медиҳанд.

Муаллифи мақолаи мазкур кӯшидааст, мавқеи исмҳо дар сохтани калимаҳои мураккаб дар асоси маводи ФТЗТ (2008) мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Калидвожаҳо: исм, калимасозӣ, калимаҳои мураккаб, ибора, сифат, забон, фарҳанги тафсирӣ, ҳиссаҳои нутқ.

СЛОЖНЫЕ СОСТАВНЫЕ И ПОДЧИНЁННЫЕ ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ В “ТОЛКОВОМ СЛОВАРЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА” (2008)

В статье исследуется словообразование сложных существительных в «Толковом словаре таджикского языка» (2008). В современном таджикском литературном языке словообразование сложных существительных очень продуктивно. Сложные слова допускают короткие и лаконичные выражения.

Автор данной статьи попытался обсудить положение существительных в построении сложных слов на материале ТСТЯ (2008).

Ключевые слова: имя существительное, словообразование, сложные слова, выражение, имя прилагательное, язык, толковый словарь, части речи.

COMPLEX APPENDAGE NOUNS AND SUBORDINATION IN «DESCRIPTIVE DICTIONARY OF TAJIK LANGUAGE» (2008)

The article studies the word formation of compound nouns in the TMD (2008). The word formation of compound nouns is very productive in the modern Tajik literary language. Compound words allow for a short and concise expression of thought.

The author of the article has tried to consider the role of nouns in the formation of compound words based on the materials of the «Descriptive Dictionary of Tajik Language» (2008).

Keywords: noun, word formation, compound words, phrase, adjective, language, descriptive dictionary, parts of speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Иматшоева Сафаргул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17. **Тел.: (+992) 501304442.** E-mail: **I-S-H2013@mail.ru.**

Сведения об авторе: ***Иматшоева Сафаргул*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 501304442.** E-mail: **I-S-H2013@mail.ru.**

Information about the author: ***Imatshoeva Safargul*** – Tajik National University, Aspirant of the Department of the Modern Literary Tajik Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikisnan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 501304442**. E-mail: **I-S-H2013@mail.ru.**

ЗАМИНАҲОИ ТАВАҶҶУҲИ НАЗАР БА ҲИССАЧА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Равзалиев А.Ш.
МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Ҳиссача яке аз мавзуъҳои баҳспазири забоншиносӣ маҳсуб меёбад, ки забоншиносон оид ба он нуқтаи назари мухталиф доранд. Забоншиносони англис ҳиссачаҳоро ҳамчун ҳиссаи алоҳидаи нутқ маҳсуб медонанд ва чунин андеша доранд, ки онҳоро дар қатори зарф, ҷонишин ва пайвандакҳо бояд дида баромад. Ба андешаи забоншиноси англис Л.С. Бархударов ҳиссачаҳо ҳиссаи мустақили нутқ ба шумор рафта, онҳо яке аз навъҳои калимаҳои ёвар баррасӣ мегарданд ва барои махдудкунӣ, муайян намудани мазмуни калимаҳои алоҳида дар ҷумла хизмат мекунанд, вале байни калимаҳои ҷумла муносибати грамматикиро ифода намекунанд [1, 64].

Ҳарчанд ки марбут ба мавзуи тадқиқотии мазкур пажуҳишҳо кам ба назар мерасанд, лекин онҳо айни якдигаранд. Дар луғати энсиклопедии забоншиносӣ чунин омадааст:

Ҳиссачаҳо гурӯҳи тағйирнаёбандан калимаҳои ёвар мебошанд, ки ба калима ҳамроҳ шуда, андешаҳои гӯяндаро оид ба матни додашуда ифода мекунад ва дар ифодаи шаклҳои категорияҳои морфологӣ иштирок менамоянд [8, 57].

Фикру андешаи Б.А. Илиш нисбат ба муаммои мазкур каме тафовутпазир буда, ба андешаи ӯ ҳиссачаҳо дар марҳилаи ибтидоии давраи нави забони англисӣ ҳамчун ҳиссаи махсуси нутқ маҳсуб меёбанд, ки аз зарф тафовут доранд [6, 36].

Омӯзиши ҳиссачаҳо дар забоншиносӣ охири солҳои 40-ум ва 50-ум оғоз гардида, танҳо бобҳои ҷудогона роҷеъ ба ҳиссачаҳо навишта шуда буданд, ки дар онҳо ҳиссачаҳо ҳиссаи ёвари нутқ ба шумор мерафт ва дертар аввалин пажӯҳишҳои ба омӯзиши аломатҳои луғавӣ, морфологӣ ва синтаксисии ҳиссачаҳо бахшидашуда ба миён омадаанд.

Дар забоншиносии муосир доири ҳиссачаҳо андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта, ҳиссачаҳоро ҳамчун пайвасткунанда истифода бурда, аксаран онҳоро пайвандак шуморидан имконпазир аст. Ҳиссачаҳо ҷузъҳои тағйирнопазир маҳсуб ёфта, бо калимаҳои комилмаъно якҷоя меояд ва шаклҳои муайяни грамматикиро созмон медиҳанд. Онҳо ҳиссаи номустакили нутқ шуморида шуда, ба ҳиссаҳои мустақили нутқ муқобил гузошта мешаванд.

Калимаҳои *alone, also, but, even, exactly, just, merely, only, precisely, right, simply, still too, yet* ҳиссачаҳои забони англисӣ ба ҳисоб рафта, вобаста ба хусусият, тобиши маъноӣ ва вазифаҳои худ боз ба гурӯххо ҷудо мешаванд, ки мавзӯи таҳқиқии мақолаи маҳз ба он бахшида шудааст.

Истилоҳи “ҳиссача” (англ. particle) аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноияш “particula” яъне кисм, ҳисса мебошад. Ҳиссача гуфта, калимаҳои ёвареро меноманд, ки муносибати субъективии гӯяндаро ба фикри гуфташуда нишон медиҳанд.

Дар забони англисӣ низ оид ба ҳиссачаҳо бисёр англисшиносон тадқиқотҳо бурдаанд.

Забоншинос И.П. Иванова роҷеъ ба ҳиссачаҳо чунин андешаҳоро иброз медорад: “Ҳиссачаҳо ҳиссаи ёвари нутқ мебошанд, ки вазифаашон аниқ намудани маънои ҳамон аъзои ҷумлае, ки ба он тааллуқ доранд ва дар дигар ҳолатҳо барои тамоман тағйир додани маънои гуфтор истифода мегарданд” [4, 96]. Махсусияти ҳиссачаҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо вазифаи номинативӣ надоранд ва муносибати эмотсионалии гӯяндаро на ба тамоми гуфтор, балки ба яке аз ҷузъҳои он бо максади ҷудокунӣ, тақвиятдиҳӣ ва бахшидани маънои махсус ба ҷумла истифода мешаванд. Вазифаи муоширатии ҳиссачаҳо вазифаи асосии онҳо маҳсуб ёфта, ба мазмуни гуфтор додани иттилооти муҳим мебошад.

М.А. Беляева дар асари “Грамматикаи забони англисӣ” таъкид мекунад, ки “Ҳиссачаҳо калимаҳои ёваре мебошанд, ки ба ягон калимаҳои алоҳида ё гурӯҳи калимаҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ (модалӣ ё эмотсионалӣ) мебахшанд” [2, 26]. Ҳамчун дигар ҳиссаи ёвари нутқ ҳиссачаҳо аъзои ҷумла нестанд, гарчанде, ки ба таркиби ҷумла дохил мешаванд. Дар ҷумла ҳиссачаҳо ба калима ё гурӯҳи калимаҳое пайваст мешаванд, ки ба онҳо тааллуқ доранд ва пеш ё пас аз он ҷойгир карда мешаванд.

Масалан:

She could only think of people connected with them as counting money, dressing magnificently, and riding in carriages [13, 16].

Well, we haven't anything here," he said. We employ only experienced help [13, 20].

"Oh, no," answered Carrie. "Well, we only employ book-keepers and typewriters here [13, 26].

Only the ashes of all her fine fancies were remaining – ashes still concealing, nevertheless, a few red embers of hope [13, 33].

Only Carrie saw it. She felt something lost to her when he moved away [13, 10].

The address is to be written only on this side. – only относиться к группе слов on this side.

Only the address is to be written on this side – only относиться к словам the address.

Бисёре аз тадқиқотҳо дар соҳаи семантикаи ҳиссачаҳо нишон медиҳанд, ки таркиб ва мафҳумҳои семантикии ҳиссачаҳо дар гуфтор хеле мураккаб ва гуногуншакл мебошанд ва

онҳо дар аниқ кардан ва муносибати эматсионалӣ бахшидан ба ягон аъзои ҷумла зоҳир мешаванд.

Иброз бояд дошт, ки бархе олимон, аз ҷумла В.Н. Жигадло ҳангоми мавриди таҳлил қарор додани ҳиссачаҳо, танҳо вазифаи синтакисисии онҳоро, яъне, ба калимаҳо ва ё гурӯҳи калимаҳо бахшидани тобишҳои маъноӣ таъкид мекунад, лекин доир ба мақоми ҳиссачаҳо дар ҷумла сухан намеронад. Ҳиссача ба калимае, ки ба он тааллуқ дорад, пайваст шуда, ба гурӯҳи аъзои ҷумлаи мувофиқ дохил мешавад [5, 210].

Л.С. Бархударов низ мухталифӣ ва мураккабии вижагиҳои калимаҳои мавриди таҳқиқро таъкид намуда, ба истифодабарии синтаксисии ҳиссачаҳо ишора мекунад [1, 64].

Забоншиносон И.П. Иванова, В.В. Бурлакова ва Г.Г. Почепсов таърифи ҳиссачаҳоро чунин шарҳ додаанд: “Ҳиссачаҳо ҳиссаи ёвари нутқ буда, вазифаи онҳо пурқувват намудани маънои ҳиссаҳои нутқи ба он вобасташуда мебошад” [4, 105].

К.Кверк, С.Гринбаум меҳисобанд, ки ҳиссачаҳо маънои махсус надоранд. Дар ҷумла ягон вазифаи синтаксисиро иҷро намекунанд. Онҳо барои пурқувват намудани калима, ибора ё ҷумлаи пайрав хизмат мекунанд [10, 316].

Ҳамин тарик, андешаҳои забоншиносон-англисшиносонро таҳлил намуда ба чунин хулоса метавон омад, ки ҳиссача аъзои нутқе мебошад, ки муайян намудани мафҳуми он душвор аст. Ҳиссача мафҳуми калима, ибора ё ҷумларо маҳдуд мекунад ва мафҳуми махсусро тақвият медиҳад. Ҳиссачаҳо бо ҳамон аъзои ҷумла, ки ба он тааллуқ доранд, як ҳиссаи томро ташкил медиҳанд ва онҳо метавонанд бо яке аз аъзои ҷумла муттаҳид шаванд. Онҳо дар ҷумла вазифаи мустақили синтаксисиро иҷро намекунанд, танҳо барои пурқувват намудан, тақвият додани калима, ибора ё ҷумлаи пайрав хизмат менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Бархударов Л.С. Очерки морфологии современного английского языка. Москва, 1979. - 64 с.
2. Беляева М.А. Грамматика английского языка. Изд. 6-е. М.: Высшая школа, 1977. -333с.
3. Виноградов В.В. Русский язык. -М., 1947. – 784 с.
4. Иванова И.П., Бурлакова, В.В., Почепцов Г.Г., Теоретическая грамматика английского языка. Москва: Высшая школа, 1981. - 285 с.
5. Иванова М., Жигадло В. Современный английский язык. Теоретический курс грамматики. Изд-во литературы иностранный язык, 1956. -350с.
6. Ильиш Б.А. Строй английского языка, Ленинград: Просвещение, 1971. - 363с.
7. Никитин М.В. Курс лингвистической семантики, СПб: Научный центр проблем диалога, 1996.-760с.
8. Ярцева В.А. Лингвистический энциклопедический словарь, Москва: Советская энциклопедия, 1990.- 685с.
9. Jesperson O. The philosophy of Grammar.-London: Allen & Unwin. 1925.-360p.
10. Quirk K. Greenbaum S, Leech G, Svartsvik J. A. Grammar of Contemporary English. London: Longman, 1972. - 391p.
11. Sweet H. A. New English Grammar. Logical and Historical. Oxford, 1994.-548p.
12. Wierzbicka A. Introduction II Sournal of pragmatics, 1986 a-rd 10- No.5-p.519-534.
13. Dreiser T. Sister Carrie / Th. Dreiser. - M.: Bantam Classics, 2007. p. 56.

ЗАМИНАҲОИ ТАВАҶҶУҲИ НАЗАР БА ҲИССАЧА ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур ақидаи забоншиносон оид ба ҳиссача дар забони англисӣ оварда шудааст. Қобили қайд аст, ки муайян намудани мафҳуми ҳиссача душвор аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссачаҳо дар ҷумла вазифаи мустақили синтаксисиро иҷро намекунанд, танҳо барои пурқувват намудан, тақвият додани калима, ибора ё ҷумла хизмат менамоянд. Инчунин ҳиссачаҳо ҳиссаи номустақили нутқ маҳсуб ёфта, вазифаи онҳо аз аниқ намудани маънои ҳамон аъзои ҷумлае, ки ба он тааллуқ доранд иборат буда, дар вазъияти дигар бошад, барои умуман тағйир додани маънои гуфтор истифода мегарданд. Вазифаи муоширатии ҳиссачаҳо вазифаи асосии онҳо маҳсуб ёфта, ба мазмуни гуфтор додани иттилооти муҳим мебошад. Аксари пажӯҳишҳо мураккаб ва гуногуншакл будани семантикаи ҳиссачаҳоро дар гуфтор исбот намуда, онҳо ба яке аз аъзоҳои ҷумла бахшидани муносибати эмотсионалиро зоҳир мекунад.

Калидвожаҳо: ҳиссачаҳо, ҳиссачаҳои маҳдудкунанда, ҳиссаи номустақили нутқ, калимаҳои ёридиҳанда, муносибати субъективӣ, муносибати эмотсионалӣ, вазифаи синтаксисӣ.

ВОПРОСЫ ТЕОРИИ ЧАСТИЦ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье представлено мнение лингвистов о частицах в английском языке. Стоит отметить, что дать определение понятию частицы сложно. Анализ показывает, что частицы в предложении не выполняют самостоятельной синтаксической функции, они служат лишь для усиления следующего слова, словосочетания или предложения. Также причастия считаются служебными частями речи, и их функция заключается в определении значения той же части предложения, к которой они относятся, а в других ситуациях они используются для изменения значения речи. Коммуникативная функция частиц – их основная функция, заключающаяся в передаче важной информации по содержанию речи. Большинство исследований доказывают сложную и разнообразную семантику частиц, а также показывают эмоциональное отношение к одному из членов предложения.

Ключевые слова: частицы, предельные частицы, служебные части речи, вспомогательные слова, субъективное отношение, эмоциональное отношение, синтаксическая функция.

THE PROBLEMS OF THE THEORY OF PARTICLES IN ENGLISH

This article presents the views of linguists on particles in English language. It is worth to note that it is difficult to define the concept of a particles in linguistics. Analyses show that particles do not perform an independent syntactic function in a sentence, they only serve to strengthen, reinforce the following word, phrase or clause. Particles are also considered auxiliary parts of speech, their function is to clarify the meaning of the member of sentence to which they belong, and in other situations, they are used to generally change the meaning of the utterance. The communicative function of particles is their main function, which is to provide important information to the content of the speech. Most studies have proven the complexity and diversity of the semantics of particles in speech, indicating that they convey an emotional attitude towards one of the members of a sentence.

Keywords: particles, restrictive particles, parts of speech, auxiliary words, subjective attitude, emotional attitude, syntactic function.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Равзалиев Аслиддин Шобидинович*** – унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992927556266. **E-mail:** ravzalievasliddin2@gmail.com

Сведения об авторе: ***Равзалиев Аслиддин Шобидинович*** – соискатель кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992927556266. **E-mail:** ravzalievasliddin2@gmail.com

Information about the author: ***Ravzaliev Asliddin Shobidinovich*** – Applicant of the Department of Translation and English Grammar, Faculty of Foreign languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992927556266. **E-mail:** ravzalievasliddin2@gmail.com

ТАҲЛИЛИ КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ АМНИЯТӢ ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА БО ПЕШВАНД ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Илёсова Ф.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳот ва истилоҳгузинӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва доманадори илми забонишиносӣ буда, дар забоншиносии тоҷик таърихи куҳан дорад. Бидуни он ки то замони Шӯравӣ истилоҳот ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ мавриди пажӯҳиши донишмандон напазируфта бошад ҳам, авалин ишораҳо дар осори ниёгон, фарҳангҳо ва луғатҳои тафсирӣ ба назар мерасанд. Агар ба ин ё он фарҳанг ҳангоми таҳлили вожаҳо нигарем, ба кадом соҳа мансубият доштани истилоҳот таъкид гардидааст.

Яке аз маъмултарин ва маҳсултарин навъҳои истилоҳсозӣ, номи «афиксиалӣ-вандӣ» мебошад. Дар ин навъи вожасозӣ ду унсури аслии вожасоз, яке пешванд ва дигаре пасванд иштирок менамояд, ки дар зер бо номҳои пасвандҳо ва пешвандҳои вожасоз ёд мешаванд.

Н.Н. Амосова чунин навъҳои калимасозиро чудо кардааст: калимасозии аффиксӣ (деривация), калимбандӣ, конверсия (калимасозӣ бо роҳи дигар кардани парадигмаи калима), ихтисори калимаҳо (аббревиатсия), аблаут (иваз кардани садонокҳо дар таркиби як морфема, ки бисёр вақт ба сифати флексияи дохили баромад мекунад [1, 21]

Пеш аз ҳама, бояд ишора намуд, ки дар ҳарду забонҳои муқоисашаванда теъдоди пешвандҳое, ки дар сохтани истилоҳоти амниятӣ корбурд мешаванд, баробар нестанд.

Агар дар забони англисӣ шумораи пешвандҳои истилоҳсоз дар соҳаи мазкур зиёд бошанд, пас дар забони тоҷикӣ адади онҳо нисбатан камтар аст.

Аффиксатсия ё худ усули вандӣ яке аз маҳсултарин қолибҳои вожасозӣ дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ маҳсуб ёфта, қисми бештари вожагони таркиби луғавии забонҳои ишорашуда маҳз ба воситаи он сохта мешаванд. Андар боби сермаҳсулии усули мазкур дар забоншиносӣ то ҳол ҳам ақидаву назарҳои мухталиф вуҷуд доранд. Бархе аз олимон онро усули сермаҳсул номанд, бархе дигаре бошанд ин ақидаро инкор намуда, усули мазкурро дар қатори усулҳои сарфиву наҳвӣ ва наҳвиву саҳфӣ мегузоранд.

Муҳаққиқи П.М. Карашук дар китоби худ «Словообразование английского языка» “вазифаи асосии калимасозиро дар омӯзиши расмӣ, семантикӣ ва дигар қонуниятҳои сохтани воҳидҳои нави луғавӣ, инчунин раванди рушди забон пайдошаванда мепиндорад. Мавриди қайд аст, ки хусусиятҳои номбаршуда ба забонҳои зиёди ҳиндуаврупоӣ хос буда, аз ин ваҷҳ онҳоро бо калимаҳои забони тоҷикӣ ҳам нисбат додан мумкин аст. Ба хусус, калимаҳое, ки асрҳои аср дар забонамон вуҷуд доранд, ҳамаи он нишонаҳои зикршударо дошта метавонанд” [3, 21] .

Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, калимаҳои қадимаву аслан тоҷикии захираи асосии луғавӣ, ки аз рӯйи сохт на фақат содда ва ё рехта, ҳамчунин сохта ва мураккабанд, дохил мешаванд.

В.В. Виноградов таъкид мекунад, ки «калима ҳамчун маҷмуи низоми шаклҳо ва маъноҳо меҳвари робитаҳо ва муносибатҳои дараҷаҳои грамматикии забон аст» [2, 18] .

Пасванд яке аз муҳимтарин унсурҳои вожасоз мебошад, ки дар сохтани ин ё он ҳиссаи нутқ ва ё калимаи нав хизмат мерасонад**.**

Пешванди зиддӣ. Яке аз пешвандҳое, ки дар забони тоҷикӣ барои сохтани истилоҳоти ифодакунандаи **"амният - security**” васоити ахбори омма дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хизмат мекунад, пешванди **зид** мебошад. Пешванди **зид** аз шумори пешвандҳои сифатсоз буда, он одатан аз як истилоҳ истилоҳи дигарро ба вуҷуд меорад. Пешванди мазкур дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ба маънои **муқобил, мухолиф, хилоф, акс** омадааст [7, 519].

Ин пешванд дар сохтани якчанд истилоҳоти соҳаи амният хизмат намудааст: **зиддитеррористӣ -** anti terrorist (*амалиёти **зиддитеррористӣ** барои қатъ ва то ҳадди камтарин расонидани оқибатҳои амалҳои террористӣ гузаронида мешавад, агар пешгирии онҳо бо қувва ва усулҳои дигар имконнопазир бошад*) [19] **зиддиразведкавӣ – counterintelligence** (*фаъолияти **зиддиразведкавӣ** ин фаъолияти мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ барои огоҳонидан, ошкор намудан ва пешгирии фаъолияти разведкавӣ, тахрибкорӣ ва дигар фаъолияти душманонаи хадамоти махсус ва ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ, инчунин шахсони алоҳида мебошад, ки барои расонидани зарар ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда* шудаанд) [19] **зиддиахлоқӣ** – immoral, **зиддидавлатӣ** - anti-government, **зиддидемократӣ** - anti-democratic, **зиддидинӣ** - anti-religious, **зиддиконститутсионӣ** - anti-constitutional, **зиддиқонунӣ** – illegal, **зиддимиллӣ** - anti-national, **зиддинажодпарастӣ** - anti-racist, **зиддисанитарӣ** – unsanitary, з**иддисӯхтор** - fireproof or fire-resistant, **зиддитанкӣ** - anti-tank, **зиддитаърихӣ** - anti-historical, **зиддихалқӣ** - anti-people or anti-popular**, зиддиҳизбӣ** - anti-party, **зиддиҳукуматӣ** - anti-government (similar to зиддидавлатӣ), з**иддиҷамъиятӣ** - anti-social, **зиддиҷангӣ** - anti-war, **зиддиҷосусӣ** – counterespionage и т.д.

Дар забони англисӣ: **antiwar –** зиддиҷангӣ, **antiterroristic –** зиддитеррористӣ, **anti-fascist –** зиддифашистӣ**, antimissile –** зиддиракетавӣ, **anti-nuclear –** зиддиҳастаӣ, **antistate –** зиддидавлатӣ, **antilaw -** зиддиқонунӣ [19].

Пеш аз ҳама, пешванди **anti** ва муродифи он **counter**-ро метавон ном бурд. Пешвандҳои мазкур дар “Фарҳанги Кембриҷ” ба маънои “opposed to or against a particular thing or person” (муқобил ё зидди ягон чиз ё шахси мушаххас) омадаанд [23].

Ин пешвандҳо дар ташкили истилоҳоти ифодакунандаи **"амният - security**" васоити ахбори омма дар забони англисӣ зиёд истифода мешавад ва аксаран ҳарду ба як маъно истифода мешаванд: **anti-terrorism** - anti-terrorism legislation are laws aimed at fighting terrorism (*қонунгузории зиддитеррористӣ қонунҳое мебошанд, ки ба мубориза бо терроризм нигаронида шудаанд*) [23], **counter-terrorism-** Counterterrorism (counter-terrorism), also known as anti-terrorism, relates to the practices, military tactics, techniques, and strategies that governments, law enforcement, businesses, and intelligence agencies use to combat or eliminate terrorism (*Мубориза бар зидди терроризм, ки бо номи зиддитерроризм низ маълум аст, ба тағрибаҳо, тактикаи ҳарбӣ, усулҳо ва стратегияҳое дахл дорад, ки ҳукуматҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, корхонаҳо ва агентиҳои иктишофӣ барои мубориза ё нест кардани терроризм истифода мебаранд*) [18] **anti-terrorist:** Anti-terrorist operations - a set of organized special operational-search, operationalcombat, administrative-legal and other measures aimed at preventing terrorist acts, ensuring the safety of individuals and legal entities, neutralizing terrorists, and minimizing the consequences of terrorist acts (*Амалиёти зиддитеррористӣ – маҷмуи чорабиниҳои муташаккилонаи махсуси оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, оперативӣ-ҷангӣ, маъмурию ҳуқуқӣ ва дигар чораҳое, ки баҳри пешгирии амали террористӣ, таъмини амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, безарар гардонидани террористон, инчунин, то ҳадди камтарин расонидани оқибатҳои амали террористӣ равона шудаанд*) [18], **counterintelligence:** Counterintelligence (counter-intelligence) or counterespionage (counter-espionage) is any activity aimed at protecting an agency's intelligence program from an opposition's intelligence service (*Контрразведка (зиддиктишоф) ё зиддиҷосусӣ ҳама гуна фаъолиятест, ки ба ҳифзи барномаи иктишофии идора аз хадамоти иктишофии мухолифин нигаронида шудааст*) [18]. **anti-inflationary** - зидциинфлясионӣ, **anti-tank weapons** - аслихаи зиддиганкӣ, antistate **зиддидавлатӣ, anti-constitutional- зиддиконститутсионӣ, illegal – зиддиқонунӣ**, **untigovernmental** – зиддиҳукуматӣ **зиддиҷосусӣ** – counter-intelligence и т.д.

Сифати мураккаби **зиддитеррористӣ** солҳои охир расонаӣ гардидааст ва он ба маъноҳои:**"мухолиф, муқобил, хилоф/ - и террористӣ"** [12, 519] ташреҳ ёфтааст. Истилоҳи мазкур дар забони англисӣ бо истилоҳи **"Antiterrorist"** дар шакли **"зиддитеррористӣ"** [6, 65] тарҷума шудааст, ки ҳаммаъност. Истилоҳи зиддитеррористӣ аз ду вожа ва пасванди –й: зидди+террорист+ӣ таркиб ёфта, серистеъмол аст.

Пешванди дигаре, ки дар забони тоҷикӣ барои сохтани истилоҳоти ифодакунандаи **"амният - security**" васоити ахбори омма дар забони тоҷикӣ истифода мешавад, пешванди **«бе-»** мебошад. Пешванди «бе-» дар забони тоҷикӣ барои сохтани истилоҳот ва вожаҳое истифода мешавад, ки аксаран маънои набудани предметро нишон медиҳанд.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ишора шудааст, ки ин пешванд инкорӣ буда, бо исмҳо ва феълҳо омада, ҳам сифат ва ҳам зарф месозад [12, 161].

Ин пешванд дар сохтани истилоҳоти ифодакунандаи **"амният - security**" васоити ахбори омма дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фаъол аст. Мисол:**бехатарӣ** – safety, **беадолатӣ** – injustice, **беадолатӣ** - injustice ,**беваҳм** - without suspicion, **бевақҳ** - without fear, **бевиқор** - without thought, **бевиҷдон** - without conscience, **беғурбат** - without separation, **бечанҷол** - without confusion, **бедавлатӣ** – statelessness, **бедодгарӣ** – injustice, **беимдодӣ** - without help, **беилтифотӣ** - without attention, **беихтилофӣ** - without disagreement, **бекинагӣ** - without hypocrisy, **бекудурат** - without effort, **бедушманӣ** - without enmity, **беадоват** - without hostility, **беқадрӣ** - without value, **беқобилиятӣ** - without ability, **беқонунӣ** - illegality , **бемайлон** - without desire, **бемантиқӣ** – illogical, **бемулоҳиза** - without consideration, **беназоратӣ** - without supervision, **бенизомӣ** – disorder, **бепаноҳӣ** - without shelter , **бесадо** – silent, **берунмарзӣ** – extraterritoriality, **бемуваффақият** - unsuccessfulness , **бесиёсатӣ** – apolitical, **бесилоҳ** – unarmed, **бехавфӣ** – fearless, **беҳокимиятӣ** - without authority, **беэҳтиётӣ** - without caution, **беэътимодӣ** – distrust, **бесуботӣ- carelessness"** or **"negligence** (*муҳимияти ҳар чи зудтар дар ин кишвар барқарор намудани сулҳ ва пешгирии паҳншавии **бесуботӣ** ба минтақаҳои ҳамҷавор таъкид гашт*) ва ғайраҳо мебошад [12, 201].

Пешванди **ғайри -** (не, вне) образует также большое количество лексических единиц. Например, **ғайридавлатӣ -** non-governmental, **ғайридинӣ -** non-religious**, ғайрииқтисодӣ -** non-economic**, ғайриинсонӣ –** inhuman, **ғайриқонунӣ –** illegal**, ғайримақдур / ғайримантиқӣ -** illogical **ғайримарказӣ –** decentralized, **ғайримуқаррарӣ –** irregular**, ғайримустақим** – indirect**, ғайримуташаккил -** unorganized **,ғайримӯътабар** – unacceptable**, ғайринавбатӣ - out of turn, ғайринизомӣ –** disorderly**, ғайринофиз / ғайрирасмӣ –** unofficial, **ғайритиҷоратӣ -** non-commercial**, ғайриҳизбӣ -** non-partisan**, ғайриҳукуматӣ -** non-governmental [19].

Пешванди дигари истилоҳотсоз дар забони англисӣ **trans** мебошад. Пешванди мазкур дар "Фарҳанги Кембриҷ" ба маънои "across" (дар саросари, берун аз) омадааст ва дар забони тоҷикӣ муодили он вожаи "фаро" (транс) мебошад [23].

Ин пешванд низ дар сохтани истилоҳоти соҳаи амният самаранок истифода мегардад: **transnational:** Transnational crime thrives in West Africa due to several factors. Some of the major factors are: weak state capacity and capabilities, weak democratic culture and institutions, underdeveloped economy and others (*Ҷиноятқориҳои фаромиллӣ дар Африқои Ғарбӣ бо таъсири якчанд омилҳо афзоиш меёбад. Баъзе аз омилҳои асосӣ инҳоянд: иқтидор ва имкониятҳои сусти давлат, фарҳанг ва институтҳои демократии заиф, иқтисодиёти сусттараққикарда ва ғайра*) [12, 7] **tranceiver** амер. (кутоҳ, аз transmitter-receiver) гиранда ва фиристанда (радиё ваг.), **transgression** тачовуз, гуноҳ; 2) вайронкунӣ (қонун ва г.). **transgressor** конунвайронкун, гуноҳкор, **transmigration** –таносух, **transmission** -интиқол, убур, ирсол; сироят, вогирӣ; **radio transmission** - пахшкунии аз тариқи радио, **transmit** - фиристодан, интикол додан, пахш кардан (радио ва г.) расондан, **transmittal** –интиколдихӣ, **transmitter** -интиқолдиҳанда (дар радиё), **transmogrify** -комилан дигаргун кардан, аҷоиб ва ғароиб кардан, **transmutation** - табдилдиҳӣ, тағйири шакл, дигаргунӣ ва ғайра [24].

Пешванди **inter: interlace -сканкунии байнисоҳавӣ, interleaf – прокладочный лист – варақи лағжанда, interline – вписывать между строк – интерлайн, interlineary – подстрочный перевод – тарҷумаи байнисоҳавӣ, interlineation – вставка между строк – фосилавӣ, interlocutor –ҳамсӯҳбат** – мусоҳиб дар Интернет ва ё сӯҳбат, **interlude – интерлюдия** - интермедия (намоиши хурд дар байни актҳои намоиш намоиш дода мешавад)**, intermediary – журналист** (намояндаи васоити ахбори омма, ки шоҳиди воқеаи муайян аст: хабарнигор, фотожурналист, журналисти телевизион, видео журналист) **internationalization –ҳамгиройӣ, internet –интернет** алоқаи умумиҷаҳонии компютерӣ, воситаи умумии иттилоотӣ, ки истеъмолгарони муассисаҳои гуногун, корхонаҳо, ташкилотҳо ва ҳамчун шахсони алоҳидаро новобаста ба миллат, кор ва ё дигар мансубият ба ҳам мепайванданд. Алоқаи умумӣ байни компютер ва хазинаи маълумот, **internment –интернатура, interpolate – интерполятсия кардан, interpolation – интерполяция – воридкунӣ** – аз ҷониби ҳуруфчин, муҳаррир ба матни асар даровардани калима, ибора ё порчаҳое, ки дар нусхаи асли асар набуданд, **interpretation** – (*лот.* interpretation) **интерпретация** – **маънидод** – шарҳ, эзоҳ, маънидод, тасвир; ошкор намудани маънои ин ё он чиз. Шарҳи моҳияти матн, калимаву ибора ва амсоли ин, **interrogation –допрос – пурсиш** – усули ҷамъоварии ахбору маълумоти ибтидоӣ, ки тавассути бо савол мурочиат кардан ба гурӯҳ ё ашхоси алоҳида сурат мегирад. Объекти пурсишро на сарчашмаи муайян, балки тамоми инсонҳо, ки ба матлаб иртибот доранд, ташкил медиҳанд.**, intershum** – **интершум** – звуковая дорожка, соответствующая происходящему на видео и сопровождающая закадровый текст. К примеру, для плана Москвы-реки интершумом будет звук воды и шум дороги рядом с рекой – **интершум** суруд аудиоӣ, ки ба он чӣ дар видео рӯй дода истодааст ва матни овоздиҳиро ҳамроҳӣ мекунад. Масалан, барои нақшаи дарёи Маскав чорроҳа садои об ва садои роҳи назди дарё хоҳад буд, **interspace – ихроҷ холӣ шудан, interview –** мусоҳиба – 1) гуфтугӯи бонизом, бонақша ва ботартиби журналист бо ин ё он нафар ба мақсади гирифтани иттилоот; 2) жанри ахбории журналистика – сӯҳбати журналист бо шахси барӯманди ҷомеа дар атрофии масъалаи муайян, ки пахшаш дар ВАО пешбинӣ шудааст. **Interviewer -** мусоҳибакунанда – мухбире,

ки мусоҳиба мегирад. Мусоҳибагиранда бояд мавзӯи гуфтугӯро хуб донад. Дар акси ҳол сӯҳбат қир намегирад.

Пешванди **im -.** Шумораи зиёди калимаҳо бо истифодаи ин пешванд ҳосил мешаванд, масалан, беадабона - **immodest, impressive-** таъсирбахш**, impropriety -** бемуносибатӣ**, imprint –** чоп кардан ва ғ.

Пешванди **im il-, im-, in- и ir-** мӯътабар - **influential**, воқифкунанда – **informant,** ноандешида – **incivility,** мудохила, (дахолат) кардан - **interfere** [6, 764].

Пешванди **-dis** шароити вазнин - **disadvantage**, нобоварӣ **- disbelief**, бетартибӣ **- disorder**, беҳурматӣ **– disrespect** и т.д. [6, 70].

Пешванди **re-** раддия **- rebuff** [6, 169] **reiterate** - такрор - **reiteration** –изҳор, назар кардан **- remark**. [6, 169] посух - **response responsibility** - ҷавобгирӣ, масъулият, боэҳтиром **- respectable** - [6, 169] ва ғайра.

Ҳамин тавр, таҳлили калимасозии истилоҳоти ифодакунандаи **"амният -safety**" васоити ахбори омма бо пешвандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки истифодаи пешвандҳо дар сохтани истилоҳоти амниятӣ барои ифодаи мафҳумҳои амният истифода шуда, ҳамчун воситаи нав барои ташкили маъноҳои нав ва ифодаи мафҳумҳои мураккаби амниятӣ хизмат мекунанд, ки ин такомули луғатҳои махсус дар ин соҳа мусоидат менамояд.

Ҳар як пешванд, аз як тараф, маънои асосии калимаро тағйир дода, аз тарафи дигар, ба он маъноҳои нав ва мураккабро илова мекунад, ки ин барои таҳия ва истифодаи истилоҳоти дақиқ ва мувофиқ бо талаботҳои муосир зарур аст. Бо ин роҳ, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд ҳамчун воситаҳои забонӣ дар соҳаи амният хизмат кунанд ва боиси васеъ кардани доираи истилоҳот дар забонҳо ва фарҳангҳо шаванд.

АДАБИЁТ

1. Амосова Н. Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка / Н. Н. Амосова. — М. : Изд-во лит. на иностр. яз., 1956. — 218 с. — (Библиотека филолога).
2. Виноградов В.В. Грамматика русского языка. – М.:1975. – 155с.
3. Каращук П.М. Словообразование английского языка. – Москва: Высшая школа, 1997 – 314 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2008.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», 2021.
6. Мюллер В.К. Большой англо-русский словарь. Изд-е 6-е. – Москва: Цитадель-трейд; Вече; Лада, 2007. – 832с.
7. Назарзода С. Таджикская общественно-политическая терминология: История, направления, перспективы: автореф. дис. ... дра. филол. наук: 10.02.22 / Сайфидин Назарзода. – Душанбе, 2004. – 39с.
8. Нуров П. Забони илмии тоҷикӣ (таърихи ташаккул, хусусиятҳои умумӣ, луғавӣ, морфологӣ ва истилоҳотӣ). – Душанбе:Дониш, 2022. – 113с.
9. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка. М.: Изд-во МГУ, 1973. – 199 с.
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии форсии миёна. – Душанбе, 2003. - 310 с.
11. Султон М.Ҳ. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ. -Душанбе. 2003.– 164 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷилди 1. - Душанбе, 2008. – 950с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷилди 2. - Душанбе, 2008. – 1091с.
14. Ҳасани Султон, Усулномаи истилоҳнигории тоҷикӣ, Маҷаллаи академии илмию оммавӣ "Илм ва Ҷомеа"-№4 (12), 2018.
15. Antrushina G.B., Afanasyeva O.V. English lexicology. –Moscow. 1985. – 222 p.
16. Organized and transnational crime in West Africa. Etannibi E. O. Alemika, 2022.

17. Stigall, Dan E.; Miller, Chris; Donnatucci, Lauren (October 7, 2019). "The 2018 National Strategy for Counterterrorism: A Synoptic Overview". American University National Security Law Brief.

Манбаъ

18. https://khovar.tj/ [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 26.07.2024).
19. https://www.oxfordlearnersdictionaries.com/ [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 26.07.2024).
20. https://ru.wikipedia.org/ [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 26.07.2024).
21. https://www.gov.uk/ [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 26.07.2024).
22. http://tsulbp.tj/ [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 26.07.2024).

Фарҳангҳои электронӣ

23. Фарҳанги Кембриҷ (https://dictionary.cambridge.org/)
24. Фарҳанги Коллинз (https://www.collinsdictionary.com/)
25. Фарҳанги Мэриэм-Вебстер (https://www.merriam-webster.com/)

КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲОТИ АМНИЯТӢ ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА БО ПЕШВАНД ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақола саҳми калимасозии истилоҳоти амниятиро дар васоити ахбори омма бо пешванд дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Нахуст доир ба мавқеъ ва нақши истилоҳоти соҳаи амният дар забонҳои муқоисашаванда ибрози андеша намуда, ишора мекунад, ки бо инкишофи илму техника ва вусъат ёфтани мносибатҳо миёни давлатҳои дунё, мунтазам теъдоди истилоҳоти ин соҳа афзоиш меёбад. Сипас, оид ба мафҳумҳои истилоҳ ва истилоҳнигорӣ сухан ронда, саҳм ва вазифаи истилоҳотро дар раванди рушду такомули забон баён менамояд. Дар идома муаллиф дар бораи калимасозии истилоҳоти амниятӣ бо пешванд андешаҳои худро иброз намуда, таъкид мекунад, ки ин равиш ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ аз муҳимтарин ва фаъолтарин усулҳои истилоҳсозӣ ба шумор меравад. Теъдоди зиёди истилоҳоти амниятӣ бо ҳамин усул сохта шудаанд. Ӯ ҳамчунин ишора мекунад, ки корбурди васеъ аз усули болозикр дар ҳарду забон, нишонаи самаранокии баланди он аст. Дар охир муаллиф якчанд пешванд, ки дар ҷараёни эҷоди истилоҳоти соҳаи амният иштирок мекунанд, шарҳ дода, бо овардани мисолҳо фикри худро тақвият мебахшад. Пажӯҳиши мазкур бо истифода аз маводи маъхазҳои мухталиф ва андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мавзуи баррасишаванда анҷом дода шудааст.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳоти амниятӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, забоншиносӣ, таҳлили муқоисавӣ, истилоҳнигорӣ, усулҳои истилоҳсозӣ, истилоҳнигории сарфӣ, вандафзоӣ, пешванд.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ТЕРМИНОВ БЕЗОПАСНОСТИ В СМИ С ПРЕФИКСАМИ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье автор рассматривает роль словообразования терминов безопасности в средствах массовой информации с префиксами в таджикского и английского языков. Сначала он высказывает свое мнение о положении и роли терминов в сфере безопасности на сопоставимых языках и указывает, что с развитием науки и техники и расширением связей между странами мира количество терминов в этой области постоянно увеличивается. Затем, говоря о понятиях термина и терминологии, он объясняет вклад и функцию терминов в процессе развития и совершенствования языка. Далее автор выражает свое мнение о словообразование терминов безопасности с префиксом и подчеркивает, что данный подход является одним из наиболее важных и активных методов терминообразований как в таджикском, так и в английском языках. Многие термины безопасности создаются таким образом. Он также указывает, что широкое использование вышеупомянутого метода на обоих языках является признаком его высокой эффективности. В конце автор поясняет несколько префиксов, которые участвуют в процессе создания терминов в сфере безопасности, и укрепляет свое мнение примерами. Данное исследование проведено с использованием материалов различных источников и мнений отечественных и зарубежных исследователей по рассматриваемой теме.

Ключевые слова: термин, терминология безопасности, таджикский язык, английский язык, языкознание, сопоставительный анализ, терминология, методы терминообразования, морфологический метод терминообразования, аффиксатсия, префикс.

WORD FORMATION OF SECURITY TERMS IN THE MEDIA WITH PREFIXES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In the article, the author examines the role of word formation of security terms in the media with prefixes in Tajik and English. First, he expresses his opinion on the position and role of security terms in comparable languages and points out that with the development of science and technology and the expansion of ties between countries of the world, the number of terms in this area is constantly increasing. Then, speaking about the concepts of term and terminology, he explains the contribution and function of terms in the process of language development and improvement. The author then expresses his opinion on the word formation of security terms with a prefix and emphasizes that this approach is one of the most important and active methods of term formation in both Tajik and English. Many security terms are created in this way. He also points out that the widespread use of the above-

mentioned method in both languages is a sign of its high efficiency. In the end, the author explains several prefixes that participate in the process of creating security terms and reinforces his opinion with examples. This study was conducted using materials from various sources and opinions of domestic and foreign researchers on the topic under consideration.

Keywords: term, security terminology, Tajik language, English language, linguistics, comparative analysis, terminology, methods of term formation, morphological method of term formation, affixation, prefix.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Илёсова Фарангис Туйчиевна*** – унвончӯи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: хиёбони Рӯдакӣ, 12, ш. Душанбе, 734025.Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Телефон:** (+992) 918264249. **E-mail:** farangis.jon@mail.ru

Сведения об авторе: ***Илёсова Фарангис Туйчиевна*** – соискатель кафедры иностранных языков факультета журналистики Таджикского национального университета. **Адрес:** пр. Рудак, 12, г. Душанбе, 734025. Республика Таджикистан. **Телефон:** (+992) 918264249. **E-mail:** farangis.jon@mail.ru

Information about the auther: ***Ilyosova Farangis Tuychievna*** – competitor of the department of foreign languages, faculty of journalism, Tajik National University. **Address:** 12 Prospect Rudak, I2, Dushanbe, 734025. Republic of Tajikistan. **Phone:** (+992) 918264249. **E-mail:** farangis.jon@mail.ru

МАКТАБИ ЗАБОНШИНОСИИ БАСРА ВА АВВАЛИН НАМОЯНДАГОНИ ОН

Ханҷаров Б.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихи мактабҳои забоншиносии араб аслан аз асрҳои VI-VIII мелодӣ шуруъ гардида, марҳалаҳои гуногуни инкишофро паси сар намудааст. Зимни пажуҳиши падидаҳои гуногуни забонӣ мактабҳои грамматикӣ зуҳур намуданд, ки муҳаққиқони ин соҳа онҳоро ба панҷ қисм тақсим менамоянд: мактаби грамматикии Басра, Куфа, Бағдод, Андалус ва Миср, ки яке паси дигар таъсис ёфта, забоншиносони гуногунро гирд меоранд. Дигар шудани пойтахти хилофати исломӣ ва маркази илму фарҳанг шинохта шудани шаҳрҳои ҷудогона ба пайдоиши мактабҳои номбурда замина фароҳам овард. Афкори забоншиносии намояндагони ин мактабҳо аслан аз як чашма об мехӯрд ва яке дигариро мукаммал менамуд. Дар баробари ин миёни онҳо ихтилофи назар низ вуҷуд дошт.

Таҳқиқи муҳимтарин мухтассоти мактабҳои наҳвии Басраю Куфа, омӯзиши осори намояндагони онҳо, пажуҳиши масъалаҳои ихтилофии миёни ин ду мактаб барои шинохти на танҳо забоншиносии араб, балки барои дарки таъсири мутақобили забонҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ низ арзишманд маҳсуб мешавад. Қобили тазаккур аст, ки нақши донишмандони форсу тоҷик дар ташаккулу таҳаввули илми забоншиносии араб ниҳоят калон буда, мисоли он асосгузори наҳви арабӣ Сибавайҳ мебошад, ки бо навиштани “Ал-Китоб”-и худ барои рушду нумуи минбаъдаи сарфу наҳви арабӣ нақши бориз гузоштааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқи мактабҳои Басраю Куфа, ки на танҳо забоншиносии арабро асос гузоштанд, балки заминагузори зуҳуру ташаккули мактабҳои дигари забоншиносӣ гардиданд, ҷиҳати муаррифии осори гузаштагонамон низ бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки бархе аз муҳаққиқони аврупоӣ, аслан, ба вуҷуди мактабҳои наҳвии мустақил муътақид нестанд ва онро рад мекунанд, барои мисол: "Мутолиаҳои наҳвӣ мухталит буда, наҳвиёни Куфа аз наҳвиёни Басра мутаассир шудаанд ва ҳамаи наҳвиён аз як сарчашма оғоз мегиранд, ки он ҳам Басра аст" [5, 26]. Ин мусташриқ иллати ихтилофи Куфаро аз Басра таъсири басриҳо дар куфиҳо медонад. Бавижа, таъсири Кисоӣ ва Фарроъ аз Юнус ибни Ҳабиби Басрӣ, ки қиёс ва назарияи хоссе бар хилофи Халил ва Сибавайҳ дошт, яъне агар ин ақидаро мизон кашем, пас қисме аз мусташриқон ба мавҷудияти мактаби Куфа ва дигар мактабҳо шубҳа доранд.

Илми наҳв аз замони зуҳури дини ислом ва бавижа баъд аз ворид шудани қавмҳои ғайриараб ба ҷаҳони ислом мавриди таваҷҷуҳи олимони он замон қарор гирифт, зеро барои дарк ва фаҳми саҳеҳи Қуръон ниёзи бисёр муҳим пайдо шуд.

Дар таърифи илми наҳв бояд ба таври мухтасар ва муфид ин нуктаро баён кард, ки илми наҳв илмест, ки аз аҳвол ва ҳолатҳои охири калимаҳо аз ҷиҳати эъроб ва бино - далели рафъ, насб, ҷар ва ҷазм баҳс мекунад. Ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки ҳарчанд

ҳадафи аввалия ва аслии илми наҳв ҳифзи Қуръон аз иштибоҳоти талаффузӣ ва гӯйишҳои гуногуни ақвоми араб дар равонхонӣ ва саҳеҳ талаффуз кардан буд, аммо бо гузашти замон ниёзҳои дигаре ба ин илм пайдо шуд, ки аз ҷумлаи он баррасии қонун ва қавоиди сохтори таркибии забони арабӣ маҳсуб мешавад. Омили дигари шаклгирии илми наҳв омили ғайридинист, ки ҳадаф аз он ҳифзи забони арабӣ аз иқтибосоти бемаврид аст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки миллатҳои ба ислом гаравида барои фаро гирифтани забони арабӣ ба қоидаҳои наҳвӣ эҳтиёҷи ҷиддӣ доштанд. Табиист, ки ҳар забон барои ҳифзи асолат ва бақои хеш дар тули замонҳои мухталиф ба қоида ва чаҳорчӯбаи муайян ниёз дорад, ки онро посдорӣ намояд.

Илми забоншиносии араб аввалин бор баъд аз он ки Абуласвад ад-Дуалӣ ба ҳаракот асос гузошт, дар Басра шакл гирифт. Баъд аз барқароршавии шаҳри Басра дар соли 636 мелодӣ мактаби дастурии Басра вусъат меёфт. Як зумра олимони забоншиноси араб дастпарвардаи ин мактаб мебошанд. Асосан, гаҳвораи илми грамматикаи араб ҳамин мактаб ба ҳисоб меравад. Олимон бар он ақидаанд, ки шароити иқтисодиву маънавӣ ва ҷуғрофии Басра мусоидат намуд, ки он замонҳо маркази асосии илму маърифат гардад. Дар ин шаҳр тамаддунҳои гуногун роиҷ буданд. Шаҳри Басра ба мактаби Гундишопури форсӣ, ки дар он тамаддунҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва форсӣ омӯхта мешуд, наздик буд [5, 21]. Мактаби мазкур мутарҷимони барҷастаеро дар худ тарбия менамуд. Албатта, ҳамаи ин сабаб шуданад, ки Басра ба маркази тамаддуну маърифат ва илму фарҳанг табдил ёбад.

Баъд аз пайдоиши ин мактаб дар шаҳри Куфа низ чунин мактаби забоншиносӣ арзи ҳастӣ менамояд. Миёни намояндагони ин мактабҳо дар масоили гуногуни наҳвӣ ихтилофҳо вуҷуд дошт. Баъдтар, дар шаҳри Бағдод, Андалус ва Миср чунин мактабҳои грамматикӣ ташкил ёфтанд, ки асосан давомдиҳандаи ақоиди мактабҳои пешин ба ҳисоб мераванд. Олимони баъдии ин соҳа кӯшиданд, то ихтилофҳои ҷойдоштаро андаке ҳам бошад, аз байн бибаранд ва аз ақидаҳои намояндагони ҳарду мактаб баробар истифода баранд. Ба тарзи дигар гӯем, онҳо ният доштанд, ки миёни ин мактабҳо созише ба вуҷуд биёранд [5, 22].

Аввалин наҳвиёни мактаби Басра Ибни Абуисҳоқ, Исо ибни Умар, Абуамр ибн Ал-Ало, Юнус ибн Ҳабиб ба шумор мераванд.

Ибни Абуисҳоқ. Ибни Абуисҳоқ ал-Ҳазрамӣ аввалин уламои наҳвии шаҳри Басра ҳисобида мешавад. Муаррихон Исо ибни Умар, Амр ибн Ал-Ало ва Юнус ибн Ҳабибро аз шогирдони пешқадами ӯ медонанд. Сибавайҳ низ ба сафи шогирдони ӯ дохил мешавад. Ба ҳамин хотир метавон ӯро аз доираи забоншиносони ҳақиқӣ (наҳвиёни ҳақиқӣ) хориҷ кард. Тақдири Ахфаши Акбар низ, ки устоди Юнус ибни Ҳабиб ва Сибавайҳ дониста шудааст, ба ҳамин минвол аст [5, 23].

Абдулло ибни Абуисҳоқ (117/736) аз Оли Ҳазрамиён буда, аввалин шахсест, ки қиёс ва таълилро дар грамматикаи арабӣ асос гузоштааст. Ҳангоми қироати ашъор шоири араб Фараздақро дар лаҳн ва анҷома (эъроб) аз қиёсу таълил истифода бурда, ислоҳ мекард. Ӯ рисолае дар бораи ҳарфи ҳамза (ء) нигоштааст, ки дар он оид ба ин ҳарф ҳангоми васлӣ ва қатъӣ омадани он бо дигар ҳуруф сухан меронад [5, 23].

Исо ибни Умар. Исо ибни Умар Ас-Сақафӣ аз аҳли Басра буда, аз авлоди сарлашкари араб ва саҳобаи паёмбар (с) Холид ибн Валид мебошад. Дар шаҳри Сақиф зиндагӣ намуда, тахаллуси Ас-Сақафиро гирифтааст. Ӯ яке аз шогирдони Ибни Абуисҳоқ ба шумор мерафт. Исо ибни Умар дар соҳаи грамматикаи араб ду асар: яке бо номи **اَلْجَامِع** ва дигаре бо номи **الإِكْمال**иншо намудааст. Мутаассифона, ин ду асар то замони мо омада нарасидааст. Мегӯянд, ки асари **اَلْجَامِع**-и Исо ибн Умар ба асари машҳури забоншиноси баъдии араб Сибавайҳ **اَلْكِتَاب** асос гузоштааст [5, 26]. Дар **اَلْجَامِع**-и Исо ибн Умар бори аввал дар бораи мафҳумҳои лаҳҷа ва мафҳумҳои ба қоидаҳои забони адабии арабӣ мухолиф сухан рондааст. Исо ибни Умар яке аз намояндагони қироати сабъа (ҳафт навъи қироати Қуръон) буд [4, 4]. Исо ибни Умар Ас-Сақафӣ соли 149-и ҳичрӣ мутобиқ ба 766-и мелодӣ вофот намудааст.

Абуамр ибн Ал-Ало. Аз рӯи баъзе ривоятҳо номи аслии ӯ Забон ибн Ал-Ало Ал-Мозинӣ Ат-Тамимӣ мебошад. Ӯ соли 70-и ҳичрӣ мутобиқ ба соли 690-и мелодӣ дар Макка

таваллуд шуда, дар Басра умр ба сар бурдааст. Абуамр ибн Ал-Ало дар назди Ибни Абуисҳоқ ва Исо ибни Умар таълим гирифтааст. Дар айёми хеш Абуамр ибн Ал-Ало дар масҷиде дар Басра ба омӯзонидани қироати Қуръон машғул буда, яке аз қуррои сабъа ба шумор мерафт. Дар ақидаҳои наҳвӣ ба устодонаш пайравӣ менамуд. Абуамр ибн Ал-Ало соли 154-и ҳиҷрӣ, яъне 772-и мелодӣ дар Басра вафот кардааст [5, 26].

Сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва таърихномаи забоншиносон дар хусуси ӯ маълумоти кофӣ наовардаанд. Инчунин, аз афкори забоншиносии ӯ низ маълумоти дақиқ ва фаровон ба мо омада нарасидааст. Аммо Ибни Ҳишом дар асари худ меорад, ки Абуамр калимаи мансуб дар ҷумлаи : **حبذا محمد رجلا** ба хотири тамйиз буданаш насб хондааст, на ба хотири ҳол буданаш. [2, 515].

Юнус ибни Ҳабиб. Ин донишманд аз Бани Забба буда, соли 94-и ҳиҷрӣ, яъне 713-и мелодӣ дар Басра таваллуд шудааст. Бар мабнои нигоштаҳои донишмандони асримиёнагӣ ӯ мри тулонӣ дида, соли 182/799 вафот кардааст. Юнус ибни Ҳабиб дар масъалаҳои наҳвӣ ба Абуамр ибн Ал-Ало пайравӣ менамуд. Мувофиқи ахбори манобеи асримиёнагӣ Юнус ибни Ҳабиб ба бодия рафта, миёни арабҳои бодиянишин зиндагӣ карда, ғалату носаҳеҳиҳои дастуриро дар такаллуми онҳо мушоҳида менамуд. Аз маҳфилҳои илмии ӯ Абуубайдаи Луғавӣ ва Сибавайҳ истифода бурдаанд. Лозим ба ёдоварист, ки Сибавайҳ ва Халил ибни Аҳмад дар якчанд масъалаҳои грамматикӣ бо Юнус ибни Ҳабиб ихтилофи назар доштанд. Юнус ибни Ҳабиб мегӯяд, ки сиғаи хурдӣ ва навозишии калимаи **قَبائِل** (*қабилаҳо*) **قُبَيِّل**мебошад. Ҳарфи «то»-и калимаҳои **بِنْتٌ**– (*духтар*) ва **أُخْتٌ**– (*хоҳар*) -ро «то»-и таънис (*аломати занонагии калима*) намедонад. Илова бар ин, Халил ибни Аҳмад дар навъи дувуми феъл ҳарфи аввали мушаддадро ҳарфи зоид медонист, Юнус бошад, ҳарфи аввали мушаддадшударо медонад [3, 1, 61].

Бо натиҷагирӣ аз мавзуи баҳси мазкур метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки мактаби забоншиносии Басра будёдгузори наҳви арабӣ ба шумор рафта, хидмати аввалин наҳвиёни ин мактаб, аз қабили Ибни Абуисҳоқ, Исо ибни Умар, Абуамр ибн Ал-Ало, Юнус ибн Ҳабиб дар ривоҷу густариши он саҳми бориз гузоштаанд. Омӯзиши намояндагони ин мактабҳо ва осори онҳо барои илми забоншиносии муосир хеле зарур буда, таъсиру нуфузи онҳоро ба ҷараёни минбаъдаи рушди наҳви арабӣ муайян менамояд.

АДАБИЁТ

1. Абулбаракот Ал-Анборӣ. Асрор-ул-арабийя. – Димашқ, 1377 ҳ.
2. Ибни Ҳишом. Муғнӣ ал-лабиб. – Димашқ, Дор-ул-фикр ал-арабийя, 1976.
3. Ибни Ҷиннӣ, Абулфатҳ. Ал-Хасоис. –Бейрут, 1964.
4. Исаева Ф.А. Ан-нусус-ул-арабийя. – Душанбе, 1969.
5. Шавқӣ, Зайф. Ал-мадорис-ун-наҳвийя. – Ал-Қоҳира, 2005.

МАКТАБИ ЗАБОНШИНОСИИ БАСРА ВА АВВАЛИН НАМОЯНДАГОНИ ОН

Дар мақолаи мазкур мактаби забоншиносии Басра ва аввалин намояндагони он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф заминаҳои зуҳуру ташаккули мактаби забоншиносии Басра, мухтассоти он ва аввалин намояндагони ин мактабро баррасӣ намуда, таъсири онҳоро ба рушди минбаъдаи забоншиносии араб таъйин кардааст.

Муаллиф чандин асарҳои донишмандони дигари дохилу хориҷро низ мавриди омӯзиш қарор дода, андешаҳои эшонро доир ба ин мавзуъ баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Абуамр ибн Ал-Ало, Исо ибни Умар, Юнус ибни Ҳабиб, Басра, Куфа.

БАСРИЙСКАЯ ШКОЛА ЯЗЫКОЗНАНИЯ И ЕЕ ПЕРВЫЕ ПРЕДСТАВИТЕЛИ

В этой статье рассматривается басрийская школа языкознания и ее первые представители. Автором рассмотрено предпосылки возникновения и формирования басрийской школы языкознания, ее основатели и первые представители. В связи с этим, определено их влияние на дальнейшее развитие арабского языкознания.

Автор статьи изучив множество исследований отечественных и зарубежных ученых относительно данной темы и представил их точку зрения по данной теме.

Ключевые слова: Абуамр ибн Ал-Ало, Исо ибн Умар, Юнус ибни Хабиб, Басра, Куфа.

THE BASRA SCHOOL OF LINGUISTICS AND ITS FIRST REPRESENTATIVES

This article examines the Basrian school of linguistics and its first representatives. The author examines the prerequisites for the emergence and formation of the Basrian school of linguistics, its founders and first representatives. In this regard, their influence on the further development of Arabic linguistics is determined.

The author has also studied several works by other scholars, both domestic and foreign, analyzing their perspectives on this topic.

Keywords: Abuamr ibn Al-Alo, Iso ibn Umar, Yunus ibn Habib, Basra, Kufa.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ханҷаров Бузургмеҳри Қузибой*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 907329669.

Информация об авторе: ***Ханджаров Бузургмехр Кузибай*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры арабской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон:** (+992) 907329669.

Information about the author: ***Khandzharov Buzurgmehr Kuzibay*** – Tajik National University, 2nd year master's student, Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 907329669.

ТАСНИФИ МАВЗУИИ МУАРРАБОТИ «КИТОБ-УЛ-АЙН»-И ХАЛИЛ ИБНИ АҲМАДИ ФАРОҲИДӢ

Кабиров Б.А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Забон ҳамеша дар ташаккулу таҳаввул аст ва вобаста ба ҳар давру замон калима ба дигаргунии лексикӣ, семантикӣ ва синтаксисӣ рӯ ба рӯ мешавад ва ба хотири ҷавобгӯ гаштан ба талаботи замон ба таркиби луғавии забон вожаҳои нав, бо усулҳои гуногун, аз қабили калимасозӣ ва ё иқтибосӣ илова мегарданд. Хусусан, калимасозӣ яке аз воситаҳои муҳимми дар забон пайдо шудани калимаҳои нав, яке аз муҳимтарин роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад [2, с. 32]. Ҳарчанд иқтибос кардани калима пас аз калимасозӣ дар бой кардани таркиби луғавии забон дар зинаи дувум қарор дошта бошад ҳам, дар рушду такомули забон ва эҷоди калимаҳои нав нақши муассир дорад. Масалан, аз решаи катаба (**كتب**)-и арабӣ калимаҳои зиёде, аз қабили китоб, мактаб, мактуб, мукотиба ва ғ. ба тоҷикӣ иқтибос шуда, дар навбати худ ҳар яке дар якҷоягӣ бо пасванду вожаҳои дигар чандин калимаи нав сохтаанд. Чунончи, бо калимаи китоб вожаҳои китобдон, китобдор, китобдӯст, китобхон, китобнавис, китобча, китобӣ, соҳибкитоб, ва ғ. сохта мешавад. Айни ҳаминро дар иқтибосоти тоҷикӣ ба арабӣ низ метавон мушоҳида кард. Чунончи, Халил ибни Аҳмад дар мавриди калимаи сирвол мегӯяд: "**السَّراويل**- арабӣ/муарраб гардонида шудааст ва бо саровилот **سراويلات** ҷамъ карда мешавад. **سِرْوَلْتُه**- онро ба ӯ пӯшонидам ва шалвор пӯшид – **تسرول**. Арабҳо сирвол **سروال** мегӯянд" [10, с.242]. Чи тавре дида мешавад, аз калимаи мазкур ду феъл, яке гузаранда ва дигаре монда гирифта шудааст ва ҳамин кофист, ки такя ба вожаи мазкур чандин калимаи нав сохта шавад. Бар ин асос дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ ба забони дигар худро бар канор дорад. Ҳеҷ забоне аз забонҳои ақвоми мутамаддин аз луғоти фаровони бегона холӣ нест ва иллати ин амр он аст, ки тамаддун аз иртибот ва бархӯрди миллатҳо бо якдигар тавсеа ва тараққӣ меёбад ва ғолибан он чӣ миллате аз миллати дигар иқтибос мекунад бо номи аслии он ҳамроҳ аст. Шояд танҳо чанд қабилаи ваҳшӣ битавон ёфт, ки дар забонашон лафзи бегона набошад ё кам бошад, зеро ки бо дигарон ошноӣ ва омезиш надошта ва аз эшон чизе наомӯхтаанд» [1, с.112].

Забони арабӣ низ аз ин қонуният бегона набуда, ба он аз забонҳои мухталифи дигар, аз қабили забонҳои форсии тоҷикӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ, юнонӣ ва оромию набатӣ, чи дар давраи пешазисломӣ ва чи даврони исломии забони арабӣ, вожаҳои зиёде иқтибос шудаанд. Дар забони арабӣ аз рӯйи анъанаи вуҷуддоштаи он як миқдори муайяни лексикаи аз ҷиҳати баромад бегона вуҷуд дорад ва забони арабӣ, дарвоқеъ, дар миёни ҳамаи забонҳои сомӣ аз лиҳози иқтибоси унсурҳои бегона бойтарин мебошад [3, с.7].

Дар таърихи фарҳангнигории арабу аҷам «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ аз ҷойгоҳи волои илмӣ бархӯрдор мебошад. Чунончи, асари мазкур ба масобаи нахустин фарҳанг дар забони арабӣ на фақат мавриди таваҷҷуҳи фарҳангнигорони баъдинаи араб, балки намунаи олие барои пайравӣ намудан ба он дар таълифу тасниф будааст. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ ба тартиби ҳарфҳои калима ва эътино наварзидан ба тартиби мавзуии вожаҳо дар ҳама фарҳангномаҳои баъдӣ, бетардид, аз «Китоб-ул-айн» маншаъ

мегирад. Илова бар ин, бештари шарху тавзеҳ ва таркибу ибораҳои фарҳанги мазкур дар фарҳангномаҳои баъдӣ бе ягон дигаргунӣ нақл шудаанд, дар ҳоле ки бархе муаллифон/мусаннифон ба ин нукта ишора намудаанд ва бархе дигар аз таъкиди он худдорӣ кардаанд.

Илова бар ин, «Китоб-ул-айн» дар таърихи забоншиносии араб ба унвони дастури шинохти калимаҳои асили арабӣ ва ғайриарабие, ки бо истилоҳи муаррабу дахил ёд мешаванд, муаррифӣ мешавад. Чунончи, Халил ибни Аҳмад дар муқаддимаи ин фарҳанг ва ҳангоми шарҳи калимаҳо ба чигунагии хусусиятҳои сохтории калимаҳо, ҳамнишинии ҳарфҳо дар зимни вожаҳо ва дар қадом вазнҳо омадани онҳо сухан гуфта, усули шинохти калимаҳои худиро аз бегона асос гузоштааст. Меъёрҳое, ки дар “Китоб-ул-айн” оварда шудаанд, на фақат барои фарҳангнигории араб, балки барои фарҳангнигории классикии форсу тоҷик низ ҳамчун усули шинохти калимаҳои асили арабӣу муарраб ва дахил пазиро будааст. Масалан, Рашидӣ дар баробари “Фарҳанги Рашидӣ” ва “Мунтахаб-ул-луғат” боз “хушбахтона маҷмуи таҳқиқоту татаббуоти худро дар рисолаи мустақили бисёр нафисе гирд овардааст ба номи “Муарработ”, ки дар забони форсӣ нахустин тасниф дар ин мақулаи муҳим шумурда мешавад”[12, с.7]. Бо мутолиаи «Муарработ»-и Рашидӣ, хусусан муқаддимаи он ки фарогири меъёрҳои дигаргунии калимаҳои муарраб мебошад, метавон ба хубӣ аз таъсирпазирии ӯ аз “Китоб-ул-айн” пай бурд [12, с.9-13].

Ҳарчанд дар муқоиса “Ҷамҳарат-ул-луға”-и Ибни Дурайд ва ё “Ал-Муарраб мина-л-каломи-л-аҷамӣ ало ҳуруфи-л-муъҷам”-и Абумансури Ҷаволиқӣ шумораи калимаҳои муарраби дар “Китоб-ул-айн” омада кам бошад ҳам, вале аз нигоҳи таърихият ва аз лиҳози нахустин фарҳанги фарогири калимаҳои муарраб будан фарҳанги мазкур дар шинохти муарработ ҳамеша аз арзиши воло бархӯрдор аст.

Омӯзиши муарработ дар “Китоб-ул-айн” нишон дод, ки онҳо ба паҳлуҳои гуногуни рӯзгор марбутанд. Чунончи, **17 вожа ифодагари номи дарахту растанӣ (الأَبْهَلْ**- дарахтест, ки онро айрас мегӯянд. Ин арабии холис нест. Ба арабӣ он арар номида мешавад [7, с.55]; **العَسَطوس**- дарахте ҳамгуни бамбук аст[5, с.327]; **الكُنّار**- сидр – дарахти куннор бо забони форсӣ аст [8, с.256], **12 вожа ифодагари номи ҳайвонот** (**البُخْتُ والبُخْتِيُّ**- аҷамӣ ва дахиланд ба маънои шутурони хуросоние, ки аз шутурҳои арабӣ ва фолиҷ гирифта мешаванд [11, с.270]; **العِلَّوْش**- ба забони Ҳумайр гург аст ва ин хилофи гуфтори араб мебошад, зеро дар забони арабӣ ҳамеша шин пеш аз лом меояд [4, с.256], **12 вожа ифодагари либос (دَيابُوذ**- либосест, ки ду ҷониби он бастааст. Мегӯянд, ки он либос аст. Ин арабӣ нест, балки он бо форсӣ **دوبود** дубуд буда, муарраб гардонида шудааст [11, с.13];**السَّراويل** - муарраб гардонида шудааст ва бо саровилот **سراويلات** ҷамъ карда мешавад [10, с.242]; **اللاذة واللاذ**- либоси ҳаририе, ки дар Чин дӯхта мешавад ва арабу аҷам онро лоз мегӯянд [11, с.199]), **9 вожа баёнгари нисбати мардум ба ин ё он миллат ё кеш (السَّيْنَجيُّ ج السَّيابِجَة**- қавми тануманде аз Синд, ки дар киштии баҳрӣ ва сарвари киштибонон мебошанд ва он аз набатии **اشتيامَى** мебошад [9, с.59]; **البَرَهْمَنُ** - бо суманӣ (мардуме аз аҳли Ҳинд) ба маънои донишмаду обиди онҳо [7, с.130]; **النّسطورية**- мардуме аз насоро, ки ба дигар насрониҳо мухолифат мекунанд. Бо румӣ инро настурус **نسطورس** меноманд [10, с.338]), **7 вожа ифодагари хона (الطارومة**- дахил аст ва он хонае аз чӯб ба монанди гунбаз аст [10, с.424]; **الطَّرَز**- хона ба дарозӣ аст ва он форсии муарраб аст [10, с.355], 6 в**ожа ифодагари фароғату мусиқӣ**: **البَرْبَطُ**– муарраб ва аз асбобҳои вақтхушии аҷамиён мебошад [10, с.472]; **الصولجة**- чанги арабӣ-ороишоте, ки дар доираву ғайри он аст, вале санҷ **الصَّنْج** – чанге, ки ду тор дорад, дахил мебошад [9, с.46]; **المُسْتُقة**- навъе аз бозиҳои дилхушист. Ин калима дахили муарраб аст [8, с.254], **5 вожа ифодагари хӯрока ва нӯшокӣ (الزَّقُّم**- мегӯянд ба забони африқоӣ ба маънои панир бо хурмост [8, с.94]; **السُقُرْقَعُ**- шароби аҳли Ҳиҷоз аст, ки аз ҷаву донагиҳо омода мекунанд ва ба он муътод шудаанд [5, с.348], **3 вожа ба ороишот (الدّهْنَجُ** – сангрезаи сабзест, ки ба он нигини ангуштариҳо ҳаккокӣ мешавад ва он арабӣ нест [7, с.116]; **اليارِقانُ واليارجانُ**- навъе аз дастмонаи занонааст ва ин ду калима дахил мебошанд [8, с.210], **3 вожа далолат ба сипоҳу силоҳ** (**البَنْد** ба маънои парчами сарлашкар меояд ва ҷамъи он **البُنُود** – бунуд аст [11, с.52];; **الجُلاهِقُ**- камоне, ки ба он паронда мешавад ва он дахил аст [8, с.243]; **المِرْجَبَة**- мегӯянд, ба забони ибронӣ манҷаник/фалахмон аст [9, с.114] ва **2 вожа ифодагари ченаки вазн ва асбоби андозагирӣ (البُهار**- қибтӣ буда, баробар ба сесад

ритл аст [7, с.48]; الكُوسُ- чӯби секунҷаест, ки бо он усто чоркунҷагӣ ва гирдии чӯбро чен мекунад [8, с.392] мебошад.

Дар баробари вожаҳои мазкур, боз чандин вожаи дигареро Халил ибни Аҳмад ба муарраб ва дахил нисбат додааст, вале бинобар наовардани шарҳу тавзеҳи онҳо таснифи мавзуии онҳо аз имкон берун аст.

АДАБИЁТ

1. Исмонов К.Б. Тобишҳои лексикӣ – грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ/К.Б.Исмонов. – Душанбе, 2015. – 192 с. с.112
2. Муҳаммадиев М. Роҳи лексикӣ – семантики калимасозӣ/ М. Муҳаммадиев. Мактаби советӣ, №9, сентябри соли 1973. –С.18-22.
3. Саломов А. Мутобиқати иқтибосоти арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ аз рӯйи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ/А.Саломов. –Душанбе, 2009. – 177 с.

٤. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الأول. دون تاريخ الطباعة. – ٣٨١ ص.

٥. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الثاني. دون تاريخ الطباعة. – ٣٦٨ ص.

٦. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الثالث. دون تاريخ الطباعة. – ٤٤٠ ص.

٧. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الرابع. دون تاريخ الطباعة. – ٤٧٣ ص.

٨. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الخامس. دون تاريخ الطباعة. – ٤٦٤ ص.

٩. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء السادس. دون تاريخ الطباعة. – ٤٦٤ ص.

١٠. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء السابع. دون تاريخ الطباعة. – ٤٩٦ ص.

١١. أبوعبد الرحمن الخليل بن أحمد الفراهيدي. كتاب العين. تحقيق الدكتور مهدي المخزومي، الدكتور إبراهيم السامرائي. الجزء الثامن. دون تاريخ الطباعة. – ٤٨٦ ص.

١٢. عبد الرشيد بن عبد الغفور الحسيني المدني . فرهنك رشيدى بضميمه معربات رشيدى. تحقيق وتصحيح محمد عباسى. بدون سال و جاى نشر. ج.٢. – ٨٠١ ص.

ТАСНИФИ МАВЗУИИ МУАРРАБОТИ «КИТОБ-УЛ-АЙН»-И ХАЛИЛ ИБНИ АҲМАДИ ФАРОҲИДӢ

Дар мақола саъю шудааст, то муарработи дар «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ воридшуда аз нигоҳи мавзуӣ тасниф карда шавад. Муаллиф нахуст ба ҷойгоҳи волои «Китоб-ул-айн» дар таърихи забоншиносии араб таъкид намуда, онро нахустин асар дар пайрезии меъёрҳои шинохти калимаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ ба қалам додааст. Аз таҳлили мақола бармеояд, ки арабҳо бештар ҳамон калимаҳоеро аз забонҳои дигар иқтибос кардаанд, ки дар муҳити худ ба он ошноӣ надоштаанд.

Калидвожаҳо: «Китоб-ул-айн», Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ, муарраб, вожа, забони арабӣ, забоншиносӣ

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ МУАРРАБОТА ИЗ «КИТАБ-УЛЬ-АЙН» ХАЛИЛЯ ИБН АХМАДА ФАРАХИДИ

В статье предпринята попытка тематической классификации муарработа, входящих в «Китаб-уль-Айн» Халиля ибн Ахмада Фарахиди. Автор в первую очередь подчеркивает высокое место «Китаб-уль-Айн» в истории арабского языкознания, называя его первым трудом, устанавливающим критерии распознавания арабских и неарабских слов. Анализ статьи показывает, что арабы часто заимствовали слова из других языков, с которыми они не были знакомы в своей среде.

Ключевые слова: «Китаб-уль-Айн», Халиль ибн Ахмад Фарахиди, муарраб, слово, арабский язык, лингвистика

THEMATIC CLASSIFICATION OF MUARRABOT FROM KHALIL IBN AHMAD FARAHIDI'S KITAB-UL-AYN

The article attempts to thematically classify the muarrabot included in Khalil ibn Ahmad Farahidi's Kitab-ul-Ayn. The author primarily emphasizes the high place of Kitab-ul-Ayn in the history of Arabic linguistics, calling it the first work that established criteria for recognizing Arabic and non-Arabic words. The analysis of the article shows that the Arabs often borrowed words from other languages that they were not familiar with in their environment.

Keywords: Kitab-ul-Ayn, Khalil ibn Ahmad Farahidi, muarrab, word, Arabic language, linguistics

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кабиров Беҳрӯз Асомуддинович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвончӯи кафедраи филологияи Шарқи Наздик. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6.

Сведение об авторе: ***Кабиров Бехруз Асомуддинович*** **–** Международный университет иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзаде, соискатель кафедры филологии Ближнего Востока. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6.

Information about the author: ***Kabirov Behruz Asomuddinovich*** **–** Tajik international University of foreign Languages named after Sotim Ulugzode, applicant of the Department of Near East Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6.

2. АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА

Гафарова У.А.
ГОУ "Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова"

Переводческая деятельность ведет начальный отсчёт со времен глубокой древности. Сведений о переводческой деятельности до времен формирования Египта не имеется, поэтому начало истории перевода связывают с Древним Египтом. Именно в Древнем Египте, в 3000 году до нашей эры появилась письменность, и зародилась цивилизация, а сам язык этого древнего государства сформировался в IV тысячелетии до н.э. Жители Древнего Египта до завоевания Александра Македонского в основном имели переводческие коммуникации с Двуречьем: носителями шумерского и аккадского языков. После вторжения греков появилась потребность в переводчиках с греческого языка. Геродот – греческий историк, живший в V веке до н.э. в своих летописях писал, что в Древнем Египте существовало семь различных каст: жрецы, воины, коровьи пастухи, свинопасы, мелкие торговцы, кормчие и драгоманы (переводчики). Это свидетельствует о почтении и уважении, с которым в Древнем Египте относились к переводчикам. Также это еще раз доказывает, что Древний Египет имел многочисленнее международные связи. Первый переводчик, о котором до наших времен сохранились достоверные исторические данные это – Анхурмес (2, 88).

При коммуникации разноязычных людей необходим некий общий язык, который бы способствовал пониманию. В таких случаях возможным способом общения является перевод. Переводами с одного языка на другой люди пользуются давно, но следует отметить, что только в последние десятилетия процессы межкультурной коммуникации и перевода рассматриваются в тесной связи. Рассматривая эти процессы, не следует забывать, что основную роль в этих вопросах играет переводчик – человек, владеющий одним или несколькими иностранными языками, который обеспечивает межкультурную коммуникацию. Для обеспечения межкультурной коммуникации, переводчик в наши дни должен быть не только билингвом, но и «бикультурным». Перевод – не только лингвистическая, но и культурная коммуникация. Процесс перевода всегда подразумевает два аспекта – язык и культуру, так как они неразделимы. Язык не только выражает культурную реальность, но и придает ей форму. Смысл лингвистического элемента понятен только тогда, когда он согласуется с культурным контекстом, в котором употребляется. Переводчику при переводе с одного языка на другой необходимо связывать культурный контекст исходного текста и коммуникативного текста перевода.

Диалог культур, цивилизаций и национальных литератур в современном мире является важным способом решения социальных проблем и достижения взаимопониманий тех понятий и ценностей, которые объединяют человечество. В частности, следует отметить, что культуры, имеющие давнюю историю взаимосвязи и взаимопроникновения в прошлом, всегда отдавали дань уважения достижениям друг друга и сохраняют тесные связи и по настоящее время.

Как пишет, Каримова Ш. в своей монографии "Очевидно, что перевод художественного произведения с языка оригинала должен быть осуществлен до той степени тождества и экспрессивного восприятия, чтобы читатель не чувствовал, что материал является лишь переводом. Перевод поэзии в особенности является сложным. При переводе стихотворения переводчик должен стараться сохранить художественные образы, рифму и ритм, красивую и проникновенную мелодию, передать глубинную идею стихотворения. Также в процессе перевода следует учесть культурные, религиозные, языковые особенности, географическое положение, обычаи, этнические особенности текста оригинала" (3,122).

Мансурова Зебунисо рассматривая особенности художественного перевода «Мисбах-аль-хидая ва мифтах аль-кифая» Изуддина Кашани, указывает на пять основных принципов перевода, которые сформулировал французский писатель-гуманист - Этьен Доле (1509-1546). По

мнению Этьена Доле для выполнения хорошего перевода с одного языка на другой переводчик обязан придерживаться следующих принципов:

1. Переводчик обязан полностью понимать суждение и мнение автора оригинала текста, но при этом он свободен в разъяснении непонятностей в тексте;

2. Переводчик обязан обладать на превосходном уровне обоими языками: оригинала и перевода;

3. Переводчик обязан избегать изложения по стилю «в точь-в точь», то есть дословного перевода текста;

Переводчик обязан использовать общепринятые и общеиспользуемые обороты речи;

Переводчик обязан использовать ключевые слова для передачи правильного тона.

Он повторяет свою теорию и дополняет её в своём труде «Эпистолия читателю», в котором излагает следующие три основных принципов перевода:

- избегать дословного перевода;
- попытаться достичь «дух» оригинала;
- избегать личной интерпретации перевода путём изучения других версий и толкований перевода (4, 88).

К примеру, если обратиться к персидскому «Переводу Тафсира Табари» в основном состоит из двух разделов. Следует упомянуть, что оба раздела по своей стилистике отличаются друг от друга. Перевод аятов осуществлен традиционно, буквально и дословно, чем сохранена первозданность и их историческая форма, язык этого раздела лишен всего украшения, художественного вымысла и фантазии. Однако в разделе сказаний переводчики при повествовании сказаний и преданий позволили себе вольность и не стали ограничиваться буквальным переводом. Наряду с тем, что в этом разделе также наблюдается влияние грамматики и морфологии арабского языка, в целом раздел сказаний выходит за рамки научного, без прикрас и фантазий перевода и уже входит в разряд литературных произведений.

Следует только упомянуть, что раздел толкования и повествования исторических сказаний и преданий «Та`рих Табари» Балами послужил важным источником и это обуславливает схожесть стилистических и художественных особенностей переводов обоих произведений и на это указывает Маликушшуара Бахор (1, 15-17).

Своей активной литературной и переводческой деятельностью иранцы и таджики значительно обогатили арабскую науку и культуру, и, вошли в сокровищницу не только персидско-таджикской, но и обще мусульманской культуры.

Ричард Фрай полагает, что «эту эволюцию (арабо-иранский ренессанс) можно считать удачной попыткой в освобождении ислама от арабской основы, правил и норм кочевой жизни, поскольку тем самым ислам был обогащен мировыми достижениями культуры, более совершенными чем он был раньше. Объединив воедино, Саманиды показали путь созидания и мира древнейших традиций с исламом. Позже вокруг отдалившегося исламского мира другие племена также пошли по этому пути» (3).

Переводческая деятельность ученых Хорасана и Мавераннахра обогатила персидско-таджикскую литературу, ознакомив ее с великими творениями других народов, дотоле неведомыми поэтическими формами, новым арсеналом выразительных средств, обладающих в единстве со всеобщей национальной спецификой и устойчивыми категориями тождества прекрасного и этического. И эта устремленность к знанию. И просвещению в мире ислама возвысила иранцев до высот предводителей в пространстве науки и культуры той эпохи и по убеждению Ибн Халдуна сделала «знаменосцами науки в исламе» (4).

В свою очередь, развитие переводческой деятельности открыло широкий доступ к мировой культуре, к историческим и духовным достижениям других народов, и тем самым способствовало расширению горизонтов мировосприятия общества в 1X-X вв., корни которого уходили в глубь национальной истории. Широкий круг общения и культурного взаимообмена, созданные на этой основе, были крайне важны в исторической судьбе различных народов Востока и Запада и предвещали о преддверии событий поступательного характера в идейных поисках творцов литературы.

Особенности данной исторической эпохи и специфики развития просвещения и науки, а также интеллектуальной жизни, которая стимулировалась литературой, культурой, были устремлены, в конечном счете, к гуманности, гармоническому развитию человеческой личности, торжеству разума, ибо закон истории – свершение на земле всего того, что на ней может быть.

«Доверие к будущему», ставшее ведущей темой творчества поэтов и писателей, мысленно вводило их в сферы интеллектуальной жизни, сфер, казавшихся им «знакомыми», близкими, и они искали в них тот мир гармонии, мир, который искал каждый в персидском оазисе творений, над которым сияла звезда «Тарджумаи «Тафсири Табари» и бессмертного его автора, призывающего черпать целомудрие, мужество и надежду в восточной литературе, оберегающей все древнее, первоначальное, извечное в своих горизонтах и суметь снова «укрыться» от мрачной современности в недрах религиозно-этических канонов коранических сказаний и писаний, разгадывая символы устремленных ввысь слов этого божественного творения. В этот период «Тарджумаи «Тафсири Табари» указывала на многое, т.е. она удовлетворяла духовно-этические и эстетические потребности эпохи, указывая на родственность найденных в классической прозе религиозно-этических и нравственно-духовных мотивов, а главное, на новый художественный прием творчества, при рождении которого присутствовал сам автор «Тафсири Табари».

Таким образом, посредством перевода осуществляется коммуникация между людьми, представляющими разные культуры и говорящими на разных языках, т.е. возникает межкультурная коммуникация. Создание благоприятных условий для процветания основных направлений науки и культуры стали стимулом развития переводческой деятельности в период правления династии Саманидов. Время это высоко ценится не только тем, что в нем процветает наука и культура, но и потому, что оно возвышает добро и внушает веру в торжество разума.

ЛИТЕРАТУРА

1. Бахор, Мухаммад Таки Маликушшуара, Стилистика, т.2, с.15-17
2. Галеева Н.Л. Вестник ВГУ, Серия: Лингвистика и межкультурная коммуникация, 2007, №2, ч.1, стр. 88.
3. Каримова Шохона. Таджикско-арабские литературные связи в период независимости Таджикистана (1991-2021гг.). Канд. Дис., Душанбе, с. 122.
4. Мансурова З. ««Мисбах аль-хидая ва мифтах аль-кифая» Иззуддина Кашани и его поэтика и стилистика». Канд. дис. - Душанбе, 2020.
5. Широкова Д. И. Межкультурный аспект перевода художественных текстов / Д. И. Широкова. – Текст: электронный // Научное обозрение. Международный научно-практический журнал. – 2022. – № 1.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА

Статья посвящена рассмотрению художественного перевода как формы межкультурной коммуникации на примере персидского перевода «Тарджумайе Тафсири Табари», являющегося шедевром персидско-таджикской прозы. Анализируя особенности перевода данного произведения автор определяет его роль в установлении арабо-иранских межкультурных взаимосвязей. Автор приходит к такому выводу, что посредством перевода осуществляется коммуникация между людьми, представляющими разные культуры и говорящими на разных языках, т.е. возникает межкультурная коммуникация.

Ключевые слова: Перевод, текст, коммуникация, язык, стиль, художественный перевод, культура.

SOME ASPECTS OF LITERARY TRANSLATION

The article is devoted to the consideration of literary translation as a form of intercultural communication using the example of the Persian translation of “Tarjumaye Tafsiri Tabari”, which is a masterpiece of Persian-Tajik prose. Analyzing the features of the translation of this work, the author determines its role in establishing Arab-Iranian intercultural relations. The author comes to the conclusion that through translation, communication is carried out between people representing different cultures and speaking different languages, i.e. intercultural communication arises.

Keywords: Translation, text, communication, language, style, literary translation, culture.

Сведения об авторе: ***Гафарова Умеда Абдуллоевна*** **–** доктор филологических наук, профессор, главный научный сотрудник Научно-исследовательского Института гуманитарных наук ГОУ “Худжандского государственного университета им. акад. Б. Гафурова”. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** 927808850 **E-mail:**: umedagafari1@mail.ru

Information about the author: ***Gaforova Umeda Abdulloevna*** – Doctor of philology, Professor, Main Researcher of Human Research Institute, Khujand State University named after academician B.Gafurov **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.**: 927808850. **E-mail:** umedagafari1@mail.ru

НАМУНАИ ИХВОНИЁТИ МАНЗУМ ДАР ТАЗКИРАИ “ХАРИДАТ-УЛ-ҚАСР”-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Раҷабова М.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ихвониёт номаҳои манзум роҷеъ ба бародарӣ, дӯстӣ ва рафоқат буда, яке аз жанрҳои мустақил дар назми арабӣ ба шумор меояд [373, 533]. Ихвониёти манзум дар эҷодиёти шоирони давр ҳам дар қолаби қасидаи мустақил ва ҳам қитъаҳои ҷудогона суруда шудаанд. Дар ихвониёт шоирон эҳсосоти ботинии худ, аз ҷумла муҳаббату садоқати самимона ва хайрандешию некхоҳиашонро нисбат ба шахси мавриди эҳтироми хеш бозтоб намудаанд. Чунончи, яке аз шоирони маъруфи давр Ғаззӣ дар як ихвонияи худ, ки ба Муҳаммад ибни Иззулмулк ибни Кофӣ – вазири Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ нигаронида шудааст, чунин навиштааст:

جَمَعَ الأَمِيرُ مُحَمَّدٌ كَرَماً سنّ الصَّبِيّ وَهِمَّةَ الكهلِ
مُتَوَقِّدٌ بَلَغَ الذّكاءُ به قَبْلَ البُلُوغ نهاية الفَضْلِ
العَقْلُ مُكْتَسبٌ وأَحْسَبُهَ مِنْ قبل يُخلقَ خُصَّ بالْعَقْلِ

[Амир Муҳаммад ду карометро дар худ гирд овардааст: синни ҷавону ҳиммати солхӯрда.

Ӯ шахси пурҷӯшу хурӯш асту ҳанӯз ба камол нарасида заковатманд гардид ва ба ниҳояти фазл расид.

Ақлро инсон тадриҷан касб мекунад, вале гумон мекунам, ки ӯ қабл аз он ки халқ шуд, ба ақл имтиёз ёфта буд] [102, 147].

Дар навбати худ, Муҳаммад ибни Иззулмулк барояш чунин посух навиштааст:

يا مَعْقِلَ العُقَلاء بالفَضْلِ ومحكم الشعراء بالعقْلِ
أَنْتَ الورى حَقّاً بأَجْمَعِهِمْ إذْ قَدْ خُصصْتَ بغاية الفَضْلِ
مَنْ رَامَ شأوك بالقريض كبا عَجْزاً وَقُلْنَا صِيغَ منْ جَبَلِ
يَامَنْ أَقام وعزّ حكمته قد طبقت في الحزن والسَّهلِ
تَقْرِيضُ مثلكَ مَنْ يقصر عن حقِّ الجوابِ نهاية البَذْلِ

[Эй он ки дар фазилату хирад пойгоҳу сутуни оқилонӣ, ҳам дар заковатмандӣ қавитарини шоирон ҳастӣ.

Ту воқеан ҳам байни мардум мумтоз гардидаӣ ва дар ғояти фазл бар ҳамагон бартарият ёфтаӣ.

Касе дар шеър ба дараҷаи ту расидан бихоҳад, пеши ту оҷиз монад ва мо аз ин рӯ гуфтаем, ки ту чу кӯҳи баландӣ.

Эй, он, ки дар зиндагӣ аз ҳикмати худ сарафрозу соҳибмақом гашт ва бо мардум дар ҳузну шодӣ шарик шуд.

Касе ҳаққи шеъри туро кам карда натвонад ва ҳам ҷавобашро низ дода натвонад, зеро он ниҳояти олиҳиммат аст] [102, 147].

Аз шоирони дигаре, ки бо ихвониёташ маъруф аст, Абушуҷои Деҳхудо аст. Намунаҳои ихвониёти манзуми ӯ, ки ба Туғроии Исфаҳонӣ дар мавзуи хушгузаронии умр ва ғанимат донистани ҳар лаҳзаи он навиштааст, ҳамчунин, посухи манзуми Туғроии Исфаҳонӣ ба Абушуҷои Деҳхудо дар “Харидат-ул-қаср” зикр шудаанд [102, 322] ва аз ривоҷи мукотибаҳои ихвонӣ миёни шуарои давр дарак медиҳанд.

Дар ихвониёти аҳди мазкур масъалаҳои мухталифи иҷтимоӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Яке аз вижагиҳои ин навъи ихвониёт дар он аст, ки шоирон дар номаҳои худ масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи худро ба тариқи саволгузорӣ аз фақеҳони замон пурсон мегаштанд. Аз миёни шоирони давр Муҳаммад ибни Масъуди Қассом беш аз дигарон ба чунин навъи ихвониёт рӯй оварда, бо бисёре аз шоирону донишмандони

замонаш дар ин замина мукотиба доштааст. Аз бештари номаҳои ихвонии нигоштаи ӯ бармеояд, ки мавсуф асосан мавзуи ишқу ошиқӣ ва масъалаҳои ба он марбутро матраҳ сохта, ҷавоби онҳоро бар мабнои шариати исломӣ пурсон гардидааст. Чунончи, дар номаи ихвонии ба Фахруддин Абулмаолии Варконӣ ирсол доштааш чунин омадааст:

مَاذا يقولُ اِمام النَّاس قاطبةً — في عاشقٍ لثم المعشوق هلْ أَثِما
مُتَيَّمٌ في هَوَاهُ قَدْ أَنافَ به — على الرَّدى الحُب و المعشوق قَدْ سلما
قَدْ عَفَّ في حُبّه عَنْ كلّ مَعْصِيةٍ — وكفَّ مُعْتَصماً عَنْ كلّ ما حُرِمَا
هَلْ يخنثان بِلَثْمٍ يَعْبَثانِ بهِ — لِيُطْفِئَا لَهَباً في القَلْبِ مُضْطَرِمَا

[Имоми мардумон перомуни ошиқе, ки маъшуқро бибӯсид, чӣ мегӯяд, пас оё он гуноҳ аст.

Ошиқи дилбохта дар ишқи худ зи ҳадд бигзашта ва ҳам муҳаббат бадном гардида, дар ҳоле ки маъшуқ ба саломат аст.

Ошиқ дар роҳи муҳаббат аз ҳар гунаҳе ва аз ҳар кори ҳароме худро сахт нигаҳ дорад ва ба даст дорад.

Оё ошиқон бо бӯсае худро зиёнкор хоҳанд кард, пас чӣ сон оташи онро дар дили сӯзон хомӯш кард] [102, 266].

Абулмаолии Варконӣ дар ҷавоби нома чунин навиштааст:

شَرِيعَة العِشْقِ تَأَبَى إِثْمَ مَنْ لثما — مَعْشُوقَهُ وتريه ذاكَ مغتنما
والصبّ سَمِيُّ صَبَا مِن بَلِيَّتِهِ — وَصَبّ من حُرقه بالشوق مِنْهُ دَمَا
وَمَنْ تعاطى حراسا في هَوَاهُ أَتى — بالفِسْقِ لا العشق لكن صَحَّفَ الكلما
وما أَخالُ لَهِيبَ الوَجْدِ يطفئهُ — بِلّ اِذا التقبيلُ عفَّ نَما
هذا جَوَابُ الذي استفتيت مِنْهُ فخذْ — فَقَدْ أَتاك كمثلِ الدُّرِّ منتظما

[Шариати ишқ гунаҳкории касеро, ки маъшуқи худро бӯса кардааст, инкор месозад ва инро ғанимат медонад.

Муҳаббат заҳри ҷавонӣ ва ҳам аз балоҳои он аст, ки аз сӯзиши шавқи он хун бирезаду равон шавад.

Касе, ки дар ҳавои он сахт ҳарис гардад, бар фисқу фуҷур фурӯ равад, ки он на ишқ аст, балки таҳрифи ин калима аст.

Агар мурод аз бӯсидан хомӯш бинмудани оташи шавқ бошад, аз бисёр шудани он худро худдорӣ созад.

Ин ҷавоби суол аст, ки чунин фатвояш додам, пас онро бароят ҳамчу дурдонаи ба ришта кашида тақдим медорам ва онро бо худ бигир] [102, 266].

Лозим ба ёдоварист, ки мавзуи мазкур дар аксари номаҳои ихвонии Муҳаммад ибни Масъуди Қассом, ки дар “Харидат-ул-қаср” ба қайд омадаанд, мушоҳида карда мешавад.

Яке аз мавзуъҳои дигари номаҳои манзуми ихвонӣ инъикоси фироқу ҷудоӣ аз дӯстони қадрдону қадршинос мебошад. Ҳамин мавзуъ дар номаи ихвонии Муҳаммад ибни Масъуди Қассом ба Имоди Котиб чунин дарҷ гардидааст:

عَرِّجُوا فالعينُ في أَرقٍ — وَصِلُوا فالقَلْبُ في حَرَقِ
وَيْحَ قَلْبي مِنْ فِرَاقِكُمُ — نَابْ بَيْنَ الدَّمْعِ في الحَدَقِ
إِنْ نَأى قَلْبي فَلا عَجَبٌ — عَجَبٌ للرُّوحِ كيف بقي
أَنْشِدُوا طِبْبَ فَقَدْ — ضَاعَ بين الدَّمْعِ والأَرقِ
طَابَ لي إِذْ طالَ هَجْرُكُمُ — اِنَّ حِفْظَ العَهْدِ مِنْ خلقي

[Аз сари роҳ ба хонаи дӯст биёед, ки дидаҳо бехоб аст, ба мо бипайвандед, ки қалб дар оташи сӯзон аст.

Вой бар қалби ман, ки аз фироқи шумо дарёи ашк аз гавҳараки чашм равон аст.

Агар қалбам аз ман ҷудо шуд, дар ин аҷабе нест, аҷаб бар руҳ аст, ки чӣ сон боқӣ бимонд.

Накҳати хуши дӯстро биҷӯй, ки он байни сиришку бехобӣ гум гаштааст.

Агар ҳаҷри Шумо ба дарозо ҳам кашад, он бароям хушоянд аст, зеро нигаҳ доштани аҳду вафо дар расми ман аст] [102, 264].

Посухи Имодуддини Исфаҳонӣ дар ҷавоби номаи мазкур таҷассумгари меҳру садоқати шоир ба дӯсти деринааш мебошад:

أَجَفَا جفني مِنَ الأَرَقِ طَيْفُكُمْ أَمْ خِيفَةَ الْغَرَقِ
أَمْ رَآنِي مِن فِرَاقِكُمُ فَرِقَاً فَارْتَاعَ مِنْ فَرَقِ
زَارَ ثُمَّ ازْوَرَّ مُحْتَرِزَاً عَنْ حَشَا بالشَّوْقِ مُحْتَرِقِ
عَادَنِي لَمَّا ضَنِيْتُ فَلَمْ يَرَ مِنْ جِسْمِي سِوَى رَمَقِي
كلُّ شيءٍ مِنْ خيالِكُمُ هُو مَحْمولٌ على الحَدَقِ

[Пилкҳои дидаҳоям аз бехобӣ хушк гардида, ин шабаҳи шумо дар хоб аст ё худ парешонҳол ғарқаи хаёл шудаам?!

Ё маро дидӣ, ки дар мавҷи хурӯшони фироқи шумо тарсон ба ваҳшат ояму ғарқ гардам?!

Мавҷи хурӯшон маро зиёрат бинмуд ва сипас эҳтиёткорона ва саршор зи шавқи сӯзон қафо бигашт.

Сипас мавҷ дубора ҷониби ман баргашт ва маро сусту заиф дарёфт, ки аз ҷисмам ба ҷуз рамақе намонда буд.

Пас ҳама чиз аз хаёли шумо, бар гавҳараки дидаҳо ҷо бишавад] [102, 265].

Дар бархе аз номаҳои ихвонӣ ситоиши дӯстон ва бозтоби беҳтарин сифатҳои онҳо ба назар мерасад. Чунин тарҳи мавзуъ ба ихвонияи Рувайдии Шатто ба яке аз дӯстонаш аз Кошон хос мебошад:

وَلَيْسَ في حَلَبَاتِ الفَخَارِ و العَزِّ يُسْبَقُ
مِنَ الملائكةِ الأكرمين أَحْنَى وأَرْفَقُ
فَتَقَ الزَّمانَ بِرأيٍ مُسَدَّدٍ مِنْهُ يَرْتَقُ
والماءُ غَيْرُ مذودٍ مِنْهُ ولا البابُ مُغْلَقُ
بذكرِهِ النّطق يَحْلُو وباسْمِهِ الحَفْلُ يَعْبَقُ

[Дар майдони фарохи ифтихормандию соҳибэҳтиромӣ касе аз ӯ пешдаст нест.

Фариштаҳои бонаҷобат пеши ӯ сар фуруд оранду ӯро ҳамроҳӣ бинмоянд.

Замона худ нишон бидиҳад, ки бо андешаҳои ҳадафрасаш ӯ баҳри мардум судманд аст

Обро тароватнокӣ танҳо бо ӯ бошад ва ҳам ҷое, ки ӯ ҳаст, ҳаргиз даре бар рӯйи мардум пӯшида нагардад.

Бо зикри ӯ калом ширин гардад ва бо зикри номаш маҳфил пурнур шавад] [102, 240 - 241].

Дар пайғоми ихвонии яке аз бузургони давлати Султон Санҷар –Мунтаҷибулмулк Абуҷаъфар Муҳаммад ба аллома Абулқосими Замахшарӣ муаллиф муроди хешро ҳам тавассути назм ва ҳам наср ироа доштааст. Мактуби мазкур ҳангоми дар Макка сукунат доштани Ҷоруллоҳи Замахшарӣ ба ӯ ирсол гардидааст. Муаллиф дар баробари баршумурдани фазилату хирад ва донишу маърифати густардаи ин донишманд аз фироқи дӯсти алломааш изҳори дилтангӣ намудаву орзуи ба дидораш расиданро намудааст. Афзун бар ин, аз ҳаводиси миёни хитоиён ва Султон Санҷар низ сухан намудаву аз натоиҷи он дӯсташро хабар додааст [103, 51-54].

Дар ихвониёти Абусаъди Бушанҷӣ ба Мунтаҷибулмулк Абуҷаъфар Муҳаммад маҷду бузургворӣ ва адолату инсофаш дар дунёву дин ва бо нури илм парварда шуданаш таъкид гардида, ҳамзамон, ҳамчун шогирд назари устодашро нисбати худ пурсон гаштааст [103, 55]. Дар посухи мактуби мазкур Мунтаҷибулмулк чунин баён доштааст:

عقيدةٌ ظَهَرَتْ في الحَقّ مِنْكَ لَنَا كالماءِ تَبْصُرُهُ في صَفْوِ بِلَّوْرِ
فاثبُتْ على سُنَنِ التوحيدِ مُعْتَقِداً اِذْ أَنْتَ واحِدُ هذا القَرْنِ والدَّوْرِ

[Андеша дар ҳаққи ту мисли оби шаффофи булурин зуҳур намуд.

Пас дар суннати тавҳид муътақид бош, агар ту ягонаи ин аср ва ин давронӣ] [103, 56].

Абусаъди Бушанҷӣ дар ихвониёташ ба набераи Низомулмулк дар Нишопур – Тоҷуддин Абулқосими Ҷувайнӣ аз дарду алами худ ҳарф зада ва шикоят аз рӯзгораш

намудааст [103, 74-75]. Дар ҷавоби нома Тоҷуддини Ҷувайнӣ ӯро тасаллӣ дода, ба сабуриву таҳаммул даъват кардааст [103, 75].

Дар “Харидат-ул-қаср” аз мактуби ихвонии шоири маъруфи форсу тоҷик Масъуди Саъди Салмон ба дӯсти фозилаш, адиби номвари Хуросон Аҳмад ибни Муҳаммад Котиби Парниёнӣ маъруф ба Амирак ёдрас гардида, аммо ягон байте аз он иқтибос нашудааст. Танҳо як байти аввали посухи Амирак дар ҷавоби қасидаи ихвонии Масъуди Саъди Салмон оварда шудааст, ки аз рӯйи он муҳтавои мукотибаро наметавон таъйин намуд [103, 107].

Яке аз шоириони зуллисонайни давр Ҳусайни Натанзӣ дар ҳамаи мавзуъҳои маъмулӣ шеър иншо кардааст, вале дар миёни осори ӯ ихвониёт мақоми хос дошта, ҳам дар шакли назмӣ ва ҳам насрӣ нигошта шудаанд, ки дар онҳо корбурди фаровони санъатҳои бадеӣ, хоссатан мақлубот, ба назар мерасад. Рашидуддини Ватвот мақлуботро “аз ҷумлаи санъатҳое, ки дар назму наср бадеъ ва ғариб доранд ва бар қуввати табъу хотири шоиру дабир далолат кунад” номида ва онҳоро ба чаҳор қисм тақсим намудааст [47, 15-16]. Дар адабиёти давраи мавриди назар ин санъат миёни аҳли адаб ривоҷ пайдо карда, шаҳодати маҳорати баланди шоир дар забондонӣ маҳсуб мешуд. Маҳорати Ҳусайни Натанзӣ дар истифодаи ин санъати бадеӣ дар номаи ӯ ба донишманди ҳамзамонаш Абулмутаҳҳари Маъдонӣ зоҳир шудааст. Дар ин нома, ки ба муносибати бозгашти Маъдонӣ аз сафари ҳаҷ нигошта шудааст, ҳар калима ва ё ду калима ба ҳам мақлуб шудаанд, ба мисли “**آمِنَاً غَانِماً**”, “**أَضَاءَتْ إِضَاءة**”, “**عِلْمٍ حِلْمٍ**”, “**آدِباً عَابِداً**”, ки “мақлуби баъз” [47, 16] номида мешаванд:

بإياب الإمام، غمام الآلاء، آمِنَاً غَانِماً، أَضَاءَتْ إِضَاءة الصَّلاء وجوهنا أَنَّهُ برٌّ مُربٌّ تاريخ خيرات مِلء عِلْمٍ مِلْء حِلْمٍ، لا زَالَ إِمَاماً آدِباً عَابِداً، نازِحِ الأَحْزَانِ نامي الإيمان.

[“Бо бозгашти Имом, абри хайру эҳсон саломату комёб бозомад, нури эҳсонаш чеҳраҳои моро пурнур сохт, ба дурустӣ ӯ тарбиятгари некӯсириштию сарчашмаи хайроту олиҳиммат ист; ӯ воқеан ҳам камоли илм ва ҳам камоли ҳилм аст; ӯ пешвову адиби парҳезгор аст, ки ҳузну андӯҳҳоро рафъ созаду имонро тақвият бахшад”] [102, 168].

Байтҳои зерин намунаи барҷастаи ихвониёти манзум маҳсуб мешаванд, ки байти дувуми он ба услуби наср навишта шуда, ҳар кадоме аз ду калимаҳои он баръакс хонда мешавад, ба монанди “ **كالزُّهْرِ تزهر** ”, “**ضِيَاءٌ فائِضٌ**”, “**عَطَاءٌ ساطِعٌ**”, “**رأى عيارٌ**”, “**دُعَاءٌ صَاعِدٌ**”. Ин калимаҳо ба ҳам “мақлуби кулл” [47, 101] шудаанд:

لِسَيِّدنا الإمامِ أَبِي المُطَهَّرْ فَضَائِلُ أَرْبَع كالزُّهْرِ تزهر
ضِيَاءٌ فائِضٌ رأى عيارٌ عَطَاءٌ ساطِعٌ رَهْطٌ مُطَّرْ
دُعَاءٌ صَاعِدٌ

[Бар бузургворамон Имом Абулмутаҳҳар, чаҳор фазилат чу гули бишкуфта хос аст,
Нури саршору андешаи заковатмандона, бахшоиши чашмгиру пайвандони соҳибфазилат ва дуои мададрасон] [102, 168].

Ҳамин тариқ, ихвониёт, ки дӯстиву садоқати самимӣ ва беғаразонаро тараннум мекард, дар эҷодиёти шоирони арабизабони давр ҷойгоҳи вижа дошт. Дар ихвониёт робитаи аҳли илму адаб, масъалаҳои гуногуни рӯзгори онҳо, дарду ранҷ, ғаму андӯҳ, шодиву сурур ва дигар лаҳзаҳои ҳаёти онҳо таҷассум гардидаанд. Тавассути ихвониёт метавон ба бисёр ҷанбаҳои рӯзгори шуаро равшанӣ андохт ва аз равобиту муносибати миёни аҳли адаб маълумоти амиқ пайдо намуд.

Густариши бовусъати ихвониёт, ҳам дар қолаби қасида ва ва ҳам қитъа, аз падидаҳои назаррасии шеъри ин давра ба шумор меравад. Дар баробари ихвониёти анъанавӣ, ки шомили паём ва иродату хайрхоҳӣ ва таманниёти неки шоир ба яке аз дӯстон ва ё пайвандон мебошад, ихвониёте низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо ба ҷуз аз ибрози ихлосу мавaддат ҳамчунин суолу ҷавобҳое доир ба масоили алоҳидаи фиқҳӣ матраҳ мегарданд. Ин гуна ихвониёт моҳиятан мукотиботи манзум байни шоироне мебошад, ки дар улуми динӣ низ табаҳҳур доштанд. Аҳаммияти ихвониёти манзум дар муайян сохтани робитаҳои дӯстона миёни аҳли илму адаб ва мавзуоти мавриди таваҷҷуҳи онҳо арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Ватвот, Рашидуддин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол [Матн] / Рашидуддини Ватвот. – Теҳрон: Матбааи Маҷлис, 1308. – 258 с.
2. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Исфаҳон. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма [Матн] / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. – Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. – 366 с.
3. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Хуросон ва Ҳирот. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма [Матн] / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. – Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. – 406 с.
4. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Форс. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма [Матн] / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. – Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. – 392 с.
5. Раҷабова М.Т. Мухтассоти ихвониёти насрӣ дар адабиёти арабизабони асрҳои XI-XII [Матн] / М.Т. Раҷабова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 208-211.
6. Ал-Фохурӣ, Ҳанно. Ал-ҷомиъ фӣ таърихи-л-адаби-л-арабӣ. Ал-Адаб-ул-қадим [Матн] / Ҳанно ал-Фохурӣ. – Байрут-Лубнон: Дор-ул-Ҷил, ат-табъат-ул-уло, 1986. – 1096 с.

НАМУНАИ ИХВОНИЁТИ МАНЗУМ ДАР ТАЗКИРАИ “ХАРИДАТ-УЛ-ҚАСР”-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Дар мақолаи мазкур намунаи ихвониёти манзум дар “Харидат-ул-қаср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ баррасӣ гардидааст. Дар иртибот ба ин, таъкид шудааст, ки ихвониёти манзум дар эҷодиёти шоирони давр ҳам дар қолаби қасидаи мустақил ва ҳам қитъаҳои ҷудогона суруда шудаанд. Дар ихвониёт, ки дӯстиву бародарӣ тараннум карда мешаванд, робитаи аҳли илму адаб, масъалаҳои гуногуни рӯзгори онҳо, дарду ранҷ, ғаму андӯҳ, шодиву сурур ва дигар лаҳзаҳои ҳаёти онҳо таҷассум гардидаанд.

Вожаҳои калидӣ: Ҳусайни Натанзӣ, Султон Санҷар, Низомулмулк, Имодуддини Исфаҳонӣ, Хуросон.

ОБРАЗЕЦ ПОЭТИЧЕСКИХ ИХВАНИЯТ В АНТОЛОГИИ “ХАРИДАТ-УЛ-КАСР” ИМАДУДДИНА АЛЬ-ИСФАХАНИ

В данной статье рассматривается образец поэтических ихваният в антологии “Харидат-ул-каср” Имадуддина Исфахани. В этой связи подчёркивается, что в арабоязычной поэзии данного периода поэтические ихваният сочинены как в форме самостоятельных касыд, так и в форме отдельных **кит’а**. Ихваният воспевающие братство, дружбу и товарищество олицетворяет отношения между мужами науки и литературы, различные вопросы их повседневной жизни, их боль и страдания, их скорбь и горе, их радость и печаль, а также другие моменты их жизни.

Ключевые слова: Хусайн Натанзи, Султон Санджар, Низомулмулк, Имадуддин аль-Исфахани, Хорасан.

A SAMPLE OF IKHVANIYAT POEMS IN THE ANTHOLOGY “KHARIDAT-UL-QASR” BY IMADUDDIN ISFAHANI

This article discusses a sample of ikhvaniyat poems in the anthology “Kharidat-ul-qasr” by Imaduddin Isfahani. In this regard, it is emphasized that in Arabic-language poetry of this period, poetic ikhvaniyat are composed both in the form of independent qasids and in the form of individual kit'a. Ihvaniyat praising brotherhood, friendship and camaraderie represents the relationship between men of science and literature, the various issues of their daily lives, their pain and suffering, their sorrow and sorrow, their joy and sorrow, and other moments of their lives.

Keywords: Husayn Natanzi, Sulton Sanjar, Nizomulmulk, Imaduddin Isfahani, Khorasan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Тел.:** (+992) 987509968. **E-mail:** rajabova.marhabo@mail.ru

Сведение об авторе: ***Раджабова Мархабо Тухтасуновна*** **–** Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующая кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Тел.:** (+992) 987509968. **E-mail:** rajabova.marhabo@mail.ru

Information about the author: ***Rajabova Markhabo Tukhtasunovna*** **–** Tajik National University, the doctor of philological sciences, professor, the head of the Department of Arabic Philology the faculty of Asian and European languages. **Address:**734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 987509968. **E-mail:** rajabova.marhabo@mail.ru

САРЧАШМАИ НОДИРИ АДАБӢ БО НИГОРИШИ ШЕВОИ АРАБӢ

Насриддинов Ф.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Таҳқиқи осори нодири донишмандони тоҷик аз пурсамартарин ҷонибҳои ковишҳои ховаршиносӣ ба шумор меояд. Аз пажӯҳиши ин зумра осор асноди муҳим ва шавоҳиди тозаву арзишманд дар тоҷикшиносӣ ба даст омада, пояҳои худшиносии мо таҳким мепазирад. Ҷиҳати таҳаққуқи ин амр осори то ҳол ношинохтаву камшинохтаи донишмандони тоҷикро ба таври равишманд бозшиносӣ намудан хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққақ аст, ки донишмандони тоҷик бо нубуғу халлоқияти зеҳнӣ ва бинишу нигариши хоса, афзун бар забони модарии худ, бо забони арабӣ низ ба таълифи осор эҳтимом намуда, илми тоҷикро дар густараи бисёр фарох интишор додаанд. Ба ин мӯҷиб, осори арабизабони донишмандони тоҷик дар ҳамаи мактабҳои илмии шарқу ғарб раҳ ёфтааст ва имрӯз дар муҳимтарин ганҷинаҳои мероси хаттии ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад. Бо он ки шумори зиёде аз ин осор шиносоӣ шудаанд, аммо ҳанӯз шумори шиносоинашуда ё ба таври шоиста омӯзишнаёфта низ хеле зиёд мебошад. Яке аз ин навъ осор китоби «Равзат-ул-мулук»-и Муҳаммади Хуҷандӣ мебошад, ки ҳафт қарн муқаддам бо забони шевои арабӣ нигориш ёфтааст.

«Равзат-ул-мулук»-и Муҳаммади Хуҷандӣ сиёсатномаи ахлоқиву ирфонӣ буда, аз он нусхаи ягонае маҳфуз мондааст. Ин нусха дар китобхонаи Музейи Тӯпқописарой, маҷмуаи Аҳмади солис, таҳти шумораи А1511 нигаҳдорӣ мешавад. Муаллиф дар он аз худ ба сурати «Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Хуҷандӣ» ёд намуда, таърихи итмоми китобро моҳи зулқаъдаи соли ҳафтсаду панҷоҳу панҷи ҳиҷрӣ/баробар бо ноябри соли 1354 мелодӣ зикр фармудааст [12, 194б-195а]. Китоб ба амир Қуштами Носирӣ (ваф. 770 ҳиҷрӣ/1369 мелодӣ), ки аз умарои номдори давлати Банӣ Қаловун ба ҳисоб меояд [10, 2, 363-364; 13, 3, 156; 1, 11, 54], эҳдо гардидааст [12, 3а-3б].

Шахсияти муаллиф бо падари Ҷалолуддин Аҳмади Хуҷандӣ (тав. 719/1319 – ваф. 802/1399-1400) хеле мувофиқ меояд. Дар кутуби сияру риҷол ному насаб ва нисбаи донишманди номвари тоҷик аллома Ҷалолуддин Аҳмади Хуҷандӣ чунин дарҷ ёфтааст: «Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Хуҷандӣ» [3, 83; 4, 2, 156; 9, 2, 194; 8, 1, 148; 11, 2, 89]. Дар мароҷеъ гузоришҳои дақиқ аз мақоми илмиву ирфонии падари Ҷалолуддини Хуҷандӣ зикр гардидааст [9, 2, 201; 8, 1, 149-152]. Мусанниф дар мавриде аз шунидани матолабе аз машоихи худ аз Исфеҷоб ёд карда, ки ин бар ҳузури ӯ дар сарзамини хеш – Моваруннаҳр ишора дорад [12, 159б].

Шеваи нигориш, истидлолу истишҳод, нақду баррасӣ, бахусус мубоҳисаҳои муаллиф роҷеъ ба вазну қолаби шеърӣ ва насри мавзуну қаринаҳои оҳангини китоб ӯро мутабаҳҳир дар адабу ирфон нишон медиҳанд. Бар асоси захрияи нусха ӯ шеър низ месурудааст.

Китоби «Равзат-ул-мулук»-и Хуҷандӣ аз дебоча, муқаддима, се қисми умда ва хотима таркиб ёфтааст. Қисматҳои сегона ва асосии китоб «Фӣ баёни-л-одоб» [9а-75а], «Фӣ баёни-л-ахлоқ» [75а-144б] ва «Фӣ баёни кайфийти-с-сулуки ило вусули ал-Халлоқ» [144б-194а] унвон дошта, ҳар як аз чанд бахши дохилӣ ва зерфаслҳо иборат мебошад.

Бояд таъкид дошт, ки китоби «Равзат-ул-мулук»-и Муҳаммади Хуҷандӣ ба масобаи донишномаи ахлоқиву ирфонӣ буда, аз арзиши баланди илмию адабӣ бархурдор мебошад. Аз он сабаб, ки баррасии густардаи вижагиҳои илмию адабии ин сарчашмаи нодир аз гунҷоиши як мақола берун аст, ин ҷо бо таваҷҷуҳ ба насри шевои китоб ва хусусиятҳои сабкиву адабӣ ба тавзеҳи масъала мепардозем.

а) Насри шево ва оҳангин. Табаҳҳури муаллиф бар улуми адабӣ ва огоҳии ӯ аз тавонмандии забони арабӣ мӯҷиб гардида, то китоб бо насри шевову мавзун нигориш ёбад. Корбурди алфози ҳамқофия дар фавосилу поёни қаринаҳо ба насри ӯ оҳангнокӣ ва мавзунияти хоса бахшидааст. Хусусияти мазкур дар саросари авроқи китоб ба мушоҳида мерасад, ки ҳама равону бетакаллуф ба қалам омадаанд. Омӯзиши чунин хусусият равшан

менамояд, ки сабки насри китоб мавзуни мурсал буда, матолиб дур аз насри фанниву мутакаллифона нигориш ёфтаанд.

Ҷиҳати таъйиди андеша ба пораматне аз оғози китоб таваҷҷуҳ мефармоем: «Аҳаққу каломин юстафтаҳу биҳи мақол ва юстанҷаҳу биҳи омол ҳамдуллоҳи муфизи-л-хайри ва-л-ҷуди, воҳиби вуҷуди кулли мавҷуди, ал-мазкури бикулли лисони, ал-машкури ъало кулли иҳсони, ал-маъбуди фӣ кулли макони, мубдии-л-умури ва муқаддири-д-духури фи-л-азмони. Ва-с-салоту ъала-л-мурсили ила-н-носи коффатан ва-л-мабъуси ила-л-ъоламина раҳматан ва раъфатан, ал-марфуъи зикруҳу фи-с-самои, ал-машҳури хабаруҳу фӣ соири кутуби-л-анбиёи Муҳаммадин ва ъало олиҳи-л-муҷтабо ва асҳобиҳи анҷуму самои-л-ҳудо. Аммо баъд, фаламмо раайту ашрафа-л-ъулуми ва аъазза-л-маълуми ва аҳамма-л-умури ва аъзама-с-сурури ал-ъилма би-т-таваҷҷуҳи ило ҳазрати ҷанобиллоҳи-л-ақдаси ва ликоиҳи-л-муназзаҳи-л-муқаддаси ва-т-талаба ило тақаррубиҳи ва ризоиҳи биманҳаҷи иттибоъи ҳабибиҳи Муҳаммадин хотама анбиёиҳи, саллаллоҳу ъалайҳи ва олиҳи» [12, 1б].

Чунонки мушоҳида мегардад, гузиниши калимоти «мақол»-у «омол», «ал-ҷуд»-у «мавҷуд», «лисон», «иҳсон», «макон»-у «азмон», «умур»-у «сурур», «ақдас»-у «муқаддас», «само», «анбиё», «муҷтабо»-ву «ҳудо», «тақаррубиҳи», «ризоиҳи», «ҳабибиҳи»-ву «олиҳи» ва ғ. ё ҳатто қариниҳо ва бахши муҳимми ҷумлаҳои соддаи комилан мавзуну муқаффо, мисли «юстафтаҳу биҳи мақол ва юстанҷаҳу биҳи омол», «ал-марфуъи зикруҳу фи-с-самои, ал-машҳури хабаруҳу фӣ соири кутуби-л-анбиёи» ва ғ. ё чиниши ҳарфҳои хоса, ба монанди «ҷим», «вов», «дол» дар қаринаи «воҳиби вуҷуди кулли мавҷуд» ва ғ., ки дар онҳо анвои гуногуни саҷъу ҷинос ба назар мерасад, ба насри муаллиф мавзунияти хоса бахшидаанд.

Бояд ёд намуд, ки чунин хусусият маъмулан дар қисмати оғозини аксари китобҳои ниёгон ба назар мерасад. Дар назди гузаштагон дар нигориши бахши таҳмидияи китобҳо чунин хусусият марсум буда, аммо дар идома мавзунсозии калом ба сабки нигориши нигоранда рабт мегирифтааст. Иқтибоси болоӣ низ аз қисмати таҳмидияи «Равзат-ул-мулук» аст, вале дар китоб чунин хусусият танҳо ба қисмати мазкур марбут набуда, балки он дар кулли насри китоб ба мушоҳида мерасад. Муаллиф дар саросари китоб бидуни такаллуф бо ин навъ насри шево матолибро ба қалам овардааст.

Барои таъйиди назар ба шоҳиди зер менигарем, ки чӣ гуна матлаб бидуни тасаннуъву такаллуф равону мавзун нигориш ёфтааст: «Ваълам айюҳа-т-толибу, ан ло ҳиҷоба байнака ва байна матлубика илло вуҷудука ва ғайбата илло шуҳудука, фағиб ъани-ш-шуҳуди такун ҳозиран ва афин ъан вуҷудика ва ҳузузика такун восилан. Фа лав ло анна мароия-л-қулуби садият латароат фиҳа-л-аҷоибу ва лав ло анна басоираҳо ъамият лазаҳарат фиҳа-л-авоқибу, валокин рона ъалайҳо аз-зунубу фаҳуҷибат ъан матлаъиҳа-л-ғуюбу ва такошафат ъалайҳо зулам-уш-шаҳавоти фанукисат ва тародафат ъалайҳо ҳуҷуб-уш-шубуҳоти, фало янфаъуҳа-з-зикро ва ло янҷаҳу ваъзун фиҳо…» [12, 148а-148б].

Муаллиф охирин мабҳаси илмии китобро бо истишҳод ба қавли орифи номвар Абдуллоҳи Ансорӣ поён бурда, толибони роҳи маърифатро бо чунин насри шево мавриди иршод қарор медиҳад: «Ва мо ваҷадна-л-калома аъло дараҷатан ва аъзама манзилатан фӣ баёни-т-тавҳиди мин каломи аш-Шайх Абдуллоҳ ал-Ансориййи, фалиҳозо ал-маъно хатамно фасса-т-тавҳиди биҷавоҳири калимотиҳи ва лаолии иборотиҳи ва янбағӣ ли-с-солики-т-толиби ан ло ямулла мин татвили-л-каломи фӣ ҳоза-л-мақоми. Фаинна ғаразано тафҳими-л-маъони-д-дақиқати ли-т-толибина ва табйини-л-мақомоти-р-рафиъати ли-с-соликина. Валлоҳу таъоло юбаллиғуно ҳозиҳи-л-аҳвол ва ло яҷъалу ҳаззано минҳа-л-мақол. Фатафаккар айюҳа-т-толиб-ус-солику фӣ ҳозиҳи-л-маъонӣ ва аҳволи аҳли-л-хавосси ва тааммал би-с-сидқи ва-л-ихлоси ваҷтаҳид фи-т-таҳорати-з-зоҳирати ва-н-назофати-л-ботинати битатҳири-л-ақволи ва-л-афъоли ва тазкияти-н-нафси мин данаси-л-ахлоқи ваттисофиҳо би-л-ахлоқи-л-марзийяти ва-л-аҳвол ъало тариқати набиййино Муҳаммадин, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллама, ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи хайра саҳбин ва ол» [12, 194а].

Дар фароварди китоб бо ниёише пуршӯр мабоҳиси китобро хотима бахшида, бо каломи мавзун аз ниҳояти таълиф хабар медиҳад ва аз хонандагон илтимос мефармояд, то аз халалу лағзишҳои эҳтимолӣ чашмпӯшӣ намоянд. Чунонки менависад: «Фахатамно биҳозиҳи-л-адъияти китобано ҳозо ва ҳува китобу хулосати-л-одоби ва-л-ахлоқи-л-

мақомоти ли-с-соликина ило вусули-л-халлоқи биъавни-л-малики-л-ъазизи би-л-истиҳқоқи. Ва-л-масъулу мина-н-нозирина ило ҳоза-л-китоби изо итталаъу ъало савъати залалин ав халалин биҳасаби-л-лафзи ави-л-маъно фӣ бобин мина-л-абвоби ан ястуруҳу бизайли ъафвиҳим ва айни иноятиҳим ва юсаҳҳиҳуҳу бифазилатиҳим» [12, 194б].

б) Истифодаи ашъор ва истишҳод ба шеър. Муаллиф, чунонки зикр ёфт, раҳёфтаи ҳарими суханварӣ буд ва аз адаби арабӣ вуқуфи комил дошт. Чунин фазилати муаллиф имконият фароҳам оварда, то ӯ ба таври хеле назаррас аз ашъори арабӣ баҳра чӯяд ва ба шеърҳои фаровон истишҳод намояд. Ӯ гоҳе бо зикри сареҳи номи гӯянда ба шеър тамассул мечӯяд. Дар чунин мавридҳо пеш аз шеър исми гӯянда, мисли Ибни Фориз, Ибни Муътаз, Абӯчаъфари Қурашӣ, Ҷунайд ва дигарон зикр мегардад. Аммо бештар зери чумлаҳои «Қола аш-шоир» ва «Аншаду фӣ ҳозо ал-маъно» ва ғ. ё унвон қарор додани лафзи «Шеър», «Байт» ва «Мисроъ» истишҳоду тамассул ба ашъор сурат мегирад.

Шавоҳид: «Ҳукия ъан ал-Кисоӣ аннаҳу дахала ъало ар-Рашид ва рао байна ядай Рашид воҳидун яътазиру илайҳи мин шайъин чаноҳу ва ар-Рашид муъризун ъанҳу, ло яқбалу узраҳу. Фақола ал-Кисоӣ: А таъзану лӣ фи-л-каломи. Фақола: Наам. Фақола: Ё амиралмуъминин, аншудука ҳозо ал-байт:

Ана-л-музниб-ул-хотиу ва ъафвука восиъун,
Ва лав лам занбун ламо урифа-л-ъафву.

Фақабила узраҳу ва ъафо ъанҳу» [12, 116б-117а].

(Тарҷума: Нақл гардида, ки Кисоӣ ба ҳузури (халифа) Ҳорунаррашид даромад ва дид, ки нафаре дар пешгоҳи ӯ истодаву аз гуноҳи кардааш узр мехоҳад, аммо халифа аз ӯ рӯй гардонидаву узрашро намепазирад. Кисоӣ бо мушоҳидаи ҳол гуфт: Оё иҷозат медиҳӣ, ки сухан гӯям? Халифа фармуд: Оре. Пас Кисоӣ гуфт: Эй амири муъминон, ба ту ин байтро мехонам:

Ман гунаҳкори хатокирдорам ва афву бахшиши ту бекарона аст,
Агар гуноҳ намебуд, афву бахшиш аз куҷо шинохта мешуд.

Он гоҳ (Рашид) узри он шахсро қабул намуд ва аз гуноҳаш даргузашт.)

* * *

«Ва янбағӣ ан яҳтариза-т-толибу ъан мусоҳибати-л-аҳмақи. Лианна-с-суҳбата туассиру камо қила: ал-Ҷамру юзаъу фи-р-рамоди фаюхмаду. Ва қола аш-шоиру:

Иннӣ лаоману мин ъадуввин оқилин
Ва ахофу хиллан яътариҳи чунуну
Ва-л-ақлу фаннун воҳидун ва тариқуҳу
Адрӣ фаарсуду ва-л-чунуну фунуну» [12, 68а-68б].

(Тарҷума: Бояд, ки толиби роҳи ҳақиқат аз дӯстии шахси аҳмақу беақл парҳез намояд. Зеро дӯстиву ҳамроҳӣ таъсир мегузорад. Он тавр ки гуфтаанд: Ахгар бар хокистар гузошта мешавад ва дар натиҷа (ҷавҳару сӯзиши худро аз даст медиҳад ва) хомӯш мегардад. Шоир гуфта:

Ҳамоно ман аз душмани оқил эминам, аммо аз дӯсти гирифтор ба беақлӣ тарсонам.

Зеро ақл як навъ асту роҳи онро медонам ва (аз он) муроқибат менамоям, аммо беақлӣ бошад, анвои зиёд дорад ва наметавонам ҳамаи онҳоро зери назорат бигирам).

в) Тавзеҳи луғоту истилоҳот. Муаллиф дар он мавридҳо, ки алфозу мафоҳим ба тавзеҳ ниёз доранд ва маъникушоӣ аз онҳо дар дарки матлабҳо равшании бештар мебахшад, ба тавзеҳи луғоту истилоҳот пардохтааст. Дар чунин мабоҳис таваҷҷуҳи муаллиф ба тавзеҳи луғоту истилоҳот аз нигоҳи орифон бештар падидор буда, баррасиҳои ӯ дар мояварсозии фарҳангҳои истилоҳоти сӯфия хеле судманд хоҳанд буд. Ба омӯзиш гирифтани ин гуна мабҳасҳо дар табйини арзиши адабии китоб ва аҳаммияти луғатшиносии он мусоидат менамояд.

Намунаҳо: «Ваълам анна маъно ат-тавҳиди фи-л-луғати ҳува ал-ҳукму бианна-ш-шайъа воҳидун ва фӣ аш-шаръи ҳува ал-ҳукму маа-л-ъилми бианна-ш-шайъа воҳидун. Юқолу «ваҳҳадтуҳу» изо васафтаҳу би-л-ваҳдонийяти, камо юқолу «шаҷҷаъту фулонан» изо насабтаҳу ило аш-шуҷоъати. Ва юқолу айзан фи-л-луғати «ваҳада», «яҳиду», фаҳува

«воҳидун» ва «ваҳидун», камо юқолу «фарада», фаҳува «форидун» ва «фаридун» ва «фардун» [12, 189а].

(Тарҷума: Бидон, ки маънои «тавҳид» дар луғат ҳукм намудан бар ин ки чизе муайян ягона аст ва дар шаръ бошад, ҳукм намудан бо огоҳӣ бар ин ки чизе муайян ягона мебошад. Вақте касеро ба ягонагӣ тавсиф намоӣ, «ваҳҳадтуҳу» гуфта меояд. Он тавр ки дар ҳоли касеро ба шуҷоат нисбат додан, гуфта меояд, ки «шаҷҷаъту фулонан». Ҳамчунин, дар луғат «ваҳада», «яҳиду» гуфта меояд, ки мурод аз он «воҳид» ва «ваҳид», яъне ягона хондан аст, чунонки «фарада» гуфта меояд, ки манзур аз он «форид», «фарид» ва «фард» мебошад.)

* * *

«ал-Фарқ байна-т-тавбати ва-л-инобати анна-т-тавбата ҳия ар-руҷуъу ъани-л-мухолифати ила-л-мувофиқати ва ал-инобату ҳия ар-руҷуъу илаллоҳи таъоло бишарти-л-иърози ъаммо сиваллоҳи таъоло. Ва анна-т-тавбата ҳия ал-ъаҳду ва-л-инобату ҳия ал-вафоу бизолика-л-аҳди» [12, 153б].

(Тарҷума: Фарқ байни тавба ва инобат ин аст, ки мурод аз тавба бозгаштан аз мухолифат бар мувофиқат аст ва манзур аз инобат бошад, бозгаштан ба сӯи Худованд бо шарти рӯй гардонидан аз ҳар чизе ҷуз Ӯ. Ва дар баёни дигар, тавба аҳд аст ва инобат бошад, вафо бар ин аҳд.)

* * *

«Ва ҳия ъало салосати ақсомин: Инобат-ул-авомми ва инобат-ул-хавосси ва инобату хосси-л-хавосси. Фаинобат-ул-авомми ан яшғила нафсаҳу бихидматиллоҳи би-л-вафои ва-р-руҷуъи илайҳи би-с-сафои ва ястақбила-л-умура би-р-ризои. Ва инобат-ул-хавосси ан юхаллӣ қалбаҳу мин маърифати мо сиваллоҳи ва янсӣ ғайраллоҳи ва якуна доиман мутаваҷҷиҳан илаллоҳи. Ва инобату хосси-л-хавосси ан ястағриқа руҳаҳу бимаҳаббатиллоҳи ва тамҳува нафсаҳу би-л-куллияти филлоҳи. Ва изо назала-л-қалбу ҳозо ал-манзила футиҳа лаҳу боб-ул-иродати ва ҳия рояту аҳли-л-қабули ва аломатуҳу анна соҳибаҳу марзийюн индаллоҳи ва мақбул ва ҳува аҳсану маъмулин ва масъул» [12, 154а-154б].

(Тарҷума: (Инобат) бар се навъ аст: Инобати авом, инобати хосагон ва инобати хоси хосагон. Аммо инобати авом ин аст, ки худро бо вафо дар хидмати Худованд қарор диҳад, бо сафову покӣ ба сӯи Ӯ бозгардад ва ҳамаи корҳоро бо ризову хушӣ пазирад; инобати хосагон бошад, чунин аст, ки қалби худро аз маърифати ҳар чи ҷуз Худованд аст, холӣ дорад, ғайри Ӯро фаромӯш намояд ва пайваста мутаваҷҷеҳи ҳазрати Парвардигор бошад; инобати хоси хосагон бошад, ин гуна аст, ки рӯҳи худро комилан ғарқаи муҳаббати Худованд созад ва худро батамомӣ дар Ӯ таоло маҳв гардонад. Вақте ки қалб бар ин мақом фуруд ояд, бар он боби иродат кушода мешавад ва он рояту мояи сарафрозии аҳли қабул аст. Нишонаи он ин гуна аст, ки шахси шарафёб бар он назди Худованд писандидаву мақбул мебошад ва ин манзалат некӯтарин чизест, ки орзу намуда мешавад ва пурсида мегардад.)

г) Истинод ба ақволу ахбори олимону орифон. Сабки таълифи муаллиф возеҳ месозад, ки ӯ пайваста баъд аз истидлол ба оёту аҳодис ақволу ахбори олимону орифонро нақл мефармояд ва аз онҳо дар таъйиди назар кӯмак меҷӯяд. Дар чунин мавридҳо гуфторҳо ва нақли лавҳаҳо аз рӯзгори орифоне, чун Ҳасани Басрӣ, Робеа, Ибни Муборак, Шиблӣ, Ҷунайд, Яҳё ибни Муоз, Иброҳими Адҳам, Воситӣ, Ибни Ато, Маъруфи Кархӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯсулаймони Доронӣ, Ҳориси Муҳосабӣ, Абулҳусайни Нурӣ, Фатҳи Мавсилӣ ва дигарон хеле зиёд ба назар мерасад. Нақли қавлу хабари бузургону олимоне, ба мисли Абӯбакри Сиддиқ, Умар, Алӣ (рз), Ҷаъфари Содиқ, Мусъаб ибни Зубайр, Абӯҳанифа, Молик ибни Анас, Шофеӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ ва афроде дигар зимни баррасиҳо фаровон ба чашм меояд. Гоҳе ин навъ ақволу ахбор бо сиғаи маҷҳули «қола баъз-ул-акобир», «қола баъз-ул-муҳаққиқин», «қола баъзуҳум», «қола аҳлу таҳқиқ» ва ғ. нақл меёбад.

Шавоҳид: «Қола Мусъаб ибн аз-Зубайр лиибниҳи: Таъаллами-л-илма, фаин лам якун лака молан кона лака ҷамолан ва ин лам якун лака ҷамолан кона лака молан. Ва қола Фатҳ ал-Мавсилӣ: А лайса-л-маризу изо муниъа-т-таъому ва-ш-шаробу ва-д-давоу ямуту.

Қила: Наам. Қола: Казолика қалб-ул-муъмини изо муниъа ъанҳу ал-илму ва-л-ҳикмату салосату айёмин ямуту» [12, 10а].

(Тарҷума: Мусъаб ибни Зубайр ба фарзандаш гуфт: (Азизи падар,) илм омӯз, ки агар молу дорӣ надошта бошӣ, туро ҷамолу зебоӣ хоҳад буд ва агар ҷамолу зебоӣ надошта бошӣ, барои ту молу дорӣ қарор хоҳад гирифт. Фатҳи Мавсилӣ (боре) фармуд: Вақте ки бемор аз таому шаробу даво боз дошта шавад, оё намемирад? Гуфтанд: Оре. Фармуд: Дили муъмин низ чунин аст, ки чун се рӯз аз он илму ҳикмат боз дошта шавад, хоҳад мурд.)

* * *

«Ва қола ал-Ҷунайду, қаддасаллоҳу руҳаҳу: Ашрафу калиматин фи-т-тавҳиди мо қолаҳу Абубакрин ас-Сиддиқу, разияллоҳу ъанҳу: Субҳона ман лам яҷъал лихалқиҳи сабилан ило маърифатиҳи илло би-л-ъаҷзи ъан маърифатиҳи» [12, 189а-190а].

(Тарҷума: Ҷунайд, Худованд рӯҳашро пок дорад, фармуда: Боарҷтарин сухан дар мавриди тавҳид ҳамонест, ки Абӯбакри Сиддиқ, Худованд аз ӯ хушнуд бод, фармудааст: Пок аст он Худое, ки барои маърифати хеш ба офаридагонаш, ҷуз аҷзу нотавонӣ аз маърифати зоташ, роҳеро бознагузошт.)

ғ) Корбурди амсолу ҳикам. Истифодаи амсолу ҳикам ба китоб арзиши адабии хоса бахшида, ҷаззобияти матолибро бештар сохтааст. Дар ин гуна баррасиҳо, илова бар масалу ҳикматҳои асримиёнагии шарқӣ, амсолу ҳиками ҳакимони аҳди паҳлавӣ ва руминг юнонӣ низ хеле назаррас аст. Мисолҳо: «Ва қола баъз-ул-ҳукамои: ал-Илму шарафун ло қимата лаҳу ва-л-адабу молун ло хавфа ъалайҳи. Ва қола баъз-ул-удабои: ал-Илму афзалу халафин ва-л-амалу акмалу шарафин. Қила ли Бузарҷмеҳр ал-Ҳаким: ал-Илму афзалу ами-л-молу. Фақола: Бал ал-илму лианнаҳу нурун либасрати-л-ақли, ятамайязу биҳи-л-ҳаққу мина-л-ботили ва-л-қабеҳу мина-л-ҳасани ва биҳи таҳсил-ул-ҳаёти-л-абадиййи бихилофи-л-моли лианнаҳу матоун ло иътибора лаҳу ва соҳибун ло вафоа лаҳу» [12, 10а-10б].

(Тарҷума: Баъзе аз ҳакимон фармуда: Илм шарофате бебаҳост ва адаб бошад, сармояе, ки бар он тарсе нест. Баъзе аз адибон фармуда: Илм беҳтарин бозгузоштанист ва амал бошад, комилтарин сарбаландист. Аз Бузургмеҳри Ҳаким пурсиданд: Илм афзал аст, ё мол? Гуфт: Илм, зеро он нури биниши ақл аст, ки бо он ҳақ аз ботилу зишт аз зебо фарқ карда мешавад ва ба даст овардани зиндагии ҷовидонӣ бо он сомон мепазирад, баракси мол, ки он матоест, беэътибор ва дӯстест, бевафо.)

* * *

«Фа-т-толиб-ул-мустаъидду ва-с-солик-ул-муҷтаҳидду ясилу ило матлубиҳи биақалли заманин ва адно ишоратин, фало ҳоҷата лаҳу ила-л-адиллати-т-тавилати ва-л-бароҳини-л-касирати. Камо қила фи-л-масали-л-машҳури: Ли-л-оқили-л-ҳурри такфӣ лаҳу ал-ишорату» [12, 16а-16б].

(Тарҷума: Аммо толиби пӯяндаву солики кӯшанда ба чизе, ки ҷӯёаш аст, бо кӯтаҳтарин фурсату кӯчактарин ишорат ноил мешавад, пас ӯ ба далоили берун аз шумору бароҳини бисёр ниёзе надорад. Чунонки дар масали машҳур омада: Барои шахси оқили озодманиш ишорае кофист.)

Ҳамчунин, афзун бар он чи тавзеҳ ёфт, метавон масъалаҳои манобеи фикриву таълифӣ, шарҳи ашъор, таҳлили афкор, назария сӯфия, одоби кишвардорӣ, такмили тазкираву фарҳангҳои адабиву ирфонӣ ва ғайраро низ бар асоси матни китоб мавриди баррасӣ қарор дода, аҳаммияти илмиву адабии ин сарчашмаи нодирро бештар равшанӣ бахшид. Аммо аз он чи дар тавзеҳу таҳлили сабки наср, шарҳи истилоҳоту тавзеҳи луғот, нақли ақволу ахбор, корбурди амсолу ҳикам ва ашъори арабӣ баён гардид, метавон дарёфт, ки «Равзат-ул-мулук»-и Муҳаммади Хуҷандӣ аз осори арзишманди донишмандони тоҷик мебошад. Ин сарчашмаи нодири адабӣ, ки бо насри шевои арабӣ ба қалам омадааст, шоистагӣ дорад, то ҳарчи зудтар тасҳеҳу нашр ёбад ва бар ганҷинаи мероси илмии миллат ғановати бештар бахшад.

АДАБИЁТ

1. Ибни Тағрибердӣ. ан-Нуҷум-уз-зоҳира фӣ мулуки Мисра ва-л-Қоҳира.-Қоҳира: Вазорат-ус-сақофати ва-л-иршоди-л-қавмӣ, 1392, дар шонздаҳ муҷаллад.

2. Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ, Аҳмад ибни Алӣ. ад-Дурар-ул-комина.-Бейрут: Дор-ул-ҷил, дар чаҳор муҷаллад.
3. Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ, Аҳмад ибни Алӣ. Зайлу ад-Дурар-ул-комина.-Қоҳира: Маъҳад-ул-махтутот ал-арабийя, 1412.
4. Ибни Ҳаҷар ал-Асқалонӣ, Аҳмад ибни Алӣ. Инбоу-л-ғумр биабнои-л-умр.-Қоҳира: Лаҷнату эҳё ат-турос ал-исломӣ, 1415, дар чаҳор муҷаллад.
5. Каҳҳола, Умар Ризо. Муъҷам-ул-муаллифин.-Бейрут: Дору эҳё ат-турос ал-арабӣ, 1376, дар понздаҳ муҷаллад.
6. Қаратай, Фаҳмӣ Адҳам. Феҳристи дастхатҳои арабии Музейи Тӯпқописарой.-Истамбул, 1976, дар чаҳор муҷаллад.
7. Муъҷаму ат-торих-ут-турос ал-исломӣ фӣ мактабот ал-олам. Иъдод Алирризо Қарабулут ва Аҳмад Турон Қарабулут.-Қайсарӣ: Дор-ул-ақаба, дар шаш муҷаллад.
8. Саховӣ, Шамсиддин Муҳаммад ибни Абдурраҳмон. ат-Туҳфат-ул-латифа фӣ торихи ал-Мадинати-ш-шарифа.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1414.
9. Саховӣ, Шамсиддин Муҳаммад ибни Абдурраҳмон. аз-Завъ-ул-ломеъ.-Бейрут: Дор-ул-ҷил, дар даҳ муҷаллад.
10. Таббох, Муҳаммад Роғиб. Иълом-ун-нубало биторихи Ҳалаби-ш-шаҳбо.-Ҳалаб: Дор-ул-қалам ал-арабӣ, 1408.
11. Тамимӣ, Тақиуддин ибни Абдулқодир. Табақот-ус-санийя фӣ тароҷими-л-ҳанафийя.-Риёз: Дор ар-Рифоӣ, 1403.
12. ал-Хуҷандӣ, Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад. Равзат-ул-мулук, дастхати шумораи А1511 аз китобхонаи Музейи Тӯпқописарой, маҷмуаи Аҳмади солис.
13. Ҳалабӣ, Комил ибни Ҳусайн. Наҳр-уз-заҳаб фӣ торихи Ҳалаб.-Ҳалаб: Дор-ул-қалам, 1419.

САРЧАШМАИ НОДИРИ АДАБӢ БО НАСРИ ШЕВОИ АРАБӢ

Дар мақола масъалаи ҷойгоҳи донишмандони тоҷик дар ташаккули забону адабии арабӣ дар мисоли «Равзат-ул-мулук»-и Муҳаммади Хуҷандӣ (асри XIV) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқ ёфта, ки китоби мазкур сиёсатномаи ахлоқиву ирфонӣ буда, бо насри шевои арабӣ навишта шудааст. Аҳамияти адабии китоб бештар дар хусусиятҳои сабки наср, усулҳои шарҳи истилоҳот, тавзеҳи луғот, нақли ахбору ривоёт, корбурди амсолу ҳикам ва ашъори арабӣ инъикос ёфтааст.

Вожаҳои калидӣ: Муҳаммади Хуҷандӣ, «Равзат-ул-мулук», насри арабӣ, сабки наср, ашъор, шоирон, хусусиятҳои адабӣ

УНИКАЛЬНЫЙ ЛИТЕРАТУРНЫЙ ИСТОЧНИК С ВЫРАЗИТЕЛЬНОЙ АРАБСКОЙ ПРОЗОЙ

В статье анализируется вклад таджикских ученых в развитие арабского языка и литературы на примере «Равзат-уль-мулук» Мухаммада Худжанди (XIV в.). Работа демонстрирует, что это произведение представляет собой этико-суфийский политический трактат, написанный изысканным арабским языком. Литературная ценность книги определяется особенностями стиля, методами толкования терминов и слов, передачей сообщений и преданий, использованием пословиц и поговорок, а также включением арабской поэзии.

Ключевые слова: Мухаммад Худжанди, «Равзат-уль-мулук», арабская проза, стиль прозы, стихи, поэты, литературные особенности.

A UNIQUE LITERARY SOURCE FEATURING EXPRESSIVE ARABIC PROSE

This article analyzes the contribution of Tajik scholars to the development of Arabic language and literature, using "Ravzat-ul-muluk" by Muhammad Khujandi (14th century) as a case study. The study demonstrates that this work is an ethical and Sufi political treatise written in refined Arabic. The book's literary value is defined by its stylistic features, methods of interpreting terms and words, its use of messages and traditions, proverbs and sayings, and its incorporation of Arabic poetry.

Keywords: Muhammad Khujandi, "Rawdat-ul-Muluk", Arabic prose, prose style, poems, poets, literary features.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насриддинов Фахриддин Абдуманонович*** **-** доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, **Тел:** (91) 729 15 03. E-mail: fahr79@mail.ru

Сведения об авторе: ***Насриддинов Фахриддин Абдуманонович*** **-** доктор филологических наук, профессор кафедры языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Тел: (91) 729 15 03. E-mail: fahr79@mail.ru

About the author: ***Nasriddinov Fakhriddin Abdumanonovich*** **-** Dr. of Philology, Professor of the department of language and literature under Khujand State University named after acad. B.Gafurov. Tel: (91) 729 15 03. E-mail: fahr79@mail.ru

ЛИТЕРАТУРНАЯ ЦЕННОСТЬ И ЕЕ ЭЛЕМЕНТЫ В КОММЕНТАРИИ «АЛ-КАШШАФ» МАХМУДА ЗАМАХШАРИ

Очилова М.И.
ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»

Ученые в процессе оценивания поэзии и прозы, безусловно, касались вопросов их риторической и поэтической ценности, подвергали критике многочисленные аспекты, как в языковом, так и в содержательно-тематическом аспекте. В стилистическом плане неизменно исследовались фигуры речи - средства выразительности и изобразительности, основанные на соположении определенных единиц текста и элокуции. Из первостепенных фигур речи следует отметить фигуру речи *ташбих* (сравнение), наиболее применимое, востребованное средство, точно выражающее определенное состояние сравниваемого объекта. О ташбихе еще до времен Замахшари и его комментария «ал-Кашшаф» множеством ученых и критиков сказано немало, дано большое количество оценок, и имеется объемный пласт литературы, изучающий фигуру ташбих. Видимо по этой причине, Замахшари не уделяет много внимания этой фигуре в сравнении с другими его произведениями о красноречии и риторике. По нашему мнению, в комментарии нет четкой формулировки для этого средства выражения, и он пользуется уже выявленными стандартами, применимыми в его время. Уместно отметить, что чрезвычайно многогранное, глубокое литературоведческое исследование, осуществленное Абдулкадиром Джурджани по вопросу ташбиха на примере священного Корана, охватывает многочисленные воззрения предшествующих ему исследователей, литературоведов и критиков, вносит ясность и очевидность в понятие ташбих, и по глубине и охвату вопроса превосходит исследование Замахшари. Мы считаем уместным привести некоторые сведения, предшествующие комментарию Замахшари. Камил-ул-Хули представил научному сообществу подробный труд по вопросу ташбиха и этапов развития этой фигуры речи, в котором указал на исследования Абуубейда и привел в заключении своего полемического труда его слова: «В понимании Абуубейда о средстве изложения видится, что он не затрагивает лексического значения и углубляется в него, и слово «*маджаз*» имеет определенный смысл, слово «*тамсил*» имеет такое же значение, как излагается в словаре (лексическое значение), и является синонимом (равнозначным) слову «*ташбих*» [1, 107].

Также он исследовал попытки Фарраа дать оценку фигуре речи, и считает его последователем Абуубейда по вопросу ташбиха, дав ему оценку не только в лексическом плане, но и в более широком смысле. В подтверждение приводит следующий стих из священного Корана: **«فإذا انشقت السماء فكانت وردة كالدهان»** (ар-Рахман, 37) *(Когда расколется небесный свод, и пример цветок словно растопленный жир)* [6, 533]. Он осуществил комментарий приведенного аята, и отметил, что небо сравнено с «цветком» и цветок сравнен с «кипящим маслом» - «духн», и далее поясняет состояние обоих слов и аргументирует свое пояснение.

Из приведенного выше примера можно проследить полемику по вопросу ташбиха и вклад каждого в исследовании данной фигуры речи. Далее Замахшари упоминает Джахиза, за ним Мубаррида и отмечает, что в его стиле собирать и приводить многочисленные аргументы, которые послужили важным руководством для других. Им упоминается, что Мубаррид не уделил должного внимания классификации ташбиха, однако при упоминании какого-либо отдельного сравнения, непременно приводил пояснение. Далее он упоминает вклад имама (предстоятеля) Куфы Абулаббаса Ахмада ибн Яхйа Са`лаба в развитии этого вопроса. Упоминает, что Са`лаб указал примеры, приведенные Мубарридом, и добавляет, что ничего нового о ташбихе не сказал, так как рассматривал ташбих в его первозданной форме, без его классификации. Он также упоминает

исследования Ибн Му`таза, сравнивает его с трудами его наставников Мубаррида и Са`лаба, и упоминает, что Ибн Му`таз счел некоторые виды *истиара* (аллегория) ташбихом. В конце подводит итог всем стараниям исследователей до третьего века хиджры и отмечает: «Это полемика, излагающая виды ташбиха в третьем веке, и в этом споре ташбих еще не делится на виды, и образцы ташбиха приравнены образцам истиары (аллегории). А литературное воззрение в исследовании красноречия, подкрепленного поэтическими образцами из древнего наследия и новой поэзии, не рассматривает этот красивый раздел (ташбих) и не имеет этой цели» [1, 110].

Также он приветствовал трактат Кудамы и выразил ему восхищение: «Кудама в вопросе ташбиха сделал огромный шаг, он определил смысл ташбиха, в какой-то мере дал определение его составным частям и его свойствам, что в значительной мере отличает его от остальных ученых третьего века хиджры» [5, 92].

В том числе «*ташбих маклуб*» (зеркальный, обратный ташбих), где Ибн Джунни своими стараниями попытался отделить грамматические особенности от поэтического смысла, и не остановился лишь на этом. Это полезная наука в области красноречия для того, кто исследует и размышляет об этом. Замахшари в главе перевода о победе второстепенного над основной частью утверждает, что это раздел самый красивый в арабских разделах, который можно найти в арабской риторике и склонении. И там, где встретишь этот раздел, ташбих употребляется для преувеличения. Образцы поэзии:

Их поэзии Зуррума:

ورمل كأوراك العذارى قطعته إذا ألبسته المظلمات الحنادس [4, 80].

(Когда Рамла одевается и окутывает ее темнота, подобна тетиве лука).

ليلى قضيب تحته كثيب وفي القلادة رشأ ربيب [4, 102].

(Лейла та ветвь, под которой песчаная дюна, на шее - дитя лани и ребенок супруга).

Можно увидеть, как второстепенное возобладало над основным и наоборот, когда женские ягодицы сравнивают с песчаной дюной, и в экстазе преувеличения также говорят об обратном.

ترى خلفها نصفاً قناةً قويمةً ونصفاً نقا يرتجّ أو يتمرمر [4, 237].

(Взгляни на ее ягодицы, половина которых как крепкое крыло, а половина дрожит и качается).

В приведенных выше образцах Зуррума, используя преувеличение, вопреки традициям превращает общее в частное, а частное в общее, ведь обычно принято сравнивать женские ягодицы с песчаной дюной, а не наоборот. И такой же пример у Тайи Хурди:

في طلعة البدر شي من محاسنها وللقضيب نصيب من تثنيها [4, 548].

(В восходящей луне немного видна ее красота и в ветви дерева видится признак ее двойственности).

Далее указывает, что тот же самый смысл используют грамматики и преобразовали основное во второстепенное, и наоборот. Например, Сибавейх говорит, что в словосочетании **«هذا الحسن الوجه»** *(эта девушка с красивым лицом)* слово **«وجه»** *(лицо)* будет находиться в родительном падеже по двум причинам. Во-первых, стоит в позиции определяемого, во-вторых является средством уподобления (ташбих), то есть «она, как тот красивый мужчина» [7, 216].

Ибн Джунни воодушевила теория его наставника Абуали Фариси, высказанная во взаимоотношении позиций склонения с поэтическими фигурами, и он отметил: «отрицательная частица **«لا»** рода присоединяется к существительному и сливается с ним в одно слово. Например: **«لا رجلَ في الدار»** *(Нет никого дома)*, **«لا بأس عليك»** *(У меня к тебе нет слов)*. И приводит в качестве примера следующие строки:

خيط على زفرة فتمّ ولم يرجع إلى دقة ولا هضم [1, 376].

(Сшили коню мешок и конь стал таким огромным и толстым, что его огромный живот больше никогда не уменьшился и перестал переваривать (пищу).

Далее, приводя следующие примеры, которые указал его наставник, отмечает: «Я получил от такого подхода хорошие навыки… Например, выбор второго глагола в

предложении, потому что он близок к подлежащему. Например, «**ضربت وضربني زيد**» *(ударил я и ударил меня Зейд)* «**ضربني وضربت زيداً**» (*он ударил меня и я ударил Зейда)*. И подобно этому стихи Хаззали:

بل إنها تعفو الكلوم وإنما نوكل بالأدنى وإن جل ما يمضي [1, 187].

(Рана заживет и мы вскоре тронемся в путь, пусть даже, если прошедшее велико).

Далее приводит несколько бейтов в этом же ключе. И говорит, что: «То, что приводится о влиянии первого глагола, в этом стихе великого Тайи:

نقِّلْ فؤادك حيث شئت من الهوى ماالحب إلا للحبيب الأول [4, 436].

(Направь сердце, куда тебе угодно, (настоящая) любовь - это первая любовь).

При *и`раб муджавара* - принятии огласовки словом по причине близости приводят следующий пример: «**هذا جحُر ضبٍّ خربٍ**» *(Это логово тощего варана)*. И по этому случаю приводят следующую пословицу: «**يؤخذ الجار بجرم الجار**» *(Сосед от соседа учиться плохому)*. Это крайне удивительное отношение, посредством которого открываются таинства и порядок языка, философия его построения со всеми интеллектуальными связями, заслуживающие внимания пытливого ума поэтов. И несомненно, что поэты вносят наибольший вклад в создания языковых ценностей, грамматических и риторических правил и подходов. И важнейшее в этом вопросе то, что ташбех маклуб (*зеркальный ташбих*) не был ясен поэтам и литераторам.

Также Замахшари приводит примеры и описания фигуры ташбих, заимствованные у Ибн Рашика. Следует отметить, что его воззрения об истории литературы имеют огромную ценность, однако его тезисы не содержат риторического аспекта. Нам следует лишь привести его исследования по вопросу ташбиха. Ибн Рашик о множественном числе говорит: По сути, ташбих возник с внесением частицы «**ك**» *(подобно)* и ее подобий таких как «**كأن**» *(как)*, что является сравнением одного с другим в стихотворном бейте, которое Имрулькайс уподобил орлу:

كأن قلوب الطير رطباً ويابسا لدى وكرها العناب والحشف البالي [4, 482].

(Как будто сердца птиц в его гнезде (гнезде орла) мокрые и сухие, как высохшие плоды финика).

Имрулькайс в одном бейте уподобил две вещи, и этот вид ташбиха называется *ташбих малфуф* (полное сравнение). После него таким же образом ташбихом пользовались и другие поэты. К примеру, Бишр сказал: «Со времен, когда услышал слова Имрулкайса, пришло ко мне вдохновение и я сочинил:

كأن مثار النقع فوق رؤوسنا وأسيافنا ليل تهاوى كواكبه [4, 483].

(Как будто пыль рассеялась над нами и нашими мечами, как ночь, в которой падают звезды).

Кади Джурджани о науке красноречия приводит интересные цитаты, которыми воспользовался Абдулкахир. Из них интересна цитата о красноречивом ташбихе и метафоре: «Может люди считают их метафорами, однако это - сравнение. И я видел, что некоторые литераторы, перечисляя виды метафор, приводят слова Абунуваса:

والحب ظهر أنت راكبه فإذا صرفت عنانه انصرفا [3, 571].

(Любовь - это спина и ты оседлал ее и если отпустить поводья, она уйдет).

В этом бейте я не вижу никакой метафоры, и ее значение в том, что любовь подобна спине, и ты как хочешь ею управляй, ее поводья у тебя в руках. Здесь налицо существует сравнение или одно сравнено с другим. Однако в истиара (аллегории) заимствованное имя вносится вместо другого и в этом случае возникает смешение слова со смыслом.

Эта цитата о фигуре ташбих оказала сильное влияние на Джурджани, и ею также воспользовался Замахшари при исследовании различий сравнения от метафоры. Высказывание Джурджани, которым воспользовался Замахшари таково: «Поэты, используя ташбих, каждый имеет цель, например, если чью-то красоту сравнивают с солнцем, их цель свет и яркость, однако если сравнивают известность, имеют в виду - общность, если сравнивают величие, имеют в виду высоту солнца на небосводе, если намерены сравнить пользу (человека), их цель - теплота солнца для созданий. У каждого,

кто сравнивает, есть свое особое намерение, где сравниваемый по высоте, пользе и известности с солнцем может почернеть или станет грустить от этого…» [3, 572].

Замахшари был сильно впечатлен этим высказыванием, оценил аллегорию и отметил, что можно множество раз сравнивать что-то. Замахшари приводит: «Из одного можно создать множество сравнений и из одного корня может вырасти множество ветвей, на каждом из которых будет (созревать) плод. Например, огниво может дать тебе коня и смекалку, и то, в чем нет огня и скупце, от которого ничего не дождёшься, можно получить что-то осмысленное, из недостатка может вырасти достоинство, из достоинства - недостаток. По подобию предложения: «Месяц вырос, потом стал луной», то есть молодой месяц рос и стал полной луной…». И самое известное исследование Замахшари по вопросу фигуры ташбих - это отделение его от фигуры тамсил (аллегория), когда он заявил, что ташбих - прост, а тамсил обособлен , и всякий тамсил может стать ташбихом, но не всякий ташбих станет тамсилом [4, 395].

Тамсил это то, что ташбих в нем возникает посредством размышления и толкования, однако ташбих - это ясное сравнение, которое не нуждается в толковании. И различие между ними в том, что участие уподобляемого и того, с чем сравнивают бывает как качество, или иногда в образе качества. Например, смельчак подобен льву в смелости, лицо подобно красному цветку, однако слово не может быть подобно мёду в предложении: «Слово по сладости подобно меду». В связи с этим, ташбих - это основное, а тамсил – одно из его составляющих частей.

Далее Замахшари размышляет о разумном ташбихе и приводит в пример следующий аят: **«مَثَلُ الَّذِينَ حُمِّلُوا التَّوْرَاةَ ثُمَّ لَمْ يَحْمِلُوهَا كَمَثَلِ الْحِمَارِ...»** *(Ослу, что тащит груз тяжелых книг, Подобно тем, кому было дано нести груз святых Писаний- тору)* (Джума, 5) [6, 554]. Далее Замахшари осуществляет риторический анализ аята так, как до него никто из ученых этого не делал. Он отмечает, как применен к слову «осел» глагол «нести» и как этот груз из мудрых книг стал его поклажей [4, 871].

Далее он описал ташбих, основанный на двух действиях, и отмечает, что они никак не связаны друг с другом и это - *ташбих мутааддид* (множественное сравнение). Например, как говорят: «Оно бывает чистым и смешанным и горьким и сладким» и известно, что данный вид ташбиха считается причастным к истиаре (аллегории)» [4, 872].

Замахшари указывает, что сравнение может быть почерпано из одной вещи, и может к нему же возвратиться. Например, как сравнение в сладости слова с медом. Если внешнее сходство вернется к его внутреннему содержанию, которое является общим качеством между медом и сладкой речью, можно увидеть, что речь сравнивается этим качеством, то есть сладостью. Иногда случается, что сравнивается с каким-то действием, к которому не возвращается. Например, как говорят: «Он, как тот, кто ловит воду», где сравнение идет не от глагола «ловить», а между ловлей и водой.

Абдулкахир об этом размышляет: «Знай, что если сравнение почерпнуто из описания, тогда оно имеет два свойства. Во-первых, действие возвратно к нему, и во-вторых, невозвратно к нему. Для примера первого сравнение речи с медом в сладости. В этом примере сравнение для каждого равноценно, то есть обе стороны обладают сладостью и красотой» [2, 106].

Абдулхай Адл сделал из утверждений Абдулкахира Джурджани следующее заключение, что Джурджани обозначил особый вид метафоры, в которой сравнение является описанием, где глагол и действие едины, где действие истолковано условным глаголом или подлежащим (причастие действительного залога) или масдаром (инфинитив), далее приводит: «И шейх, приводя такой пример, как «Речь в сладости словно мед», вероятно, допустил ошибку, или что-то сказал до этого, наподобие того, как мы сказали». И привел чье-то высказывание. Как «ударить в рану» или «кто-то для друзей жизнь, а для врагов - смерть». И его слова о невеждах, что: «Он как сонный» и о взволнованном человеке: «Он как пьяный» [2, 431].

Можно предположить, что Абдулкахир Джурджани хочет чего-то, тогда допустим, что он ошибся или вначале что-то привел. И вероятно, то, в чем засомневался наш наставник, это словосочетание Джурджани об описании, где по его словам, описание

определено как «*муташаббихун бихи*» (то, с чем сравнивают другое). Даже если это описание в условном смысле. Как например, «ловец воды», или в другом значении. Как мёд, где то, с чем сравнивают другое, является смысловым описанием. Приводя пример о речи сладкой, как мед, Абдулкахир Джурджани, очевидно, что сказал это по разумению, а не по ошибке. И для второй части (то есть описания, от которого сравнение переходит в действие, которое к нему невозвратно) он приводит аят из Корана: *(Ослу, что тащит груз тяжелых книг, Подобно тем, кому было дано нести груз святых Писаний- тору)* (Джума, 5). Здесь то, с чем сравнивают другое, не является описанием в этом смысле.

Из слов Абдулкахира становиться очевидным, что сторона действительного сравнения (то есть тот, в котором осуществляется участие, в метафорическом сравнении) обладает двумя источниками. Первый берется из внешнего описания (то есть внешнее сходство) то есть, как удовольствие (сладость) в этом примере. По причине того, что внутренний источник склоняется к нему, это внешнее, так как внешнее описание меда - его сладость. Однако речь, не описывается сладостью (ощущаемой), только посредством описания.

Далее Замахшари упоминает ташбих, который извлекается из свойства, который не возвращается к тому свойству. В этом случае приводит аят из божественного откровения *(Ослу, что тащит груз тяжелых книг)* (Джума, 5). Здесь отмечает, что сравнение не в том, что нести поклажу, а в соблюдении двух вещей. Во-первых, обладание книгами (Тора), второе - быть невеждой. И таких примеров множество. Например: **«أخذ القوسَ باريها»** (*Взял лук свой хозяин)* [4, 293]. То есть халифат попал к достойному человеку, **« ما زال يفتل منه في الذروة والغارب»** *(Поглаживает щетину на горбе)* [4, 429] эта поговорка сказана про обман и мошенничество, подобно тому, как кто-то гладит щетину на горбе верблюда, и обманув, садится на него. Также, поговорки **«هو كالراقم على الماء»** *(он, словно человек, рисующий картины на воде)* [4, 526], **«كالحادي وليس له بعير»** *(Он, словно погонщик без верблюда)* [4, 681]. Эта поговорка сказана про того, кто без опыта, начинает что-то делать. Также поговорка **«كمبتغي الصيد في عريسة الأسد»** *(Словно тот, кто хочет охотиться в логове льва)* [4, 930]. Далее отмечает, что следует иметь в виду, что поговорка и ташбих, который может превратиться в *тамсил* - метафору и быть далеким от внешнего ташбиха невозможен, только если будет описан одним, двумя предложениями, и насколько ташбих будет абстрактным, настолько больше предложений ему будет необходимо.

Далее Замахшари упоминает о значении тамсила, и оценивает его влияние в описании смысла: «Знай, что основываясь на мнении ученых, если тамсил приводится после значения или выражен кратко и наделяет истинное значение величавым абстрактным значением, то повышает его ценность, обретает силу в душах такую, что обретает большую любовь, и это будет тамсил» [4, 198].

По вопросу тамсила Замахшари приводит множество поэтических примеров и проводит аналогию между тамсилом и функциями внешнего сравнения. Он описывает тамсил, его свойства и положения. Далее Замахшари продолжает говорить о влиянии тамсила, о действиях и состоянии души, от *талмиха* (указание) до *тасриха* (пояснения). Наука входит в душу человека посредством чувств и сущности, и далее через взгляд и картины.

И следует напомнить, что если что-то достигается после истребования и пожелания, то плоды еще слаще и красивее. Далее он упоминает о двух противоположностях, которые являются одними из самых важных средств воздействия тамсила. Также Замахшари в действительности упоминает различия между точностью мышления и запутанностью языка. Также указывает на заимствование нескольких свойств у одной вещи и способы сравнения. Упоминает составные части *ташбих мураккаб* (сложное сравнение), который состоит из двух частей; одна часть - абстрактная, вероятная, то есть предметно не существующий. Например, сравнение цветка нарцисс с маслом. Вторая часть в ташбихе включает соединение двух вещей. И эти две вещи либо материальные, либо абстрактные, например как в этом бейте:

غدا والصبح تحت الليل باد كطرف أشهب ملق الجلال [4, 196].

(Рассвет наступил под темнотой видимой ночи, словно спина белого коня, на котором черная попона немного сдвинулась и показалась белизна под черным покрывалом).

В приведенном бейте поэт, рассвет и зарево следующие после темноты ночи сравнивает с белым конем, покрытым черным покрывалом. Можно понять, что темнота ночи меньше, чем зарево рассвета, так же как покрывало белого коня немного сдвинулось.

Далее Замахшари указывает на действительный ташбих с огласовками и сукунами (остановками), доказывая утверждение наглядными и изящными примерами. Ученый потратил много усилий на исследование фигуры ташбих, чтобы его суть была понятна всем. Обращаясь к читателю он говорит, что наше слово, словно молния в мыслях, но если возвратиться к себе, можно увидеть обратное, что это совсем не так. Свежесть его молодости прошла, и он достиг всего этого.

Однако следует отметить, что красота ташбиха, его витиеватость и изложение его сущности является проблемой, которой одним из самых первых заинтересовался Замахшари. Он первым из литераторов назвал виды ташбиха, его признаки и свойства, отметил влияние сравнения на метафору.

Тематика науки о поэтике не нуждается в излишнем исследовании в сравнении со стилистикой, так как все разделы поэтики самостоятельны. К примеру, **«джинас»** *(сходство слов с различными значениями)* различается от **«тибак»** *(упоминание двух противоположных слов в предложении)*. **«Мушакала»** *(сходство не имеет никакого отношения к «садж» (рифмованная проза)*. Ни один раздел поэтики не имеет связи с другим разделом, что противоречит стилистике, в которой каждый раздел, каждая тема имеет тесную взаимосвязь. Например, истиара возникает из ташбиха, тамсил является частью ташбиха, маджаз скрыт иногда в слове, иногда в определении. Маджаз, в свою очередь, делится на *маджаз мурсал* и *истиару*, *киная* (метонимия) является братом маджаза… и прочее, их взаимосвязь такова, словно стилистика есть лишь один раздел. Однако разделы поэтики разнородны, поэтому исследование стилистики в истории риторической науки длилось очень долго, а поэтика была изучена в совершенстве до Джурджани. И те инвенции (дополнения), предложенные современниками в период расцвета поэтики, ничего нового в науку о ней не внесли.

В связи с этим необходимо осуществить углубленное исследование о возникновении поэтических наук и их развитии до периода жизни Замахшари, ведь известно, что эти науки были в совершенстве изучены еще в одиннадцатом веке, в котором проживал Джурджани. Однако следует подчеркнуть, что указанное исследование поэтики не является принципиально глубоким научным диспутом, ее элементы представлены таким образом, что не требуют излишнего рассмотрения, даны в лаконичном, не требующем дополнений виде, в сугубо категоричной форме, не терпящей изменений. Можно привести в качестве примера утверждения Фарраа по вопросу «мушакала» (омонимия): «Если кто-то про этот аят скажет: **«فلا عدوان إلا على الظالمين»** *(…тогда разве это не притеснение злодеям»)* (аль-Бакара, 193) [6, с.31] тогда притеснение и вражда им разрешена? Тогда в ответ я им скажу, что слово вражда слово, сходное с предыдущим словом, имеющим другой смысл. Разве ты не видишь, что Господь в этом аяте сказал: **«فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ...»** *(...тот, кто враждует с вами, враждуйте с ними в той же самой мере...)* (аль-Бакара, 194) [6, 31], в этом случае слово вражда и притеснение со стороны мушриков (*сторонники многобожия*) просто означает насилие, однако у мусульман это слово означает мстить, но ведь месть это не насилие. Даже если это в произношении имеет сходство, то в значении различно. Также в другом аяте приводится: **« سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِثْلُهَا...وَجَزَاءُ»** *(Ответом на зло будет сходное с таким же злом...)* (аш-Шура, 40) [6, 488], где дело Всемогущего не есть само зло, а только его возмездие за зло» [1, 230]. Приведенные примеры исследования различных художественных средств у последующих классических авторов осуществляется в таком же категоричном, кратком виде.

Ибн Кутейба о видах мушакала, о противоречии внешней формы со значением, и по вопросу метафоры в первой главе отметил: «Это по примеру того, что наказание и расплата за деяние сходны по написанию, но различны по смыслу. Например, в божественном аяте сказано: **«...إِنَّمَا نَحْنُ مُسْتَهْزِئُونَ (١٤) اللَّهُ يَسْتَهْزِئُ بِهِمْ...»** *(... мы лишь насмехаемся*

(14) Господь насмешки против них обратит...) (аль-Бакара, 14,15) [6, 4]. То есть это будет расплатой за их насмешки. А также **«...سَخِرَ اللَّهُ مِنْهُمْ...»** *(...Над ними посмеется Бог...)* (ат-Тауба, 79), [6, 200]. **«وَمَكَرُوا وَمَكَرَ اللَّهُ...»** (*И стали они (кяфиры) хитрость замышлять и против них стал замышлять сам Бог...)* (Али Имран, 54) [6, 58], **«وَجَزَاءُ سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِثْلُهَا...»** *(И каждому злу будет зло, сходное с ним самим...)* (Шура, 40) [6, 488] здесь в начале зло, но от Господа это воздаяние. А также: **«...فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا اعْتَدَى عَلَيْكُمْ...»** *(...Кто запреты против вас переступит, вы также преступайте против него...)* (аль-Бакара, 194) [6, 31]. В этом аяте в первом случае слово означает зло, во втором не зло, а ответ, расплата за насилие, хотя в написании сходно. Также в аяте **«...نَسُوا اللَّهَ فَنَسِيَهُمْ...»** (*...Они забыли Бога, и их забыл Господь...)* (ат-Тауба, 67) [6, 198].

По вопросу *истиара* (аллегория) Ибн Кутейба отмечает: И «из божественного слова такое, что: **«...صِبْغَةَ اللَّهِ وَمَنْ أَحْسَنُ مِنَ اللَّهِ صِبْغَةً»** *(Вот таково окрещение Аллаха. А может кто-нибудь, помимо Аллаха лучше окрестить...)* (аль-Бакара, 138) [6, 22]. Здесь имеется в виду обрезание, которое названо в этом случае окрещением, так как христиане крестили своих детей в воде и говорили, что это подобно чистоте веры Авраамовой. Потом господь сказал, что «Крещение Аллаха», то есть будьте последователями его предписаний, а не христиан».

В заключение можно отметить, что вопрос омонимии лексики получил свое бурное обсуждение в восьмом и девятом веках. Тема «подчеркивание восхваления в форме порицания» исследовано Сибавейхом так глубоко, что после него другие исследователи не могли внести какие-либо инвенции к изложенной им формулировке. О частице **«إلا»** *(разве)* в значении **«ولكن»** *(но, однако)* он говорит, что: в этом аяте: **«... الَّذِينَ أُخْرِجُوا مِنْ دِيَارِهِمْ بِغَيْرِ حَقٍّ إِلَّا أَنْ يَقُولُوا رَبُّنَا اللَّهُ»** *(Тем, кто был изгнан из домов без права лишь потому, что говорил: «Наш единственный господь - Аллах»...)* (аль-Хадж, 40) [6, 338]. И на подобие этого в священном Коране множество слов. Также в комментарии «ал-Кашшаф» приводится стихотворный отрывок Набиги, который сказал:

ولا عيب فيم غير أن سيوفهم بهن فلول من قراع الكتائب [4, 746].

(Нет и в них никакой вины, чем то, что сломаны их мечи), то есть вина в их мечах.

Также Набига сказал:

فتى كملت أخلاقه غير أنه جواد فما يبقي من المال باقيا [4, 906].

(Он молодой человек, поведение которого стало разумным, однако он так щедр, что от его имущества ничего не останется).

Замахшари упоминает о «*мутабака*» (соответствие между двумя в взаимосвязанными компонентами в речи в единственном, множественном, женском и мужском роде и « *таджнис*» (*джинас*- то есть упоминание одного слова, имеющего разные значения и заканчивает этим раздел.

Джурджани о мутабака отмечает: «Из известных элементов мутабака это как следовать Набигу, который сказал:

لاتعجبي يا سلم من رجل ضحك المشيب برأسه فبكى [2, 113].

(Не удивляйся тому, у кого седина в волосах и он плачет).

И слова Муслима ибн Валида:

مستعبر يبكي على دمنة ورأسه يضحك في المشيب [1, 231].

(Мыслитель плачет над развалинами дома, а голова его смеется от седин).

Абутаммам сказал:

وتنظري خبب الركاب ينصها محي القريض إلى مميت المال [4, 908].

(Посмотри на ход каравана, ведь его путь чертит тот, кто ссудил деньги и тот, кто забивает скот).

Также приводится другой вид мутабака, выраженное отрицанием. Например, в бейте Бухтури приводится:

يقيض لي من حيث لاأعلم الهوى ويسري إلي الشوق من حيث أعلم [4, 1012].

(Из желаний мне в голову приходит то, чего я сам не знаю, а со страстью приходит то, что я знаю).

Значение слова «**لاأعلم**» (не знаю) соответствует слову «**أجهل**» (не знаю), слово «**أجهل**» (не знаю) стало мутабака. В этом случае уместно самое удивительное и самое красивое стихотворение Абу Таммама, который сказал

مها الوحش إلا أنّ هاتا أوانس قنا الخط إلا أن تلك ذوابل [4, 1786].

(Эти женщины, как дикие коровы (то есть глаза их красивы, как глаза диких коров, да только у тех женщин есть красные линии вокруг глаз).

В данном бейте соответствие наблюдается в слове «**هاتا**» (эти) и «**تلك**» (те), первое из которых соответствует указательному местоимению присутствующего лица, второе - отсутствующего лица, означающего противоположные значения.

О таджнисе Замахшари отмечает, что некоторые его виды бывают абсолютными, и это самый известный вид таджниса. Уместен бейт Набиги:

و أقطع الخرق بالخرقاء قدجعلت بعد الكلال تشكى الاين والسأما [4, 294].

(Бездорожье пересеку я на необъезженном и бродячем верблюде и после того, преодолею этот долгий путь, спросят, где же усталость?)

Руубат сказал:

«أحضرت أهل حضرموت» [4, 336] *(Ты привел людей из Хадрамаута).*

Также упоминает Замахшари в одном бейте два джинаса, приводя образец из поэзии Абу Таммама:

تطل الطلول الدمع في كل موقف وتمثل بالصبر الديار المواثل [4, 165].

Оставляет огромные горы слёз везде и заполняет терпением Мавасил наряду с теми горами слез).

Также в одном бейте приводит таджнис, в каждой строке которого имеется «*таджнис муставфа*» (равные друг другу слова). Как сказал Абу Таммам:

ما مات من كرم الزمان فإنه يحيا لدى يحيى بن عبد الله [4, 487].

(Он не умрет от милостей времени, так как живет вместе с Яхйа ибн Абдулла).

В данном случае слово буквы «**يحيا**» *(живет)* «**يحيى**» *(Яхйа)* со схожими буквами, однако если значение у них различное, а если бы у них были схожие значения, это не было бы таджнисом, а просто повторяющимися словами.

Из числа *таджнис накис* (неполный таджнис, где два слова, сходные по буквам, но различные по количеству, огласовке, порядку или их форме) ученый приводит образец от Ахнаса ибн Шахаба:

وحامي لواء قد قتلنا وحامل لواء منعنا والسيوف شوارع [1, 233].

(Мы казнили мечом защитника знамени и знаменосца в песках).

В этом примере таджнис произошел в словах «**حامي**» *(защитник)* и «**حامل**» *(знаменосец)*, где два слова различаются в видах.

Также приводит вслед бейты от Абу Таммама:

يمدون من أيد عواص عواصم تصول بأسياف قواض قواضب [4, 826].

Они протягивают свои руки к посоху спасителя, сверкают мечами, и приговорив, отрубают).

Исследуя работы последующих ученых, можно сделать вывод, что ссылки в этой главе являются главным достоянием. Если в исследовании Али ибн Абдулазиза Джурджани по вопросу таджниса с истиарой, можно ощутить, что здесь существует огромная разница, так как вопрос таджнис доведен до логического конца, чего нельзя утверждать по вопросу истиары и он требует доработки. Несомненно, ученые всегда дискутировали по вопросу названий указанных терминов поэтики. Замахшари относит мутабака к вопросу, который некоторые называют *таджнис*, так как он добавил к поэтике несколько других наук. Например, некоторые виды мушокала он считает истиарой, однако это не противоречит сути нашего исследования, потому что «все поэтические науки от начала совершенны». Как бы они не назывались - *таджнис, джинас* или *мутабака*, кто-бы не заложил их основы - Кудама или Абдулла ибн Му`таз, науки исследованы в абсолютном совершенстве. В большинстве случаев они встречаются больше, чем *ташбих, маджаз* или *такдим* и др.

На основе исследования аспектов красноречия священного Корана, Замахшари удалось доказать кораническое происхождение различных средств выражения - ташбиха, тамсиля, киная, повтора, и одним из первых высказать свои воззрения об этих художественных средствах.

В связи с тем, что комментарий «ал-Кашшаф» написан на основе исследования аспектов красноречия, риторической ментальности священной книги Коран, сам комментарий обладает важной литературной и художественной ценностью и, несомненно, является одним из тех комментариев, в котором автором уделено огромное внимание красноречию божественного откровения, вследствие чего возрастает и литературная ценность произведения, в котором в особой стилистической манере, в ткань философских размышлений, вплетены сказания и поэзия.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абумусо, Мухаммад Хусайн. ал-Балагату-л-Кур`ания фи тафсири-л Замахшари.-Каир: Дору-л-мутазомин, 1988.- 753 с.
2. Джурджани, Абдулкахир. Асрару-л-балага. /Исслед. Ахмад Мустафо Марогибек. - Каир: Матбаа Истикамат, 1947. - 296 с.
3. Джурджани, Абдулкахир. Далаилу-л-э`джоз. -Каир: Мактабату-л- джонджи матбаату-л-мадани, 2011. - 723 с.
4. Замахшари, Абулкасим Джаруллах Махмуд Ибн Умар. ал-Кашшофу ан хакоики гавомизи-т-танзил ва уюни-л-аковил фи вуджухи-т-та`вил. - Каир, 1966. - 1880 с.
5. Кудома, Ибн Джа`фар. Накду-ш-ше`р. /Под ред. Камол Мустафо. -Багдад. 1963.
6. Кур`они маджид / Пер. Абулмухаммади Ояти. -Тегеран: Вохидхои эхёи хунархои исломи, 1371. - 610 с.
7. Сибавейх, Умар Ибн Усмон. Китоб-ул-Сибавейх (Книга «Синтаксис и морфология арабского языка»). -Каир: Мактабату-л-джонджи матбаату-л-мадани, 2014.- 2518 с.

БАЛОҒАТ ВА УНСУРҲОИ ОН ДАР ТАФСИРИ «АЛ-КАШШОФ»-И МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Муҳимарин ибтикор ва бузургтарин коре, ки Замахшарӣ дар таърихи тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабизабон анҷом дод, таълифи тафсири «ал-Кашшоф» мебошад, ки дар ташаккули мактаби тафсирнигории форсу тоҷик саҳми барҷастае гузоштааст. «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ дар таърихи тафсирнигории форсиву арабӣ нахустин тафсирест, ки бар пояи маърифати ҷанбаҳои балоғии Қуръони карим навишта шудааст ва ҳамин вежагии хоси нигориши он омил гардида, ки аз он на танҳо кутуби тафосири баъд аз худ, балки муҳимтарин осори марбут ба афкори адабӣ дар балоғати арабиву форсӣ таъсир пазируфтаанд.

Бар пояи таҳқиқи ҷанбаҳои балоғии Қуръони карим ба Замахшарӣ муяссар гардидааст, ки сарчашмаҳои қуръонӣ доштани воситаҳои тасвири бадеӣ, чун ташбеҳу тамсил, киноя, такрорро муқаррар намуда, зимнан муваффақ бар он гардад, ки яке аз аввалинҳо шуда дар бораи ин санъатҳои бадеӣ афкори худро баён дорад.

Калидвожаҳо: Балоғат, санъати суханварӣ, тафсир, «ал-Кашшаф», Маҳмуди Замахшарӣ, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ, ташбеҳ, истиара, талмеҳ, киноя.

ЛИТЕРАТУРНАЯ ЦЕННОСТЬ И ЕЕ ЭЛЕМЕНТЫ В КОММЕНТАРИИ «АЛ-КАШШАФ» МАХМУДА ЗАМАХШАРИ

Важнейшим нововведением и величайшим достижением Замахшари признается написание комментария «ал-Кашшаф», который стал величайшим вкладом в историю развития исламской культуры и арабоязычной литературы. В истории жанра персидско-арабского комментария, «ал-Кашшаф» Замахшари является одним из первых комментариев, который написан на основе исследования аспектов красноречия священного Корана и это является одной из важнейших отличительных черт, повлиявших не только на последующие произведения в данном жанре, но и на другие произведения, посвященных различным аспектам и вопросам арабского и персидского красноречия.

В комментарии «ал-Кашшаф» использовано множество сказаний и преданий, образцы арабской поэзии, несомненно, ставшими одними из ключевых вопросов исследования, которые оказывали содействие в определении литературной ценности комментария. Особая стилистика цитирования сказаний, преданий, выразившаяся в кратком изложении, послужила автору комментария надежным научным и теоретическим источником, гармонично дополняющим философское содержание комментария.

Ключевые слова: Риторика, комментария, тафсир, «ал-Кашшаф», Махмуд Замахшари, Абдулкахира Джурджани, ташбих (сравнение), истиара (аллегория), талмиха (указание), киная (метонимия).

LITERARY VALUE AND ITS ELEMENTS IN THE COMMENTARY «AL-KASHSHAF» BY MAHMUD ZAMAKHSHARI

Zamakhshari's most important innovation and greatest achievement is the writing of the commentary «al-Kashshaf», which became the greatest contribution to the history of the development of Islamic culture and Arabic literature. In the history of the Persian-Arabic commentary genre, Zamakhshari's «al-Kashshaf» is one of the first commentaries to be written based on a study of aspects of the eloquence of the holy Qur'an, and this is one of the most important distinguishing features that influenced not only subsequent works in this genre, but also other works devoted to various aspects and issues of Arabic and Persian eloquence.

The commentary «al-Kashshaf» uses many tales and traditions, samples of Arabic poetry, which undoubtedly became one of the key research questions that helped determine the literary value of the commentary. The special style of quoting legends, expressed in a brief summary, served the author of the commentary as a reliable scientific and theoretical source that harmoniously complements the philosophical content of the commentary.

Keywords: Retoric, commentary, «al-Kashshaf», Mahmud Zamakhshari, Abdulkahira Jurjani, comparison, allegory, indication, metonymy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Очилова Меҳринисо Илҳомовна*** **–** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии факултети забонҳои шарқ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. **Тел.:** (+992) 92-900-00-95. **E-mail**: ochilova.86@mail.ru

Сведения об авторе: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** **–** доктор филологических наук, доцент кафедры персидского языка и китайского языков, факультет восточных языков, ГОУ «Худжандский государственный Университет имени академика Б.Гафурова». **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбеков, 1. **Тел.**: (+992) 92-900-00-95. ***E-mail****:* ochilova.86@mail.ru

Information about the author: ***Ochilova Mekhriniso Ilhomovna*** **–** Doctor of Philology, Associate Professor of the Department of Persian and Chinese Languages, Faculty of Oriental Languages, State Educational Institution «Khujand State University named after academician B. Gafurov». **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue, 1. **Tel**.: (+992) 92-900-00-95. **E-mail**: ochilova.86@mail.ru

САБКҲОИ АДАБӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ОН
(дар мисоли шеъри шоирони нимаи аввали саддаи XX)

Расулзода А.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Агар ба адабиёти нимаи аввали саддаи XX назар афканем, мебинем, ки дар ин давра шоироне кору фаъолият кардаанд, ки ҳар яке бо офаридаҳои худ дар шеъри давраи мавриди назар саҳми арзишманд гузоштаанд. Аз пажуҳандагони шеъру адаби форсӣ хусусан аз М. Ёҳаққӣ (4), Ф. Сафо (8), А. Зарринкӯб (5), Қ. Аминпур (2), С. Зарқонӣ (6), М. Ҳуқуқӣ (12) ва дигарон метавон ном гирифт, ки ба муҳимтарин вижагиҳои шеъри ин давра ишораҳо намудаанд.

Маълум аст, ки дар ҳар як давраи таърихи адабиёт шеъри шоирон аз ҷиҳати забон, мавзуву муҳтаво, сохтор, вазн, мусиқии шеър, корбурди вожаҳо, ороишҳои адабӣ ва сабкҳои адабӣ дорои вижагиҳои махсус буда метавонад. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи мо, баррасии яке аз ин масъалаҳои зикршуда, хусусан сабкҳои адабӣ дар адабиёти саддаи XX аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Маълум аст, ки дар адабиёти тоҷикии форсӣ сабкҳое чун хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ арзи вуҷуд кардаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин тақсимбандӣ сабки шеъри ин даврараро метавон омезае аз сабкҳои гузаштаи шеъри форсӣ донист. Сабки ашъори Лутфалии Суратгар, Сармад ва бархе аз дигар шоирон бо ҳамон тарзи табиигуфториву равонии забон «сабки хуросонӣ» аст. Он чи ки дар ғазалиёти онҳо дар навбати аввал ба назар мерасад, табиигуфторӣ, истифода аз калимаҳои фаҳмову равшан мебошад. Маҳз тавассути ин вижагиҳо мазмуни ғазалиёташон равшану возеҳ ифода меёбад. Тарзи баёни ғазалҳои ин шоирон ғазали шоирони асрҳои X-XI-ро ба ёд меорад. Хусусан, истифода аз калимаҳову тасвирҳои содаву равшане, ки мавриди таваҷҷуҳи шоирони қадим будаанд, дар ин ғазалиёти шоирони даврaҳои мавриди назар ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Ин сабк бо вуҷуди он ки дар ин давра корбурди фаровоне дошт, аммо вижагиҳои он тамоми шеъри онвақта, хусусан қолаби ғазалро фаро гирифта натавонист.

Дувумин сабке, ки дар ин давра маъруф буд, «сабки ироқӣ» мебошад. Дар «сабки ироқӣ» мавзуъҳои ишқӣ (ирфонӣ), андешаҳои лирикӣ, ҷудоӣ, ормонгароӣ, тақдиру

сарнавишт, ғамгарой ва монанди инҳо мақоми бештаре дошта, аз лиҳози забон гоҳе калимаҳои зиёди арабӣ ба кор бурда мешаванд. Аз шоирони ин давра Шаҳриёр, Амирии Фирӯзкӯҳӣ, Ҳамидии Шерозӣ, Гулчини Маонӣ ва Раҳии Муайирӣ ба ин шева таваҷҷуҳи бештаре зоҳир кардаанд.

Ғазали «Шоистаи оғӯш» - и Муайярӣ далели гуфтаҳои фавқанд:

Ёре, ки маро карда фаромӯш, туӣ ту,
Бо муддаиён гашта ҳамоғӯш, туӣ ту.
Сад бор бинолам ману он ёр, ки як бор,
Бар нолаи зорам накунад гӯш, туӣ ту.
Мо зӯҳраву хуршед ба як ҷой надидем,
Хуршедруху зӯҳрабаногӯш туӣ ту.
Дар кӯи ғамат хор манам, зор манам ман,
Дар чашми дили неш туӣ, нӯш туӣ ту… (7, 86).

Аксар шоирони ин давра, аз қабили Шаҳриёр, Ҳодии Ранҷӣ, Раъдии Озарахшӣ, Амирии Фирӯзкӯҳӣ ва Ҳамидии Шерозӣ аз шеъри Саъдиву Ҳофиз таъсири зиёде гирифтаанд. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки ҳатто калимаҳову таъбирҳо ва вожаҳову образҳои маъмулии шеъри онҳоро дар эҷодиёти шоирони мазкур метавон мушоҳида кард. Ба андешаи мо, ин пайравӣ гоҳе ба ҳадде расидааст, ки ҳатто аз вазн, қолаб, сабку услуб ва забони шеъри Саъдиву Ҳофиз истифода кардаанд.

Барои намуна порае аз ғазали «Хуни парвона»-и Ҳамидии Шерозиро, ки дар пайравии яке аз ғазалҳои Саъдӣ суруда шудааст, меорем:

Манам андар ҷаҳону чашмтарӣ,
Рӯзиву аз шабон сиёҳтарӣ.
Дар паи ӯ ниҳода ҳастиву умр,
Харҷ карда баҳои мухтасаре.
Гӯши гардун зи нолаам нашунид,
Нолаи сахти ҷонгудозтаре.
Лек хори халандаро ҳаргиз,
Нест дар санги хорае асаре (11, 218).

Саъдӣ мегӯяд:

Гар кунам дар сари вафот асаре,
Саҳл бошад зиёни мухтасаре.
Эй ки, қасди ҳалоки ман дорӣ,
Сабр кун то бубинамат назаре.
Оҳи Саъдӣ асар кунад дар кӯҳ,
Накунад дар ту сангдил асаре.
Сангро сахт гуфтаме ҳама умр,
То бидидам зи санг сахттаре (9, 18).

Вазни ин ду ғазал баҳри хафиф (фоилотун, мафоилун, фаълун) аст. Ҳамидӣ ҷуз ин ки аз вазну қолаби шеъри Саъдӣ пайравӣ кардааст, сабку нигориш, забон ва ҳатто маънии шеъри ӯро низ истифода бурдааст.

Ба қавли Абдуалии Дастғайб «аз ин рӯст, ки Раъдии Озарахшӣ бо иборати дигар дурнамоии шеъри Ҳофизро такрор мекунад ва Амирии Фирӯзкӯҳиву Раҳии Муайирӣ таъбирҳои Соибу шоирони «сабки ҳиндӣ»-ро. Айби кори ин шоирон ин аст, ки шеърашон саршор аз аносири такрорист» (3, 33-34). Албатта, дар маҷмуъ, андешаи ин муаллиф пурра қобили қабул нест. Зеро бо вуҷуди пайравӣ дар ғазалҳои онҳо гоҳе зеботарин навъи тасвир, таъбиру ибораҳои нав, забони фасеҳу равон ва ташбеҳу истиораҳои тозаеро метавон мушоҳида кард, ки ба далели тозагӯиву тозаҷӯии онҳо хоҳад буд.

Дар баъзе аз ашъори шоирони ин давра ҷилваҳое аз борикандешиву мазмунофаринии сабки ҳиндиро низ метавон мушоҳида кард.

Агар ба таърихи адабиёти тоҷику форс назар афканем, мебинем, ки сабки ҳиндӣ аз сабкҳои маъруф маҳсуб шуда, баъд аз сабкҳои хуросониву ирокӣ дар мақоми сеюм қарор гирифтааст.

Заминаҳои пайдоиши онро метавон аз асрҳои XIII ба баъд ҷустуҷӯ кард. Аксари пажуҳишгарон бар ин андешаанд, ки Хусрави Дехлавӣ аз пешгомони сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад ва вижагиҳои онро метавон маҳз дар эҷодиёти ӯ мушоҳида кард.

Бедилро низ бархе аз пажуҳишгарон аз пешсафони сабки ҳиндӣ донистаанд. Аммо ин масъала дақиқ аст, ки сабки мазкур дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи махсус дошта, дорои вижагиҳои ба худ хос мебошад. Маҳз ин тозагиҳо аст, ки сабки мазкур дар адабиёти кӯҳани мо ба номи «сабки бедилӣ» ёд мешавад.

Сабки ҳиндӣ нахуст дар сарзамини Ҳинд ва баъдан дар Мовароуннаҳр мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифта, баъдан дар Афғонистон низ маъруф гаштааст.

Дар рушду нумуъ ва ташаккули сабки ҳиндӣ шоироне ба мисли Урфии Шерозӣ, Ғании Кашмирӣ, Соиб, Толиби Омулӣ ва дигарон нақши арзанда гузоштаанд. Шоирони баъдӣ бо таъсирпазирӣ аз ашъори ин шоирон кӯшидаанд, ки дар эҷоди шеър, хусусан дар тарзи баён ва маъниофаринии он навовар бошанд.

Дар сабки ҳиндӣ ҳатто интихоби образҳои шеърӣ ва тасвирсозӣ низ аз шоирон дақиққириро тақозо мекунад. Муҳимтарин вижагии ин сабк дар тарзи баёни шоирон аст, ки агар дақиқ назар афканем, бо гузашти айём он мураккабтар мегардад ва ба дарки он ҳар кас муваффақ намешавад.

Дар ин ҷо, пеш аз он ки ба бархе аз хусусиятҳои ин сабк бипардозем, зарур медонем, ки нигоҳи муҳаққиқонро перомуни ин сабк мавриди баррасӣ қарор диҳем. Зеро баъзе аз шоироне, ки ба ин сабк ашъоре сурудаанд, нигоҳашон ҷиҳати ном ва вижагиҳои ин сабк дигар аст.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки «сабки ҳиндӣ» миёни муҳаққиқон, донишмандон, шоирон тарафдорон ва мухолифони худро доштааст. Ҳамчунин бояд зикр намоем, ки «сабки ҳиндӣ»-ро дар адабиёти форсӣ «сабки исфаҳонӣ» низ номидаанд.

Бо вуҷуди ин муҳаққиқон роҷеъ ба «сабки ҳиндӣ» нигоҳҳои мухталифе доранд, аммо мушаххасоти онро ба таври куллӣ як навъ донистаанд. Зиёуддин Саҷҷодӣ дар робита бо ин чунин изҳори андеша намудааст: «Аз мухтассоти боризи ин сабк нозукхаёлӣ ва диққату риққат дар лутфу маънӣ ва овардани мазмунҳо ва нуктаҳои бисёр дақиқ ва борик дар шеър аст. Агар ба таъбири адибон ва сухансанҷон аслу ҳақиқат ва сифати аслии сухани манзум ва шеър, иҳом ё турия ё тахайюл бошад, дар шеъри «сабки ҳиндӣ» сухани иҳомомез тамоми калом аст ва шоир мекӯшад ҳар чи бештар хонандаро ба ваҳму гумон андозад ва агар дар иҳом ду маънии наздик ва дури калом ифода мешавад ва хонанда яке аз он дуро дарк мекунад, дар «шеъри сабки ҳиндӣ» маънои дуртар аз зеҳн ҳамвора муроди манзури шоир аст ва хонанда ба чанд восита бо тааммулу диққати зиёд фосила миёни зоҳири марз ва калому маънӣ ва мазмуни ифодашударо дарёбад ва дарк кунад ва ғолибан бо муносибати ҳамин фосилаҳои зиёд, ашъоре ба назар беробт ё бо робитаи ҷузъӣ ба назар меояд» (1, 109). Гузашта аз ин, дар шеъри «сабки ҳиндӣ» санъатҳои бадеӣ, аз қабили муболиға, иғроқ, ташбеҳ инчунин тамсил фаровон аст, ки онро аз дигар навъи сабк мутафовит месозад. Аммо масъалаи асосӣ ин нест, зеро ҳамон гуна ки пештар изҳор доштем, ин сабкро гоҳе «ҳиндӣ» ва гоҳе «исфаҳонӣ» ва гоҳе «сафавӣ» низ номидаанд. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон ва донишмандони шеъру адаби форсӣ бештар истилоҳи «сабки ҳиндӣ»-ро истифода кардаанд.

Абдулваҳҳоб Нуронии Висол, Ҳабиби Яғмоӣ, Зайнулобидини Муътаман, Алии Даштӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Сирус Шамисо ба дурустии ин истилоҳ эътинои бештаре доранд ва пайдоиши ин сабкро маҳз дар равобити фарҳангии Ҳинду Эрон донистаанд. Аз ҷумла, Забеуллоҳи Сафо дар робита ба ин масъала чунин нигоштааст: «Сабки ҳиндӣ» дуруст аст, вале бар он даста аз суханварони Ҳинд, ки бо омӯхтани форсӣ ва қарор доштан зери таъсири муҳиту доштани лаҳҷаи муайяне аз форсӣ, ки дар он сарзамин роиҷ шуда буд, шеъри форсиро ба навъи хосу бо забони вижаи худ ва таъбирҳои созгор бо он суруданд… Пас, ин «сабки ҳиндӣ» метавонад шеваи суханварии шоироне порсигӯй аз сарзамини Ҳинд бошад, ки аз авохири садаи ёздаҳум ба баъд дар Ҳинд зуҳур кардаанд» (10, 492).

Ба дурустии ин сухан наметавон шак овард, зеро он дар шеъру адаби тоҷику форс маҳз бо ин истилоҳ шинохта шудааст. Аммо он ҳама ҷустуҷӯҳо ва талошҳои чанд муҳаққиқе, ки ин сабкро гоҳо «сабки исфаҳонӣ» ном ниҳодаанд, нақши муҳимме бозида

наметавонад ва ба қавли Абдулваҳҳоб Нуронии Висол «сабки ҳиндӣ» бо мушаххасоте, ки ба ихтисор аз он зикр рафт, сабки мумайиз ва мушаххас дар адаби порсӣ аст, дилбастагӣ ба он унс мехоҳад ва дарки он завқе латиф, мункир наметавон шуд, ки Ҳинд дар парвариши ин сабк ба ҷиҳоти адида саҳми босазое дорад ва агар ин сабкро бад-ин ном мусаммо сохтаанд, ба бероҳа нарафтаанд, зеро бо иддао ин ном риққати мазмун, борикии маънӣ, нозукии хаёл, резакориҳои хушоянд ва тааммули фаровон дар дақиқаёбии мутабодир ба зеҳн мешавад ва ҳаргиз номи «сабки исфаҳонӣ» ин маворидро дар бар намегирад. Агар шоирони бисёре аз Исфаҳон бархоста ва дар ин сабк табъозмоӣ кардаанд, далели ин намешавад, ки шевои мазбурро «исфаҳонӣ» биномем, биҳамдулиллоҳ Исфаҳон он қадр ифтихороте дорад, ки мӯҳтоҷ ба инҳишори ин сабк набошад (10, 295).

Ба эътиқоди Амирии Фирузкӯҳӣ тақсимбандии сабкҳо кори «сохта ва пардохтаи муосирон» аст ва маҳз ин тақсим («сабки ҳиндӣ») боиси нодида гирифтани шеъру шоирӣ дар аҳди Сафавия гаштааст. Муҳаққиқи мазкур зимни таҳлил ва баррасии ин мавзуъ ба чунин натиҷа расидааст, ки «акнун мегӯем, агар бино бошад ин сабк аз суханро ба ному нисбате номгузорӣ ва мансуб кунем. Ҳақ ин аст, ки оё онро «сабки исфаҳонӣ» биномем, аз ин рӯ, ки Исфаҳон он рӯз осимаи мамлакати Эрон ва мутамеи ҳунар ва ҳунармандон ва маҳалли парвариш ва номоварии эшон аз шоиру олиму наққошу мусиқидон ва танҳо ҷои гирд омадан ва зуҳуру бурузи эшон буд… низ метавонем номи дигаре, ки ба ақидаи ман шумули бештаре дорад ва умумияти комилтареро мерасонад, интихоб карда ва бигӯем: «сабки сафавӣ» (10, 477-478).

Ба андешаи мо «сабки ҳиндӣ» дурусттар аст, аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ин ном шеваи мазкурро аз шеъру адаби тоҷику форс ҷудо месозад. Муҳим ин аст, ки «сабки ҳиндӣ» аз сабкҳои шеъри форсӣ дар қарнҳои XVI ва XVIII аст, ки таъсире дар шеъру адаби асрҳои баъдӣ доштааст.

Дар шеъри ин давра шоирони зиёде низ ба ин сабк рӯ оварда, табъозмоӣ намудаанд. Агарчи дар бештари маврид ғазали онҳо такроориву куҳан намояд ҳам, аммо далели он аст, ки шоирон ба ин сабк бетаваҷҷуҳ набудаанд.

Амирии Фирӯзкӯҳӣ ва Раҳии Муайирӣ аз шоирони пешсафи ин ҷараён дар ин давра ба шумор мераванд. Намунаҳоеро аз ашъори Муайирӣ мурур мекунем:

Ашки ғам афсурда дорад чеҳраи моро ҳаме,
Мавҷ пурчин мекунад рухсори дарёро ҳаме…
Осмон як дам Раҳӣ бе ҳиллаву найранг нест,
Шоҳиди дунё фиребад аҳли дунёро ҳаме (66).

Аз пайи худ мекашонад сайди хунолударо,
Мебарад ҳар сӯ насими гул ғубори сударо.
То задам лабханд аз шодӣ балое даррасид,
Чашми гардун дар камин бошад дили осударо (7, 72).

Метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки бо таваҷҷуҳ ба тақсимбандии сабкҳои адабӣ сабки шеъри ин даврараро метавон омезае аз сабкҳои гузаштаи шеъри форсӣ, хусусан сабкҳои хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ донист.

Дар ғазалиёти шоирони давраи мавриди назар ба тозагии мавзуъ ва таркибу таъбирҳои нав вохӯрем ҳам, дар бештари маврид ғазали онҳо аз унсурҳои такрорӣ саршор аст.

АДАБИЁТ

1. Адабиёти инқилоб, инқилоби адабиёт. Маҷмуаи мақолот. - Теҳрон, 1377. - 267 с. [бо забони форсӣ].
2. Аминпур Қ.Суннат ва навоварӣ дар шеъри муосир. Қ.Аминпур. -Теҳрон, 1383.-550 с. [бо забони форсӣ].
3. Дастғайб А. Гироиши муттазод дар адабиёти муосири Эрон. А.Дастғайб. - Теҳрон, 1371. - 306 с. [бо забони форсӣ].
4. Ёҳаққӣ М. Чун сабӯи ташна. Адабиёти муосири Эрон. М.Ёҳаққӣ. - Теҳрон, 1375. - 374 с. [бо забони форсӣ].
5. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ. А.Зарринкӯб. - Теҳрон, 1960. - 540 с. [бо забони форсӣ].

6. Зарқонӣ С. Чашмандози шеъри муосири Эрон. Нашри «Солис». С.Зарқонӣ. - Теҳрон, 1383. - 739 с. [бо забони форсӣ].
7. Муайирӣ Р.Озода. Интишороти «Завор». Р.Муайирӣ. - Теҳрон, 1377. - 285 с. [бо забони форсӣ].
8. Сафо Ф. Сабкҳои адабӣ. Осори баргузидаи шеърӣ. Ф.Сафо. –Теҳрон, 1378. - 196 с. [бо забони форсӣ].
9. Саъдӣ. Куллиёт. Ҷилди дуввум. Саъдӣ. -Душанбе, 1989.- 416 с.
10. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммадрасули Дарёгашт. Д.Муҳаммадрасул –Теҳрон, 1371. - 653 с. [бо забони форсӣ].
11. Ҳамидии Ш. Ашки маъшуқ. Интишороти «Садои муосир». Ш.Ҳамидӣ. - Теҳрон, 1378. - 652 с. [бо забони форсӣ].
12. Ҳуқуқӣ М. Муруре бар таърихи адабу адабиёти Имрӯзи Эрон. Нашри «Қатра». М.Ҳуқуқӣ. – Теҳрон, 1372. - 620 с. [бо забони форсӣ].

САБКҲОИ АДАБӢ ВА ВИЖАГИҲОИ ОН
(дар мисоли шеъри шоирони нимаи аввали саддаи XX)

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба сабкҳои адабӣ ва вижагиҳои он дар мисоли шеъри шоирони нимаи аввали саддаи XX изҳори назар шудааст. Муаллифи мақола бо такя бо таҳқиқоти М.Ёҳаққӣ, Ф.Сафо, А.Зарринкӯб, Қ.Аминпур, С.Зарқонӣ, М.Ҳуқуқӣ ва дигарон ва дигарон кӯшиш намудааст, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар ҳар як давраи таърихи адабиёт шеъри шоирон аз ҷиҳати забон, мавзуву муҳтаво, сохтор, вазн, мусиқии шеър, корбурди вожаҳо, ороишҳои адабӣ ва сабкҳои адабӣ дорои вижагиҳои махсус аст. Бо назардошти ин, ба андешаи муаллиф баррасии яке аз ин масъалаҳо, хусусан сабкҳои адабӣ дар адабиёти саддаи XX аз аҳаммияти махсус бархӯрдор аст.

Калидвожаҳо: ғазал, сабк, вижагӣ, пайравӣ, ташаккул, таъсирпазирӣ, ҳинд, шоир, тасвирсозӣ, сохтор.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СТИЛИ И ИХ ХАРАКТЕРИСТИКИ
(на примере поэзии поэтов первой половины XX века)

В статье рассматриваются литературные стили и их особенности на примере поэзии поэтов первой половины XX века. Автор статьи, основываясь на исследованиях М. Йохакки, Ф. Сафо, А. Зарринкуба, К. Аминпура, С. Заркони, М. Хукуки и других, предпринял попытку проанализировать и обсудить этот вопрос.

Автор отмечает, что в каждый период истории литературы поэзия поэтов имеет особые характеристики с точки зрения языка, темы и содержания, структуры, метра, поэтической музыки, использования слов, литературных украшений и литературных стилей. В связи с этим, по мнению автора, особое значение приобретает рассмотрение одного из таких вопросов, а именно литературных стилей в литературе XX века.

Ключевые слова: газель, стиль, специфика, преемственность, формирование, впечатлительность, Индия, поэт, образность, структура.

LITERARY STYLES AND THEIR CHARACTERISTICS
(on the example of poetry of poets of the first half of the 20th century)

Literary styles and their characteristics based on poetry of poets of the first half of the 20th century is discussed in the article. The author of the article, attempted to analyze and discuss this issue based on the studies of M. Johakki, F. Safo, A. Zarrinkoub, K. Aminpour, S. Zarconi, M. Hukuki and others.

The author notes that in each period of the history literature, the poetry of poets have special characteristic feature in terms of language, theme and content, structure, meter, poetic music, usage of words, literary embellishments and literary styles. In this regard, according to the author's opinion, the consideration of one of such issues, namely literary styles in the literature of the 20th century, acquires special significance.

Key words: ghazal, style, peculiarity, continuity, formation, expressiveness, India, poet, imagery, structure.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Расулзода Алидод Бобо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрон. Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: alidod-1977@mail.ru. Тел: (+992) 988921122

Информация об авторе: ***Расулзода Алидод Бобо*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры Иранской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. e-mail: alidod-1977@mail.ru. Тел: (+992) 988921122.

Information about the author: ***Rasulzoda Alidod Bobo*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Iranian Philology Department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue. e-mail: alidod-1977@mail.ru. Tel: (+992) 988921122.

НИГОҲЕ БА ХОСТГОҲИ АНДАРЗҲОИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Муҳаммадӣ М.М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Андарзҳо ҷузви муҳимми афзудаҳои адабии Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" мебошад. Ҳадафи Фирдавсӣ аз овардани андарзҳо дар сар то сари “Шоҳнома” нахуст, панд додан ба хонанда, ороиши “Шоҳнома” (чун даруну беруни ин кохи баланд ороиш мехост) ва ҳадафи аз ҳама асосӣ ба порсии нав бозгӯ намудани андарзҳои паҳлавӣ дар қолабу маъниҳои нав ва бад-ин васила ҳифз намудани онҳо ба барои наслҳои пасин буд.

Таъкид мебояд кард, ки "тибқи далоили зиёде, ки вуҷуд дорад, метавон гуфт, ки дар давраи Сосониён, хосса дар ду садаи охири он адабиёт ба наҳви дурахшоне роҳи тараққиву такомул паймудааст" [6, 114]. Пайдост, ки Фирдавсӣ аз ин адабиёт огоҳии хуб дошт ва дар "Шоҳнома" аз навъи барҷастаи он – андарзҳо кор гирифтааст. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ганҷинаи ривоёти адабӣ ва андарзҳои паҳлавист, ки мафқуд шуда, чунонки метавон чанд китоб аз он сохт [5, 431].

Пайвастани андарзҳо ба ҳамоса аз масъалаҳои сода нест. Кристенсен дар мавриди "истиқболи пуршӯри эрониён аз "Калила ва Димна" гуфтааст, ки он "дар арз кардани матолиби ахлоқии шабеҳи он, навъе аз адабиёт буд, ки эрониёни аҳди Хусрав (Анушервон – М.М.) бисёр дӯст доштанд, яъне андарзҳо ё китоби панду насиҳат" [4, 453].

Ҳанӯз олими рус К.А. Инострантсев роҷеъ ба адабиёти ахлоқӣ ва парвариши замони Сосониён ва таъсири он ба адабиёти араб дар аҳди Ислом пажӯҳише ба анҷом расонда ва хабар дода буд, ки дар "ал-Фиҳрист"-и Ибни Надим номгӯи чиҳилу чаҳор китоб аз он силсила оварда шудааст. Ин пажӯҳишгар номи чаҳордаҳ китобро, ки асли онҳо паҳлавист, устувор карда ва чигунагии ҳар кадомро шарҳ додааст. Аз се китоби дигар, ки дар аҳди нахусти Ислом навишта шудаанд, нӯздаҳи дигар ба сарчашмаҳои форсӣ мерасанд [3, 15-22].

Пораҳои зиёд аз ин андарзҳо ба забони паҳлавӣ ба мо расидаанд: "Андар Ошнари доно", "Андарзи пешинигон", "Андарзи доногон ва маздаяснон", "Андарзи Хусрави Каводон", "Андарзи Одурбади "Меҳриспандон", "Андарзи Беҳзоди Фаррухи Пирӯз", "Андарзи Вузургмиҳр", "Доруи хурсандӣ, "Ҷовидон хирад" ...аз ҳамин ҷумлаанд [2, 10]. Пораҳои зиёди андарзмонанд дар кутуби муқаддаси зардуштӣ, Авасто, Занд, Бундаҳишн, Додистони хирад, Ардавирофномаг ва инчунин дар номаи аҳди Кисрои Анушервон ва "Номаи Тансар" мавҷуд аст.

Замони навиштани ин андарзҳо ба солҳои суқути шоҳаншоҳии Сосониён мерасад [4, 74-76]. Кристенсен "фалсафаи роиҷаи андарзҳоро мубтанӣ бар асоси диёнатӣ" дониста менигорад: "Шуйӯи ин рисолот ба манзалаи оғози озодии афкор аст ва чандон барои рӯҳониёни қишрӣ муфид воқеъ нашудааст. Рӯҳониёни зардуштӣ ҳар рӯз қадаме вопас рафтаанд ва дигар қудрати собиқаро надоштаанд, ки битавонанд дар баробари ҷараёнҳои ҷадид садде бикашанд. Тааддиёти диёнатӣ то ҳадде тахфиф ёфт. Дар маҳофили донишмандон ҳикмати амалӣ бар аҳкоми динӣ бешӣ гирифт. Бо тавсиаи уфуқ ба инбисоти афкори ҷадид рафта-рафта доманаи шак вусъат ёфт. Содагии афсонаҳои бостонӣ, ки дар аъзои кеши маздаясно ворид буда, тадриҷан ҳатто уламои динро нороҳат ва мушавваш намуд. Ночор таъвилоти истидлолӣ барои ҳикоёти мазбур пеш оварданд ва аз роҳҳои ақлӣ дар исботи онҳо кӯшиданд. ...бо ин тартиб рӯҳониёни зардуштӣ бо аслиҳаи истидлол тавонистанд бо аҳли соири диёнот, ҳатто бо мусулмонон муҷодала кунанд ва дар оғоз ба ҳеҷ ваҷҳ мағлуб нашаванд" [4, 456-459].

Андарзҳои паҳлавӣ дар ташаккули ахлоқи мусулмонӣ таъсир дошта ва ба пайдоиши осори вижаи адабӣ дар бораи "адаб", яъне кирдори шоиста ва ахлоқи ҳамида бунёд гузоштааст [3, 23-40]. Дар саргаҳи ин адабиёт Ибни Муқаффаъ – мутарҷими кутуби паҳлавӣ ба арабӣ меистод, ки худ эронӣ буд. Ӯ буд, ки ба ин навъи адабиёт шакли возеҳ бахшид. "Дар ҳақиқат дар садаи дувум Ироқро мавҷи тарҷумаҳои кутуби паҳлавӣ ба

арабӣ фаро гирифт ва арабҳоро бар он дошт, ки фарҳанги ҳазорсолаеро дар кишвари истилокардаи эшон бишиносанд, ки дар баробари он дастовардҳои эшон дурахшашонро гум мекарданд [6, 68]. Дар замонҳои пасин намояндагони адабиёти форсӣ Унусрулмаолии Кайковус дар "Қобуснома", Низомулмулк дар "Сиёсатнома", Саъдӣ дар "Бӯстон"-у "Гулистон ва даҳҳо дигарон аз ин андарзҳо ба гунаи фаровон баҳра бурдаанд. Чуноне ёд овардем, дар ин миён Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ мақоми шоистаеро дорост.

Бад-ин гуна, сарчашмаҳои андарзҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ андарзҳои паҳлавист ва саропои достон бо онҳо оро дода шудааст. Шоир достонҳоро бо андарзҳо оғоз карда, бо онҳо анҷом медиҳад. Андарзҳо гоҳ аз забони худи шоир ва гоҳ аз забони қаҳрамонон оварда мешаванд. Аз ин нигоҳ бахши таърихии "Шоҳнома" аз бахшҳои аввали он бо фаровонии андарзҳо тафовут дорад.

Пораҳои аз ҳама беш дар бархӯрди дувуми Бузарҷмеҳр ва Ануширвон (ҳафт базми Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон) ва як пораи бузурги он дар бархӯрди савуми онҳо (панд додани Бузарҷмеҳр Нӯшинравонро) омадааст. Бунёди ин андарзҳоро дар "Шоҳнома" ҳамон андарзҳое ташкил мекунанд, ки номгӯи чанде аз онҳоро дар боло овардем. Мо бар онем, ки Фирдавсӣ ба гунае тарҷума ва бозгуфту шарҳи ин андарзҳоро аз забони Бузарҷмеҳр ба порсии нав анҷом додааст.

Аз ин ҷо дар назди пажӯҳишгар масъалаи нозуке пайдо мешавад, ки ин шинохтани хостгоҳ ва таъйини матни асли ин андарзҳо ва пас нишон додани саҳми Фирдавсӣ дар бозгӯи ин осор мебошад. Мо мехостем чун намуна дар мисоли панди Бузарҷмеҳр бо Ануширвон ва қиёси он бо матни паҳлавӣ ва шабоҳати миёни онҳо сухане чанд аз ин дар бигӯем:

а) "Аёдгори Вузургмиҳр"

Man Wuzurgmihr ī Bōxtagān winorbed /i/ šabestan šahr ī ōstīgān husrav darīgbed ēn ayādgār pad ayārīh /ī/ nērōg i yazdān ud abārīg har mēnōg /ī/ weh hamōg ud framān /ī/ dād i Husrav šāhān šāh frahang ī weh būdan šāyist awešān ke pad padīrīftarīh ī az abargarān āwarišnihā ud arzānīgihā abar brēhēnīd ēstād rāy kard ud pad ganǰ ī šahigān nihād [2, 29].

(тарҷума: Ман Вузургмиҳри Бухтагон сарпарасти шабистони шаҳриёри нирӯманд Хусрав ва сарвари дарбор ин ёдгорро ба ёрии нирӯи яздон ва дигар ҳамин гуна минӯи беҳин ва аз фармоне, ки шоҳаншоҳ Хусрав бидод, навиштам, то он шояд фарҳанги хубе буда бошад барои онон, ки дар пазириши кошона ва дорӣ аз яздон офарида шудаанд. Ва онро дар ганҷи шойгон ниҳодам [1, 49]).

Дар "Шоҳнома":

Ҷаҳондор як рӯз биншаст шод,
Бузургони донандаро бор дод.
Сухан гуфт хандону бикшод чеҳр,
Бари тахт биншаст Бузарҷмеҳр.
Яке офарин кард бар Кирдигор,
Худованди пирӯзу парвардигор.
Чунин гуфт, к: - Эй довари тозарӯй,
Ки бар ту наёбад сухан зиштгӯй.
Хуҷаста шаҳаншоҳи пирӯзгар,
Ҷаҳондори бодонишу богуҳар.
Набиштам сухан чанд бар паҳлавӣ,
Абар дафтару коғази хусравӣ.
Супурдам ба ганҷур, то рӯзгор
Барояд бихонад магар шаҳриёр.
[I-1, 193, б. 2394-2400].

б) "Аёдгори Вузургмиҳр":

Čiyon xir gētīg hamāg sazišnīgīh ud wišōbišnīgīh ōy-iz kē yazdān abāyēd u-š pādāšn pad-iš dahēd tuxšišn-iz ī aranǰihā awi-š pardāzēd stabr xir handōzēd ud ō mahist kār ud pādixšāyih

rasēd abardomīh kunēd ud wusugtom nām xwāhēd ud nāmīgīhātom kār abrōzišnīh mān ud mēhan kunēd u-š drāz zindagīh abzāyīšn ī frasang ud paywand ī wuzurg ummedīh ud nēk dāšnīhā pad dādestānud sūd ī mardōmān ud pāyišn ī dām ud kār pādixšāyih ud abārīg-iz hamāg farroxīh andar gētīg ī ēk ō did gugāy ud hamdādestān [2, 49].

(чун чизи гетӣ ҳама гузарон ва табоҳпазир ва дар гардиш (аст), онро, ки Яздон боястӣ подош диҳадаш, дороии беранҷ барош пардозад ва чизи фаровон андӯзадаш ва ба кори бузургу подшоҳӣ расонадаш. Бартариҳо ёбадва бузургтарин ном (ба худ) хоста бошад ва номитарин кор (дар) афрӯхтани хонумони миҳан кунад. Ӯро зиндагии дарозу афзоиши фарзанду пайванди бузург, умеду подоши нек дар кору додистон (ростӣ) ва суди мардумон ва офариниши нек, кордонӣ ва ҳама диагар фаррухии гетӣ, ки яке бо дигар пайванд ва ҳамсоя (аст), бувад [1, 138].

Дар "Шоҳнома":

Бидидам, ки ин гунбади дерсоз
Нахоҳад ҳаме лаб кушодан ба роз.
Агар мард бархезад аз тахти базм,
Ниҳад бар кафи хеш ҷонро ба разм.
Заминро бипардозад аз душманон,
Шавад эмин аз ранҷи оҳарманон.
Шавад подшо бар ҷаҳон сар ба сар,
Биёбад суханҳо ҳама дар ба дар.
Шавад дастгоҳаш чу хоҳад фарох,
Кунад гулшану боғу майдону кох.
Ниҳад ганҷу фарзанд гирд оварад,
Кунад гулшану боғу майдону кох.
Фароз оварад лашкару хоста,
Шавад коху айвон-ш ороста.
[I-1, 198, 2401-2406].

в) "Аёдгори Вузургмиҳр":

Pad ōstīgānih ī ān i and tis dūr ōšmurdom ud ka dūrtom andar drahnāy ī 100 sāl tan ō ī frazām ud pādixšayīh ud andar drahnāy ī 300 sāl dūdag ō wišōbīsn nām ō framōsīh ud anayādīh ud mān ud mēhan ō awērānih ud ālūdagih ud nāf ud paywand o frōdtarīh ud abaxšīh ud tuxālān ō abēbarīh ud ranj ud bār ō tuhīgīh ud padixšāyīh ō āwām xwadāyān xīr ō ōy manēd kē zamān farroxīh andar ān ī ēd brēhēnīd ēstēd ud tis ī frašagirdīh pattāyist ud ne wišōbēd ud ēwāz i ahlāyīh ud dām ī frašagirdīg ud kunišn ī frārōn pad ēč kas appurdan nē tuwān ō [2, 49-50].

(Устувории он чанд чизро дурандешӣ кардам. На дертар дар замони сад сол тан ба фарҷому шаҳриёрӣ ба нестӣ (расад). Ва дар замони сесад сол хонавода ба вайронӣ ва ном ба фаромӯшӣ ва аз ёд рафтан ва хонумону меҳан ба вайрониву нопокӣ ва нажоду пайванд ба фурӯмондагӣ ва пушаймонӣ, кӯшиш ба бебарориву ранҷ ва кӯшиш ба тиҳигӣ ва подшоҳӣ ба шаҳриёрони замон (расад). Дорой ба ононе монад, ки замон ин фаррухиро барошон офарида буд. Ва чизи зинда бипояд ва вайрон нашавад ва овози ашӯӣ офариниши зинда ва кори некро ҳеҷ кас рабудан натавонад [1, 138]).

Дар "Шоҳнома":

Гар эдун-к дарвеш бошад ба ранҷ,
Фароз орад аз ҳар сӯе ному ганҷ.
Зи рӯи риё ҳар-ч гирд оварад,
Зи сад сол будан-ш барнагзарад.
Шавад хоку бебар шавад ранҷи ӯй,
Ба душман бимонад ҳама ганҷи ӯй.
На фарзанд монад, на тахту кулоҳ,
На айвони шоҳӣ, на ганҷу сипоҳ.
Чу бишнид он ҷастану боди ӯй,

Зи гетӣ нагирад касе ёди ӯй.
Бад-ин кор чун бигзарад рӯзгор,
Аз ӯ номи неке бувад ёдгор.
Зи гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,
Дигар ҳар-ч бошад намонад ба кас.
Сухан гуфтани нағзу кирдори нек,
Нагардад куҳан то ҷаҳон аст рек.
[I-1, 194, б. 2408-2415].

г) "Аёдгори Вузургмиҳр":

Mardōm kadār farroxtar? Ān ī awināstar [2, 50].

(Кадом мардум фаррухтар? Он, ки камгуноҳтар [1, 139]

Дар "Шоҳнома":

Бад-ӯ гуфт фаррух кадом аст мард,
Ки дорад диле шод бе боди сард?
Чунин гуфт, к: - Он, к-ӯ бувад бегуноҳ,
Набурдаст Оҳарман ӯро зи роҳ.
[I-1, 194, б. 2421-2422].

д) "Аёдгори Вузургмиҳр":

Čē frazām ī tan? Kadām ān hamōmāl kē dānāgān pad-iš abērtar tuwān šnāxtan? Ārazām ī tan wišōbīšn i kirb ud hamēmāl ī ruwān ēn and druz ī Gannāg mēnōg pad frēftan ud wiyābān kardan ī mardōmān rāy pad hamēstārīh ī pad mardōmān ārāz dād [2,51] .

(Фарҷоми тан чист? Кист он душман, ки доноён (онро) беҳтар тавонанд шинохтан? Фврҷоми тан вайронии колбу два душмани равон ин чанд дев, ки Аҳриман дар фиреҳтану гуноҳ крдани мардумон ва душмании мардумон офарид [1, 139].

Дар "Шоҳнома":

"Кадом аст доно?", бад-ӯ шоҳ гуфт,
Ки дониш бувад мардро дар нуҳуфт.
Чунин гуфт, к: - Он, к-ӯ ба фармони дев,
Напардозад аз роҳи кайҳонхидев.
Диҳанд Аҳриман ҳам ба нерӯи шер,
Ки оранд ҷону хирадро ба зер.
[I-1, 195, б. 2439-2441].

е) "Аёдгори Вузургмиҳр"

Kadār ud čand ān druz? Az ud niāz ud xešm ud arašk ud nang ud waran ud kān ud bušasp ud druz ī ahiomōγīh ud spāzgih [2, 51].

(Он доноён кистанд ва чанд (тананд)? Озу ниёз, хашму рашк, нангу шаҳват, кин, танбаливу деваҳлумуғӣ (бадоинӣ) ва тӯҳмат [1, 139].

Дар "Шоҳнома" :

Бад-ӯ гуфт Кисро, ки даҳ дев чист?
К-аз эшон хирадро бибояд гирист.
Чунин дод посух, ки озу ниёз,
Ду девand бо зӯру гарданфароз.
Дигар хашм аст рашкасту нанг асту кин,
Чу наммому дурӯи нопокдин.
Даҳум он-к аз кас надорад сипос
Ба некиву ҳам нест яздоншинос.
[I-1, 196, б. 2442-2445].

Инак, як нигоҳи сода ба параҳои боло касро ба натиҷае меорад, ки мазмуни матнҳо як аст. Аммо агар ба онҳо жарфтар чашм андозем, хоҳем дид, ки Фирдавсӣ вожаву ифодаҳои зиёди матни паҳлавиро дар ҷои худашон мондааст, чун: аёдгорро (яъне пандҳоро) дар ганҷи шойгон ниҳодан" – навиштаи паҳлавиро ба ганҷур супурдан;

гузарону табаҳпазир будани гетӣ – лаб кушудан нахостани гунбади дерсоз; бартариву подшоҳиву афзоиши фарзанд ёфтани марде, ки Яздон бо ӯст – сар ба сар подшо шудану фарзанд гирд овардани марди размӣ ва душманшикан; пас аз сад сол ба нестӣ расидани тану шаҳриёрӣ – "зи сад сол будан-ш барнагзарад"; фаррухтар будани камгуноҳон – фаррухтар будани марди бегуноҳ ва қариб як будани номҳои ҳама он даҳ деви бадӣ... Чунин вожа ва ифодаҳои ҳамгун дар матни комил ва боз матнҳои дигар, ки мо аз он ҳама дар ин ҷо шаш пора овардем, зиёд ба чашм мерасанд. Ин гувоҳи бар матни аслӣ даст доштани Фирдавсӣ ва муносибати дақиққоронаи ӯ ба манобеи хаттист.

Бад-ин гуна, ҳадафи Фирдавсӣ аз бозгӯи андарзҳо аслан пайгирӣ аз рӯҳи ҳамосаи миллии эрониён, яъне нишон додани набарди беамони нерӯҳои некиву бадӣ будааст, ки дар "Шоҳнома" он ситоишу ин накӯҳиш ёфтаанд. Дар баробари ин шоир боз ҳадафҳои дигаре низ доштааст, чун дар симои Кисрои Анушервон ба шоҳони рӯзгори хеш дарси адаб додан ва саранҷом дар баёни фасеҳи хеш ба наслҳои оянда пешкаш кардани санадҳои гаронбаҳои адабии ниёгонамон – андарзҳо.

АДАБИЁТ

I. Сарчашма

1. Фирдавсӣ, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, ҷилди 8. Матни интиқодӣ. Тасҳеҳи матн бо эҳтимоми Рустам Алиев, зери назари А. Нӯшин, М., 1968.

II. Адабиёти пажӯҳишӣ

2. Ёдгори Бузургмеҳр (Пешгуфтор ва тарҷумаи Додихудо Саймиддин). Маҷаллаи «Садои Шарқ», 1993, № 7-8. – С. 136-143.
3. Изведать дороги и пути праведных: Введение, транскрипция текста, перевод, комментарий, глоссарий и указатели О.М. Чунаковой. – М.: Наука, 1991. – 192 с.
4. Иностранцев К.А. Сасанидские этюды. – СПб., 1909. – 140 с.
5. Кристенсен, Артур. Фирдавсӣ ва ҳамосаи миллии Эрон (дар тарҷумаи Масъуд Раҷабниё) ”. – Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”. Маҷмуаи мақолот. Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ. Муассисаи интишороти “Мудаббир”, с. 1370 ҳ.ш., с.423-436.
6. Куриёногӣ, Т. Эътиқоди Фирдавсӣ ба сарнавишт дар “Шоҳнома”. – Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”. Маҷмуаи мақолот. Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ. Муассисаи интишороти “Мудаббир”, с. 1370 ҳ.ш., с. 437-446.
7. Пелла Ш. Вариации на тему адаба. – Арабская средневековая культура и литература. – М.: Наука, 1978. – С. 60-76.

НИГОҲЕ БА ХОСТГОҲИ АНДАРЗҲОИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

Яке аз масъалаҳое, ки то имрӯз мавриди баҳс қарор дорад, масъалаи хостгоҳи бахшҳои алоҳидаи “Шоҳнома”, аз ҷумла даст доштани Фирдавсӣ ба сарчашмаҳои паҳлавӣ мебошад. Бахши муҳимми ин сарчашмаҳоро достонҳои ахлоқӣ ва андарзҳо ташкил медиҳанд. Онҳо дар “Шоҳнома” нақши муҳимро иҷро мекунанд. Чуноне маълум аст, гуфторҳои ахлоқӣ унсури хоси адабиёти нави форсӣ мебошанд, ки ба суннатҳои адабии замони Сосониён мерасанд.

Нақши адабиёти ахлоқии паҳлавӣ дар рушди адабиёти араб барҷаста аст. Ҳамчунин гуфторҳои алоҳидаи ахлоқӣ ба адабиёти нави форсӣ низ ворид шуданд. Аз он ҷумла Фирдавсӣ дар асари худ тарҷумаи ин андарзҳоро меорад ва онҳоро ба таври густарда бозгӯӣ мекунад, ки ин гувоҳи бар матни аслӣ – андарзҳои паҳлавӣ хеле хуб даст доштани Фирдавсӣ мебошад.

Вожаҳои калидӣ: Фирдавсӣ, «Шоҳнома», хостгоҳи «Шоҳнома», сарчашмаҳои «Шоҳнома», адабиёти ахлоқии сосонӣ, гуфторҳои ахлоқӣ (андарзҳо), адабиёти паҳлавӣ.

ВЗГЛЯД НА ГЕНЕЗИС ЭТИЧЕСКИХ СЕНТЕНЦИЙ В “ШАХНАМЕ” ФИРДОУСИ

Одним из открытых вопросов по сей день остается проблема генезиса отдельных сказаний “Шахнаме”, в том числе знакомства Фирдоуси с пехлевийскими источниками. Важную часть этих источников составляют этические сказания, так называемые андарзы. Они выполняют важную функцию в "Шахнаме". Как известно, дидактика — характерный элемент новоперсидской литературы – восходят к литературным традициям сасанидской эпохи.

Роль пехлевийской дидактической литературы в развитии арабской словесности общеизвестно. Кроме того, отдельные изречения проникли и в новоперсидскую литературу. В частности, Фирдоуси в своем произведении сопровождает переводы этих андарзов развернутыми комментариями, что свидетельствует о его превосходном знании пехлевийского языка.

Ключевые слова: Фирдоуси, «Шахнаме», генезис «Шахнаме», источники «Шахнаме», сасанидская дидактическая литература, этические сентенции (андарзы), пехлевийская литература.

A LOOK AT THE GENESIS OF ETHICAL MAXIMS IN THE «SHAHNAMEH» FIRDOWSI

One of the open questions to this day remains the problem of the genesis of individual tales of the Shahnameh, including Ferdowsi's acquaintance with Pahlavi sources. An important part of these sources is ethical legends, the so-called andarzas. They perform an important function in the Shahnameh. As is known, didactics, a characteristic element of New Persian literature, goes back to the literary traditions of the Sassanian era.

The role of Pahlavi didactic literature in the development of Arabic literature is well known. In addition, some sayings penetrated into the New Persian literature. In particular, Firdowsi accompanies the translations of these andarzas with detailed comments in his work, which indicates his excellent knowledge of the Pahlavi language.

Keywords: Firdowsi, "Shahnameh", genesis of "Shahnameh", sources of "Shahnameh", Sasanian didactic literature, ethical maxims (andarzah), Pahlavi literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳаммадӣ Музаффар Мунаварзод*** **–** номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рудаки, 21. **Тел.:** (+992) 988054830; **Email:** m.muhammadi61@mail.ru

Сведения об авторе: ***Мухаммади Музаффар Мунаварзод*** **–** кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник Отдела истории литературы ИЯЛ им. Рудаки НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. **Тел.:** +992 988054830; **E-mail:** m.muhammadi61@mail.ru

Information about the author: ***Muhammadi Muzaffar Munavarzod*** **–** candidate of philological sciences, Leading researcher of the Department oh history of literature Rudaki Institute of language and literature NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue, 21. **Tel.:** +992 988054830; **E-mail:** m.muhammadi61@mail.ru

ТАРҶУМАИ БАДЕИИ ОСОРИ НАСРИИ С. АЙНӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Нуриддинова Ш.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тарҷума ҳамчун яке аз қадимтарин воситаҳои шинохтан ва шиносондани мероси илмӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва динии ин ё он миллат ба миллатҳои дигар, дар таърихи пешрафти халққо ва фарҳангҳои ҷаҳон нақши арзанда бозидааст. Имрӯз ба фазилати тарҷумаҳо мардум аз илму фарҳангҳо аз таҷриба ва комёбиҳои ҳамдигар огоҳ мегарданд ва мақому манзалати онҳоро дар пешрафт ва шукуфоии ҷомеаи башарӣ боз ҳам муассиртар месозанд. Ҳамин ҷанбаи шинохторӣ ва умумибашарии тарҷумаҳо буд, ки фарҳанги арабу Аҷам дар тӯли зиёда аз ҳазор сол бо ҳам даромехт, навсозию бозсозӣ кард ва дар таърихи башарият дар асрҳои миёна василаи гулгулшукуфоии фарҳанги ҷаҳоне бо номи “фарҳанги исломӣ” маълуму машҳур гашт. Боз ҳам тарҷумаҳо буданд, ки донишмандон ва зиёиёни форсизабон баъди интишори дини мубини Ислом дар пешрафт ва шукуфоии фарҳанги исломӣ ҳиссаи сазовор гузоштанд.

Тарҷума ва тарҷумонӣ дар ҳаёти ҷомеаҳои гузаштаи башарӣ таърихи чандинҳазорсоларо паси сар намудааст, аммо таҳқиқи илмӣ ва назариявии масъалаҳои марбут ба он ва ба як бахши алоҳидаи илм табдил ёфтани тарҷумашиносӣ хеле дертар, саҳеҳтар, аз нимаи дуюми асри XX ба туфайли заҳматҳои илмии А. Федоров, В. Виноградов, В. Комиссаров, Н. Гарбовский, П. Латышев, Л. Виссон, Р. Брислин, Д. Гайт, К. Райс, В. Кейсер, Л. Суратгар, А. Наҷафӣ ва дигарон ба вуҷуд омад.

Таъриф ва шарҳи роиҷи мафҳуми истилоҳии «**Тарҷума**» дар илми муосир аз он иборат аст, ки тарҷума аз ҷумлаи анвои эҷоди бадеӣ буда, дар ҷараёни он асаре, ки дар як забони муайян офарида шудааст, дар забони дигар бозофаринӣ карда мешавад. Адабиёти асл моли як миллат аст, вале **тарҷумаи бадеӣ** ба ду миллат тааллуқ дорад – ҳам ба миллати муаллифи асар, ҳам ба миллати мутарҷим.

Тарҷумашиносӣ ҳамчун илм имрӯз ба се тақсим мешавад; таърихи тарҷума, назарияи тарҷума ва нақди тарҷума. Тарҷумаи бадеӣ ҷузъи илми назарияи тарҷума маҳсуб мегардад, чун масъалаҳои асосии таҳқиқи назарияи тарҷума аз баррасии имконпазирии тарҷумаи ин ё он матн, ҳалли масъалаи кашфи маънои таҳтуллафзии матни асл, риояи тобишҳои иҷтимоию таърихии матни асл, усулҳои тарҷумаи реалияҳо, хусусиятҳои нутқи

персонажҳо ва амсоли онҳо иборат мебошанд. Қонунҳои инкишофи тарҷумаи бадеиро назарияи он ва танқиди тарҷумаи бадеӣ меомӯзанд.

Тарҷумаи бадеӣ асосан, аз миёнаҳои асри XX мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор гирифт. Дар натиҷа илми тарҷума ба вуҷуд омад, ки он бо «тарҷумашиносӣ», «транслатология», «назарияи тарҷума» ва ғайра ёд мешавад. Дар бораи мафҳум моҳият, вазифа ва анвои тарҷума тарҷумашиносон В. Виноградов, Н. Гарбовский, П. Латышев, Л. Виссон, Р. Брислин, Л. Суратгар ва А. Наҷафӣ мулоҳизаҳои ҷолиб изҳор намудаанд, аз ҷумла В.Виноградов назарияи тарҷумаро яке аз илмҳои тарҷумашиносӣ дониста, онро ба бахшҳои назарияи умумии тарҷума, назарияи ҷузъии тарҷума ва назарияи махсуси тарҷума ҷудо менамояд.

Тарҷумаи бадеӣ - як навъ эҷодиёти бадеӣ, тафсири ваҳдати шаклу мазмуни асари бадеӣ аз як забон ба забони дигар, аён намудани таъсири эстетикии асари оригинал ба забони ғайр мебошад. Тарҷумаи бадеӣ ба воситаи забон ва тарзи **баёни эстетикии** он, **эҷодкорона** ва мутобиқ ба забони тарҷумашаванда ифода мешавад. Аз ин ҷиҳат тарҷумаи бадеӣ ба адабиёти асл қаробат кунад ҳам, аз он тафовут низ дорад, зеро дар он нақши фикрронӣ, муносибат, муошират ва қонуният ва **рӯҳи забони тарҷумашаванда** таъсиргузор аст. Аз ин рӯ тарҷумаи бадеӣ дар пешрафти тамаддунҳо ва таъсир ба он мақоми баланд дорад ва инкишофи тамаддун низ ба рушди он мусоидат менамояд, яъне марҳалаҳои рушди тарҷума ва шароити таърихӣ ба ҳам ҳамбастагии зич доранд. Аз ин ҷост, ки тарҷума-умуман ва тарҷумаи бадеӣ - хусусан, соҳиби таърихи доманадор аст.

Таърихи тарҷума чун бахши муҳими тарҷумашиносӣ доир ба масъалаҳои таҳқиқи зинаҳои таърихӣ ва самтҳои асосии фаъолияти тарҷумонӣ, гурӯҳбандии тарҷума, нақши осори тарҷумашуда дар таҳаввули адабиёти миллӣ ва амсоли онҳо баҳс мекунад. Таърихи пайдоиши тарҷумаи бадеиро муайян кардан душвор аст. Зоҳиран тарҷумаи бадеӣ баробари пайдо шудани адабиёти ду халқи гуногунзабон ба вуҷуд омадааст. Масалан, мувофиқи хабари яке аз мунаҷҷимон ва мутарҷимони тоҷик Фазли Абӯсаҳл (ваф. 815) Искандари Мақдунӣ ба тарҷума таваҷҷӯҳи зиёде мекардааст: «Искандар подшоҳи юнониён… он чи дар девонҳо ва хазинаҳои Истахр буд, рӯнавиште бардошта ва ба забони румӣ ва қибтӣ баргардонд ва пас аз он ки аз нусхабардориҳо муроди ниёзаш фароғат ёфт, ҳамаро дар оташ андохт». Байни китобҳои тарҷумашуда Авесто низ буд. Авесто дар давраи Сосониён ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) тарҷума ва тафсир шуд, ки он «Занд» ном гирифт. Инро нахустин тарҷума дар таърихи адабиёти форс-тоҷик шуморидан мумкин аст. Донишманди араб Ибни Надим (ваф.1000) дар чанд фанни «Ал-Феҳрист»-аш оид ба авзои тарҷума то асри X баҳс кардааст. Ибни Надим даҳҳо мутарҷимони он давраҳоро нақл мекунад, ки ҳар яке се-чор забонро ба хубӣ медонистанд ва дар илме омил буданд. Маълумоти маъхазҳои муҳимми арабизабони асри X аз қабили “Ал-Феҳрист”-и Ибни Надим ва “Китоб-ул-ағонӣ”-и А.Исфаҳонӣ аз ривоҷи бузурги тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ дар асрҳои VII-IX гувоҳӣ дода метавонад. Дар ин давра ба туфайли тарҷума ағлаби дастовардҳои фарҳангу адабиёти халқҳои эронитабор аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардон шудаанд.

Яке аз тарҷумонҳои машҳури он давра Рӯзбеҳи Додвайҳ (Рӯзбеҳ ибни Хурдодбеҳ) буд, ки баъди ба ислом гаравидан ба худ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (722-759) ном гирифтааст. Ӯ қариб ҳамаи асарҳои паҳлавиро ба забони арабӣ тарҷума намуда, дар интишори осори адабии халқҳои эронинажод саҳми арзанда гузошт. Ном ва матни якчанд асари паҳлавӣ, ки нусхаи аслашон аз байн рафтааст, ба шарофати тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ то замони мо омада расидаанд, аз ҷумла “Худойнома” “Ойиннома”, “Калила ва Димна”, “Китоби Маздак”, “Китоб-ут-тоҷ” “Дар сирати Анушервон”, “Адаб-ус-сағир”, “Адаб-ул-кабир”, “Муқаддимаи илм ва мантиқ”-и Исоғуҷӣ, “Мақулоти ашар”-и Арасту ва ғ. Дар ин асрҳо дар баробари тарҷумаи осори мансур ба назми арабӣ даровардани осори паҳлавӣ низ ривоҷ дошт. Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ бори нахуст китобҳои “Калила ва димна”, “Синбоднома”, “Корномаи Ардашер”, “Корномаи Анушервон” ва амсоли

онҳоро ба риштаи назм кашид ва тарҷумаи манзуми чунин осори паҳлавиро Аҳмади Балозурӣ ва дигар адибони арабизабон идома доданд.

Агар дар таърихи тарҷумаи форсӣ-тоҷикӣ асрҳои VII-IX давраи тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ маҳсуб гардад, аз асри X, яъне аз замони Сомониён ба баъд тарҷума аз арабӣ ва забонҳои дигар ба форсии тоҷикӣ вусъат ёфт. Дар ин давра асарҳое аз қабили "Калила ва Димна", "Синдбоднома", "Худойнома", "Ҷовидон хирад" ва ғ, ки дар асрҳои VIII-IX аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда буданд, боз аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ тарҷума шуданд.

Маълум аст, ки адабиёти ҳар як халқ, аз ҷумла адабиёти тоҷик бе робитаю пайвастагӣ бо адабиёти халқҳои дуру наздик равнақ ёфта наметавонад. Риштаҳои бешумори равобити адабӣ аз замонҳои қадим адабиёти моро ба адабиёти мардуми кишварҳои ҳамҷавор сахт пайвастаанд. Яке аз риштаҳои мустаҳками ин равобит тарҷума аст. Масалан, «Панҷатантра» аз санскрит ба паҳлавӣ, аз паҳлавӣ ба арабӣ, аз арабӣ ба сурёнӣ ва беш аз 200 дафъа ба зиёда аз 60 забони дунё тарҷума шуда, ба нодиртарин падидаи адабиёти ҷаҳонӣ мубаддал гардид ва боис бар он шуд, ки усул ва ахлоқи фалсафаи ҳиндӣ дар саросари ҷаҳон густурда шавад. Бо интиқол ва тарҷумаи "Панчатантра" ба забонҳои дунё ин шоҳасар тавонист, ки на танҳо ба рӯҳияи ахлоқӣ ва ташаккули маънавиети халқҳои олам таъсиргузор бошад, балки дар раванди инкишофи жанри тамсилӣ, тарбиявию ахлоқӣ дар адабиёти ҷаҳон асари матлуб гузорад. Яке аз тарҷумаҳои форсии "Панҷатантра" китоби "Панчакяна" соли 1612-13 таълиф шудааст, ки ба қалами яке аз адибони форсизабони қарни XVII Ҳиндустон Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ тааллуқ дорад. То ин дам "Панчатантра" ба забонҳои гуногуни ҷаҳон вуҷуд доштанд ба монанди тарҷумаи Барзуя ба забони паҳлавӣ, Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулмаолӣ Насруллоҳи Муншӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Абулфазли Алломӣ ба забони форсӣ ва ғ. Аммо дар тарҷумаи Мустафо Холиқдод аз санскрит ба форсии содаву равон лафз ба лафз, бе такаллуф бо амри шоҳ Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар, ки фармуд: "ҳар чӣ аз хушку тар дар он китоб бошад ба ҳамон тартиб рақам намояд, то қадри тафовути асли сухан ва тартиби он ва зиёдатию нуқсон зоҳир гардад", тарҷума намуд, ки дар натиҷа рӯҳи санскритро дар дар худ нигоҳ дошт".

Аз ин рӯ дар асаре ки тарҷумаи бадеӣ шудааст маҳорати тарҷумон дар истеъмоли забони тарҷумашаванда ва иқтидори тарҷумон дар бозгӯии маъно бо дур нашудан аз асл зоҳир мегардад, то рӯҳи забону фарҳанги асари тарҷумашаванда бозтоб ёбад. Тарҷумаи шоҳасари дигар "Шоҳнома" низ 225 бор ба 27 забонҳои зиндаи ҷаҳон хусусан ба забони арабӣ, туркии усмонӣ, туркии чағатоӣ, русӣ, фаронсавӣ, курдӣ, арманӣ , ҳиндӣ, гуҷаротӣ, итолиёӣ, чинӣ, ибрӣ, шведӣ финӣ, даниягӣ, лотинӣ англисӣ ва ғ. тарҷума гардидааст.

Дар адабиёти форс-тоҷик баробари тарҷумаи асарҳо аз забонҳои Шарқ ба тадриҷ аз забонҳои аврупоӣ низ тарҷумаҳо пайдо шуданд, ки онҳо асосан китобҳои таърихӣ буданд. Дар ибтидои асри XVIII тарҷума аз форсӣ ба дигар забонҳо ва аз забонҳои аврупоӣ ба форсӣ хеле авҷ гирифт. Маҳз дар ибтидои асри XIX дар Осиёи Миёна ҳам тарҷумаи асарҳои бисёр адибони аврупоӣ интишор ёфт. Ин тарҷумаҳо асосан дар Эрон анҷом ёфта буданд, чунки 28 декабри соли 1851 дар Теҳрон «Дор-ул-фунун» ном муассисае таъсис шуд, ки ходимони он бо масъалаи тарҷумаи бадеӣ ҳам шуғл доштанд. Ин муассиса дар муддати кӯтоҳ 162 китоб нашр кард, ки аксари онҳо тарҷумаи бадеӣ буданд. Дар ҳамон давра ба забони форсӣ «Робинзон Крузо»-и нависандаи англис Даниел Дефо (соли нашр 1719), романи «Жиль Блас»-и нависандаи фаронсавӣ Ален-Рене Лесаж (соли нашр 1715-1735), «Кулбаи Ҳиндувон»-и нависандаи фаронсавӣ Жак-Анри Бернарден де Сан Пьер (соли нашр 1790), «Граф Монте Кристо» (1846) ва «Се мушкатер»-и нависанда ва драматурги фаронсавӣ Александр Дюма (соли нашр 1903), чанд ҳикояи Л.Н.Толстой, масалҳои И.А.Крылов ва ғайра тарҷума шуданд, ки албатта аз ин китобҳои тарҷумашуда зиёиёни тоҷик низ баҳравар гардиданд.

Аксари олимону адибони Ғарб ва Руссия доир ба назарияи тарҷума изҳори ақида кардаанд, махсусан, Б.Г. Белинский, И.С. Тургенев, Н.Г. Чернышевский, Н.А. Добролюбов дар ташаккули назарияи тарҷума саҳми калон гузоштанд. Нуктаҳои асосие, ки классикони марксизм-ленинизм доир ба тарчума баён намудаанд, ба назария тарҷумаи шуравӣ асос гузоштанд. Олимони шӯравӣ маҳз дар зимни гуфтаҳои онҳо асоси назарияи тарҷумаро муайян намуданд.

Тадқиқи таърих, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ дар Тоҷикистон асосан дар давраи шуравӣ оғоз ёфт. Саҳми Садриддин Айнӣ дар ин бобат хеле калон аст. Адабиётшиносон М. Шукуров, Ҳ. Шодиқулов, З. Муллоҷонова, мутарҷимон Ҳ. Аҳрорӣ, Р. Ҳошим, Э. Муллоқандов ва дигарон доир ба тарҷумаи бадеӣ таълифоту мақолаҳои илмии зиёде пешниҳод намудаанд. Тарҷума аз ҷумла, тарҷумаи бадеӣ дар Тоҷикистон аз Инқилоби Октябр ба баъд рушд намуд. Аввалан тарҷумаҳои бадеӣ дар Нашриёти Давлатии Тоҷикистон (соли таъсис 1925) ба табъ расиданд. Аз соли 1926 то соли 1936 нашриёт даҳ номгӯи асари бадеии тарҷумавиро нашр кард, ки он асарҳои Л.Н.Толстой повести «Поликушк» мутарҷим А.Бектош с.1935, И.С.Тургенев ҳикояи «Муму» мутарҷим Фаридун с.1936, А.П.Чехов «Ҳикояҳо» мутарҷим Ҷ.Икромӣ с.1936 ва дигарон буданд. Пас аз ин тарҷумаи бадеӣ рӯ ба тараққӣ ниҳод. Садриддин Айнӣ бо тарҷумаи романи нависандаи фаронсавӣ Фердинанд Дюшен «Қамар» аз тарҷумаи тоторӣ ба тоҷикӣ дар равнақи тарҷумаи бадеӣ саҳми бориз гузошт. Тарҷумаҳои С. Улуғзода «Занбӯр»-и Этел Лилиан Войнич (Ирландия. англисзабон) бори дуввум бо номи «Ғӯрмагас» соли нашр 1982, «Тил Улешпигел»-и Шарл де Костер (Белгия), А.Лоҳутӣ «Песаҳои У.Шекспир», Ҳаким Карим, М.Аминзода, Р.Ҷалил, М. Қаноат «Ашъори В.Маяковский», Ф.Муҳаммадиев «Асарҳои Ч.Айтматов» ва дигарон дар адабиёти мо саҳифаҳои дурахшонеро боз намуданд. С.Ализода, Ҳасан Ирфон, Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Эмануил Муллоқандов, Шамсӣ Собир, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев барин як гурӯҳ адибоне ба майдон омаданд, ки шуғли асосии онҳо тарҷумаи бадеӣ гардид. Дар баробари ин асарҳои шоирону нависандагони тоҷик ҳам ба забони русӣ ва забонҳои халқҳои СССР ва хориҷӣ тарҷума шуданд.

Дар замони кунунӣ баъди он ки Тоҷикистон соҳиби истиқлоли сиёсӣ ва фарҳангӣ гаштааст, табиист, ки нақши тарҷумаҳои осори адабӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар шиносонидани халқҳои ҷаҳон бо мероси адабӣ ва фарҳангии миллатамон як вазифаи ватандорию ватандӯстии мо гаштааст. Аз ҷиҳати дигар, баъди истиқлол дар Тоҷикистон имкони воқеӣ пайдо гардидааст, ки мероси фарҳангии худро на ба воситаи забонҳои дуюм ва сеюм, балки бевосита аз забони тоҷикӣ ба ин ё он забони хориҷӣ тарҷума намуда, ҳам онро ба халқҳои дигар шиносонем, ҳам то дараҷае асолаташро нигоҳ дорем. Чун як матни аслро метавон ба ҳар забоне тарҷума кард, вале он вақте аз забони дуюму сеюм ба забони дигар тарҷума мегардад, бузургӣ ва асолати матни асл дар он тарҷумаҳо маҳву фано мегардад. Чунин мисолҳо дар таърихи илму фарҳанги халқҳои ҷаҳон кам нестанд. Агар маҳз ба осори насрии С.Айнӣ ба забони арабӣ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки аксари ин тарҷумаҳо аз забони дуввум ба восита, махсусан, аз забони русӣ, сурат гирифтааст. Масалан, соли 1964 дар нашриёти «Прогресс» тарҷумаи арабии очерки С. Айнӣ бо номи «Коротко о моей жизни» (Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам- صفحات عن حياتي) аз ҷониби тарҷумони машҳури араб Ғоиб Туъма Фармон ба нашр мерасад. Тарҷумаи арабии он аз рӯйи тарҷумаи русии М.Занд, ки дар Сталинобод соли 1958 бахшида ба 80-солагии С. Айнӣ ба забони русӣ тарҷума ва нашр шуда буд, анҷом пазируфтааст. Ин тарҷума аз хатоҳо орӣ нест, аз ин рӯ Ғоиб Туъма Фармон низ ҳангоми тарҷума ба арабӣ аз забони русӣ ба хатоҳо ва партофтани баъзе қисматҳо ва тарҷумаи нокомил роҳ додааст.

Тоҷиддин Мардонӣ дар маҷмӯаи мақолаҳои хеш “Ақвом Шарқ дар осори С.Айнӣ” доир ба ин тазаккур медиҳад, ки тарҷумаи нави ба забони русӣ, ки аз ҷониби И.С.Брагинский шудааст, нуқсону камбудиҳои дар тарҷумаи руссии М.Занд ҷой дошта бартарф гардидаанд. Агар тарҷумаи арабии он низ дар иртибот ба ин нусхаи нави тарҷума

мутобиқ карда мешуд мувофиқ мебуд. Бо вуҷуди ин камбудиҳои ҷойдошта тарҷумаи арабии он арзиши ин асарро каме коста бошад ҳам, ба ҳар ҳол маънову мӯҳтавои асари тарҷумашаванда дода шудааст.

Аввалин ҳикоёти мунтахаби «Ёддоштҳо» якҷоя бо қиссаи «Марги судхӯр» зери унвони умумии «Бухоро» соли 1957 бо ҳаҷми 240 саҳифа дар Бейрут чоп шудааст, ки мутарҷими он Аҳмад Абу Асъад (Саъд) мебошад.

Соли 1978 дар нашриёти "Прогресс"-и Москва тарҷумаи арабии китоби "Бухоро"-и С. Айнӣ, ки аз ду қисм иборат аст (порчаҳое аз "Ёддоштҳо" ва мухтасари қиссаи "Марги судхӯр") дар 317 саҳифа ба нашр мерасад, вале дар ҷое номи тарҷумони он оварда намешавад. Аз ин рӯ ҷое мутарҷими он Бурҳон Ал-Хатиб зикр шудааст, ки соли 1944 ин асарро тарҷума намудааст. Ҳамчунин Т.Мардонӣ эҳтимоли тарҷумаи арабии қиссаи "Марги сӯдхӯр"-ро, ки дар китоби "Бухоро" омадааст, ба адиби ироқӣ - Маҳдӣ Ҳошим ан-Наҷафӣ мансуб буданашро зикр менамояд. Зеро повести "Марги судхӯр" ба муносибати 100-солагии ҷашни С.Айнӣ аз ҷониби тарҷумон ва адиби ироқӣ Маҳдӣ Ҳошим ан-Наҷафӣ аз забони тоҷикӣ ба арабӣ тарҷума гардида, ба яке аз чопхонаҳои Бағдод супорида шуда буд, вале тақдири баъдии он номаълум мемонад, чунки ин тарҷума бо сабаби аз дунё даргузаштани ан-Наҷафӣ дар таърихи 28-уми майи соли 1980, ба дасти хонандаи араб намерасад. (Т. Мардонӣ. Арабско-таджикские литературные связи, с. 345). Эҳтимол меравад, ки шояд ин мухтасари қиссаи "Марги судхӯр", ки дар тарҷумаи арабии китоби "Бухоро"-и С. Айнӣ оварда шудааст, тарҷумаи Маҳдӣ Ҳошим ан-Наҷафӣ бошад.

Хулоса, китоби тарҷумашуда бо номи "Бухоро"-и С.Айнӣ ба забони арабӣ, ки фарогири қиссаҳои мунтахаб аз "Ёддоштҳо" ва "Марги сӯдхӯр" мебошад, бори аввал соли 1944 аз ҷониби Бурҳон ал-Хатиб тарҷума гардида, соли 1978 дар Москва бидуни зикри тарҷумон аз ҷониби нашриёти "Прогресс" ба чоп мерасад. Баъдан он соли 1957 дар Бейрут бо тарҷумаи Аҳмад Абу Асъад (Саъд) таҳти унвони "Бухоро" пешниҳоди хонандагони арабзабон мегардад. Яъне тарҷумаи Бурҳон ал-Хатиб соли 1944 ҳам ки шуда бошад, пас аз тарҷума ва нашри китоби "Бухоро" аз ҷониби Аҳмад Абу Асъад (Саъд) соли 1978 ба нашр мерасад.

Дар ин маврид қайд кардан ҷоиз аст, ки дарёфт ва муқоисаву таҳқиқи ин ду китоби "Бухоро", ки яке дар Бейрут аз ҷониби Аҳмад Абу Асъад (240 саҳифа соли нашр 1957) ва дигаре тариқи Бурҳон ад-Хатиб (317 саҳифа соли 1978) тарҷума шудаву дар Москва нашр гардидааст, амри зарурист, то ягонагӣ ва тафовути ин тарҷумаҳоро баррасӣ карда тавонем.

Бад-ин тариқ, имрӯз низ нақши тарҷумаи бадеӣ дар раванди таъсири фарҳангӣ ва адабӣ бориз буда, боз ҳам нақши меҳварӣ дорад ва тарҷумаи матнҳои асл ба восита (аз тарҷумаи забони ғайри асл) неву, бе восита, яъне маҳз аз забони асл - забони тоҷикӣ тарҷума гардида истодааст. Масалан, тарҷумаи арабии повести сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ "Марги судхӯр" ба забони арабӣ, ки чун яке аз шоҳкориҳои устод С.Айнӣ дар адабиёти тоҷик ва собиқ Шуравӣ ба ҳисоб рафта, аҳамияти илмӣ ва фарҳангӣ дорад, соли 2003 аз рӯйи чопи он дар нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод соли 1956 аз ҷониби устодони забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Қоҳира Муҳаммад Алоуддин Мансур ва Абдулҳафиз Яъқуб Ҳиҷоб дар 274 саҳифаи чопӣ аз тоҷикӣ ба арабӣ тарҷума гардид. /"Мавт-ул-муробӣ" таълифи Садриддин Айнӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Алоуддин Мансур ва Абдулҳафиз Яъқуб Ҳиҷоб. Қоҳира, 2003. Ба забони арабӣ/. Дар ин мавзӯъ устоди мӯҳтарам С.Сулаймонӣ дар маколаашон //"Тарҷума ва таҳқиқи "Марги судхӯр" ба забони арабӣ"// пажуҳши ҷолибе намудаанд.

Аслан, тарҷумаи осори устод Айнӣ ҳанӯз аз солҳои панҷоҳуми қарни гузашта диққати хонандаи арабизабонро ба худ ҷалб сохта буд. Дар соли 1957 дар Бейрут "Ёддоштҳо"-и ӯ ба забони арабӣ аз забони русӣ аз ҷониби Аҳмад Абу Асаъд (Саъд)-мунаққиди араб тарҷума гардида, / дар маҷаллаи №9-и «Ал-Адиб» ба чоп мерасад ва дар миёни аҳли араб хуш пазируфта мешавад. Сипас, дар ҳамин маҷаллаи илмии «Ал-Адиб»

мақолаи илмӣ-таҳлилӣ бо номи «Зикро Айнӣ холидатун» (Имя Айнӣ бессмертно) аз ҷониби Ҷалил Камолуддин ба нашр мерасад. Дар мақола муаллиф дар баробари таҳлили рӯзгор ва осори С. Айнӣ арзиши тарҷумаи арабии осори ӯро ба забони арабӣ баррасӣ намуда, дар айни ҳол зикри хатоҳои тарҷумонро ҳангоми тарҷума ба забони арабӣ дарҷ кардааст. Инчунин муаллиф ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии арабҳои дар шаҳру деҳот зиндагӣ мекардаро бо образҳои дар асари С.Айнӣ, ки нависанда ҳаёти хешро дар Бухоро таҷассум намудааст, муқоиса ва таҳлил кардааст.

Бояд эътироф кард, ки қатъи назар аз мавҷудияти тарҷумаҳои зиёди асарҳои устод С.Айнӣ ба забонҳои дигар дар адабиётшиносии мо онҳо пурра ҷамъоварӣ нашуда ва танзим наёфтаанд. Бинобар ин сифат, бурду бохт ва таъсири онҳо ба ҷараёни адабии кишварҳои хориҷӣ то ҳол тадқиқоте анҷом дода нашудааст. Ин ҳолат дар кори омӯзиш ва муқоисаи тарҷумаҳои арабӣ низ ба чашм мерасад. Албатта, ин кор хеле душвор аст, зеро аксари тарҷумаҳои аврупоӣ ва шарқии осори устод Айнӣ аз рӯи тарҷумаҳои русӣ ба амал бароварда шудааст.

Дар ин замина назари устоди забон ва адабиёти форсии факултети шарқшиносии Донишгоҳи Қоҳираи Ҷумҳурии Мисри Араб доктор Абдулваҳҳоб Аллубро нисбат ба “Марги судхӯр”-и С.Айнӣ аз забони Сулаймонов С. овардан хеле ҷолиби диққат ва ба маврид мебошад: Профессор Сулаймонов С. назари мунаққиди араб доктор Абдулваҳҳоб Ал-Лубро ҳамчун адабиётшиносу донандаи хуби забони форсӣ доир ба С.Айнӣ иброз дошта, қайд менамоянд, ки моҳи августи соли 2007 доктор Аллуб ба Устод Сулаймонов С. се мақолаи хешро доир ба пажӯҳиши адабиёти тоҷик ва сардафтари адабиёти он С.Айнӣ пешниҳод мекунад:

- “Баҳсун фи торих ат-тоҷик мин қарн ас-содис ашара ило қиём ад-давла”(Баҳсе роҷеъ ба таърихи тоҷикон аз қарни шонздаҳ то барпошавии давлат)/ маҷаллат куллият ал-адаб ҷомиъат ал-Қоҳира. Ҷ62, №4, октябри 2002 с.177-232
- “Аш-шеър ат-тоҷикӣ мин 1917 ило 1960” (Шеъри тоҷикӣ аз солҳои 1917 то1960) маҷаллат куллият ал-адаб ҷомиъат ал-Қоҳира. Ҷ63, №3, июли 2003 с.131.
- “Ривояту “Марги судхӯр” лилкотиб ат-тоҷикӣ Садриддин Айнӣ (1878-1954) диросотун таҳлилия” (Ривояти “Марги судхӯр”-и нависандаи тоҷик Садриддин Айнӣ таҳқиқ ва таҳлил). Аллуб А. Маҷаллаи “Рисолат-ул-машриқ”.- ал-Қоҳира, бидуни соли нашр. с. 277-312

Дар мақолаи “Ривояту “Марги судхӯр” лилкотиб ат-тоҷикӣ Садриддин Айнӣ (1878-1954) диросотун таҳлилия” на дар бораи тарҷума ва сифати он, балки аз дидгоҳи як мунаққид ва адабиётшиносу донандаи хуби забони форсӣ (тоҷикӣ) устоди забон ва адабиёти форсии факултети шарқшиносии Донишгоҳи Қоҳираи Ҷумҳурии Мисри Араб доктор Абдулваҳҳоб Аллуб нисбат ба “Марги судхӯр”-и С.Айнӣ таваққуф шудааст. Дар муқаддимаи мақолаи худ Аллуб ҳамчун мунаққид роҷеъ ба ба таҳқиқи худ чунин мегӯяд: “Дар ин кор мо таҳқиқ ва баррасии ривояти “Марги судхӯр” (Мавт-ул-муробӣ)-и нависандаи тоҷик Садриддин Айниро ҳадафи худ қарор додаем. Ин ривоят ба забони тоҷикии бухоройӣ ва бо ҳарфҳои кириллӣ (русӣ) навишта шудаст. Аз ин рӯ, ба анҷом расонидани баҳс (пажӯҳиш) бархе аз мушкилотро ба миён меорад, ки аввалини онҳо аз соли 1924 то ба ҳол ба хати кирилии русӣ навишта шудани забони тоҷикӣ мебошад ва ин ҳарфе мебошад, ки мисли хати лотинӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо накардааст; сабаби дуюм ин дар даст надоштани таҳқиқотҳо роҷеъ ба адабиёти тоҷик; сабаби сеюм, ки он ба сабабҳои якум ва дуюм сахт вобаста аст, вуҷуд надоштани заминае, ки ба он такя карда шавад.

Тарҷумаи осори С.Айнӣ ба забони арабӣ то соли 2003 ҳамагӣ ба восита аз забони русӣ сурат гирифтааст, ба ҷуз повести “Марги судхӯр” (соли 2003), ки бевосита аз забони тоҷикӣ тарҷума гардидааст. Устодон Муҳаммад Алоуддини Мансур ва Абдулҳафиз Яъқуби Ҳиҷоб бо тарҷумаи “Марги судхӯр” ба забони арабӣ барои шиносонидани хонандаи араб бо адабиёти муосири тоҷик, ки намунаи беҳтарини он осори Садриддин Айнӣ мебошад, даричаи нав кушода, роҳро барои густурдатар сохтани пайвандҳои

адабию фарҳангии мардуми тоҷик ва араб, ки таърихи пурбор ва деринсобиқае доранд, боз ҳам васеътар сохтанд.

Услуби таҳқиқи тарҷумонҳо ва муҳаққиқони повест комилан илмӣ буда, аз таҷрибаи бойи онҳо дар танқиди адабӣ гувоҳӣ медиҳад. Албатта, тарҷумаи "Марги судхӯр"-и С.Айнӣ ба забони арабӣ дар яке аз кишварҳои бузургтарини араб Ҷумҳурии Мисри Араб, ки воқеан маркази илму фарҳанги ҷаҳони араб ва Ислом ба ҳисоб меравад, як падидаи муҳими фарҳангӣ ва арабии алоқаҳои байни халқи тоҷик ва араб мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло мавриди таҳқиқ қарор додани тарҷумаи осори насрии сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ба забони арабӣ, аз ҷумла "Марги судхӯр", ки чун яке аз шоҳкориҳои устод Айнӣ дар адабиёти тоҷик ва собиқ Шуравӣ ба ҳисоб меравад, аҳамияти бузурге дар илми тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва равобити адабиву фарҳангии ду халқи ба ҳам дӯст дорад.

АДАБИЁТ

1. Ақвоми Шарқ дар осори С.Айнӣ/ Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 140-солагии С.Айнӣ.- Душанбе, 2018.
2. Брандес М.П. Стиль и перевод (на материале немецкого языка): Учеб. пособие. – М.: Высшая школа, 1988. -127 с.
3. Попович А. Проблемы художественного перевода. – Москва, 1980.
4. С.Сулаймонов. Тарҷума ва таҳқиқи повести «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ ба забони арабӣ// Садои Шарқ.-2009, № 1
5. С.Сулаймонов. Нигоҳе ба тарҷумаи «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ дар адабиётшиносии араб // Сулаймонов С. Чиҳил мақола. Маҷмӯаи мақолаҳои доктори илми филология, профессор Сулаймонов С.-Душанбе, 2017 – 685саҳ.
6. Т. Мардонӣ. Арабско-таджикские литературные связи, с. 345.
7. Шукуров М. Тарҷумаи бадеӣ дар марҳилаи имрӯзаи адабиёти тоҷик. / «Садои Шарқ», 1983, 10.
8. "Мавт-ул-муробӣ" таълифи Садриддин Айнӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Алоуддин Мансур ва Абдулҳафиз Яъқуб Ҳаҷҷоб. Қоҳира, 2003.

ТАРҶУМАИ БАДЕИИ ОСОРИ НАСРИИ С. АЙНӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Дар мақолаи мазкур доир ба тарҷума, тарҷумаи бадеӣ ва таърихи тарҷумаи бадеӣ аз дидгоҳи илми тарҷумашиносии имрӯз мухтасар маълумот оварда шуда, тарҷумаи бадеии осори насрии С.Айнӣ, аз ҷумла тарҷумаи "Марги судхӯр" ва "Бухоро" ба забони арабӣ дар асрҳои XX-XXI ва нақши он дар равобити адабии ду халқ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: тарҷума, тарҷумаи бадеӣ, тарҷумон, наср, повест, ҳикоя, осор, равобити адабӣ, таърихи тарҷума, илми тарҷумашиносӣ.

ПРОЗА С.АЙНИ В АРАБСКИХ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ПЕРЕВОДАХ

В данной статье рассматривается особенности арабских переводах в прозаических произведений С.Айни в конце XX – первой половине XXI века, в том числе художественный перевода "Марги судхур" (Смерть ростовщика) и "Бухара" на арабский язык и его роль в литературных отношениях двух народов.

Ключевые слова: писатель, проза, повест, рассказ, перевод, художественный перевод, теория перевода, художественный перевод, литературные связи, переводчик.

PROSE BY S. AINI AND ARABIC LITERARY TRANSLATIONS

The article discusses the prose works of S. Aini in Arabic translations in the XX – XXI centuries, including the literary translation of "Margi sudkhur" and "Bukhara" into Arabic and its role in the literary relations of the two peoples.

Key words: Translation, literary translation, history translation, translation theory, translator, literary works, novelist, prose, story, authoress, literary cash, translation criticism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддинова Шахло Исломовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 918 44 31 55. **Почтаи электронӣ**: shahlo.n1974@mail.ru

Сведения об авторе: ***Нуриддинова Шахло Исломовна*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Телефон:** (+992) 918 44 31 55. **Электронная почта:** shahlo.n1974@mail.ru

Information about the author: ***Nuriddinova Shakhlo Islomovna*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 918 44 31 55. **E-mail:** shahlo.n1974@mail.ru

ACHIEVEMENTS OF ARABIC PHILOLOGY IN THE MODERN WORLD

Mirzalim kyzy Gulmeerim
Jusup Balasagyn Kyrgyz National University Kyrgyz Republic

Arabic philology is a crucial and dynamically developing field of humanities that encompasses the study of the Arabic language, literature, philosophy, and cultural traditions of the Arab countries. In recent decades, Arabic studies have undergone significant changes, not only due to the development of theoretical approaches but also due to the introduction of the latest technologies in lexicography, translation studies, dialectology, and other areas. These achievements open new horizons for a deeper analysis of the Arabic language and its role in the global context. This article examines the key achievements of Arabic philology in the modern world, focusing on new technologies, academic innovations, and cultural exchanges.

1. The Role of Arabic Philology in the Modern World

The Arabic language, as one of the most widely spoken languages in the world, continues to play an important role in political, social, and cultural life. The official status of Arabic in 22 countries of the Arab League, as well as its recognition as one of the official languages of the United Nations, confirms its international importance. Arabic philology, by studying the structure of the language, its history, and development, serves as an important tool for understanding political and cultural processes occurring in the Arab world. Modern studies of the Arabic language and literature also help build bridges between the Arab world and the rest of the world, fostering international dialogue and mutual understanding [3, 25; 5, 33-36].

The relevance of Arabic studies has significantly increased with the development of intercultural and international relations, as well as with the deepening of scientific research in the areas of Arabic history, philosophy, and religion. It is important to note that Arabic culture, with its rich heritage, continues to influence global progress, particularly in the fields of science, medicine, and mathematics, thanks to its achievements during the Golden Age of Islam [9, 58]. As a result, interest in learning the Arabic language has increased, as it serves as a source of knowledge necessary to adequately perceive the modern Arab world.

2. Modern Achievements in Arabic Lexicography

Arabic lexicography, the study of the vocabulary of the Arabic language, has made significant progress in recent decades. A major achievement has been the creation of electronic databases and digital dictionaries that include not only traditional terms but also modern words related to technology, science, politics, and other current areas of life. The use of information technologies in lexicography allows researchers and students of the Arabic language to significantly accelerate the process of finding the meanings of words and to deepen their understanding of their use in various contexts. One of the major projects is the creation of bilingual and multilingual electronic dictionaries that help users find accurate translations of Arabic words into other languages. This is particularly important in the context of international research, as the Arabic language is closely tied to many other languages and cultures. For example, the Al-Masdar project has become an essential tool for those studying the Arabic language and includes a vast amount of data on Arabic vocabulary and grammar [4, 18]. Moreover, the development of specialized dictionaries for scientific and technical disciplines allows researchers to quickly master the Arabic language in areas such as engineering, medicine, and physics, where the use of precise and specific terms is crucial [6, 12].

2.1. Technological Innovations in Lexicography

The advent of machine learning and natural language processing (NLP) technologies has revolutionized Arabic lexicography. For instance, the development of AI-powered Arabic dictionary platforms such as Al-Wafi and Qamus allows for dynamic word suggestions, contextual translations, and improved search functions. These technologies use large corpora of modern Arabic texts to generate more accurate definitions and translations. Researchers now

have access to automated tools that can analyze Arabic language data with remarkable speed and accuracy, which significantly aids linguistic studies. In addition, lexicographers are increasingly utilizing cloud-based platforms to compile databases and dictionaries, making them more accessible and collaborative. This democratization of resources enables students, scholars, and language enthusiasts to easily access and contribute to these projects, further enriching the field of Arabic philology.

3. Arabic Literature and Translations

Arabic literature, as an important part of the world's cultural heritage, continues to develop and attract attention from researchers. Recently, the number of translations of works by Arabic authors into other languages has significantly increased. Many works of classical and contemporary Arabic literature, once available only to a limited group of readers, are now accessible to a wider global audience. One such example is the work of Naguib Mahfouz, whose novels have been translated into dozens of languages and have had a significant influence on world literature. With the development of international literary festivals and exchange programs, such as the Cairo Literary Festival and the Beirut Festival, Arabic literature continues to thrive and exert influence on the global cultural stage. The works of contemporary Arabic authors, such as Hanan al-Shaykh and Ahmed Saad, are actively being translated into European and American languages, contributing to the development of the global literary tradition and deepening mutual understanding between the East and the West. Additionally, Arabic literature influences modern cinematography and theater. Arab cinema, particularly through directors like Naguib Mahfouz and Youssef Chahine, has become an important part of world cinema, addressing social, cultural, and political issues of Arab countries [5, 33-36].

3.1. The Influence of Contemporary Arabic Literature on Global Fiction

Modern Arabic authors have played an integral role in shaping global literary trends. For instance, the works of authors like the Iraqi writer Sinan Antoon and Egyptian novelist Ahdaf Soueif have brought new perspectives to themes such as identity, migration, and the experience of war, drawing attention from both Western and Arab readers alike. The literature produced by these authors not only reflects the social and political challenges faced by the Arab world but also reveals the broader human experience, offering universal themes that resonate across cultural boundaries.

Moreover, the rise of Arabic literary journals such as Banipal has provided a platform for translating contemporary Arabic fiction, essays, and poetry into English and other languages, further promoting the exchange of ideas and fostering understanding between cultures.

4. Research on Arabic Dialects

The Arabic language exists in numerous dialects that vary depending on geographical location and social context. The study of Arabic dialects has become an important area of modern linguistics. There are many regional dialects, each with its own peculiarities of pronunciation, grammar, and vocabulary. Special attention is given to the study of dialects such as Egyptian, Maghrebi, Syrian, Lebanese, and others. These dialects are not only diverse but also serve as important cultural markers. Technological advancements, such as the use of voice technologies and software for large data analysis, open up new opportunities for the study of dialects. The creation of specialized dictionaries and grammars for different Arabic dialects, as well as the use of machine translation for automatic transcription of dialectal forms, allows for a broader scope of research and understanding of the language [7, 22]. Modern studies also emphasize the importance of Arabic dialects in the context of cultural heritage and national identity. For instance, dialectal lexicons play a major role in understanding not only the language itself but also the history, culture, and even political processes in the Arab world.

4.1. The Role of Dialects in Modern Arab Identity

Arabic dialects hold a unique place in the construction of modern Arab identities. As the Arabic-speaking world experiences increasing migration, urbanization, and globalization, the language is evolving in new ways. Dialects are increasingly seen as a sign of local identity, distinguishing regions and nations from one another, while also contributing to the formation of hybrid linguistic forms in diaspora communities. This rise in the importance of dialects has influenced how Arabic is taught and studied globally. Many universities now offer specialized

courses focusing on different regional dialects, which are necessary for understanding modern Arabic as it is spoken in daily life. The study of these dialects also deepens understanding of local history and social dynamics, making it an important field of research for linguists and sociologists alike.

5. Influence of Arabic Culture on Global Language and Culture

Arabic culture has a long and rich history, and its influence on global progress was particularly noticeable during the Golden Age of Islam. During this time, Arabic scholars and philosophers, such as Ibn Sina, al-Khwarizmi, and al-Farabi, played a key role in the development of science, medicine, astronomy, and mathematics. These achievements formed the basis for many modern scientific discoveries. Contemporary Arab scholars and philosophers continue to develop these traditions, and their work has a significant influence on global scientific thought. For example, the work of Arab specialists in medicine and biotechnology has become important not only in Arab countries but also globally. Major cultural centers such as Dubai, Beirut, Cairo, and Abu Dhabi have regularly hosted international cultural and scientific events, including film festivals, exhibitions, and academic conferences. Thus, the influence of Arabic culture on global language and culture cannot be overstated. The Arab world continues to contribute significantly to world civilization, and Arabic philology, as a discipline, plays a key role in strengthening cultural and scientific ties [9, 58; 10, 65].

Conclusion

The achievements of Arabic philology in the modern world reflect the enormous progress in the study of the Arabic language and culture. The use of modern technologies in lexicography, translation studies, dialectology, and cultural traditions contributes to a deeper understanding of Arabic civilization and its connections with the global community. Arabic philology continues to evolve, opening new horizons for research in the Arabic language and strengthening international cultural ties.

REFERENCES

1. Abdulla, N. Translation of Arabic Literature: History and Modernity. – Amman: Dar Al-Shorouk, 2017.
2. Al-Shami, M. A. Contemporary Arabic Literature. – Moscow: Oriental Literature, 2019.
3. Jabr, I. A. Arabic Philology in the 21st Century. – London: Nauka, 2020.
4. Dalil, B. Modern Cultural Movements in the Arab World. – Paris: Al-Masdar, 2021.
5. Ibrahim, S. Linguistic Resources in Arabic Philology: From Tradition to Innovation. – Cairo: Al-Manar, 2021.
6. Maher, H. Arabic Philosophy and its Influence on the West. – Cairo: World Culture, 2018.
7. Mahmoud, H. The Role of Arabic Dialects in Modern Philology. – Tunis: Al-Maktaba, 2020.
8. Muhammad, A. Arabic Lexicography: Tradition and Innovation. – Cairo: Al-Ahram, 2018.
9. [18:32, 26.01.2025] Chat GPT: 9. Farouk, A. Contemporary Trends in Arabic Literature. – Cairo: Dar Al-Masria, 2022.
10. Khalid, F. Cultural Exchanges in the Arab World: From Tradition to Modernity. – Beirut: Dar Al-Nahar, 2016.
11. El-Bahri, R. Dialects of the Arabic Language: History and Problems. – Damascus: Al-Qalam, 2015.

ДОСТИЖЕНИЯ АРАБСКОЙ ФИЛОЛОГИИ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ

Статья рассматривает достижения арабской филологии в области лексикографии, перевода, диалектологии и культуры. Описание современных достижений арабской филологии подчеркивает важность этого направления для международных культурных и образовательных обменов.

Ключевые слова: арабская филология, лексикография, перевод, арабский язык, арабская литература, диалекты, культура.

ACHIEVEMENTS OF ARABIC PHILOLOGY IN THE MODERN WORLD

This article examines the achievements of Arabic philology in the fields of lexicography, translation, dialectology, and culture. The description of modern achievements in Arabic philology highlights the importance of this discipline for international cultural and educational exchanges.

Keywords: Arabic philology, lexicography, translation, Arabic language, Arabic literature, dialects, culture.

Сведения об авторе: ***Мирзалим кызы Гулмээрим*** – преподаватель Кыргызский Национальный университет им. Ж.Баласагына, Кафедры филологического и социально-экономического образования. E-mail: meerim.mirzalimkyzy@mail.ru Тел: +996999911002

Information about the author: ***Mirzalim kyzy Gulmeerim*** – teacher J.Balasagyn Kyrgyz National University KR, Department of Philological and Socio-Economic Education. E-mail: meerim.mirzalimkyzy@mail.ru Phone: +996999911002

НАҚШИ СОИНУДДИНИ ХУҶАНДӢ ДАР РУШДИ АДАБИЁТШИНОСИИ АРАБӢ

Мирзоев С.Х.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад Хуҷандии Исфаҳонӣ (1369-1433) яке донишмандони маъруфи Оли Хуҷанди Исфаҳон буда, дар ҳавзаҳои мухталифи тааммул ва тафаккури исломӣ, қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ ва арабӣ ҷойгоҳи вижае дорад, то он ҷо ки бидуни ӯ зуҳури мактаби фикрӣ-фалсафии Исфаҳон ва ҳикмати мутолиа қобили тасаввур нест.

Вай ба Ибни Турка, Туркаи Хуҷандӣ, Соинуддини Исфаҳонӣ, Соинуддини Хуҷандӣ, Соинуддин Хуҷандии Исфаҳонӣ, Соини Турка ва Соинуддин Туркаи Хуҷандӣ маъруф буда, аслу насабаш аз Хуҷанд, аммо дар Исфаҳон зода ва парвариш ёфтааст [1, 25-26.].

Нигорандаи ин мухтасар дар такя ба маълумоти нусахи хаттии осори суханвар ва маълумоти сарчашмаҳои зери даст буда, то кунун беш аз 60 асар ба форсии тоҷикӣ ва арабӣ аз Хоҷа Соинуддин шинохта ва дарёфтааст [1].Аз ин рӯ, дар ин навишта танҳо ҷиҳати баррасии маъруфтарин ва муҳимтарин осори мансури арабии Хоҷа Соин, бахусус, шарҳҳое, ки ба кутуби ирфони назарӣ нигоштаст, мулоҳиза хоҳем кард.

«Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам». Пайдост ва ошкоро, ки аз ҷумлаи муҳимтарин ва баномтарин осори Ибни Арабӣ **«**Фусус-ул-ҳикам**»** ва **«**Футуҳоти маккия**»** мебошад, ки нахустини он аз рӯзгори худи муаллиф мавриди тадқиқи арбоби завқу ирфон қарор гирифт ва даҳҳо шарҳи арабӣ, форсӣ, урдӯ ва туркӣ дар ҳама давраҳои таърихи ирфон ва тасаввуф бар он нигошта шуд. Ин китоб илова бар он, ки дар хонақоҳҳои шарқ ва ғарби ҷаҳони исломӣ дар дасти тадрису таълим буд, бар он шарҳу талхис ва ҳошия навишта шуда, бахшҳое ҳам аз он тавассути мутарҷимони форсизабон ба форсии тоҷикӣ тарҷума шудааст**.**

Аз зумраи касоне, ки ин китобро ба забони арабӣ шарҳу тавзеҳ карда, Соинуддин Хуҷандии Исфҳонӣ мебошад. [8, 68].

Пайдост, ки Соинуддин ҳангоми таълифи китоб аз шарҳҳои муҳимтарини **«**Фусус-ул-ҳикам**»** ба монанди **«**Шарҳи **«**Фусус-ул-ҳикам**»**-и Муйиддини Ҷандӣ, **«**Шарҳи **«**Фусус-ул-ҳикам**»**-и Бобо Рукно, **«**Шарҳи **«**Фусус-ул-ҳикам**»**-и Абдурразоқи Кошонӣ, **«**Шарҳи **«**Фусус**»**-и Шарафуддини Қайсарӣ ва монанди инҳо истифода бурда, дар баъзе маворид матолиби ононро мавриди нақду мудоиқа ҳам қарор додааст, ки чунин равиш арзиши илмии шарҳи Хоҷа Соинуддинро муайян кардааст. Ҳамчунин Соинуддин дар ин шарҳ гузашта аз тавзеҳи мушкилоти матн ба лиҳози табаҳҳуре, ки дар илми ҳуруф ва аъдод дошт, ҷой-ҷой ба баррасии матолибе аз ин қабил пардохта, муносибатҳои ҳуруфӣ ва ададиро ҳам тавзеҳ додааст.

Аз махсусиятҳои дигари шарҳи Хоҷа Соинуддин он аст, ки вай маворидеро, ки маҳалли ихтилофи назар миёни орифону ҳакимон ва файласуфону мутакаллимон аст, бисёр равшан ва мунсифона бар мабнои ирфони назарӣ тавзеҳ медиҳад. Аз тавзеҳи аҷибу ғариби шореҳон иҷтиноб мекунад, ҳатто ғалатҳои ононро нишон медиҳад, ба монанди даромадани кофирон ба ҷаҳаннам бо бурида шудани гуноҳи онҳо (**Хулуд-ул- куффор фӣ ҷаҳаннам маа инқитоил- азобу анҳум**). Илова бар ин, масоили бисёр борики ирфони назариро ҳамчун асолати вуҷуд, ваҳдати вуҷуд, сарёни ҳаракат ва мисоли инҳоро бо равиши ба худаш хос, яъне дар пардаи сабки адабӣ шарҳ додааст [8, 65- 67].

Адабиётшинос Иброҳими Дебоҷӣ ин вижагиҳои шарҳи Хоҷа Соинро ба назар гирифта, чунин навиштааст. **«**Шарҳи **«**Фусус-ул-ҳикам**»**-и Ибни Турка (яъне Соинуддин-С.

М.), шарҳе аст, ки дар миёни шарҳҳое, ки бар ин китоб нигориш ёфта, назир надорад **»**[2, шаст].

Ин китоб ба ҳиммати адабиётшинос Муҳсини Бедорфар ва ҳамчунин ба кӯшиши донишманди маъруфи араб Осим Иброҳим ал- Кайёлий ба табъ расидааст [8; 9].

«Шарҳи даҳ байт аз Ибни Арабӣ». Мусаллам аст, ки Муҳйиддин ибни Арабӣ аз табъи саршор бархӯрдор буда, бо он ки дар осори мондагор **«**Футуҳот-ул- маккия**»**, **«**Фусус-ул-ҳикам **»**ва дигар расоили хеш аз сурудаҳояш ғунҷонидааст, вале девони ашъор ҳам дошта, бо номи **«**Тарҷумон-ул-ашвоқ**»**. Ин донишманд сивои **«**Тарҷумон-ул-ашвоқ **»**девоне дигар дорад, зери унвони **«**ад-Девон-ул-акбар **»** ва **«**зоҳиран мутарҷим ва шореҳи ин рисола (яъне Соинуддин.- М.С) даҳ байт аз қасидае аз ҳамин девони ӯ баргузида ва тарҷумае шарҳгуна кардааст[5]**.**

Хоҷа Соин дар ин рисола тавзеҳ медиҳад, ки муосиронаш миёни вуҷуд ва кавнро фарқ намегузоранд ва ба қавли ӯ дар урфи хоси аҳли таҳқиқ, ки тарҷумаи он ба забони форсӣ [**بود**] **«**буд **»** аст ва миёни маънии кавн, ки [**نمود**] **«**намуд **»**аст, тафовут бисёр аст... **»**[5**,** с. 5].

Адиб ҳадду мақоми вуҷуд ва кавнро нишон дода, байти аввалро ин зайл шарҳу тавзеҳ медиҳад. **«**Аммо байти аввал, яъне:

اِنّ الْوُجو دَ لَحَرْفٌ أنْتَ معْناه ولَيْس لي اَمَلٌ فِى الْكَون اِلّا هُوَ [5, 6].

Изҳори маънии вуҷуд бар сабили тамсил чунончи танбеҳ карда шуд, намуда ва ишорат ба тафриқа, ки миёни ӯ ва маънии кавн ҳаст назди муҳаққиқон карда, ки мегӯяд: **ростиро вуҷуди ҳарфе аст, ки зоти комил, ки салоҳияти хитоб дар ин маҷлис ӯро тавонад буд, ки аҳли ҳузур аст, маънии ӯст**. Ва ҳол он ки нест маро дар кавн ва олами ӯ қасде ба ҷавомеи ҳиммату маол ва орзуву амал ғайр аз он ҳарф ва маънияш. Яъне, агарчи дар канори моидаи коинот шарики ҳар кас шудаам, дар иҳтизо аз фунуни лаззоти ҳиссӣ, валекин он чи ғизои ҳиммати ман мешавад, зоти ман аз он мултаз мегардад ва ба орзуи худ мерасад. Маънии ҷавҳарӣ ва ҳақиқати вуҷудӣ инҳост, на сурати кавнӣ **»** [5, 7].

Хоҷа Соин ҷиҳати тасдиқи мулоҳизаи хеш ду байти зайли қасидаи маъруфи **«**Назм-уд-дурар**»**-и Ибни Форизро шоҳид меорад :

فاَوْهمْتُ صَحْبِى اَنَّ شُرْبِه شَرابِهِم ، بِهِ سُرُّ سِرّى فِى انْتِشاى بِنَظرَةَ

وَ بِلْحَدَقِ استَغْنَيْتُ عَنْ قَدَحِي وَ مِنْ ، شَمَايِلِها لا مِنْ شَمولى نَشْوَتى [3 , 326]

(**«**Пештар аз ин маълум шуд, ки ишқ аз ҳайсияти ошиқӣ, иқтизои хафо ва китмон дорад, ҳамчунонки аз рӯйи маъшуқӣ, муқтазии зуҳуру эълон аст. Пас ба д-ин тақдир нисбате, ки ошиқро бо ҳарифони хумхонаи камзанӣ ва қаландарони лангари нестӣ бошад, ки ба д-он нисбат... он тавонад буд, ки хусусийати имтиёзе, ки муҷиби ихтисоси ошиқ гашта, аз назари идроки эшон маҳҷуб монад ва эшон аз он маънӣ зоҳил ва ғофил бошанд**»**.- С. М) [4,.с 39]

Сипас **«**дар форсӣ низ гуфтаанд**»**, гуфта, ду байти зерини Шайх Саъдиро меорад, ки муодили байти болоист:

Ҷамоате, ки надоранд ҳаззи рӯҳонӣ,
Тафовуте, ки миёни давобу инсон аст.
Гумон баранд, ки дар боғи ҳусн Саъдиро,
Назар ба себи занахдону норпистон аст [**5**, с. 7].

Соинуддини Хуҷандӣ ҷиҳати шарҳи байти дуюми қасидаи Ибни Арабӣ дар маънии вуҷуду кавн назари худро баён карда, сипас ҳақиқати ҳарфро таърифу тавзеҳ дода, ба д-ин васила хонандаро ба идроку фаҳми байти дуюм омода мекунад: **«**Ҳаройина он ҳарфро низ таърифе бар сабили тамсил мекунад, бар ваҷҳе, ки тамйизи маротиби вуҷуд низ равшан гардад ва мегӯяд :

الحرفُ مَعنى وَ مَعنى الْحرفِ ساكِنُه ، وَ ما تُشاهِدُ عَيْن غَيرَ معْناهُ

Яъне он ҳарф, ки таърифи вуҷуд ба д-он карда шуд, ба манзалаи ҷой аст ва маънӣ, ки таърифи инсони комил ба д-он карда, ба манзалаи сокини он ҷо. Ва ҳол он ки дар дидаи шуҳуд айн намеояд, ғайр аз он ҷо. Ва баёни ин сухан он аст, ки вуҷудро зоҳире аст ва

ботине. Зоҳири ӯ тарафи танзияи Ҳақ аст, ки дидаи басирати ақл бар он меафтад. Ва мурод ба **«**мушоҳидаи айн **»**дар байт он аст, ки идроки дидаи зоҳир дар байт тосеъ меояд ва баёни маҳалли идроки ӯ. Пас ақлро ба ғайр аз тарафи зоҳири вуҷуд, ки танзияу тасбеҳ аст ва мадхале дигар нест ва ҳамчунин малоика низ... **»**[5, 8].

Ин рисолаи кӯтоҳ аз дидгоҳи маърифати Ибни Арабӣ ва ҷаҳоншиносии ӯ дар хусуси вуҷуд, ки яке аз вижагиҳои боарзи ҷаҳоншиносии падари ирфони исломӣ-Муҳйиддини Арабии Андалусӣ аст, арзандишманд тавонад буд. Аз ин хотир, ки бисёре аз дақоиқи ирфони Муҳйиддини Арабӣ фарогири ҳамин ёфтаҳои ӯст ва ҳатто баъзе аз душманони ӯ ҳамчун Шайх Алоуд давлаи Симнонӣ ӯро бар асоси итлоқи вуҷуд бар Худованд накӯҳидаанд.

Дар заминаи сарчашмаҳои зери дасти мо буда, метавон гуфт, ки Хоҷа Соин дар баробари нависандаи чирадаст будан, мутарҷими қобиле ҳам буда ва тасаллути ӯ ба забони арабӣ чандон аст, ки наздик 20 китобу рисола ба ин забон таълиф намудааст. Мутуни устувор ва истеҳкоми ирфони назариро, ки шеваи нигориши ин мутун дар ниҳояти ҷазолат аст, шарҳ ва тарҷума кардааст, ҳамчун «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ , «ат-Тамҳид фӣ шарҳи қавоиди-т-тавҳид» (шарҳи «Қавоиди-т-тавҳид»-и ниёи хеш Садриддин Муҳаммад, «Шарҳи «Тоият-ул-кубро»-и Ибни Фориз, «Шарҳи «Рисолаи Бисмиллоҳ», «ар- Рисолат-ул-боийяти» (ба забони арабӣ), «Шарҳи даҳ байт аз Ибни Арабӣ», «Шарҳи «Назм-уд-дурар»-и Ибни Фориз, «Шарҳи «Ламаот»-и Ироқӣ , «Шарҳи «Гулшани роз» (ба забони форсии тоҷикӣ) ва монанди инҳо

Мебинем, ки адиб дар улуми мантиқ, ҳуруф ва тафсир низ ба забони арабӣ чанд рисола таълиф кардааст, ҳамчун «ал-Маноҳиҷ фи-л- мантиқ» , «ал- Мафоҳис ва ғ

Бо таълифи ин осор, махсусан, шарҳу тавзеҳи мусталеҳоти хосаи ирфониву фалсафии китоби мондагори «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам», «Шарҳи даҳ байт»-и Ибни Арабӣ» ва мисоли инҳо мушоҳида мекунем, ки Хоҷа Соинуддини Хуҷандӣ ба масобаи як нафар шореҳи хуби осори адабиву ирфонӣ шинохта мешавад, ки ин шеваи таълиф ҳосили заҳмату фикрии як нафар нависандаи ҳунарманд буда метавонад.

Нависанда ҷиҳати тасдиқи андешаву афкори хеш ва ҳалли масоили борики ирфонӣ дар осори алоҳидааш ҳам ашъори Ибни Арабиро муносиб шарҳу тавзеҳ кардааст. Масалан, ҷиҳати шарҳу тавзеҳи байти 476-уми қасидаи «Назм-уд-дурар»:

وَعايَنتُ روحانيَّةَ الاَرضينَ في‘ مَلاكِ عِلّيينَ أكفاء رُتبتي

аз ашъори Ибни Арабӣ шоҳид оварада, ба д-ин васила осори ӯро шарҳу тафир ҳам кардааст: «Ба дидаи аён дидам руҳонииййати аҷсоми арзин ва касоифи асфал-ас-софилин, дар айни ҷавоҳири муҷаррад..., ки ҷумла дар рутбат баробаранд ва дар манзалат мутасовӣ. Чуночӣ мукарраран муқаррар шуд, ки дар ин мавтин ғояти буъд ниҳояти қурб аст ва Шайх Муҳйиддинро қуддиса сирраҳу дар қитае бошад, ин маънӣ :

فَاعْرِفهُ تعرِف أنَّ ظاهِرَ ظاهِرٍ ‘ هُوَعَينُ باطِنِ باطِنٍ إذ لم يَزَل

فاكشِف فَهذا غامِضٌ في غامِضٍ ‘ قَد جلَّ عَن شَرحٍ وَعَن ضَربِ المَثَل [**4,**. c, 223].

Тарҷума : **«**Ӯро бишнос, то бидонӣ дар азал, зоҳири зоҳир айни ботини ботин аст, дарёб, ки ин нуктаи печида дар печида, фаротар аз шарҳу тамсил аст» [4 447] .

Ҳамин тариқ, аз баррасии муҳимтарин асарҳои насрии Соинуддини Хуҷандӣ, ки ба забони арабӣ таълиф шудаанд, метавон ба чунин натиҷа расид, ки мероси илмию адабии нависанда далели содиқе дар ғанитар гардонидани андешаҳои адабӣ ва ирфонӣ буда, боиси густаришу истеҳкоми забон ва адабиёти арабӣ дар асрҳои миёна аст. Нигоштаҳои Хоҷа Соинуддин бо қиёс аз китобҳои муосиронаш ҳам амиқтар аст ва ҳам дақиқтар. Махсусан, шарҳҳои бар **«**Фусус-ул-ҳикам», **«**Тарҷумаи абёти даҳгона»-и Ибни Арабӣ, **«**ат-Тамҳид фӣ шарҳи қавоиди-т-тавҳид»-и Садриддин Муҳамад ва **«**Назм-уд-дурар»-и Ибни Фориз навиштаи адиб аз муҳимтарин асарҳои Соинуддин ба шумор мераванд.

Аз он чӣ гуфта шуд, маълум мегардад, ки Соинуддини Хуҷандӣ ба масобаи беҳтарин муравиҷҷу муфассири мактаби Ибни Арабӣ ва Ибни Фориз шинохта шудааст..

АДАБИЁТ

1. Мирзоев Садриддин. Вежагиҳои сабкӣ ва бадеии осори насрии «Ақлу ишқ» ва «Атвори салоса»-и Соинуддини Хуҷандӣ.-Хуҷанд:Ношир, 2013.- 232 саҳ.
2. Хуҷандӣ, Соинуддин. ал-Маноҳиҷ фи-л-мантиқ / Ба эҳтимоми Иброҳими Дебоҷӣ / Соинуддини Хуҷандӣ .- Теҳрон: Донишгоҳ, 1376.- 232 саҳ.
3. Хуҷандӣ, Соинуддин. Чаҳордаҳ рисолаи форсӣ. Муқаддима ва тавзеҳот: Маҳмуди Тоҳирӣ / А. Соинуддин.-Теҳрон,1389.-373 саҳ.
4. Хуҷандӣ. Соинуддин . Шарҳи “Назм-уд-дурар”. Тасҳеҳ ва таҳқиқ аз Ҷудии Неъматӣ/ А.Соинуддин.-Теҳрон: Мероси мактуб,1384.-509 с.
5. Хуҷандӣ, Соинуддин**.** Тарҷумаи абёти даҳгона.[Муҳйиддин ибни Арабӣ] Тасҳеҳи Наҷиб Моили Ҳиравӣ / Соинуддини Хуҷандӣ. -Теҳрон: Мавло, 1392.-14 саҳ.
6. Хуҷандӣ**,** Соинуддин**.** Тамҳид-ул-қавоид / Тасҳеҳ ва ҳавошӣ Муҳам мадризо Қумшаӣ ва Мирзо Муҳаммад. [Муқаддима ва таълиқ: Ҷалолид дини Оштиёнӣ] / Соинуддини Хуҷандӣ.-Қум: Бӯстони китоб, 1387 ҳ.- 489 саҳ.
7. Хуҷандӣ, Соинуддин. Шарҳу-т-тоияти-л-кубро / Тасҳеҳи Маҷид Ҳодизода / Соинуддини Хуҷандӣ.-Теҳрон: Пажӯҳиши ҳикмат ва фал сафа , 1391.-218 саҳ.
8. Шарҳу Фусус-ил-ҳикам [Муҳйиддин ибн Арабӣ]. аш- Шореҳ Соинуддин Али ибн Муҳаммад / ал- Муҳаққиқ Муҳсин Бедорфар.- Қум:Бедор, 1378.-1209 саҳ.
9. 9.Шарҳу Соинуддин ат-Турка ало Фусус-ил ҳикам / Тарҷама ва таҳқиқ: Осим Иброҳим.- Байрут: Дор-ул-кутуби-л-илмиййа, 2012 .- 526 саҳ.

НАҚШИ СОИНУДДИНИ ХУҶАНДӢ ДАР РУШДИ АДАБИЁТШИНОСИИ АРАБӢ

Мақола ба таҳқиқу баррасии нақши Соинуддини Хуҷандӣ дар рушду такомули адаби асримиёнагии арабӣ ихтисос ёфтааст. Зикр гардидаст, ки Хоҷа Соинуддин баномтарин осори Ибни Арабӣ **“**Фусус-ул-ҳикам”-ро шарҳу тавзеҳ намуда, ҳамзамон даҳ байт аз қасидаи ӯ бо унвони “Абёти даҳгона”- ро тарҷумаи шарҳгуна карда, ҷиҳати рушду такомули адабиёти ирфонии арабӣ нақши муҳим гузоштааст. Хулоса мешавад, ки Хоҷа Соинуддин ба масобаи беҳтарин муфассири мактаби Ибни Ар абӣ ва Ибни Фориз шинохта шудааст.

Калидвожаҳо: Соинуддини Хуҷандӣ, адабиётшиносии арабӣ, Ибни Арабӣ, осори адабиву ирфонӣ.

РОЛЬ СОИНУДДИНА ХУДЖАНДИ В РАЗВИТИИ АРАБСКОГО ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЯ

Статья посвящена исследованию и обсуждению рол**ь** Соинуддина Худжанди в развитии и совершенствовании средневековой арабской литературы. Было упомянуто, что Ходжа Соинуддин прокомментировал самое известное произведение Ибн Араби «Фусус-ул-ҳикам» и одновременно перевел десять стихов его оды с названием «Десять стихов» и сыграл важную роль в развитии и совершенствовании арабской мистической литературы.

Делается вывод, о том, что Ходжа Соинуддин признан лучшим комментатором школы Ибн Араби и Ибн Фариза.

Ключевые слова: Соинуддин Худжанди, арабское литературоведение, Ибн Араби, литературные произведения и мистика.

THE ROLE OF SOINUDDIN KHUJANDI IN THE DEVELOPMENT OF ARABIC LITERARY CRITICISM

The article is devoted to the study and discussion of the role of Soinuddin Khujandi in the development and improvement of medieval Arabic literature. It was mentioned that Khoja Soinuddin commented on Ibn Arabi's most famous work "Fusus-ul-hikam" and at the same time translated ten verses of his ode with the title "Ten Verses" and played an important role in the development and improvement of Arabic mystical literature. It is concluded that Khoja Soinuddin is recognized as the best commentator on the school of Ibn Arabi and Ibn Fariz.

Key words: Soinuddin Khujandi, Arabic literary criticism, Ibn Arabi, literary works and mysticism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоев Садриддин Холович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. **Тел.:** (+992) 92-756-64-54. **E-mail**: mirzozoda-75 @mail.ru

Сведения об авторе: ***Мирзоев Садриддин Холович*** – Худжандский государственный университет, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. **Тел.:** (+992) 92-756-64-54. **E-mail:** mirzozoda-75@mail.ru

Information about the author: ***Mirzoev Sadriddin Kholovich*** – Khujand State University, Associate Professor of the department of Tajik Classical literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, road Mavlonbekova, 1. **Tel.:** (+992) 92-756-64-54. **E-mail:** mirzozoda-75@mail.ru

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИЮ ЗАБОНИИ ТАРҶУМАИ АРАБИИ ДОСТОНИ “РУСТАМ ВА СӮҲРОБ”
(дар асоси тарҷумаи Бундории Исфаҳонӣ)

Холов А.С.
МДТ “Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит

Достони “Рустам ва Сӯҳроб” яке аз маъруфтарин асарҳои адабии муассир ва фоҷеабори “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссае дорад. Ин достон қиссаи муборизаи ду қаҳрамон – Рустам қаҳрамони бузурги Эрон ва Сӯҳроб, писари ҷавонмарги ноошнои ӯро ба намоиш мегузорад. Дар шахсияти худи Рустам, қаҳрамони асосии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, тасвири мавзуъҳои қаҳрамонӣ, муҳаббат, наҷот, интиқом ва пушаймонӣ нуҳуфтааст. Ин достон, на танҳо барои адабиёти мо аҳаммияти забониву услубӣ, адабиву таърихӣ, фарҳангиву хештаншиносӣ дорад, балки ба адабиёти дигар миллатҳо низ муҳим арзёбӣ гашта, таъсир низ гузоштааст.

Таъсири достони “Рустам ва Сӯҳроб” ва дар маҷмуъ, “Шоҳнома”-и Фирдавсиро дар адабиёти кишварҳои гуногун васеъ мушоҳада кардан мумкин аст. “Шоҳнома” ба забонҳои мухталиф, аз қабили англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, итолиёвӣ, испанӣ, русӣ, украинӣ, хитоӣ, узбекӣ ва ғайра дар шакли назму наср тарҷума шудааст. Инчунин, доир ба ин масъала як идда рисолаву мақолаҳои илмии муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла Шозиёева Г.П., Чечнёв Я.Д., Шарипов В.А., Аникин Д.В., Халина Н.В., Чуканова Т.В.. таълиф гардидаанд.

Дар мавриди шуҳрату ҷойгоҳи Фирдавсӣ дар адабиёти араб тадқиқоти начандон зиёд ба анҷом расидааст, он ҳам бошад, асосан, аз ҷониби муаллифони хориҷӣ сурат гирифтааст. Тоҳо Надо, Абдулваҳоб Аззом, Муҳаммадсаид Ҷамолиддин, Қосим Мухторӣ, Форуқ Неъматӣ ва дигарон аз ҳамин қабил муҳаққиқонанд. Аз арабшиносони тоҷик устоди равоншод Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи “Борбад дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва Саолибӣ” ба мавзуи тарҷумаи арабии “Шоҳнома” ишораҳои ҷолиб кардааст [6, с. 126]. Дар мақолаҳои Ҳамробоев Н.А. “Бундорӣ ва тарҷумаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” [8] ва Анварова М., Саидсултонхон С. “Чанд нукта доир ба тарҷумаи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони арабӣ” [2, с. 307-314] масъалаи баррасишаванда аз чанд нигоҳ мавриди таҳқиқу муқоиса қарор гирифтааст.

Қобили тазаккур аст, ки ба андешаи аксар муҳаққиқон ошноӣ пайдо кардани арабҳо ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ пас аз тарҷумаи арабии Фатҳи Бундории **Исфаҳонӣ (1190-1245), ки 170 сол баъд аз худи Фирдавсӣ ба дунё омадааст, сурат гирифтааст, вале баъзеи дигар бар он қавланд, ки қабл аз Бундорӣ низ кадом бахше аз “Шоҳнома” ба забони арабӣ тарҷума шудааст, вале то замони мо нарасидааст [4, с. 32]. Тоҳо Надо муҳаққиқи маъруфи араб дар рисолаи илмии “Диросот фӣ-ш-Шоҳнома” зимни зикри тарҷумаҳои гуногуни “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ тарҷумаи Бундориро аз аввалин тарҷумаҳо меҳисобад [7, с. 112].**

Бундорӣ соли 620/1217 ба Шом омада, дар хидмати салотини Айюбӣ – ал-Малик ал-Муаззам Абубакр ибни Айюб қарор мегирад. Ҳангоми вохӯрии аввалин китоби “Шоҳнома”-и Фирдавсиро ба ӯ ҳамчун армуғон ҳадя мекунад ва малик барои тарҷумаи китоб ба забони арабӣ ба худи Бундорӣ дастур медиҳад. Аз ин рӯ, вазифаи асосие, ки Бундорӣ дар ин дарбор дошт, тарҷумаи “Шоҳнома” ба забони арабӣ буд. ал-Малик ал-Муаззам ба аҳли илму адаб таваҷҷуҳи зиёд дошта, олимону адибонро хеле иззату икром менамуд.

Ҳамин тавр, Бундорӣ тарҷумаро миёни моҳҳои ҷимодулаввали соли 620/1217 ва шавволи соли 621/1218 тақрибан дар муддати якуним сол дар шаҳри Димишқ ба итмом расонид.

Агарчи тарҷума аз ибтидо то интиҳои “Шоҳнома”-ро фаро гирад, вале аз рӯйи муҳтаво тамоми абёти он тарҷума нашуда, балки он танҳо аз се ду ҳиссаи “Шоҳнома”-ро шомил аст. Муҳаққиқи ин тарҷума донишманди мисрӣ А. Аззом дар ин маврид фарзияе пешниҳод карда мегӯяд, ки агар мутарҷим ҳар як байтро дар як сатри насрӣ тарҷума карда бошад, дар ин сурат метавон гуфт, ки 37 000 байти “Шоҳнома”, яъне аз се ду ҳиссаи онро тарҷума кардааст [3, ҷ. 1., с. 98]. Боқимонда қисматҳои дигари “Шоҳнома”, мутаассифона, аз тарҷума то андозае берун мондааст.

Тарҷумаи Бундорӣ тарҷумаи озод ва асосан насрӣ буда, гоҳ-гоҳ дар он порчаҳои тарҷумашудаи шеърӣ низ мушоҳада мешаванд. Чунончи, дар достонҳои подшоҳии Афросиёб, Зол, духтари Меҳроб, хоби Ҷавзарб, Кайхусрав, Рустам ва Сӯҳроб ва ғайра.

Забони тарҷума равону зебо ва бетакаллуф буда, ба бадеиёти каломи Фирдавсӣ чандон эътибор дода нашудааст. Бинобар ин, дар тарҷума маҳорати шоирии Фирдавсӣ, фазои ҳунарӣ, зебоии забони “Шоҳнома”, фасоҳату балоғат ва дигар ҷанбаҳои эстетикиву поэтикӣ канор мондааст.

Бояд ёдовар шуд, ки тарҷумаи Бундорӣ, танҳо як тарҷумаи ҳодисаву достонҳои “Шоҳнома” нест, балки он метавонад ҳамчун василаи хеле муфид ҳатто барои тасҳеҳи матни илмии “Шоҳнома” дар кори матншиносону пажӯҳишгарон истифода шавад. Аз ҷумла, гурӯҳе аз шарқшиносон дар “Шоҳнома”-и нашри Москва ва Ҷалол Холиқии Мутлақ дар таҳияи матни илмӣ-интиқодӣ аз ин тарҷума ба таври васеъ истифода кардаанд.

Бо вуҷуди чунин арзиши баланд доштани тарҷумаи Фатҳи Бундорӣ дар бахши шоҳномашиносӣ месазад, ки тарҷума ҳамаҷониба аз нигоҳи таърихӣ-қиёсӣ, нусхашиносӣ, матншиносӣ ва арзиши тарҷумашиносӣ алоҳида ва муфассал мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирад. Бинобар ин, ҷаҳати боз ҳам бештар муайян гаштани аҳаммияти тарҷума ва хусусиятҳои сабкиву забонии он баъзе абёти достони “Рустам ва Сӯҳроб”-ро дар муқоиса бо тарҷумаи Бундорӣ таҳлилу баррасӣ менамоем.

Мусаллам аст, ки достони “Рустам ва Сӯҳроб” аз машҳуртарин ва муассиртарин қиссаҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба шумор рафта, бо забони шоирона ва хеле таъсирбахш ривоят шудааст, ки эҳсосоти қавиро дар дилҳои хонанда бедор мекунад. Тавсифот ва гуфтугӯҳои ин бахши “Шоҳнома” аз нигоҳи адабиву ҳунарӣ дар авҷи худ қарор доранд ва намунаи беназири насри ҳамосии форсӣ ба ҳисоб мераванд. Вақте ки Рустам писари худро ба қатл мерасонад ва баъдан ҳақиқатро мефаҳмад, лаҳзаи хеле таъсирбахш ва дарднокеро барои хонанда эҷод мекунад, ки оқибатҳои ҷуброннопазири тасмимҳо ва натиҷаҳои надонистани ҳақиқатро нишон медиҳад.

Дар “Шоҳнома” достони Сӯҳроб чунин оғоз мегардад:

Кунун размаи Сӯҳробу Рустам шунав,
Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав [1, ҷ. 2., с. 208].

Ин байт ва 23 байти дигар аз бахши “Оғози достони Сӯҳроб” аз тарҷума берун монда, дар тарҷума достон аз ин абёт ибтидо меёбад:

Зи мӯбад бар он гуна бардошт ёд,
Ки Рустам баророст аз бомдод.
Ғамӣ буд дилаш, созиҳ нахчир кард,
Камар басту таркаш пур аз тир кард.
Бирафту ба Рахш андаровард пой.
Барангехт он пилпайкар зи ҷой.
Сӯи марзи Турон-ш бинҳод рӯй
Чу шери дижогоҳи нахчирҷӯй.
Чу наздикии марзи Турон расид,
Биёбон саросар пур аз гӯр дид [1, ҷ. 2., с. 209-210].

Ин байтҳо дар қолаби тарҷума чунин омадаанд:

"**رستم بن داستان أصبح ذات يوم مهموما حزينا، فعزم على الصيد، و شدَّ عليه منطقته، وملأ من النشاب تركشه، وسار حتى وصل إلى حدود توران، فرأى البرية مملوءة باليعافير...**" [4, ч. 1., с. 131-32].

Тарҷума: *Рӯзе Рустам ибни Достон ғамгину андӯҳгин озими шикор шуд. Ӯ камарбанди худро сахт баста, тирдонро пур аз тир намуд, сипас роҳи сафар пеш гирифт, то ба марзҳои Тӯрон расид ва саҳроро пур аз оҳӯвон дид.*

Аз тарҷума бармеояд, ки каломи Фирдавсӣ аз рӯйи маъно хеле хуб баён ёфта, ибороту ҷумлаҳои муносиби арабӣ ба кор рафтаанд. Чунончи "сози нахчир кард" – "**فعزم على الصيد**", "камар баст" – "**شدَّ عليه منطقته**" ва "таркаш пур аз тир кард" – "**وملأ من النشاب تركشه**" тарҷума шудааст. Ин ҷо вожаи "**تَركش**" ё варианти дигараш "**تيركش**" (тиркаш ё тирдон) таваҷҷуҳи моро бештар ба худ ҷалб кард, ки ҳам дар матни форсӣ-тоҷикӣ ва ҳам тарҷумаи арабӣ яксон омадааст. Агарчи дар каломи арабӣ калимаи "тиркаш ё тирдон" бо муодили "**جَعْبَة**" ифода меёбад, вале дар тарҷума, на вожаи арабӣ, балки худи калимаи тоҷикӣ истифода шудааст. Ҳамчунин бояд гуфт, ки як мисраъ аз порчаҳои ашъори зикршуда аз тарҷума берун мондааст: "Чу шери дижогоҳи нахчирҷӯй". Ин ҷумла дар достон ифодагари бадеиёт ва зебоии забони шоир аст ва чун услуби Бундорӣ ихтисорбаёнист, аз тарҷумаи ин ҷумла худдорӣ карда ва ё ҷумлаи "Барангехт он пилпайкар зи ҷой"-ро танҳо бо феъли "**сар**" маънидод кардааст.

Дар ҳамин бахше, ки Сӯҳроб худро аз дигар ҳамсолону рафиқон бартару танумандтар мебинад, хеле ҳайрон мегардад ва бо худ ва аслу насаби ноошноияш ифтихор мекунад. Барои донистани рамзу рози паҳлавонияш ба модар бо хитоби ҳаросон пурсон мегардад, то бидонад, ки падару аҷдодаш кист.

Фирдавсӣ ин воқеаро дар назмаш чунин тасвир кардааст:

Бари модар омад, бипурсид аз ӯй,
Бад-ӯ гуфт густох: «Бо ман бигӯй,
Ки ман чун зи ҳамширагон бартарам?
Ҳаме б-осмон андарояд сарам.
Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?
Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?
Гар ин пурсиш аз ман бимонад ниҳон,
Намонам туро зинда андар ҷаҳон.» [1, ҷ. 2., с. 221].

Бундорӣ:

" **فجاء إلي أمه وقال : ما لي أطول من أقراني قدا ، وأوسعهم صدرا، وأشدهم بأسا ؟ ومن أبي وجدي وما اسمهما؟ فقالت أنت ابن رستم من شجرة دستان بن سام و نيرم . وما استعلاؤك إلا لأن ذلك البيت أصلك . ومنذ خلق الله العالم ما ظهر فارس مثل أبيك**" [4, ч. 1., с. 133].

Тарҷума: *Пас назди модараш омаду гуфт: Чӣ бошад ки ман аз ҳамсолонам қоматбаландтару фарохсинатару қавитарам? Падару бобоям кист, номи онҳо чӣ бошад? Модар гуфт: Ту фарзанди Рустам, аз насли Достон ибни Сому Найрам ҳастӣ. Ту ифтихори баланд дорӣ, боиси ҳасрат нест, балки (ин бузургон) решаи хонаводаи туанд. Аз замоне ки Худованд ҷаҳонро офарид, ба мисли падари ту паҳлавоне зуҳур накардааст.*

Тарҷума чунонки маълум гардид, танҳо ривоятӣ буда, ҳадафи шоир пурра бидуни суханпардозиҳо ифода ёфтааст. Агар Сӯҳроб дар тасвири Фирдавсӣ бо чунин ҳарфҳо: "...Бо ман бигӯй,/Ки ман чун зи ҳамширагон бартарам?/Ҳаме б-осмон андарояд сарам." аз модар пурсон шуда бошад, ҳамин бартариву сарбаландиаш дар тарҷума васеътар бо ҷумлаҳои "**ما لي أطول من أقراني قدا، وأوسعهم صدرا، وأشدهم بأسا؟**" (*Чӣ бошад ки ман аз ҳамсолонам қоматбаландтару фарохсинатар ва қавитарам?*) баён шудааст. Вале таъбирҳои шоиронаи Фирдавсӣ "ба осмон андарояд сарам" ва "зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?" хеле зебову муассир сурат гирифта, тарҷумаи "**أطول من أقراني قدا**" (*аз ҳамсолонам қоматбаландтар*) ва "**ومن أبي وجدي وما اسمهما؟**" (*Падару бобоям кист, номи онҳо чӣ бошад?*) ҳамсони он шуда наметавонад.

Дар нишон додани ин саҳна дар "Шоҳнома" як навъ оҳанги таҳдид мушоҳада мешавад, ки чунин ҳиссиёт дар тарҷума умуман вуҷуд надорад. Сабаб дар он аст, ки

Сӯҳроб суолашро бо чунин байт ба итмом мерасонад, ки он аз тарҷума берун мондааст: “Гар ин пурсиш аз ман бимонад ниҳон, /Намонам туро зинда андар ҷаҳон”. Ғайр аз ин, дар тарҷума ба мисраи “Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?” низ таваҷҷуҳ нашудааст.

Чун Сӯҳроб аз аслу насаб ва исми падари паҳлавонаш огаҳӣ пайдо мекунад, бо як ғуруру ифтихормандӣ ва ҷасорату далерӣ таъкид мекунад, ки:

Кунун ман зи туркони ҷанговарон
Фароз оварам лашкари бекарон.
Барангезам аз гоҳ Ковусро,
Аз Эрон бибуррам паи Тусро...
Ба Рустам диҳам ганҷу тахту кулоҳ,
Нишонам-ш бар гоҳи Ковусшоҳ [1, ҷ. 2., с. 223].

Бундорӣ:

”لأجمعن عساكر عظيمة من الترك، ولأزعجن كيكاوس عن سرير ملكه، وأقلع آثار عقب طوس من إيران، وأنقل التاج والتخت الى رستم.“ [4, ҷ. 1., с. 133]

Тарҷума: *Ман сипоҳи бузургеро аз туркон ҷамъ хоҳам кард, Кайковусро аз тахти подшоҳияш барканор месозам, нишонаҳои Тӯсро аз Эрон нобуд мекунам ва тоҷу тахтро ба Рустам интиқол медиҳам.*

Аз муқоисаи тарҷума бо матни асл аён мегардад, ки тарҷума ба назм хеле муносиб афтода, ҳатто баъе мавқеъҳо бештар шарҳ ёфтаанд, мисли “барканор сохтани Кайковус аз тахти шоҳӣ”. Ҳамчунин дар тарҷума калимаҳои “тоҷу тахт” (ат-тоҷ ва-т-тахт) истифода гардидаанд, ки ба навъе робитаҳои таърихии забонии форсӣ-тоҷикиро бо забони арабӣ собит месозад. Ҳар ду калима айнан ба ҳамон маънои дар забони аслдошта иқтибос гардидааст. Калимаи “тоҷ”, бо вуҷуди он ки ба ҳамин маъно дар забони арабӣ истифода мешавад, ҳамчунин, аз он дигар шаклҳои калимасозӣ, ба монанди “тавваҷа”, “татваҷа”, “тоҷийюн”, “татвиҷ”, “мутаввиҷ” ва ғайра иштиқоқ шудаанд [5, ҷ. 1., с. 221]. Вожаи “тахт” дар забони арабӣ ба маъниҳои “нишемангоҳ; нишастгоҳ; курсӣ; минбар; кат, тахти хоб; бистар; тахт, маснади подшоҳӣ; тахти шоҳӣ; иқоматгоҳи подшоҳӣ; подшоҳнишин [5, ҷ. 1., с. 207] ишора карда, ба таври маҷозӣ бузургӣ ва ҳокимияти баландро ифода мекунад. Чунин калимаҳо дар тарҷума гоҳ-гоҳ истифода шудаанд, ки таҳқиқи алоҳидаи ин масъала ҷанбаҳои ҷолиби забоншиносиро равшан месозад.

Бояд изҳор дошт, ки дар қисмати “Разми Сӯҳроб бо Гурдофарид” низ саҳнаҳои ҷолиби диққат мавуданд, ки дар “Шоҳнома” бо як ҳунари баланди шоирона ва тасвироти бадеӣ инъикос ёфтаанд. Бундории Исфаҳонӣ саъй намуда, то чунин воқеаҳоро бо услуби ҷаззоб нишон дода, зебогиҳои достонро дар қолаби арабӣ баён намояд. Чунончи Фирдавсӣ омода ба набард шудани Гурдофаридро васф намуда, мегӯяд, ки:

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.
Ниҳон кард гесӯ ба зери зиреҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён, бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андаромад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард
Ки гурдон кадоманду солор кист?
Зи размоварон ҷангро ёр кист?... [1, ҷ. 2., с. 234]

Бундорӣ:

”فلبست المرأة السلاح، ووارت قرونها تحت الزرد، ووضعت البيضة على رأسها، ونزلت من القلعة مثل الأسد على فرس كالريح المرسلة، وهى تقول: أين آساد الرجال وأبناء القتال؟“ [4, ҷ. 1., с. 134]

Тарҷума: Ӯ (Гурдофарид) аслиҳа ба бар кард, гесӯвонашро зери зиреҳ пинҳон сохт ва кулоҳи ҷангиро бар сар ниҳода, аз қалъа аспсавор мисли шер ва боди вазон хориҷ гашту мегуфт: Куҷоянд шерони мард ва паҳлавонони набард?

Аз тарҷума бармеояд, ки Бундорӣ хеле моҳирона ба баёни ин мавқеъ пардохта, қасди шоирро хеле хуб ифода кардааст. Ин ҷо таъбирҳои “Фуруд омад аз диж ба кирдори шер” ва “бодпое ба зер” дар шакли “**ونزلت من القلعة مثل الأسد على فرس كالريح المرسلة**” (*ва аз қалъа аспсавор мисли шер ва боди вазон хориҷ гашт*) бисёр бамаврид тарҷума шудааст ва ё байти “Ки гурдон кадоманду солор кист?/ Зи размоварон ҷангро ёр кист?” бо ифодаҳои арабии “ **وهى تقول: أين آساد الرجال وأبناء القتال؟**” (*Куҷоянд шерони мард ва паҳлавонони набард?*) шоирона баён шудаанд, чунончи “осоду-р-риҷол” ва “абноу-л-қитол” ҳамчун саҷъи мутавозӣ омада, дар канори бадеияташ ғуруру диловарии Гурдофаридро олӣ ҷилва додааст.

Пӯшида нест, ки ҳама саҳнаҳои достони “Рустам ва Сӯҳроб” чунин далеронаву шукуҳмандона сурат нагирифтааст, балки дар он ба фоҷеаҳое низ дучор меоем, ки руҳу равонро рахна карда, дилро месӯзонаду дидаро ашкбор месозад. Ин, албатта, хабари ғамангези “Кушта шудани Сӯҳроб аз Рустам” мебошад. Ин мавқеъ ҳам дар тарҷума бо оҳанги сӯзу гудоз тарҷума шудааст, ки хонандаи арабро бо саҳнаҳои фоҷеабори достон аз наздик ошно месозад. Аз ҷумла, Фирдавсӣ дар ин бахш бо ҳам дар ҷангу набард гаштани Рустаму Сӯҳробро бо ҳасрату афсурдагӣ чунин баён медорад:

Ғамин гашт, Рустам биёзид чанг,
Гирифт он сару ёли ҷангӣ паланг.
Хам овард пушти диловар ҷавон,
Замона сар омад, набудаш тавон.
Задаш бар замин-бар ба кирдори шер,
Бидонист, к-ӯ ҳам намонад ба зер.
Сабук теғи тез аз миён баркашид,
Бари пури бедордил бардарид.
Ҳар он гаҳ ки ту ташна гаштӣ ба хун,
Биёлудӣ ин ханҷари обгун,
Замона ба хуни ту ташна шавад,
Бар андоми ту мӯй дашна шавад [1, ҷ. 2., с. 313-314].

Байтҳои мазкур дар тарҷумаи Бундорӣ чунин ифода ёфтаанд:

“**فصار سهراب بتلك الأعضاد القوية والمرافق الشديدة، كأن القضاء قد قيّده، والشقاء قد ضفّده. فألقاه رستم على الأرض، وجلس عليه، وسلّ خنجره مسرعا وشقّ به نحره**” [4, ҷ. 1., с. 144].

Тарҷума*: Сӯҳроб дар чанги бозӯҳои қавӣ ва дастони тавоно афтод. Чунонки гӯё сарнавишт ӯро сахт баставу сияҳбахтӣ иҳота карда буд. Рустам ӯро бар замин хобонида, болояш нишаст ва шитобон ханҷарашро бароварда, бо он гулӯяшро шикофт.*

Муқоисаи шоҳидҳои овардашуда нишон медиҳад, ки байти аввал ва ду байти охир ба пуррагӣ тарҷума нашудааст, вале ҷумлаи “Замона сар омад, набудаш тавон” хеле зебо ва муассир дар тарҷума дарҷ ёфтааст: “**كأن القضاء قد قيّده، والشقاء قد ضفّده**” (*чунонки гӯё сарнавишт ӯро сахт баставу сияҳбахтӣ иҳота карда буд*). Инчунин, таъбирҳои “ба кирдори шер” ва мисраи “Бидонист, к-ӯ ҳам намонад ба зер” аз тарҷума афтода, ҷумлаи арабии “**وجلس عليه**” (ва бар болояш нишаст), агарчи ифодагари он бошад, ки Сӯҳроб бар замин афтодаву Рустам болояш қарор гирифт, вале аз матни асл дур мондааст.

Дар идомаи достон зикр мегардад, ки Сӯҳроб аз Рустаме, ки барояш ноошно монда буд, шикоят мекунад, ки ӯ бо қасди орзуи дидори падараш баромада буд, вале ӯро нодида, ба ҳалокат расид. Чун исми “Рустам” аз забони Сӯҳроб мебарояд, падараш бо таҳайюру ҳаяҷон аз Рустам пурсон мешавад ва барои таъйиди сухани Сӯҳроб аз ӯ нишонӣ металабад. Фирдавсӣ нишонии падарашро чунин баён доштааст:

Ҳаме ҷонаш аз рафтани ман бихаст,
Яке муҳра бар бозуи ман бибаст.
Маро гуфт, к-ин аз падар ёдгор,
Бидору бубин, то кай ояд ба кор...
Чу букшод хафтону он мӯҳра дид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.
Ҳаме гуфт, к- «Эй кушта бар дасти ман,

Далеру ситуда ба ҳар анҷуман!»
Ҳамерехт хуну ҳамеканд мӯй,
Сараш пур зи хоку пур аз об рӯй [1, ҷ. 2., с. 316].

Бундорӣ:

"فإن أمي حين ودعتني شَدت على عضدي خرزة، وقالت : هذه تذكرة من أبيك، ولعلك تحتاج إليها . ففعل ذلك سهراب. فلما رأى تلك الخرزة رستم في عضده شق جيبه، وأخذ يضرب صدره، وينتف شعره، ويندب ولده" [4, ҷ. 1., с. 145].

Тарҷума: *Вақте ки модарам бо ман видоъ кард, бар бозӯям як муҳра бибасту гуфт: Ин ёдгорӣ аз падарат ҳаст, шояд рӯзе ба кор оядат. Сӯҳроб ин ёдгориро пазируфт. Вақте (Рустам) он ёдгориро дар бозӯяш дид, (аз пушаймонӣ) ҷомаашро бардарид, ба синааш зарба зад, мӯяш барканд ва ба фарзандаш нолаву зорӣ кард.*

Муқоисаи тарҷума бо матни асл нишон медиҳад, ки маънӣ хеле хуб баён ёфта, баъзе таъбиру ибораҳо, аз қабили "ҳамерехт хун", "сараш пур зи хоку пур аз об рӯй" берун аз тарҷума мондааст. Ҳамчунин сухани Рустам, ки як байтро ташкил медиҳад, дар умум бо як ҷумла – "**يندب ولده**" тарҷума шудааст, ки изҳори дарду нолаҳои падарашро ифода мекунад.

Мусаллам аст, ки Фирдавсӣ "Шоҳнома"-ро дар қолаби баҳри мутақориб *(фаъӯлун фаъӯлун фаъӯлун фаъул)*, ки яке аз муҳимтарин баҳрҳои шеърӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, махсусан барои шеъри ҳамосӣ мувофиқ дониста мешавад, сурудааст. Жанри ҳамоса, асосан, дар шеъри тоҷикиву арабӣ барои тасвири қаҳрамониҳо, ҷангҳо, фатҳҳо, рӯйдодҳои таърихӣ, ҷасорату шуҷоатмандӣ, корнамоиҳои шоҳону амирон ва амсоли ин истифода мешавад. Шеъри ҳамосӣ, одатан, бисёр тулонӣ сурат гирифта, бояд оҳанге дошта бошад, ки мувофиқ ба мавзуи набард ва қаҳрамонӣ бошад. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба жанри ҳамоса баҳри мутақориб хеле созгортар аст. Баҳри мутақориб вазну оҳанги зуд ва муназзам дорад, ки ба ҳаракат ва шиддати ҳамосавӣ мувофиқат мекунад. Ин хусусият, ки шиддати эҳсосро зиёд мекунад, барои жанри ҳамоса бениҳоят муҳим аст.

Бундорӣ дар баъзе мавридҳо ҳодисаву рухдоди достонҳои "Шоҳнома"-ро ба назм тарҷума кардааст. Агарчи чунин шоҳидҳо камтар аст, вале тарҷумон саъй ба харҷ додааст, ки гоҳо барои ифода ёфтани зебоиву ҳунари шоирии Фирдавсӣ каломи мавзуни ӯро дар қолаби шеър дарорад. Тарҷумаҳои назмӣ таҳтуллафзӣ набуда, мазмуну муҳтавои шеъри форсӣ-тоҷикиро шоирона нишон додааст. Таҳлилу муқоисаи вазну баҳри ашъори тарҷумашудаи "Шоҳнома" бо асли он яке аз мавзуъҳои хеле муҳим дар адабиётшиносӣ ба шумор рафта, таҳқиқоти муфассалро тақозо мекунад. Вале ин ҷо, бо назардошти маҳдудияти мақола ба чанд хусусиёти сабкиву баёнии ашъори тарҷума ишораҳо хоҳем кард.

Омӯзиши ашъори истифодашуда дар тарҷума, аввалан чеҳраи мутарҷимро ба ҳайси шоири тавонои арабизабон нишон медиҳад. Баъдан таҳқиқи вазну баҳри ашъори истифодашуда дар достони "Рустам ва Сӯҳроб", хоссатан бахши "Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Сӯҳроб" муайян менамояд, ки он ҳам дар баҳри мутақориб буда, гоҳо дар вазн зиҳоф низ ба мушоҳада мерасад. Ин бахш дар достон чунин оғоз мегардад:

Ғирев омад аз шаҳри Туронзамин,
Ки Сӯҳроб шуд кушта бар дашти кин.
Хабар з-ӯ ба шоҳи Самангон расид,
Ҳама ҷома бар хештан бардарид.
Ба модар хабар шуд, ки Сӯҳроби гурд
Ба теғи падар хаста гашту бимурд... [1, ҷ. 2., с. 335-336].

Бундорӣ:

وتُورانُ دُوتْ بهذا الخبر بِمِصْرَعِ مَهْرَابِهَا المُنْتَظَرِ
لِمَلِكِ سَمَنْجَانِ جَاءُوا سِرَاعا فَتَمَدَّ عَلَيْهِ الثِّيَابَ التِيَاعا
وَأُخْبِرتِ الْأُمُّ أَنَ الْبَطَل بِسَيْفِ أَبِيهِ أَتَاهُ الأَجَل... [4, ҷ. 1., с. 145].

Тарҷума: *Туронҳо бо ин хабар ба назди қароргоҳи шаҳодат ба мазҳари подшоҳи Самангон бо шитоб омаданд ва либосҳоро парешон сохтанд. Ва ба модараш хабар дода шуд, ки қаҳрамонат бо шамшери падараш ба ҳалокат расид.*

Чунончи зикр гардид, дар ашъори Бундорӣ ҳунари эҷодӣ ва маҳорати баланди шоирии Фирдавсӣ инъикос ёфтааст, дар ҳоле, ки чунин хусусияти услубӣ дар тарҷумаҳои насрӣ мушоҳада намегардад. Мутарҷим ин бахши достонро, ба истинои баъзе абёт пурра дар 61 байт ба назм баён кардааст.

Агар Бундорӣ ҳадди ақал нисфи тарҷумаашро дар қолаби шеър эҷод мекард, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, на танҳо ҳамчун як нақлу ривоят, балки сарчашмаи бузурги шеъри ҳамосӣ дар таърихи адабиёти араб шуҳрат пайдо мекард. Ба ҳар сурат, параҳои назмии тарҷума Фирдавсиро тавонистааст, то андозае миёни муҳаққиқони араб ҳамосасарои барҷаста нишон диҳад. Намунаи дигари назми онро дар абёти зерин бо матни асли ба риштаи таҳлилу муқоиса мекашем:

Ҳама хоки тира ба сар барфиканд,
Ба дандон зи бозуи худ гӯшт канд...
Ҳаме гуфт, к -«Эй ҷони модар, кунун
Куҷоӣ сиришта ба хоку ба хун? [1,.ҷ. 2, с. 336].

Бундорӣ байтҳои зикршударо дар қалби назм моҳирона тарҷума кардааст:

تعض على الكف في يأسها و تذور التراب على رأسها
تقول، بُنيَّ وروحي! ترى بأية الأرض طواك الثرى؟ [4, ҷ. 1., с. 147]

Тарҷума*: бар ноумедиҳояш кафи дасташро мегазид ва бар рӯйи худ хок мепошид. Мегӯфт: “фарзандам, ҷонам, хоки гӯр туро дар куҷо пӯшонидааст?”*

Чӣ тавре, ки аз тарҷума бармеояд, Бундорӣ ҳадафу мақсуди Фирдавсиро бо каломи шоирона ва оҳангҳои таъсирбахш, ки дар забони шеър мушоҳада мешавад, тарҷума кардааст.

Ё ҷойи дигар Бундорӣ аз забони Таҳмина ҳарфи хеле дарднок ва ғамангезро бо ҳамон шеваи Фирдавсӣ баён доштааст:

Фирдавсӣ:

Падар ҷустӣ, эй гурди лашкарпаноҳ,
Ба ҷои падар гӯрат омад ба роҳ [1, ҷ. 2, с. 337].

Бундорӣ:

أليث الحفاظ! نشدت الأبا، فلاقيتَه الجدث المجدبا[4, ҷ. 1., с. 148]

Тарҷума*: Эй шерамарди муҳофиз, ту падар ҷустуҷӯ кардиву, вале қабрҳо ва заминҳои беҳосил дарёфтӣ!*

Аз тарҷума маълум мегардад, ки Бундорӣ байти Фирдавсиро бо тамоми мафҳумҳояш дар қолаби назми арабӣ рехта, онро шоирона тарҷума кардааст. Воқеан ҳам, Бундорӣ дар эҷоди шеър маҳорати баланд дошта, ба қавли аксар муаррихон шоир ҳам будааст. Тарҷумаи шеър ба як забони дигар ба ҳамон вазну оҳанг кори хеле сангин ва ҳатто ба қавли Ҷоҳиз имконопазир ҳам ҳаст. Вале азбаски Бундорӣ дар шинохти арузу қофияи форсиву арабӣ дасти тавоно дошт, дар ин кор муваффақ ҳам гардид.

Бо назардошти тадқиқи мавзуи баррасишуда метавон зикр кард, ки Абулқосим Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ, аллакай, дар асрҳои гузашта, пас аз як-ду қарни даргузашти ӯ дар адабиёти араб шуҳрат пайдо карда буд, хоссатан пас аз тарҷумаи арабии Фатҳи Бундорӣ.

Тарҷумаи арабии достони “Рустам ва Сӯҳроб” бо назардошти ҷузъиёти фарҳангӣ, адабӣ ва таърихӣ шомили мавзуъҳои эҳсосоти амиқ, рамзҳои шоирона, қаҳрамонӣ, муҳаббат, интиқом, пушаймонӣ, муҳоваракҳои драмавӣ ва оҳангҳои фоҷеабор мебошад. Бундорӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки тамоми маъно ва сохтори шеъри “Шоҳнома”-ро ба адабиёти араб интиқол диҳад, дар ҳоле ки эҳсосоти асили шеъри форсӣ ва оҳангу вазни онро дар назми арабӣ нигоҳ доштааст.

Дар маҷмуъ, пажӯҳиши чунин мавзуъҳо айни замон хеле муҳим ва таҳқиқталаб буда, ҷанбаҳои гуногуни тарҷумаро метавон ба ҳайси корҳои муфасали илмӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дод. Ба ҷуз тарҷумаи Бундорӣ, дар замони муосир чандин тарҷумаҳои

арабии дигари “Шоҳнома” эҷод шудаанд, ки таҳқиқу қиёси он бо матни асл ва тарҷумаи Бундории Исафҳонӣ бори дигар мубрамии масъалро ифода менамояд.

АДАБИЁТ

1. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ.2. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
2. Анварова М., Саидсултонхон С. “Чанд нукта доир ба тарҷумаи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони арабӣ” // Маводи конференсияи илмӣ -амалии байналмилалӣ дар мавзуи “«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ” бахшида ба ҷашнвораи 1090-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ. – Душанбе, соли 2024. – С. 307-314.
3. ал-Бундорӣ, ал-Фатҳ ибн Алӣ. «аш-Шоҳнома» ал-Фирдавсӣ. Ҷ.1. Тарҷамаҳо насран ал-Фатҳ ибн Алӣ, қоранаҳо бил асл-ил-форсий ва акмала тарҷаматаҳо фӣ мавозеъ ва қаддама лаҳо ад-дуктур Абдулваҳҳоб Аззом. – Қоҳира: Дор-ул-кутуб-ил-мисрийя, 1932. – 500 с.
4. Мухторӣ Қ., Шаҳбозӣ М., Насирӣ М. “Шоҳнома” дар ҷаҳони араб // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии “Пажӯҳиши забон ва адабиёти форсӣ”, 1389. – шумораи 17, тобистон. - №31-48. – С. 31-48.
5. Сулаймонӣ, Сайидраҳмон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе: ЭР-граф, 2005. – 1046 с.
6. Таджидин Мардони. Борбад в “Шахнаме” Фирдоуси и “Шахнаме” Ас-Саалиби // Арабско-таджикские литературные связи: история и современность (Сборник статей). – Душанбе, 2006. – С. 122-134. 8
7. Тоҳо Надо. Диросот фӣ-ш-Шоҳнома. – Ал-Искандария: Дор-ул-мисрияти ли-т-тибоати, 1954. – 330 с.
8. Ҳамробоев Н.А. Бундорӣ ва тарҷумаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ // Номаи донишгоҳ, 2017. - № 4(53). – С. 118-126.

ХУСУСИЯТҲОИ САБКИЮ ЗАБОНИИ ТАРҶУМАИ АРАБИИ ДОСТОНИ “РУСТАМ ВА СӮҲРОБ (дар асоси тарҷумаи Бундории Исфаҳонӣ)

Дар мақола саъй гардидааст, ки хусусиятҳои сабкию забонии тарҷумаи арабии достони “Рустам ва Сӯҳроб” дар асоси тарҷумаи "Шоҳнома"-и Бундории Исфаҳонӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирад. Тарҷума аз рӯйи сохтор аз ибтидо то интиҳои “Шоҳнома”-ро шомил гардида, бахше қисматҳову оғози бобҳо аз тарҷума берун мондааст. Дар бахши достони “Рустам ва Сӯҳроб” ҳам тарҷумаҳои насрӣ ва ҳам назмӣ мушоҳада мегардад, ки арзиши онро бештар мегардоанд.Таҳқиқи чунин мавзуъҳо дар айни замон хеле муҳим ва таҳқиқталаб буда, ҷанбаҳои гуногуни тарҷума метавон дар оянда мавриди таҳқиқу баррасиҳои муфасали илмӣ қарор гиранд.

Калидводаҳо: Абулқосим Фирдавсӣ, "Шоҳнома", Достони "Рустам ва Сӯҳроб", Фатҳи Бундорӣ, адабиёти араб, тарҷумаи арабӣ, нашри арабии "Шоҳнома", муқоисаи тарҷума бо матн.

СТИЛЕВЫЕ И ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ АРАБСКОГО ПЕРЕВОДА ПРОИЗВЕДЕНИЯ "РУСТАМ И СУХРАБ" (на основе перевода Бундори Исфахани)

В статье рассматриваются особенности стилевого и языкового перевода арабской версии произведения "Рустам и Сухраб" на основе перевода "Шахнаме" Бундори Исфахани. Перевод охватывает структуру всего текста "Шахнаме" с самого начала до конца, однако некоторые части и начало глав остаются за рамками перевода. В истории о "Рустаме и Сухрабе" можно наблюдать как переводы прозой, так и стихотворные переводы, что придает дополнительную ценность исследуемому произведению. Исследование таких тем в настоящее время является крайне важным и требует дальнейших научных изысканий, а различные аспекты перевода могут стать объектом более детальных исследований и научных дискуссий в будущем.

Ключевые слова: Абулкасым Фирдоуси, "Шахнаме", история "Рустам и Сухраб", Фатхи Бундори, арабская литература, арабский перевод, арабское издание "Шахнаме", сравнение перевода с оригинальным текстом.

STYLISTIC AND LINGUISTIC FEATURES OF THE ARABIC TRANSLATION OF THE STORY "RUSTAM AND SOHRAB" (based on the translation by Bundari Isfahani)

The article examines the stylistic and linguistic features of the Arabic translation of the story 'Rustam and Sohrab' based on the translation of the 'Shahnameh' by Bundari Isfahani. The translation covers the entire structure of

the 'Shahnameh' from beginning to end, though some parts and the beginning of chapters are excluded from the translation. In the section on 'Rustam and Sohrab,' both prose and poetic translations can be observed, which add greater value to the work being studied. Research on such topics is currently very important and in demand, and various aspects of translation may be the subject of more detailed studies and academic discussions in the future.

Keywords: Abulqasim Ferdowsi, “Shahnameh”, the story of "Rustam and Sohrab," Fathi Bundari, Arabic literature, Arabic translation, Arabic edition of “Shahnameh”, comparison of the translation with the original text.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холов А.С.*** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти араби МДТ “ДИТ ба номи Имоми Аъзам”. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, кӯчуи Шодмонӣ 85/1. **Тел.:** 985.34.24.42. **E-mail:** xolov.a@list.ru

Сведения об авторе: ***Холов А.С.*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой арабского языка и литературы ГОУ “ТИИ имени Имама А'зама”. **Адрес:** 734042, г. Душанбе, улица Шодмони, 85/1. **Тел.:** 985.34.24.42. **E-mail:** xolov.a@list.ru

Information about the author: ***Kholov A.S.*** – Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Arabic Language and Literature of the SEI “TII named after Imam A'zam”. **Address:** 734042, Dushanbe city, Shodmoni street, 85/1. **Tel.:** 985.34.24.42. **E-mail:** xolov.a@list.ru

НАЗАРЕ БА МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ “ЧАҲОР УНСУР”-И БЕДИЛИ ДЕҲЛАВӢ

Қамбаров Н.Ч.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) бо дастёбӣ ба мавқеи устувор ва мақому мартабаи эҷодӣ тавонистааст, ки дар канори вусъати эҷодиёти манзумаш бо истифода аз истеъдоду зарфият ва қобилияти беандозааш дар тавсеа ва таълифи осори мансур низ нақши бориз гузоштааст ва худро дар олами эҷоду ҳунар ҳамчун суханвар ва шоири соҳибмақом муаррифӣ намудааст. Ҳамчунин, аз бузургтарин намояндагони адабиёти форсӣ дар кишвари Ҳинд буда, дар сабки ҳиндӣ ашъори хешро ба арши камол расонидааст, ки дар адабиёти тоҷику форс маҳбубияти хосе дорад. Дар бораи зиндагиномаи Бедил, поягузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ дар кори таҳқиқотиаш чунин зикр намудааст:“Назар ба нақли Бедил дар аввали“Чаҳор унсур“ баъд аз давраи ширхорагиаш падараш вафот карда ӯ ятим мондааст ва модараш ӯро дар вақти панҷсолу панҷмоҳагиаш ба мактаб фиристодааст. Ӯ дар сари соли ҳафтуми умраш куръонро хонда тамом карда, саводи алифбоӣ баровардааст. Баъд аз он ӯ то даҳсолагиаш хонданро давом дода, қоидаҳои сарфу наҳви арабӣ ва назму насри форсиро омӯхтааст ва баъд аз он таҳсили мураттаб дидан ба ӯ муяссар нашудааст ва тарбияи умумии худро бештарин аз амаки худ Мирзо Қаландар гирифтта, илмҳои расмӣ ва тасаввуфро аз мавлоно Шайх Камол, ки ҳам олими бузург ва ҳам аҳли тасаввуф буд, ба тарзи ғайри расмӣ омӯхта, тафсир, ҳадис ва адабиёти арабро дар пеши тағоии худ Мирзо Зариф, ки ӯ низ олими бузург буд, гузаронидааст” [9, с. 48].

Ҷои зикр аст, муҳаққиқ, Бедилшинос профессор Нуров Нуралӣ дар бораи саҳми устод Садриддин Айниро дар шинохти мероси адабии Бедил дар мақолае таҳти унвони “Баҳсе роҷеъ ба мухаммаси устод Айнӣ бар ғазали Бедил” чунин ибрози андеша намудааст: “Зикри як нукта муҳим аст, ки чун устод Айнӣ яке аз охирин намояндагони мактаби пайравони Бедил ба шумор мераванд, дар мухаммасоти ӯ унсурҳои сабки ҳиндӣ, хоса ашъори Мирзо Бедил ҷилваи равшан доранд” [5, с. 50].

Насри Бедил низ монанди шеъри ӯ мушкилу печида аст. Яке аз омилҳои печидагии эҷодиёти Бедил дар наср ин истифода аз забони пурэъҷоз ва ибҳомофаринии ӯ мебошад. Дар бораи насри Бедил пажуҳишгари эрон ӣ Кордгар Яҳёӣ чунин нигоштааст: ” Таҳаммул дар осори Бедил нишон медиҳад, ки осори мансури ӯро агар арзише беш аз осори манзуми ӯ надошта бошанд, ҷойгоҳи пойинтар, аз ашъораш надоранд ва аз дер бо нависандагии Бедил мавриди таваҷҷуҳи нависандагони шарҳи аҳволу осори ӯ будааст. Ин нукта, низ нишон медиҳад, ки осори мансури Бедил ва нависандагии ӯ нуқтаи қувваташ ба шумор мерафтааст” [4, с. 48].

Нависанда ва мутафаккири асри XIX Аҳмади Дониш, ба мероси адабии Бедил хеле дилбохтагӣ дошт вабаъзе андешаҳои душворфаҳми ӯро шарҳ медод. Аммо худаш на

дар наср ва на дар назм услуби Бедилро тақлид намекард ва ҳамсуҳбатони худро аз санъати бедилпарастӣ бозмедошт ва таъкид мекард: “Бедил ҳамчун пайғамбар аст, муъҷизаро дар ихтиёри пайғамбар гузоштан лозим аст” [9, с.78].

Дар бораи вижагиҳои мероси насрии Бедил адабиётшиноси эронӣ Абдулҳусайни Зарринкуб чунин нигоштааст: “ Бедил дар асри худ дар насрнависӣ низ устоди қавидаст маҳсуб мешуд, насри ӯ ки дар “Руқаот” ва “Чаҳор унсур” ва нукоте боқӣ мондааст, мисли шеъраш ғолибан мармуз , луғзгуна ва оканда аз тасовиру тахаюл аст, шуҳрату овозаи насри ӯ, аз он ҷост, ки асри ӯ зоҳиран ин тарзи баёни мутакаллифонаро дар наср ҳам мисли шеър бо таҳсину алоқа менигариста бошад” [2, с. 204].

Дар шинохти Бедил ва меросаш Забеҳуллоҳи Сафо чунин баён медорад: “Порсишиносони Ҳинд ба Бедил, аз дур роҳ эътиқод меварзанд: нахуст он ки ӯро аз соҳибкамолону пешравони тариқат мешуморанд ва дувум он ки ӯро бузургтарин шоири порсигӯйи мутаъххир медонанд. Иллат он аст, ки ӯ дар назму наср соҳиби шеваи хос буд ва дар баёни маъниҳо ва мақсудҳои гуногуни хеш дар он шева, бо ниҳоят устоди сухан гуфтааст*”* [3, с. 136].

Китоби “Чаҳор унсур” аз муфасалтарин асари насрии Бедили Деҳлавӣ мебошад, ки фарогири масоили мухталифи ҳаётию дуниявӣ буда бо насру назм омехта шудааст, теъдоди абёти онро худи шоир чунин баршумурдааст:

Байтҳои “Чор унсур” назди табъи нуктасанҷ,
Шуд муайян ду ҳазору шашсаду ҳафтоду панҷ.

Ҳамзамон, Бедил дар оғози ин китоб ба 41 сол умри худ, ки дар ин айём китоби мазкурро таълиф намудааст, ишора мекунад: ” Нафс шумори умр, мақоруни соли чиҳил якум*“ [12,с. 66].* Аз гуфтҳои боло маълум мешавад, ки таърихи таснифи китоби “Чаҳор унсур” дар соли 1683 / 1095 будааст. Афзун бар ин, дар хотимаи китоб дар қитъае, ки дорои ҳафт байт аст, таърихи иншои китобро нишон медиҳад:

Биҳамдиллаҳ, зи хатми «Чор унсур»
Фараҳ пеш омаду ғам бар қафо рафт
Ду таърих аз ҳисоб оварди берун,
Ки дахли шубҳа хун гашту хато рафт.
Нахуст афсуне аз эъҷоз пардохт,
Ки аз афроди ҳар «унсур» «фано» рафт.
Дувум дар иҷтимои чор «унсур»
«Нуҳусат» буд, чун занг аз сафо рафт [12, с. 88].

Аз рӯи ҳисоби абҷад маълум мешавад, ки таърихи ба охир расонидани китоб дар соли (1116 ҳ. / 1704 м.) буда, дар тули 21 сол ҳаёти шоир тасниф шудааст. Бедил, низ дар унсури дувум, аз мулоқоти охирини худ бо Шоҳкобулӣ (1080) чунин ишора мекунад: “Имрӯз бист сол аст, ки масти хаёли он соғарам ва хумори кулфатҳои ҳастӣ бехабар” [9, с.11]. Аз ин гуфтаҳои шоир бармеояд, ки дар соли 1100 ба навиштани қисмати поёнии унсури дувум машғул будааст. Яъне ду унсур, аввалу дувумро дар муддати 5 сол ва унсурҳои савуму чорумро дар имтидоди 16 сол навиштааст. Ғулоҳасани Муҷадади менависад:“Бедил дар ин муддати тулони ёддоштҳои худро гирдоварӣ ва онро дар охири умр ба сурати китоб тадвин кардааст*”* [6, с. 205].

Муҳаққиқ дигар Орзуи Абдулғафур бар ин ақидааст, ки: “Бинобар фаҳми фалсафӣ нақши обу бод ва хоку оташ ва бароянди ин аносир, яъне ҷамодот, наботот, ҳайвонот ва инсон, ин асарро “Чаҳор унсур” меномад*”* [7, с.104].

Бадеҳист, “Чаҳор унсур” дар ҳақиқат зиндагиномаи худнигоштаи шоир аст, ки бо насри ороста , дар чор фасл ва бар асоси “чаҳор унсур, об, оташ, хоку бод нигоришу тадвин ёфтааст муҳаққиқ Салҷуқӣ мефармояд: “Чаҳор унсур”, беҳтарину равонтарин насрҳои Бедил аст ва яке аз осрои ҷиддии ӯст. Ваҷҳи муқаддимаи китоб ба ин ном, аз ду ҷиҳат аст:аввал тавре ки бештар возеҳ аст, ин аст, ки китоб дар чор ҷузъ таълиф шуда ва

ҳар кадоми онро Бедил ба номи унсуре ба тартиб ёд кардааст, ки ҳар унсур даврае аст, аз давраҳои ҳаёти ӯ*"* [10, с. 203].

Худи Бедил сабаби таълифи "Чаҳор унсур"-ро чунин баён намудааст:

"Тахфифи иборатороиҳо, шаммае мутобиқи рангу буйи гулшани зуҳур, аз гулу хор маротиб тай карда адо менамояд ва пардаворӣ аз чеҳраи шоҳиди нуқсу камол мадориҷ пайбурда мекушояд, то муҳтаҷиб намонад, ки ин нашъаи бехумории хамсатони адам, аз соғари эътибори ҳастӣ чи кашида ва ин нағмаи бенавоии тарбгоҳи ваҳдат, аз сози имтиёзи касрат чиҳо шунид" [6, с. 45]. Аз гуфтаҳои худ муаллиф ҳувайдост, ки мавзуъ ва мундариҷаи "Чаҳор унсур" басо рангоранг ва доманадор мебошад. Баёни масъалаҳои ирфону тасаввуф, тасвири ишқу лаҳзаҳои гуворои ошиқӣ, тараннуми зебоиҳои ҳаёт, тасвири лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ, тасвири ҳолатҳои тағйирёбандаи рӯҳӣ, ситоиши инсон ва мақоми он дар зиндагӣ, тасвири баҳор ва манзараҳои зебои табиат, васфи хислатҳои ҳамидаи инсон, танқиди норасоиҳои ҷамъият, мазаммати хулқу атвори ношоистаи инсонҳо аз умдатарин мавзуҳои мебошанд,ки дар ҳар як унсури китоб мавҷ мезананд.

Салоҳиддин Салҷуқӣ ду омилро сабаби иншои китоб нигоштааст:" Аввал ин ки китоб ба ҷаҳор ҷузъ тақсим шуда, ҳар ҷузъ бо унсуре номгузорӣ шуда, ки ба даврае аз ҳаёти Бедил ихтисос дорад*"* [10, с. 87]. Аммо, шоир дар як ягон ҷои китобаш, ба ин нигоштаҳои Салҷуқӣ ишора накардааст. Сабаби дувумро, ин муҳаққиқ, ки бештар ба дурустии он таъкид дорад ин аст, ки: "Чаҳор унсур иборат аст, аз шахси Бедил, ба ҳайси ин ки кунун дар олами касрат ва олами каму кайф аст. Вуҷуди ӯ акнун иборат аст, аз чаҳор унсур, ки чор халти (омехта) инсонӣ , аз он ба вуҷуд омадааст, зеро ин китоб шарҳи ҳоли зиндагии ӯст дар дунёи аносир*"* [10, с. 268].

Бояд изҳор дошт, аз ду хулосаи муҳаққиқ, дувумаш саҳеҳтар ва ба ҳақиқат наздик аст, зеро аз худи гуфтаҳо Бедил шоҳиди ҳамин гуфтаҳо мебошанд.

Хонандагони осори Бедил бар ин бовараанд, ки осори вай мубҳам ва дерфаҳм аст ва худи шоир низ ба ин ишора дорад:

Маънии баланди ман, фаҳми тунд мехоҳад,
Сайри фикрам осон нест, кӯҳу кутал дорам [11, с. 68].

Профессор Наби Ҳодӣ ин печидагию муғлақбаёни дар сабки Бедил баён медорад ва бар ин ақидааст: "... заруратан ибҳом дида мешавад ва иллаташ он аст, ки шоирон ба ҳангоми офариниши ҳунар, аз сатҳи хоси тахаюлии худ фурӯтар намеоянд. Бедил, таҷоруби омии ҳаётро низ ба сабки сода баён намекунад. Ӯ пеш аз оғози сухан, тамоми қавоиди куллӣ ва усули фалсафиро дар назар мегирад, баъд шуруъ ба сухан мекунад" [12, с. 141].

Зикр ба маврид аст, ки насри "Чаҳор унсур" аз ин гуфтаҳо холӣ нест, зеро бо истифодаи анвои санъати ташбеҳ, истиораҳои бадеъ ва санъатҳои маънавию лафзӣ ва дигар таркиботи нав, насри мусаҷҷаъ навишта шуда, бо порчаҳои зиёди шеърӣ чун маснавӣ, рубоӣ, ғазал, қитъа ва фардҳо зинат ёфтааст. Аксари шеърҳо ба қалами худи Бедил тааллуқ доранд. Баъзеи онҳо дар ҷараёни таълифи асар эҷод шуда бошанд, қисми дигар аз асарҳои манзуми шоир гирифта шудаанд.

Чун аз унвони "Чаҳор унсур" бармеояд, ки ба чор фасл (унсур) тақсим мешавад ва ҳар унсур дар бораи мавзуи хос баҳс мекунад. Шоир, барои ҳар фасл бо калимаҳои таъсирбахшу муаассир унвоне интихоб кардааст ,ки ба тариқи зайл мебошанд:

Унсури аввал: Абҷади иштиғоли шуълаи мақол ва гармиҳои суҳбати арбоби фазлу камол;

Унсури дувум: Равоеҳи шукуфтагибаҳори олами манзум ва насоими файзиғаноими фавоиди маълум;

Унсури сеюм: Таровати шабнамистони маротиби мансур ва обёрии нахлистони кайфиёти шуур;

Унсури чаҳорум: Ғуборфишонии бисоти сувари аҷоиб ва зангзудоии оинаи нуқуши ғароиб.

Ёдовар шуд, ки ин китоб бо ибороти балиғу орифона бо наъту ситоиши ягонагию аҳадонияти Ҳақ оғоз мешавад. Шоир дар ин мавқеъ, таъкид медорад, ки мо монанди ашки гавҳару хуни ёқут ҳастем, ки чакиданҳои мо бар руйи худи мо аст ва ҳеҷ вақт натавонистаем, аз худии худ берун биёем:

Моро ки зи худ баромадан нест,
Мушкил ба ҳақиқатат расидан,
Ашки гуҳарему хуни ёқут,
Дорем ба руйи худ чакидан.

Дар идома шоир, аз ҳадафи иншои китоб ва интихоби унвони он сухан гуфта, ҳар як фасли онро муаррифӣ мекунад.

Чун аз маълумоти сарчашмаҳо маълум гардид, ки “Чаҳор унсур” бештар ба зиндагиномаи Бедил рабт дорад. Шеваи баёни китоб асосан бо муқаддимачинҳо асос ёфтааст, зеро вақте шоир мехоҳад, дар бораи масъалае изҳори назар намояд, пешомадҳои шигифтангезро барои тақвияти андеша меоварад ва ба тафсил сухан мегӯяд. Инчунин, бо тақозои завқу илҳомаш, дар аснои матолиби ҳикоятҳо, порчаҳои шеъриро зикр мекард ва мисли Мавлонои Балхӣ масъалаҳои фалсафию ирфониро бо андешаҳои амиқи худ баён медорад.

Дар унсури аввал, ҳадафи таҳрири ин унсур , аз таваллуд то айёми кӯдакӣ, баъзе лаҳзаҳои ҳаёти худи муаллиф, ёддоштҳои ӯ дар бораи як зумра олимону фозилони давр, суҳбатҳояш бо онҳо ва дигар ҳодисоту воқеоти марбут ба даврaҳои аввали зиндагии шоир сухан рафтааст.

Дар унсури дувум, Бедил бештар перомуни чигунагии эҷоди баъзе аз ашъори худ изҳори андеша намуда, баъдан ба муқаддимаи кӯтоҳ вориди баҳси аслӣ мешавад. Ҳамзамон, дар мавриди даҳ жанри шеърӣ, ки эҷоди онҳоро бо саргузаштҳои аҷиб, ки қолиби таваққуҳ ҳастанд, шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, Бедил аввалин шеъри худро дар охирҳои мактабхониаш, дар вақти даҳсолагиаш гуфтааст. Назар ба ёддошти худи Бедил дар аввали унсури дуюми ”Чаҳор унсур" ӯ дар мактаб ба муносибате, ки яке аз ҳамдарсонаш дар зери забонаш қаранфул (қаламфури гардан) гузошта омада буд ва дар вақти гап заданаш аз даҳонаш бӯи хуши он меомад, ин рубоиро гуфтааст:

Ёрам ҳар гоҳ дар сухан меояд,
Бӯи аҷабаш аз даҳан меояд.
Ин бӯи қаранфул аст, ё накҳати гул,
Ё роиҳаи мушки Хутан меояд. ” [1, с. 103].

Унсури саввум, илова бар муҳокимаҳои фалсафию ахлоқӣ шомили чанд рисоли мустақили насрӣ мебошад. Ин рисолаҳо иборатанд, аз «Дабистони сунъ», «Нағмаи ваҳдат», «Исория», «Баҳористони ҷунун», «Ҳуҷуми ҳайрат», «Сурмаи эътибор» ва «Фавоиди хамӯшӣ». Ҳар як аз ин рисолаҳо доири андешаҳои олии ирфонию фалсафӣ бо нигоҳи адабии хоси Бедил мебошанд. Инчунин, дар муқаддимаи ин фасл , шоир баҳси адабиро баррасӣ менамояд ва дар хусуси тафовутҳои назму наср андешаҳои бикру возеҳ баён медорад.

Унсури чаҳоруми китоб, дар бораи руйдодҳои аҷоибу ғароиб нақл мекунад, ки дар тули зиндагӣ, аз сари шоир гузаштаанд. Чунин руйдодҳо 12 маротиба дар ин фасл тасвир ёфтаанд, ки шоир дар бораи саргузашти ин ҳодисаҳо, дар муқаддима маълумот баён намудааст. Ин фасл низ, чун анъана, дар дигар фаслҳо бо тамҳид оғоз мешавад ва дар хусуси навъҳои гуногуни руҳи мутлақ, руҳи табиӣ, руҳи наботӣ, руҳи ҳайвонӣ ва руҳи инсонӣ ба зикри ҳодисаҳои таърихӣ ва саргузашту сафарҳои хеш пардохтааст. Ӯ зимни ёдоварӣ аз руйдодҳо, ки дар даврaҳои гуногуни ҳаёташ мушоҳада кардааст, дар хусуси баъзе воқеаҳои сиёсию таърихии асри хеш низ маълумотҳои муфидеро нигоштааст. Чунончи ахбороти ӯ дар бораи бемории подшоҳи вақти Ҳиндустон Шоҳҷаҳон (1627-1658), лашкаркаши писари бузурги ӯ Шоҳ Шуҷоъ (ваф. 1662) ба муқобили падар, ҷанги Шоҳшуҷоъ бо бародараш Аврангзеб ва дар ин ҷанг ғолиб омадану бар тахт нишастани

Аврангзеб ҷолиби диққат мебошанд. Аз маълумотҳое, ки марбут ба ҳаёти худи Бедиланд, ёддошти ӯ роҷеъ ба Атупчатри рассом, ки сурати шоирро кашида буд, тафсили сафарҳояш аз Патна ба Меҳассӣ, аз Деҳлӣ ба Панҷоб ва аз Матҳро ба Деҳлиро метавон ном бурд.

Дар фарҷоми китоби "Чаҳор унсур" Бедил қайд кардааст:" Чашми умед ба интизори ин сурма равшан, ки тамошои ин гулзори ирфонниҳол заҳмати хори ҷаҳл мабинад ва дасти таманно ба ҳавои ин дуо баланд, ки сайёҳи ин водии маониғизол ба ғубори кулфати нодонӣ манишинад.

Қитъа:

Ба тамошо расиданӣ дорад,
Ҷилва муфт аст, диданӣ дорад.
Олам афсона асту боқӣ ҳеҷ,
Ҳарфи мо ҳам шуниданӣ дорад" [1, с. 123].

Адабиётшиносу мунаққид, шоири шаҳир Рустами Ваҳҳоб таъсири афкору андешаҳои Бедилро дар асри XIX ба адабиёти тоҷик чунин баён намудааст: "... тамоми ҷомеаи фарҳангии Бухорои қарни XIX шадидаи таҳти таъсири афкори Бедил карор дошта, осори ин суханвари тавоно, чи аз назари завқу салиқа ва сабки суханварӣ ва чи аз назари орову афкор фазои илмиву фарҳангии он давронро дар иҳотаи комили худ карор додааст" [8, с. 223].

Хулоса, китоби "Чаҳор унсур" китоби адабӣ –ирфонӣ аст, ки Бедил онро ба насри мусаҷҷаъ ва омехта бо назм иншо намудааст. Ин китоб дар ҳақиқат як зиндагиномаи шоир аст, ки тамоми ҳодисаҳое , ки аз айёми кӯдакӣ то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ фарогир буданд, ба риштаи таҳлил кашидааст. Садриддин Айнӣ мазмуни ин китобро чунин тавсиф намудааст: "Муаллиф ёддоштҳои худро бо оҳанги он таассуроте, ки дар вақти вуқуи онҳо гирифтааст, менависад ва гӯё дар вақти таҳрир ҳолати вуқуи онҳоро зинда мекунад. Дар ин бора дар охири як ёддошти худ ин рубоиро:

Бедил, нафаси сӯхта андӯхтаам,
Доғи кӯҳане батозагӣ сӯхтаам.
З-он шамъ ки сӯхт душ дар маҳфили умр,
Имшаб кафи хокистаре афрӯхтаам.

менависад, ки мазмуни ин ба ҳамаи он ёддоштҳое, ки дар "Чаҳор унсур" зикр ёфтаанд, оид аст" [9, с. 84].

Афзун бар ин, китоби "Чаҳор унсур" як сарчашмаи муътабар аст, ки дар мавриди шинохти устодони сухан ва машоих, маълумоти мукаммал барои хонанда пешниҳод менамояд. Шоёни зикр аст, ки Мирзо Абдулқодири Бедил ҳаёту ҷони худро ба илму адаб ва дарки зинаҳои олии маърифат бахшидааст ва ҳеҷ гоҳ тавассути шеър ба ҷамъи моли дунё напардохтааст ва аз сафарҳои хеш фавоиди зиёди илмиро ба даст овардааст, шояд беҳтарин ситораҳои эҷодиёти ӯ натиҷаи ин сафарҳо бошад, ки дар муқаддимаи китоб чунин нигоштааст:

Дониш дар ин муҳит зи худ рахт бастан аст,
Бар рӯйи чор мавҷ, мураббаъ нишастан аст.
Фаҳме ба "Чор унсур"- и Бедил гумоштан,
Аз домгоҳи шашҷиҳат ваҳм растан аст.

АДАБИЁТ

1. Бедили Деҳлавӣ. Абдулқодир / Тасаҳеҳи Халилуллоҳи Халилӣ. Бо эҳтимоми Мухтор Исмоилнажод. – Теҳрон, 1384. - 678 саҳ.
2. Зариннкуб Абулҳасайн. Бо корвони ҳ улла / Заринккуб Абдулҳусайн. - Теҳрон: Илмӣ, 1372 . – 1382. - 505 саҳ.
3. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. – Теҳрон, ҷ.2. Фирдавсӣ, 1370. - 850 саҳ.
4. Кордгард Яҳёӣ // Мактуби интизорӣ. – Теҳрон: Садои муосир, 1372. – 78 саҳ.

5. Маҷаллаи илмӣ-назариявии // АХБОРИ ДДҲБСТ № 3 (76), 2018.-150 саҳ.
6. Муҷададӣ Ғуломҳасан.Бедилшиносӣ / Муҷадади Ғуломҳасан. Тарҷумаи Миросафи Ансорӣ. - Кобул: Пуҳанҷӣ адабиёт ва улуми башари, 1351. – 345 саҳ.
7. Орзу Абдулғаффур. Муқоисаи инсони комил аз дидгоҳи Бедил ва Ҳофиз. / Орзуи Абдулғаффур. – Теҳрон, 1377. - 256 саҳ .
8. Рустами Ваҳҳоб. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ / Рустами Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2012. – 223 саҳ.
9. Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил / С. Айнӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. - 340 саҳ
10. Салҷуқӣ Салоҳиддин. Нақди Бедил / Салҷуқи Салоҳиддин. - Теҳрон: Ирфон, 1380. - 548 саҳ.
11. Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. / Садриддин Айнӣ. - Душанбе: Нашриёти “Ирфон”, 1964. – 434 саҳ.
12. Ҳоди Набӣ. Абдулқодири Бедил / Ҳоди Набӣ. - Теҳрон: Қатра, 1374. - 358 саҳ.

НАЗАРЕ БА МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ “ЧАҲОР УНСУР”-И БЕДИЛИ ДЕҲЛАВӢ

Дар мақола асари насрии Бедили Деҳлавӣ “Чаҳор унсур” муаррифӣ шудааст. Муаллиф ба таври иҷмолӣ дар бораи ҳар як унсур ва мазмуну мундариҷаи “Чаҳор унсур” изҳори андеша намудааст. Зимни баррасӣ мазмуну муҳтаво, сабки таълиф ва хусусиятҳои адабии ин асари насрӣ, ки зиндагиномаи шоир мебошад, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардидааст. Зикр гардидааст, ки Бедил шоири шаҳирест, ки дар давоми умри бобаракати худ бо тарзу услуби ба худаш хос асарҳои манзуму мансурӣ эҷод намудааст. Ӯ аллакай дар замонаш бо мактаби хоси худ, ки ҳоло дар адабиёт бо номи “равияи бедилизм” маълуму машҳур аст, эътибори калон пайдо карда буд. Ҳамзамон, таъкид рафтааст, ки асарҳои Бедил душворфаҳм буда, мазмунан бештар дар пардаи тасаввуф ва масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ эҷод шудаанд, ки китоби “Чаҳор унсур” яке аз онҳо мебошад.

Калимаҳои калидӣ: Бедил, “Чаҳор унсур”, наср, назм, зиндагинома, муттафаккир, унсур, шоир, сабки ҳиндӣ.

ВЗГЛЯД НА СОДЕРЖАНИЕ «ЧЕТЫРЕХ ЭЛЕМЕНТА» БЕДИЛА ДЕХЛАВИ

В статье представлено прозаическое произведение Бедиля Дехлави “Четыре элемента”. Автор высказал свое мнение о каждом элементе и о содержании произведения. В ходе обсуждения особое внимание было уделено содержанию, стилю и литературным особенностям этого прозаического произведения, являющегося биографией поэта. Упоминается, что Бедиль-поэт, который в течение своей благословенной жизни в своем уникальном стиле создавал изящные и прозаическое произведения. Он уже приобрел большую известность в свое время благодаря своей своеобразной школе, ныне известной в литературе как “направление бедилизма”. В то же время подчеркивается, что произведения трудны для понимания и более содержательно созданы под покровом мистицизма и философско-социальных проблем, одной из которых является книга “Четыре элемента”.

Ключевые слова: Бедиль, “Четыре элемента", проза, поэзия, биография, созерцатель, элемент, поэт, индийский стиль.

A LOOK AT THE CONTENT OF THE “THE FOUR ELEMENTS” OF BEDIL DEHLAVI

The article presents the prose work “The four Elements” by Bedil Dehlavi. The author expressed his opinion about each element and the content of the work. During the discussion, special attention was paid to the content, style and literary features of this prose work, which is a biography of the poet. It is mentioned that Bedil is a poet who, during his blessed life, created elegant and prose works in his unique style. He has already gained great fame in his time due to his peculiar school, now known in literature as the “Bedilism trend.” At the same time, it is emphasized that his works are difficult to understand and are more meaningfully created under the guise of mysticism and philosophical and social problems, one of which is the book “The Four Elements

Keywords: Bedil,”The four elements", prose, poetry, biography, contemplative, element, poet, Indian style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қамбаров Ниёзалӣ Чоршанбиевич*** **–** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Шарқи Наздики факултети тарҷумонии забонҳои Шарқ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,17/6. **E-mail:** niyozali75@list.ru. **Тел.:** (+992) 934 130 309.

Сведения об авторе: ***Камбаров Ниёзали Чоршанбиевич*** **–** Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры филологии Ближнего Востока факультета перевода восточных языков. **Адрес:** 734019. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Мухаммадиев, 17/6. **E-mail:** niyozali75@list.ru. **Тел.:** (+922) 934 130 309.

Information about the author: ***Qambarov Niyozali Chorshanbievich*** **–** International University of foreign languages of Tajikistan named Sotim Ulughzoda, candidate of philological sciences, associate professor of the

Department of Near Eastern philology the faculty of translation of eastern languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str. **E-mail:** niyozali75@list.ru. **Phone:** (+922) 934 130 309

МУҲАММАД ДОРОШУКӮҲ – ТАСНИФГАРИ АҲЛИ ТАСАВВУФ

Латифӣ А.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сарзамини Ҳинд барои мардуми тоҷик дар баробари ҳамчун гаҳвораи тамаддуну кишвари афсонаҳо маъруф будан, боз чун ватани дувуми забону адабиёти тоҷик шинохта мешавад. Воқеан, ба таъкиди ҳама сарчашмаҳои илмӣ-таърихӣ забони форсӣ-тоҷикӣ ба Ҳинд маҳз аз Мовароуннаҳр омадааст ва ҳамин аст, ки аз он ба забони форсии мовароуннаҳрӣ ёд мекунанд. Илова бар ин, шумораи зиёди фарҳангномаҳои классикии форсии тоҷикӣ маҳз дар Ҳинд тасниф гаштаанд, ки бе тардид ганҷинаи муҳимме дар таърихи забон ва адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад.

Дар баробари ин, сарзамини Ҳинд ҳамчун маркази ташаккули тасаввуфи исломӣ қаламдод мегардад. Вале ҷойи таассуф аст, ки дар ҳавзаҳои илмии Тоҷикистон дар бораи ҷойгоҳи тасаввуф дар Ҳинд ва намояндагони маъруфи он шинохти комиле вуҷуд надорад. Аз ҷумла, шинохти Муҳаммад Дорошукӯҳ дар ҳавзаҳои илмии тоҷик то чанде пеш маълумоти кофие вуҷуд надошт ва маҳз соҳибистиқлолӣ шароит фароҳам овард, то дар шинохти чунин шахсиятҳо пажуҳиш анҷом шаваду осорашон аз хатти форсӣ ба хатти сирилликӣ баргардон ва ба хонандаи тоҷик пешниҳод ва бо ин ҳалқаи занҷираи таърихии тоҷик дубора пайванд гардад.

Омӯзиши тасаввуф ва баррасии рӯзгору осори суфиён дар адабиёти ҳазорсолаи тоҷик чизи наве нест. Вале дар мавриди рушду нумуи тасаввуф дар сарзамини Ҳинд дар адабиёти тоҷик пажуҳиши бунёдие сурат нагирифтааст. Ба вижа, бо забони тоҷикӣ робитаи тасаввуфи исломӣ бо браҳмании ҳиндуӣ, таъсирпазириву таъсирнамоии якдигарии онҳо ва алоқамандии суфиёни ин сарзамин ба аҳли тасаввуфи дигар сарзаминҳои тоҷикнишин ҳанӯз баррасии илмӣ нашудааст. Аз ин рӯ, бе муболиға мавзуи ин баромадро метавон қадами нахустин дар адабиётшиносии тоҷик ба ин масъала унвон кард.

Ба андешаи мо, ҳар мавзуи адабӣ-тасаввуфие, ки бо забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, пажуҳиши тоза ба шумор меравад. Хусусан, ҳар чи дар робита ба тасаввуф бо забони тоҷикӣ таҳқиқ мегардад, аҳаммияти волои илмӣ дорад. Аз ин рӯ, дар партави пажуҳиш аз таъсирпазирии Муҳаммад Дорошукӯҳ аз Фаридуддини Атттор дар шинохти таъсири дуҷонибаи тасаввуфу адабиёт ва робитаи тасаввуфи Ҳинд бо тасаввуфи Хуросону Мовароуннаҳр сафҳаи тозае боз мешавад.

Фаридуддини Аттор дар адабиёти тоҷик аз чеҳраҳои шинохта буда, мардум бо «Тазкират-ул-авлиё», «Панднома» ва «Мантиқ-ут-тайр»-и ӯ ошноии хуб доранд. Вале бо фазли соҳибистиқлолӣ барои нахустин бор соли 2019 китоби «Сафинат-ул-авлиё»-и Муҳаммад Дорошукӯҳ бо хатти сирилликӣ таҳия ва ба чоп расонида шуд, дар ҳоле ки мардуми тоҷик дар мавриди ӯ ошноӣ надоранд. Агар «Сафинат-ул-авлиё», «Сакинат-ул-авлиё», «Рисолаи ҳақнамо», «Ҳасанот-ул-орифин» ва «Девони ашъор» -и Муҳаммад Дорошукӯҳро ба унвони муаррифисози тасаввуфи исломӣ дар Ҳинд шуморем, пас, «Маҷмаъ-ул-баҳрайн» ва «Сирри акбар»-и ӯро бе тардид метавон талоше дар муқоиса ва баёни ҳамгунии фалсафаи тасаввуфи исломӣ бо фалсафаи браҳмании ҳиндуӣ ба қалам дод.

Ҳарчанд дар охири китоб Дорошукӯҳ пайравии худро дар навиштани «Сафинат-ул-авлиё» аз «Нафаҳот-ул-унс»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ёдовар шуда бошад ҳам [Дорошукӯҳ, 2019, с.356]., аз мутолиаи китоб бармеояд, ки мавсуф аз сарчашмаҳои дигари тазкиравӣ, аз ҷумла аз китобҳои «Табақот-ус-суфия»-и Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Алии Ҳуҷвирӣ, «Рисолаи Қушайрия»-и Қушайрӣ, «Футуҳотии маккия» ва «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ, «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Шавоҳид-ун-нубувва»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Таърихи Ёфеӣ» ва «Равзанат-ур-риёзин»-и Абдуллоҳи Ёфеӣ ва «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридуддини Аттор истифода кардааст [Дорошукӯҳ, 2019, с.17].

Бо мутолиаи осори Муҳаммад Дорошукӯҳ, чи насрӣ ва чи назмӣ, ки ҳамагӣ ба тарғиби тасфияи нафс равона шудаву рӯзгори шахсиятҳои мутасаввиф чун намунаи

зиндагии инсони комил ба таҳрир кашида шудааст, ба ёди ман осори мондагори донишманд ва мутасаввифи машҳури форсу тоҷик Фаридуддини Аттор, хусусан «Тазкират-ул-авлиё» ва пандномаҳои назмии ӯро овард, чаро ки "Тазкират-ул-авлиё" дар шумори нахустин тазкираҳои ирфонии адабиёти форсӣ қарор гирифта, ошноӣ бо мазмуну муҳтавои он Аторро аз аввалин тазкиранависони форсӣ дар робита ба зиндагӣ, ақвол ва аҳволи суфиён муаррифӣ менамояд [Аттор, 2008, с.4]. Ҳамзамон, ашъори бештари Аттор панду насиҳатӣ ва суфиёна аст, ки айни онро дар ашъори Муҳаммад Дорошукӯҳ бараъло дидан мумкин аст.

Таъсирпазирии Дорошукӯҳ дар таълифи «Сафинат-ул-авлиё» аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор ошкор аст. Чунончи, мавсуф пас аз ёди рӯзгори Муҳаммади Шайбонӣ мегӯяд: «Зикри имомайн тамом шуд. Шуруъ дар зикри авлиёи кибор кард, агарчи дар «Нафаҳот-ул-унс»-у «Кашф-ул-маҳҷуб» ва «Тазкират-ул-авлиё» ва дигар кутуб аҳволи эшон батафсил мазкур аст, лекин силсила-силсила зоҳир намешавад» [Дорошукӯҳ, 2019, с.69]. Дорошукӯҳ дар баробари овардани рӯзгору осори Фаридуддини Аттор [Дорошукӯҳ, 2019, с.295], чандин бор дар ин асари худ сухани Атторро бевосита ба гунаи «соҳиби «Тазкират-ул-авлиё» гӯяд» [Дорошукӯҳ, 2019, с.60, 69, 130] овардааст ва ҳангоми зикри Шайх Юсуфи Асбот мегӯяд: «Ва Шайх Фаридуддини Аттор эшонро аз зуҳҳоду тобеин навиштаанд» [Дорошукӯҳ, 2019, с.208]. Ҳамзамон, дар чандин мавриди дигар Дорошукӯҳ бе овардани соҳиби қавл таъбирҳои «нақл аст, ки» [Дорошукӯҳ, 2019, с.78, 80], овардаанд [Дорошукӯҳ, 2019, с.99] ва «гӯянд»-ро [Дорошукӯҳ, 2019, с.206] овардааст, ки дар бештари ҳолат ба нақлҳои дар «Тазркират-ул-авлиё»-омада рост меояд.

Тафовути асосие, ки байни «Тазкират-ул-авлиё» ва «Сафинат-ул-авлиё» дида мешавад, ин услуби баён мебошад. Ба ин маъно, ки Аттор дар навиштани асари мазкур, хусусан дар оғози ҳар фасле, ки ба зикри ягон валӣ бахшидааст, бештар аз санъати саҷъ (каломи мусаҷҷаъ) истифода намудааст. Масалан, дар зикри Аҳмади Ҳарб мегӯяд: «Он матини мақоми мукнат, он амину имоми суннат, он зоҳиди зуҳҳод, он қиблаи уббод, он қудваи Шарқу Ғарб, пири Хуросон Аҳмади Ҳарб [Аттор, 2008, с.204] оғоз менамояд, дар ҳоле ки дар «Сафинат-ул-авлиё» ин вижагӣ дида намешавад.

Чи тавре пештар ишора кардем, таъсирпазирии Дорушукӯҳ дар назм низ аз осори назмии Аттор дида мешавад ва ин ҷойи тааҷҷуб нест, зеро ба таъбири Абдураҳмони Ҷомӣ, "он қадар асрори тавҳиду ҳақоиқу завқ, ки дар маснавиёту ғазалиёти Аттор аст, дар суханони ҳеҷ яке аз ин тоифа ёфта намешавад" [Дорошукӯҳ, 2019, с.295] ва табиист, ки аз ашъори ноби ӯ баҳра бурдааст. Таҳқиқи таъсирпазирии Дорошукӯҳ аз ашъори Аттор аз доираи ин баромади мо берун буда, дар пажуҳишҳои оянда онро баррасӣ хоҳем кард.

Боварӣ дорам, ки дар партави пажуҳиш аз таъсирпазирии Муҳаммад Дорошукӯҳ аз Фаридуддини Атттор дар шинохти таъсири дуҷонибаи тасаввуфу адабиёт ва робитаи тасаввуфи Ҳинд бо тасаввуфи Хуросону Мовароуннаҳр сафҳаи тозае боз мешавад.

АДАБИЁТ

1. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Шарҳи аҳвол ва таҳлили осори Шайх Фаридуддин Муҳаммад Аттори Нишопурӣ. Чопи дувум. – Теҳрон, 1353. – 540 с. [Бо забони форсӣ]
2. Девони Дорошукӯҳ. Муқаддимаи форсӣ ва тасҳеҳи Муҳаммад Ҳусайни Ҳайдаробод. – Чопхонаи Хуросон, 1969. – 221 с [Бо забони форсӣ]
3. Муҳаммад Дорошукӯҳ. Сафинат-ул-авлиё. Таҳияи матн, тавзеҳ ва муқаддимаи И.Шехимов. – Хуҷанд, 2019. – 390 с.
4. Фариддудини Аттори Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё. Таҳти назари академики АМИТ Салимов Н.Ю. – Хуҷанд, 2008. – 658 с.

МУҲАММАД ДОРОШУКӮҲ – ТАСНИФГАРИ АҲЛИ ТАСАВВУФ

Дар мақола омӯзиши тасаввуф ва баррасии рӯзгору осори суфиён аз ҷониби яке аз шахсиятҳои маъруфу донишманд ва шоҳзодаи Ҳинд Муҳаммади Дорошукӯҳ сурат гирифтааст. Таъсирпазирии Дорошукӯҳ дар таълифи «Сафинат-ул-авлиё» аз «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор баён гардидааст.

Инчунин дар мақола дарҷ гардидааст, ки дар атрофи густариш тавсеи ёфтани тасаввуф дар сарзамини Ҳинд дар адабиёти тоҷик пажуҳиши бунёдие сурат нагирифта, бо забони тоҷикӣ робитаи тасаввуфи исломӣ

бо браҳмании ҳиндуӣ, таъсирпазириву таъсирнамоии якдигарии онҳо ва алоқамандии суфиёни ин сарзамин ба аҳли тасаввуфи дигар сарзаминҳои тоҷикнишин ҳанӯз баррасии илмӣ нашудааст.

Калидвожаҳо: суфизм, Ҳинд, таъсирпазирӣ, адабёт, ислом, браҳман, тоҷик, форсӣ

МУХАММАД ДАРА ШУКОХ – КЛАССИФИКАТОР СУФИЙСКИХ ТЕЧЕНИЙ

В статье рассказывается об изучении суфизма и о жизни и творчестве суфиев одним из известных и знающих индийских ученых и наследным принцем Мухаммадом Дара Шукох. В статье обсуждается вопрос, касающиеся впечатлительности Дара Шукоха в составлении «Сафинат-уль-Аулия» из «Тазкират-уль-Аулия» Аттара.

Также в статье отмечается, что вокруг распространения суфизма на индийской земле в таджикской литературе не проводилось фундаментальных исследований, на таджикском языке связь Исламского суфизма с индуистским брахманством, их влияние друг на друга и связь суфиев этой земли с суфиями других таджикских земель до сих пор не обсуждалась научным образом.

Ключевые слова: суфизм, Хинд, влияние, литература, ислам, брахман, таджик, персидский

MUHAMMAD DARO SHUKOH – CLASSIFIER OF SUFI MOVEMENTS

The article describes the study of Sufism and the life and work of Sufi`s by one of the famous Indian scientist and Prince Muhammad Daro Shukoh. Daro Shukoh's influence is expressed in the compilation of “Safinat-ul-Auliya” from Attar's “Tazkirat-ul-Auliya”.

The article also notes that no fundamental research has been conducted in Tajik literature around the spread of Sufism on Indian soil, and the connection of Islamic Sufism with Hindu Brahmanism, their influence on each other, and the connection of Sufi`s of this land with Sufis of other Tajik land has not yet been scientifically discussed in Tajik.

Key words: Sufism, Hind, influence, literature, Islam, Brahmin, Tajik, Persian.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Латифӣ Алихон Давлат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел. (+992) 98-519-28-06

Сведения об авторе: ***Латифи Алихон Давлат*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры индийской филологии факультета языки Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. **Тел.:** 98-519-28-06

Information about the author: ***Latifi Alikhon Davlat*** – Tajik National University, Docent of the Department of Indian Philology of the Faculty of languages Asia and Europa. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **Tel:** 98-519-28-06

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ЖАНРИ МАҚОМА ДАР АДАБИЁТИ АРАБ

Каримова Д.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Замони гароишҳо ба насри мусаҷҷаъ ва ороиши калом бо санъатҳои лафзиву маънавӣ дар насри ривоятии араб жанреро ба вуҷуд овард, ки онро мақома номиданд. Мақома жанрест, ки ба монанди як достони кӯтоҳ дар атрофи як қаҳрамони хаёлӣ давр мезанад ва саргузашти ӯро қисса мекунад. Мақома майдони нуктапардозӣ ва нишон додани маҳорату устодӣ дар раҳойӣ аз роҳҳои печ дар печи зиндагӣ ва ба навъи хос, барои нишон додани қудрати луғавӣ ва адабии нависандаи он мебошад. Дар мавриди ин, ки мақоманависӣ аз кай оғоз шуд ва чӣ марҳалаҳоро тай кард, миёни муаррихон ва адибон андешаҳои гуногун ҷой дорад.

Дар мақома маъмулан сухан дар бораи саргузашту моҷароҳои як шахсе меравад, ки бофтаи хаёли нависанда буда, айёриву зиракӣ, ҳиллагариву маккорӣ ва амсоли инҳо аз зумари хислатҳои ӯст. Мақома жанри адабӣ ва вожаи арабӣ буда, дар китобҳои луғат ба маънои мухталиф ба кор рафтааст. Ин вожа пас аз тағйири маънӣ дар даврaҳои гуногуни адабӣ ва иҷтимоӣ, саранҷом дар қарни IV-и ҳиҷрӣ ҳамчун фанни насрӣ истилоҳ шуда, машҳур гардидааст.

Мақома дар асарҳое, ки аз даврони ҷоҳилият боқӣ мондаанд, ба маънои маҷлис ё гурӯҳе, ки дар як маҷлис ҷамъ омадаанд, ба кор рафтааст. Ба ин маънӣ, дар дубайтии шоири даврaи ҷоҳилият Зуҳайр ибн Абисулма омадааст:

فِيهَا مَقَامَاتِ حِسَانٍ وجُوهِهَا وَانْدِيَةٍ يَنْتَابِهَا القَوْلُ وَالفِعْل

Тарҷума: *“Дар он мақомаҳои зебо ҷой дошта, ҳама ҷо таваҷҷуҳу диққат бар гуфтору рафтори ӯ равона аст”.*

Ибни Қутайба дар китоби худ “аш-Шеър ваш-шуаро” калимаи мақомаро ба маънои "вазъ" истифода бурдааст. Ал-Қалқашандӣ бошад, чунин қайд кардааст, ки маънои

калимаи “мақома” на фақат маҷлис, гурӯҳ ва ё ҷои ҷамъ шудани одамон, балки нақл ё қисса дар бораи ягон воқеа ё ҳодиса низ маънидод мегардад.

Аммо роҷеъ ба арзиши адабии мақомаҳо бояд гуфт, ки ҳарчанд онҳо дар қолаби достон навишта шуда бошанд ҳам, вале арзиши воқеии достонҳоро надоранд, зеро аз муҳимтарин хусусиятҳои достон, ин шахсиятҳои мумтози достонӣ, таҳлили равониву ахлоқӣ дар асар мебошад.

Аслан мақомаҳо барои ба намо гузоштани рӯзгори мардумони оддӣ ва онҳое, ки зиндагии қашоқонаву фақирона доранд, баён гардидаанд, ки ҳама ба як шакл нигориш ёфтаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар мақомаҳо беш аз он, ки ба мавзуъ пардохта шавад, ба услуб пардохта шуда, як силсила мавъизаҳо ва нуқтаҳои ширин, мисли чистонҳои луғавӣ ва наҳвӣ бо баёни зиҷал ва пур аз ғароиби лафзӣ дар шеваи мусаҷҷаъ баён гардидааст.

Аз ҷиҳати таърихӣ мақомаҳо тасвири ҷузъе аз зиндагии мардумонест, ки бо бенавоӣ ва нодориву дастнигарӣ (то ҷое гадоӣ низ) умр ба сар бурда, аз нокомиҳо ва нобарориҳои рӯзгор нолидаанд. Ин нуктаро борҳо Абулфатҳ ал-Искандарӣ дар мақомоти Бадеъуззамон тасвир карда, гуфтааст:

هذا الزمان مشوم	كما تراه غشوم
الحمق فيه مليح	والعقل عيب ولوم
والمال طيف ولكن	حول اللئام يحوم

Тарҷума:

«Ин рӯзгори наҳс ҳамон гуна ки аён аст, ситамгор аст,
Аҳмақӣ дар он боло гирифтаву ақлу тамиз доштан айбу нуқсон ҳисобида шудааст.
Мол хаёлию рӯъёиест, ки дар хоб хоҳӣ дид, вале дар гирди фурӯмоягон мечархад».

Дар гузашта мақомаҳо ҳамчун насри қофиядор (яъне дар санъати саҷъ) бо теъдоди зиёди воридоти шеърӣ таълиф мешуданд, ки дар ҳар сатр ташбеҳу муқоиса, зарбулмасалу афоризмҳо, иқтибосҳои адабӣ ва амсоли инҳо ҷой дошта, аз нуктапардозӣ, дониши қавӣ ва маҳорату малакаи луғавӣ ва адабии нависандаи он гувоҳӣ медод. Ҳамин тариқ, мақомасаройӣ ба ҳавзаи илмиву адабӣ ворид гардида, асосгузорон ва ҳаводорони худро пайдо кард.

Тибқи ахбори баъзе сарчашмаҳо аз қабили “ас-Субҳ-ул-аъшо”-и ал-Қалқашандӣ, асосгузори фанни ммақома Бадеъуззамон ал-Ҳамадонӣ мебошад. Аммо Ҷирҷӣ Зайдон бар ин бовар аст, ки Бадеъуззамон мақомоти худро ба шеваи номаҳои яке аз маъруфтарин забоншиносони даврони худ, Абулҳусайн Аҳмад ибни Форис нигоштааст. Ба ҳамин мазмун, гурӯҳе Муҳаммад ибн ал-Ҳасан ибни Дурайдро асосгузори фанни мақома медонанд.

Вале ба андешаи Ибни Абдурабиҳ соҳиби китоби «ал-Иқду-л-фарид» ва Ибни Қутайба пайдоиши мақомаҳо ҳанӯз ба давраи пештар аз Бадеъуззамон рост меояд. Аммо хидмати Бадеъуззамон дар шарҳу тавзеҳ ва низоми мақомаҳо дар ин аст, ки ӯ онҳоро бо тартиб ба як шакли хоси фаннӣ даровардааст, ки ин шакли хос дар ҳикояҳои Ибни Дурайд ба назар намерасад.

Бадеъуззамон аз ҳикояҳои Ибни Дурайд истифода бурда бошад ҳам, мақомаҳоро ба шеваи рисоланависӣ ва насри сохта, ки бо ороишҳои лафзӣ, махсусан саҷъ навишта, вазъу ҳолати иҷтимоии замонашро низ таҷассум намудааст. Мақомоти ӯ тасвире аз рӯзгори нафаронест, ки бо пешаи гадоӣ умр ба сар мебурданд. Аз ҷиҳати услуб бошад, тобеи завқи адабии маъмули замон аст, ки саҷъ ва рангубори бадеиро дар он даврон хеле меписандиданд ва насрро бо панду ҳикмат ва ашъор меоростанд.

Мероси адабии Бадеъуззамон асосан аз мақома иборат буда, дар маҷмуъ 91 мақомаи ӯ то замони мо расида, бо якчанд шарҳу тавзеҳот ба табъ расидааст. Ӯ дар ҳифзи шеър, забону адабиёт забардастарин олими замони худ буд. Аз ӯ девони ашъор ва маҷмӯаи рисолаҳо боқи мондааст. Аммо муҳимтарин таълифоти ӯ мақома аст, ки дар фанни мақоманависӣ қадимтарин китоб мебошад. Ба ҳар ҳол Бадеъуззамон нахустин нависандае

дар таърихи адабиёти араб аст, ки мақомаро ба маънии томи жанрӣ ва истилоҳии он таълиф карда, барои таҳаввули минбаъдаи мақоманависӣ замина муҳайё намудааст.

Дуюмин мақоманависи маъруфи адабиёти арабизабон, Абӯмуҳаммад Қосим ибн Алӣ ал-Ҳарирӣ аз нависандагони барҷастаест, ки тавассути мақомаҳояш шуҳрати зиёд касб кардааст. Дар замони худ Ҳарирӣ чун нависанда, шоир ва мунаққиди адаб шӯҳрат доштааст ва осоре аз худ дар ин мавзуот боқӣ мондааст. Машҳуртарин асари Ҳарирӣ мақомаҳои вай дониста шуда, 50 ададро дар бар гирифтааст ва ба вазир Шарафуддин Абӯнасри Анӯшервон бахшида шудааст.

Мақомаҳои Ҳарирӣ бо забонҳои гуногун тарҷума шудаанд ва олимони бузурге чун Акбарӣ ва Забирӣ ба ин мақомаҳо шарҳу тафсир навиштаанд. Ҳарирӣ мақомаҳояшро бо сухани ровӣ оғоз мекунад. Ӯ ҳамчун Бадеъуззамон танҳо бо овардани вожаи **" حَدَّ ثَنَا"** дар оғози мақомаҳояш иктифо намекунад, балки ҳар мақомаҳояшро бо вожаи ҷадид оғоз мекунад ва аз вожаҳое мисли **"أَ خْبَرَ، حَكَى، رَوَى، قَالَ، حَدَث "** истифода мебарад.

Мақомаҳо аз сохтору унсур ва хусусиятҳои гуногун иборат буда, ҳар яке дар мавриди худ шарҳу тавзеҳи хоси худро доранд.

Масалан, ровӣ шахсест, ки ҳаводиси мақомаро ба куллӣ пайгирӣ намуда, онро ривоят ва ё қисса мекунад. Ровии мақомаҳои Бадеъуззамон Исо ибни Ҳишом буда, марде аст аз аҳли сафар, ки гоҳе дар либоси савдогар ва гоҳо бо ҷомаи бенавоён намоён мешавад. Ровии мақомаҳои Ҳарирӣ Ҳорис ибни Ҳуммом мебошад, ки ӯ марди боиззат, саховатманд ва бошараф аст.

Ҳамин тариқ, ровиёни мақома дар бораи муаррифии худ, дар бораи қаҳрамони қисса ва таъсири ҳодисаҳои марбут ба ӯ, ва ҳамзамон дар бораи баъзе кирдорҳои қаҳрамони мақома, ки аз қабили қаллобӣ ва айёриро дар бар мегирад, андешаҳои худро баён месозанд. Бинобар ин, ҳамаи мақоманависон дар мақомаҳои худ ровӣ доштанд ва аз он дар нақли қиссаҳо истифода мебурданд.

Қаҳрамонони мақомаҳо низ фардияти худро дошта, аз шахсони воқеие иборат мебошанд, ки саросари қиссаро марбут ба худ сохтаанд. Қаҳрамони мақомаҳои Бадеъуззамон Абулфатҳи Искандарӣ аст, ки хислатҳои ҳиллагарӣ, айёрӣ ва масхарабозӣ дорад. Бинобар нақли ривоятҳо сабаби асосие, ки ӯро ба ин корҳо водор мекунад, ноадолатиҳои зиндагӣ ва моҷароҳои ӯ алайҳи ҷабру ситами рӯзгор мебошад. Абузайди Сирруҷӣ қаҳрамони мақомаҳои Ҳарирӣ буда, мардест, ки хислатҳои гуногун дорад. Ӯ гоҳо мисли дуздону ғоратгарон, гоҳо мисли гадоён ва баъзан ҳамчун шоиру хатиб ва амсоли инҳо дар мақома ҷилвагар мегардад.

Бо ҳамин тартиб, тамоми воқеаҳое, ки дар мақома дарҷ гардидаанд, тавассути ровӣ қисса шуда, дар заминаи мақома ҳам ровӣ ва ҳам қаҳрамон, инчунин тамоми персонажҳои дигари мақома алоқаманд мебошанд. Ба персонажҳои дигар бо қаҳрамони асосӣ дар рафти қисса ё ҳодисаи дар қисса ба вуқуъпайваста алоқамандӣ доранд ва онҳо ба мақомаҳо хусусияти воқеӣ мебахшанд. Чунончӣ, дар мақомаҳои Ҳарирӣ чунин шахсон дӯстони Ҳорис, хатибон, ҳамсар ва фарзандони Ҳарирӣ, амир ва ё дигарон мебошанд. Ин рукни асосиест, ки мақомаро аз дигар санъатҳои наср фарқ мекунонад. Дар он нависанда роҳҳову усулҳоеро, ки қаҳрамони қисса бо ҳиллаву найранг истифода мебарад, нишон медиҳад.

Унсурҳои мақома аз замон, ҳодиса, мушкилот ва ҳалли он, номи мақома ва шеъру ҳазл дар мақома иборат мебошанд. Азбаски мақома қиссаи хаёлии нависанда аст, дар он вақту замони аниқ нишон дода нашуда, танҳо ба таври маҷозӣ ишора мешаваду халос. Сабаби асосие, ки бо мақомаҳо оварда мешаванд, ҳодисаҳо буда, марбут ба рафтору кирдори қаҳрамони мақома мебошад. Ин нуқтаи авҷи мақомаҳост, ки воқеаҳо дар баробари шиддатнок шудан ва мураккабтар гардиданашон бояд ҳалли худро ёбанд. Зеро мушкилиҳо дар мақома аксаран ҳалли худро ёфта, гоҳо роҳи панду андарз ва ё суханони балоғӣ боиси пирӯзии қаҳрамон мегардад.

Мавзуоти мақомаҳо мухталиф буда, онҳоро ба мақомаҳои адабӣ, фиқхӣ, фукоҳӣ (мазҳакавӣ), ҳаммосӣ, хамрӣ, маҷҷонӣ (бемузд, ройгон) ва ғайра ҷудо кардаанд. Ин мавзуот дар мақомаҳои Бадеъуззамони Ҳамадонӣ бидуни риояи тартиб пайи ҳам оварда шуда бошанд ҳам, вале Ҳарирӣ, ки баъди Бадеъуззамон ба мақоманависӣ шуруъ кардааст, тамоми мавзуоти мақомаҳояшро аз рӯи тартиби махсус овардааст.

Маъмулан номи мақома аз шаҳре аст, ки маҷлиси мақома дар онҷо гузаштааст. Масалан: “ **المَقَامَة الدِمَشقِيَة، المَقَامَة التَبْرِزِيَة، المَقَامَة الرمَنِيَة، المَقَامَة المَغْرِبِيَة، المَقَامَة السَمَرقَنْدِيَة، المَقَامَة البَغْدَادِيَة، المَقَامَة الكُوفِيَة، المَقَامَة العِراقِيَة، المَقَامَة الصُرِيَة، المَقَامَة الآذربَايجانِيَة**” (мақомаи димишқӣ, табрезӣ, румманӣ, мағрибӣ, самарқандӣ, бағдодӣ, куфӣ, ироқӣ, озарбойҷонӣ ва ғайра Ва ё номи мақома аз ҳамон нуқта ё ақидае гирифта шудааст, ки мақома дар меҳвари он гирд омада, шакл гирифтааст. Ба монанди:**المَقَامَة الشِعْرِيَة المَقَامَة الحَرْزِيَة، المَقَامَة الخَمْرِيَة، المَقَامَة الدِيْنَارِيَة المَقَامَة الفَرْدِيَة،** (мақомаи шеърӣ, ҳирзӣ, хамрӣ, динорӣ, фардӣ ва ғайра).

Мақома ҳарчанд достони мансур бошад ҳам, гоҳе дар он шеърҳои худи муаллиф ё ашъори дигарон аз забони қаҳрамон оварда мешаванд. Гоҳе сурудани шеър дар мақома барои изҳори тавоноии муаллиф дар назм маҳорати ӯро нишон медиҳад. Доманаи баҳси мавзуот ва хусусиёти мақомаҳо васеъ буда, таҳлилу шарҳи фаротар аз инро тақозо менамояд.

АДАБИЁТ

1. Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён. - Хуҷанд, 1999.
2. Муъминов Х.К., Исаева Ф.А. ан-Нусус лил қироати ват тарҷамати. - Душанбе, 2009.
3. Шавқӣ Зайф. Таърих ал-адаб ал-араби. Ҷ.1. Ал-асрал-ҷоҳилӣ. - Қоҳира, 2004.
4. Шавқӣ Зайф. Таърих ал-адаб ал-арабӣ. Ҷ. 3. Ал-аср ал-аббосӣ-ал-аввал. - Қоҳира, 2004.
5. Таҳа Ҳусейн. Фӣ ал-адаб ал-ҷоҳилӣ. - Қоҳира, 2005.

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ЖАНРИ МАҚОМА ДАР АДАБИЁТИ АРАБ

Мақома жанрест, ки дар насри ривоятии араб бо ороиши калом ва санъатҳои лафзиву маънавӣ ҳанӯз аз даврони ҷоҳилият вуҷуд дошта, ба монанди як достони кӯтоҳ дар атрофи як қаҳрамони хаёлӣ давр мезанад ва саргузашти ӯро қисса мекунад. Мақомаҳо дорои мавзуву мундариҷа, сохтору унсур, услубу дигар арзишҳои адабӣ мебошанд, ки хусусияти хоси мақомаҳоро нишон медиҳанд.

Калидвожаҳо. Жанри мақома, мақомасароён, абёти шеърӣ дар мақома, сохтор ва рукнҳои он, ровиён ва қаҳрамонон, достонҳои таърихӣ.

ОСОБО-СПЕЦИФИЧЕСКИЙ ЖАНР МАКАМЫ В АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Макама это жанр, который существовало в арабской литературе ещё с древних времен. Этот жанр подобно рассказу, вращающемуся в округ вымышленного персонажа и рассказывающему его историю. Макамы имеют тематику и содержание, структуру стили и другие литературные ценности, которые отражают специфику данного жанра.

Ключевые слова. Жанр макамы, основатели данного жанра, арабская проза в данном жанре, структура и стопа жанра макамы, рассказчики и отважные герои, исторические легенды.

DISTINQUISHING FEATURES OF MAQAMS IN ARABIC LITERATURE

Maqamas is a genre that has existed in narrative Arabic prose with word ornaments and verbal and spiritual art since the time of ignorence, like a story revolving around a fictional character and telling his story. Maqamas have themes and content, structure and elements, styles and other liter

Keywords. Jaloluddin Balkhi-Rumi, the whole of Shams Tabrizi, arabic and persian poem, bilingual poetry, architectonics verse, variety of Aruza meters.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримова Дилором Баҳромовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Тел.:** (+992) 987262598. **E-mail:** dilorom.karimova.2023@mail.ru

Сведения об авторе: ***Каримова Дилором Бахромовна*** **–** Таджикский национальный университет, доцент кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Тел.:** (+992) 987262598. **E-mail:** dilorom.karimova.2023@mail.ru

Information about the author: ***Karimova Dilorom Bakhromovna*** – Tajik National University, the assistant professor Department of Arabic Philology the faculty of Asian and European languages. **Address:**734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 987262598. **E-mail:** dilorom.karimova.2023@mail.ru

ПЕРЕВОДЫ КАСЫДЫ «ЛАМИЯТ-УЛЬ-АДЖАМ» НА ЕВРОПЕЙСКИЕ ЯЗЫКИ: КРАТКИЙ ОБЗОР

Тураева Г.Б.
ГОУ "ХГУ имени академика Бободжона Гафурова"

Туграи Исфахани – выдающаяся фигура арабоязычной таджикско-персидской литературы и культуры эпохи Сельджуков, чья жизнь и творчество представляют собой мир, отражающий богатство и сложность того времени. Его наследие, охватывающее поэзию, научные труды и, возможно, иные жанры, до сих пор привлекает пристальное внимание исследователей из разных стран – от Европы до арабских государств, Ирана и Таджикистана. Изучение его биографии, политических взглядов, научных достижений и литературного мастерства позволяет глубже понять историю, культуру и интеллектуальную жизнь XI-XII веков.

«Ламият-уль-Аджам» является одним из первых арабоязычных литературных произведений, переведённых на европейские языки. Первый латинский перевод, выполненный Якобом Голи (Якобус Голиус), был опубликован в 1629 году. В предисловии Голи подробно рассматривает биографию Туграи, его поэтическое наследие и значение самой «Ламият-уль-Аджам», цитируя при этом труды арабских учёных [18,3-17].

В 1660 году П. Ваттиер представил французский перевод, основанный на латинском тексте Голи. Его предисловие также посвящено жизни и творчеству Туграи и высокой оценке «Ламият-уль-Аджам» [18, 5–15].

В 1661 году Е. Поккок опубликовал в Оксфорде свой латинский перевод с собственным введением (Поккок 7-14). На основе этого латинского текста Леонард Капеллов в 1758 году осуществил перевод на английский язык (Капеллов 3–20; Николсон, The Literary History of the Arabs 326). Дж. Д. Керлайл представил свой английский перевод в 1796 году, переизданный в Лондоне в 1840 году. Он также провёл исследование жизни Туграи Исфахани и его поэмы [4,46–62].

Европейские ученые проявляли интерес к творчеству Туграи Исфахани еще с XVII века, начиная с переводов и публикаций его стихотворений. Пионерами в этом деле как упоминалось ранее стали Якоб Голи, Ваттиер П. и . И.И.Рейске, заложившие фундамент для последующих исследований. В дальнейшем, работы таких известных востоковедов, как Э. Браун, К. Хюарт, Ф. Эте и Р. А. Никольсон, существенно обогатили наше понимание как самого поэта, так и контекста его деятельности. Эти исследователи, помимо анализа его поэтического стиля и тематики, часто затрагивали широкий круг вопросов, связанных с историей ислама и арабской литературы XI-XII веков, стремясь понять не только биографические детали, но и глубинные мотивы и цели творчества этого арабоязычного таджикско-персидского поэта.

Особый интерес к наследию поэта проявляли и немецкие ученые, особенно акцентируя внимание на его знаменитом произведении «Ламият-уль-Аджам» (Lamiyat-al-Ajam). Эта касыда, являющаяся одним из ярчайших образцов арабоязычной и таджикско-персидской литератур того периода, заслуживает отдельного глубокого исследования. Её анализ может дать ценную информацию о лингвистических особенностях, поэтических традициях и интеллектуальных дискуссиях эпохи поэта. Также помимо "Ламият-уль-Аджам", важно изучить и другие сохранившиеся произведения поэта, чтобы получить более полное представление о его творческом диапазоне и мировоззрении. Необходимо также учитывать политическую и культурную обстановку эпохи Сельджуков, чтобы оценить вклад Туграи Исфахани в развитие арабоязычной таджикско-персидской литературы и науки в контексте более широких исторических процессов.

Западные исследователи, занимаясь изучением и переводом трудов Туграи Исфахани, подчеркивали необходимость дальнейших исследований, направленных не только на анализ уже известных работ, но и на поиск новых рукописей. Они также настаивали на междисциплинарном подходе, объединяющем литературоведческий, исторический и лингвистический анализы. Только такой комплексный подход способен полностью

раскрыть значение литературного и научного наследия Туграи Исфахани и его вклад в мировую культуру.

Изучение "Ламият-уль-Аджам" Туграи Исфахани европейскими востоковедами имеет долгую и богатую историю. Карл Небель (Karl Ludwig von Knebel) осуществил перевод этой касыды с латинского на немецкий язык, предложив свою интерпретацию авторского замысла и оценив художественные достоинства произведения (Knebel, Karl Ludwig von. K.L. von Knebel's literarischer Nachlass und Briefweschel. Leipzig: Gebruder Reichenbach, 1840) [11]. Его работа заложила основу для последующих исследований, включая глубокий анализ переводов и комментариев к "Ламият-уль-Аджам", проведенный Карлом Броккельманном (Carl Brockelmann).

Вторая половина XX века и последующие десятилетия ознаменовались появлением целого поколения европейских востоковедов, посвятивших себя изучению жизни и творчества арабоязычных поэтов и писателей, в том числе и Туграи Исфахани. Среди них выделяются такие исследователи, как Ганс Вейтс [19] внесла значительный вклад в понимание поэтики Туграи Исфахани, и Катарина Моммсен, автор фундаментальной работы "Goethe and the Poets of Arabia" [11], посвященной влиянию арабской поэзии на творчество Гёте, где Туграи Исфахани занимает важное место. Эти ученые, опираясь на собственные исследования, опубликовали ряд монографий и статей, значительно расширивших общее знания о литературном и научном наследии поэта.

Европейские востоковеды проявляли значительный интерес к эпохе Сельджуков, стремясь понять эволюцию исламской цивилизации в этот период, анализируя политическую, социальную и литературную жизнь того времени. Это позволило им определить роль и место Туграи Исфахани в контексте арабоязычной таджикско-персидской литературы XI-XII веков, дать объективную оценку его творчеству. Однако, несмотря на значительные достижения европейского востоковедения, исследование взаимосвязи литературного наследия Туграи с традициями таджикско-персидской литературы остается недостаточно изученным аспектом. Более глубокий анализ этого аспекта, с учётом лингвистических и культурных параллелей, может расширить наше понимание вклада Туграи Исфахани в общее развитие литературы региона и пролить свет на малоизученные аспекты его творческого метода и источников вдохновения. В частности, необходимо обратить внимание на влияние персидской поэтической традиции на его стиль и тематику, а также проследить эволюцию его поэтического языка и его место в контексте литературной школы того времени.

Российские востоковеды, следуя примеру своих западных коллег, внесли значительный вклад в изучение жизни и творчества Туграи Исфахани. Исследования таких выдающихся ученых, как В.В. Бартольд, В.Р. Розен и И.Ю. Крачковский, осветили различные аспекты его литературного и научного наследия, представив ценную информацию о его биографии, поэтических особенностях, влиянии на последующие поколения писателей и его месте в контексте арабоязычной и, шире, средневековой литературы.

Вклад Бартольда [22], известного своими масштабными исследованиями истории Средней Азии и Ближнего Востока, скорее всего, заключался в включении информации о Туграи Исфахани в его более широкие работы по истории литературы и культуры региона. Розен, специалист по арабской филологии, вероятно, сосредоточился на лингвистическом анализе произведений поэта, изучая его словарный запас, стилистические приемы и особенности поэтического языка. Крачковский, выдающийся арабист и исследователь ислама, мог рассмотреть творчество Туграи Исфахани в контексте идейных и религиозных течений своей эпохи, анализируя религиозные мотивы, философские взгляды и отражение социально-политической реальности в его произведениях.

Важно отметить, что работы этих ученых, хотя и были выполнены в рамках более широких исследовательских проектов, послужили важной основой для понимания значимости Туграи Исфахани в контексте русского востоковедения. Их исследования, хотя и различаются по методологии и фокусу, в совокупности дают более полное

представление о творчестве поэта и его роли в истории арабоязычной таджикско-персидской литературы. Дальнейшие исследования в рамках диссертатционной работы выполненой автором данной статьи ориентировалась на систематизацию и анализ массива информации, собранной не только российскими востоковедами, но и отечественными, европейскими, арабскими и иранскими исследователями с целью создания более целостной картины научно-литературного наследия Тугpаи Исфахани и его вклада в мировую культуру.

Изучение жизни и творчества Тугpаи Исфахани, с особым акцентом на его знаменитую касыду "Ламият-уль-Аджам", привело к формированию целого направления исследований. Среди ученых, внесших значительный вклад в это направление, выделяется Е.Э. Бертельс, известный своими работами по истории и литературе тюркских и иранских народов. В своих исследованиях он высказывает мнение о значительной роли латинского перевода "Ламият-уль-Аджам", выполненного Голиусом (предположительно, речь идёт о Якове Голи), в популяризации как самой касыды, так и имени её автора. По мнению Бертельса, именно эта касыда принесла поэту широкую известность за пределами его родины [20].

Однако, важно отметить, что утверждение о всемирной известности Тугpаи Исфахани исключительно благодаря латинскому переводу Голиуса требует дальнейшего анализа. Хотя перевод, несомненно, сыграл важную роль в распространении информации о поэте на Западе, нельзя недооценивать влияние других факторов, таких как сохранение других рукописей его произведений, упоминания о нём в исторических хрониках и литературных антологиях. Более того, важно учитывать влияние устной традиции и распространение стихов Тугpаи Исфахани в различных регионах Ближнего и Среднего Востока. Поэтому утверждение Бертельса следует рассматривать как одно из мнений, требующее дополнительного подтверждения и более глубокого исследования в контексте всей истории восприятия и изучения творчества Тугpаи Исфахани. Комплексный анализ множества исторических и литературных источников, а также исследование различных переводов и интерпретаций его произведений, необходимы для более полного понимания факторов, способствовавших формированию репутации Тугpаи Исфахани как выдающегося поэта своей эпохи.

Исследование творчества Тугpаи Исфахани в контексте таджикско-персидской литературы было продолжено такими учеными, как А.Н. Болдырев и другими исследователями XI-XII веков. Хотя их работы были преимущественно посвящены более широкому кругу вопросов, связанных с литературой иранских народов в этот период, они тем не менее упоминали Тугpаи Исфахани, называя его произведения, в частности, "Ламият-уль-Аджам" [29]. Эти упоминания, хотя и не представляли собой глубоких исследований творчества поэта, содержали ценные сведения, полезные для формирования общего представления о его творчестве и месте в литературном процессе того времени. Их работы служили важным источником информации, помогая создать необходимый контекст для дальнейших исследований.

Значительным событием в изучении "Ламият-уль-Аджам" на русском языке стал перевод этого произведения, выполненный И.Н. Холмогоровым [30]. Этот перевод не только позволил русскоязычной аудитории ознакомиться с произведением Тугpаи Исфахани, но и содержал ценные биографические сведения о поэте, которые обогатили наше понимание его жизни и творческого пути. Важно отметить, что перевод Холмогорова, выполненный в конце XIX века, представляет собой исторически важный памятник русского востоковедения [30]. Анализ его работы с учетом современных методов и знаний может принести новые результаты, помогая оценить как сам перевод, так и исторический контекст, в котором он был создан. В связи с этим дальнейшие исследования должны быть направлены не только на изучение самого перевода, но и на изучение его влияния на дальнейшее изучение Тугpаи Исфахани в России.

Вклад В.М. Бейлиса в изучение жизни и творчества Тугpаи Исфахани значителен. В двух своих подробных статьях ("Везир Муаййад-уль-Мульк" и "К анализу источников для

биографии Абу Исмаила ал-Хусайна ат-Туграи") [25; 26] он провел глубокий анализ биографических данных, изучив различные источники и критически оценив наличие противоречий и неточностей в дошедших до нас сведениях. Его исследование не ограничивается простым изложением фактов, но представляет собой серьезную исследовательскую работу, стремящуюся восстановить наиболее правдоподобную картину жизни поэта. Бейлис вероятно сосредоточился на выявлении связей между биографическими данными и творчеством Туграи Исфахани, используя исторический контекст для интерпретации его произведений.

Он, по всей видимости, проанализировал роль Туграи Исфахани в политической и культурной жизни эпохи Сельджуков, рассмотрев его отношения с выдающимися деятелями того времени, включая, возможно, его связи с везирем Муаййад-уль-Мульком, упоминаемым в названии одной из статей. Важно отметить, что работа Бейлиса позволила не только уточнить биографические сведения о поэте, но и лучше понять влияние исторических событий на его творчество и его мировоззрение. Его исследования служили и продолжают служить важным вкладом в дальнейшее изучение Туграи Исфахани и эпохи, в которой он жил и творил. Дальнейшие исследования могут быть направлены на проверку его выводов и использование его работы в качестве основы для более глубокого анализа творчества поэта.

В целом, исследования российских и европейских востоковедов представляют собой объективную и многогранную оценку личности и творчества Туграи Исфахани. Однако, важно отметить, что "объективность" в научном исследовании — это скорее стремление к истине, чем достигнутый абсолют. Различные исследователи, опираясь на доступные им источники и используя разные методологические подходы, могли по-разному интерпретировать одинаковые факты, что приводило к некоторым отличиям в оценках. Тем не менее, общая тенденция к объективному изложению сведений о жизни и творчестве Туграи Исфахани прослеживается в большинстве работ.

Это достигалось благодаря критическому анализу источников, сравнительному изучению различных первичных и вторичных материалов, а также учету широкого исторического и культурного контекста. Важно также отметить, что в последние десятилетия произошел значительный прогресс в методах исследования, что позволяет ученым более глубоко и всесторонне анализировать творчество Туграи Исфахани, используя междисциплинарный подход, объединяющий литературоведение, историю, лингвистику и другие дисциплины. Таким образом, хотя полностью объективная оценка в гуманитарных науках является сложной задачей, исследования Туграи Исфахани продемонстрировали высокий уровень научной строгости и стремления к объективности в представлении его личности и творческого наследия.

ЛИТЕРАТУРА

1. Boyle J.A. The Saljuq and Mongol periods. The Cambridge history of Iran. Volume 5, Cambridge at the University press, 1968-736 p.
2. Brockelmann C. Geschichte arabischen Litteratur. Leipzig, 1909-280 p.
3. Browne, G. Edward. A Literary History of Persia. From the Earliest Times until Firdawsi. London-T.Fisher Unwin Ltd: Adelphi Terrace, 1908-548 pages.
4. Carlyle J.D. Specimens of Arabian Poetry, Cambridge 1796, 2.ed. London 1840, texte p. 46/62, trad. 107/28.
5. Daudpota U.M. The Influence of Arabic poetry on the development of Persian poetry. Bombay,1934-204 p.
6. Fraehn, Carmina Arabica duo, quae Lamica disuntur, Kasan 1814.
7. Huart, Clement. Litterature arabe. Histoires des litteratures. Librairie Armand Colin-Paris, 5, rue de Mezieres,1902-470p.
8. Gudolini et Buekmann, Lamicum Carmen abi Ism. T. lat. Expl. 1790.
9. Jacobi Golii. Poema Togral ex versione Latina. Cum scholiis et notis. Curante Henrico van der Sloot. Frane 2 Uerae 1629-193 pages.

10. Knebel, Karl Ludwig von. K.L. von Knebel's literarischer Nachlass und Briefweschel. Leipzig: Gebruder Reichenbach, 1840).
11. Mommsen Katharina. Goethe and the Poets of Arabia. (Translated by Michael M.Metzeger). New York, Camden House, 2014
12. Huart, Clement. Litterature arabe. Histoires des litteratures. Librairie Armand Colin-Paris, 5, rue de Mezieres,1902-470p.
13. Nicholson R.A. A Literary History of the Arabs. London T. Fisher Unwin Adelphi Terrace, 1907-536 pages.
14. Nöldeke, Theodor. Review of *Traité de gouvernement* by Neẓām-al-Molk, *ZDMG*46, 1892, pp. 761-68.
15. Pareau L.G. Specimen academicum cont. comment. De Tograi carmine, Trajecti ad. Rh. 1824.
16. Raux A. Publie evec les voyelles, un cmt. ar., un avant-propos et une trad. Franc. Par A.Raux, Paris 1903.
17. Reiske J, Thograis sogenantes Lamisches Gedisht, Friedrichstadt 1758. The traveler, an Ar. Poem, entitled Tograi, written by Abu-Ismail, transl. into Lat. Etc. by E.Pocock, now rendered into English etc. by L.C.Chappelow, Cambridge 1758.
18. Vattier P. L'Elegis de Tograi, Paris 1660. Poema Tograi cum vers. lat. J.Golii hactenus inedita, guam e mnsto Goliano praef. Et notis quibusdam auctani ed. M.Anchersen, Trajecti ad Rh. 1717 (s. Wahl, f. or. Lit. 1787, S. 60).
19. Weitz, Hans – J. «Goethe-Stundien. 2. Hatem Zograi.» Zeitschrift fur deutsche Philologie 70, no. 1 (1951): 73-77

Литература на русском

20. Бертельс Избран. Труд том 1 История персидско-таджикской лит. 496
21. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения, том I. Москва: Издательство Восточной литературы,1963-763 с.
22. Бартольд В.В. Начало халифата и арабской культуры. Сочинения,том VI. Москва, Наука,1966-с.174-178.
23. Бартольд В.В. Этнографический состав мусульманского мира. Значение арабского языка и арабской литературы. Сочинения,том VI. Москва, Наука,1966-с.231-253.
24. В.В.Бартольд. Сочинения. Том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Издательство Восточной литературы Москва, 1963-763 стр.
25. Бейлис В.М. Из истории везирата в период кризиса сельджукского государств. Везир Му'аййид ал-Мулк//Средневековый Восток. История, культура, источниковедение. – М., 1980. – с. 67-76.
26. Бейлис В.М. К анализу источников для биографии Абу Исмаила ал-Хусайна ат-Тограи//Восточное историческое источниковедение и специальные исторические дисциплины. – М.: Наука, 1994 – Вып.1.- с. 52-56.
27. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. Избранные труды. Москва: Наука,1988-558 с.
28. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. Избранные труды, том I. Москва: Изд-во восточной литературы,1960-556 с.
29. Болдырев А.Н. Отражение древних культурных традиций в классической литературе Ирана. История Иранского государства и культуры. К 2500-летию Иранского государства. Москва.: Наука,1971-с.250-261.
30. Всеобщая история литературы. Том второй. История средневековой литературы. С-Петербург. Издание Карла Риккера. Невский прос, дом №14, 1885. Стр. 368

МУРУРЕ БА ТАРҶУМАҲОИ ҚАСИДАИ «ЛАМИЯТ-УЛ-АҶАМ» БА ЗАБОНҲОИ АВРУПОӢ

Мақолаи мазкур шарҳи мухтасари таърихи тарҷумаи қасидаи «Ламият-ул-Аҷам»-и Туғрои Исфаҳонӣ ба забонҳои Аврупо мебошад, ки аз тарҷумаи аввалини лотинии Якоб Голи дар соли 1629 оғоз меёбад. Саҳми шарқшиносони аврупоӣ ва рус дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти шоир, аз асарҳои XVII то тадқиқоти муосир таҳлил карда мешавад. Дар мақола ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши «Ламият-ул-Аҷам», аз ҷумла таҳлили тарҷумаҳо, шарҳҳо ва тафсирҳои асар, инчунин аҳамияти он дар заминаи адабиёти арабизабони тоҷику форси асри XI-XII баррасӣ мегардад.

Таваҷҷуҳи махсус ба таъсири анъанаи шеъри тоҷикӣ-форсӣ ба услуби Туғрои Исфаҳонӣ ва нақши қасидаи ӯ дар ташаккули нуфузи шоири номвар равона мешавад. Мақола бар асоси доираи васеи манбаъҳо, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқони аврупоӣ ва рус асос ёфта, роҳи омӯзиши мероси адабии шоирро пешниҳод мекунад, ки таҳлили адабӣ, таърихӣ ва забоншиносиро дар як ҷой тавъам менамояд.

Калидвожаҳо: Ламият-ул-Аҷам, Туғроии Исфаҳонӣ, тарҷума, забонҳои аврупоӣ.

ПЕРЕВОДЫ КАСЫДЫ «ЛАМИЯТ-УЛЬ-АДЖАМ» НА ЕВРОПЕЙСКИЕ ЯЗЫКИ: КРАТКИЙ ОБЗОР

Данная статья представляет собой краткий обзор истории переводов касыды «Ламият-уль-Аджам» Туграи Исфахани на европейские языки, начиная с первого латинского перевода Якоба Голи в 1629 году. Анализируется вклад европейских и российских востоковедов в изучение жизни и творчества поэта, начиная с пионерских работ XVII века и до современных исследований. В статье рассматриваются различные аспекты изучения «Ламият-уль-Аджам», включая анализ переводов, комментариев и интерпретаций произведения, а также его значение в контексте арабоязычной таджикско-персидской литературы XI-XII веков. Особое внимание уделяется влиянию персидской поэтической традиции на стиль Туграи Исфахани и роли его касыды в формировании его репутации выдающегося поэта. Работа опирается на широкий круг источников, включая труды европейских и российских исследователей, и предлагает комплексный подход к изучению наследия поэта, объединяющий литературоведческий, исторический и лингвистический анализ.

Ключевые слова: Ламият-уль-Аджам, Туграи Исфахани, перевод, европейские языки

A BRIEF OVERVIEW OF TRANSLATIONS OF THE "LAMIYAT AL-AJAM" INTO EUROPEAN LANGUAGES

This article provides a concise overview of the history of translations of the poem "Lamiyat-al-Ajam" by Tugrai Isfahani into European languages, beginning with Jacob Golius's first Latin translation in 1629. It analyzes the contributions of European and Russian Orientalists to the study of the poet's life and work, from pioneering studies of the 17th century to contemporary research. The article examines various aspects of the study of "Lamiyat-al-Ajam," including an analysis of translations, commentaries, and interpretations of the work, as well as its significance within the context of Arabic Tajik-Persian literature of the 11th-12th centuries. Particular attention is paid to the influence of the Persian poetic tradition on Tugrai's style and the role of his poem in establishing his reputation as a prominent poet. The work draws on a wide range of sources, including the writings of European and Russian scholars, and offers a comprehensive approach to the study of the poet's legacy, combining literary, historical, and linguistic analysis.

Key words: Lamiyat-al-Ajam, Tugrai Isfahani, translation, European languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна*** **–** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров". **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992928670031. **E-mail:** gulorokhonturaeva@gmail.com; guloroturaeva@mail.ru

Информация об авторе: ***Тураева Гулорохон Бурхоновна*** – кандидат филологических наук, завкафедрой персидского и английского языков факультета восточных языков ГОУ "ХГУ имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992928670031. **Электронная почта**: gulorokhonturaeva@gmail.com; guloroturaeva@mail.ru

Information about the author: ***Turaeva Gulorokhon Burhonovna*** **–** candidate of philological sciences, Head of Persian and Chinese Languages Chair of ESS "KSU named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992928670031 **E-mail:** gulorokhonturaeva@gmail.com; guloroturaeva@mail.ru

ЗИКРИ ШАҲРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ТАЗКИРАИ «ҲАФТ ИҚЛИМ»-И АМИН АҲМАДИ РОЗӢ

Оқилова М.А., Абдуллоева Ш.Ҷ.
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

Сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофии бузургони илму хиради форсу тоҷик, ки бисёр аҳамияти бузург доранд, монанди «Маҷмаъу-л-ансоб», «Сувар-ул-ақолим» ва «Масолик ва-л-мамолик», «Ҳудуд-ул-олам» хеле зиёданд. Дар миёни онҳо асари нотакрори «Ҳудуд-ул-олам» ҷойгоҳи махсусро касб кардааст, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ин асар номи пурраш «Ҳудуд-ул-олам мина-л-Машриқ ила-л-Мағриб» - муаллифаш номаълум аст, аз кушоиш (сарсухан) оғоз гардида, дар қисмати асосии он дар бораи ободониҳо ва вайрониҳои замин, дарёҳо, ҷазираҳо, кӯҳҳо, рудҳо, биёбонҳо-регзорҳо ва ноҳияҳои ҷаҳон сухан меравад ва бо охирсухан ба анҷом мерасад [1; 2; 5; 7]. «Ҳудуд-ул-олам» китоби форсии ҷуғрофиё буда, ба солҳои 372-ҳиҷрӣ/ 982 мелодӣ тааллуқ дорад. Ин асар аз ҷумлаи машҳуртарин асарҳои ҷуғрофии дунёст, ки аз ҷониби муаллифи номаълуме таълиф шудааст. Нашри сеюми он дар Тоҷикистон зери назари академик Носирҷон Салимзода анҷом гирифт ва бо ҳидоят ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон ва ташаббуси Маркази «Тоҷикшиносӣ»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон дастраси хонандагон гардид. «Ҳудуд-ул-олам» соли 2014 дар нашриёти «Бухоро» дар ҳаҷми 415-саҳифа ба теъдоди маҳдуди 300 нусха ба табъ расидааст [8].

Яке аз ин гуна осори ба илми ҷуғрофия бахшидашуда «Ҳафт иқлим» аст. Муаллифи ин тазкира Амин Аҳмади Розӣ - шоир, адиб ва муаррих, олими ҷуғрофидони форсу тоҷик аст. Дар бораи Амин Аҳмади Розӣ, ки аз адибони номдори нимаи дуввуми асрҳои XVI-XVII аст, маълумоти кофӣ нест. Ҳамин қадар маълум аст, ки хонадони ӯ аз бузургони шаҳри Рай будааст ва ӯ ба кишвари Ҳинд сафар карда, то охири умр дар ҳамин ҷо умр басар бурдааст.

Нависандаи донишманд, ки аз асараш вусъати назар ва дониши ӯ маълум мегардад, барои тасдиқи фикри худ дар чанд маврид ишора менамояд, ки аз китобҳои қабл аз ӯ навишташуда, чун «Маҷмаъу-л-ансоб», «Аҷоиб-ул-булдон» «Сувар-ул-ақолим» ва «Масолик ва-л-мамолик», «Осор-ул-билод», «Равзат-ус-сафо», «Воқеоти Бобурӣ» истифода бурдааст [2; 3]. Чор асари аввал оид ба ҷойгиршавии иқлимҳо, кураи замин, рубъи маскун, яъне оид ба ҷуғрофиё буда, баёнгари он аст, ки гузаштагони мо натанҳо дар илмҳои адабӣ, бадеӣ, таъриху тиб, балки оид ба ҷуғрофия низ асарҳо таълиф намуда будаанд.

Амин Аҳмади Розӣ дар ҷилди севуми китоби хеш оид ба иқлими панҷум сухан ронда, дар ин қисми асар оид ба шаҳрҳои Моваруннаҳр, (**МОВАРО** *мо[1]-ва[2]-ро[1]* кит.он сӯ, он тараф; **МОВАРОУННАҲРӢ** *мо[1]-ва[2]-ро[1]-ун[2(1)]-наҳ[1]-рӣ[1]* мансуб ба моваруннаҳр; зода ва сокини Моваруннаҳр. [3, 1651; 7;2].

Нависандаи китоб оид ба шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Хутан, Хоразм, Фарғона, Исфара Кеш, Шош маълумот медиҳад. Чунончи нависанда дар бораи ин шаҳр маълумот меоварад, дар гузашта Хутан машҳур буда, аммо (дар замони Розӣ – А.Ш.) «... алҳол аз он мул ҷуз хуморе ва аз он гул ғайри хоре намонда» [3, 1651; 7;2]. Дар Хутан ду рӯдхона - Қароқош ва Аврангтош ҳаст, ки аз он ҷо санги яшб (навъе аз санги қиматбаҳо) мегирифтаанд. Мардуми ин ҷо савдо ва муомиларо ба чизҳо ва молҳо, чун карбос ва абрешим ва гандум, анҷом медиҳанд: «... чи ҳар матоъеро ба каму зиёди ин се ҷинс нархе гузоштаанд» [3,1651, 2; 6]. Дар рӯзҳои ҷумъа қариб бист ҳазор одамӣ аз атроф ба Хутан ҷамъ гашта, бад-ин тарз савдо менамоянд. Дар Хутан акка намебошад, агар ин ҷо пайдо шавад, онро ба фоли бад мегиранд. Дар замони собиқ аз Хутан ба Хито дар тӯли чаҳордаҳ рӯз мерафтаанд ва ин мобайн навъе ободонӣ буда, ки мардумро эҳтиёҷ ба ҳамроҳу қофила набуда, як касу ду кас осудахотир рафтуомад менамудаанд. Нависанда мегӯяд, ки ҳоло он роҳ аз ҷониби калмоққҳо баста шуда ва роҳе, ки алҳол ҳаст, сад манзил (ҷои исти корвон, истгоҳ) аст. Дар ин вилоят ғйри яшб, «санги фасонӣ (санги қайроқ) аст аз сапед ва гулгун, ки ба расми туҳфа ва ҳадя ба атрофу акноф мебаранд» [3, 1651; 2; 5]. Дигар аз аҷоиботи Хутан яке шутури саҳроӣ аст, ки агар онро навъе ба қайд ованд, ки озоре ба вай нарасад, борбардор мешавад ва дигар қутос аст, ки дар куҳҳои он вилоят бисёр мебошад ва зарари ӯ зиёда бар ҳайвоноти зараррасон аст, чӣ шох задан ва лагад кардан ва зер намудан ва лесидани ӯ тамом ба ҳалокат мерасонад. Нависанда аз шунидаҳои хеш дар бораи ин сарзамин чунин мегӯяд: «Мирзо Ҳайдар дар «Таърихи Рашидӣ» оварда, ки вақте аз Тибет/Таббат ба Бадахшон мерафтем, бисту як кас будем ва дар роҳ қутосеро куштем, ки чаҳор кас ба саъйи бисёр амъо ва шиканбаи онро берун оварданд ва баъд аз он ҷамоат ҷиҳати худ чандон, ки тавонистанд, аз гӯшти он бардоштанд .....» [3, 1651; 2; 5].

Дигар шаҳре, ки Розӣ дар бораи он менависад, Хуҷанд аст. Нависандаи тазкира хабар медиҳад, ки ин шаҳр ба ҷониби ғарбии Андиҷон воқеъ шуда ва то Андиҷон панҷ фарсанг аст, меваҳояш, хусусан, анор бисёр хуб мешавад. Қалъааш ниҳоят мустаҳкам буда, бар шимолрӯяаш кӯҳи Мевағул ҳаст, ки аз он ҷо фирӯза ёфт мешавад ва шикоргоҳи бисёр дорад, аммо «... ошӯби чашм бисёр бошад, то ҳадде ки гуфтаанд, ки гунҷишкро дар он вилоят ошӯби чашм мешавад» [3, 1630].

Дар миёни Хуҷанд ва Кандибодом, ки ҳам аз тавобеи Хуҷанд аст, даште аст, ки ҳамеша дар он дашт бод мевазад. Дар ин ҷо ривояте оварда шудааст, ки номи дашт аз он гирифта шудааст: «Гӯянд, вақте чанд дарвеше ба он дашт расида ва шиддати бод навъе будааст, ки онҳоро пароканда сохта ва баъд аз он ба талаби якдигар «ҳо дарвеш, ҳо дарвеш» гуфта тамом ҳалок шудаанд ва аз он замон то ҳол, он даштро «Ҳодарвеш» меноманд» [3, 1630].

Дар бораи мардуми Хуҷанд сухан ронда, нависанда дар бораи Шайх Камол маълумот медиҳад: «Аз мардуми Хуҷанд он чӣ ба назар омада, Шайх Камол аст, ки аз машоихи замони худ буда, ... аладдавом ба риёзат ва ибодат рӯзгор мегузаронида ва гоҳе ашъори обдор бар лавҳи рӯзгор сабт менамуда» [3, 1630; 4]. Розӣ дар боби маълумот оид ба ин шоири бузург ба маълумоти сарчашмаҳои дигар низ такя намудааст, чунончи аз Мавлавӣ ал-Ҷомӣ нақл мекунад, ки дар «Нафаҳот» оварда: «Вай бисёр бузург буда ва иштиғоли вай ба шеър ва такаллуф дар он ситр ва талбисро буда бошад», чунончи худ мегӯяд:

Ин такаллуфҳои ман дар шеъри ман,
Каллиминӣ ё Ҳумайроӣ ман аст [3, 1630-1631; 4].

Ва ҳам дар «Баҳористон» оварда, ки шеъри Шайх дар... диққати маонӣ ба мартабае аст, ки зиёда бар он набошад, аммо дар эроди амсол ва ихтиёри баҳрҳои сабук бо қофиятҳо ва радифҳои ғариб, ки саҳли мумтанеънамост, табъи Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ намуда, аммо он қадар маонии латиф, ки дар ашъори вай аст, дар ашъори Ҳасан нест ва ин, ки вайро «дузди Ҳасан мегӯянд» бинобар ҳамин татаббуъ аст, чунончи дар баъзе девони ӯ ин фард сабт аст:

Кас бар сари ҳеҷ рахна нагрифт маро,
Маълум ҳамешавад, ки дузди Ҳасанам» [4, 307].

Маълумоти тазкираҳо дар бораи ин ду бузургвори шеър низ оварда мешавад: «Нақл аст, ки Шайх Камол дар ашъори худ илтизоми саг бисёр намуда ва Ҳасани Деҳлавӣ дилбанд, вақте шахсе ҳар ду девонро дар як ҷилд дошта, ёре бад-ӯ расида гуфта: Онҳоро аз якдигар ҷудо соз, мабодо сагони Камол дилбандҳои Ҳасанро бихӯранд. ...Шайх аз ватани маълуф ба азми зиёрати Маккаи мутабаррика берун омада, хиттаи дилкушои Табрезро маҳалли иқомати худ гардонид ва умрҳо дар он макон ба сар бурд... Вафоти Шайх Камол дар сулс ва самона миата (803ҳ) дар Табрез даст дода ва бар лавҳи қабри вай ин байт навишта шуда:

Камол аз Каъба рафтӣ бар дари ёр,
Ҳазорат офарин, мардона рафтӣ» [4, 307].

Дигар аз шаҳрҳое, ки Розӣ дар бораи он маълумот медиҳад, Исфара аст. Ин шаҳр дар байни ғарбу ҷануби Марғинон воқеъ шуда ва то Марғинон нуҳ фарсанг аст, оби фаровон, боғу бӯстони зиёд дорад. Дар куҳистонаш ба ҷониби ҷунуб порчаи санге аст даҳ газ (ченаки дарозӣ =0, 95 см.- О.М., А.Ш.) бар ва ду газ баландӣ, ки ҳама чиз дар ӯ акс мегардад монанди оина ва аз ин сабаб онро «Санги оина» мегӯянд. Аз бузургони ин ҷо Маликулкалом Сайфуддин будааст, ки: «... ба сайфи баён тири фалакро, ки Уторуд аст, алкан (забонгирифта, сактазабон-А.Ш.) шумурдӣ ва ба масобеҳи қариҳат нури меҳру моҳро тираву торик хондӣ:

Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан баркашанд.
Булбули аршади суханпарварон,
Боз чӣ монанд бад-он дигарон» [3, 1626].

Сайфуддин дар охири умр ба Хоразм омада ва дар хидмати Эларслони Хоразмшоҳ муддатҳо бар сар бурда, аз ӯ осоишҳо дидааст. Нависанда ҳикояте меорад, ки Хоразмшоҳ фармуд, ки дар табъи Хоқонӣ қасидае бигӯяд, то лутфи табъи ӯ маълум гардад. Ва Сайфуддин дар тағйири қофия қасидае бигуфт, ки: «...ин чанд байт аз он ҷумла аст:

Шаб чу бардорад ниқоб аз ҳавдаҷи асрори ман,

Хуфта гирад субҳро оҳи дили бедори ман.
Дар шаби торик ҳайрат корвони субҳро,
Сад шабоҳанг аст дар як оҳи оташбори ман.
Ҳабиби субҳи покдоман Марямосо ҳар шабе,
Гардад обистан ба руҳ аз атсаи афкори ман,
Баҳри оташ мавҷ дорам дар бар аз тӯфони ғам.
Ганҷи бодоварди ӯ ганҷинаи асрори ман» [1, 1626].

Дигар аз шаҳрҳое, ки нависандаи тазкира онро аз шаҳрҳои муътабари Тӯрон мешуморад, Бухоро аст ва дар ғарби Самарқанд воқеъ шудааст. Ба зиёдии аҳолӣ, бисёрии ғалла ва хубии харбуза аз тамоми Мовароуннаҳр бартар аст. Нақл аст, ки: «Ҳазрати Расул(с) фармуданд: Зуд бошад дар Мовароуннаҳр шаҳре мафтуҳ шавад, ки мардумаш мустағриқи раҳмати илоҳӣ бошад» [3, 1576]. Инчунин дар бораи Бухоро оварда мешавад: «Бухороро аз он фохира гӯянд, ки рӯзи қиёмат ба касрати шуҳадо фахр ба дигар шаҳрҳо кунад».... Аз он шаҳр чандон авлиё ва фузало ва фусаҳо бархостаанд, чунончи дар як аср чаҳор ҳазор фақеҳ дар он шаҳр будаанд» [3, 1576].

Дигар аз мавзеъҳои Осиёи Миёна Хоразм буда, дар «Ҳафт иқлим» дар бораи он чунин маълумот дода шудааст: «Исми вилоят аст ва атрофи он биёбон аст ва ҳавои Хоразм. сард аст. Боиси ободияшро ба ривояте вобаста медонанд: яке аз шоҳони қадим бар гурӯҳе ғазаб карда фармуд, ки он ҷамоатро ба мавзее баранд, ки аз ободонӣ дур бошад. Фармонбардорон ба амри шоҳ онҳоро ба ин вилоят, ки алҳол Хоразм аст, оварда гузоштанд ва он ҷамоат дар он марзу бум офиятро ғанимат шумурда, ғарибона ҳар кас рӯ ба коре оварданд, то баъд аз чанд гоҳ малик аз аҳволи эшон бипурсид, гуфтанд:

«Маълумамон нашуд, ки бар анҷомашон чӣ рафт,
В-аз талху шӯр дар қадаҳу ҷомашон чӣ рафт» [3, 1490].

Маълумоти Розӣ доир ба номи «Хоразм» низ ҷолиб аст: «Ва малик касеро равон кард, ки аз ҳоли онон хабар гирад ва он шахс чун ба он макон расид, ки ҷиҳати худ хонаҳо сохтаанд ва ҳезуми бисёр ҷамъ оварда, ба гӯшти моҳӣ рӯз мегузаронанд. Чун ба забони он ҷамоат «хӯр» номи гӯшт ва «резам», номи ҳема (ҳезум) буда, ки аз он «Хоразм» шуҳрат ёфтааст [3, 1491]. Малик чун огоҳ шуд, фармуд то чаҳорсад зани турк барои эшон фиристоданд, чу он ҷамоат чаҳорсад нафар буданд. Баъди ин ададашон аз шумор даргузашта, бисёр шуданд. Розӣ дар вақти баёни шаҳру вилоёт аз воқеаҳои таърих низ маълумот медиҳад, чунончи мардуми Хоразм аксар лашкарӣ ва шуҷоъ мебошанд. Нақл карда мешавад, ки вақте султон Муҳаммад ибни Такаш аз ҳуҷуми муғул шикаст ёфта, ба шаҳр даромад, ҳамон сабоҳ сӣ ҳазор савор ба вай ҳамроҳ шуданд.

Дар «Ҳафт иқлим» дар бораи Самарқанд низ маълумот дода шудааст. Розӣ онро «билоди муаззам» номида, аз «Осор-ул-билод» чунин маълумот илова намудааст, ки аввал он шаҳрро Кайковус ибни Кайқубод бино ниҳода ва пас аз он Искандар садде маҳкам бар он сохта буд, дар хотимаи «Равзат-ус-сафо» омадааст: «... дар замони собиқ қалъае дошта, ки масофати давраш панҷоҳ ҳазор гом буда ва ба мурур мунҳадим (вайрон – М.О.,А.Ш.) гашта, чун ҷаҳонпаҳлавон Гуштосб бад-он ҷо расида, ганҷе ёфта, фармуд, то аз он ганҷ қалъаро сохтанд ва пас аз он Гуштосб ибни Луҳросб бори дигар он қалъаро ободон сохта ва деворе дар миёни вилояти Мовароуннаҳр ва Туркистон кашида ва чун навбат ба Сикандари Румӣ расид, фармуд, то Шамар номе, ки аз аҳли табааи Яман буд, он шаҳрро вайрон гардонида, чунончи аз он иморат асаре нагузошт ва пас аз он ба Шамарканд шӯҳрат ёфтааст: «Чун Шамар ибни Африқис ибни Абраҳа ба ҷониби машриқ ҳаракат намуд, ба вайрон кардани ин шаҳр, ки дар он вақт ободон буд, амр фармуд ва дар баробари он шаҳри дигар бунёд кард, ки туркон он шаҳрро Шамарканд гуфтандӣ, яъне деҳи Шамар, чун «канд» ба забони турк номи деҳ аст. Ин маълумоти Розӣ оид ба пайдоиши номи шаҳр хеле муҳим аст [3, 1510].

Розӣ аз ҳар китобе, ки доир ба мавзӯи пайгирифтааш дастрас мекунад, нақл намудааст: «...дар «Воқеоти Бобурӣ» омада, ки аҳли Самарқанд дар замони халифаи солис

мусалмон шудаанд ва аз тобеъин Қусам ибни Аббос бар он вилоят даст ёфта ва баъзе ӯро дохили саҳоба шумурдаанд ва қабраш дар Самарқанд бар канори Дарвозаи оҳанин ба Мазори Шоҳ шуҳрат дорад» [3,1510; 7;2]. Нависандаи тазкира маълумот медиҳад, ки дар ободонии Самарқанд Мирзо Улуғбеки Курагон кӯшид ва дар мобайни шаҳр мадраса ва хонақоҳ бино фармуд, инчунин расадхонае бунёд ниҳод, ки «Зиҷи Гурагонӣ» ном ҷадвали тақвим аз назораи он расадхона ба даст омадааст ва то ин дам аз тақвими Элхонӣ истифода мебурдаанд.

Дигар аз мавзее, ки дар Осиёи Миёна воқеъ аст, Мовароуннаҳр аст, ки хеле обод буда, бо зиёдии ҷамъият, ғаллаву меваи бисёр, чорвои хонагӣ, чарогоҳҳо аз дигар манотиқ бартарият дорад. Нависанда зикр менамояд, ки Мовароуннаҳр бо Фарғона, Кошғар, Тошканд ва аз ҷануб бо Балх ҳамҳудуд ва мобайни наҳри Ҷайҳун ва Сайҳун воқеъ аст. Розӣ чунин меорад, ки дар ин ҷо қаҳтӣ намешавад, агар шавад ҳам, дер намепояд. Розӣ ба дигар сарчашма такя мекунад, чунончи дар «Масолик ва мамолик» омадааст, ки манбаи оби Ҷайҳун куҳистони Бадахшон аст. Ҷайҳун дар миёни мағриб ва шимол воқеъ шуда, баъд аз масофати бисёр оби он ба вилояти Қубодиён ояд ва дар он ҷо панҷ оби дигар бад-он дохил шуда, Ҷайҳун ҳосил мешавад ва он мавзеъро Панҷоб меноманд. Ва баъд аз он аз канори Балх ва Туранд гузашта, ба кӯли Хоразм мерезад [3, 1509]. Муроди нависанда дарёи Панҷ аст, ки дар байни ду давлат- Тоҷикистону Афғонистон ҷорист ва ба баҳри Арал мерехт, имрӯз то ба ин ҳудуд рафта намерасад ва барои шодоб намудани заминҳои обёришавандаи ҷумҳурии ҳамсоя масраф мегардад.

Шаҳри Кеш да**р** ҷануби Самарқанд воқеъ шуда ва то Самарқанд бист фарсанг аст ва бинобар он ки» «... атрофаш дар ғояти ҳазрат ва сарсабзӣ мебошад ҳароина «*Қуббатулхузро»* ва «Шаҳри сабз»-аш низ меноманд» [3, 1564], музофоти Такоби тарғой, ки зодгоҳи Амир Темури Курагон аст ва Темур бисёр саъй намуд, ки онро пойтахт созад, бинобар ҳамсояи Самарқанд буданаш ин нияташ ҳосил нашуд. Амин Аҳмади Розӣ хабар медиҳад, ки асли Амир Хусрав низ аз шаҳри дилкаши Кеш будааст. Ин нукта дар китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ низ зикр ёфтааст: «аммо асли Амр хусрав турк аст. Гӯянд, асли ӯ аз шаҳри Кеш, ки он шаҳрро «Қуббат-ул-хазро» меноманд, будааст» [4, 229].

Дигар аз шаҳрҳои Осиёи Миёна, ки Розӣ дар бораи он маълумот медиҳад, Шош, ё Банокат буда, аммо имрӯз (дар замони нависанда – А.О) ба Тошканд ва Тошкент маъруф аст. Бояд зикр намуд, ки номи дигари ин шаҳр «Чоч», ё «Шош» аст, «ки номи қадимаи Тошканд аст» [3, 564], **ЧОЧ** *чоч*[3] - шаҳре будааст бо камонҳои худ машҳур, дар Тошканд, шаҳри Шош. [5, 585].

Нависанда хабар медиҳад, ки дар имороту бозораш ороиши зиёд набошад ҳам, аммо музофоташ ба ҳисоби фаровонии гулу лола ва афзунии об ниҳояти назорат дорад, хусусан, лолаи ҳафтранг ва оби ин сарзамин, ки хоссаи он вилоят аст: «... чӣ лолазори Тошканд ва гули сурхи Бухоро байнулҷумҳур машҳур аст ва дар он вилоят чоҳе аст, ки ҳар кӣ оби онро биошомад, ҳар хилти фосиде, ки дар меъдааш бошад, дафъ шавад ва агар он обро ба ҷое баранд, хун гардад ва агар ба масофате баъид баранд, санг шавад ва агар рукуъеро ба хуни ҳайз олуда сохта, дар он чоҳ афкананд, соиқа падид ояд, ки деворҳо бияфканад ва иморат вайрон созад ва айзан чашмае аст ки ҳамеша монанди дидаи золим беоб бошад ва чун андак саҳобе бар рӯйи ҳаво зоҳир гардад, барфавр аз он чашма об дар селон ояд» [3, 1640]. Дигар аз аҷоиботи Тошканд ин аст, ки дар интиҳои он вилоят кӯҳе аст, ки онро «ҷабали Асфара» гӯянд ва дар он кӯҳ чашмае аст, ки оби он нафт бошад ва дар зери он кӯҳ оҳан ва фирӯза ҳосил шавад ва ҳамчунин қариб ба ҳамон кӯҳ кӯҳе аст, ки сангаш чун ангишт оташ дар худ гирад ва бисӯзад ва ба хокистараш ҳар чӣ шӯянд, чун собун сафед ва покиза гардонад ва аз ин қабил хусусияти бисёр дорад.

Аз бузургони ин шаҳр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоили ал-Каффол фақеҳ ва муҳаддис ва шоир ва имоми аср буда ва аз фуқаҳо кас, ки аввал ба навиштани китоб пардохта, вай будааст ва фиқҳи шофеъиро дар Мовароуннаҳр ва Шош ӯ интишор додааст.

Шош Дигар Шайх Абӯисҳоқи Шерозӣ, ки дар «Табақоти фуқаҳо» сифати вай бисёр карда, вафоташро дар соли сесаду сӣ ва валодаташро дар соли дувисту наваду як навиштаанд. Инчунин нависанда илова мекунад: «Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Умар ал-маъруф ба ал-Мустансир ал-мулаққиб ба «Фахрулислом» аз фукаҳои шофеӣ аст ... дар Бағдод мударриси мадрасаи Низомия гардид. Валодаташ дар чаҳорсаду бисту нӯҳ ва фавташ дар понсаду ҳафт буда» [1; 3, 1641].

Маълумоте, ки нависандаи «Ҳафт иқлим» доир ба шаҳрҳои Осиёи Миёна, Мовароуннаҳр ва бузургони ин ҷойҳо додааст, хеле ҷолиб буда, дар омӯзиши таъриху ҷуғрофиёи шаҳру ноҳияҳои ин марзу бум, шоирону бузургони ин манотиқ ба мо кӯмак мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Деххудо, Алиакбар. Луғатнома. Ҷ.8. -Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1360.
2. Мухторов, Аҳрор. Амирон ва вазирони Сомонӣ. -Душанбе, 1997, - 162 с.
3. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. ҷ.1. -Теҳрон: Суруш. 1387. –515 с.
4. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. - Хуҷанд: Ношир, 2015. -544с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.1. -Душанбе, 2008. – 950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ.2. -Душанбе, 2008. – 945 с.
7. Ҳудуд ул-олам мин ал-Машриқ илал-Мағриб. Вироиши доктор Манучеҳр Сутуда. - Теҳрон: Интишороти китобхонаи Таҳурӣ, 1362. –119 с.
8. Ҳудуд-ул-олам. Душанбе: Бухоро, 2014. – 588 с.

ЗИКРИ ШАҲРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР ТАЗКИРАИ «ҲАФТ ИҚЛИМ»-И АМИН АҲМАДИ РОЗӢ

«Ҳафт иқлим» тазкираи ҷуғрофии нависандаи асри 16 Амин Аҳмади Розӣ аст. Дар «Ҳафт иқлим» оид ба шаҳрҳои Осиёи Миёна - Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Хутан, Хоразм, Фарғона, Исфара Кеш, Шош маълумот додааст. Нависанда дар бораи аҷоиботи ин шаҳрҳо, шахсони таърихӣ ва донишмандону бузургони ин ҷойҳо маълумоти муҳими таърихӣ додааст, ки аҳамияти ҷуғрофӣ ва адабию таърихӣ доранд.

Калидвожаҳо: Амин Аҳмади Розӣ, тазкираи «Ҳафт иқлим», Осиёи Миёна, шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Хутан, Хоразм, Фарғона, Исфара Кеш, Шош.

УПОМИНАНИЕ ГОРОДОВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В ТАЗКИРА «СЕМЬ КЛИМАТОВ» АМИНА АХМАДА РАЗИ

«Семь климатов» — географический трактат писателя XVI века Амина Ахмада Рази. В «Семи климатах» он дал сведения о городах Средней Азии — Самарканде, Бухаре, Ходженте, Хотане, Хорезме, Фергане, Исфаре, Кеше и Шаше. Автор предоставил важную историческую информацию о чудесах этих городов, исторических деятелях, ученых и великих людях этих мест, имеющих географическое, литературное и историческое значение.

Ключевые слова: Амин Ахмади Рази, мемориал «Семь климатов», Средняя Азия, города Самарканд, Бухара, Худжанд, Хотан, Хорезм, Фергана, Исфара, Кеш, Шош.

MENTION OF CENTRAL ASIAN CITIES IN THE MEMOIR «THE SEVEN CLIMATES» BY AMIN AHMAD RAZI

«The Seven Climates» is a geographical memoir by the 16th century writer Amin Ahmad Razi. In «The Seven Climates», he provided information about the cities of Central Asia - Samarkand, Bukhara, Khujand, Khotan, Khorezm, Fergana, Isfara Kesh, Shosh. The writer provided important historical information about the wonders of these cities, historical figures, and scholars and great people of these places, which have geographical, literary, and historical significance.

Keywords: Amin Ahmad Razi, memoir «The Seven Climates», Central Asia, cities of Samarkand, Bukhara, Khujand, Khotan, Khorezm, Fergana, Isfara Kesh, Shosh.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Оқилова Муътабар Аҳмадҷоновна **–** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии факултети забонҳои шарқ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Тел.: (+992) 92-700-39-95. **E-mail**: mutabar57@mail.ru

Абдуллоева Шаҳло Ҷумаевна – магистранти кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. **Тел.:** (+992) 92-700-39-95. **E-mail**: mutabar57@mail.ru

Сведения об авторах:

Окилова Муътабар Ахмадджановна – ГОУ «Худжандский государственный Университет имени академика Б.Гафурова», кандидат филологических наук, доцент кафедры персидского и китайского языков, факультет восточных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбеков, 1. **Тел.**: (+992) 92-700-39-95. **E-mail:** mutabar57@mail.ru

Абдуллоева Шахло Джумаевна – магистрант кафедры грамматики арабского языка Абдуллоева Шахло – магистрант кафедры грамматики арабского языка Худжандского Государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбеков, 1. **Тел.**: (+992) 92-700-39-95. **E-mail:** mutabar57@mail.ru.

Information about the authors:

Okilova Mutabar Ahmadjanovna – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Persian and Chinese Languages, Faculty of Oriental Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue, 1. **Tel.:** (+992) 92-700-39-95. **E-mail:** mutabar57@mail.ru

Abdulloeva Shahlo Jumaevna – is a graduate student of the Department of Arabic Grammar of Khujand State University named after Academician B.Gafurov. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue, 1. **Tel.:** (+992) 92-700-39-95. **E-mail:** mutabar57@mail.ru

СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ ОПИСАНИЕ КОНЦЕПТА «ЖЕНЩИНА» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ САДРИДДИНА АЙНИ «ЁДДОШТҲО» («ВОСПОМИНАНИЯ»)

Дададжанова И.Б.
Таджикский национальный университет

Общеизвестно, что изучение отдельной национальной литературы нельзя без изучения произведений мировой литературы. Литература любой нации и страны обязательно взаимодействует с культурой и литературой других стран в период своего развития. «Сейчас уже невозможно изолированное, узконациональное изучение литературы» [2, 5].

Классическая таджикская литература имеет более чем тысячелетнюю историю, и большинство ее произведений вошли в мировую цивилизацию как бесценные произведения человечества. В данной статье сопоставляется и описывается концепт «женщина» в таджикском и английском языках (на примере произведения Садриддина Айни «Ёддоштҳо» («Воспоминания»).

Женский образ - один из самых интересных и загадочных в мировой литературе. Проблема концепта и его описание является одним из сложнейших в современной науке о языке. Необходимо отметить, что концепт «женщина» относится к числу основных концептов в сознании таджикского и английского народов. Культурно-исторические, социально-экономические и естественнонаучные факторы влияют на его развитие и содержание, определяя общие и национально-специфические характеристики концепта «женщина».

Концепт «женщина» в литературных произведениях включает в себя различные категории: описание внешности персонажа (того, как его представляет себе автор), его характера, манеры говорить, двигаться, выражать эмоции. Автор воздействует на читателя, передает ему свое собственное восприятие героя.

В ходе анализа произведения С. Айни «Ёддоштҳо» («Воспоминания») были выявлены различные лексические средства, используемые автором для передачи концепта «женщина» в характере, эмоционального и физического состояния женских образов, их отношения к происходящему. Одна из героин данного произведения - Хабиба, дочь имама, через образ которого писатель описывает все характеристики концепта «женщина» - остроумие, красота, находчивость, образованность, воспитанность и т.д. Приведем примеры:

Ҳабиба бо духтари хатиб, ки Кутбия ном дошт, **ҳамкад** буда, ҳар дуи онҳо **калонсолтарини** духтарони он мактаб буданд. Аммо Ҳабиба аз духтари хатиб **донотар, гапзантар**, дар китобхонӣ **устотар** буд [10, 81].

Habiba and the khatib's daughter, Qutbiya, were the **same age**, and were the **oldest** girls at the school. But Habiba was **smarter**, **more talkative**, and **better** at her lessons than Qutbiya [11, 101].

На лексическом уровне как в таджикском, так и в английском произведениях для описания концепта «женщина» характерно употребление:

- синонимов: ... падари Ҳабиба имоми деҳаи худ буда, аз хушсаводтарин имомҳои он давру пеш аст ва духтарашро худ хононда, соҳиби **хату савод** кардааст [10, 81].

Habiba's father was the imam of his village, one of the most literate imams in the region, and had himself taught his daughter **to read and write** [11, 101].

Сухан ба болои **«ёр», «дилдор», «маъшуқа»** ё **«шоҳид»** равад, мисол карда духтари хатибро нишон медод, агар дар байт калимаи **«ошиқ», «ошуфта», «дилдода»** ё **«дилшуда»** дида шавад, худашро мисоли он калимахо мешуморид [10, 81].

В данном предложении слова **«ёр», «дилдор», «маъшуқа» ё «шоҳид», «ошиқ», «ошуфта», «дилдода» ё «дилшуда»** являются синонимами, так как они выражают одно значение – возлюбленный, влюбленный.

For the terms *«yor»* (inseparable) companion, «***dildor»*** captivator, «***ma'shuqa,*** **beloved** or ***shohid»,*** «**beauty***»*, she would point to the khatib's daughter as an example; and when a word such as ***oshiq*** «lover», ***oshufta*** «distracted», ***dildoda*** «devoted», or ***dilshuda*** «enamored», came up, she would claim herself as an example [11, 101].

- антонимов:

- Ман чӣ медонам, ки аҳволаш **бадтар** аст ё **беҳтар**? — гуфтам ман дар ҳолате, ки дар чашмонам об чарх мезад [10, 148].

- «How do I know if he's **better** or **worse**?» I asked him, my eyes filling with tears [11, 167].

Ҳабиба дар ҷавоби ин суханони ӯ «кошкӣ пеш кунанд» гӯён оҳе мекашид ва ин сухани ӯ ба назари кас на **шӯхӣ**, балки **ҷиддӣ** барин менамуд [10, 81].

Habiba would answer, with a sigh, "Oh, if only they would!» in such a way as to leave no doubt that she was **serious** [11, 101].

- Хуб, гапатон **рост баромад ё не**? — гуён бо оҳанги касе, ки масъаларо ҳанӯз худ намедонад, ман аз ӯ пурсидам [10, 169].

- Well, were you **right or not**?» I asked him, as though I still did not know how the issue stood [11, 191].

В вышеприведенных примерах в таджикском языке антонимами являются **бадтар – беҳтар, шӯхӣ – ҷиддӣ, рост баромад ё не,** а в английсих предложениях **better – worse, serious right or not.**

- заимствований:

Сухан ба болои **«ёр», «дилдор», «маъшуқа»** ё **«шоҳид»** равад, мисол карда духтари хатибро нишон медод, агар дар байт калимаи **«ошиқ», «ошуфта», «дилдода»** ё **«дилшуда»** дида шавад, худашро мисоли он калимахо мешуморид [10, 81].

For the terms *«yor»* (inseparable) companion, «***dildor»*** captivator, «***ma'shuqa,*** **beloved** or ***shohid»,*** «**beauty***»*, she would point to the khatib's daughter as an example; and when a word such as ***oshiq*** «lover», ***oshufta*** «distracted», ***dildoda*** «devoted», or ***dilshuda*** «enamored», came up, she would claim herself as an example [11, 101].

В данном предложении **«маъшуқа», «шоҳид», «ошиқ»** являются заимствованиями словами. Они были заимствованы из арабского языка и прочно вошли в обиход таджикского языка.

- фразеологизмов:

Ҳабиба баъд аз ба ман ду-се бор хондани он ғазал, китобро ба дасташ бардошта он ғазалро чунон **дилсӯзона хонд**, ки дар чашмони худаш об чарх зад ва ба ман ҳам оҳанги ҳазинонаи ӯ чунон таъсир кард, ки пуштам вақаррос задан гирифт [10, 82].

Habiba had me repeat it several times, then she picked up the book and recited the ghazal so **sadly and hauntingly** that her own eyes brimmed with tears and my spine began to tingle ... [11, 102].

Бо ин супориши он духтар дар дили ман хурсандие пайдо шуда буд ва худ ба худ фикр мекардам; «Шояд бо он гуле, ки ман хоҳам овард, **дарди дили** ӯ бартараф шавад, ё сабук гардад ва он орзуе, ки дар вақти ғазалхонии ӯ **дар дили ман гузашта** буд, ба вуҷуд ояд» [10, 82].

I felt a thrill of pleasure at being entrusted with this errand, and thought to myself that by bringing her the rose I would perhaps be easing her pain and fulfilling the wish I had conceived when she was reciting the love-poem [11, 102].

- Духтарам, туро кӣ **аз роҳ баровард**? [10, 90].

- «Who has led you astray, my daughter?» [11, 109]

В данных предложениях слова и словосочетания **дилсӯзона**, **дарди дил, дар дил гузаштан, аз роҳ баровардан** являются **фразеологизмами** и автор через них выражает душевное состояние девушки в произведении.

Ввиду большого объёма лексики таджикского и английского языков были описаны их небольшая часть. Как замечает Д. Кристал, исследователями были теоретически разработки основные понятия (семантические поля, синонимия, антонимия), попытки общей классификации и детальные исследования небольших областей значения [3, 156]. В лингвистике наименования женщин в английском языке исследовались в работах на смежные темы, но анализировались отдельные явления [1, 44-50].

Анализ наименований женщин в английском языке частично проводился в трудах зарубежных лингвистов - приверженцев феминизма, которые уделяли внимание социальным причинам функционирования, в основном, оскорбительных для женщины наименований. Но к сожалению, в таджикской лингвистике таких работ очень мало.

Сопоставительный анализ понятийного, образного и ценностного компонентов концепта «женщина» позволяет рассмотреть различные подходы к его интерпретации, наличие, помимо общих характеристик, существенного количества отличительных черт, обусловленных национально-культурной спецификой данного концепта в таджикском и английском языках.

В «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Толковый словарь таджикского языка)» слову «женщина» - «зан» дается следующая дефиниция: «**ЗАН** 1 **زن** . ҷинси модинаи инсон, ҷинси муқобили мард. 2. завҷа, аёл, ҳамсари мард; **зани бева** зани бешавҳар, бевазан; **зани меҳнатӣ** зани меҳнатдӯст, зани серғайрат; **зани муштипар** зани нотавон, оҷиза, заифа; **зан гирифтан** духтареро ба ақди никоҳи худ даровардан, издивоҷ кардан, хонадор шудан; **зан додан** *касеро* зандор кардан, хонадор намудан касеро; **зан шудан** *ба касе* ба шавҳар баромадан, бо марде издивоҷ кардан, ба қайди никоҳи марде даромадан» [9, 507].

В словаре Мюллера концепт «женщина» определяется следующим образом: **woman I** *n* женщина; **old** ~ старуха; ~ **doctor** женщина-врач; **II** *adj* женский; **women's rights** женские права **woman_hater** *n* женоненавистник **womanhood** *n* **1.** женская зрелость; **2.** женственность **womanish** *adj* женоподобный; женский **womanizer** *n* бабник **womankind** *n собир.* женщины **womanlike** *adj* подобный женщине **womanliness** *n* женственность **womanly** *adj* женственный, нежный, мягкий [7, 903].

В «Словаре русского языка» С.И. Ожегова дается следующее определение слова «Женщина»: «**Женщина**. 1. Лицо, противоположное мужчине по полу; та, которая рожает детей и кормит их грудью. 2. Взрослая, в отличие от девочки, девушки. 3. Лицо женского пола, вступившее в брачные отношения. Она стала женщиной» [8, 164].

А в «Словаре русского языка» Т.Ф. Ефремова дает следующее определение слову «женщина»: «**Женщина**. 1. Лицо, противоположное по полу мужчине. 2. Лицо женского пола как воплощение свойств, качеств этого пола. 3. Лицо женского пола, состоящее или состоявшее в браке» [6, 101].

Как видим, в данных словарях концепт «женщина» рассматривается в первую очередь с точки зрения ее физиологических и возрастных характеристик, социальный статус здесь определяется лишь со стороны семейного положения.

Анализируя собранного материала и сопоставляя их на таджикском и английском языках обнаружены соответствия наименований лиц женского пола в понятии «женщина»,

где женщина-мать, вот тот первый человек, с которым будет взаимодействовать новорожденный, и можно сказать, что именно её глазами маленькое существо смотрит на окружающий его мир, т.е. он воспринимает его через призму материнского восприятия. Иными словами, мать закладывает в сознание своего ребенка основы картины мира, которые характерны для его народа и нации. И именно она способствует тому, чтобы у ребенка сформировалось правильное отношение к женщине. Потому как именно с неё начинается жизнь на земле.

Образ мудрой, всезнающей женщины, хранительницы очага воссоздаётся благодаря этому примеру. Женщины рачительной, пекущейся о благосостоянии семьи, мужа, детей. Женщина в руках, у которой спорится любая работа, от которой веет неповторимой и непередаваемой аурой уюта, тепла, аурой красивого, ухоженного дома где-нибудь в деревне. Женщина, которая имеет доброе, приветливое лицо, и морщинки, которые разлетаются солнечными лучиками вокруг глаз, когда она смеётся.

В обеих культурах для описания концепта «женщина» используется такое качество, как женская красота. В английском языке были выявлены следующие выражения, положительно описывающие данную внешнюю характеристику женщины: **a rose between two thorns -** роза между двумя шипами**; the belle of the ball -** красавица бала**; pretty as a picture -** красивая, как картинка**; cover girl -** девушка с обложки**; a pin-up girl -** очаровательная девушка**; a glamour girl** - гламурная девушка**; a red hot mamma (Am.)** - раскаленная мамаша (Ам.)**; as red as a cherry** - красная, как вишня**; to have roses in one's cheeks** - иметь розы на щеках**; a slick chick** - ловкая цыпочка**; a dolly bird** - птичка-куколка**; alpha girl** - альфа-девочка**; campus queen** - королева кампуса**; perfect picture** - идеальное изображение**; work of art** - произведение искусства**; beauty of a looker** - красота зрительницы**; catchy cutie** - запоминающаяся милашка**; flesh-and-blood angel** - ангел из плоти и крови**; cherry blossom** - вишня в цвету [7].

Можно сделать вывод о том, что английский язык подчеркивает женскую красоту при помощи обращения к символам природы (**roses, cherries, thorns**), а также к бытовым и социальным реалиям (**pin-up, a cover, glamour**). В таджикском же языке данное качество выражено в ряде следующих лексических единиц **зан, аврат, ачуза, малика, маҳбуба, маъсума, кадбону, кайбону, модар, пиразан**, **чинси латиф, малак**, **дилбар зебосанам** [9].

Таким образом, слова, обозначающие понятие «женщина», являются одной из мало изученных областей лексической системы таджикского и английского языков. В связи с этим изучение слов, обозначающих понятие «женщина», представляется нам актуальным. Кроме того, актуальным является системное познание лексики, в нашем случае, тематической группы слов, обозначающих понятие «женщина» в данных языках. В литературе отмечается, что негативные характеристики женщины встречаются также в текстовых фрагментах, рассказывающих о женщине, где контекст имплицирует доминирование «патриархального мира» [4, 163-178]. Так, проведенный Р.Б. Наиром гендерно-лингвистический анализ брачных объявлений позволил заключить, что социокультурная дифференциация пола закодирована в самом языке лингвокультурного сообщества [5, 227-254].

Процесс создания литературного образа зависит от творческого мастерства писателя, эпохи создания текста и различных социальных, бытовых, экономических и культурных аспектов времени, в котором живет автор и которое описывается в тексте. Каждое столетие создает свои особенные герои слабой половины человечества. Женщинам посвящены многие произведения известных писателей, и благодаря им, мы можем представить образ женщины каждой эпохи и понять их мораль и сущность.

ЛИТЕРАТУРА

Научная литература

1. Артёмова А.В. Эмотивно-оценочная объективация концепта «Женщина» в семантике фразеологических единиц: На материале английской и русской фразеологии. фразеологии): дисс. канд. филол. наук. - Пятигорск, 2000. - 177с.

2. Кулешов Ф.И. Лекции по истории русской литературы конца XIX - начала XX в. Для филол. фак. ун-тов и ин-тов. - Минск: Изд-во БГУ, 1976. - 366 с.
3. Crystal David English as a global language / David Crystal. - 2nd ed. - Cambridge university press, 2004.
4. Hastert M.P., Weber J.J. Power and mutuality in Middlemarch // Language, text and context. London, New York, 1992. - P. 163-178.
5. Nair Rukimini Bhaya. Gender, genre, and generative grammar. Deconstructing the matrimonial column // Language, text and context. London, New York, 1992. - P. 227-254.

Лексикографические источники

6. Ефремова Т.Ф.Новый словарь русского языка. Толково-словообразовательный. В 2 т. / Т. Ф. Ефремова. - Москва : Рус. яз., 2000. - Библиотека словарей русского языка. - 1084 с.
7. Мюллер В.К. Полный англо-русский русско-английский словарь. 300 000 слов и выражений. [Текст] // В.К. Мюллер. – М.: Эксмо, Мюллер 2013. – 1328 с. – (Библиотека словарей Мюллера).
8. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов, Н. Ю. Шведова. Изд. 4-е. – М.: Азъ, 1991. – 2145 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 1. (ФТЗТ) – Душанбе, Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. –950 с.

Художественная литература

10. Айнӣ Садриддин. Ёддоштҳо, қисми 1, 2. - Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
11. Aini S. The Sands of Oxus. Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini / S. Aini: translated from the Tajik Persian with an introduction by John R. Perry and Rachel Lehr. – USA: Mazda publishers, 1998. – 277 p.

ТАВСИФИ МУҚОИСАВИИ МАФҲУМИ «ЗАН» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (ДАР АСОСИ АСАРИ САДРИДДИН АЙНӢ «ЁДДОШҲО»)

Асарҳои адибони хориҷӣ ба адабиёти миллӣ таъсир расонида, онро бо таҷрибаи нодир ғанӣ мегардонанд. Адабиёти классикии тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дорад ва аксари асарҳои он ҳамчун осори бебаҳои инсоният ба тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шудаанд. Дар мақолаи мазкур мафҳуми «зан» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари Садриддин Айнӣ «Ёддоштҳо») муқоиса ва баррасӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки мафҳуми «зан» яке аз мафҳумҳои калидӣ дар шуури ҳам мардуми тоҷик ва ҳам англис ба шумор меравад. Мафҳуми «зан» категорияҳои гуногунро дар бар мегирад: тавсифи намуди зоҳирии қаҳрамон аз нигоҳи муаллиф, характери ӯ, тарзи суханронӣ, ҳаракат, ифодаи эҳсосот. Муаллиф ба хонанда таъсир расонда, эҳсосоти худро нисбат ба қаҳрамон, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ӯ, инчунин симоҳои занона, муносибати онҳо ба воқеаҳои рӯйдода ва ғайраро баён мекунад.

Калидвожаҳо: мафҳуми «зан», тоҷикӣ, англисӣ, забон, адабиёт, асар, калима, ибора, ҷумла, лексика.

СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ ОПИСАНИЕ КОНЦЕПТА «ЖЕНЩИНА» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ САДРИДДИНА АЙНИ «ЁДДОШТҲО» («ВОСПОМИНАНИЯ»)

Произведения зарубежных авторов влияют на национальную литературу, обогащая ее неповторимым опытом. Классическая таджикская литература имеет более чем тысячелетнюю историю, и большинство ее произведений вошли в мировую цивилизацию как бесценные произведения человечества. В данной статье сопоставляется и описывается концепт «женщина» в таджикском и английском языках (на примере произведения Садриддина Айни «Ёддоштҳо» («Воспоминания»). Необходимо отметить, что концепт «женщина» относится к числу основных концептов в сознании таджикского и английского народов. Концепт «женщина» включает в себя различные категории: описание внешности персонажа по мнению автора, его характера, манеры говорить, двигаться, выражать эмоции. Автор воздействует на читателя, передает ему свое собственное восприятие героя, их эмоционального и физического состояния, в том числе и женских образов, их отношения к происходящему и т.п.

Ключевые слова: концепт «женщина», таджикский, английский, язык, литература, произведение, слова, словосочетание, предложение, лексика.

COMPARATIVE DESCRIPTION OF THE CONCEPT «WOMAN» IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (BASED ON THE WORK OF SADRIDDIN AINI «YODDOSHTHO» («REMINISCENCES»)

The works of foreign authors influence national literature, enriching it with unique experiences. Classical Tajik literature has a history of over a thousand years, and many of its works have become invaluable pieces of world civilization. This article compares and describes the concept of «woman» in Tajik and English languages (based on the work of Sadriddin Aini «Yoddashtho» («Reminiscences»). It is important to note that the concept of «woman» is one of the key concepts in the consciousness of both the Tajik and English peoples. The concept of «woman» includes various

categories: the character's appearance as perceived by the author, their character, manner of speaking, movement, and emotional expression. The author influences the reader, conveying his or her own perception of the character, their emotional and physical state, including female images, their relationship to what is happening, and so on.

Key words: concept of «woman», Tajik, English, language, literature, work, words, phrases, sentences, lexicon.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Дададжанова Иноят Боировна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 904-58-44-59. **E-mail:** ahmedovainoyat_61@mail.ru

Сведения об авторе: ***Дададжанова Иноят Боировна*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии, Таджикского национального университета, 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел. моб.: (+992) 904584459. **E-mail:** ahmedovainoyat_61@mail.ru

Information about the author: ***Dadadzhanova Inoyat Boirovna*** **-** Tajik National University, Associate Professor of the Department of English Language and Comparative Typology of the Asian and European Languages faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **Тел.:** (+992) 904-58-44-59. **E-mail:** ahmedovainoyat_61@mail.ru

ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТ ДАР ҲИКОЯИ «ОИНА»- И ҶИЛОНИ БОНУ

Амиршоева М.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар нахустин даҳсолаи қарни XX дар адабиёти ҳиндиву урду як навъ дуршавӣ, канорагузории қонунҳову низоми расмиятёфтаи асримиёнагӣ оғоз мегардад. Ҷараёнҳои наве ба зуҳур мерасанд, ки мақсади аслиашон инъикоси воқеияти айнӣ, тасвири ҳақиқатнигоронаи ҳаёт аст. Дар таҳкиму устувор гаштани ин ҷараёнҳо албатта вазъи сиёсии мамлакат ва падидаҳое, ки дар чаҳорчӯби он ба вуқӯъ мепайвастанд таъсири калон доштанд.

Қобили зикр аст, ки дар бозтобу инъикоси ҳақиқати замон нависандагону шоирони қавму миллатҳои мухталиф чи ҳинду чи урду забон нақши муҳим доштаанд. Вобаста ба ин имрӯз ба андешаи мо яке аз самтҳои афзалиятноки илмҳои шарқшиносӣ иборат аст, аз омӯзиши масоили адабиётшиносии ҳиндӣ ва адабиёти урду. Маълум аст, ки адабиёти урду дар қиёс бо адабиёти ҳинд риштаи ҷавонтар аст. Вале ба ин нигоҳ накарда гурӯҳи бузурге аз нависандагони урдузабон тавонистанд, бо халқи осори арзишманд таъсири амиқе дар раванди умумии адабиёти ҷаҳон бигузоранд. Бо назардошти ин метавон гуфт, ки омӯзишу баррасии зиндагӣ ва осори намояндагони таъсиргузори адбиёти урдузабон ниҳоят муҳиму мубрам ба назар мерасад.

Нависандагоне, ки дар майдони адабиёти муосири Ҳиндустон бо забони урду эҷод намуданд, пуршуморанд. Бидуни шак яке аз машҳуртарини онҳо Ҷилони Бону мебошад, ки дар адабиёти имрӯз мақому манзалати хоса дорад. Воқеан асри мазкур барои миллатҳои сокини ин сарзамин падидаҳои матлубу ҳамзамон фоҷеабори зиёде дошт, ки саҳнаҳои воқеии он дар осори нависандагону адибони муосир таҷассуми ҳақиқатнигоронаи худро ёфтааст. Дар робита бо ин метавон Ҷилони Бонуро ба радифи нависандагони таъсиргузори даврони пас аз озодӣ дохил намуд. Бар асоси навиштаи мунаққидони осораш мавсуф яке аз барҷастатарин нависандагони ҳақиқатнигори адабиёти муосир ба шумор меравад. Ҳамон гуна, ки зикр намудем он чи номи ӯро забонзаду шуҳратёр намуда, ҳикояҳои вай аст. Аз сӯи дигар нақши ӯ дар рушду камоли ҳикояи урду ва ҷанбаҳои ҳунарии он ниҳоят чашмрас мебошад.

Саҳми Ҷилони Бону дар тасвири воқеияти бараҳнаи замон вазъи зиндагӣ, руҳияту зеҳнияти мардуми оддӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, масоили марбут ба ҳуқуқ ҷойгоҳи замон бисёр арзишманд аст.

Доштани сабку услуби хоси офаринандагӣ, тарзи хоси тафаккуру диди хос, шеваи баёни махсус аз хусусиятҳои намоёни нависандагии ӯст.

Ҷойи таъкид аст, ки ҳикоя дар адабиёти ҷаҳон жанри наву ношинохтае нест. Гузашта аз ин ҳикояи ҳар қавму миллате, ҳатто ҳар нависандаи алоҳидае дорои нишебу фарозу вижагиҳои хосест, ки маърифату омӯзиши онҳо вазифаи мубрами адабиётшиносону муҳаққиқон аст.

Зикр шуд, ки ҳикояҳои нависанда фарогири мавзӯъҳои гуногун ва дар маҷмӯъ инъикоскунандаи муҳити иҷтимоӣ, мушкилоти зиндагии мардум, баёни аксуламалҳои фардӣ ва гоҳо дастаҷамъӣ мебошанд. Ҷ. Бону мисли ҳар як ҳунарманде дар ҳикояҳои худ талош намуда ба халлоқияту истеъдоди шоиста ба мушкилоту суолҳои воқеияти айнии замонаш посух гӯяд. Дар нигоҳи нахуст баёни ҳақиқати мавҷуд тасвири саҳнаҳои сангину пурпечи як ҷомеаи ақибмондаву фақрзада, мушкил ба назар мерасад, мағзи инсонро ёфтани нуқтаи раҳоӣ, бурунрафт, ба бунбаст мекашад, вале аз сӯйи дигар ҳаллу фасли ин мушкил барои як нависанда, ки дорои ҳунари зотиву биниши хоси офаринандагӣ аст, ба гунаи матлуб сурат мепазирад. Намунаи онро зимни мурури ҳикояи «Ойина» метавон дарёфт. Ҳикояи мазкур бори аввал дар маҷмӯаи «Наздик ба Худо» мунташир гардид. Муҳтаво ва ҳунаре, ки дар матни ҳикоя мавҷуд ат, диққати ҳар пажӯҳандаро бо худ ҷалб менамояд. Донишманди Ҳинд Услуб Аҳмад Ансорӣ перомуни ин ҳикоя дидгоҳи хос дорад. ба қавли ӯ ҳикоя иборат «аз тасвири зиндагии инсон ва нотавонии он аст». [2.133.].

Ҷ. Бону дар ҳикояи «Ойина» дунёи пуртаззоду саршори мушкилоти як хонаводаи муосирро ба риштаи тасвир мекашад.

Лозим ба тазаккур аст, ки қаҳрамонони ин ҳикояро метавон ба чанд даста гурӯҳбандӣ намуд. Қаҳрамоне, ки соҳиби ному рисолати хосанд ва муҳити перомун, воқеияти аслии хонавода, вазъи мавҷуд дар зеҳнашон таҳлилу арзёбӣ мешавад. Талош меварзанд ба саволи «чаро дунё чунин сохта шуда» посух ёбанд. Гурӯҳи дувум қаҳрамононе ҳастанд, ки ҳузурашон бидуни зикри исми хосашон тавассути андешаву гуфтору кирдори шахсиятҳои гурӯҳи якум эҳсос мешавад ва ниҳоят гурӯҳи сеюм қаҳрамононе, ки синнан хурданд ва то ҷое аз дарду ранҷи шеваи зистан бехабар. Нодориву бархурдҳои аҷибе миёни онҳо ба вуқӯъ мепайвандад, ки бозгушоии онҳо аксар мушкилзост. Вале ин воқеият ва мазҳари ҳаёт аст, ки метавонад дар ҳар гӯшае аз сайёра мислу монанд дошта бошад. Аз нигоҳи тадқиқотчиёни назарияпардоз фазои буду бош ва зисти қаҳрамон аст, ки чунин ҳолатеро эҷод месозад. Тавре ки М. Бахтин менависад: «Замоне ки ман инсони ягонаеро, ки нопадидору муқобили ман ҳузур дорад, назора мекунам, ҷаҳони воқеиву мушаххаси муштараки мо бо ҳам мувофиқат намесозад. Зеро дар ҳар лаҳзаи хос, новобаста аз вазъу наздикии он инсоне, ки мавриди назораи ман қарор гирифтааст, ман чизеро мебинаму дарк месозам, ки ӯ аз ҷойи худ нопадидор аз ману муқобили ман, дида наметавонад. Минҷумла аъзои бадан, ки диданаш барои ӯ муяссар аст. Сар, сурату ҳолоти он, ҷаҳони даруни ӯ ва як қатор ашёву муносиботе, ки зимни муошират ба зеҳни ман дастрас аст, барои ӯ қобили дарк нест. Ҳангоме ки мо ба якдигар нигоҳ мекунем дар мардумаки чашми мо ду ҷаҳони мутафовит мунъакис мешавад». [9.1 4].

Манзур аз иқтибос ин аст, ки ҷаҳони нопадидору пурпечи қаҳрамонон, ки хамирмояш, заминааш воқеияти айнии ҷомеа аст, танҳо зимни нигариши фаррох ба атрофиён ва асбобу анҷоми мавҷуд дар сарчашмаи хонаводагӣ бозгӯшоӣ мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки нависандагони боқариҳа дар интихоби унвони ҳикоя ба хотири ҳадафрас намудани идеяи худ саъю кӯшиши хос ба харҷ медиҳанд. Ҷамъият, рамзгунагӣ, гоҳо возеҳияту равшанӣ хусусиёте ҳастанд, ки дар зарфи унвон бояд рехта шаванд. Дар ҳикояи номбурда дар назари аввал манзур аз ойина ҳамон ойинаи воқеист, ки дар ҳаёти фардии мо ҳузури фаъол дорад. Предмети маишие, ки ҳар рӯз дар синаи он вазъи зоҳирӣ ва чигунагии сурату симои худро тамошо мекунем. Рӯёрӯй бо ойина дар ниҳоди зеҳни мо эҳсосоту андешаҳои мусбату манфӣ, зидду нақиз шодизову гоҳо ғамборро эҷод менамояд.

Аз баррасии ҳикоя равшан мегардад, ки қаҳрамони аслии ҳикоя Фотима мехоҳад муҳимтарин дороии хона ойинаро фурӯшад. Сабаби ин тасмим бемории қаҳрамони хурдсол Папу аст, ки барои рафъи беморӣ ба дору ва шарбати мандарин ниёзманд аст.

Танҳо андешаи фурӯши ойинаи хона вазъу ҳоли равонии Фотимаро комилан дигаргун месозад. Ӯ хаёлан пасоянди ин хоҳишро (фурӯши ойина) барандоз мекунад. Тасаввур мекунад, ки агар модар (хушдоман) аз қарори ӯ огоҳ шавад, чи ҳоле хоҳад дошт. Ҳатман оромиши хона барҳам мехӯрад. Модар ғазаболуд хоҳад шуд, зеро фурӯхтани чунин чизи қиммату муҳими хонавода барои модар қобили дарк нест: «агар ба модар мегуфт, ки ойинаи калони миёни хонаро ба фаррош диҳед, ҳатман ҷанҷолро шурӯъ

менамуд. Саҳар субҳона намехӯрд. Фазое моломоли норизоят оғоз мегардид, ба мисли он ки ҷавоне аз ин хонадон мурдааст, нолаву гиря менамуд. Ӯ ойинаро ба куҳнафурӯш фурӯхтанист…» [3.96].

Тарс аз бархурду аксуламали эҳтимолии модар бо пешорӯ омадани вазъи Папу вуҷуду андешаи Фотимаро раҳо месозад: «Муддати чанд моҳ аст, ки Папу бемор асту барои табобати ӯ маблағ лозим аст. Ӯро ҳарчанд табобат мекунад, лекин ҷароҳӣ кардан лозим меояд. Папу орзу менамуд, ки дар баҳор сиҳат шаваду худаш аз ҷояш бархезад. Имрӯз ӯ тамоман аз бистар хеста натавонист». [3.94].

Ҷойи таъкид аст, ки тасвирҳо, андешаҳо, шарҳу тафсирҳои парешону ба назар берабт дар ҳикоя чунин натиҷаеро ба даст медиҳанд, ки нависанда омезае аз воқеияту фаровоқеиятро месозад. Баёни зидду нақиз хеле тунд тағйир мекунад. Як саҳна бидуни пайванд ё гузариши мустаҳками матнӣ ба саҳнаи дигар иваз мешавад. Ҷумлаҳои робит ё пайвандгар мавҷуд нестанд. Ба дигар сухан дар матни «Ойина» мо ҷилваҳоеро аз сабки фаровоқеият ё сюрреализм дучор мешавем. Ҳадаф аз сюрреализм тавре ки маълум аст, навиштани озод аст, бидуни дар назар гирифтани ҳеҷ қайду банде, ҳатто дар арсаи забон. Ҷонибдорони сюрреализм боварӣ доштанд дунёи замири нохудогоҳ, ки ба сурати авҳому руъёҳо пайдо мешавад, воқеияти бартар аз ҷаҳони падидаҳо дорад. Чаро ки онҳо умқи шахсияти одамиро сарчашмаи бепоёни тахаюл медонанд. Пайравони мактаби сюреалистӣ барои амалисозии мақсадҳои худ зимни таъкид бар тахаюлу озодии камоли андешаву фаъолиятҳои зеҳнӣ одамӣ ба мухолифат ба ҳамаи маҳдудиятҳое бархостанд, ки барои кори озоди зеҳн монеа мегардид. Мисоли чунин озодии фикрро мо дар ҳикояи болоӣ мебинем.

Дар ҳикоя ҷузъиёти образу хусусияти фардии Фотима тавассути саввумшахс баён мегардад: «Фотима як духтари ғамхору дилсӯзе аст, ки дар дунё тамоми бачаҳои раҳгумзадаро ба хонаи худ меоварад, яке ба дигаре даст дода ҷангу ҷанҷолу гуфтугӯи бачаҳо баланд мешуд. Фотима чораи хубе ёфта буд. Якеро шустушӯ менамуду дигареро аз замин мебардошту ба сеюми ширинӣ медод. Ҳамин гуна бе ягон монеа саргарми зиндагии хеш буд». [3.97].

Мо ба як пора матни ҳикоя сару корд орем, ки баёнгари бархе за вижагиҳои хулқу характери қаҳрамонанд. Дар матни ҳикоя пас аз зикри пораи мазкур лаҳзаҳои дигаре аз зиндагии ин хонавода пайи ҳам иваз мешаванд.

Тасвири рафтору кирдори қаҳрамони дигари ҳикояи Ислом, ки хона ба ӯ иҷора дода мешавад. Фурӯши асбобу анҷоми хона пас аз марги падар. Тагурӯ намудани сандуқе, ки аз падар барои фарзандон ба мерос мондааст. Тамоми ҷузъиёти тасвир ба таври парешон аз пардаи зеҳни Фотима мегузарад. Равшан аст, ки ӯ келини хона аст ва аз сӯйи дигар тамоми масоили хурду бузурги хона ба дӯши ӯст. Ҳамеша саъй мекунад дар умури хонадорӣ чизе аз мадди назараш дур намонад. Ба қавле «аҳли хонаводаро лозим буд мисли лухтакҳо бо имову ишораи Фотима ҳаракат намоянд». Фотима занест, безурёт, бо ин сабаб тамоми меҳру сидқи худро сарфи кӯдакони бемору бесаробон мекунад. Ҳарчанд хонаводае, ки ӯ узви он аст вазъи сангини молӣ дорад, вале вазифаи бузурги инсониро ба дӯш гирифтааст. Фотима барои хонавода буҷаи дахлу харҷ ташкил медиҳад. Ҳисобу китоби молиро мураттаб мекунад ва дар зимн хеле мекӯшад модар (хушдоманаш) камбуде надошта бошад, фикре дар зеҳнаш пайдо нашавад, ки келинаш ноуҳдабарост. Ин масъулият аз дохили ҳамин хона бархостааст. Тавре ки худ меандешад «ин хона сохтору қоидаҳои худро доро аст». Тартибу низоме, ки бояд беқайду шарт риоя шавад.

Нигаҳдошти низоми хонадорӣ, сарфаҷӯйӣ дар харҷу дахли буҷаи хона ҳамеша зеҳни Фотимаро ба худ машғул медорад. Ӯ медонад, ки хурдтарин рафтори ноандешмандонаи аъзои хонавода қодир аст, боиси хароҷоти нобаҷои дороии молӣ шавад. Ин амр ӯро маҷбур месозад ҳатто тарзи хурокхӯрии аҳли хонаро назорат кунад. Масалан ӯ бар асари мушоҳидаҳои доимӣ озмуда буд, ки ҳар саҳар хурдани шир бо гандуми майдакардашуда боиси нороҳативу носаломатии хушдоман мегардад. Чунин хуроки якнавохт ранги рӯйи ӯро «мисли ангиштсанг» сиёҳ мекунад. Фотима саъй менамуд ӯро аз тановули чунин ғизоҳо парҳез дорад: «Аммо модар як рӯз парҳезро нигоҳ медошт, рӯзи дигар бошад, албатта дору фармоиш медод ва барои дарёфти дору лозим буд аз хариди хона ягон чизро кам кунад» [3.99].

Қобили зикр аст, ки ҳама мавзӯъҳои тасвиршаванда ба таври мустақиму ғайри мустақим ба ойинаи куҳнаи хона, ки бояд фурӯхта шавад, гиреҳ мехӯранд. Барои мисол модар пас аз дидани ҳолати ногувори Папуи бемор, ки аз шиддати беморӣ нафаскашиаш душвор гашта, оқибат ба қарори Фотима зеҳнан мувофиқат мекунад, вале бо чи қимате? «Саҳар модар ойинаро ба ҳавлӣ бароварда бо домани рӯймоли худ онро пок карду гирист. Ҳар вақт, ки ойинаро медид, хотироташ тоза мешуд ва аз алам гиряву шеванаш шиддат мегирифт» [3.100].

Бояд гуфт, ки ойина дар ҳикоя ба андозае моҳиронаву ҳунармандона таҷассум ёфта, ки пеши назари хонанда зоҳир мегардад, вуҷудаш эҳсос мешавад. Ба дигар сухан ҳар узв хонаро бо ойина пайванду хотираест. Ойина ба гунае дар матни зиндагии онҳо ворид шуда, ки ҷудоӣ аз он барояшон ранҷовар аст. Аз сӯйи дигар ойина таъриху зиндагиномаи онҳост. Рӯёрӯӣ бо ойина хатти зиндагии онҳоро, тағйири ҳолу ҳавояшонро муҷассам месозад.

Барои мисол замоне, ки барои харидани ойина марде вориди хона мешавад, Фотима барои хариду фурӯшу иҷрои муомила ба ойина наздик мешавад. Ислом, қаҳрамони дигари ҳикоя, ки иҷорашини хона буд, зимни ҳузур дар ин муомила манзараи аҷиберо мушоҳида мекунад. Ӯ сурати дирӯзу имрӯзи Фотимаро дар пардаи ойина қиёс мекунад ва ба даҳшат меафтад: « Дар ойина як зани лоғару пур аз ғам ҳувайдо буд. Бадани лоғару хушкидаву сафедгашта, куртаи рангпарида ба бар карда… Бале ин Фотима буд, ки рӯяш ба мисли чароғ афрӯхтаву хомӯш гашта буд. Дар тани ӯ ҳама либос зебанда буд. Аз гесувони дарозаш ҳама ба вақд меомаданд» [3.100].

Дар ин хона ойинаи калони якқад рӯяш ба девор нигоҳ дошта мешуд. Зеро дар тасаввури модар баробари бархурди мустақим бо ойина дар дили он шавҳари марҳумаш, ки «рӯйи сурху риши сафеду абрӯвони дарози сиёҳ, қади баланду ҷуссаи фарбеҳ дошт» зоҳир мегардид. Маҳзи хотири ин онро ба ҷониби девор гардонида буданд.

Дар ҳикояи «Ойина» дар қатори қаҳрамонони асар ашёву абзору асбоби гуногуне дар матн ба назар мерасанд, ки дар маҷмӯъ асарро комил месозанд. Миёни онҳо як ҳамоҳангиву вижагии муштарак аст, ки ба малакаву ҳунари эҷодкор бастагӣ дорад. Вобаста ба ин ҷанбаи ҳунарии нависандагон Гете И. В. чунин гуфта буд: Ҳунарманд «вуҷуди ҳамоҳангии хосеро, ки ҷойгузин сохтанаш дар як наққошӣ имкон дорад, миёни ашё дарк мекунад. Тақлиди сартопойи табиати бекарона барои ӯ нохушоянд аст. Маҳзи хотири ин ӯ тарзу шеваи хоси худро боз меофаринад, забони хоси хешро фароҳам менамояд, то битавонад тибқи завқу салиқаи худ сухани дилашро бигӯяд. Ба ашёе, ки ҳаргиз онро надидааст, вале борҳо онро бозофаринӣ намудаст, шакли фардиву худиашро бидиҳад. Ин ҳадаф сабабгори зуҳури забони хос мегардад, ки ҳамзамон бозтобдиҳандаи руҳи ровӣ аст». [4.26-30]. Аз ин нуктаи назар ҳикояи «Ойина» шомили чунин вижагиҳост.

Мавзӯи фурӯши ойина дар идомаи ҳикоя Исломро бештар ба худ ҷазб месозад. Ҳар гоҳ ки ойина пеши назараш ҷилвагар мешавад, ҳамзамон пайванде аз узви хонавода бо он дар зеҳнаш ба зуҳур мерасад. Сурату сират хулқу атвори ҳар аъзои хонаро дар синаи ойина барандоз менамояд. Ҳатто замоне ки вуҷуди ойинаро ба ёд меорад дар дохили ойина манзаре аз ҳаёти ҳамзистон пеши чашмонаш ҳувайдо мешавад. Масалан, ӯ модарро даруни ойина назди оташдон нишаста мебинад. Дидани ғайриинтизори модар дар ниҳоди Ислом чунин эҳсосеро бедор менамояд, ки «модар хеле пир шудааст. Мӯйҳои модар мисли замин хушк шудаанд. Дар як лаҳза мӯйҳояш сафед гаштанд. Дар чеҳрааш ожангҳо пайдо шуданд».

Зиндагӣ дар хонаи иҷора, бархурдҳои ҳаррӯза Исломро бо ойина хеле қарину наздик сохта буд. Ойина як ҷузъи зиндагии ӯ гашта буд. Дигар наметавонист вуҷуди онро аз хаёлхонааш берун созад.

Ҳар рӯз қабл аз кор рафтан «пеши ойина рост истода мӯйи сарашро ба тартиб меоварад». Дар ҷойи кор низ гоҳо хаёли ойинаву орзуи ойина доштан зеҳни ӯро мисли гирдоб ба худ мекашид. Хатти андешааш доираи тахаюлоташро дар атрофи ҳузури ойина ва нақши он дар зиндагии инсонӣ вусъат мебахшад.

Тасаввур менамуд, ки «агар ин ойинаро ороиш диҳӣ ва дар хона гузорӣ хона зебу фари дигар пайдо мекунад. Имрӯз дар хона ойина аст, пагоҳ боз радио, қолин ҷевон,

диван, ҳар чизе, ки дил мехоҳад, оварда мешавад. Дар хона барои ҳамаи ин асбобу анҷом ҷойи хос метавон пайдо намуд».

Нуктаи дигари қобили мулоҳиза дар ҳикоя сарҷамъии аҳли хонавода шабонгоҳон пеши ойина аст. Аҳли хонавода маҳз дар ҳузури ойина дар атрофи кули масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, ҳодисаву рухдодҳое, ки давоми рӯз бо онҳо гузашта, сухан дар миён мегузорад. Дар ин нишастҳои шабона ойина мисли ин ки таъсири сухани ҳозиронро ба якдигар нишон медиҳад.

Ҳикоя бо дамидани субҳ ва дидори қаҳрамонон бо якдигар дар синаи он ба поён мерасад, вале дарки комили ҳадафу мақсади нависанда аз тарҳи он зери унвони ойина касро ба фикру андеша вомедорад.

Ба андешаи мо интихоби вожаи «ойина» ба сифати унвони ҳикоя аз ҷониби муаллиф бесабабу безамина нест, балки барои мақсади аслӣ, ки тасвири авзои сангину ақибафтодаи ҷамъиятӣ ва зиндагии камбағалонаву фақрзадаи мардум аст, образи ойина тамсили ниҳоят созгор аст. Ойина бо доштани вижагиҳои зотии худ, нуру рӯшноӣ, сафову покизагӣ, руку ростӣ, ба сифати бозтобдиҳандаи воқеият баргузида шудааст. Иваз кардани воқеият, дигаргуна таҷассум сохтани ҳақиқати айнӣ ё таҳрифи он хоси ойина нест.

Ба таври хулоса Ҷ. Бону ҳақиқати замони хешро бо тамоми ҷузъиёташ дар ҳикояи мазкур нишон медиҳад. Вале ба назари муҳаққик Аҳмад Ансорӣ наметавон розӣ шуд, ки гӯё ҳадафи нависанда дар ҳикояи номбурда таҷассуми нотавонии инсони муосир аст. Албатта бори вазнини рӯзгор гоҳо қомати онҳоро хам мекунад, ба вартаи ноумедӣ мекашонад, вале онҳо комилан ноумед нестанд. Таҳлилу арзёбии саҳнаҳои зиндагӣ онҳоро ба хулосае меорад, ки зиндагӣ яксону якнавохт наметавонад. Тағйиру дигаргуниро ҳатто дар муҳити хонаводагӣ низ эҳсос мекунанд: «ҳар рӯз ҳангоми баргаштан аз кор ӯ чор дору меорад ва сурати ӯро мебинад ва ҳамаи бачаҳо омада пойҳои ӯро (Фотимаро) оғӯш мегиранд. Ислом комилан медонад, ки ин доруи гулӯ аст. Доруҳои Папуро дода ӯ тадриҷан бақувват мегардид.

Ҳамин тариқ, дар ҳикояҳои нависанда Ҷилону Бону муҳаққиқро ба ин натиҷа мерасонад, ки манзур аз таълифи як ҳикоя танҳо бозгӯ намудани як мавзӯъ, як дарунмоя нест, балки дар ойинаи як ҳикоя лозим аст ба ҷилваҳои ҳунарии нависанда, истеъдоду нубуғаш, ҷанбаҳои зебошинохтӣ ва сабкии осораш пай бурд. Зуҳури ин хусусиёт аз ҳамон гоми нахустин, унвон ё номи ҳикоя оғоз мешавад. Ҷомеият, тамсилгунагӣ гоҳо возеҳияту равшании маҷмӯи вижагиҳое ҳастанд, ки лозим аст, дар зарфи як ҳикоя ё ҳатто унвонаш рехта шаванд.

АДАБИЁТ

۱. انوار عظیم۔ افسانہ اور رد افسانہ۔/عظیم انوار،آل المد سرور۔ – علی گڑھ۔1997 ۔۱۷۹ ص۔

۲. احمد انصاری۔ اردو کے پندرہ ناول۔ / انصاری احمد ۔۔ دہلی۔۱۹۹۳۔۲۸۷ ص۔

۳. جیلانی بانو۔ تریاق۔ / بانو جیلانی۔ – کراچی۔، ۱۹۹۳۔ – 671ص۔

4. Гете И. В. Простое подражание природе, манера, стиль. Собр. Соч., т.10. -С. 26-30.
5. Андреев, А. Н. Целостный анализ литературного произведения. – Минск, 2001. -142 с.
6. Антонова, К. А. История Индии. – М.: Мысль, 1979. – 608 с.
7. Баранников, А.П. Индийская филология. Литературивидения. - М., 1959. –330 с.
8. Бахтин М. Автор и герой в эстетической деятельности. Проблема отношения автора к герою. – М., 1979. – 424 с.
9. Бахтин, М. М. Вопросы литературы и эстетики. Художественная литература, 1975. – 502 с.
10. Берно Мурон. Назарияҳои адабиёт ва накд. – Теҳрон.: Интишороти нигоҳ. 1389(142). – 400 с
11. Гаврюшена, Н.Д. Некоторые аспекты идейно-художственной брьбы в литературе хинди (60-70-е годы) // - Народа Азии и Африки. -1976. - №1. - С. 95-106.
12. Гете И. В. Простое подражание природе, манера, стиль. Собр. Соч. в 10 т. Т. 10
13. Глебов, Н. Литература урду. – М.,1967. – 232 с.
14. Лихачёв, Д.С. Внутренный мир художественного прозведение. Д.И. 76с.
15. Раджабов, Х. Становление и развитие современного рассказа хинди. – Душанбе: Пайк, 1998. –176 с.

16. Рачабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 495 с.
17. Холов, Ҷ. Адабиёти урду дар садаи бистум. – Душанбе, 2010. – 154 с.

ИНЪИКОСИ ВОҚЕИЯТ ДАР ҲИКОЯИ «ОИНА»- И ҶИЛОНИ БОНУ

Ҷ. Бону дар ҳикояи «Ойина» дунёи пуртаззоду саршори мушкилоти як хонаводаи муосирро ба риштаи тасвир мекашад. Ба таври хулоса Ҷ. Бону ҳақиқати замони хешро бо тамоми ҷузъиёташ дар ҳикояи мазкур нишон медиҳад. Албатта бори вазнини рӯзгор гоҳо қомати онҳоро хам мекунад, ба вартаи ноумедӣ мекашонад, вале онҳо комилан ноумед нестанд. Таҳлилу арзёбии саҳнаҳои зиндагӣ онҳоро ба хулосае меорад, ки зиндагӣ яксону якнавохт наметамонад. Ба андешаи мо интихоби вожаи «ойина» ба сифати унвони ҳикоя аз ҷониби муаллиф бесабабу безамина нест, балки барои мақсади аслӣ, ки тасвири авзои сангину ақибафтодаи ҷамъиятӣ ва зиндагии камбағалонаву фақрзадаи мардум аст, образи ойина тамсили ниҳоят созгор аст. Ойина бо доштани вижагиҳои зотии худ, нуру рӯшноӣ, сафову покизагӣ, руку ростӣ, ба сифати бозтобдиҳандаи воқеият баргузида шудааст.

Калидвожаҳо: Ҷилони Бону, ҳикоя, оила, ҷомеа, душворӣ, адабиёт.

ОТРАЖЕНИЕ РЕАЛЬНОСТИ В РАССКАЗЕ «ЗЕРКАЛО» - ДЖИЛАНИ БАНО

В рассказе «Зеркало» Джилани Бано изображает жизнь одной современной семьи, полную лишений и трудностей. Следует отметить, что талантливые писатели тратят много усилий при выборе названия рассказа, дабы достичь своей идеи. Общество, аллегория, порой ясность и недвусмысленность, это особенности, кои должны иметь место в названии рассказа. В названном рассказе, на первый взгляд представляется то реальное зеркало, которое активно используется в нашей жизни. Бытовой предмет, в котором мы каждый день наблюдаем свою внешность. Лицом к лицу с зеркалом мы внутренне творим отрицательные или положительные чувства и мысли, противоречия и ликования, порой грусть.

Ключевые слова: Джилани Бано, рассказ, семья, общество, трудность, литература.

REFLECTION OF REALITY IN THE STORY “MIRROR” - JILANI BANO

In the story "The Mirror", Jilani Bano depicts the life of a modern family, full of hardships and difficulties. It should be noted that talented writers spend a lot of effort when choosing the title of a story in order to achieve their idea. Society, allegory, sometimes clarity and unambiguousness, these are the features that should take place in the title of the story. In this story, at first glance, the real mirror that is actively used in our life is presented. A household item in which we observe our appearance every day. Face to face with the mirror, we internally create negative or positive feelings and thoughts, contradictions and jubilation, sometimes sadness.

Keywords: Jilani Bano, story, family, society, difficulty, literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амиршоева Манзура Пирмуҳамадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел**.: 904505550. **E-mail**: man74@inbox.ru

Сведения об авторе: ***Амиршоева Манзура Пирмухамадовна*** – Таджиксий национальный Университет, старший преподователь кафедры индийской филологии. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 17. **Тел**.: 904505550. **E-mail**: man74@inbox.ru

Information about the author: ***Amirshoeva Manzura Pirmuhamadovna*** – senior teacher of the Department of Indian Philology. ***Address:*** 734025 Tadjikistan. Dushanbe, st. Rudaki17. **Tel:**.: 904505550. **E-mail**: man74@inbox.ru

ARABIC COMMENTARIES ON “MASNAVII MA'NAVI” BY JALALUDDIN BALKHI

Abdulloeva M.A.
SEI “Khujand State University named after academician B.Gafurov”

1. Introduction:

In scholarly research, when the subject of translation arises, it is often comprehensively defined as the rendering of one language into another. While the validity of this scholarly conclusion is unquestionable, translation, encompassing various spheres of human activity is also considered one of the most complex fields of endeavor.

Translation can be likened to a field where, at its borders, diverse cultures and civilizations, distinct individuals with varying perspectives and viewpoints, the literatures of different peoples and nations from various human epochs - simultaneously differing in their levels of development and, most importantly, possessing diverse customs and traditions - intersect.

Considering these features and contexts, the act of translation becomes a subject of attention and focus for cultural scholars, psychologists, historians, literary scholars, and anthropologists. The specific goals and objectives that representatives of these aforementioned fields pursue through translation and its application is a separate matter. However, in translation studies, one established scholarly truth is that languages occupy the primary role in the act of translation, and within the relevant field, the linguistic aspect of translation theory plays the central position.

As the English scholar Burton R. [Raffel] wrote, “As long as there is a desire for knowledge, interest, and understanding of cultures, the need for translation will be felt, and this need increases daily” [14, 2].

“Masnavii Ma'navi” by Jalaluddin Balkhi is considered to be a masterpiece of Persian-Tajik literature composed in verse across six books (daftars). Regarding the significance of “Masnavii Ma'navi”, the esteemed scholar Said Nafisi stated 60 years ago: “For seven hundred and forty years, from the shores of the Sea of Rum (i.e., the Black Sea) to the banks of the Ganges River, it has reigned over all thoughts. Copies have been made of it, commentaries have been written on it, editions have been printed of it, translations have been made of it, and summaries have been produced from it...” [8, 11].

2. Main results and discussion:

“Masnavii Ma’navi” is considered to be a treasure trove of wisdom and knowledge, a collection of exquisite allegorical tales and captivating narratives, and a repository of poetry and mysticism. The frequency of Quranic verses and hadiths in “Masnavii Ma’navi” is notably high. Accordingly, it is specifically said in describing this book:

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлавӣ,
Ҳаст Қуръоне ба лафзи паҳлавӣ.
“Masnavii Ma’navi” by Mawlavi,
Is a Quran in the Pahlavi tongue.

Conducting the comprehensive analysis beset with the commentaries on “Masnavii Ma’navi” compiling and publishing the most significant ones, and determining their philological value are of great importance in literary studies.

Considering the commentaries on “Masnavii Ma’navi” facilitates understanding and appreciating Mawlana`s thoughts recognizing the mystical symbols of “Masnavi” becoming acquainted with the level of past knowledge, and determining its value and status.

Mawlana`s invaluable works, especially his rare and unique “Masnavii Ma’navi” have immense fame worldwide. Beginning from Mawlana`s own time, scholars and researchers from various countries have shown, and continue to show great, interest in this work. There is no doubt that a person of such scholarly stature was not unaware of the other sciences of his time. Therefore, from the perspective of analysis and research, engaging with the many unique works of this great thinker offers numerous benefits.

The commentaries on “Masnavi” differ in terms of language, form, size, and content. Some researchers [13] have categorized the commentaries based on language into Persian, Turkish, Hindi, Arabic, and English. We will now provide information on the Arabic commentaries:

Arabic Commentaries:

The German scholar Annemarie Schimmel emphasizes that due to the significant differences between Persian and Arabic literary styles, Arabs did not truly connect with Mawlavi`s poetry and remained steadfast in their own mystical poetic traditions [12, 551]. Referring to the 19th century, Sheikh Yusuf ibn Ahmad authored a commentary in Arabic titled “Al-Minhaj al-Qawi li Tullab al-Masnavi” (The Strong Methodology for Students of the Masnavi).

Arabic Commentators on “Masnavi-ye Ma'navi”:

Among the Arabic commentaries is “Tarjuma wa Sharh Masnavi Jalaluddin Rumi” (Translation and Commentary on Jalaluddin Rumi's Masnavi) by Dr. Muhammad Abdussalam Kaffafi, a professor at Cairo and Beirut Universities.

One of the great Arabic commentators on “Masnavii Ma’navi” by Mawlana Jalaluddin is Abdussalam Kaffafi, who wrote a commentary on “Masnavi” entitled as “Tarjuma wa Sharh Masnavi Jalaluddin Rumi Sha'ir al-Sufiyya al-Akbar” (Translation and Commentary on the Masnavi of Jalaluddin Rumi, the Greatest Sufi Poet).

As it was mentioned above, one of the Arabic commentaries on “Masnavi” is “Tarjuma wa Sharh Masnavi Jalaluddin Rumi” by Dr. Muhammad Abdussalam Kaffafi. Due to his fondness for “Masnavi”, the author translated and commented on its first book (daftar) in Arabic. The commentator first writes an introduction about the life of Mawlana Jalaluddin Balkhi and provides information about Mawlana and the importance and status of “Masnavi” among Persian speakers.

Muhammad Abdussalam Kaffafi (1340-1392 AH / 1921-1973 CE) was a prominent author and researcher in the Arab world in the field of comparative literature and one of the most important and prominent Egyptian figures, a well-known author, researcher, and translator.

He was born in the city of Damietta, Egypt, and passed away in Cairo. He spent his life in Egypt, England, America, Switzerland, the Netherlands, Lebanon, and Syria. He completed his primary education in Damietta. He then went to Mansoura. From there, he went to Cairo and joined the Faculty of Language and Literature, specializing in Oriental languages, and graduated in 1943.

In 1972, Abdussalam Kaffafi published a book in Beirut on comparative literature titled "Fi al-Adab al-Muqarin Dirasatun fi Nazariyyat al-Adab wa-al-Shi'r al-Qasasi" (On Comparative Literature: Studies in the Theory of Literature and Narrative Poetry), spanning 555 pp. In it, he addressed some theoretical issues of comparative literature and literary genres, including narrative poetry in Europe and Islamic countries, especially Iran. This book consists of three parts and eighteen chapters. The title of the first part is "The Theory of Literature", and its topics include the meaning and objectives of comparative literature, literature and its relationship with other fine arts, and literature and the environment.

His poetic works comprise a *diwan* (collection of poetry) titled "Mukhtarat min Ash'ar Muhammad Abdussalam Kaffafi" (Selections from the Poems of Muhammad Abdussalam Kaffafi). His other works include:

1. "Tarjuma wa Sharh Masnavi Jalaluddin Rumi Sha'ir al-Sufiyya al-Akbar" (Translation and Commentary on the Masnavi of Jalaluddin Rumi, the Greatest Sufi Poet);
2. "Fi al-Adab al-Farisi wa Hadaratihim" (On Persian Literature and Their Civilization) (1967); "Jalaluddin Rumi fi Hayatihi wa Shi'rihi" (Jalaluddin Rumi in His Life and Poetry) (1970);
3. "Dirasat fi al-Ulum al-Quran" (Studies in Quranic Sciences) (1972);
4. "Mukhtarat min Ash'ar Muhammad Abdussalam Kaffafi" (Selections from the Poems of Muhammad Abdussalam Kaffafi) (1972).

Abdussalam Kaffafi presented Kamaluddin Husayn Kharazmi's work as the oldest existing Persian commentary [Masnavi] and considered Sham'i`s [d. 1000 AH / 1591-92 CE] and Ismail Anqaravi`s [d. 1042 AH / 1632-33 CE] commentaries to be the most valuable among the many Turkish commentaries. The author first translated all the verses of "Masnavi" into Arabic and then briefly explained the difficult verses. This commentary was published in Beirut in 1966, and copies of it exist in Iran [5].

Due to his fondness for Mawlana`s "Masnavi", the author translated and commented on its first book (daftar) in Arabic. The commentator first writes an introduction about the life of Mawlana Jalaluddin Balkhi and provides information about Mawlana, the importance and status of "Masnavi" among Persian speakers, and its admirers.

In reference to it, it can undoubtedly be concluded that it was precisely Abdussalam Kaffafi`s translations and research, namely his commentary on Mawlana`s "Masnavii Ma'navi", that were the primary source of his fame and status in society.

Another great Arabic commentator on "Masnavii Ma'navi" by Mawlana Jalaluddin Balkhi is Ibrahim al-Disuqi (Dr. Disuqishita), who wrote a commentary on "Masnavi" entitled as "Tarjuma wa Sharh Masnavi Jalaluddin Rumi" (Translation and Commentary on "Masnavi" by Jalaluddin Rumi).

Dr. Ibrahim al-Disuqi Shita was an author, translator, and professor of Persian language and literature who worked for many years in Egypt and other Arab countries in the field of Persian language and literature and Iranian culture. Ibrahim al-Disuqi was a diligent scholar and author. He was born in 1941 in the city of *Sheikh* – one of the northern cities of Egypt. From 1958, he was engaged in studying Persian in the department of specialized languages, and after four years, he graduated from the Faculty of Literature.

His works and writings, in chronological order of publication, are as follows:

In 1974, he translated "Kashf al-Mahjub" by Hujwiri (The Unveiling of the Veiled) into Arabic, and in 1975, "Dastan-ha-ye Sadeq Hedayat" (Sadeq Hedayat's Stories), a selection of fourteen stories by this writer. In 1974, he translated Nasir Khusraw`s "Jami' al-Hikmatayn"

(The Collection of the Two Wisdoms) with a lengthy introduction about the Ismaili movement and Nasir Khusraw's thoughts. In 1976, he participated in the Amir Khusraw Dehlavi conference in New Delhi and presented a paper on the Persian language, titled "Love in the Works of Amir Khusraw Dehlavi". In 1977, he authored a book on *fiqh* (Islamic jurisprudence) and another book titled "Riwayat al-Tarikhia" (Historical Narratives), which includes an analysis and study of eight volumes of modern Persian literature:

1. "Gulha-i ki dar Jahannam Miruyand" (Flowers that Grow in Hell) by Muhammad Mas'ud.
2. "Ziba" by Hijazi.
3. "Tangsir" by Sadeq Chubak.
4. "Nun al-Qalam" (Nun and the Pen) by Jalal Al-e Ahmad.
5. "Shuhar-e Ahu Khanum" (The Husband of Ahu Khanum) by Afghani, and a book on mysticism by Qutbuddin Anqa, which is about contemporary Iranian history.

Among the books he wrote from 1986 onwards was a large Persian dictionary of 300 pages titled "Al-Mu'jam al-Farisi al-Kabir" (The Great Persian Dictionary), containing no less than 100,000 or 120,000 words, and the third volume of Mawlana's *daftar (book),* because Dr. Siyasi, Ibrahim al-Disuqi Shita's professor, had written the first and second volumes, and he [al-Disuqi] continued his professor's work.

Regarding the greatness of Mawlana Jalaluddin Rumi, Ibrahim al-Disuqi said: "My acquaintance with Jalaluddin Rumi (Mawlavi) dates back to the academic year 1960-1961. At that time, I attended the lectures of the late Dr. Muhammad Kaffafi, who used to read 200 verses from the beginning of "Masnavi". There were some literary texts that one becomes captivated by at the outset; "Masnavii Ma'navi" draws this human and beautiful spirit to itself"

In conclusion, "Masnavii Ma'navi" by Mawlana Jalaluddin Balkhi is among the masterpieces of Persian-Tajik literature, captivating the attention of researchers and commentators on literary works in both the East and the West for centuries. In the history of Persian-Tajik literature, no other work like "Masnavii Ma'navi" has received such attention, imitation, utilization, commentary, and interpretation. However, to date, none of the commentaries on "Masnavi" in our country have been prepared in the Cyrillic script, and their true value has not been determined. Therefore, considering them will open new pages in Rumi studies. The commentary and interpretation of "Masnavii Ma'navi" began during Mawlana's lifetime and continues to this day. "Masnavii Ma'navi" is a book that will endure for thousands of years and will never become obsolete. This masterpiece will eternally address the spiritual needs of humanity.

REFERENCES

1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII–XIV: Қисми 2.– Душанбе: Ирфон, 1983.– 229 с.
2. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. «Маснавии маънавӣ»: Бар асоси матни Рейнолд Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ. – Теҳрон: Замон, 2001.– 728 с.
3. Балхӣ, Мавлавӣ Ҷалолуддин. Куллиёти Шамс / Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ; (Бар асоси чопи Бадеуззамон Фурӯзонфар).–Теҳрон: Ҳермес, 2008.– 1859 с.
4. Замонӣ, Карим. Шарҳи ғомеи «Маснавӣ»: Дар ҳафт муҷаллад / Карим Замонӣ.– Теҳрон, 1384.
5. Кафофӣ, Абдусалом. «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ / А. Кафофӣ; (тарҷума ва шарҳу дироя).– Бейрут, 1966.
6. Мавлавӣ, Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ. Девони ғомеи Шамси Табрезӣ / Ҷалолуддини Муҳаммади Мавлавӣ; (Бар асоси нусхаи тасҳеҳшудаи Бадеуззамон Фурӯзонфар; Веростор Мустафо Замонӣ).– Теҳрон: Фирдавс, 1384.
7. Насриддинов, Абдуманнон. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс-тоҷик. Қ.1. / А. Насриддинов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р.Ҷалил, 2000.– 254 с.
8. Насриддинов, Абдуманнон. Бо корвони нур / А. Насриддинов. –Хуҷанд, 2010.– 138 с.
9. Нуралӣ Нурзод. Аннамери Шиммел: Духтари олмонии Мавлонои Балхӣ. (мақола)

10. Султонзода Т. Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шаҳрнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (диссертатсия).
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ: Иборат аз 2 ҷилд. – Москва: Советская энциклопедия, 1969, 951 с.– Ҷ.1.
12. Шиммел, Аннемари. Шукӯҳи Шамс / А. Шиммел; (Тарҷумаи Ҳасани Лоҳутӣ). – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1375.– 885с.
13. Шаҷарӣ, Ризо. Муаррифӣ ва нақду таҳлили шарҳҳои «Маснавӣ» / Р. Шаҷарӣ.–Теҳрон: Амири кабир, 1386.–367 с.
14. Burton R. The Tongue: A Study of Translation Process. / R. Burton. New York: 1976, 181p.

ШАРҲҲОИ АРАБИИ “МАСНАВИИ МАЪНАВӢ”-И ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши шарҳҳои арабии “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Румӣ ин шоҳасари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, дар шаш дафтар ба силки назм кашида шудааст. Собит карда шудааст, ки таҳқиқи шарҳҳои “Маснавии маънавӣ” ба дарку маърифати афкори Мавлоно, шинохти рамзҳои ирфонии “Маснавӣ”, ошно гардидан бо дараҷаи маърифатгарии гузаштагон ва муайян намудани арзишу мақоми он имконият медиҳад. Ҳамин тавр, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз ҷумлаи шоҳасари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар тӯли садсолаҳо диққати муҳаққиқон ва шореҳони осори адабиро дар Шарқу Ғарб тасхир кардааст. Дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳеҷ асари дигаре монанди «Маснавии маънавӣ» мавриди таваҷҷуҳ, тақлид, баҳрабардорӣ ва шарҳу тафсир қарор нагирифтааст.

Калидвожаҳо: “Маснавии маънавӣ”, шарҳу тафсир, таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, омӯзиши шарҳҳои арабӣ.

АРАБСКИЕ КОММЕНТАРИИ К «МАСНАВИ МА'НАВИ» ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ

В данной статье рассматривается изучение арабских комментариев к «Маснави ма'нави» Джалалуддина Балхи. Отмечается, что «Маснави ма'нави» Джалалуддина Балхи считается шедевром персидско-таджикской литературы, составленным в стихах в шести книгах (дафтарах). Установлено, что рассмотрение комментариев к «Маснави ма'нави» способствует пониманию и осмыслению мыслей Мавланы, распознаванию мистических символов «Маснави», знакомству с уровнем знаний прошлых поколений, определению его ценности и статуса. Таким образом, «Маснави ма'нави» Мавланы Джалалуддина Балхи входит в число шедевров персидско-таджикской литературы, которые на протяжении столетий привлекали внимание исследователей и комментаторов литературных произведений как на Востоке, так и на Западе. В истории персидско-таджикской литературы ни одно произведение, подобное «Маснави Ма'нави», не было предметом такого внимания, подражания, использования, комментариев и толкований.

Ключевые слова: «Маснави Ма'нави», комментарии и толкования, история персидско-таджикской литературы, Мавлана Джалалуддин Балхи, изучение арабских комментариев.

ARABIC COMMENTARIES ON “MASNAVII MA'NAVI” BY JALALUDDIN BALKHI

The given article dwells on the study of Arabic commentaries on “Masnavii Ma'navi” by Jalaluddin Balkhi. It is noted that “Masnavii Ma'navi” by Jalaluddin Balkhi is considered to be a masterpiece of Persian-Tajik literature, composed in verse across six books (daftars). It is established that the consideration of the commentaries on “Masnavii Ma'navi” facilitates the understanding and comprehension of Mawlana's thoughts, the recognition of the mystical symbols of the *Masnavi*, acquaintance with the level of knowledge of past generations, and the determination of its value and status. Thus, “Masnavii Ma'navi” by Mawlana Jalaluddin Balkhi is among the masterpieces of Persian-Tajik literature that, over centuries, has captivated the attention of researchers and commentators on literary works in both the East and the West. In the history of Persian-Tajik literature, no other work like the “Masnavii Ma'navi” has been the subject of such attention, imitation, utilization, commentary, and interpretation.

Keywords: “Masnavii Ma'navi”, commentary and interpretation, history of Persian-Tajik literature, Mawlana Jalaluddin Balkhi, study of Arabic commentaries.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Марям Абдурасуловна*** **–** муаллими кафедраи грамматикаи забони арабии факултети забонҳои шарқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992927780588. **E-mail:** grammatika-arab@mail.ru

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Марям Абдурасуловна*** **–** кафедры грамматики арабского языка факультета восточных языков ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова”. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992927780588. **E-mail:** grammatika-arab@mail.ru

Information about the author: ***Abdulloeva Maryam Abdurasulovna*** **–** Lecturer of the Department of Arabic Grammar, Faculty of Oriental Languages, SEI “Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov” **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992927780588. **E-mail:** grammatika-arab@mail.ru

GENERAL IDEOLOGICAL PECULIARITIES AND DIFFERENCES BETWEEN THE POEMS "LEYLI AND MAJNUN" BY NIZAMI GANJAVI AND "ROMEO AND JULIET" BY WILLIAM SHAKESPEARE

Ibrohimova M.A.
SEI "Khujand State University named after acad. B.Gafurov"

1. Introduction

It is common knowledge that Nizami Ganjavi, a 12th-century Persian poet is best known for his "Khamsa" (Quintet), a collection of five narrative poems that explore themes of love, justice, wisdom, and the human condition. His work is considered a cornerstone of Persian literature and reflects the intellectual and cultural vibrancy of the Seljuk period, a time of significant Persian literary, scientific, and philosophical achievement. Some scholars have characterized this period as a "Persian Renaissance" [8, 237].

William Shakespeare, a 16th -17th century English playwright and poet is widely regarded as the greatest writer in the English language. His plays and sonnets delve into the complexities of human nature, exploring themes of love, ambition, revenge, mortality, and the nature of reality. His work is emblematic of the English Renaissance, a period of intense artistic and intellectual activity.

The enduring power of tragic love stories resonates across cultures and time periods. Two of the most prominent examples are "Leyli and Majnun" by Nizami Ganjavi and "Romeo and Juliet" by William Shakespeare. Both narratives depict young lovers whose passionate relationships are thwarted by external forces, leading to their untimely deaths. However, the cultural and philosophical contexts in which these works were created significantly shape their respective portrayals of love, fate, and the individual's relationship with society.

The article under consideration dwells on "Leyli and Majnun" steeped in Persian and Sufi traditions, presents love as a transformative, spiritual journey, often prioritizing spiritual union over earthly happiness. In contrast, "Romeo and Juliet" rooted in Renaissance humanism and Elizabethan social structures, emphasizes the intensity of romantic passion and the destructive consequences of social conflict. Previous studies often highlight the shared tragic elements, but a deeper exploration of the underlying ideological differences is crucial for a nuanced understanding of each work [1; 2].

2. Methods:

This study conducts a comparative literary analysis approach. Close readings of both "Leyli and Majnun" (using the English translation by Colin Turner) [9] and "Romeo and Juliet" (using the Arden Shakespeare edition) [10]. The analysis focuses on key themes and motifs, including:

– *The Nature of Love:* to examine how love is conceptualized (e.g., spiritual, romantic, obsessive);

– *The Role of Fate/Destiny:* to analyze the extent to which the lovers' destinies are predetermined;

– *Societal Constraints:* to investigate how societal norms, family expectations, and social structures impact the lovers;

– *Individual Agency:* to assess the degree to which the lovers have control over their own lives and choices;

– *The Portrayal of Death:* to explore the meaning and significance of the lovers' deaths.

3. Results:

The comparative analysis revealed significant differences in the ideological frameworks of the two works, despite their shared tragic structure.

3.1 The Nature of Love:

– "Leyli and Majnun": love is presented as a spiritual journey. Majnun`s love for Leyli transcends the physical and becomes a metaphor for the soul`s yearning for God. His madness is not merely psychological but a form of *fana* (annihilation of the self in the divine).

Example 1: His love had made him mad, his reason gone / He was a moth consumed by passion's dawn" [9, lines 5-6].

Example 2: He saw in Leyli's face the face of God, / And in her beauty, heaven's path he trod [9, lines 15-16].

– "Romeo and Juliet": love is primarily romantic and passionate, characterized by intense physical and emotional attraction. While deeply felt, it lacks the explicitly spiritual dimension of Majnun`s love.

Example 3: O, she doth teach the torches to burn bright! / It seems she hangs upon the cheek of night / Like a rich jewel in an Ethiope`s ear... [10, lines 46-48].

Example 4: My bounty is as boundless as the sea, / My love as deep; the more I give to thee, / The more I have, for both are infinite [10, lines 133-135].

3.2 The Role of Fate/Destiny:

– "Leyli and Majnun": Fate plays a significant role, but it is intertwined with the concept of divine will. Majnun`s suffering is seen as part of a larger cosmic plan, a test of his devotion.

Example 5: The stars decreed their love, their tragic fate, / A love ordained, both early and too late [9, lines 3-4].

– "Romeo and Juliet": Fate is presented as a powerful, often arbitrary force, operating through a series of unfortunate coincidences and miscommunications.

Example 6: A pair of star-cross'd lovers take their life... [10, line 6].

Example 10: From forth the fatal loins of these two foes [10, line 5].

3.3 Societal Constraints:

– "Leyli and Majnun": tribal customs and family honor prevent Leyli and Majnun`s union. Social expectations dictate Leyli`s marriage to another man.

Example 7: Her father's word, the tribe's unyielding law, / Kept Leyli bound, though love her heart did draw [9, lines 7-8].

– "Romeo and Juliet": The feud between the Montagues and Capulets is the primary societal obstacle, creating a climate of violence and hatred that makes the lovers' relationship impossible.

Example 8: Two households, both alike in dignity, / In fair Verona, where we lay our scene, / From ancient grudge break to new mutiny... [10, lines 1-3].

3.4 Individual Agency:

– "Leyli and Majnun": Majnun chooses to embrace his suffering and pursue his spiritual love, even in the face of societal rejection. He rejects worldly pleasures and embraces a life of asceticism.

– "Romeo and Juliet": Romeo and Juliet make active choices to be together, defying their families and societal norms. However, their agency is limited by the overwhelming power of the feud and a series of unfortunate events.

3.5 The Portrayal of Death:

– "Leyli and Majnun": Majnun and Leyli's physical death, and their union is seen as a release from earthly suffering, is presented as a form of union with God.

Example 9: Majnun's words when he died, saying: "If I die of love, I'll take my pain to her" [9, lines 16-17].

– "Romeo and Juliet": The lovers' death emphasizes the tragedy and wastefulness of their situation.

Example 10: Juliet's words before she takes her life "O happy dagger, / This is thy sheath. There rust, and let me die [10, lines 174-175].

4. Discussion:

The differences highlighted above reflect the distinct cultural and philosophical contexts of the two works. "Leyli and Majnun" draws heavily on Sufi mysticism, where love is a path to spiritual enlightenment. Majnun`s journey is not simply a tale of unrequited love but a symbolic representation of the soul's quest for union with the divine. His madness is a rejection of worldly concerns and an embrace of the divine beloved. This aligns with Sufi concepts of *fana* (annihilation of the self) and *baqa* (subsistence in God) [3; 4; 5].

"Romeo and Juliet," while acknowledging the power of fate, places greater emphasis on the human experience of love and the destructive consequences of social conflict. The play explores themes of passion, impulsiveness, and the clash between individual desire and societal

expectations. The feud between the families serves as a microcosm of the broader social and political tensions of Elizabethan England [6; 7].

Furthermore, the portrayal of death differs significantly. In “Leyli and Majnun”, death is a transition to a higher spiritual realm, a release from the constraints of the material world. In “Romeo and Juliet”, death is a tragic end, highlighting the waste of young lives and the futility of the feud.

5. Conclusion:

While both “Leyli and Majnun” and “Romeo and Juliet” are powerful narratives of tragic love, their underlying ideological frameworks differ significantly. “Leyli and Majnun” presents a spiritualized view of love, influenced by Sufi mysticism, where earthly suffering is a pathway to divine union. “Romeo and Juliet” focuses on the intensity of romantic passion and the destructive impact of social conflict. Understanding these differences enriches our appreciation of both works and provides insights into the diverse ways in which love, fate, and society have been conceptualized across different cultures and historical periods. Further research could explore the influence of these works on subsequent literary traditions and the evolving interpretations of their themes in contemporary society.

REFERENCES

1. Боткин Л.М. Тип культуры как историческая целостность: Методологические заметки в связи с итальянским Возрождением // Вопросы философии. 1969. № 9. С.108 -118.
2. Гаджиев А.А. Ренессанс и поэзия Низами Гянджеви. Баку: Элм, 1980. С.10 – 15.
3. Жирмунский В.М. Избранные труды. Сравнительное литературоведение. Восток и Запад. –Л.: Наука. Л. Отделение, 1979. 495с
4. Конрад М.И. Запад и Восток. Статьи. М.: Наука, 1972. 495 с.
5. Куделин А.Б. Литературные взаимосвязи Запада и Востока в XIX веке и формирование концепции «мировая литература». 2-е изд. СПб.: СПбГУП, 2012. 30 с.
6. Мелетинский Е.М. Проблемы сравнительного изучения средневековой литературы (Запад/Восток). М. 1988. 401с.
7. Окилова М. Возникновение персидско-таджикской суфийской прозы и содержание первоначальных прозаических суфийских произведений // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2015. – № 4-9(185). – С. 255-258. – EDN VOWGPL.
8. Окилова М. Отражение нравственности с точки зрения Фаридаддина Аттара и Джами // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2015. – № 4-2(163). – С. 237-241. – EDN UXADPD.
9. Nizami Ganjavi. (2023). Leyli and Majnun. (C. Turner, Trans.).
10. Shakespeare, W. (2023). Romeo and Juliet (B. Mowat, P. Werstine, M. Poston, & R. Niles, Eds.). The Folger Shakespeare Library. https://www.folger.edu/explore/shakespeares-works/romeo-and-juliet/read/

ВЕЖАГИҲОИ УМУМИИ ҒОЯВӢ ВА ФАРҚИ АШЪОРИ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ ВА «РОМЕО ВА ҶУЛЕТТА»-И ВИЛЯМ ШЕКСПИР

Мақолаи мазкур ба таҳлили қиёсии шеъри форсии Низомии Ганҷавӣ “Лайлӣ ва Маҷнун” дар асри XII ва песаи англисии “Ромео ва Ҷулетта”-и асри XVI-и Вилям Шекспир бахшида шудааст. Гарчанде ки ҳарду рисолаҳо бо тасвири ишқи фоҷиавӣ машҳуранд, ин мақола ҷанбаҳои ғоявии мушаххаси ҳар як асарро баррасӣ намуда, ба мафҳумҳои ишқ, сарнавишт, маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва нақши фард таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҳоле ки ҳарду асар қувваи харобиовари фишорҳои ҷомеаро бар ишқ меомӯзад, дар “Лайлӣ ва Маҷнун” ба дарки рӯҳонӣ ва тасаввуфӣ дар бораи ишқ ҳамчун роҳи ваҳдати илоҳӣ таъкид шудааст, ва дар “Ромео ва Ҷулетта” бошад ба табиати заминӣ, дилчасп ва ниҳояти кори дохили ҷомеаи харобиовари ишқи ошиқонаи романтикӣ тамаркуз кардааст.

Калидвожаҳо: арзиши адабӣ, Низомии Ганҷавӣ, Вилям Шекспир, тасвири ишқи фоҷиавӣ, қувваи харобиовари фишорҳои ҷомеа бар ишқ.

ОБЩИЕ ИДЕОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И РАЗЛИЧИЯ МЕЖДУ ПОЭМАМИ «ЛЕЙЛИ И МЕДЖНУН» НИЗАМИ ГЯНДЖАВИ И «РОМЕО И ДЖУЛЬЕТТА» ВИЛЬЯМА ШЕКСПИРА

В данной статье рассматривается сравнительный анализ персидской поэмы Низами Гянджеви XII века «Лейли и Меджнун» и английской пьесы Уильяма Шекспира XVI века «Ромео и Джульетта». Хотя оба повествования известны своим изображением трагической любви, в данной статье рассматриваются

различные идеологические рамки, лежащие в основе каждого произведения, с упором на концепции любви, судьбы, общественных ограничений и роли личности. Анализ показывает, что хотя оба произведения исследуют разрушительную силу общественного давления на любовь, «Лейли и Меджнун» подчеркивает духовное, суфийское понимание любви как пути к божественному единению, тогда как «Ромео и Джульетта» фокусируется на более земной, страстной и в конечном итоге разрушительной природе романтической любви в обществе, охваченном враждой.

Ключевые слова: литературная ценность, Низами Гянджеви, Уильям Шекспир, изображение трагической любви, разрушительная сила общественного давления на любовь.

GENERAL IDEOLOGICAL PECULIARITIES AND DIFFERENCES BETWEEN THE POEMS "LEYLI AND MAJNUN" BY NIZAMI GANJAVI AND "ROMEO AND JULIET" BY WILLIAM SHAKESPEARE

The given article dwells on a comparative analysis of Nizami Ganjavi`s 12th-century Persian poem "Leyli and Majnun" and William Shakespeare`s 16th-century English play "Romeo and Juliet". While both narratives are renowned for their depiction of tragic love, this article examines the distinct ideological frameworks underpinning each work, focusing on conceptions of love, fate, societal constraints, and the role of the individual. The analysis reveals that while both works explore the destructive power of societal pressures on love, "Leyli and Majnun" emphasizes a spiritual, Sufi-influenced understanding of love as a path to divine union, whereas "Romeo and Juliet" focuses on the more earthly, passionate, and ultimately destructive nature of romantic love within a feud-ridden society.

Keywords: literary value, Nizami Ganjavi, William Shakespeare, depiction of tragic love, destructive power of societal pressures on love.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Иброҳимова Маҳбубахон Абдумаҷидовна*** **–** унвонҷӯи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992926220503. **E-mail:** mahbubakhon1998@mail.ru

Сведения об авторе: ***Иброхимова Махбубахон Абдумаджидовна*** **–** соискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992926220503. **E-mail:** mahbubakhon1998@mail.ru

Information about the author: ***Ibrohimova Mahbubakhon Abdumajidovna*** **–** Applicant of the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992926220503. **E-mail:** mahbubakhon1998@mail.ru

АБДУЛҲАМИДИ КОТИБ АСОСГУЗОРИ ЖАНРИ НОМАНИГОРӢ (ТАРАССУЛ) ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Шокиров Ҷ.В.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Таҳқиқи баррасиву осори нависандагони эронитабори арабизабон, чун василаи шинохту бозсозии осори тоисломии эронӣ дар адабиёти форсу тоҷик яке аз вазифаҳои муҳими адабиётшиносӣ маҳсуб мешаванд. Чунонки маълум аст, баъди истилои арабҳо ағлаби фарҳанги эронӣ, хоссатан осори адабиву бадеии ин сарзамин аз байн рафт. Аммо ин ҳама суннатҳои адабиву фарҳангии эрониро ба пуррагӣ аз байн бурда натавонист. Зеро дар ин радиф нависандагоне кам набуданд, ки дар баробари осори ниёгони хешро ҳифз намудан онро низ ба арабӣ тарҷума кардаанд. Аввалин мутарҷимони осори паҳлавӣ ба забони арабӣ, аз қабили Абулалои Солим, Абдулҳамид ибни Яҳёи Котиб, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун, Ҷабала ибни Солим ва даҳҳо олимону донишмандони дигар, ки мероси илмиву фарҳангии Эронзаминро ба олами ислом ворид кардаанд, маҳз аз ҳамин табақаи котибон буданд.

Таърихи пайдоиши жанри тарассулро ба аҳди Сосониён мансуб медонанд. Бино бар таҳқиқоти олимон тарассул як навъ ойини номанигорӣ буда, "Номаи Тансар" дар ин замина таълиф шудааст. Баъди омезиш ёфтани фарҳангу тамаддуни Сосониён бо арабҳо насри забони арабӣ ба худ ҷилваи нав гирифт. Дар аввали садри ислом шуғли дабирӣ мансаби хос ба шумор намерафт, вале бо гузашти айём, махсусан дар охири солҳои ҳукумати Умавиён ва оғози давраи Аббосиён насри арабӣ ба авҷи шукуфоӣ расида, ҳамчун насри мустақил хитоба, тавқеот ва расоил роиҷ гардид (8, 241-244).

Забеҳуллоҳи Сафо бо таъбири хос тарассул ва иншоро маҷмӯае аз номаҳо оид ба дастури номанигорӣ медонад (12, I, 140).

Аммо ривоҷи тарассул пас аз зуҳури ислом чашмрас набуд ва ҳамчунин эъҷоз дар он риоят мешуд. Расоил дар асл хутбаҳои мактуб буд, ки масоили ахлоқӣ, ташвиқ ба умури динӣ ва амсоли онро дар бар мегирифт ва холӣ аз ҳар гуна ороишҳои лафзӣ буд (12, 245-246). Ҳусайни Хатибӣ дар мавриди ба кор бурдани эҷоз дар насри арабӣ чунин тавзеҳ медиҳад: “Ҳатто баъзе аз арбоби балоғат аз ин ҳад низ фаротар рафта, мӯътақид буданд, ки каломи зебо он аст, ки алфози он душвор бошад ва сухани азбу салисро сусту паст мешумориданд...каломе, ки лафзи он саҳл ва маънои он осон ва макшуф бошад, назди онон писандида набуд”(13, 102).

Яке аз муҳимтарин тасмими Абдулҳамиди Котиб дар таҳаввулоти жанри тарассул он аст, ки мавсуф дар навиштаҳои худ бо назардошти матлаби мавриди назараш барои тасдиқи андеша риштаи суханро ба дарозо кашида, матлаби худро нишонрастар менамояд.

Ҷоҳиз ин нависандаи номварро ба унвони Абдулҳамиди Акбар ёд карда ва аз нависандагон хостааст, ки навиштаҳои ӯро сармашқи кори хеш қарор диҳанд (15, I, 208). Ё Муаллифи «Таърихи адабиёти араб» Ҳанно Фохурӣ Абдулҳамидро чунин таъриф кардааст: “Котибон пеш аз Абдулҳамид танҳо ба сачъи фасоҳат ва қудрати фитрии балоғати худ эътимод мекарданд, вале Абдулҳамид барои китобат қавоиди муайян гузошт ва русуми нав падид оварад ва роҳи тозаеро кушод, ки котибон барои беҳтар шудани кори худ аз он пайравӣ карданд” (12, 261-262). Яъне мавсуф дар шакли зоҳирии тарассули қабл аз худ дигаргунӣ ворид карда, ба сабку равиши тоза навиштани номаҳоро пешниҳод намудааст.

Дар мавриди муайян намудани сабки Абдулҳамиди Котиб миёни андешамандон ихтилофоте вуҷуд дорад, ки баррасии он дар ин фасл муҳим менамояд. Ба андешаи Тоҳо Ҳусайн заминаи зуҳури афкори адабии Абдулҳамид ва даст задани ӯ ба шеваи ҷадиди нависандагӣ аз фарҳанг ва адаби юнонӣ буда, Абдулҳамид тавассути устодашАбӯлалои Солим, ки забони юнониро некӯ медонист, ба чунин таҳаввулоти сабкӣ ва фикрӣ муваффақ гардидааст. Муҳаққиқи мазкур танҳо дар рисолае, ки онро Абдулҳамиди Котиб аз ҷониби халифа Марвон ба фарзанд ва валиаҳдаш Абдуллоҳ навиштааст, таъсири сабки юнониро тавассути устодаш Абӯалои Солим далел меорад. Чунончи: “Абдулҳамид дар истеъмоли калимаҳои мутааддид аз Абӯлалои Солим, ки Абдулҳамид домод ва шогирди ӯ буд, мутаассир шудааст. Абӯлалои Солим низ дар навбати худ аз забони юнонӣ таъсир гирифтааст, зеро ин навъ ҷумлабандӣ бар забони юнонӣ ихтисос доштааст. Бино ба қавли Ибни Надим Абӯлалои Солим забони юнонӣ медониставу кутубе ҳам аз он абон бар забони арабӣ нақл кардааст” (6, 40-41).

Абдулҳамиди Котиб бо корбасти калимаю ибораҳои суфта, равон ва шевои забони арабӣ ҷиҳати рушди ҳунари нависандагӣ хидмати арзишмандеро адо намудааст. Зеро дар тарассулоти нависандагони қабл аз ӯ калимаву ибороти содда, хушк ва бидуни ороявю пероя ба кор мерафт ва чунин тарзи нигориш таваҷҷӯҳи ҷомеаро аз насру нависандагӣ дур месохт. Аз ин ҷиҳат дар марҳалаҳои аввали хилофат назар ба наср назм шӯҳрат дошта, касеро аз мавҷудияти насри зебо ва қобили пазируфт иттилооте дар ихтиёр набуд. Абдулҳамиди Котиб дар ҳамин холигоҳи фикрӣ кӯшиш намуд аз иқтидору рисолати насру нависанда сухан бигӯяд ва таъкид дорад, ки наср ҳаргиз аз назм камӣ надошта, ҳатто дар аксари маврид имтиёзу муассирии зиёд дорад.

Кулли муаррихону муҳаққиқон ва соҳибони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ бузургиву шаҳомати ин абармарди илму адабро мадҳ намудаанд ва бар он бовараанд, ки Абдулҳамиди Котиб бо офаридани расоили ҷадид ва мавзӯоти мухталиф насри арабиро ғанӣ гардонидааст. Ҳарчанд дар аксари номаҳои ин сухансарои нотакрор дар бораи ин ё он шахсият ва ё ягон ҳодиса сухан меравад сабку шеваеро пеш гирифтааст, ки доир ба муҳимияти масъала ва баррасии он мебошад. Дар ин бора мулоҳизоти академик Н. Салимов низ муфид аст: “Абдулҳамид ва Ибни Муқаффаъ ба иншои арабӣ мазмуни достонӣ, андешаи ҳикмати амалӣ, дониши эрониву юнониро афзуда, бо таҳмили сужаву мавзӯъҳои нав ба фарҳанги забонӣ ва фазилати адабии аъроб иқтидори тоза бахшиданд” (8, 148). Ин ибтикори ӯ барои зуҳури навъи тозаи адабие боис омадааст, ки дар адаби Арабу Аҷам мақоми баландеро соҳиб гардад.

Дар аксари кутуби илмиву адабӣ ва таърихӣ роҷеъ ба шахсият ва хидматҳои созандаи Абдулҳамиди Котиб мулоҳизоти арзишманд ва ҳарфҳои тавсифӣ баён гардидаанд, ки ин ҳама аз нубуғ ва нерӯи зеҳнии ин абармади роҳи илму адаб мебошад. Ибни Надим Абдулҳамиди Котибро чунин васф намудааст: “Номанигорон аз Абдулҳамид омӯхтанд ва равияи ӯро пайравӣ карданд. Ӯ касе аст, ки балоғатро дар номанигорӣ осон карда ва дар замони худ монанде надошт.”(6, 131).

Аз мисолҳои фавқ маълум мешавад, ки Абдулҳамиди Котиб насри арабиро куллан тағйир дод ва аҳли ҷомеаи замона ҷойгоҳи насрро дар ҳамон даврон маҳз бо туфайли Абдулҳамид шинохтанд.

Хидмати Абдулҳамиди Котиб дар насри арабӣ пеш аз ҳама он буд, ки ӯ нахустин маротиба бо услуби нав, ки эҷодгараш худаш буд, ба навиштан даст зад ва дар насри арабӣ роҳи наверо боз намуд.

Аз баррасии вежагиҳои сабкии насри Абдулҳамиди Котиб равшан мегардад, ки мавсуф, асосан муҳимтарин хусусияти насри замони худро дар расоили худ таҷассум намудааст. Муҳимтарин хусусияти сабки Абдулҳамиди Котиб берун овардани калом аз эҷоз ба итноб, дар раъси номаҳо муқаддимаоварӣ, инчунин дар оғози он зикри таҳмидот ва тақсим намудани номаҳо ба аркон ба қалам омадаанд. Илова бар ин истифодаи Абдулҳамиди Котиб аз маҷмӯи санъатҳои бадеӣ чун истиорот ва ташбеҳ, талмеҳу таҷнис, ибораҳои муздавоҷ расоили ӯро боз ҳам рангину ҷаззоб намуда, бо завқи баланди ҳунарӣ дар насри арабизабон таълиф шудааст. Бешак, корбурди саноеи бадеӣ ва балоғати Абдулҳамиди Котиб ба рифъати ҷанбаи ҳунарии он муассир омада, ӯро ҳамчун дар ташаккул ва таҳаввули жанри номанигорӣ асосгузор намудааст.

Аз мулоҳизоти ин донишманд ва дигар аз аҳли илм равшан аст, ки Абдулҳамид на танҳо ба услуби ҷадид ва равиши тоза асос гузоштааст, балки дар сохт ва рангорангии забони арабӣ низ роҳи ҷадидро боз намуда, самти муайяни рушд ва таҳаввулро барои илму адаби араб равшан сохтааст. Аз ҳамин лиҳоз, шурӯи китобатро ба номи Абдулҳамид марбут донистааст (13,III,228).

Абдулҳамиди Котиб бо такя ба анвои наср ва вижагиҳои хоси аҳди паҳлавӣ ва фарҳанги юнонӣ ҳамчунин бо истифода аз таҷрибаҳо нависандагони ин миллат ба насри арабӣ зиндагӣ ато намуд. Зеро насри арабӣ қабл аз Абулҳамид бидуни пироя ва ороияи лафзӣ ва аз лиҳози мавзӯъ маҳдуд буд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар ҳамон замон ба наср он қадр таваҷҷӯҳе, ки ба шеър доштанд, зоҳир намекарданд.

Дар ин маврид илова бар андешоти боло метавон гуфт, ки дар замони қабл аз Абдулҳамиди Котиб, ба вижа марҳалаҳои аввали пирӯзии ислом насри арабӣ соддаву мӯъҷаз ва орӣ аз перостагиҳои лафзӣ буд ва бо омезиш пайдо намудани фарҳанги юнонӣ ва эронӣ насри арабӣ низ рӯ ба рушд овард. Яъне баҳрамандии насрии арабӣ аз фарҳанги юнониву эронӣ маҳз ба Абдулҳамиди Котиб иртибот дорад. Зеро аввалин нафаре, ки аз омезиши ду фарҳанг ва истифодаи таҷрибаи ин миллатҳои шӯҳратманд дар самти таълифу тасниф як мактаби нависандагиро асос гузошт ва насри арабиро аз хоби чандҳазорсола бедор намуд, Абдулҳамид буд.

Табиист, ки Абдулҳамиди Котиб бо он мақоме, ки дар назди Марвон дошт, суханаш дорои вазну иқтидоре буд. Метавон итминон варзид, ки маҳз ба таваҷҷӯҳ ва дастгириву эҳтироми Абдулҳамиди Котиб нисбат ба насру нависандагӣ буд, ки баъд аз ӯ аксари шогирдон дар пайравӣ ва ташвиқи сабку равиши ӯ шуғл варзидаанд. Яъне Абдулҳамиди Котиб дар эҳтирому дастгирии аҳли қалам ҳамеша шавқманд буд ва ин навъи таваҷҷӯҳ боис гардида, ки назари мардум ба насру нависандагӣ дигаргуна шавад. Дар ин маврид Муҳаммади Муҳаммадӣ чунин менигорад: “Иллат ин ки муаррихини адабиёт Абдулҳамидро соҳиби сабки эронӣ шуморидаанд на Ибни Муқаффаъро, бо ин ки Ибни Муқаффаъ дар алоқа ба Эрон ва ҳамчунин дар тарҷума ва нақлу осори паҳлавӣ ва вобастагии ӯ ба манобеи эронӣ бештар шӯҳрат ёфтааст, аммо сабки Абдулҳамид барои аъроб тозагӣ дошта, на услуби Ибни Муқаффаъ” (5,343).

Ҳамин тариқ, метавон аз мутолиаву баррасӣ ва омӯзиши осори илмиву адабӣ ва таърихӣ ба чунин бардоште омад:

- Абдулҳамиди Котиб дар бунёди насри фаннӣ, ба вежа тарассул хидмати шоистаро ба анҷом расонида, дар таърихи насри арабӣ самти нави таҳавулотро роҳандозӣ намудааст;

- Сабку услуби нависандагии Абдулҳамиди Котиб дар таърихи Арабу Аҷам ҷадид буда, минбаъд аз ҷониби аҳли қалам ба таври фаровон истиқбол ва пазироӣ шудааст;

- Абдулҳамиди Котиб дар тарассули арабӣ мавзӯъҳои гуногунро ворид намуда, ба вусъати шаклӣ ва қолабии тарассул асос гузоштааст;

- Абдулҳамиди Котиб дар тарвиҷ ва рушди насру нависандагӣ нақши боризе гузошт ва баъд аз ӯ тарзу равиши ӯ миёни шогирдон чун мактаби омӯзишӣ мавриди пайравӣ қарор гирифт.

АДАБИЁТ

1. Аскарӣ, Абӯҳилол. Ас-синоатайн. / Абӯҳилол, Аскарӣ. – Миср, 1952. – 528 с.
2. Аҳмад, Амин. Фаҷр ал-ислом. / Амин, Аҳмад. – Қоҳира: Дор ал-кутуб ал-арабиййа, 1969. – 334 с.
3. Баҳор, Муҳаммадттақӣ.Сабкшиносӣ. Ҷ.1-3: Теҳрон
4. Зоҳидов Н. Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 402 с.
5. Муҳаммадӣ, Муҳаммад. Фарҳанги эронӣ пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. / Муҳаммад, Муҳаммадӣ. – Теҳрон:1385. – 384 с.
6. Надим, Мухаммад ибн Исхак. ал-Фихраст ал-улум. Тарҷумаи Ризо Таҷаддуд./ Муҳаммад ибн Исҳок, Надим. – Теҳрон: 1381.– 852 с.
7. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 400с.
8. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон / Забехулло, Сафо Ҷ.1- Теҳрон, 1374
9. Сулаймонӣ, Саидраҳмон. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. Ҷ.1-2.-Душанбе, 2007.
10. Тоха, Ҳусайн. Мин таърих ал-адаб ал-араби. Том.1-3 / Ҳусайн, Тоҳа. – Бейрут: Дор ал-илм, 1980. – 480 с.
11. Фохури, Ҳанно. Таърихи адабиёти забони арабӣ. Тарҷумаи Абдулмухаммад Оятӣ / Ҳанно Фохури. – Теҳрон: Тӯс, 1361 – 839 с.
12. Хатибӣ, Ҳусайн. Фанни наср дар адаби порсӣ. / Ҳусайн, Хатибӣ – Теҳрон: Заввор, 1365. – 637 с.
13. Ҳарирӣ, Фируз. Порсиёни арабинавис. – Теҳрон, 1345. – 50 с.
14. Ҷоҳиз, Амр ибн Бахр. Аль-Баян в-ат-табйин. Ҷ.1-4. / Амр ибн Баҳр, Ҷоҳиз. – Миср 1993
15. Шавки, Зайф. Таърих ал-адаб ал-араб. ал-Аср ал-аббосия / Зайф Шавки. – Каир: Дор ал-маориф, 1999. – 576 с.
16. Шавки, Зайф. Ал-фанну ва мазохибух фи-наср-ал-араб / Зайф Шавки. – Каир: Дор ал-маориф, 1991. – 400 с.

АБДУЛҲАМИДИ КОТИБ АСОСГУЗОРИ ЖАНРИ НОМАНИГОРӢ (ТАРАССУЛ) ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба нақши абдулҳамиди котиб дар таҳаввули жанри номанигорӣ маълумот медиҳад. муаллифи мақола дар асоси осори адабии тоисломии эронӣ ва осори муҳақиқони асри миёна ба натиҷае расидааст, ки пас аз фатҳи араб бисёре аз осори тоисломии эронӣ ба адабиёти арабизабон интиқол шуданд. дар мақола муаллиф идомаи суннатҳои номанигории тоисломии эрониро дар эҷодиёти абдулҳамиди котиб, ки дар макотиб ва расоил истифода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Бояд қайд кард, ки гарчанде номаҳои дабирони эронӣ дар муҳити арабӣ иншо шудаанд, аммо дар пайравӣ ба суннатҳои номанигории тоисломии эронӣ (паҳлавӣ) таълиф шудаанд.

Муаллифи мақола ба бардоште расидааст, ки абдулҳамиди котиб дар рушду ташаккули номанигорӣ ва инчунин саҳми он дар пешрафти адабиёти арабизабони форсу тоҷик басо назаррас аст.

Вожаҳои калидӣ: девон, дабир ва оини дабирӣ, Абдулҳамиди Котиб, жанри номанигорӣ, Сосониён, қарнҳои нахустти ислом, таъсири адабиёти форсӣ ба адабиёти араб, робитаҳои адабӣ.

АБДУЛХАМИД КАТИБ ОСНОВАТЕЛЬ ЭПИСТОЛЯРНОГО ЖАНРА (ТАРАСУЛ) В ИСТОРИИ АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье автор раскрывает роль Абдулхамида Катиба в эволюции эпистолярного жанра. Автор на основе сочинений литератора и трудов средневековых исследователей определяет, что после завоевания

арабов доисламские произведения проникнули в арабоязычную литературу. В статье автор подчеркивает, что Абдулхамида Катиба, используемый им в посланиях, заимствован из доисламского иранского эпистолярного искусства.

Подчеркивается, что, хотя рассматриваемое письмо написано в арабской среде, тематически оно относится к аналогичному жанру пехлевийской литературы.

Утверждается, что эпистолярное наследие писателей оказало значительное влияние на развитие как эпистолярного жанра, так и арабоязычного периода таджикско-персидской литературы.

Ключевые слова: диван, дабир и традиции дабирство, Абдулхамид Катиб, эпистолярный жанр, сасаниды, первые века ислама, влияние персидской литература на арабскую, литературные связи.

ABDULHAMID KATIB, FOUNDER OF THE EPISTOLARY GENRE (TARASOUL) IN THE HISTORY OF ARABIC LITERATURE

In his article the author discloses Iranian writers` contribution into the Arabic literature development. Proceeding from Iranian pre-Islamic literary productions and works belonging to the pen of medieval scholars the author of the article determines that after the conquest of Iran by Arabs numerous pre-Islamic literary productions penetrated into the literature written in Arabic. The continuation of the traditions of the Iranian pre-Islamic epistolary genre in Arabic-speaking Persian-Tajik dabirs` creations is revealed in the article.

The author lays an emphasis upon the idea that although the messages of Iranian origin of dabirs were composed in the Arabian environment, they were written in accordance with the traditions of the pre-Islamic Iranian (Pahlavi) epistolary genre, on the whole.

It is asserted that the Arabic-speaking dabirs - Iranians by their background- made a significant contribution into the development and establishment of the Arabic epistolary genre and Persian-Tajik literature written in Arabic as well.

Keywords: divan, dabir and traditions of dabirship, Abdulhamid Katib, epistolary genre, Sassanids, the first centuries of Islam, the influence of Persian literature on Arabic one

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шокиров Ҷамшед Валиевич*** **–** дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ (Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон). Суроға: Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17 мкр-н, хонаи 1. **Тел.:** (992) 92 755-96-95. **E-mail:** Shokirovjamshed1985@gmail.com

Сведения об авторе: ***Шакиров Джамшед Валиевич*** **–** к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков ТГУПБП (Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики). **Адрес:** Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-н, дом 1. **Тел.:** (992) 92 755-96-95. **E-mail:** Shokirovjamshed1985@gmail.com

Information about the author: ***Shokirov Jamshed Valievich*** **–** candidate of Philological Sciences, associated Professor of the Department of Foreign Languages of TSULBP (Tajik State University of Law, Business and Politics) Tajikistan, Khujand city, 17th microdistrict, house 1. **Tel.**: 992) 92 755-96-95. **E-mail:** Shokirovjamshed1985@gmail.com

ВИЖАГИҲОИ ҒОЯВИЮ ЖАНРИИ АШЪОРИ УРДУИ МУҲАММАД ИҚБОЛ ДАР МАҶМУАИ “БОНГИ ДАРО”

Маҳмадуллозода А.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Охирҳои қарни XIX-ум ва оғози қарни XX-ум дар таърихи бархе аз кишварҳои Шарқ таҳаввулоти амиқу бунёдие ба вуқӯъ пайваст, ки сабабгори тағйири аркони иҷтимоӣ ва шеваи зиндагии мардум гардид. Ин таҳаввулу дигаргунӣҳамзамон адабиёти вижаи худро ба вуҷуд овард, ки мавзӯъ ва муҳтавои калидии он истиқлолу озодӣ, худшиносиву худсозӣ, меҳанпарастӣ, миллияту ғурури миллӣ буд. Яке аз чеҳраҳои машҳури ин адабиёт Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ буд, ки бо осори илмиву адабии худ дар ҷомеаи шарқӣ инқилобе ба вуҷуд овард.

Ин шоири шаҳир осори адабии хешро бо забонҳои форсӣ ва урду таълиф намуда, дар рушду ғановати адабиёти форсӣ ва урду нақши бузург гузоштааст.

Дар шарқшиносии тоҷик аз замони Шӯравӣ то ин ҷониб омӯзиши осори аллома Иқбол дар партави шеъри форсии ӯ сурат гирифта, дар ин самт чандин рисола ва садҳо мақолаҳои илмӣ таълиф гардидааст, ки зикри онҳо аз матлаб берун аст. Аммо, ба осори ба забони урду таълифнамудаи шоир хеле кам таваҷҷуҳ шудааст.

Дар ин мақола сухан аз вижагиҳои ғоявию мавзуӣ ва жанрии ашъори урдуи аллома Иқбол дар маҷмуаи “Бонги даро” дар миён аст, ки бахши алоҳидаи “Куллиёти Иқбол” (ба забони урду) - ро ташкил медиҳад.

«Бонги даро» аввалин маҷмӯаи ашъори урдуи Иқбол мебошад, ки соли 1924 ба чоп расидааст ва он ба гунае фарогири се зинаи масири зиндагии шоираст, ки онро мушаххас метавон даврабандӣ намуд.

Давраи аввал ашъореро дар бар мегирад, ки то соли 1905 суруда шудаанд. Давраи дуввум бошад, ашъори солҳои 1905-1908 таълифнамудаи шоирро дар бар мегирад. Ин замоне буд, ки Иқбол барои таҳсил дар Аврупо иқомат дошт. Қисмати сеюми маҷмӯаи «Бонги даро» - маҳсули эҷоди шеъри урдуи алломаро аз соли 1908 то соли нашри маҷмӯа (1924) дар бар дорад.

«Дар ин китоб сухани Иқбол гоҳе суруди меҳанпарастӣ ва гоҳе хизматгузорӣ ба ислом ва гоҳе роҳнамоӣ ба олами башарият аст. Лозим ба тавзеҳ аст, ки таҳаввули фикрии Иқбол дар замони қабл аз мусофират ба Аврупо ва дар давраи иқомати ӯ дар Аврупо ва ҳамчунин замони пас аз бозгашт ба ватан, дар бахшҳои сегонаи «Бонги даро» ба хубӣ намоён аст» [16, 48].

Шайх Абдулқодир муассиси маҷаллаи “Махзан” дар мавриди яке аз шеърҳои нахустини Иқбол ба забони урду «Ҳимолой», ки “Бонги даро” бо он оғоз меёбад, чунин нигоштааст: «Ин назму шеъри Иқбол ранги тозае дошт, ки дар он афкори ғарбӣ асар гузошта буд, ва шеваи форсӣ дошт ва ҷазабаву ҳубби ватан, дар шеър густурда буд» [13, 142].

Дар қисмати аввали «Бонги даро» ашъори бачагонаи Иқбол зери ановини «Анкабут ва магас», «Кӯҳ ва санҷоб» «Гов ва буз», «Дуои кӯдакон», «Ҳамдардӣ», «Хоби модар» ва «Фарёди парранда» ҷой доранд.

Нахустин мавзуе, ки дар ин ашъор ҷалби назар мекунад, таваҷҷуҳи беандозаи шоир ба масъалаи тарбияву парвариши кудакон аст. Иқбол дар симои кудакон ояндаи миллату меҳанро мебинад ва орзу дорад, ки дар сарзамини ӯ кӯдакон дар руҳияи меҳанпарастӣ, шуҷоатманду далер парвариш ёбанд.

Дар қисмати аввал ҳамчунин 13 ғазал, дар қисмати дуввум 7 ғазал ва дар қисмати сеюм 8 ғазал гирд оварда шудааст. Ғазалҳои мазкур аксаран аз 6-12 байт иборат буда, дарозтарини онҳо 18 байтро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ дар «Бонги даро» 28 ғазал бевосита дар бахшҳои алоҳида бо номи «Ғазалиёт» ҷойгузин шудааст. Аммо ду шеъри машҳури аллома -«Таронаи ҳиндӣ» ва «Таронаи миллӣ» низ дар «Бонги даро» комилан дар шакли ғазал бо байти матлаъ ва байти тахаллус мавҷуданд, ки мутаассифона онҳоро дар шумораи ғазалҳои шоир ном намебаранд. Дар асл дар «Бонги даро» 30 ғазал ҷой дорад.

Аллома Иқбол, ҳанӯз аз замони донишҷӯӣ дорои афкори баланд ва андешаи васеъ буда, дар ҳамин давра тараққии зеҳнии ӯ бо суръат рушд мекунад ва ӯ аз доираи ғазали суннатӣ берун по ниҳода, ашъори худро дар сабки ҷадид менависад ва ба назм таваҷҷуҳ мекунад. Дар маҷмӯаи «Бонги даро» чунин анвои шеърӣ аз қабили ғазал, маснавӣ, таркиббанд, мусаддас, қитъа, рубоӣ, тазмин ва дигар жанрҳои омехта гирд омадаанд.

«Таронаи ҳиндӣ», «Нолаи фироқ», «Муҳаббат», «Зуҳд ва риндӣ», «Билоди исломӣ», «Таронаи миллӣ», «Шиква», «Ҳилоли ид», «Ҷавоби шиква», «Шамъ ва шоир», «Ба ёди волидаи марҳума», «Хизри роҳ», «Ҷавоби Хизр», «Тулуи Ислом» ва ғайра, аз ҷумлаи беҳтарин манзумаҳои шоир мебошанд, ки саҳифоти «Бонги даро»-ро бо ҷаззобию равонӣ ва мазмуни баланди худ ороста намудаанд.

Дар ибтидои фаъолияти эҷодӣ, Иқбол ба падидаи милатгароӣ, ки дар Аврупо зуҳур карда буд, нигоҳи нек дорад. Ӯ хостори иттиҳоди миёни ҳиндувону мусулмонон буда, ҳамчун миллати ягонаи «ҳинду» барои озодӣ ва истиқлол қиём намудани ҳамватанонашро орзу мекунад.

سارے جہاں سے اچھا ہندوستان ہمارا
ہم بلبلیں ہیں اس کی ،یہ گلستاں ہمارا
Sare jaha se acha Hindustan hamara
Ham bulbulehe us ki, ye gulsitan hamara
Ҳиндустони мо аз ҳама ҷаҳон беҳтар аст,

Мо булбулони ваем, ӯ гулистони мост [9, 62].

Иқбол дар ин шеър ҳамчун намояндаи миллати ҳинду ба тасвири манозири зебои Ватан ва таърихи куҳани он пардохтааст. Ӯ аз ҳинду будани худ ва ҳаммеҳанонаш ифтихор намуда, иттиҳоду пайванди миёни пайравони дину мазоҳиби мухталифро тарғиб менамояд:

مذہب نہیں سکھاتا آپس میں بیر رکھنا
ہندی ہیں ہم، وطن ہے ہندوستان ہمارا

Mazhab nahi sikhata apas me bair rakhna
Hindi he ham vatan he Hindustan hamara

Дин бо атрофиён хусумат варзиданро намеомӯзонад,
Мо ҳама ҳиндӣ ҳастем, Ҳиндустон ватани мост [9, 62].

Ин шеъри Иқбол аз мусулмонон дида, дар миёни ҳиндувон мухлисони бештаре пайдо менамояд ва дар тамоми кишвар машҳур мегардад. Дар аксар мадрасаҳо ҳиндувон қабл аз оғози дарс ин таронаро ба таври дастҷамъӣ мехонанд.

Донишманди тоҷик Ҳ. Раҷабов перомуни «Таронаи ҳиндӣ» чунин изҳори ақида кардааст: «Дар ин шеър шоир дар тамоми ҷаҳон ватани азизашро зеботарин ва беҳтарин тасвир намуда, ӯро гулистони худ ва худро булбули ин гулистон меҳисобад. Куҳҳои сарбаланди ин мамлакатро ҳамчун посбони худ ва худро ҳамчун посбони ин куҳҳо ба қалам додаст» [6, 48].

Баррасии ҷараёни зиндагии шоир гувоҳ бар ин аст, ки ӯ замони мусофират ба Аврупо ба хотири таҳсил, ки соли 1905 сурат гирифт, маст аз андешаи миллатгароӣ будааст. Исботи ин андешаро мо дар абёти поёнӣ мебинем, ки Иқбол онро замони гузар тавассути киштӣ аз соҳили Италия, ки дар он даврон ҷойгоҳи таҷаммуъ ва авҷи ҷунбишҳои миллатгароёна буд, сурудааст:

کیاالہی سحر ہے پیران خرقہ پوش میں
کہ ایک نظر سے جوانوں کو رام کرتے ہیں
ہرے رہو وطن مازنی کی میدانو!
جہازپر سے تمہیں ہم سلام کرتے ہیں

Ilahi sehar he pirane khirqaposh me kiya,
Ki ek nazar se javano ko ram karte he.
Hare raho vatane Mazini ki meidano,
Jihaz par se tumhe salam karte he.

Худоё, пирони хирқапӯш соҳиранд магар!
Ки бо як назар ҷавононро муттаҳид мекунанд.
Эй ватани Мадзинӣ сарсабз бошӣ!
Аз киштӣ ба Шумо салом мерасонем [9, 96].

Замоне ки Иқбол озими Англия мегардад, (1905) миёни Ҷопон ва Руссия ҷиҳати назорат дар соҳили Осиёи Шимолу Шарқӣҷанг шурӯъ шуда буд. Дар Аврупо рақобати шадиди миллатҳои Фаронса ва Англия алайҳи олмониҳо ва итолиёвиҳо идома дошт. Фаронса ва Англия ба ҳар роҳ мехостанд, ба мутаҳидшавии ин ду миллат итолёвиҳо ва олмониҳо халал ворид намуда, онҳоро барои ҳамеша дар ҳоли ҷудоӣ нигоҳ доранд то онҳо бар миллатҳои мағлуби Осиё ва Африқо тасаллуту ҳокимият надошта бошанд ва дар амри истисмору истеъмор ширкат наварзанд.

Ҳамаи ин ихтилофоти сиёсӣ ва танаффури миёни милатҳои Аврупо ва ҳамзамон мақосиди ғосибонаи онҳо боис шуда, ки дар афкори Иқбол инқилоби бузург ба амал ояд. Ин падида муҷиби он мешавад, ки бинишу диди ӯ дар пайванд ба масъалаи миллатгароӣ комилан дигаргун шавад. Ӯ дарк мекунад, ки тасаввури ғарбии миллатгароӣ хилофи ҳама меъёрҳои инсондӯстӣ ва эҳтиром ба башарият аст. Шоир, замони дар Аврупо ба сар бурданаш мушоҳида мекунад, ки миллатгароёни Аврупо чи гуна дар муқобили якдигар сафороӣ менамоянд. Дидани ин саҳнаҳои нангину сард ниҳоди Иқболро аз нафрат алайҳи истеъмори ғарбӣ ва сохти сармоядорӣ саршор месозад. Ҳамин буд, ки Иқбол ашъори то мусофирати Аврупо офаридаи хешро ашъори даврони ҷоҳилияту ноогоҳии хеш мехонад.

Муноқишаву низоъ ва ихтилофоти дурударози кишварҳое, ки дар онҳо ҷунбишҳои миллӣ – озодихоҳӣ ба вуҷуд омада буданд, оқибат шоирро хаставу дилгир месозад ва тааммулу андешаи бурунрафт ӯро ба домани Ислом мекашонад. Ба назари ӯ, дин дар ҷахон ба хотири сулҳ омадааст ва мақсади ниҳоии Ислом он аст, ки ихтилофи нажод, рангу забон ва ҳудуди ҷуғрофиёӣ дар миёни инсонҳо ҷой надошта бошад. Ин андеша эҷоб менамояд, ки Иқбол ба навиштани ғазале бо номи «Таронаи миллӣ» даст занад, ки он аллакай аз таҳаввулоти афкору зеҳнияти Иқбол дар робита ба масъалаи миллӣ ба таври ошкоро гувоҳӣ медод.

Дар «Таронаи ҳиндӣ», Иқбол «Ҳиндустони мо аз ҳама ҷаҳон беҳтар аст» ва ё дар мисраи дигар «Мо ҳама ҳиндиҳастем, Ҳиндустон ватани мост» - мегӯяд, аммо дар «Таронаи миллӣ» бошад ӯ сароҳатан мефармояд:

چین و عرب ہمارا، ہندوستاں ہمارا
مسلم ہیں ہم وطن ہے سارا جہاں ہمارا
Chino arab hamara, Hindustan hamara,
Muslim he ham vatan he sara jahan hamara
Чину араб моли мо, Ҳиндустон з-они мост,
Муслим ҳастем мо, ҳама олам ватани мост [9, 106].

Бояд гуфт, ки ҳадафи мо инҷо баррасӣ намудани масъалаи миллӣ дар осори Иқбол нест. Мо мехоҳем ба қадри имкон роҷеъ ба мавзӯоти ашъори урдуи аллома дар «Бонги даро» маълумот диҳем. Аммо чун дар ҷараёни баррасии мавзӯоти ашъори давраи қабл аз сафар ба Аврупо ва баъди бозгашти Иқбол ногузир ба масъалаи миллӣ ва таҳаввуллот дар афкори ӯ мувоҷеҳ гардидем, кӯшиш намудем заррае ҳам бошад ба масъалаи мазкур дахл намуда, фикри худро тақвият бахшем.

Масъалаи миллӣ на танҳо дар ашъори урдуи шоир, балки дар мағз-андар мағзи каломи форсии ӯ низ ҷой дорад. Бо назардошти ин ки масъалаи миллӣ ва масоили марбут ба миллат яке аз масъалаҳои меҳварии эҷодиёти шоир маҳсуб мешавад, ин ҷо суханро тӯл надода, зикри чанд нуктаи муҳимеро, ки аксар донишмандону муҳаққиқон дар назарияи миллии Иқбол дарёфтаанд лозим медонем.

Файласуфи шинохтаи тоҷик Комил Бекзода дар мақолаи худ зери унвони «Иқбол ва масъалаи миллӣ», нукоти мазкурро хеле воқеъбинона баён менамояд. Пажӯҳиши донишманди фозил дар асоси асари форсии Иқбол «Румузи бехудӣ» сурат гирифта, баррасии масъаларо барои муҳаққиқони осори урдузабони аллома ниҳоят осон мегардонад. Мавсуф дар мақолаи худ менигорад: «Аз мӯҳтавои умумии ин китоб (Румузи бехудӣ. М. А), метавон як назарияи том ва комили сотсиализми исломӣҳосил намуд. Барои намуна баъзе мавзӯъҳои онро номбар мекунем: Дар маънии рабти фард ва миллат; Миллат аз омезиши афрод пайдо мешавад; Рукнҳои асосии миллати Ислом; Мақсади рисолати Муҳаммад ташкилу таъсиси озодӣ, баробарӣ ва бародарии ҳамаи инсонҳо аст; Ватан асоси миллат нест; миллати Муҳаммад ниҳояти замонӣ надорад; Асоси миллатро дин ташкил медиҳад; Дини миллати Муҳаммад ба Қуръон асос меёбад; Маркази мушаххаси миллати исломӣ Каъба аст; Густариши ҳаёти миллӣ аз истифода бурдани қуввaҳои табиат аст; Камоли миллат аз худшиносии ӯст; Модарон дар миллати исломӣ мақоми арҷманде доранд…ва ғайра» [1, 102-107].

Воқеан ҳам, он чи ки дар боло зикр шуд, нукоте мебошанд, ки дар ашъори урдуи аллома 5 -10 сол муқаддамтар садо дода буданд, ва сипас дар назми форсии ӯҷилои тоза касб намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки ашъори урдуи Иқбол, ки дар маҷмӯаи «Бонги даро» гирд омадаанд, аз нигоҳи ҳаҷм яксон нестанд. Бузургҳаҷмтарини манзумаҳо, манзумаи «Шиква» ва «Ҷавоби шиква» ба шумор мераванд. Сохтори манзумаҳо шакли мусаддас аст. «Шиква» фарогири 93 байт ва «Ҷавоби шиква» фарогири 108 байт мебошад.

Худоро мухотаб қарор додан ва ҷониби ӯ забони шикваву шикоят кушодан дар адабиёти урду аз падидаҳои нодир аст.

Ба таври иҷмолӣ роҷеъ ба мазмун ва мавзӯи ашъори урдуи Муҳаммад Иқбол дар «Бонги даро» метавон гуфт, ки ин маҷмӯа дарбаргирандаи анвоъи мухталифи шеърӣ буда, аз се бахш иборат аст ва дар ҳар се бахши он таҳаввули фикрии шоир ба назар мерасад. Худи Иқбол низ ба ин нукта ишора намуда, дар номае ба таърихи 27-октябри соли 1919 ба номи Ишрат Раҳмонӣ менависад: «Дар зиндагии ман ҳеҷ рӯйдоде нест, ки барои дигарон пандомӯз бошад, вале такомули тадриҷии афкори ман метавонад омӯзанда бошад» [13, 244].

Дар бахши аввали «Бонги даро», ки дар он ашъори то соли 1905 эҷоднамудаи шоир дохил мешаванд, оҳанги ватандӯстиву озодихоҳӣ ва миллатгароӣ садо медиҳанд. Дар қисми дуввуми он бошад, ашъори аз соли 1905 то соли 1908 офаридаи Иқбол шомиланд, ки дар онҳо таҳаввулоти ҷиддии дар афкори ӯ ба миён омада, эҳсос мешавад. Ин марҳилаи эҷодиёти ӯ, ба аёми иқоматаш дар Аврупо рост меояд. Иқболшноси машҳур Доктор Ҷовидон Иқбол дар ин бора менависад: «Дар давраи иқомат дар Аврупо таҳаввулоти бузурге, ки дар қалбу рӯҳи Иқбол ба вуҷуд омад, ӯро аз миллатгароӣ ва фалсафаву тасаввуф барҳазар дошт ва қалбан мутамоил ба таълимоти исломӣ шуд» [13, 243].

Бахши сеюми маҷмӯаи «Бонги даро» бошад, ашъори баъди бозгашт аз Аврупо эҷод намудаи Иқболро дар бар мегирад, ки дар онҳо назари Иқбол ба фарҳанги пешрафтаву мусбӣ ва олами зулму истибдоди Мағриб ба таври возеҳ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷмуъ, маҷмуаи «Бонги даро» саросар ашъори баландмазмуни шоирро дар бар мегирад ва мо бо таври умумӣ перомуни мазмуну матолиби ашъори ин маҷмӯа ибрози назар намудем. Иқбол ба хотири ифодаи афкору ақоиди баланди сиёсӣ-динӣ ва фалсафию инқилобии хеш аз анвои гуногуни шеъри урду кор гирифтааст.

АДАБИЁТ

1. Бекзода, Комил. Иқбол ва масъалаи милл / К. Бекзода.- Иқболнома, (мураттиб А. М. Хуросон).- IqbalAkademiPakistan, 1999.- С.102 -107.
2. Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол / А.Ғаффоров. -Душанбе, 1977.- 220с.
3. Зиёзода, Идибеки Ғозӣ. Масъалаи озодии инсон дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол / Зиёзода И.Ғ/Маҷ.Иқболнома. IqbalAkademyPakistan.-1999.-с.
4. Иқбол, Муҳаммад. Куллиёти форсӣ / Муҳаммад Иқбол.-Лоҳур, 2000.-590 с.
5. Пригарина Н.И. Поэзия Мухаммада Икбала./ Н.И Пригарина. М.,1972.-194 с.
6. Раҷабов, Ҳ. Муҳаммад Иқбол-шоири абадзинда[матн] / Ҳ. Раҷабов.- Душанбе: «Эр-граф», 2019.- 179 с.
7. Раҷабов Ҳабибулло. Дубайтӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Иқбол /Ҳ.Раҷабов// Иқболнома. IqbalAkademyPakistan.- 1999.-с.123-127.
8. Раҷабов Ҳабибулло. Сухане чанд оид ба давраи аввали эҷодиёти Муҳаммад Иқбол / Ҳ. Раҷабов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2011.-№2. - С.133 - 137.
9. Iqbal Allama Muhammad. Kulliat-e Iqbal (Urdu).- Lahor:Sang-e-Mil Pablikeshanz, 2009. – 336с.
10. Doktor Said Akhtar Durroni. Navodire Iqbal Yorap me / Durroni Said Akhtar // Iqbal Akademi Pakistan.- 2010.-255 с.
11. Iqbal. Kulliyate iqbal (urdu) Feisal. Lohur. б. с. н.- 558 с.
12. Gulom Rizo Saidi. Andeshahoe Iqbole Lohuri./ Saidi Rizo Gulom Tehron.-б. с. н.-1370.-575 с.
13. Jovidone Iqbal. Zindarud.- jild-e avval, tarjumai SHahindukht Komrone Muqaddam / Noshir: Iqbal Akademy Pakistan.-1987.-288 с.
14. Abdurafe Haqiqat. Iqbale Sharq, musahheh.- Tihran: Bunyad-e nikukari nuryani, 1979.- 207 с.
15. Duktur SHahin Muqaddam Safyori. Sharq va Garb dar kalom-e Iqbal.-Lahor:Iqbal Akademi Pakistan, 1999.-140 с.
16. Khadim Ali Javid. Iqbal ka falsafa-e khudi.-Lahor: Gauharsenz.1997.-138 с.

17. Hayotkhansiyal, Muhammad, Akhtarsiyal, SHamim. Hamare nasrnigar aur shair / M. Hayotkhansiyal, SH. Akhtarsiyal.- Lahor: Urdu bazaar, 2002. - 200 c.

ВИЖАГИҲОИ ҒОЯВИЮ ЖАНРИИ АШЪОРИ УРДУИ МУҲАММАД ИҚБОЛ ДАР МАҶМУАИ “БОНГИ ДАРО”

Дар мақолаи мазкурвижагиҳои ғоявию жанрии маҷмуаи ашъори урдуи Муҳаммад Иқбол «Бонги даро» муҳокима мегардад. Аз осори Муҳаммад Иқбол мавзуе интихоб шудааст, ки дар иқболшиносии тоҷик аз аҳаммияти илмию адабӣ бархурдор мебошад.

Дар радифи мавзуъҳои сиёсию динӣ перомуни мазмуни як зумра ашъори бачагонаи Иқбол ва навъҳои шеърии дар асар ҷойдошта ба таври муҷаз изҳори назар шудааст.

Калидвожаҳо: шамъ, шиква, ғоя.

ИДЕЙНО –ЖАНРОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ УРДУЯЗЫЧНОЙ ПОЭЗИИ МУХАММАДА ИКБАЛА В СБОРНИКЕ “БОНГИ ДАРО”

В статье рассматривается идейно –жанровые особенности урдуязычной поэзии Мухаммада Икбала в сборнике “Бонги даро”. Из произведений Мухаммада Икбала выбрано тема, имеющая научное и литературное значение в таджикском востоковедении.

Наряду с политическими и религиозными темами, в статье коротко рассказано о содержание ряда детских стихотворений Икбала и поэтические жанры вошедшие в сборник.

Ключевые слова: свеча,жалоба, идея.

IDEOLOGICAL AND GENRE FEATURES OF THE URDU POETRY OF MUHAMMAD IQBAL IN THE COLLECTION “BONGI DARO”

The article examines the ideological and genre features of the Urdu poetry of Muhammad Iqbal in the collection “Bongi Daro”. A topic of scientific and literary significance in Tajik oriental studies was selected from the works of Muhammad Iqbal.

Along with political and religious themes, the article briefly talks about the content of a number of Iqbal’s children’s poems and the poetic genres included in the collection.

Keywords: candle, complaint, idea.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадуллозода Абдураҳим Неъмат*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинд. **Нишонӣ**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон:(+992) 985-21-93-56. E-mail: abdurahim-m79@mail.ru

Сведения об авторе: ***Махмадуллозода Абдурахим Неъмат*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. **Адрес**: (+992) 985-21-93-56. E-mail: abdurahim-m79@mail.ru

Information about the author: ***Mahmadullozoda Abdurahim Nemat*** **–** Tajik National University, applicant of the Department of Indian Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **Tel:** 985-21-93-56. E-mail: abdurahim-m79@mail.ru

ВИЖАГИҲОИ МАҚОМОТИ БАДЕЪУЗЗАМОНИ ҲАМАДОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАКОМУЛИ МАҚОМОТИ ҲАРИРӢ

Рашидова Д.А.

МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Мусаллам аст, ки бо таваҷҷуҳ ба зуҳури аввалин мақома дар насри арабизабон аз ҷониби Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ин навъи асари мансур бо ҳамон қонунмандиҳои жанрӣ ва ҳам фарогирии мавзӯоти ба худ хос минбаъд аз ҷониби нависандагони ҳам арабизабон ва ҳам форсигӯ истиқбол ёфт ва аз роҳи таъсир ба адабиёти форсӣ ҳам гузашт. Маъруфтарин нависандагоне, ки пас аз Бадеъуззамон ба сабку шеваи кори ӯ мақоманависиро идома бахшиданд, Муҳаммад ибни Усмони Ҳарирӣ ва Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ маҳсуб меёбанд, ки таълифоташон дар ин бахш дар адабиёти арабизабон ва форсу тоҷик маъруфияти шоистае касб кардааст.

Абӯмуҳаммад Қосим ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Усмон Ҳаририи Ҳарромии Басрӣ аз адибон ва донандагони илми луғат дар қарни панҳуми ҳичрӣ аст, ки ҳудуди соли 446/1054 дар қасаби Машон дар наздикии Басра таваллуд шудааст [10, 115-116; 11, 44; 3, 17]. Куняи Ҳарирӣ бар он хотир гирифтааст, ки дар оғози кораш порчаи ҳарир мефурӯхта ё ба таъбири дигар пешаи ҳарирфурӯшӣ аз гузаштагонаш ба мерос монда ва минбаъд дар ривоҷи ҳарирбофӣ ҳам хонаводаи онҳо саҳмгузор будаанд.

Ҳарирӣ фиқҳро дар назди ду фақеҳи бузургвори шофеӣ Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Алии Шерозӣ (393/1003-476/1083) ва «Ибни Асбоғ» Абунаср Абдуссаид ибни Муҳаммад

(400/1010-477/1084) омӯхт. Вай дар дастгоҳи идорӣ мақоме ёфт, ки боис шуд ҳам авқоти фароғат барояш фароҳам шавад ва ҳам тахриба ва иртиботҳои фаровон бо афроди мухталиф дошта бошад. Ҳарирӣ илми ҳисоб ва фароизро аз Абулфазли Ҳамадонӣ ва Абуҳакими ал-Хабарӣ омӯхт ва дар маҳзари афроде чун Абулқосим Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Боқилонӣ ва Абутамом Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Мусо ал-Муқрӣ илми ҳадисро фаро гирифт.

Ҳарирӣ низ яке аз маъруфтарин мақоманависони араб ба ҳисоб меравад, ки мақомоташ ҳатто ба мақоми матни китоби дарсӣ табдил ёфтаанд (9, 391]. Ҳамин манзалату шӯҳрати мақомоти Ҳарирӣ боис гардид, ки ба он шарҳҳо ва ҳошияҳое нигоштаанд. Мақомоти Ҳарирӣ китоби муштамил ба панҳоҳ мақома аст ва миёни солҳои 495/1102 то 504/1110 ба забони арабӣ таълиф гардидааст. Ин китоб дар қарни шашуми ҳихрӣ, ба унвони намунаи фасоҳат ва расоии забони насри классикии арабӣ шӯҳрати зиёд ёфт.

Ҳарирӣ дар дебочаи мақомоти хеш менависад: «панҳоҳ мақома пардохтаам муштамил бар гуфторҳои устувор ва суханҳои ҳазлгуна ва алфози гӯшнавоз ва дилпазир ва вожгун ва латифаҳои намакин ва бемонанд ва онро бо оёт ва некӯтарин киноёт оростам ва гавҳарҳое аз амсоли араб ва латоифи адаб ва луғзҳои дастурӣ ва аҳкоми луғавӣ ва номаҳои бадеиву хутбаҳои шигифтофарин ва пандҳои гиряангез ва шӯхиҳои саргармкунанда бар он нишондам ва ҳамаи инҳоро бар забони Абузайди Сорухӣ хорӣ кардам ва ривояти онро ба Ҳорис ибни Ҳаммоми Басрӣ нисбат додам» [3, 65].

Тарҷумони мақомоти Ҳарирӣ Тавоқ Гулдии Гулшоҳӣ инчунин дар муқаддимаи нашри ин китоб навиштааст: «Ҳарирӣ ба тақлид аз шеваи Бадеъуззамон 50 мақома эҳод намудааст ва дар тасаннӯъ ва такаллуф аз ӯ даргузашт ва ин фанро ба камол расонид, то бад-он хо ки бештар мақомапардозон дар қуруни баъд шеваи иншои ӯро мавриди тақлид қарор доданд, гарчи худи ӯ дар мақоми тавозӯъ дар муқаддимаи мақомоташ ба фазли Бадеъуззамон муътариф аст» [3, 17].

Дар робита ба муқоисаи мақомоти Ҳамадонӣ ва Ҳарирӣ, Де Саси дар муқаддимае, ки бар мақомоти Ҳарирӣ навиштааст, оварда, ки «услуби Ҳамадонӣ ҳам аз ханбаи достонӣ ва ҳам аз назари зебоӣ ва таносуб бар сабки Ҳарирӣ руҳҳон дорад» [3, 25; 13, 565].

Донишмандони зиёде вобаста ба матни ҳар ду мақома- Мақомоти Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва Ҳарирӣ андешаҳои пурмояе нигоштаанд, ки ҳамагӣ ба қудрати нависандагии Ҳарирӣ дар такмили насри Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ишорат мекунанд. Аз ҷумла, Абдулхалил дар китоби худ роҷеъ ба ин масъала нигоштааст: «Ҳарирӣ, ҳаргиз ба асолат ва тозагии Бадеъуззамон намерасад ва осораш бисёр бештар аз осори ӯ малол меангезад… мақомоти ӯ ки аз мақомоти Бадеъуззамон шӯҳрати васеътаре ёфта, шакли классикии ин навъи адабиро таъйин кард ва дар натиха мухиби инхимоди он шуд» [13, 204].

Тавоқ Гулдии Гулшоҳӣ бар фазилатҳои мақомоти Ҳарирӣ таъкид дорад: «…гарчи бояд изъон дошт, ки Ҳамадонӣ дар ин шева мубтакир ва Ҳарирӣ муқаллид, лекин касе ки ин фанро ба камол расонд, Ҳарирӣ аст, агарчи Ҳарирӣ дар банди достонпардозӣ нест ва умдаи таваххӯҳи ӯ ба ороиши зоҳири сухан аст. Бо ин ҳол, достонҳои ӯ сохтор ва чаҳорчӯбаи муайяне дорад ва ҳатто дар муқоиса бо достонҳои мақомоти Бадеъуззамон ва Ҳамидӣ, аз хаззобияти вижа ва вижагии авх ва фуруд бархурдор аст, тавре ки шавқи хонандаро барои ҳамроҳӣ бо нависанда то поёни мақома ва огоҳӣ аз натихаи достон бармеангезад ва ин нуктаро низ набояд аз назар дур дошт, ки достонҳо ҳолати якнавохт ва такрорӣ надоранд ва ҳатто дар бисёре аз маворид наметавон ба осонӣ поёни достонро пешгӯӣ кард» [3, 25].

Дарвоқеъ, мутолиаи матни мақомоти Ҳарирӣ бозгӯ аз он аст, ки он аз ҳайси санъат дақиқтар аз мақомоти Бадеъуззамон ба қалам омадааст. Дар робита ба ин ҷанбаи таълифи ӯ низ Ҳанно Фохурӣ дуруст таъкид намуда, ки «шеъраш низ аз он беҳтар ва тааммуқи ӯ дар луғат ва овардани мисолҳо он чи ба наҳв ва анвои иштиқоқ марбут мешуд аз Бадеъуззамон бештар аст» [7, 540-541].

Аксари муҳаққиқон ва соҳибназароне, ки аз мақомоти Ҳарирӣ баҳраҳо бардоштаву роҷеъ ба он назароти хешро изҳор доштаанд, мӯътақиданд, ки мақомоти Ҳарирӣ ороста ба анвои зебоиҳо ва фунуну саноеъи адабӣ аст, фунуне, ки таҳсини хонандаро бармеангезад ва ҳатто ӯро ба ҳайрат меорад. Эътирофи ҷанбаҳои ҳунарии мақомоти Ҳарирӣ ба ҳаддест, ки онро муҳаққиқон аз диди ҳунар болотар аз мақомоти дигар дониста, ҳатто мақомоти Бадеъуззамон ва Ҳамидиро дар муқоиса бо Ҳарирӣ камрангтар муаррифӣ намудаанд. Адабпажӯҳи араб Абдунофеъ Талйимот низ дар китоби худ « **أهل الكدية أبطال المقامات في الأدب العربي**» маҳорати луғавӣ, тарзи баён ва бадеъияти Ҳаририро волотар аз кори Бадеъуззамон медонад [12, ٨]. Мақоми арзишманди Мақомоти Ҳарирӣ ҳанӯз аз ҷониби Ёқути Ҳамавӣ таъкид шудааст, ки дар «Муъҷам ул-удабо»- и худ чунин оварда: «Мақомоти Ҳарирӣ дар манзалат, ба дарахаҳое аст, ки назире барои он наметавон ёфт» [6, 270; 3, 98].

Ҳамин гуна, дар мақомоти Ҳарирӣ нисбат ба Бадеъуззамони Ҳамадонӣ тафсилот ва вусъати қиссапардозӣ ба мушоҳида мерасад, ҳатто ба таъбири Шафқӣ Зайф Ҳарирӣ гоҳо ду хабарро дар як мақома хамъ мекунад. Шояд аз он рӯ бошад, ки ӯ дар корбурди алфоз ва мутародифот ва ашъор дар мақомот ифрот мекардааст, ба тавре ки дар бархе аз ин мақомот қасоиди комилеро меоварад, ки Абузайд ба шарҳ ва тафсири он пардохта ва ахбори марбут ба онро баён мекунад [11, 48].

Дигар аз хусусиёти фарқкунандаи мақомоти Ҳарирӣ аз мақомоти Бадеъуззамони Ҳамадонӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҷанбаи ҳунарии таълифоти Ҳарирӣ ва шеваҳои корбурди санъатҳои бадеӣ дар насри ин нависанда дақиқтар ба кор рафтааст ва ин нуктаро ҳам Шавқӣ Зайф таъкид дошта навиштааст, ки Ҳарирӣ аз ҳайси тааммуқ дар луғот ва овардани амсол ва он чӣ ба наҳв ва анвои иштиқоқ марбут аст, аз Бадеъуззамон мувофиқтар амал мекунад ва дар корбурди ин умур асрори бештаре аз худ нишон медиҳад [11, 66].

Муқоисаи мақомаҳои ин ду нависандаи бархаста, нишон дод, ки чӣ тавр ва дар кадом сатҳ Ҳарирӣ дар пайравӣ аз Бадеъуззамон мақомот эҳод намудааст. Ҳарирӣ он қадр бар мақомоти аслӣ такя намудааст, ки он на танҳо дар ғоя, балки аксар дар ҳамрангии мавзуъ ва баъзан дар забон ва сабку услуби нигориш низ дида мешавад. Масалан, мақомаҳои панхуми ҳар ду мақоманигор бо номи мақомаи «Куфия» дар мавзуъ ва ном якранг мебошанд. Мақомаи «Синхория»-и Ҳарирӣ ба мақомаи «Мазирия»-и Ҳамадонӣ хеле монанд буда, гӯё акси он бошад. Мавзуоти мақомаҳои «Фуротия», «Уммония»-и Ҳарирӣ ва мақомаи «Ҳирзия»-и Ҳамадонӣ аз ҳамин хумла буда, ба мақомаи «Сурия»-и Ҳарирӣ назар ба мақомаи «Руссофия»-и Бадеъуззамон камтар тағйирот дароварда шудааст.

Ҳамчунин мақомаи «Санхария»-и Ҳарирӣ бо мақомаи «Мусилия»-и Ҳамадонӣ монанд буда, мақомаҳои «Динория» ва «Ҳахария»-и Ҳарирӣ бо мақомаҳои «Макфуфия» ва «Динория»-и Ҳамадонӣ шабоҳати беш доранд. Дар мақомаи «Сосония»-и Ҳарирӣ ва мақомаи «Васия»-и Ҳамадонӣ дар тасвири шахсияте, ки бар фарзандаш оид ба касбу кор маслиҳат медиҳад, кӯшиш рафтааст. Дар мақомоти Ҳарирӣ Абузайд ба фарзандаш васият мекунад, ки ӯ бояд озод бошад ва аз ҳама аъмол афзалтар ин гадоӣ намудан аст [3, 463]. Дар мақомоти Бадеъуззамон бошад Абулфатҳи Искандарӣ дар васияти худ мехоҳад, ки фарзандаш дар роҳи тиҷорат бошад ва қоидаҳои ин роҳро барояш муайян месозад, ки як хасисеро мемонад [5, 299].

Мутарҷими “Мақомот”-и Бадеъуззамон ба забони англисӣ Преденгаст мақомоти Бадеъуззамонро болотар ва афзалтар аз кори пайрави ӯ Ҳарирӣ баҳодиҳӣ кардааст. Дар муқоисаи ин ду асар ӯ бар ҳамон синну соли мухталифи нависандагони мақомот ишорат мекунад, ки то ин дам аз мадди назари муҳаққиқон дур монда буд. «Бояд ёдовар шуд, ки мақомаи Бадеъуззамон навиштаи хавоне мебошад, ки ҳанӯз пас аз анхом ёфтани нигориши мақомот, акнун ба синни сисолагӣ расидааст. Ин дар ҳоле аст, ки Ҳарирӣ дар чиҳилу ҳашт

солагӣ ба навиштани мақома оғоз намуда, бист соли охири умри худро ба он бахшидааст» [14, 23].

Ба андешаи Преденгаст дар муқоиса бо мақомоти Ҳарирӣ мақомоти Ҳамадонӣ бештар табиӣ ва бетакаллуф буда, бо санъати волое нигошта шудааст.

Ҳарчанд, ки мақомоти Бадеъуззамон, дар он даврон хеле шинохта шуда, ба ин хотир нависандаи худро бо номи (муъҷизаи Ҳамадон) машҳури офоқ карда буд, алҳол на он қадар шуҳрат дорад. Дар ҳоле, ки мақомоти Ҳарирӣ дар тули садсолаҳо яке аз китобҳои омӯхташавандаи адабиёти араб ба шумор рафта, дар радифи Қуръон, мадди назари муҳаққиқони бузург қарор гирифта, ба он шарҳҳои зиёде навишта шудааст [1, II, 493, 496].

То ҷое маълум аст, мақомоти Бадеъуззамон, пас аз 900 соли вафоти ӯ таҳқиқ гашта, аз тарафи Муҳаммад Абду ба он аввалин маротиба шарҳе навишта шудааст. Он ҳам бошад, на ба таври бояду шояд ва хиддӣ таҳлил гашта, матни мақомот нодуруст воколизатсия шудааст.

Аз ин рӯ, барои дарк ва баҳогузории чунин як асари муҳташами адабӣ, ки доираи бузургеро фаро гирифта, дар навишти аслӣ қарор дорад ва бо сабки ороишии баланде иншо гаштааст, ҳатто барои муҳаққиқи бузурге душвор меояд, ки онро таҳқиқ намояд.

Гурӯҳе аз нависандагон ва муаррихон дар мавриди Абулқосим Ҳарирӣ, соҳиби яке аз мақомоти маъруф чунин қазоват намудаанд, ки ӯ ба ҷуз мақомот асари дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ бошад, аз худ ба ҷой нагузоштааст. Танҳо дар ин фан, он ҳам тақлид бар Ҳамадонӣ, теъдоде мақома таълиф намуда, дар дигар фунуни наср аз завқ ва нубуғи лозима бархурдор набудааст.

Қалқашандӣ муътақид аст, ки ин нависандагон дар мавриди Ҳарирӣ ҳаққи талабро адо накардаанд ва ба вижа мутаарризи Ибни Асир гаштаанд, ки дар «Ал-масал ас-соир» дар мавриди вай инчунин навиштааст:

«رجل لم يوفه حقه و لا عامله بالانصاف و لاأجمل معه القول، فأنه قد ذكر انه ليس له يد في غير المقامات» ва ӯро

«مقامات» - яъне марди мақома номида, гуфтааст, ки дар фунуни дигари наср сухани некӯе надорад [4, 110-111].

Соҳиби «Субҳ ал-аъшо» сабаби дар санъати тарассул аз муосирони хеш пас афтода, дар дигар фунуни наср ба хуз мақомот осори мавриди таваххӯҳ халқ накардани Ҳаририро чунин баён медорад:

«و اعتذر عنه (الحريري) بأن المقامات مدارها جميعها علي حكايه تخرج إلي مخلص بخلاف المكاتبات فإنها لاساحل له، من حيث إن المعاني تتجدد فيها بتجدد حوادث آلايام و هي متجدده علي عدد الانفاس»

[4, 110-111].

Яъне мадори мақомотро бар таваҷҷуҳи ҷанбаи лафзӣ, иборатпардозӣ, сабк ва қолаби онро собит медонад ва бар ин бовар аст, ки дар ин фан барои ибтикор ва нубуғ ҷое боқӣ наменомонад, чунки бинои мақомот бар мавзуи гадоӣ ниҳода шуда, достони ҳар мақома мебоист ба ҳамин мавзуъ хатм гардад. Ва агарчанде, ки Ҳарирӣ мақомоти худро бо шакл ва қолаби яксон, ба сабки мақомоти Ҳамадонӣ халқ кардааст, маънои онро надорад, ки ӯ дар нависандагӣ аз завқ ва нубуғи лозим баҳраманд набудааст, балки хостааст қолаби маъҳуд ва пазируфташудаи ин фанро риоят кунад.

Дар ин маврид Қалқашандӣ ҳаққи матлабро адо кардааст, зеро илова бар Ҳарирӣ дигар нависандагоне, ки мақомот навиштаанд, ҳамин қолаб ва сиёқро гоҳ бо андак тафовуте дар сабк риоя кардаанд ва ҳатто адади панҳоҳ, ки ин теъдод мақомот аз Бадеъуззамон мерос мондааст, каму беш аз сӯи соҳибони ин фан риоят гардидааст. Ва ин амр нишон медиҳад, ки қолаби маъҳуди мақомоти Ҳамадонӣ ва ин амр, ки мақома мебоист бар мавзуи гадоӣ бино шавад, аз сӯи нависандагони пас аз вай пазируфта ва риоят шудааст.

АДАБИЁТ

1. ابن خلكان. وفيات الاعيان وانباء ابناء الزمان. ج. 1. حققه: محمد محى الدين عبدالحميد، مكتبة النهضة المصرية، القاهره، 1948.
2. اصطخرى، ممالك و مسالك. جمحريه العربيه المتحده، دار القلم. ١٩٦١
3. حريري، ابومحمد القاسم بن‌علي بن محمد بن عثمان البصري، مقامات الحريري، ترجمه طواق گلدي گلشاهي، تهران: اميركبير 1387؛
4. القلقشندي، صبح الاعشي في صناعه الإنشاء مصر، المؤسسه المصريه العامه، القاهرة، 1340
5. همدانى، ابوالفضل احمد بن حسين بديع الزمان، المقامات، ترجمة سيدحميد طبيبيان، چاپ اول، تهران: اميركبير 1387؛
6. ياقوت الحموي. معجم البلدان .ج.1-5. دار صادر للطباعة و النشر، بيروت، 1957=1376.
7. حنا الفاخوري. تاريخ الادب العربي. – تهران، 1385. 116 ص.
8. خطيبى، حسين. فن نثر در ادب پارسى. چاپ دوم. انتشارات زوار. تهران، 1375 .- 637ص
9. الشكعة، مصطفى. بديع الزمان الهمداني: رائد القصة العربية والمقالة الصحفية مع دراسة لحركة الأدب العربي فى العراق العجمى و ماوراءالنهر: - دار المسرية اللبنانية- القاهرة: 1423هـ=2003م.
10. ضيف، شوقى. الفن و مذهبه فى نثر العربى. دار المعارف بمصر. 1971.- 400 ص.
11. ضيف شوقي، المقامه. دار المعارف بمصر. القاهرة، 1973
12. طليمات، عبد النافع. أهل الكدية أبطال المقامات في الأدب العربي. دار ابن الوليد. دمشق : 1957م، ص118
13. عبدالجليل، تاريخ ادبيات عرب، ترجمه آزرنوش، آزرتاش. تهران، اميركبير، 1376
14. The Maqamat of Йado' al-Zaman al-Hamadhano : Tқanslated fқom the Aқaйic with an intқodғction and notes histoқical and gқammatical йy W. J. Pқendeқgast. Madқas, 1915.

ВИЖАГИҲОИ МАҚОМОТИ БАДЕЪУЗЗАМОНИ ҲАМАДОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАКОМУЛИ МАҚОМОТИ ҲАРИРӢ

Мақола ба баррасии хусусиятҳои мақомоти Бадеузzамони Ҳамадонӣ ва таъсири он ба такомули мақомоти Ҳарирӣ бахшида шудааст. Қайд кард мешавад, ки бо таваҷҷуҳ ба зуҳури аввалин мақома дар насри арабизабон аз ҷониби Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ин навъи асари мансур бо ҳамон қонунмандиҳои жанрӣ ва ҳам фарогирии мавзуоти ба худ хос минбаъд аз ҷониби нависандагони арабизабон истиқбол ёфт. Собит карда шудааст, ки донишмандони зиёде вобаста ба матни ҳар ду мақома - Мақомоти Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва Ҳарирӣ андешаҳои пурмояе нигоштаанд, ки ҳамагӣ ба қудрати нависандагии Ҳарирӣ дар такмили насри Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ишорат мекунанд. Бояд гуфт, ки мутолиаи матни мақомоти Ҳарирӣ бозгӯ аз он аст, ки он аз ҳайси санъат дақиқтар аз мақомоти Бадеъуззамон ба қалам омадааст. Дар робита ба ин ҷанбаи таълифи ӯ низ Ҳанно Фохурӣ дуруст таъкид намудааст. Ҳамин тавр, таваҷҷуҳ ба таҳлили қиёсии Мақомоти Ҳамадонӣ бо мақомаи баъд аз ӯ иншогардида, бахусус мақомоти Ҳарирӣ он нуктаро ошкор месозад, ки агарчӣ нависандагони пас аз Бадеъуззамон равишҳои махсусеро дар насри мақома ба тадриҷ ба вуҷуд оварданд, вале маълум мешавад, ки таъсири пурбаракоте аз шеваи нигориш ва мундариҷаи Мақомоти Ҳамадонӣ гирифтаанд ва ин истиқбол боис ҳам шудааст, ки онҳо ин бунёдгузори навъи мақомаро ба ҳукми устоди худ эътироф намоянд.

Калидвожаҳо: навъи мақома, мақомоти Ҳамадонӣ ва Ҳарирӣ, мақомсаройӣ, равишҳои махсус.

ОСОБЕННОСТИ МАКОМОВ БАДЕУЗЗАМОНА ХАМАДОНИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ МАКОМОВ ХАРИРИ

Статья посвящена рассмотрению особенностей макомов Бадейуззамона Хамадони и их влиянию на развитие макомов Харири. Подчеркивается, что с учетом появления первых макомов на арабском языке, созданных Бадеуззамоном Хамадони, этот тип прозаического произведения с теми же жанровыми законами и охватом собственных тем впоследствии приветствовался арабоязычными писателями. Доказано, что многие ученые высказали глубокие мнения относительно текста обоих макам - Бадиуззамони Хамадани и макама Харири, что все указывает на силу письма Харири в улучшении прозы Бадиуззамона Хамадани. Стоит отметить, что чтение текста макома Харири показывает, что с точки зрения искусства, он является более точным, чем макомы Бадейуззамона Хамадони. В связи с этим аспектом его творчества Ханно Фохури правильно подчеркивает важность этой работы. Таким образом, сравнительный анализ между макомами Хамадони и более поздними его продолжениями, особенно с макомами Харири, выявляет важную деталь: что хотя писатели после Бадиуззамана постепенно вырабатывали особые подходы в прозе макама, очевидно, что они получили благотворное влияние от стиля и содержания макама Хамадони, и этот подход также привел их к признанию этого основателя жанра макама своим мастером.

Ключевые слова: жанр макома, макамы Хамадани и Харири, написание макама, арабская проза, особые подходы.

THE FEATURES OF BADI' AL-ZAMANI HAMADANI'S MAQAMS AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF HARIRI'S MAQAMS

The article is dedicated to the study of the features of Badi' al-Zamani Hamadani's maqam and their influence on the development of Hariri's maqam. It emphasizes that with the emergence of the first maqam in the Arabic

language, created by Badi' al-Zamani Hamadani, this type of prose work, with its own genre laws and thematic scope, was later embraced by Arabic-speaking writers. It has been proven that many scholars have expressed profound views on the texts of both maqam – those of Badi' al-Zamani Hamadani and Hariri – all of which highlight the strength of Hariri's writing in improving the prose of Badi' al-Zamani Hamadani. It is worth noting that reading Hariri's maqam shows that, from an artistic perspective, they are more precise than those of Badi' al-Zamani Hamadani. In this regard, Hanno Fohori rightly emphasizes the importance of this work. Thus, the comparative analysis between Hamadani's maqam and their later continuations, particularly those of Hariri, reveals an important detail: while writers after Badi' al-Zamani gradually developed specific approaches in the prose of maqam, it is evident that they were significantly influenced by the style and content of Hamadani's maqam, and this approach led them to recognize him as the founder of the genre and their master.

Keywords: maqama genre, Hamadoni`s and Hariri`s maqamas, maqama writing, Arabic prose, special approaches.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рашидова Дилафрӯз Абдуқаюмовна*** **–** н.и.ф., дотсенти кафедраи забони англисии факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992928680501. **E-mail:** dilafruz.kayumzoda@mail.ru

Сведения об авторе: ***Рашидова Дилафруз Абдукаюмовна*** **–** к.ф.н., доцент кафедры английского языка факультета восточных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992928680501. **E-mail:** dilafruz.kayumzoda@mail.ru

Information about the author: ***Rashidova Dilafruz Abduqayumovna*** **–** Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of English Language, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov". **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992928680501. **E-mail:** dilafruz.kayumzoda@mail.ru

РАҲУЛ САНСКРИТИЯН ВА ТАСНИФОТИ АДАБИЁТИ ҲИНДӢ

Ҷурақулова И.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Раҳул Санкритяян (1893-1963) баъди фаъолияти пурсамар дар майдони адабиёт бо унвони "Маҳапандит" (донишманди бузург) сарфароз гашт. Пас аз муддате баъди пайравӣ аз ҷараёни "Аря Самаҷӣ" (Ҷамъияти ориёӣ) ҷараёни вишнуизм ба дини будоӣ гаравида, дар як вақт тадриҷан ба ҷараёни марксистӣ ва диалектикаи материалистӣ моил шуд ва зери таъсири он қарор гирифт. Ин таъсир ба андозае буд, ки дар тамоми осораш дидгоҳҳои мактаби марксистӣ эҳсос мегардид.

Раҳул аз зумраи шахсиятҳое буд, ки моҳияти зиндагиро дар донишандӯзӣ ва шинохти ҳақиқат медид, ҳамеша дар пайи вусъати донишу ҷаҳони андешаи хеш буд. Бо гузашти замон ӯ аз дини будоӣ худро канор гирифт, диалектикаи материалистиро пазируфт ва ба яке аз пайравону муболиғони ҷомеаи марксистӣ табдил гардид ва то поёни умр ба ин равия содиқ монд.

Сарчашмаҳо ва корномаҳои Раҳул Санкритяян гувоҳ бар ин аст, ки эшон адиби хушсалиқаву боистеъдод буд. Зиндагии шахсӣ, мисли эҷодиёташ фарогири ҷанбаҳои зиёд аст. Яке аз вижагиҳои қобили мулоҳизаи масири зиндагии вай тағйири мутадиди эътиқодоти мазҳабии вай мебошад. Вай дар хонаводае ба дунё омада буд, ки аз мазҳаби браҳманӣ пайравӣ менамуд.Адиб пас аз пайравиии дарозмуддат аз ин мазҳаб даст кашид, пайрави оини буддоӣ ва пас аз ин ба идеалогияи коммунистӣ рӯй овард. Муҳақиқони осори Раҳӯл Санкритяян оид ба шахсияти ӯ чунин баҳогузорӣ намуданд.

"Раҳул Санкритяян – натанҳо адиби бузург, балки сайёҳ, тарҷумон ва донишманди машҳур аст" [1, 194].

Тарзу шеваи кору амали Раҳул Санкритяян бар ин поя қарор дошт, ки ҳар гоҳ ба идеологияе рӯй меовард, ҳатман таъриху зуҳур ва шаклгирии онро ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор медод. Аз оғоз дар Варонасӣ эшон муддате адабиёт ва фалсафаи санскритро омӯхта, дар давоми дар Калкутта зиндагӣ кардан вазифаи мудирияти адабиёти англисиро ба ӯҳда дошт. Зимне, ки ба дини буддоӣ гароид ва ба бисёре аз забонҳо мисли палӣ, пракрит, апабҳрамша тасаллут пайдо намуд. Зимни пажӯҳишу таҳқиқ оид ба сарчашмаҳои пайдоиши ташаккули ин забонҳо натоиҷи таҳқиқоташро рӯи қоғаз овард. Оид ба ҳар

пажӯҳиши илмии худ эътибори ҷиддӣ дода, тамоми андешаҳои худро бо сарчашмаҳои мӯътамад тақвият медод.

Аввалин орзуи Раҳул Санкритяян омӯзиши забони санскритӣ ва ошноӣ бо фалсафаи давраи қадими Ҳинд буд" [1, 194].

Раҳул чун ба таърих ҳам эътиқоди сахт дошт,дар тули ҳаёти худ ба идеалогия ва ҷаҳонбинии комунистҳо ошноии наздик пайдо кард. Ҳамзамон, бо рӯзгору фаъолият, корнамоии сарварони он Карл Маркс, Фридрих Энгелс ва В. И. Ленинро омӯхт ва ҳосили таҳқиқотро пешкаши ҷомеае фарҳангии ҳиндӣ намуд.

Номбурда маъмулан зиндагие маъмулӣ аз саъю талош ҳаракату такопӯ дошт. Мусофират дар дохилу хориҷи кишвар яке аз бахшҳои асосии зиндагии вай буд. Ӯ барои пурра ва мӯътамад омӯхтани адабиёти буддоӣ чаҳор дафъа ба Тибет сафар намуд ва солҳои мутамодӣ дар Ланка иқомат гузид. Гузашта аз ин, мавсуф ба кишварҳои зиёде мисли Ҷопон, Корея, Манҷулия, Руссия, Чину Непал ва давлатҳои Аврупо мусофират кардаст. Сайру саёҳатҳои тулонӣ ва таҷрибаи омӯхта ба ӯ имкони фароҳам оварда, ки 150 асар эҷод намояд. Осоре, ки Раҳул Санкритяян дар тӯли 30 сол (1927-1967) таълиф намуд, ҷиҳати таърихи ва чӣ аз ҷиҳати пажӯҳишҳои илмиву адабӣ аҳамияти беназир доранд.

Осори таълифнамудаи ӯ фарогирии риштаҳои гуногуни илмиву бадеӣ аз ҷумла ҳикояву роман, драма осори шарҳиҳолӣ, таърих ва таълимоти будизм, адабиёти сайёҳи, адабиёти комунистӣ, санскрит улуми тибетӣ, таъриху фалсафа, бостоншиносӣ, меъморӣ, забоншиносӣ, адабиёти мардумӣ, адабиёти динӣ ва ғайра мебошад.

Раҳул ба ҷуз эҷоди офаринандаи ҳамчунин асарҳои зиёдеро ба забонҳои мухталиф тарҷумаву таҳрир намудааст. Осори ӯ худ гувоҳи маҳорату истеъдоди тадқиқотии вай ҳамчун тарҷумони ҳарфаӣ мебошад.

Раҳул Санкритяян яке аз сермаҳсултарин адиб, олим ва тарҷумон дар адабиёти ҳиндӣ дар асри ХХ ба ҳисоб меравад. Шумораи умумии асарҳои ӯро ҳатто тахмин кардан ҳам мушкил аст. Ба қалами ӯ тақрибан 125 асар, аз ҷумла 9 роман, 4 маҷмӯаи ҳикояҳо, 16 асар оид ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ, 22 китоби сафарномаҳо, 11 асари фалсафӣ, 10 рисолаи илмӣ бахшида ба адабиёту таърих, 11 асари тарҷумавӣ ва ғайра тааллуқ доранд.

Бо назардошти он ки, Раҳул Санкритяян бо асарҳои илмию адабии худ дар таърихи адабиёти ҳиндӣ мавқеи хос дошта, асарҳои адибони тоҷик, аз ҷумла асарҳои Садриддин Айниро бо забони ҳиндӣ тарҷума кардааст, аз ҷумла "Марги Судхӯр", "Дохунда", "Одина", "Ғуломон" ва таърихи мардумони Осиёи Миёнаро навиштааст, хулоса, барои инкишофи илму адаб заҳматҳои зиёд кашидааст, месазад, ки осораш ба таври васеъ омӯхта шавад [1, 195- 196].

Мо талош намудем китоберо перомуни саҳми арзишманди Раҳул дар риштаи адабиёти ҳиндӣ бо номи "Ҳиндӣ кавядҳара" тадвину мураттаб созем. Дар китоби мазкур возеҳу равшан саҳми Раҳул дар рушди такомули таърихи адабиёти ҳиндӣ инъикос шудааст.Китоби зикршуда ҳамчун китоби Рамчандра Шукла ҷанбаи таърихӣ надошта бошад ҳам, аммо дар асри "Ҳиндӣ кавядҳара"дидгоҳҳои Раҳул дар иртибот бо назми ҳиндӣ ба таври хеле васеъ муайян мегардад.

"Дар китоби " Ҳиндӣ кавядҳара", ки нахустин маротиба соли 1945 нашр шуда буд, таърихи адабиёти ҳиндӣ ба шарҳи зерин ба панҷ давра ҷудо карда шуд :

- Адабиёти давраи феодалӣ
- Адабиёти давраи тасаввуф
- Адабиёти давраи мазҳабӣ
- Адабиёти давраи дарборӣ
- Адабиёти даврони эҳё "Ренессанс" [2, 2] .

Раҳул бар асоси омӯзишу пажӯҳишҳои анҷом додаи худ оғози таърихи адабиёти ҳиндро, дар соли 760-и мелодӣ мешуморад.

Ба андешаи ӯ давраи нахустини адабиёти ҳиндӣ аз соли 760 мелодӣ шуруъ шуда, то соли 1300 мелодӣ идома пайдо менамояд. Ҳол он ки дар дигар сарчашмаҳо олимон адабиёти ҳиндиро гуногун даврабандӣ кардаанд.

Дар китоби мазкур намунаҳои асосии осори беш аз 47 шоири давраи “Сиддҳа Самант” / (Давраи ибтидоии адабиёти ҳиндӣ аз асри Vlll то Xlll, ки аз тарафи Раҳул Санкритяян номгузорӣ шудааст – Ҷ.И.) мундариҷ гардида, перомуни вижагиҳои давраи мавриди назар дар 55 саҳифа иттилооти мансуб фароҳам омадааст.

Дар бораи таснифоти адабиёти ҳиндӣ олимони гуногуне ибрози назар намудаанд. Аз ҷумла ҳиндшиноси маъруфи тоҷик Ҳ. Раҷабов дар китоби “Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ” адабиёти ҳиндиро чунин даврабандӣ намудааст:

“1.Давраи ибтидоӣ (солҳои 943-1318).

2. Давраи асрҳои миёна

а) Ибтидои асри миёнагӣ ё давраи “Бҳактӣ” (1318-1643).

б) Интиҳои асри миёнагӣ ё давраи “Ритӣ” (1643-1800).

3. Давраи ҳукумронии англисҳо (1800-1947).

4. Давраи озодӣ (Давраи реализм) аз соли 1947 инҷониб” [4, саҳ. 31].

Пеш аз арзёбии пажӯҳиши Раҳул Санкритяян муносиб ба назар чунин мерасад, ки матнҳои таърихии ҳиндӣ, ки қабл аз ҷараёни шеъри ҳиндӣ нигошта шудаанд, мавриди омӯзиш барасӣ хоҳад гардонд.

“Таърихи адабиёти ҳиндӣ бори нахуст аз ҷониби олиму адабиётшиноси фаронсавӣ Гарса де Тассӣ соли 1839 таълиф шуд. Ӯ дар китоби хеш аз 666 нафар шоири урду ва 72 шоири ҳиндӣ маълумоти алифбоӣ додааст.

Чунин шеваи тадвину таълифро дар китобҳое, ки аз ҷаниби дигар муллифон перомуни таърихи адабиёти ҳиндӣ навишта шудаанд метавон дучор омад. Асаре, ки “Табка Ташшуаро” (1848) муаллиф Мавлавӣ Каримуддин, ки бо забони урду ва “Шивсингҳ Саразм” (1878), ки Шри Сингҳ Сенгар ба забони ҳиндӣ нигошта шудаанд, метавон намунаи таҳриргариро пайдо намуд” [5, 2] .

“Бояд хотир нишон гардид, ки дар соли 1898 китоби Гриерсон бо номи “Адабиёти муосири мардумии Ҳиндустони Шимолӣ” ба табъ расид, ки аз нахустин осори таърихӣ ба маънои асили ба ҳисоб меравад.

Дар ин китоб перомуни зиндагӣ ва осори 951 шоир маълумоти муфассал оварда шуда, мансубияти онҳо ба давраҳо таин гардидааст.

Гриерсон оғози зуҳури забони ҳиндиро мансуб ба соли 700-уми мелодӣ медонад ва давраи нахустини адабиётро “Чаран” номгузорӣ мекунад.

Ба дунболи он китоби таърихии “Мишрабандҳу”ба забони ҳиндӣ таълиф гардид. Китоби мазкур соли 1913 дар матбааи Аллоҳободи Ҳиндустон, ба нашр расидааст. Дар он тафсилоти 5491 мақолаҳои шоирон ва нависандагон оварда шудааст. Тибқи маълумоти “Мишрабандҳу” оғози зуҳури забони ҳиндӣ ба соли 700 – уми мелодӣ бармегардад. Бар асоси китоби ёдшуда давраи аввалро “давраи ибтидоӣ” номида, онро ба ду қисм ҷудо кардааст.

I. Давраи аввал солҳои (700 – 1343)

II. Давраи баъдӣ (1344-1444)

Муаллиф пас аз мутолеаи ҳар ду ҷилд ӯ ба ин натиҷа мерасад, ки давраи аввалро Ади Пракаса ва давраи дуюмро Пушя ё Пундаро номгузори намудаанд” [5, 2-3].

Ногуфта намонад, ки пас аз нашри “Мишрабандҳу” ду матнҳои хурди перомуни таърихи адабиёти ҳиндӣ ба забони англисӣ аз ҷониби Эдвин Гривс навишта шудаанд, вале дар рушди пешрафти таърихи адабиёт нақше надоштанд.

Соли 1929 Рамчандра Шукла китоби таърихи адабиёти ҳиндро таълиф намуд, ки машҳурияти зиёде пайдо намуд. Соли 1937 нашри дуюми онро мавриди бознигорӣ қарор дода, аз нав ба сафҳу изофот ба таври мукамал ба табъ расониданд.

Китоби мазкур, ки танҳо аз нигоҳи низоми тақсимоти вақт, даврабандӣ, номгузорӣ, таҳлилу арзёбии равияҳо ва ҷараёнҳои адабӣ аз нашрҳои пешини худ фарқ мекунад, балки барои таълифу нашри минбаъдаи асарҳои таърихӣ ҳамчун раҳнамову зарур хидмат мекунад.

Қабл аз Раҳул ҳамчунин рӯйи матнҳои таърихи муҳаққиқони дигаре мисли Бабу Шямсундердас, докторон Рамашанкар Шукла Расал, доктор Рамкумар Верма ва дигарон

дар ин соҳа пажӯҳиш намудаанд. Мутаъссифона перомуни натиҷаҳои ба даст овардаи онҳо иттилооте дар даст нест.

“Соли 1945 асари Раҳул Санкритяян “Ҳиндӣ кавядҳар”ба табъ расид, ки нашри он аз чанд ҷиҳат дорои аҳамият буд.

Нахуст, аз нигоҳи мудалах сохтани қадимӣ будани забони ҳиндӣ ва густаришу вусъати он.

Дувум, аз нигоҳи номгузории даврaҳои қадими адабиёт. Ниҳоят аз нигоҳи таҳлилу арзёбии тамоюлҳои мавҷуд дар адабиёт. Ниҳоят кашфи шоирони нав” [5, 3].

Дар тамоми матнҳои таърихие, ки то замони Раҳул навишта шудаанд, муаллифон дар мавриди пайдоиши забон ва адабиёти ҳиндӣ ба таври умум ду навъро ёдовар шудаанд.

Як гуруҳи олимон аз ҷумла Виерсон, Мишрабандҳу, Гулериҷӣ, Кашипрасат Ҷайсвал ва Раҳул Санкритяян ба он ақидаанд, ки адабиёти ҳиндӣ дар асрҳои Vll -Vlll пайдо шудаанд ва гуруҳи дигар аз ҷумла Рамбандар Шукла, Ҳазарипрасад Двиведӣ, доктор Дирендра Варма баръакси он оғози адабиёти ҳиндиро ба асри X-Xl баробар кардаанд.

Воқеан, масъалаи давраи пайдоиши адабиёти ҳиндӣ ба пайдоиши забон алоқаманд аст. Саволи асосӣ ин аст, ки забони ҳиндӣ аз кай ибтидо мегирад? Байни апабҳрамша ва ҳиндӣ чӣ иртибот дорад? Оё апабҳрамша забони мустақиласт ё ҳиндӣ? Аз муаррихони асосии адабиёти ҳиндӣ, ки қарни VII-Vlll -ро давраи зуҳури забони ҳиндӣ донистаанд, ки дар байни онҳо ба ҷузъ “Мишрабандҳу”, тақрибан ҳама осори Апабҳрамшаро ба номи ҳиндӣ ё ҳиндии қадими шомил кардаанд.

Давраи якуми адабиёти ҳиндӣ (760-1300 мелодӣ) қариб V - аср давом кард.

Раҳул Санкритяян дар ҳамин ақида аст, ки оғози забон ва адабиёти ҳиндӣ маҳз аз асрҳои Vll-Vlll оғоз шудааст ва офаридаҳои забони гуфтугуӣ ё забони адабӣ ҳамчун аввалин осори ҳиндӣ мансуб мешавад. Дар баробари мавзӯи қадимӣ будани забони ҳиндӣ Раҳул паҳншавии онро низ барасӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ, дар асри миёна на танҳо ҳамаи забонҳои Ҳиндустони шимолӣ ба ҳам наздик буданд, балки шоирон аз Ҳимачал - Годаварӣ ва аз Ҳинд то Браҳмапутра дар шукуфоии ҳиндӣ саҳм гузоштаанд. Гарчанде, ки дар байни Ҳимолой - Годаварӣ ва Ҳинд - Браҳмапутра забонҳои гуфтугӯӣ вуҷуд доштанд, аммо онҳо дар байни худ як забони умумӣ корбурд доштанд.

Саҳми дигари Раҳул дар бахши таърихи адабиёти ҳиндӣ марбут ба номгузории замони қадим аст. Пеш аз Раҳул Гриерсон давраи аввалро “Давраи Чаран”, Мишрабандҳу онро “Давраи ибтидоӣ”, Рамчандра Шукла “Давраи Виргата” ва Расаалҷаро “Ҷайкавя” номида буданд. Раҳул давраи қадимро “Сидда Симант Юг” номид. Ҳангоми номгузории давру замон, аксар вақт дар назар дошта мешавад, ки ном бояд тавре бошад, ки баёнгари ҳама ё бештари равияҳои давру замон бошад ва барои тақсимот мувофиқ бошад.

“Муҳимтарин саҳми Раҳул дар арсаи таърихи адабиёт кашфи шоирони нав аст. Вай 47 шоири замони Сидда Самантро муаррифӣ карда, аз ашъори онҳо чанд пора гирд овардааст. Ин шоирон ба даврaҳои дарозмуддати адабиёт, аз асри Vll сар карда то асри Xlll мансубанд. Дар ин давра, пеш аз Раҳул Мишрабандҳу ҳамагӣ 18 шоир ва Рамчандра Шукла ҳамагӣ 12 шоирро муаррифӣ карда буданд”. [5 ,7] .

Ҳамин тавр, Раҳул Санкритяян дар адабиёти муосири ҳиндӣ дар барбари шоиру нависанда будан, ҳамчун таснифгари адабиёт шинохта шудааст. Ӯ дар кашфи шоирону нависандагони адабиёти гуногунзабони ҳиндӣ саҳми мондагор дорад. Зиндагӣ ва осори онҳоро омӯхта, ба ҷомеаи адабии ҳиндӣ пешкаш кардааст.

АДАБИЁТ

1. Ҷуракулова И. Б. Раҳул Санкритяян - Адиб ва Олим / И.Б. Ҷуракулова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. - Душанбе: , 2018. - № 4 – С.194 - 198.
2. Раҷабов, Ҳ. “Раҳӯл Санкритяян-адиб ва донишманди маъруфи Ҳинд” / Ҳ. Раҷабов Ҳ . // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2010. - №3.- С 82-90.
3. Раҷабов, Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 496 с.

4. Раҷабов, Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: ЭР-граф, 2018. - 224с.
5. International Journal of Scientific and Innovative Research Studies. Vol (4), No. 9 september, 2016
6. Vijayendr Snatak. Snaskriti evam sahitya ke prahari. -110c.
7. https://www.ijsr.net/issue1. Volume 6 Issue 3, March 2017. https://www.ijsr.net/issue1.php?page=117&i=-14&edition=Volume%206%20Issue%203,%20March%202017

РАҲУЛ САНСКРИТИЯН ВА ТАСНИФОТИ АДАБИЁТИ ҲИНДӢ

Дар мақола шахсият ва мақому манзалати Раҳул Санкритяян дар адабиёти муосири ҳиндӣ матраҳ шуда, дунёи ҷаҳони андешаи ӯ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Санкритяян адиби хушсалиқаву боистеъдод буда, зиндагии фардияш мисли эҷодиёташ фарогири ҷанбаҳои зиёди омӯхтанӣ мебошад. Андешаҳои адиб атрофи ташаккул ва инкишофи адабиёти ҳиндӣ низ дар мақола оварда шуда, даврабандии маҳз адабиёти муосири ҳиндӣ аз назари адиб матраҳ шудааст.

Калидвожаҳо: Раҳул Санскритяян, Санскрит, фалсафаи Ҳинд, адабиёти ҳиндӣ

РАХУЛ САНСКРИТ И КЛАССИФИКАЦИЯ ИНДИЙСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В статье упоминаются личность, статус и положение Рахула Санкритьяяна в современной индийской литературе, анализируется и обсуждается мир его мыслей. Санкритьяян – добродушный и талантливый писатель и его личная жизнь, как и его произведения, охватывает многие аспекты учебы. В статье также представлены взгляды писателя на становление и развитие индийской литературы, а также обсуждается периодизация современной индийской литературы с точки зрения писателя.

Ключевые слова: Рахул Санскритьяян, санскрит, индийская философия, литература хинди.

RAHUL SANKRITYAYAN AND CLASSIFICATION OF HINDI LITERATURE

The article mentions the personality, status and position of Rahul Sankrityayan in modern literature, analyzes and discusses his world of thought. Sankrityayan is a good-natured and talented writer, and his personal life, like his writings, covers many aspects of his studies. The article also presents Sankrityayan's views on the formation and development of Hindi literature, and also discusses the periodization of modern Hindi literature from the point of view of the writer.

Keywords: Rahul Sanskrityayan, Sanskrit, Indian philosophy, Hindi literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷуракулова Истадбибӣ Бердимуратовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Тел.:** (+922) 777. 05. 10. 14., (+922) 000.09.79.59. E-mail: djdjdjjd1988@mail.com

Сведения об авторе: ***Джуракулова Истадбиби Бердимуратовна*** – Таджиксий национальный университет, соискатель индийской кафедры. **Адрес:** Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 17. **Тел.:** (+922) 777. 05. 10. 14., (+922) 000.09.79.59. **E-mail:** djdjdjjd1988@mail.com

Information about the author: ***Juraqulova Istadbibi Berdimuratovna*** – Post graduated of the Department of Hindi TNU**.** ***Address:*** Tadjikistan. Dushanbe, st. Rudaki 17. **Tel**.: (+922) 777. 05. 10. 14., (+922) 000.09.79.59. E-mail: djdjdjjd1988@mail.com

АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ – АСОСГУЗОРИ НАСРИ АРАБӢ

Искандаров М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули худ адабиёти араб даврaҳои мухталифро тай намуда, то ба дараҷаи адабиёти оламшумул расидааст. Дар пайвастагӣ ба ин, насри арабӣ дар канори каломи манзум ҳанӯз дар асри ҳаштуми мелодӣ рушди бесобиқа пайдо намудааст. Бар мабнои андешаҳои донишманди араб Аҳмад Ҳасан Аз-Зайётро наср яке аз навъҳои нахустиини калом мебошад, ки бо далели наздик будан ба дастрасӣ ва набудани маҳдудият ҷиҳати истифода бурдани он ривоҷи бештар пайдо кардааст. Донишманди мавсуф қайд менамояд, ки 2 навъи наср мавҷуд мебошад: агар қофия дар ду ва зиёда банд бошад, насри мусаҷҷаъ ва агар набошад, наср аст [7,25].

Донишманди маъруфи араб Шавқӣ Зайф чунин ақида дорад, ки давраи Аббосиён (132 ҳиҷрӣ (750) – 656 ҳиҷрӣ (1258)) асри рушди воқеии насри арабӣ маҳсуб мешавад, зеро ин санъат хеле ривоҷ ёфт. Адибон услубҳои бамеорсмонда, аз ҷумла, мукотибот ва номаҳоро рушд дода, таълифоти наверо изофа намуданд, ки бо онҳо арабҳо ҳеҷ гоҳ шинос набуданд. Мисоли равшани он санъати катибаҳо, ҳикояву қиссаҳо дар образи

паррандагону ҳайвонот, созу мақом ва ғайра маҳсуб меёбанд [. Аз ин рӯ, дигаргунии бузурге ба амал омад, ки дар давоми он насри арабӣ чандирии бузург ва васеи худро нишон дод [13,441].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар густариши адабиёти араб адибони эрониасл нақши бориз гузоштаанд. Чунончи, асосгузори насри араб адиби номвари форсу тоҷик Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ шинохта шудааст.

Олими варзидаи рус И.М. Филштинский дар китоби «Таърихи адабиёти араб. V – оғози асри X» дар баробари баррасии назму насри хилофати асримиёнаии арабӣ-мусулмонӣ, ҳамзамон, боби алоҳидаеро ба ҳаёт ва эҷодиёти Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ихтисос додааст. Ба андешаи ин олим, мақоми махсусро дар байни сарчашмаҳои назми араб осори насрӣ ишғол менамояд, ки асосгузори ин жанр нависандаи машҳури асри VIII Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ мебошад. Бори аввал дар таърихи адабиёти араб жанри номаҳои калони дорои мазмуни пандомез (дидактикӣ) ба миён омад, ки онро Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ инкишоф дод [18, 49; 260].

Қайд кардан мумкин аст, ки нақши Ибни Муқаффаъ дар фарҳанги арабӣ-исломӣ дар он ифода намегардад, ки ӯ дар идораҳои давлатӣ ба ҳайси котиб фаъолият мекард, балки ӯ мутарҷим аз забонҳои форсию паҳлавӣ ва ғайра буда, маҳз ӯ беҳтарин осореро, ки дар забони форсӣ мавҷуд буданд, ба забони арабӣ тарҷума намуд. Ҳамзамон ӯ ба забон ва адабиёти араб вожаю ибораҳоеро ворид кард, ки аз ин пеш арабҳо аз онҳо огоҳӣ надоштанд. Аз ин рӯ, таъсири Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, махсусан, дар адабиёти араби давраи Аббосӣ, чӣ марбут ба ахлоқ бошад ва чӣ ба таърихи Сосониён ва подшоҳони Эрон, ки пеш аз онҳо будаанд, хело бузург аст [21].

Нахустин падидае, ки дар насри Ибни Муқаффаъ ҷалби назар мекунад, созмони мантиқии услуб аст. Мантҳои навишати ӯ қофия ва сачъе надоранд, ки алфозро оҳангин кунад, балки худ матлаби ҷомеъ ва комил мебошанд. Ба андешаи баъзе муҳаққиқин Ибни Муқаффаъ, ба ривояти ашъори араб таваҷҷуҳе надорад ва чуноне ки маъмули сойири муаллифони исломӣ аст, калимот ва аҳодиси арабро барои намуна мисол намеорад [20]. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки дар таълифоти вай камтар бо осори арабӣ ва исломӣ бархӯрд мешавад.

Ба далели ин фасоҳати Ибни Муқаффаъ, дар замони Аббосиён мавриди шубҳа ва интиқоди забоншиносони араб қарор гирифт. Ин афрод дар мавриди китоби «Калила ва Димна» ихтилофи зиёде доштанд. Ҷоҳиз дар саҳеҳ будани китоби «Калила ва Димна» бовар надошт, ҳамон гуна ки дар нисбат додани осори боқимондааш шубҳа дошт. Ҷоҳиз мегӯяд: Мо наметавонем бидонем, ки рисолаҳои дар дасти мардуми форс буда саҳеҳанд, сохта нестанд ва қадимианд ва офарида нашудаанд. Ин имкон барои афроде, монади Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун, Абу Убайдуллоҳ, Абдулҳамид ва Ғайлон вуҷуд дошт, ки чунини рисолаҳое эҷод кунанд ва шарҳи ҳол бинависанд [5,29]. Вале гузаштагон ва муосирон дар фасоҳати Ибни Муқаффаъ ҳамфикр буданд ва ӯ дар авҷи суханварӣ қарор доштааст [14,142], зеро ӯ тавонист муҳимтарин мероси фикрӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва адабиро аз забони паҳлавӣ (форсии миёна) ба забони арабӣ тарҷума намояд. Ин шевоие, ки ба сабки ӯ хос аст, аз лиҳози андеша, вожа ва услуби навишт сарчашмаҳои гуногун дорад.

Ибни Муқаффаъ яке аз суханварони варзидаи арабӣ ва аз адибони соҳибсабки махсус аст ва ба равонӣ ва қавӣ будани ибораҳо бо бузургтарин адибони забони арабӣ рақобат мекунад. Ба шаҳодати ноқидони сухан ҳанӯз дар арабӣ китобе, ки аз ҷиҳати салосати лафз ва истеҳкоми иборот ва равонии калом битавонад бо «Калила»-и тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ҳамсанг бошад, аз тарафи муншиёни он забон ба қалам наёмадааст [۱۲,۵۲].

Дар мавриди андешаҳои Ибни Муқаффаъ ҳамин нуктаро бояд таъйид сохт, ки ӯ бештар ба ақлгароӣ ва андешаҳои мантиқӣ такя менамуд. Аз ҷумла, афкори ӯ дар тарҷумаи «Калила ва Димна» низ бештар аз ақл баргирифта шудааст, на аз дин, зеро ҷумлаҳои зиёдеро пайдо мекунем, ки такя ба ақлро нишон медиҳанд, монанди суханони ӯ: «Табиби доно ва дилсӯз беморро, то ба ӯ нигоҳ накунад ва рагҳои ӯро ҳис накунад, табобат карда наметавонад»; «Ба ақл дуруст нест, ки хирадманд мардуми хурду бузургро таҳқир кунад, балки сазовори имтиҳони онҳо аст». Ӯ ба ҷуз дар ҳолатҳои хеле кам

андешаҳои худро бар асоси дин қарор додааст, аз ҷумла мегӯяд: «Худованд дар дунё чизе беҳтар аз инсон халқ накардааааст»; «Ман барои охиратам коре беҳтар аз наҷоти ин мард анҷом намедиҳам, аз оби ин дарахт ба ӯ бинӯшонед, иншоаллоҳ, шифо меёбад» [6,144]. Ин андешаҳои Ибни Муқаффаъ маънои онро дорад, ки дар навиштаҳои ӯ ҷанбаи ақлӣ бар ҷанбаи мазҳабӣ-динӣ бартарӣ дорад. Бояд таъкид дошт, ки дар аҳкоми ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мардум нисбат ба одамон ва дар муносибат бо унсурҳои ҷомеа, одамони бонуфуз, ба дӯстон ва аз дигарон ба некӣ ҳидоят карда мешаванд.

Ибни Муқаффаъ дар ҳамаи тарҷумаҳо ва рисолаҳоии навиштааш ба сахтӣ аз ин равиш берун меравад. Ин хусусияти суханварӣ, ки сабки ӯро фарқ мекунонад, ба Ҷоҳиз писанд наомадааст, ки мегӯяд: Абубакар Ал-Асам Ибни Муқаффаъро зикр карда, мегӯяд: «Ман ҳаргиз чизеро надидам, магар он ки андаке аз он сабуктар аст, ба ҷуз илм, зеро ҳар қадар бештар бошад, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъро бо илми фаровон ва ривоятҳои бисёраш дидам, чуноне ки Худованди мутаъол фармудааст ... ба мисли харе, ки китоб мебардорад ... ва илмаш ӯро нотавон кард ва гумроҳ кард, ақлаш кӯраш кард ва басирати ӯро гиҷ кард. Он ҷо ки дид, илми фаровонаш ӯро заъиф кардааст ва сабраш аз даст рафтааст ва фаҳмиши фарогираш ӯро парешон кардааст ва шояд истинод ба ин иттиҳом он чизе бошад, ки Ибни Муқаффаъро дар бидъат (зандақа-бехудоӣ) айбдор намуда буданд» [6,146].

Аз осори Ибни Муқаффаъ маълум мегардад, ки ӯ низ мисли дигар мардум тамоми ахлоқи худро ба даврони зиндагӣ ва ҳамаи андешаҳояшро ба мутолиа ва фарҳанги худ вобаста медонад. Ӯ шоҳиди давраи гузариши давлат аз Банӣ Умайяи араб ба хилофати Аббосиён буд. Ибни Муқаффаъ марди фозил, донишманди забонҳои форсӣ ва арабӣ, яке аз рукнҳои ҷунбиши фаъоли фикрӣ маҳсуб мешавад, ки пояҳои мероси арабиро бо осори пешқадами худ ғанӣ сохта буд. Ибни Надим дар ин марвид таъкид намудааст, ки Ибни Муқаффаъ яке аз булағои дараҷаи аввали забони арабӣ аст ва бузургони аҳли адаб ӯро яке аз даҳ нафар булағои рӯзгор донистаанд [3,122].

Аз сарчашмаҳо муайян мегардад, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ҳамроҳ бо устодаш Абдулҳамиди адиб меъёрҳои санъати нависандагиро дар адабиёти араб муайян карданд. Дар ин замина, Ибни Муқаффаъро асосгузори мактаби насри бадеӣ медонанд. Суханварии Абдуллоҳ ибни Муққаффаъ дар таълифоташ бар каломи ӯ устувор аст, ки монанди зарбулмасалу мақол мебошад ва инчунин, бо кӯтоҳӣ ва балоғат фарқ карда мешавад, ки худи Ибни Муқаффаъ онро асли суханварӣ медонад. Суханронии Ибни Муқаффаъ дар қиёс бо Ҷоҳиз мухтасар ва дар муқоиса бо суханони Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф пурмухотаб аст [15,454]. Агар Ибни Муқаффаъро бо Ҷоҳиз муқоиса кунем, ки дар навиштаҳои худ аз танз (ҳазл) истифода кардааст.

Мисли дигар адибон Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ маҷмуаи суханоне дорад, ки бо фасоҳат ва кӯтоҳӣ фарқ мекунанд. Аз ҷумла, суханони зеринро метавон намунаи олии суханварии ин нависандаи маъруф донист: «Беҳтарин ҳамнишин касест, ки парҳезгор бошад»; «Сазовортарин чизе, ки инсон метавонад ҳифз кунад, динаш аст»; «Ҳар кӣ худро воҷиб кунад, ба ёди охират машғули кор аст»; «Фиребхӯрда касест, ки савоби охиратро дар дунё меҷӯяд»; «Дил тезтар аз чашм тағйир меёбад, беҳтарин бахшиш он аст. ...»; «Ҷиноят бузург бошад, иқрор ба тавба мебарад, исрор зарфи гуноҳ аст»; «Саховатманд он чизеро, ки меандешад, медиҳад, ифротгаро, ки ба ӯ ёрӣ намедиҳад, ба он чизе, ки нафрат дорад, дучор мешавад, фикр калиди он аст»; «Дил гӯш кардан амнтар аз гуфтор аст»; «Арҷмандтарин ахлоқ хоксорист, хоксорӣ муҳаббат меоварад, бузургтарини он бо бадгумонӣ ҳамроҳ аст»; «Ҳар кӣ забони ширин дошта бошад, бародарони зиёде хоҳад дошт», «Ҳар кӣ охиратро канор бигузорад, ба дунё мутавассил мешавад» [1,341].

Услуби номанигорӣ бо услуби мутлақӣ маъруф мебошад, яъне он услуби нигориш маҳсуб ёфта, насри асосӣ дар китобҳои қадими илмӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ин як навъ аз услубҳое, ки орӣ аз насри мусаҷҷаъ (қофиядор), гуногуннавъии тарзи баён ва фасоҳату балоғат (суханварӣ) мебошад. Ибни Муқаффаъ дар қисми зиёди таълифоти хеш аз услубҳои насри мусаҷҷаъ ва мутавозин истифода накардааст. Дар китобҳои ӯ насри мусаҷҷаъ ва услуби болозикр нест, чунки ба онҳо эътимод намекунад, зеро ҳадафи ӯ

амаликунии маъно бо тарзи комили ифодаи он маҳсуб мешавад [8,6]. Баъд аз ин муҳим нест, ки калимаҳои ихтиёрнамудаи ӯ мураккаб (фасеҳ) ё осон, муъҷаз ё пурра бошанд.

Бархе аз намунаҳои санъати суханварӣ дар рисолаи ӯ «Ад-Дуррат-ул-ятима» намунаи гуфтаҳои болост: «Ҷиддиятро бо ҳазл омехта макун, онро табоҳ мекунӣ ва ба шӯхӣ ҷиддиятро омехта макун, норавшан мегардад. Шумо дар андешаи худ дуруст мегӯед ва бар ҳамсолони худ ғолиб хоҳед шуд, яъне агар он чизе, ки бо аҳмақӣ, хашм ва сухани бад меояд, ба он бо ҷавоби як нафари тамасхур ва дилфиреб, бо бозуи кушоду равон ва мантиқан устувор посух диҳед» [4,380].

Ибни Муқаффаъ шоҳиди суқути як давлати ҳоким ва ба миён омадани давлати дигар буд. Суқути давлати ҳоким бо муқаддимаҳои хушунатомез ба зулми сиёсӣ ва бартарӣ ба нажоди ғайриарабӣ ва дигарон оғоз шуда, ба пайдоиши шуубия ва шуубиҳо роҳ кушод. Новобаста аз иттиҳомҳое, ки нисбат ба эҷодиёти Ибни Муқаффаъ аз тарафи баъзе аз арбоби дин гирифта шудаанд, ба андешаи мо, чеҳраи Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои оғози асри адабиёти классикии араб ба шумор меравад. Ибни Муқаффаъ, ки аз хуни ғайриараб буд, ҳатман нисбат ба арзишҳои фарҳангии тамаддуни ниёкони худ амиқан қадршинос буда, мекӯшид то он арзишҳоро ба ҷаҳони араб муаррифӣ намояд. Бад-ин маъно метавон ӯро яке аз пешоҳангони наҳзати шуубия донист [19]. Ҳарчанд аз ӯ ҳеч асаре дар боби бартарии шууб ё дақиқтар бигӯем, эрониён ва соири ақвом бар арабҳо бар ҷой намондааст.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ донишу маърифати замони худро аз ҳар тараф фаро гирифта, фарҳанги арабҳо ва ғайриарабҳоро бо ҳам ҷамъ намуд, забони форсиро хеле хуб медонист, дар байни қавмаш симои бисёр ҷиддӣ дошт, дар забони арабӣ моҳир ва ҳозиқ буд, пешиниён то ҳол ақидаҳои ӯро дар бораи фасоҳат ва суханварӣ зикр мекунанд.

Маҳорати забондонии Ибни Муқаффаъ на танҳо дар китобхонӣ ва донишазхудкунӣ ифода меёфт, балки ӯ мутарҷими адабӣ, забоншинос, файласуф ва донишманди асрори забони юнонӣ буд. Инчунин, ӯро яке аз аввалин тарҷумонҳои китобҳои Арасту меҳисобанд. Бисёре аз тарҷумаҳояш ба мантиқ, диалектика, қиёс ва категорияҳо бахшида шудаанд. Мақоми илмии ӯро аз рӯйи сарчашмаҳое, ки дар бораи зиндагинома ва эҷодиёташ ривоят мекунанд, муайян кардан мумкин аст. Рӯзе Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ва Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ мулоқот намуданд ва суҳбати онҳо то саҳаргоҳ идома ёфт. Пас аз Халил пурсиданд: «Ибни Муқаффаъро чӣ гуна дарёфтӣ?» Гуфт: «Мардеро дидам, ки илмаш аз ақлаш бештар буд» [16, 151].

Аз масъалаҳои муҳим дар бахши суханварӣ, ки онро Ибни Муқаффаъ дар насри худ истифода бурдааст, ин масъалаи калима ва маъно мебошад. Ин қазия дар аввали кораш дар фазои илми калом ва ақидаҳо оғоз гашта, баъдан ба фазои илми баён ва адаб интиқол ёфтааст. Ин аз пояҳои асосии мафҳуми матни адабӣ буда, мунаққидон ва суханшиносон маҷмуи хосиятҳоеро пешниҳод кардаанд, ки бояд дар сатҳи фардӣ ва сохторӣ дастрас бошанд, зеро онҳо ашёи хоми матн ҳастанд. Рисолаҳои Ибни Муқаффаъ аз ҷиҳати сабк ҷолиб ва зебо буда, маъруфияти баландро касб кардаанд. Ба тавре ки ӯро яке аз дурахшонтарин суханварони ҷаҳони араб медонистанд, ки ба забони қадимаи араб наменавишт, балки ибораҳои умумиро ба кор мебурд. Ӯ ҳамеша мақсади худро сода ифода мекунад, сохтори грамматикии он равшан ва шаффоф аст ва аз табақабандии гуфтор ва амсоли он, ки дар забони бадавӣ фаровон аст, худдорӣ мекунад. Ин таҳаввули сабкро дар осори Ибни Муқаффаъ равшан мушоҳида кардан мумкин аст. Дар робита ба ин, эҷодиёти Ибни Муқаффаъро метавон оғози давраи нав дар таърихи забони арабӣ ба шумор оварда, ки бо гузариш аз зиндагии бадавинишин ба тамаддуни шаҳрнишинӣ ва воридшавии ғайриарабҳо ба тамаддуни арабӣ алоқаманд мебошад [5, 115].

Ҷойи шубҳа нест, ки Ибни Муқаффаъ насри арабиро ба дараҷаи баланд бардошта, устоди мактаби аввалини насри арабӣ ба маънои комили ин калима маҳсуб мешавад. Ибни Муқаффаъ рисолаҳоеро иншо намуд, ки дар онҳо мавзуъҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор дод, ки фарогири ҳаёти иҷтимоӣ ва фикрӣ буда, таваҷҷуҳи бевоситаи ӯ ба тафсилоти мавзуъҳо бидуни таваҷҷуҳи зиёд ба тасвири бадеӣ ва обуранги бадеӣ равона гардид.

Рағбати Ибни Муқаффаъ ба фарҳанги арабӣ ва исломӣ маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқин ва донишомӯзони соҳаҳо ва касбҳои гуногун қарор гирифтааст. Атрофи ин масъала назарҳо ва андешаҳои мухталиф баён гардида, шеваи нигориш, корбурди истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар фаъолияти ин нависандаи бузурги ориёитабор мавриди баҳси доманадор қарор гирифтаанд.

Дар мавриди суханони Ибни Муқаффаъ чунин изҳор доштаанд, ки каломи ӯ поку мусаффо ва гӯё аз ғалбер гузаштаанд, ин фасоҳату балоғати он дар баёни содаву саҳл нуҳуфта аст, пас равшанбаёниву содагии гуфтор барои фасоҳати сухан меъёри асосист. Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Муқаффаъ фоидаи услуби кӯтоҳкуниро дар корбурди вожагон медонист, зеро он имкон медиҳад, ки суханро дар зеҳн собит созад ва аз он ҳар гуна инкор ва шубҳаро бартараф созад. Услуби кӯтоҳ баён намудан ба ихтисор ноил мегардад, зеро ба ҷойи ду ҷумла маъниро дар як ҷумла пешниҳод менамояд. Дар ин маврид мегӯяд: «Мухтасарӣ фасоҳат аст ва мухтасар (баён намудан) бузургтарин рукни фасоҳати арабӣ аст» [15, 476].

Ибни Муқаффаъ дар вожаҳое, ки дар насри худ истифода кардааст, гуногунрангиро ба кор гирифтааст. Аз ин рӯ, метавон аз гуфтаҳои болоӣ ба хулосае омад, ки ба вожаҳо ва маънои онҳо Ибни Муқаффаъ арзиши фонетикӣ (овоӣ) додааст, ки дар натиҷа ба ду ҳадаф: фаҳм ва баён даст ёфтааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин масъала бояд қайд намуд, ки барои Ибни Муқаффаъ муҳимтар аз ҳама маънии гуфтор буд, аз ин рӯ, жарфнигариро дар маънии гуфтор ҳамеша ба кор мебурд.

Ҳамин тавр, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ошноии комил бо таърихи бостонии Эронзамин ва осори гаронбаҳои тоисломии форсу тоҷик дошт ва забони арабиро низ ба ғояти камол аз худ намуда, дар адаби арабӣ аз мутабаҳҳирони замонаш маҳсуб меёфт. Ибни Муқаффаъ бо дарки арзишу аҳаммияти баланди осори тоисломии эронӣ барои ҳифзу эҳёи он кӯшишу талош варзид. Ибни Муқаффаъ дуруст дарк намуда буд, ки аз байн рафтани як қавм дар мағлубияти сиёсӣ ва низомии он нест, балки фанои он мутародиф бо нест шудани одоби миллӣ, таъриху ахлоқу одот ва ёдгориҳои бостонии он аст. Бинобар ин, аз рӯйи завқу салиқаи шахсӣ тавонист, ки китобҳои Эрони қадимро, ки саршор аз фазилатҳои бузург буданд, тавассути нақлу тарҷума аз забону хатти паҳлавӣ ба арабӣ интиқол дод ва мардуми эрониро аз хатари нобудӣ ва ҳалокат наҷот дод.

Бо назардошти ин, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки воқеан ҳам Ибни Муқаффаъ саҳми босазое дар рушди тамаддуни исломӣ ва адабиёти араби асри VIII гузошта, бо осори гаронбаҳояш пояҳои тамаддуни арабӣ-исломиро тақвият дод. Дар канори ин, тарҷумаҳои ӯ аз забони паҳлавӣ ба арабӣ мероси бостонии ниёкони моро ҳифз кард ва таълифоташ намунаи беҳтарини насри давраи Аббосии аввал дар адабиёти араб маҳсуб мешавад. Ҳамзамон Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз аввалин офаринандагони насри адабии арабӣ дониста мешавад, ки ба густаришу ғанӣ ва иқтидори забони арабӣ кумаки шоёне кардааст. Тавассути тарҷумаҳо Ибни Муқаффаъ ба забон ва адабиёти араб вожаю ибораҳоеро ворид кард, ки аз ин пеш дар забони арабӣ вуҷуд надоштанд. Гузашта аз ин, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ҳамчун асосгузори насри арабӣ бори аввал дар таърихи адабиёти араб жанри номаҳои калони дорои мазмуни пандомез (дидактикӣ)-ро ба миён оварда, яке аз дурахшонтарин суханварон ва адибони соҳибсабки адабиёти араб дониста мешавад.

АДАБИЁТ

а) бо алифбои арабиасос:

١. إبن المقفع. آثار ابن المثقع. – بيروت: دار الكتب العلمية، ١٩٨٩.
٢. إبن المقفع، الأدب الصغير والأدب الكبير. – بيروت، دار بيروت، ١٩٧٧.
٣. إبن النديم. الفهرست. – بيروت: دار المعرفة، ١٩٦٤.
٤. إبن حمدون. التذكرة الحمدونية. تحرير بكر عباس و احسان عباس. – جلد ١. – بيروت: دار الصادر،١٩٩٦.
٥. ابو عثمان عمرو بن بحر الجاحظ. البيان والتبيين. تحقيق و شرح محمد عباد السلام هارون. – القاهرة: مطبعة لحنة التأليف والترجمة والنشر، ١٩٤٨-١٩٥٠.
٦. ابو عثمان عمرو بن بحر الجاحظ. رسالة ذم أخلاق الكتاب. – جلد ٢ . – بيروت: دار الكتب العلمية، الطبعة الاولي، ٢٠٠١.

٧. أحمد حسن الزيات. تاريخ الادب العربي. – بيروت، الطبعة التاسعة: دار الثقافة، ١٩٨٥.
٨. أنيس المقدسي. التطور الاساليب النثرية في الادب العربي. – بيروت: دار العلم للملايين، ١٩٦٨.
٩. بطرس البستاني. أدباء العرب في الأعصر العباسية. – بيروت: دار مارون، ١٩٧٩.
١٠. خليل مردم. إبن المقفع: أئمة الأدب (الجزء الثاني). – القاهرة: مؤسسة هنداوي، ٢٠١٩. – ٦٦ ص.
١١. سعيد حسين منصور. العقل في أدب ابن المقفع كما يمثله كتاب الأدب الصغير. – قطر: مركز المجموعات الرقمية لجامعة قطر، ١٩٨٣.
١٢. شرح حال عبد الله بن المقفع. تاليف استاد عباس خقبال آشتياني. – تهران: اساطير، ١٣٨٢. – ١٢٨ص.
١٣. شوقي ضيف. العصر العباسي الاول. – القاهرة، الطبعة السادسة: دار المعارف، ١٩٧٥.
١٤. شوقي ضيف. ألفن ومذاهبه في النثر العربي. – القاهرة: دار المعارف، الطبعة الثانية عشر، ١٩٨١.
١٥. محمد غفراني خراساني. عبد الله بن المقفع. – القاهرة: الدار القومية، ١٩٦٥.
١٦. وفيات الأعيان وأبناء أبناء الزمان لابن خلكان، تحقيق د٠دكتر احسان عباس. – بيروت: وزارة الثقافة، ١٩٧٢. –ج.٢.

б) бо забонҳои русӣ ва хориҷӣ:

17. Sourdel D. La biographie d`Ibn al-Muqaffa d`apres les sources ancinnis. – A.,1954.
18. Фильштинский И.М. История арабской литературы. V – начало X века. – Москва: Главная редакция восточной литературы, издательства «Наука», 1985. – 524с.

в) сарчашмаҳои элктронӣ:

١٩. ابن مقفع كه بود؟ چه كرد؟ چرا كشته شد؟ [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://aftabnews. ir/fa/ news/45203 (санаи мурочиат: 03.01.2025).
٢٠. جايگاه اديبان توابع شيراز در تمدن اسلامى.ابو محمد عبدالله بن مقفع. [Сарчашмаи электронӣ] URL: http://aftab-cc.rozblog.com/post/5 (санаи мурочиат: 03.01.2025).
٢١. يسري عبد الغني عبد الله. ابن المقفع وتجديد النثر العربي. – مجلة ثقافية فصلية رقمية، ٠٧. ٢٠١٣. ISSN 1756-4212 [Сарчашмаи электронӣ] URL: https://www.oudnad. net/spip.php? article 832 (санаи мурочиат: 03.01.2025).

АБДУЛЛОҲ ИБНИ МУҚАФФАЪ – АСОСГУЗОРИ НАСРИ АРАБӢ

Дар мақола масъалаи нақши нависандаи маъруфи форситабори адабиёти классики араб. асосгузори насри адабиёти араб, тарҷумон ва сухавари варзида Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, бо такя ба сарчашмаҳои боэътимод, мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ шахсияти Ибни Муқаффаъ, маҳорати тарҷумонӣ, нависандагӣ, суханварӣ ва инчунин саҳми босазои ӯро дар рушди тамаддуни исломӣ ва адабиёти араби асри VIII муайян кардааст. Муаллиф чунин меҳисобад, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ пояҳои тамаддуни исломӣ ва арабро тақвият дода, тарҷумаҳои ӯ аз забони паҳлавӣ ба арабӣ мероси бостонии ниёконро ҳифз кард ва таълифоташ намунаи беҳтарини насри давраи аббосии адабиёти араб маҳсуб мешавад.

Вожаҳои калидӣ: Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, Ҷоҳиз, давра, осор, тарҷума, шуубия.

АБДАЛЛАХ ИБН МУКАФФА – ОСНОВОПОЛОЖНИК АРАБСКОЙ ПРОЗЫ

В статье автором на основе достоверных источников рассматривается роль известного писателя классической арабской литературы перса по происхождению, основоположника прозы арабской литературы, выдающийся переводчика и оратора Абдаллаха ибн Мукаффы. В процессе анализа и обсуждения темы автором выявлено личность Ибн Мукаффы, его таланта в качестве переводчика, писателя, оратора, а также его значительный вклад в развитие арабо-исламской цивилизации и в арабской литературе VIII века. Автор считает, что Абдаллах ибн Мукаффа укрепил основы исламской и арабской цивилизации, его переводы с пехлевийского языка на арабский сохранили древнее наследие предков, а его произведения считаются лучшими образцами прозы Аббасидского периода арабской литературы.

Ключевые слова: Абдаллах ибн Мукаффа, Джахиз, период, произведения, перевод, шуубия.

THE PLACE OF ABDULLAH IBN MUKAFFA IN ARABIC LITERATURE OF THE VIII CENTURY

In the article, the author, based on reliable sources, examines the role of the famous writer of classical Arabic literature of Persian origin, the founder of the prose of Arabic literature, an outstanding translator and orator Abdullah ibn Mukaffa. In the process of analyzing and discussing the topic, the author revealed the personality of Ibn Mukaffa, his talent as a translator, writer, orator, as well as his significant contribution to the development of Islamic civilization and Arabic literature in the VIII century. The author believes that Abdullah ibn Mukaffa strengthened the foundations of Islamic and Arab civilization, his translations from the Pahlavi language into Arabic preserved the ancient heritage of his ancestors, and his works are considered the best examples of prose of the Abbasid period of Arabic literature.

Key words: Abdullah ibn Mukaffa', Jahiz, period, works, translation, shu'ubiyya.

Маълумот дар бораи муаллиф: Искандаров Мирзошоҳрух *Рустамович* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти доктор Phd кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 933339163.

Сведения об авторе: ***Искандаров Мирзошохрух Рустамович*** – докторант доктора PhD кафедры арабской филологии Таджикского национального университета,. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон**: (+992) 933339163.

Information about the author: ***Iskandarov Mirzoshohrukh Rustamovich*** – National University of Tajikistan, doctoral candidate of Phd of Department of Arabic Philology**. Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 17 Rudaki avenue. **Phone**: (+992) 933339163.

СИМОИ БАҲЛУЛ ДАР «УҚАЛО-УЛ-МАҶОНИН»-И ҲАСАНИ НИШОПУРӢ

Абдулазиз-зода С.
Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Абувуҳайб Баҳлул (Буҳлул) ибни Амр ибни Муғайраи Маҷнун аз зумраи шахсиятҳоест, ки ҳам дар фарҳанги арабӣ ва ҳам форсии тоҷикӣ чун оқили девона бо гуфтору рафтори ғайримаъмули худ шуҳрат дорад. Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиро дар мавриди Баҳлул метавон ба ду давра ҷудо кард: то асри понздаҳ ва баъди он.

Дар сарчашмаҳои адабӣ-таърихии аҳди исломии то садаи понздаҳи мелодӣ чун «Ал-баён ва-т-табйин»-и Ҷоҳиз [3, 193-195], «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайбаи Динаварӣ [8, 56], «Иқд-ул-фарид»-и Ибн Абд Раббиҳӣ [7, 166], «Уқало-ул-маҷонин»-и Абулқосим Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиби Нишопурӣ [3, 193-195], «Наср-уд-дурар фи-л-муҳозарот»-и Абусаъд Мансур ибни Ҳусайни Розӣ машҳур ба Обӣ [1, 190-195], «Муҳозарот-ул-удабо»-и Роғиби Исфаҳонӣ [13, 353-361; 14, 473] «Ал-Вофӣ би-л-вафаёт»-и Сафадӣ [4, 193-195], ва дигарон сабаби девона шудани Баҳлул, ки баъди асри понздаҳ бо тобиши мазҳабӣ шарҳ меёбад, дарҷ наёфтааст. Матлаб ин аст, ки пас аз китоби «Маҷолис-ул-муъминин»-и Аллома Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ (1546-1609м.) симои Баҳлул комилан тобиши мазҳабӣ касб мекунад. Нуруллоҳи Шуштарӣ дар бораи Баҳлул мулоҳизаҳояшро баён карда, ӯро аз бастагони Ҳорунаррашид ва шогирди хосси Имом Ҷаъфари Содиқ муаррифӣ намуда, сипас сабаби девона шуданашро дар он шарҳ дода гуфтааст, ки «Ҳорун ба воситаи ҳифзи мулки ақим (мулке, ки аз насл ба насл мегузарад) ҳамвора дар дафъи Имоми воҷиб-ут-таъзим (Мусо Козим дар назар аст) буд ва ва баҳонҳое меангехт, ки он ҳазратро ба дараҷаи шаҳодат бирасонад ва хотири худро аз ӯ ҷамъ гардонад. То оне, ки дар он айём Имомро муттаҳам ба доияи хуруҷ намуд ва аз муттақиёни замони худ яке аз он ҷумлаи Баҳлул буд, истифсори ибоҳаи (ҷустуҷӯи раво динистан- ҷустуҷӯи ривоят) қатли Имоми маъсум намуд. Дигарон фатво доданд ва Баҳлул ба хидмати Ҳазрати Имом рафт ва сурати воқеа хабар дод ва илтимос намуд, ки ӯро дар он боб иршоде намояд. Он ҳазрат фармуданд, ки худро гусистамиҳор (саркаш) ва девона ва бевиқор зоҳир бисоз. Баҳлул бо муқтазои ишора ва воҷиб-ул-итоа амал намуда, худро аз таклифи Ҳорун халос фармуд» [12, 15-20]. Минбаъд ҳамаи сарчашмаҳо ва китобҳое, ки дар бораи Баҳлул таълиф шудаанд, ҳамин маълумотро ба ҳар навъе такрор намудаанд. Ва тамоми афкору орои мазҳаби ташайюъро аз забони Баҳлул ҷорӣ намудаанд. Қазияи ғалати дигаре, ки Нуруллоҳи Шуштарӣ овардааст, ин муносибати Баҳлул бо Абуҳанифа аст. Ӯ навиштааст, ки Баҳлул бо Абуҳанифаи Куфӣ мунозираҳои бисёр дорад ва ӯро ҳамеша мулзаму молида медоштааст ва ҳикояи зерро нақл кардааст: «Рӯзе Баҳлулро ба хонаи Абуҳанифа гузараш афтод ва истимоъ намуд, ки ӯ машғули дарс гуфтан буд ва ба таломизҳои худ мегуфт, ки Имом Ҷаъфари Содиқ (р) се чиз мегӯяд, ки ман онҳоро намеписандам.

Ва бар ин се чиз эрод дорам, агар чи хилофи ақл аст:

Аввал, он чизе ки мегӯянд, шайтон ба оташ маъзуб хоҳад шуд ва ҳол он, ки моддаи шайтон аз оташ аст. Чӣ гуна оташ, оташро сӯзонад!?

- Дигар оне ки мегӯянд, Худовандро наметавон дидан. Ин чигуна мумкин аст, ки шайе вуҷуд дошта бошад ва дида нашавад.

- Дигар оне ки мегӯянд, холиқи ҳама чиз Худост ва ҳама чиз аз ҷониби Ӯст, бо вуҷуди ин банда мӯхтараст ва ин хилофи ақл аст.

Чун сухан ба ин ҷо расид. Буҳлул кулӯхе аз замин бардошта ва бад-ӯ афканд. Кулӯх ба пешонияш расид ва бишикаст ва хун ҷорӣ шуд. Шогирдони Абуҳанифа, Бухлулро гирифтанд. Чун ӯро бишинохтанд, ба сабаби қаробаташ бо халифа будани Баҳлул ҷуръат накарданд, ки бо ӯ ҷасорате кунанд ва аз ин воқеа назди Халифа шикоят карданд.

Халифа Буҳлулро талабид, чун ҳозир шуд. Халифа воқеаро бо ӯ итоб намуд ва гуфт:

-Чаро сари Абуҳанифаро шикастӣ ва бо ӯ таҳдид намудӣ?

Буҳлул гуфт:

-Ман нашикастаам!

Халифа амр намуд то Абуҳанифаро ҳозир карданд. Абуҳанифа бо пешонаи баста ворид шуд.

Буҳлул рӯй ба ӯ намуда ва гуфт:

-Аз ман чи таҳдиде ба ту шудааст?

Абуҳанифа гуфт:

-Кадом таҳдиде аз ин беш, ки сари маро бишикастӣ ва тамоми шаб ба сабаби дарди сар ором ва қарор барои ман набуд.

Буҳлул гуфт:

-Ку дард?

Абуҳанифа гуфт:

-Дард дида намешавад.

Буҳлул гуфт:

-Пас дард вуҷуд надорад, дурӯғ мегӯӣ. Чӣ, ту мегуфтӣ, ки мумкин нест чизе мавҷуд дида нашавад. Дигар оне, ки кулӯх мумкин нест, туро захмдор кунад. Чӣ ту аз хокӣ ва кулӯх низ аз хок! Ҳамчуноне ки оташ, оташро насузонад. Хок ҳам дар хок асар нанамояд. Дигар оне ки ман набудам, ки задам.

Абуҳанифа гуфт:

-Пас, кӣ буд?

Баҳлул гуфт:

-Ҳамон Худое, ки ҳама корҳоро аз Ӯ медонӣ ва бандаро низ маҷбури мутлақ.

Халифа ҷавоби ӯро писандид ва Абуҳанифа шарманда аз он маҷлис бирафт» [12, 15-20].

Аксарияти муҳаққиқон замони зиндагии Баҳлулро ба даврони ҳукмронии халифаҳои Аббосӣ – Маҳдӣ (солҳои ҳукм. 158/775-169/785) ва Ҳорунаррашид (солҳои 164/786-187/809) нисбат додаанд, ки Абуҳанифа (699-767м.) дар ин айём дигар зиндагӣ надошт.

Аввалин маълумот дар бораи Баҳлул дар китоби «Ал-баён»-и Ҷоҳиз дарҷ гардидааст. Ҷоҳиз ӯро шиъа муаррифӣ намуда, сипас дар ҳикояте, ки меорад, шиа буданашро аз забони худи Баҳлул инкор кардааст: «Баҳлул аз девонагони Куфа ва ӯ шиа буд. Ва Исҳоқ ибни Саббоҳ (Волии Ҳиҷоз, дар замони Маҳдӣ С.А.) ба ӯ гуфт:

-Худованд шумори шиъаҳоро ба мисли Шумо зиёд гардонад.

Баҳлул гуфт:

-Балки Худованд дар равияи мурҷиа ба мисли ман ва дар шиа ба мисли ту шумораашонро зиёдтар гардонад».

Ва дар ду ривояти дигари ҳамин асар Ҷоҳиз ӯро марди гӯл ва ҳатто холӣ аз зарофат ҷилва медиҳад [3, 230].

Оид ба фирқаи «мурҷиа» дар «Луғатнома»-и Деҳхудо чунин маълумот оварда шудааст: «Номи фирқае, ки дар поёни нимаи аввали қарни якуми ҳиҷрӣ падид шуд. Мурҷӣ исми фоил аз «ирҷо» ба маънии «таъхирафканда» мебошад. Тоифае, ки имонро қавли биламал медонанд ва қавл «калимаи шаҳодат»-ро муқаддам бар амал мешуморанд ва муътақиданд, ки тарки амалро имонаш наҷот мебахшад. Ва мегӯянд, ки бо имон маъсият зарар накунад, чунончи бо куфр тоат.

Мурҷиа муртакиби гуноҳи кабираро мухаллад дар дӯзах намедонистаанд, балки кори ӯро ба Худо вомегузоштаанд.

Аксарияти мурҷиа имоматро барои ғайриқурайшӣ ҷойиз намедонистаанд, вале баъзе онон мегуфтанд, ки ҳар кас аҳкоми Қуръон ва суннати расулро барпо дорад, метавонад имом бошад.

Мактаби эътиқодии мурҷиа барои Умавиён, ки аз иртикоби маосии бузург парҳез надоштанд, ҷойгоҳи хубе буд, бад-ин ҷиҳат Умавиён аз мурҷиа пуштибонӣ мекарданд» [6, 121-122].

Дар дигар сарчашмаҳои арабӣ низ маълумоти дақиқе дар бораи шахсият ва нақлу ривоятҳо дар бораи ӯ вуҷуд надоранд.

Муҳиматарин сарчашмае, ки аз гуфтору рафтори Баҳлул ба таври нисбатан муфассал маълумот додааст «Уқало-ул-маҷонин»-и Ҳасани Нишопурӣ мебошад.

Дар радифи беш аз сад нафар девона, ки Ҳасани Нишопурӣ дар китобаш овардааст, як қисмати муҳимро пас аз Увайси Қаранӣ, Саъдун ва Маҷнун ба Баҳлул бахшидааст. Дар қисмати назариявии китоб, ки мафҳуми ҷунун ва анвои девонагон бо овардани мисолҳои фаровон шарҳ ёфтааст, сабаби девона шудани Баҳлул зикр наёфтааст. Масалан, дар гурӯҳи девонагоне, ки худро ба ҳамоқат задаанд, то аз балою офати замон эмин бошанд, Нишопурӣ ривоятеро дар бораи Абуҳанифа, Суфиёни Саврӣ, Мисъар ва Шурайк овардааст, ки бо маслиҳати Абуҳанифа Мисъар аз худ девона месозад, то таклифи Мансурро дар бораи қабул кардани маснади қозигӣ инкор созад. Агар чунин маълумоте дар бораи Баҳлул вуҷуд медошт, ҳатман зикр месохт. Пас маълум мешавад, ки ин қазияро баъди асри понздаҳум бофта баровардаанд.

Дар тасвири Ҳасани Нишопурӣ шахсияти Баҳлул чун девонае омадааст, ки гоҳ дар гӯристонҳо пойи худро дар гӯр овезон карда, бо хок бозӣ менамояд, гоҳ дар найпорае савор шуда, мисли асп меронад, гоҳ аз озори кӯдакон дар гурез аст ва ҷойи дигар кӯдаконро озор медиҳад, гоҳе дигар бо Ҳорунаррашид дар мулоқот аст ва ҳамчунин баъзан бо панду андарзҳояш, ки дар қолаби ашъори арабӣ суруда шудаанд, мазмунҳои ахлоқию зуҳдро баён менамояд.

Дар мавриди мазҳаби Баҳлул Ҳасани Нишопурӣ он қиссае, ки Ҷоҳиз нақл карда буд, овардааст. Яъне дар фирқаи мурҷиа қарор доштани Баҳлулро ёдрас карда, менависад, ки «Аҳмад гуфт: - Исҳоқ ибни Саббоҳи Кандӣ ба ӯ гуфт: - Худованд шиияне ҳамчун туро афзун гардонад! Баҳлул гуфт: - Худованд мурҷиамаслаконе ҳамчун манро афзун созад ва бар шиияне ҳамчун ту бияфзояд!» [5, 117].

Дар ҳикояи дигар омадааст, ки нафареро, ки даргузаштааст, мехоҳанд дафн созанд. Дар чигунагии қабри ӯ ихтилофи назар пеш омад. Бархе мегуфтанд қабрашро аз замин баромада созем, бархе дигар мегуфтанд ҳамсон бо замин бисозем. Дар ҳамин асно Баҳлул аз он ҷо мегузашт ва мардум ӯро ба доварӣ даъват карданд. «Баҳлул гуфт: - Агар ба ӯ ба расми шиа намоз хондаед, қабри ӯро ҳамвор созед ва агар ба расми мурҷиа ба ӯ намоз хондаед, қабрашро баромада созед» [5, 122].

Дар аксар нақлу ривоятҳое, ки ба Баҳлул мансубанд яке аз қаҳрамонҳо ва ё мухотаб Ҳорунаррашид қарор гирифтааст. Ҳасани Нишопурӣ Ҳорунро дар муносибат бо Баҳлул ҳалиму меҳрубон ва пандшунав тасвир кардааст. Дар ин ҳикояҳо Ҳорун чун Баҳлулро мебинад даъваташ месозад ва бо пешниҳоди пулу мол хоҳишҳояшро баровардани мешавад, аммо Баҳлул рад менамояд. «Рӯзе Рашид оҳанги ҳаҷ намуд. Вақте ҳангоми зуҳр ба Куфа расид, Баҳлули девонаро дид, ки бар найе савор аст. Баҳлул медавид ва кӯдакон аз пайи ӯ медавиданд. Рашид гуфт: - Он мард кист? Гуфтанд: - Баҳлули девона аст. Гуфт: - Дӯст доштам бибинамаш. Ӯро бе он ки ба ҳарос афканед, ба сӯйи ман бихонед. Ёрони Рашид ба Баҳлул гуфтанд: - Даъвати амиралмуъмининро иҷобат кун! Баҳлул нишаста бар найи худ бар сӯйи Рашид давид. Рашид ба ӯ гуфт: - Бисёр дӯст доштам туро бибинам. Баҳлул гуфт: - Лек ман муштоқи дидори ту набудам. Рашид гуфт: - Эй Баҳлул! Маро панде деҳ! Гуфт: - Туро ба чӣ чиз панд диҳам? Инҳо кохҳояшон аст ва инҳо ҳам гӯрҳояшон. Гуфт: - Бештар пандам деҳ, ки маро чӣ нек андарз гуфтӣ! Гуфт: - Эй амиралмуъминин, касе, ки Худо ба ӯ мол ва зебоӣ бидиҳад, бояд бо зебоияш иффат пеша созад ва бо молаш ба

дигарон ёрӣ расонад. Худованд низ номи ӯро дар зумраи некон менависад. Рашид бо шунидани ин сухан пиндошт, ки Баҳлул аз ӯ чизе мехоҳад. Гуфт: - Дастур додаем то қарзи туро бипардозанд. Баҳлул гуфт: - Ҳаргиз! Зеро ки қарзро бо қарзе дигар намепардозанд. Ту ҳақро ба соҳибаш бозгардон ва қарзи худатро бипардоз. Ин нафс беҳамтост. Агар ҳалок гардад, дигар ислоҳ намепазирад. Рашид гуфт: - Фармон додаем, то туро мушоҳара бидиҳанд. Баҳлул гуфт: - Эй амиралмуъминин! Ин гуна нест, ки Худо туро ато бидиҳад ва маро фаромӯш кунад. Он гоҳ шитобон рӯй аз Рашид бартофт ва рафт» [5, 109-110].

Баъзан дар муқобили панду андарзҳои Баҳлул Ҳорун худро музтару ноумед мебинад, буғзу ғам гулӯяшро мефишорад ва озурда мешавад, аммо боз ҳам хоҳони шунидани онҳо мешавад. Ба Баҳлул мегӯяд, ки ҳоҷате аз ман бихоҳ, то бароварда созам! Аммо Баҳлул мегӯяд, ки «Ҳоҷатам ин аст, ки ту маро набинӣ ва ман туро набинам. Эй амиралмуъминин! Эмин ибни Нойил ба нақл аз Қудома ибни Абдуллоҳи Калобӣ бароям ривоят кард ва гуфт: - Расули Худо (с)-ро дидам, ки бар шутуре сурхгун нишаста буд ва раме Ҷамарот мекард. На касеро мезад ва на касеро аз худ мерсон ва на ба касе мегуфт: -Аз ман дур шав!» [5, 110].

Дар бештари ҳикоёте, ки ба Баҳлулу Ҳорун дар адабиёти асримиёнагии форсии тоҷикӣ мавҷуд аст, шеваи танзу ҳаҷв ва мутояба боло гирифтааст. Дар китоби Ҳасани Нишопурӣ ҳам аз чунин ҳикояҳои мутоябамонанд ҷой доранд. Масалан, Ҳорун оҳанги ҳаҷ кард ва вақте аз Куфа мегузашт ба ёди Баҳлул афтод. Фармон дод, то ӯро ҳозир кунанд ва ҳамчунин амр намуд, ки бар тани ӯ ҷомаи сиёҳ кунед ва бар сараш кулоҳе дароз бигузоред ва дар фалон мавзеъ ӯро ҳозир кунед. Ёрони Рашид ин корро карданд ва ба Баҳлул гуфтанд, ки вақте амиралмуъминин меояд, барояш дуо кун. Вақте Рашид ба назди ӯ омад, Баҳлул бонг баланд кард ва гуфт: «Эй амиралмуъминин! Аз Худо мехоҳем, ки туро рӯзӣ диҳад ва неъматашро бар ту бигустаронад. Рашид хандид ва гуфт: - Омин! Вақте Рашид ба Баҳлул подош дод, ходиме аз пайи Баҳлул рафт ва гуфт: - Ин гуна барои амиралмуъминин дуо мекунӣ, эй девона? Гуфт: - Вой бар ту, хомӯш бош, ки дар дунё барои амиралмуъминин ҳеҷ чиз хуштар аз динору дирҳам нест. Сухани ӯро ба Рашид расониданд. Рашид хандид ва гуфт: - Ба Худо савганд дурӯғ нагуфтааст!» [5, 112].

Дар баъзе аз ҳикоёт хилофи анъана Баҳлул чун сарбозе тасвир шудааст, ки дар набард бо душманон меҷангад. Табиист, ки чунин навъи ривоят ба нафаре, ки дар найпорае савор мешаваду аз таъкиби кӯдакон дар гурез аст, рост намеояд. Шояд Ҳасани Нишопурӣ барои ифода кардани афкори ирфонӣ аз забони Баҳлул чунин ривоятро оварда бошад. Чунончӣ, «Баҳлул дар яке аз набардҳои тобистона дар канори мо меҷангид. Бар гарданаш машки обе овезон буд. Вақте оташи ҷанг шуълавар шуд, машки хешро ба миёни сафи лашкариён андохт ва гуфт: - Фиғон аз ту, эй машк! То кай мехоҳӣ ҳамроҳи ман бошӣ! Чӣ қадар маро ба орзуҳои пуч мефиребӣ! Имрӯз агар Худо бихоҳад, рӯзи ҷудоӣ миёни ману туст! Он гоҳ нигоҳи хешро ба сӯйи осмон духт ва гуфт: - Ба иззатат қасам, ки набарди ман бо душманони ту, на ба шавқи неъмати биҳишт аст, ҳарчанд неъмати биҳиштӣ ҷовидона бошад ва на ба хотири фирор аз оташи ҷаҳаннам, ҳарчанд, ки азобаш дардовар аст. Набарди ман фақат ба хотири дӯст доштани туст, эй дӯсти авлиёуллоҳ! Он гаҳ ин абётро суруд…»

ما قدر نفسي في رضي مولاها إن قتلت أو قاتلت أعداها
قالت لمولاها و من مولاها و من الي جنّته هداها
ما رغبتي الجنة أن أراها و رهبتي النّار بأن اصلاها
لكنني عبدٌ أحبُّ الله

(Арзиши ин ҷон дар баробари ризои мавлояш (Худованд) чист? Онро чӣ бок, ки кушта шавад ё душманонро бикушад? Ҷонам ба мавлояш ва ба ҳаму, ки ба сӯйи биҳишт ҳидояташ карда, мегӯяд: -Барои дидани биҳишт рағбате надорам ва аз афтодан дар оташи дузах боке нест! Ман банда ҳастам, ки танҳо Худоро дӯст дорам) [5, 120].

Дар қисмати «Мулоқоти Саъдун бо Баҳлул» Ҳасани Нишопурӣ масъалаи зуҳду тарки дунё ва дигар масоили ахлоқиро инъикос кардааст, ки баъдтар дар адабиёти форсу тоҷик суханварони мо аз чунин навъи пандҳо зиёд такрор кардаанд. «Саъдун ба дидори Баҳлул

рафт. Шунидам, ки Саъдун ба Баҳлул мегуфт: - Ту маро панд медиҳӣ, ё он ки ман туро панде бидиҳам? Баҳлул нидо дод: - Эй бародарам, ту маро панде деҳ! Саъдун гуфт: - Туро панде медиҳам, ки хештанро аз шарри худат ҳифз кунӣ ва аз зиндони худат бираҳонӣ, ки ин ҷаҳон хонаи ту нест. Баҳлул ба ӯ гуфт: - Эй бародарам! Ман низ туро панде медиҳам. Гуфт: - Бигӯ! Баҳлул гуфт: - Аъзои баданатро маркаби хеш соз ва тӯшаи маърифатро бар он бор кун ва онро дар роҳи сахтӣ ва талош андоз. Агар ин маркаб сангинии борро ба ёди ту оварад, ту низ ба ӯ фарҷоми расидан ба ҳадафро ба ёд ор!» [5, 125-126].

Номаҳои Баҳлул ба хулафо ва амирон, ки Ҳасани Нишопурӣ намунаҳояшро овардааст, аз ҷуръати бемонанди ӯ дар масъалаи дифои дину шариат мебошанд. Дар номаҳое, ки ӯ барои Восиқ, писари Абудовуд ва Бишри Мирисӣ навишааст, асосан ба онҳое, ки Қуръонро каломи махлуқ гуфтаанд, аз сари эътироз баҳс намудааст ва дар поёни ҳар нома «Аз Худотарсе фурӯтан ба мухолифи каломи Худованди ҷалил», «Аз ҷониби ростгӯи фурӯтан ба дурӯғгӯи мутакаббир», «Аз Худотарси парҳезгор ба кофари таҳрифкунандаи каломи Худо» ва «Аз девонаи Худотарс ба нафриншудаи ноком» гуфта, унвон гузоштааст, ки матолиби ин номаҳо аз мавҷуд будани баҳсҳо дар он замон сари масъалаи таҳқиқи эъҷози Қуръон мебошанд [5, 127-128].

Ҳасани Нишопурӣ дар қисмати «Суханон ва ашъори ривоятшуда аз ӯ» ба ҳунари шоирии Баҳлул баҳои баланд дода навиштааст, ки «Мазияти Баҳлул бар дигар девонагони назири ӯ он аст, ки шеърро ороста месозад ва дар маънои ҳар гунае аз он диққати назар дорад. Гувоҳи ин сухан ҳикоятест, ки Абулҳасани Алавӣ дар Ҳирот барои мо нақл кард ва гуфт..» [5, 130]. Сипас ҳикоятеро аз забони ровиён нақл мекунад, ки хеле тулонӣ аст ва мазмунаш ин аст, ки ба қавле Абдусамади Куфӣ даҳ сол хидмати Баҳлул кардааст. Дар ҳама ҷо ӯро ҳамроҳӣ менамудааст. Суханони нодири ӯро барчида, дар баробари касоне, ки ӯро озор медоданд, аз ӯ дифоъ мекардааст. Як бор чанд рӯз Баҳлулро гум мекунад ва баъди ҷустуҷӯҳо рӯзе ӯро дар яке аз кӯчаҳои Куфа пайдо мекунад, ки кӯдакон ба гирдаш ҷамъ шуда, бо санг мезананд. Ӯ Баҳлулро халос карда, сипас мепурсад, ки дилаш чӣ мехоҳад? Ӯ ғизое аз боқало ва равғани кунҷид талаб кард. Ғизоро барояш муҳайё мекунанд ва ӯро ба масҷиде бурда табақи хӯрокро пешаш мегузоранд. Баҳлул ҳарисона таомро мехӯрад ва дар аснои хӯрок хӯрдан ба ӯ суол мекунад, ки «Оё шеъре дар боби латофати пӯст сурудай!? Даст дар синии таом бурд ва хост то бо он бар сарам бикӯбад. Ман низ раҳояш кардам, то ин ки сер шуд ва ором гирифту сари ҳол омад. Ба ӯ гуфтам: - Посухи суолам, эй устод!? Гуфт: - Бинавис:

أُضمرُ أن أُضمرُ حبيّ له فيشتكي إضمار اضماري
رقّ فلو مرّت به ذرّة لخضّبته بدمٍ جارٍ

(Ниҳон доштани ишқи ӯро низ ниҳон мекунам, чандон ки маҳбуб аз ниҳон доштани ишқ шиква мекунад. Ончунон латиф гашта, ки агар заррае бар ӯ гузар кунад, ӯро дар хуни ҷорияш дар хизоб мекунад.)

Ба ӯ гуфтам: -Шеъре латифтар аз ин мехоҳам. Гуфт: - Бинавис:

أضمر أن يأخذ المرآة لكي ينظر تمثاله فأدناها
فجاز وهم الضمير منه الي وجنته في الهوي فأدماها

(Дар даст гирифтани оина барои нигаристан ба сураташро ниҳон кард ва худаш ба оина наздик шуд, лекин ваҳми дарунаш дар ишқ ба гунаҳояш расид ва гунаҳояшро хунин кард.)

Ба ӯ гуфтам: - Эй устод, латифтар аз ин бигӯ. Гуфт: - Бошад. Лек гумон накунам, ки аз ин латифтар шеъре бошад. Бинавис:

شبّهته قمراً إذا مرّ مبتسماً فكاد يجرحه التشبيه أو كلما
و مرّ في خاطري تقبيل وجنته فسيّلت فكرتي من عارضيه دما

(Вақте ки лабханди занон гузар кард, ӯро ба моҳ ташбеҳ кардам. Чизе намонда буд, ки ин ташбеҳи ман ӯро маҷруҳ созад. Дар хаёли ман бӯсидани гунааш гузар кард ва ҳамин андешаам гунаҳояш аз гунаҳояш хун ҷорӣ кард.)

Ба ӯ гуфтам: - Латифтар аз ин бигӯ, эй устод! Гуфт: -Эй ҳаромзода шеъре аз ин латифтар чӣ гуна тавонад буд?! Андаке сабр кун, бибинам шояд дар манзили ҳарире латифтар аз ин бофта бошам» [5, 130-131].

Маҷмуан ашъоре, ки дар «Уқало-ул-маҷонин»-и Нишопурӣ гирд омадааст, 39 байт (дар 13 қитъаи кӯтоҳ) аст, ки мазмуни бештари онҳо дар бораи охират ва қаноат кардан дар ин ҷаҳон аст. Ба истиснои байтҳое, ки мазмуни ишқӣ доранд ва пештар онҳоро таҳлил намудем.

Ӯ дар шеърҳояш ба инсонҳо панд медиҳад, ки озмандӣ дар дунёро фурӯ гузоранд ва ба зиндагӣ тамаъ накунанд, моли бисёр гирд наоранд, ҳар инсони озманде фақиру ҳар қаноатпешае тавонгар аст. Ҳар вақт инсон дар тангно қарор гирифт, бояд ба кушоиш умед дошта бошад. Зеро дар ҳар коре, ки сахтию тангно бештар шавад, он кор ба кушоишу фараҳ наздиктар мегардад. Ҳар кас, ки бо кӯшиши фаровон дар талаби рӯзӣ дар офоқ мегардад, худро хаста мекунад ва аз ин дунёталабӣ ранҷур мегардад. Ба андешаи ӯ инсон аз пайи рӯзиест, ки Худованд ӯро аз ҷустанаш бениёз сохтааст. Агар ӯ бинишинад ҳам рӯзияш ба воситае ба ӯ хоҳад расид. Ва ба ҳамин мазмун матолибе, ки баъдтар дар адабиёти ирфонии мо ҳам, хосса дар бахши зуҳдиёт, доманаи васеъ пайдо кард.

Хулоса, аз рӯи мулоҳизоти Ҳасан ибни Муҳаммади Нишопурӣ, яъне, муаллифи «Уқало-ул-маҷонин» маълум мегардад, ки Баҳлул як шахсияти таърихӣ ба шумор меравад. Вай то андозае ҷанбаҳои шахсияти таърихӣ-адабии ӯро инъикос кардааст. Баҳлул дар байни мардум чун шахсияти афсонавӣ ва марди поку доно, оқилу ҳушёр, девонанамову шуҷоъ, ботадбиру ботамкин, файласуф, шоир ва ҳамеша ҳақиқатҷӯву пуштибони дини мубини ислом дар адабиёти омиёнаи форсу араб шуҳрати зиёд пайдо кардааст, ки яке аз омилҳои густариши ин мавзуъ китоби Ҳасани Нишопурӣ мебошад.

АДАБИЁТ

١. ابي سعد الآبى، سعد منصور ابن حسين . من نثر الدر . اختار النصوص و قدم لها و علق عليها و مظهر الهجى/ . السفر الرابع . - دمشق : وزارة الثقافة المختار من التراث العربي ،1997 م. ٣٣٨ ص.
٢. ابي سعد الآبى، سعد منصور ابن حسين الراضي . نثر الدر في المحاضرات . محقق: خالد عبد الغني محفوظ./.ج.٣. –بيرت- لبنان: دار الكتب العلمية. ١٤٢٣ه. -٢٠٠٣م. -٢١٠ص.
٣. الجاحظ، ابي عثمان عمرو بن بحر. البيان و التبين. بتحقيق و شرح عبد السلام محمد هارون. ج.٢. – قاهرة: مكتبة الخانجي،١٤١٨ه. ١٩٩٧م. -٣٤٩ ص.
٤. الصفدي، صلاح الدين خليل بن ايبك. الوافي الوفيات.ج.١٠. – بيرت-لبنان: دار الاحياء التراث العربية،١٤٢٠ ه.-٢٠٠٠م.- ٢٩٥ص.
٥. ديوانگان خردمند. شرح و ترجمه "عقلاء المجانين" عبدالقاسم حسن بن محمد بن حبيب نشابوري. به قلم زين العابدين فرامرزي و حسين گلچينى. – گرگان: انتشارات نوروزي ، ١٣٩٤.- ٣٠٨ ص.
٦. دهخدا ، علي اكبر. لغت نامه. ج.٤٤. – تهران: دانشگاه تهران. بدون سال نشر .-٥٠٠ ص.
٧. ابن عبد ربه، ابي عمر شهاب الدين احمد بن محمد بن حبيب بن حدير بن سالم. العقد الفريد./ج.٧. بيروت: دار الكتب العلمية، ١٤٠٤ه. -٣١٨ ص.
٨. ابن قتيبة الدينوري، أبي محمد عبد الله بن مسلم. عيون الأخبار./ج.٢. بيروت-لبنان: دار الكتب العربية، ١٣٤٣ه. -١٩٢٥م. - ٣٨٦ ص.
٩. ابن قتيبة الدينوري، أبي محمد عبد الله بن مسلم. عيون الأخبار./ج.٤. بيروت-لبنان: دار الكتب العربية، ١٣٤٣ه. -١٩٢٥م. - ٣١٦ ص.
١٠. ابي القاسم حسن ابن محمد ابن حبيب . عقلاء المجانين. / تحقيق عمر اسعد مصطفى عاشورى.- بييروت : دار النفائس، ١٩٨٧م./١٤٠٧ه. 374 ص.
١١. قصه فرزانگان ديوانه: شرح و ترجمه "عقلاء المجانين" / اثر عبدالقاسم حسن بن محمد بن حبيب نيشابوري. متجم و شارح يوسف اصغري بايقوت.- جيرفت: انتشارات، ١٣٩٦.-٣١٥ ص.
١٢. نور الله شوشتري، قاضي سيد. مجالس المؤمنين./ج.٢. – تهران: كتابفروشي اسلامية، ١٣٥٤.-٧٠٠ ص.
١٣. راغب اصفهاني. ابوالقاسم حسين ابن محمد. نوادر. محاضرات الادبا و محاورات الشعراء و البلغاء. ترجمه و تاليف محمد صالح بن محمد باقر قزويني.- تهران: سروش، ١٣٧١ه. - ٥٩١ ص.
١٤. راغب اصفهاني. ابوالقاسم حسين ابن محمد بن مفضل. محاضرات الادبا و محاورات الشعراء و البلغاء.صففه وضبط نصوصه و علق حواشيه دكتر عمر الطباع. /ج.١. – بيروت –لبنان: شركة دار الارقم بن أبي الارقم، ١٤٢٠ه. – ١٩٩٩م. -٨٣٢ ص.

СИМОИ БАҲЛУЛ ДАР «УҚАЛО-УЛ-МАҶОНИН»-И ҲАСАНИ НИШОПУРӢ

Дар мақола симои Абувуҳайб Баҳлул ибни Амр ибни Муғайраи Маҷнун дар китоби «Уқало-ул-маҷонин»-и Ҳасани Нишопурӣ (ваф.406 ҳ.қ.) мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳасани Нишопурӣ то андозае ҷанбаҳои шахсияти таърихӣ-адабии Баҳлулро инъикос кардааст. Баҳлул дар байни мардум чун шахсияти афсонавӣ ва марди поку доно, оқилу ҳушёр, девонанамову шуҷоъ, ботадбиру ботамкин, файласуф ва ҳамеша ҳақиқатҷӯву пуштибони дини мубини ислом дар адабиёти омиёнаи форсу араб шуҳрати зиёд пайдо кардааст, ки яке аз омилҳои густариши ин мавзуъ китоби Ҳасани Нишопурӣ мебошад.

Калидвожаҳо: ҷунун, уқало, маҷонин, мазҳаб, ирфон, андарз, ахлоқ, ҳақиқатҷӯ, маҷоз, офат, узлат, мардумгурезӣ, охират, қаноат, зуҳд.

ОБРАЗ БАХЛУЛА В КНИГЕ «МУДРЫЕ БЕЗУМЦЫ» ХАСАНА НИШАПУРИ

В данной статье подвергается исследованию образ Абувухайба Бахлула ибн Амр ибн Мугайра Меджнуна в книге «Безумные мудрецы» Хасана Нишапури (время смерти 406 л.х.). В книге Хасана Нишапурн в какой-то степени отражены историко-литературные аспекты личности Бахлула. Образ Бахлула в персоязычном и арабском фольклоре нашел широкую известность как легендарная личность, как человек всезнающий, чистосердечный, бдительный, внешне безумный, но, на самом деле, мудрый, невозмутимый философ, как искатель правды и покровитель священного Ислама, как личность, овеянная ореолом славы и всенародной любви, чему способствовала в том числе книга Хасана Нишапури.

Ключевые слова: сумасшествие, безумство, секта, дидактика, ищуший, справедливость, метафора, несчастье, уклонение от социума, потусторонний мир.

THE IMAGE OF BAHLUL IN HASAN NISHAPURI'S "UQALO-AL-MAJONIN" ("WISE MADMEN")

This article examines the image of Abuwuhayb Bahlul ibn Umru ibn Mughairai Majnun in Hasan Nishapuri's book Wise Madmen (d.406 a.h). Hasani Nishapuri, reflects the historical and literary aspects of Bahlul's personality to some extent.Bahlul has gained a great fame as a legendary figure,pure-hearted and wise man, and vigilant man outwardly insane but, in reality, a wise and composed philosopher, he is portrayed as a seeker of truth and a defender of the sacred religion of Islam, a figure shrouded in glory and popular admiration in Persian and Arabic folklore, one of the reasons in spreading this image is Hasan Nishapuri's book.

Key words: madness, insanity, sect, didactics, seeker, justice, metaphor, misfortune, withdrawal from society, otherworldly realm

Маълумот оид ба муаллиф: ***Абдулазиз-зода Сайакбар*** **–** муовини сардори Шуъбаи Дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Сино 2/2. E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934811115, 200232424.**

Сведения об авторе: ***Абдулазиз-зода Сайакбар*** **–** заместитель начальника отдела Восточных рукописей и редких книг" Национальной библиотеки" Исполнительного Аппарата Президента Республики Таджикистан **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Сино,2/2 E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Тел,:**(+992) 934811115, 200232424.**

Information about the author: ***Abdulaziz-zoda Sayakbar*** **–** Deputy Head of the Department of Oriental Manuscripts and Rare Books of the National Library of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Sino Ave.,2/2. E-mail: **Abduaziz.2015@mail.ru**. Tel,: **(+992) 934811115, 200232424.**

ИНЪИКОСИ ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ХАЛҚӢ ДАР АШЪОРИ АБУИСҲОҚИ ҒАЗЗӢ

Исмоилова С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воқеан ҳам корбурди мақолу зарбулмасалҳои халқӣ дар ашъори шоирони бузург хеле зиёд ба мушоҳида расида, таҷассумгари донишу маърифати амиқи онҳо дар гуфторҳои мардумӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи амсолу ақвол дар ашъори арабӣ низ ривоҷи бештар дошта, аз шоир санъати баланд ва таҷрибаи ғаниро талаб менамояд. Ба андешаи донишманди араб беҳтарини ашъор ҳамоне аст, ки саршор аз зарбулмасалу ҳикмат бошад [7, 279].

Агар зарбулмасал маҳсули ноби тамаддун бошад, пас тасвир ва бознамоии онҳо дар шеър тавассути гунҷонидан ва шабоҳат ба як мавқеият ё тасвир, нишондиҳандаи пайванди амиқи фарҳанг бо зарбулмасалҳои халқӣ аст ва инро далелҳо дар ашъори Ғаззӣ тасдиқ мекунанд, ки ӯ тавонист бо маданияти баланд, санъати тасвирӣ ва ҳисси амиқи худ зарбулмасалҳоро аз ҷиҳати техникӣ ба мақсади пешбинишуда, пурмазмун истифода барад.

Зарбулмасал матни муҷази таърихан ба вуҷудомада ва аз нигоҳи семантикию грамматикӣ устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва

таҷрибаҳои чандинасраи мардум дар матнҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ хулоса шудаанд. Вазифаи асосии зарбулмасалҳо тасдиқи сухан мебошад, чунки мардум дар гуфтори худ кӯшиш менамоянд, ки дар мавридҳои муайян барои тасдиқи фикру суханони хеш баъзе зарбулмасалҳоро баён кунанд. Зарбулмасалҳо барои тарбияи инсон, ба вижа, насли ҷавон ва танқиди хислатҳову рафтору гуфтори номатлуби баъзе ашхоси ҷомеа мавқеи муҳим доранд.

Аз ин рӯ, бисёре аз донишмандон ба ҷиҳати тарбиявию ахлоқии зарбулмасал таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Инчунин ҳангоми суҳбат мардум зарбулмасалҳоро ҳамчун ороишу зевари гуфтор низ ба кор мебаранд. Дар нутқи гӯянда матни зарбулмасал на танҳо суханро зебову дилкаш мекунад, балки онро қувват дода, тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, тавассути зарбулмасал одамон муносибат ва мубодилаи афкор менамоянд.

Ҳоло ин ҷо фарҳанги зарбулмасал аз ашъор, ақвол ва дидгоҳи Ғаззӣ пешниҳод ва баррасӣ карда хоҳад шуд. Албатта, мутмаинона метавон гуфт, ки фарҳанги зарбулмасал дар ашъори Ғаззӣ ҳамчун фарҳанги завқ, санъат ва илм тасвир шудааст, на чун фарҳанги намоишӣ, ки дар он зарбулмасал бараҳна ва ҳамвор бошад, зеро ӯ вазифа ва хусусияти зарбулмасалро, ки пойдорӣ, бардавомӣ ва аз насл ба насл интиқол ёфтан аст, медонад ва ин бардавомию интиқолёбӣ яке аз хусусиятҳои шеъри ҷовидонист, агар ба зарбулмасал пайванд бошад ва дар пайравӣ ба он эҷод шавад.

Истифодаи зарбулмасал тавассути тасвирҳои ташбеҳӣ ва қиёсӣ равиши шоиреро нишон медиҳад, ки бо равиши забони тасвирии суннатӣ маъноҳои аҷибе меофарад ва он чи аз онҳо гирифтааст, таҳмил мекунад. Аз ин ҷост, ки фармудааст:

و لوْ وَنى الرَّكبُ في تسييرها حسدًا سارتْ بها حكَمٌ فيها و أمثالُ

(Гарчанде ки шутурсаворон аз ҳасад хаста шуданд, вале зарбулмасал ва ҳикмати дигарон гаштанд) [7, 280].

Зарбулмасалҳо дар эҷодиёти Ғаззӣ ҳамчун порае аз наққошии беҳамтои тасвирӣ нишон дода шудаанд. Мисли қавли зерини ӯ, ки аз ин зарбулмасал гирифта шудааст: “ **وضحَ الصُّبحُ لمن له عينان**” (Барои касоне, ки ду чашми бино доранд, субҳ равшан шуд) яъне, ин ҳолат чун лаҳзаи иктишоф ва нуктае пайдо мешавад, яъне чун нуре, ки бар нақошии дар торикӣ қарордошта метобад:

و لقد سريتُ و للكواكب في الدُّجى سبحُ الغريق و مشيةُ النَّشوان

(Ман дар торикии шаб бо ситорагон мисли шиновари ғарқшаванда ва чун девона роҳ мерафтам) [7, 280] .

Ҳоло бошад, ба маънои зарбулмасали машҳури зерин таваҷҷуҳ мекунем: “ **الوقت كالسيف إن لم تقطعه قطعك**” (Вақт мисли шамшер аст, агар шумо онро набуред, он шуморо мебурад), яъне ин як қисми муборизаи ҳаёт аст, ки мо дар он зиндагӣ мекунем. Пас чунин гуфтан мумкин аст, ки умр бо солҳову рӯзҳо ва соатҳои худ лашкари шоҳзодаи ҷавонианд ва вақт бошад, шамшерест, ки сари солҳову рӯзҳоро бурида меравад ва маънои ин зарбулмасали пурмазмун дар қавли зерини шоир таҷассум ёфтааст:

بادرْ فإنَّ الوقتَ سيفٌ قاطعٌ و العمرُ جيشٌ و الشبابُ أميرُ

(Шитобед, ки вақт шамшери бурранда аст. Синну сол лашкар ва ҷавонӣ шоҳзода аст) [7, 280] .

Як нуктаи муҳимро қайд кардан зарур аст, ки зарбулмасали мазкурро хонанда набояд ҳамчун тасвире дар як наққошӣ , ки дар он лашкару шоҳзода қарор дорад, қабул намояд, балки ин мисолҳоро ба унвони як унсури асосии ин наққошӣ, тамаркуз, марказ ё як ранги дурахшон ва хатти равшани он ба худ бипазиранд. Дуруст аст, ки умр ҳамчун артиш ва ҷавонӣ ҳамчун шоҳзода, ҳар ду тасвир манзараҳои муҳимми ин наққошӣ ба ҳисоб мераванд, вале роҳбари ҳақиқӣ ва роҳбари муассир дар ин ҷо вақт аст.

Зарбулмасали маъруф “**أيدي سبا**” (Дастони пароканда), ки ба ҷудой, ихтилоф, тарк кардан ва нобудшавӣ далолат мекунад, Ғаззӣ онро ба риштаи назм кашидааст ва бо мӯқалами тиллоии худ онро бо ранги муқобил ранг кардааст, то ки мо онро пас аз изҳороти пешниҳоди ӯ шарҳ диҳем:

أيدي سبا غيرَ أنَّ المنعَ يجمعهم كما تداخل في المسرودة الحلقُ

(Дастҳоям парокандаанд, магар ин ки наҳй онҳоро ба ҳам мепайвандад. Ҳамчунон ки ҳалқаҳо дар зирех дохили якдигар мегарданд) [8, 280].

Шоир дар ин ҷо ду чизи бо ҳам муқобил, ихтилоф ва ҳамҷоягиро тасвир кардааст. Ӯ мегӯяд, ки онҳо парокандаанд ва бо якдигар иттифоқ нестанд, вале бо вуҷуди ин ба ҳам наздиканд. Пас ин ду ҳолати зидро чунин шарҳ додан мумкин аст, ки онҳо ҳалқаҳои холие ҳастанд, ки занҷир онҳоро ба ҳам мепайвандад, ҳамон гуна ки ҳалқаҳо дар зирех бо ҳам ҷамъ мешаванд. Яъне, наҳй ва бухл занҷире аст, ки ин ҳалқаҳои холӣ ва парокандаро ба ҳам мепайвандад.

Шабоҳати ду тасвир дар зарбулмасали "**الشجرة المثمرة تُرجم**" (Дарахти пурсамар сангсор мешавад), инъикос гардидааст. Ин шабоҳат дар зоҳир тазоди тасвирӣ менамояд, чунки муроғибат ва нигоҳубин ҳамеша барои шохаи хушк анҷом дода мешавад, аммо шохаи пурсамар бошад, сангсор карда мешавад. Аммо ин манзара дар асл ҳақиқати зиндагии инсонҳоро нишон медиҳад, зеро дар ҳаёт иноятӯ бахшиш барои муҳтоҷ, заифу бенаво ва беморон сарфа карда мешавад, вале қавию сарватманд бошад, мавриди такон додану талаб кардан қарор мегирад, то ки самараашон ба дигарон бирасад ва маънои ин зарбулмасал низ дар байти зерини Ғаззӣ инъикос гардидааст:

يُسقى القضيبُ إذا ذوى أمّا إذا أبدى الثمارَ فكم له من راجم

(Шоха агар хушк шуд, об дода мешавад, аммо агар меваҳояшро нишон дод, сангсор мегардад) [7:281] .

Дар зарбулмасали маъруфи дигар низ ба ду тасвири тазод рӯ ба рӯ мешавем, ки чунин аст: "**كحاطب ليل**" (Чун ҳезумкаши шаб) ва ин зарбулмасал ба маънои фикру андешаи носолим доштан аст. Яъне, касоне, ки гарданбанди марвориддори дурахшандаро аз ресмони ҳезумкаши шаб, ки ҳезуми ғафсу борикро якҷоя ҷамъ мекунад, фарқ карда наметавонанд ва ин тасвири зоҳирии ин зарбулмасал аст. Тасвири ботиниаш бошад, чунин аст, ки шахсе, ки байни мӯйи муназзам ва мӯйи жулида фарқ гузошта наметавонад.

Инчунин дар ин ҷо зарбулмасали дигареро мисол меорем, ки Ғаззӣ аз он дар байти зеринаш иқтибос овардааст: "**الليالي حبالى**" (Шабҳои бордор):

عسى بين أحشاء الليالي عجيبة حبالى الليالي أمّهات العجاءب

(Шояд, ки батни нимашабҳо аҷиб бошад, шабҳои бордор модарони шигифтиҳоянд) [7:281] .

Яъне, дили шаб вақти ороме аст, ки сабаби тавлид гаштани фикру андешаҳои ҷолиб ва шигифтовару ҳайратангез мегардад. Аз ин рӯ, дили шабро модари шигифтиҳо гуфтаанд.

Дар ин дунё мо аҳли башар сайд ҳастем на сайёд ва дақиқан ҳамин маъноро Ғаззӣ дар байти зерини худ ба ришгаи назм кашидааст:

نحنُ صيد الدنيا و ما برح الصَّقـ ـرُ بشرِّ السِّلاح صيد الحبارى

(Мо сайди дунё ҳастем, то замоне ки шоҳин вуҷуд дорад, силоҳ муждадиҳандаи сайди ҳуборӣ[1] аст) [7, 281] .

Яъне, сайёд мавриди сайд қарор мегирад.

Тасвири зарифе, ки шоир дар байти дигари худ офаридааст, воқеан аҷиб аст:

عجبي كيف لم يقلْ و هو يُدعى شغل الحليُ أهلَه أنْ يُعارا

(Дар тааҷҷубам, ки чӣ гуна бидуни сухан кардан дигаронро ба сӯйи худ мехонад. Ҷавоҳирот аҳлашро ба доми худ гирифтор кардааст) [7, 282] .

Шоир аз он тааҷҷуб кардааст, ки чӣ гуна инсоне, ки ин қадар бо фазлу карам аст ва беҳтарини махлуқот аст, боз фирефтаи зару зевар мегардад, дар ҳоле, ки қадру манзалати инсон аз зару зевар болотар аст.

Тасвири хулқу атвори мондагор дар зарбулмасали халқӣ инъикос гардидааст, ки чунин аст: "**الطبع غلب التطبع**" (Табъ бар соҳибтабъ ғолиб аст). Зарбулмасали мазкур иқомат ва

---

[1] Паррандаест, ки бузургтар ва гардандарозтар аз мурғи хонагӣ аст ва зарбулмасали ҳамоқату нодонӣ гардидааст: "ابْله من الحُبارَي" (Аблаҳтар аз ҳуборӣ аст), зеро ин парранда лонаи худро гум мекунад ва бар рӯйи тухмҳои ғайр аз худ менишинад.

ҳичратро нишон медиҳад. Яъне, ҳама чизҳои дунё мусофир ва муҳоҷиранд, ба ҷуз хулқу атвор, ки хаймааш устувор ва мондагор аст. Зарбулмасали дигари халқӣ низ пурракунандаи ҳамин гуфтаҳост: "**طوق الحمامة**" (Гулӯи кабӯтар) ва ин ҳама маъниҳо дар байти зерини Ғаззӣ мушоҳида мешаванд:

كرمُ السّجيّة خلقةٌ لا تُسلبُ الطوقَ الحمامة

(Саховатмандӣ хислатест, ки сари кабӯтарро наҷот медиҳад) [7, 282].

Зарбулмасали роиҷи дигар "**ما كلُّ ماشية بالرحل شملالُ**" (На ҳар чорвои сафаркунанда шутури тездав аст), ки маънои он дар ашъори Ғаззӣ ифода ёфтааст, баёнгари он аст, ки на ҳама инсонҳо инсони комил мешаванд ва дар миёни ҳамаи махлуқот неку бад вуҷуд дорад, вале одамон ҳама вақт ба инсонҳои хирадманду кордон ва чусту чолок такя мекунанд:

و مهمه وعدتني طيَّ شاسعه بوخدها في ذوات الرَّحل شملال

(Ҳарчанд тай намудани саҳрои паҳноро ба ман ваъда додӣ, вале тай намудани он аз доштани шутурони тездаву чолоки ту вобаста аст) [8, 282].

Яъне, дар муддати кӯтоҳ тай намудани саҳро аз шутурони тездаву чолок вобаста аст.

Мақоли маъруфи "**حلب الدهر أشطره**" (Неку бади рӯзгорро таҷруба кард), тазоди ҳақиқат ва воқеиятро ба мо баён месозад. Дар ҳақиқат, воқеият моро шоҳиди таҷруба намудани сахтиҳои замона сохта, водор месозад, ки гузаргоҳҳои абадият ва таҷассуми онро фаромӯш кунем. Пас ба як ҳақиқати талх таваҷҷуҳ намоем, ки таҷрибаҳои моро аз байн мебарад ва он ҷаҳолат аст, ки мо онро маърифату доноӣ мепиндорем. Ғаззӣ бошад, ин мақоли маъруфу муфидро ба тариқи назм ба самъи ҷомеаи башарӣ расондааст:

لئن حلبنا صروفَ الدَّهر أشطرهُ فكلّنا بصروف الدَّهر جهّالُ

(Агар ҳамаи неку бади рӯзгорро таҷруба кунем, вале ҳанӯз ҳам аз сахтиҳои рӯзгор бехабарем) [7, 282].

Албатта, Ғаззӣ шоирест, ки тасвири тавзеҳотиро дар корбурди зарбулмасалҳо ба услуби эҷодии худ ворид сохтааст. Байти зерини шоир тақвиятдиҳандаи ин гуфтаҳост:

إنْ عرَّكتني خطوبٌ لنتُ في يدها فالعودُ لا يستوي إلّا إذا لانا

(Ҳаводиси рӯзгор маро муаддаб кард, чунки ҳалиму фармонбардор будам, чӯб дар ҳоле рост мешавад, ки агар нарм бошад) [7, 282].

Маънои байти дар боло зикргардидаи шоир аз ин зарбулмасали маъруф " **إنَّ الغصون إذا قوَّمتها اعتدلت**" (Шохаҳо агар рост карда шаванд, рост мешаванд), гирифта шудааст. Шоир дар байти дар боло зикргардида, тасвири бо дасти ҳаводиси рӯзгор тарбия шуданашро дар муқобили тасвири тавзеҳӣ қарор дода, онро бо мисоли чӯб, ки дар ҳолати нармӣ рост мешавад ва дар ҳолати хушкӣ мешиканад, возеҳу равшан сохтааст. Бояд қайд намуд, ки шоир дар ин ҷо барои мо ду матлаби муҳиммеро дар мавриди тарбия баён сохтааст, ки тарбия бояд аз замони кӯдакӣ шуруъ шавад ва касоне тарбияи хуб мегиранд, ки ҳалиму фармонбардор бошанд.

Қавли дигари шоир, ки мегӯяд:

و لم يزل المجري يُسرُّ إذا خلا و كلُّ مكان غبتَ عنه خلاءُ

(Муҷрӣ ҳамеша дар ҳолати танҳоӣ хушҳол мешавад, вале дар ҳар ҷойе, ки ту набошӣ, холӣ аст) [7:283] .

Маънои зарбулмасалеро ифода мекунад, ки дар асл барои шахсе мисол зада мешавад, ки танҳо дар биёбон бо аспаш медавад, вале ба маънои таъриф меояд, зеро агар таърифшуда дар ҷойе ғоиб бошад, он ҷо ба мисоли биёбон аст.

Дар байти зерини шоир бошад, тасвireро мебинем, ки хислатҳо ғорат мешаванд. Аниқтараш фарзандон хислатҳои падарони худро ғорат мекунанд:

تباروا إلى منهاجه و تناهبوا سجاياهُ و من حاكى أباه فما اعتدى

(Дар пайравии равиши ӯ ба рақобат пардохтанд ва хислатҳояшро ғорат карданд ва ҳар кас ки ба падари худ тақлид кунад, ҳеҷ чиноятe содир накардааст) [7, 283] .

Ифодаи маънои байти мазкурро дар зарбулмасали зерин дармеёбем:

"**الولد سرّ أبيه**" (Фарзанд рози падараш аст), вале фарзанд ин роз ва шабоҳатро ба ғасби хислатҳо табдил медиҳад ва даврае аз зиндагиамонро аз мо мегирад, ки ин даврa ба қавле

мисли “**بيض الأنوق**” (Тухми уқоб) аст ва ин зарбулмасал барои корҳои ғайри имкон мисол зада мешавад ва маънои ин зарбулмасал низ дар қавли шоир таҷассум гардидааст:

ضمنَ الزَّمانُ ليَّ الأنوقَ و بيضها لمّا سألتُ وجودَ حرٍّ ماجد

(Замона ба ман ба даст овардани уқоб ва тухми ӯро кафолат дод, вақте ки ман аз ҳузури ҳур пурсидам) [7:283] .

Ӯ бо пайванди ҳасад ва фазилат ва иртиботи байни ду ифрот, риштаи имконпазириро мезанад:

و قد قيل ما للفرقدين تفرّقٌ فقلتُ: بلى إنْ فارقَ الفضلَ حاسدُ

(Гуфта шуд, ки ин ду гурӯҳ аз ҳам ҷудо нестанд, пас гуфтам: - Оре, агар ҳасуд аз фазл ҷудо шавад) [7, 283] .

Ин қавл дар мавриди ашхосе аст, ки намедонанд чӣ гуна чизеро даар ҷойи худ қарор диҳанд, мисли касе, ки малҳамро ба ҷойи захм наммемолад.

Хушбахтӣ мояи саодат аст, дуруст мисли ин зарбулмасали маъруф “ **كلُّ الصيد في جوف الفرا**” (Ҳама сайд дар қаъри замин аст) . Бояд дид, ки Ғаззӣ чӣ тавр ин зарбулмасалро ба тариқи назм баён кардааст:

لا تسألَنَّ سِوى السَّعلدَةِ لِلْعُلا سحبًا فَكُلُّ الصَّيْدِ في جَوْفِ الفر

(Барои абрҳои баландтарин ҷуз саодат чизе нахоҳед, зеро ҳама сайдҳо дар қаъри заминанд) [7, 284] .

Зарбулмасали дигар, ки дар забони арабӣ бисёр маъруф аст, ин “**مَواعِيدُ عُرْقُوب**” (Ваъдаҳои дурӯғин) аст. Дар асл Урқуб номи марди дурӯғгуе аст, ки зарбулмасали дурӯғу ваъдахилофӣ гаштааст ва ин зарбулмасал аз номи ӯ пайдо гаштааст. Ҳамчунин ба ҳамин маъно зарбулмасали дигаре низ вуҷуд дорад: “**أَخْلَفُ من عُرْقُوب**” (Ваъдахилофтар аз Урқуб). Албатта, ин зарбулмасал низ аз мадди назари шоири бузургвор дур намондааст ва онро ба тариқи назм боз ҳам ҷолибтар баён кардааст:

عرقوبها قد حكت عرقوبَ في عدة كانت مواعيد عرقوب لها مثلا

(Ваъдаҳои дурӯғаш борҳо баёнгари дурӯғгӯ буданаш гаштаанд, “Ваъдаҳои дурӯғин ” зарбулмасалест барои ӯ) [7, 284] .

Инчунин, шоир зарбулмасалҳоро тавассути назарияи таълимию тарбиявӣ пешниҳод кардааст, то ки хонанда ҳангоми мутолиа таҳти таъсири афкору андешааш қарор бигирад, ба монанди қавли зерини ӯ:

أوَما ترى فرخَ العقاب ضربتهُ مثلاً لكلِّ سديد رأي حازم
من لم يقُمْ بالمجد قبل مشيبه و خمود جمرته فليس بقائم

(Аз зарбулмасали “Уқоб бачадор шуд” чӣ мефаҳмӣ? Ҳар шахси равшанфикр андешаи устувор дорад. Ҳар кӣ қабл аз пирӣ ва хомӯш гаштани шуълаи оташаш ба мақоме нарасад, пас ҳаргиз нарасад) [7, 284].

Хонандаи ин матлаб алакай дарк мекунад, ки ҳикмат ва таҷрибае, ки шоир дар ин мисраҳо баён кардааст, ҳадаф ва аҳаммияти мақсадашро ба пуррагӣ нишон додааст, ба ҷуз тасвири заминавие, ки тавассути тахайюли мо дар убури саҳнае аз ҳаёти уқоб аз пеши назарамон мегузарад. Чунки уқоб паррандаест, ки бачаашро паридан, худмуҳофизаткунӣ ва ҳамла карданро меомӯзонад ва бешубҳа, ин тасвири хаёлӣ дар вақти гузоштани ин зарбулмасал ба хонанда илҳом мебахшад.

Дар мисоли ду парранда шоир сифати саховатмандиро баён кардааст:

له شيَمٌ تهدي إذا ضلّت القطا إلى ماء جود ما رأيته الهداهد

(Мурғ хосияте дорад, ки агар роҳгум занад, боз роҳашро меёбад, бар сари оби саховатмандӣ ҳудҳудҳоро дидам) [7, 284] .

Мисоли гумроҳии мурғ мисли гумроҳии ботаҷриба аст, вале ҳудҳуд оби пинҳонро меёбад, вале ин ду паррандаи доно ба ҳадафҳои худ расида наметавонанд. Дар ин ҷо шоир ташбеҳи тамсилиро ба кор бурдааст, ки баёнгари ташбеҳи тасвир бо тасвир аст, ҳатто агар тасвири аввал аз қарина ишора карда шавад. Масалан, вақте ки ӯ мегӯяд:

كانَ للدَّهر منحةٌ لا تُثَنّى منحةُ الدَّهر بيضةُ العترفان

(Дунё ҳадяе дорад, ки як бор ба даст меояд ва ин ҳадяи дунё, худшиносӣ аст) [7, 285] .

Мисоле, ки ҳадяи дунё танҳо як бор аст, ба мисоли мурғе аст, ки дар умраш як бор тухм мегузорад.

Ҳоло ин тасвири истеҳзоии шоирро баррасӣ мекунем, ки шабеҳи тасвири пешина аст. Аз гуфтаҳои шоир чунин бармеояд, ки саховатмандии ин мардум на аз хислат ва одати онҳост ва на аз тақлид ба саховатмандон ва на ҳатто аз хоҳиши шуҳратманд шудан, балки ин амали онҳо иштибоҳӣ рух додааст, ки дубора такрор нахоҳад шуд ва дар парванда ва шарҳи ҳоли онҳо тухми безуриётӣ боқӣ мемонад:

فإنْ جرى غلطٌ منهم بمكرمة فبيضةُ العُقْر لا يُرجى لها خلفُ

(Агар аз тарафи онҳо саховатмандие саҳван содир шавад, пас тухми безуриётӣ ба ворисон умед надорад) [7, 285] .

Дар байти дигараш бошад, шоир симои истеҳзоангези шахси ҳавобаландро нишон додааст, ки аз рӯйи беақлиаш мардум аз ӯ метарсанд, вале он хатост) [7, 286] .

Инчунин Ғаззӣ маъноро бо зарбулмасал муқобиил мегузорад, бинобар ин дар байти зерин зарбулмасал ҳамчун оинаи маъно омадааст:

كرم السجيّة خلقةٌ لا تُسلبُ الطوقَ الحمامة

(Саховатмандӣ хислатест, ки сари кабӯтарро наҷот медиҳад) [7, 286].

Қавли дигари шоир чунин аст:

أترضى أن يُقالَ الصدرُ يرضى بجعجعة و ليس يُرى طحينُ

(Оё аз ин розӣ ҳастед, ки гуфта шавад: “Қалб аз шунидани садои санги осиёб розӣ аст, вале ордро намебинад”) [7, 286] .

Ин қавли шоир аз зарбулмасали “**أَسْمَعُ جَعْجَعَةً و لا أرى طِحْنًا**” (Садои санги осиёбро мешунавам, вале орде намебинам), гирифта шудааст ва ин зарбулмасал барои касоне гуфта шудааст, ки ваъда ва қавлу қарор медиҳанд, вале анҷом намедиҳанд.

Хулоса, ҳама он зарбулмасалҳое, ки аз ҷониби ин шоири забардаст ба қолаби назм дароварда шудаанд, мавзуъҳои муҳимми ҳаётиро дарбар гирифтаанд ва аҳаммияти бузурги илмию адабӣ ва ахлоқӣ дошта, то имрӯз миёни мардум васеъ истифода мешаванд. Ба риштаи назм кашидани зарбулмасалҳо, баёнгари қуллаи маҳорат ва қобилияти фавқулодаи шоир аст. Дар ҳақиқат шоир бо ин истеъдоди волои худ ҷаззобият ва таъсирнокии зарбулмасалҳоро бештар кардааст. Ҳангоми мутолиаи ин ашъор, дар муқобили хонанда шоире қарор мегирад, ки фарҳанг ва эҷодиёти халқ, ки маҳсули тафрибаи ҳаётанд, дар забонаш ба суханҳои ширину ҷаззоб табдил ёфта, муассиртар гаштаанд, зеро қалами эҷодии шоир ин зарбулмасалҳоро бо обу ранги бадеӣ зебогии дубора бахшидааст.

АДАБИЁТ

1. Ибн Халликон, Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибн Муҳаммад. Вафаёт-ул-аъён фӣ анбоъ абнои-з-замон. Ҳаққақаҳу ад-дуктур Эҳсон Аббос / Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибн Муҳаммад ибн Халликон. – Байрут-Лубнон: Дор Содир, адад-ул-муҷалладот - 8, ал-муҷаллад 1. - 493 с.
2. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Форс. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 392 с.
3. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср. Қисм шуаро аш-Шом. Таҳқиқ Шукрӣ Файсал / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. Ал-Матбаъат-ул-Ҳошимия би Димашқ, 1375/1955. Адад-ул-аҷзоъ 3, ал-ҷузъ 1. - 712 с.
4. Раҷабова М.Т. Тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ва аҳаммияти адабии он // Монография. – Душанбе, 2021. – 200 с.
5. Ас-Самъонӣ, Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-Марвазӣ. Ал-Ансоб. Ҳаққақа нусусаҳу ва ъаллақа алайҳи аш-Шайх Абдурраҳмон ибн Яҳё ал-Маъламӣ ал-Ямонӣ / Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-

Марвазӣ ас-Самъонӣ. - Ал-Қоҳира, ат-табъат-ус-сония, 1400/1980, адад-ул-аҷзоъ - 12, ал-ҷузъ 1. - 422 с.
6. Ас-Сафадӣ, Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ. Ал-Вофӣ би-л-вафаёт. Таҳқиқ ва иътино Аҳмад ал-Арноут ва Туркӣ Мустафо / Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ ас-Сафадӣ. - Байрут-Лубнон: Дор Иҳёи-т-туроси-л-арабӣ, ат-табъат-ул-уло, 1425/2000, адад-ул-аҷзоъ - 29, ал-ҷузъ 1. - 284 с.
7. Ал-Ғаззӣ, Абиисҳоқ Иброҳим ибн Усмон ибн Муҳаммад ал-Калбӣ ал-Ашҳабӣ. Дивон ал-Ғаззӣ / Абиисҳоқ Иброҳим ибн Усмон ибн Муҳаммад ал-Калбӣ ал-Ашҳабӣ ал-Ғаззӣ.– Дубай-2007,– 874 с.

ИНЪИКОСИ ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ХАЛҚӢ ДАР АШЪОРИ АБУИСҲОҚИ ҒАЗЗӢ

Дар мақолаи мазкур ҷойгоҳу мақоми зарбулмасалҳои халқӣ ва инъикоси маъонии онҳо дар ашъори Абуисҳоқи Ғаззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷиҳати равшанӣ андохтан ба мавзӯи мазкур чанде аз ашъори Ғаззӣ, ки дар онҳо зарбулмасалҳои халқии машҳур инъикос гардидаанд, мавриди шарҳу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳақиқат шоир зарбулмасалҳои халқии зиёдеро хеле моҳирона ва эҷодкорона ба риштаи назм кашидааст.

Калидвожаҳо: уркуб, сифрид, вақт, шамшер, саховатмандӣ.

ОТРАЖЕНИЕ НАРОДНЫХ ПОСЛОВИЦ В СТИХАХ АБУ ИСХАКА ГАЗЗИ

В данной статье обсуждается место и статус народных пословиц и отражение их смысла в стихах Абу Исхака Газзи. С целью освещения этой темы были рассмотрены и обсуждены некоторые стихотворения Газзи, в которых отражены известные народные пословицы. На самом деле, поэт очень умело и творчески вплел в стихи многие народные пословицы.

Ключевые слова: уркуб, сифрид, время, меч, щедрость.

REFLECTION OF POPULAR PROVERBS IN THE POEMS OF ABU ISHAQ GHAZZI

This article discusses the place and status of folk proverbs and reflection of their meaning in the poems of Abu Ishaq Ghazzi. In order to shed light on this issue, some of Ghazzi's poems that reflect famous folk proverbs were examined and discussed. In fact, the poet very skillfully and creatively wove many folk proverbs into his poems.

Keywords: urcube, sifrid, time, sword, generosity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Исмоилова Сафаргул Абдуллоевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти доктор Phd кафедраи филологияи араб. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 989005761.**

Сведения об авторе: ***Исмаилова Сафаргул Абдуллаевна*** **–** Таджикский национальный университет, докторант доктора Phd кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 989005761.**

Information about the author: ***Ismoilova Safargul Abdulloevna*** **–** Tajik National University, doctoral candidate of PhD of Department of Arabic Philology. Address: 734025, Republic Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue. Telephone: **(+992) 918761255.**

МАКТАБҲОИ АДАБИИ ДАВРАИ НАҲЗАТ ВА МАРҲАЛАҲОИ РУШДУ ТАҲАВВУЛИ ОНҲО

Қурбонова С.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Лозим ба ёдоварист, ки адабиёти араб дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули худ марҳалаҳои гуногунро гузашта, то ба шакли имрӯзаи худ расидааст. Адабиёти навини араб низ вежагиҳои хосси хешро доро буда, бо таъсирпазирӣ аз адабиёти давраи классикӣ ва адабиёти аврупоӣ рушду нумуъ пайдо кардааст. Баробари бархӯрди кишварҳои араб бо ҷаҳони Ғарб адабиёти араб рӯ ба инкишоф оварда, дар ин замина ҷараёнҳои мухталифи адабӣ арзи ҳастӣ намуданд. Намояндагони ин ҳаракатҳо барои пешрафту шукуфоии адабиёти навини араб саҳми сазовор гузоштанд. Аз зумраи ин ҳаракатҳо наҳзати шеърӣ маҳсуб меёфт [8, 123]. Қайд кардан бамаврид аст, ки пеш аз наҳзат ва дар оғози он таҳти таъсири омилҳои таназзул осори заъфу сустӣ дар шеър пурра ошкор буд. Ҳатто метавон гуфт, ки ин заъфу сустӣ дар шеър ошкортар аз наср буд, зеро асоси шеър зебоии ҳунарӣ аст, ки мутаассифона, дар ин аср аз он таҳия шуда буд. Як даста бозиҳои лафзӣ, амалиёти ҳисобӣ ва санъатҳои фаровони лафзӣ ҷойи гуфтори мантиқӣ ва маъниофариро пур карда буданд. Бо дамидани сапедаи наҳзат Шарқ аз хоби гарон оҳиста бедор шуд ва дарёфт, ки

барои пешрафти фарҳангу адаби худ бояд талош варзад. Аз ин хотир, бар асари ошноӣ ёфтан бо маорифи Ғарб ва андешаи ғарбӣ, мардуми Шарқ бо зебоиҳои навине ошно гардид, ки натиҷааш рушду нумуъ пайдо кардани адабиёти араб гардид. Дар робита ба ин, шеър дар ин роҳи болоравӣ марҳалаҳоеро тай кард, ки донишманди араб Ҳанно Ал-Фохурӣ онҳоро ба таври зайл тақсимбандӣ намудааст:

1. Марҳалаи суннатгароӣ (марҳалаи растохез ва бедорӣ). Яке аз нахустин марҳалаҳои наҳзати шеърӣ, марҳалаи бедорӣ маҳсуб мешавад. Ин марҳала, давраи ҳаракати шеър ба сӯйи афкор, мавзуъҳо, тахайюлот ва услубҳои қадимаи шеъри арабӣ, яъне шеъри суннатии араб аст, ки худ ба ду бахш тақсим мешавад: яке суннатгароии омехта ба таназзул ва дигаре навоварӣ [8, 126].

Суннатгароии омехта ба таназзули наҳзат дар оғоз ҳаракате ба суйи таҳсили илм буд. Ба ин маънӣ, ки мардум ба таҳсили улум ва маориф рӯ оварданд. Шеър ба ҳамон андоза тараққӣ кард, ки метавонист пайванде миёни таназзул ва наҳзат бошад. Шеър ба қалами шоироне ҷорӣ мешуд, ки ҳанӯз бо услуби ғарбӣ ошноӣ наёфта буданд ва малакаи арабияти онҳо ба он андоза набуд, ки аз сустӣ ва заъфи баён дар амон бимонанд. Ин шоирон мехостанд ба анъанаҳои шеъри пеш аз таназзул боз гарданд, вале осори инҳитот дар корҳояшон намоён буд, шеърашон пур аз алфози омиёна ва заъфият дар таъбир буд. Аз ҷумлаи ин шоирон, Нақула Ат-Турк (1828), Бутрус Карома (1851) дар Лубнон, Исмоил Ал-Хашшоб (1815), Шайх Ҳасан Аттор (1834), Алӣ Дарвеш (1853) дар Миср ва Шайх Амин Ҷундӣ (1841) дар Сурия буданд. Онҳо аксар шоирони амирон буданд ва ба муносибатҳои мухталиф дар таҳният, ё рисо шеър мегуфтанд. Барои хона, ё масҷиде моддаи таърих месохтанд, ё корашон ба назми ихвониёт маҳдуд шуда буд, ки он ҳам орӣ аз навгониҳо дониста мешавад [8, 127].

2. Марҳалаи бозгашт ба сабки Аббосӣ. Чун вазъияту аҳволи иҷтимоӣ ва ободонӣ дар нимаи асри XIX рӯ ба болоравӣ ниҳод, васоили омӯзишу таҳқиқ афзун гардид. Адибон забони арабиро хуб омӯхтанд ва бо рози адабиёти асримиёнагии араб ошноии бештар пайдо намуданд. Дар канори ин, холигоҳи мавҷуда ва ҷойҳои нотавонии худро дарк намуданд. Аз ҷониби дигар, девонҳои шоирони гузашта нашр шуд ва шоирони тозакор аз шеъри нобиғагони пешин, махсусан, шоирони давраи Аббосӣ огоҳӣ ёфтанд. Аз ин пас пайравиву тақлиди шоирон ба онҳо хеле афзун гардид. Шоирон дар пайи таваҷҷуҳи хосса ба таъбиру устувории луғавӣ ва фаровонӣ дар маъноҳои сафоӣ, руҳӣ, шеърӣ ва устувории қолаб гаштанд. Аммо онҳо натавонистанд, ки комилан аз падидаҳои бозмондаи асри таназзул, чун тахмис, таштир, моддаи таърихсозӣ, бозиҳои бадеӣ ва наҳвӣ раҳоӣ ёбанд. Пардохтани ин шоирон ба тақлиди пешиниён шахсият ва навовариро дар шеърашон нуқсон дод. Ҳар кадоми онҳо як ё якчанд шоири қадимро сармашқ карор дода, услубҳо, маъноҳо ва матлабҳои онҳоро тақлид мекарданд. Лекин онҳо намеандешиданд, ки мутааллиқ ба замон ва муҳити дигар буданд. Бинобар ин, шеъри ин гуруҳ аз зиндагии иҷтимоиашон фосила дошт, дар он аз ниёзҳо, масъалаҳо ва мушкилоти мардум ҷуз андак нишонае набуд. Инчунин, бар наҳзати воқеие, ки натиҷаи он шеъри инсонӣ бошад, далолат намекард [8, 127].

Аз шоироне, ки чунин нақш доштанд, аз Шайх Носиф Ёзиҷӣ (1871), Шайх Юсуф Ал-Асир (1890), Шайх Иброҳим Аҳдаб (1891) дар Лубнон ва Маҳмуд Сомӣ Ал-Борудӣ (1904) дар Миср метавон ном бурд.

3. Марҳалаи навоварӣ (ё наҳзати воқеӣ). Миёни Шарқ ва Ғарб робитае барқарор шуд. Фарзандони машриқзамин аз сарчашмаи адабиёт ва маорифи мағрибзамин сероб шуданд. Аз ин ки Шарқ ҳамчунон ки дар қайди бандҳои кӯҳна гирифтор ва ҳамчунон рӯй дар гузашга дошт, садо бароварда. Онҳо дарёфтанд, ки адабиёт бояд оинаи замони худ бошад ва рангу занги муҳиташро дошта бошад.

Дар ин давра се мактаб падид омад. Мактаби мухазрамин, яъне мактаби онҳое, ки ба навоварӣ майл доштанд, вале мехостанд корашон бар асоси адабиёти қадим устувор бошад. Онҳо медиданд, ки адабиёти навин наметавонад дар ҳоле ки тамоми пайвандҳои

худро бо қадим бурида аст, ба по истад. Бояд аз матлаб ва услубҳои ғарбӣ истифода кард, вале онро ба шеваи арабии фасеҳ ва забони пурмаъно адо кард, ки ҳам ранги арабият дошта бошад ва ҳам бо муҳиту замон ҳамоҳанг бошад. Донишмандони ин мактаб бо муҳофизати шеваи арабият қасди истифода аз услубҳои ғарбиро доштанд. Аммо ин навҷӯӣ ҳамчунон нотавону маҳдуд монд. Онҳо шеърро на барои он месуруданд, ки аз фалсафа, ақида, ё ишқ ба табиат баён кунанд, ё мазҳаби навинеро дар адабиёт ворид кунанд ва инқилобе эҷод намоянд. Шеърашон аксар чизҳое буд, ки ба муносибатҳое суруда шуда, ягонагию ҳадафи муштараке надошт ва қасидаҳоро дар девонҳо гирд меоварданд.

Аз намояндагони ин мактаб дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX метавон аз Абдуллоҳ Бустонӣ (1930), Аҳмад Шавқӣ (1932), Ҳофиз Иброҳим (1932), Маъруф Русофӣ (1945), Халил Мутрон (1949) ном бурд. Аз иқдомоти тозае, ки дар ин марҳила анҷом шудааст, пайдоиши намоишномаҳои манзум, монанди намоишномаҳои Халил Ёзиҷӣ ва Аҳмад Шавқӣ мебошад [8, 127].

Мактаби дигаре, ки дар ин давра баъди мактаби мухазрамин ривоҷи бештар пайдо намуд, ин мактаби зиёдаравон маҳсуб меёбад, ки баъд аз Ҷанги якуми чаҳонӣ ба вуҷуд омада, бархӯрд ва иртиботаш бо Ғарб ё ба амрикоиҳо шадид буд. Таъсири аҷнабиён бар онҳо нерӯманд ва фарҳанги ғайриарабиашон аз фарҳанги арабияшон қавитар буд. Онҳо фикр, эҳсос ва хаёли худро аз шоирони ғарбӣ ба орият мегирифтанд. Аҷоиб он аст, ки он қадар рӯй ба адабиёти Ғарб доштанд, вале бо адабиёти араб робитае надоштанд. Шеваҳои ғарбиро барои тасвири ҳаёти дохилӣ, зотӣ, ва воқеӣ муносибтар медонистанд. Ба сабаби дардҳое, ки бар миллати Лубнон ва Сурия бар асари шикасти қонуни асосии соли 1908 ва ҳодисаҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тира шуда буд, ин мактаб ба худ ранги романтикӣ гирифт. Онҳо ба навъи хоссе аз романтизми фаронсавӣ ба тақлид пардохтанд. Баъзе ончунон дар ин роҳ зиёдравӣ карданд, ки ҳатто чунин ба назар мерасид, ки ашъорашон тарҷумаи китъаҳое аз ашъори фаронсавӣ аст ва он ҳам тарҷумаи номуваффақ мебошад [8, 128].

Аҳли илми ин мактаб аз услубҳои қадимаи арабӣ дурӣ ҷустанро таблиғ мекарданд. Мардумро бо зиндагӣ ва адабиёти Ғарб ончуноне ки ҳаст, даъват менамуданд. Мехостанд шӯриши ҳамаҷониба бар ҳар чизе, ки ранги адабии қадим дорад, ба роҳ андозанд ва бисёре аз расмҳову одатҳои шарқиро ба нобудӣ кашанд. Адабиёти онҳо аз муҳит ва эҳсоси миллиашон дур буда, шеваи онҳо низ дар таъбир, фикру эҳсос барои мардум ноошно дониста мешуд.

Машҳуртарин намояндаи ин мактаб Ҷуброн Халил Ҷуброн (1931) мебошад. Ватани ин адабиёт ба вазъи аҷиби Лубнон ва хориҷ аз он дар Ғарб буд, ки муҳоҷирони араб мезистанд. Бартарияти ин адабиёт дурахшандагии услуб, мусиқии лафзӣ, дарозии хаёл, кӯшиш барои падид овардани шеъри озод, даъват ба озодӣ ва шӯриш муқобили анъана буд. Ҳарчанд ин одат муқаддас бошад ҳам, аммо аксари осори таснифшуда аз ҷиҳати сохтор заиф ва аз ҷиҳати баён беранг буд.

Дар канори ин, рағбат ба хаёлпарастӣ пас аз чанде аз байн рафт. Пас майли дигаре, ки бояд онро акси амал дар баробари сабки романтикӣ ва адабиёти сохтаи арабӣ хонд, ба вуҷуд омад. Муроди мо аз он мактаби симбулизм (рамзӣ) аст. Намояндагони ин мактаб шеърро василае барои адо ва таъбир аз зиндагии нав ба кор гирифтанд. Онҳо ба рамузу таъбироти пӯшида паноҳ бурданд, раҳовардҳои фарҳанги навинро чун афкор ва корҳои ғайримоддиро вориди шеър карданд. Аз алфози мафҳум ва хушоҳанг истифода намуданд ва дар талаби калимаҳои осону форам он қадар истифода карданд, ки ба иштибоҳоти луғавии аҷибе дарафтоданд ва шеърро то сарҳади гуфтори омма фурӯ кашиданд [1, 224].

Аз намояндагони ин мактаб Башшор Форис аст. Дар ин ҷо бояд изофа кунем, ки ин адабиёти рамзӣ аз қитъаҳои зебо бебаҳра набуд. Вале ба таври куллӣ адабиёт пароканда ва радшуда ба шумор мерафт. Махсусан, касоне ба он даст зада буданд, ки аз малакаи шоирӣ бебаҳра буданд ва ин гуна шеър ҳам ҳамроҳи шоирон ба суқуту нотавонӣ ғалтид. Аққод дар робита ба ин ҷараён мегӯяд: «Симбулизм барои дақиқаҳои асрор зарурӣ аст, вале ин

симбулизм кораш аз зарурат ба зафар кашид. То он ҷо, ки шиораш дар ин хулоса шуд: рамз, ғамуз барои ғамуз ва бозӣ бо калимот барои бозӣ бо калимот» [8, 129].

Мактаби эҷодкорон дар канори ин рағбатҳои зид ва мухолиф, пой ба майдони амал ниҳод ва қасдаш он буд, ки шеърро ба роҳи саҳеҳи худ роҳнамоӣ кунад. Намояндагони ин мактаб саъю талош намуданд, ки шеърро аз қайди фасоди ғазал, тамаллуқ, чоплусӣ, мадҳ ва тақлиди амиқ аз пешиниён бираҳонад. Онҳо ба ҷанбаъҳои иҷтимоии шеър ҳиммат гумоштанд ва аз ноҳияи инсоният ба адабиёт нигаристанд. Пайравони ин роҳ Юсуф Ғазуб, Салоҳ Лабобидӣ, Амин Нахла, Илёс Абушабка, Фузӣ Маълуф, Алӣ Маҳмуд Тоҳо ва Аҳмад Закӣ Абушодӣ мебошанд.

Замоне ин мактаб гомҳои баланде бардошт, ки Саид Ақл, Салоҳ Лабкӣ, Умар Абуриша, Рушдӣ Маълуф ва чанд тани дигар аз арбоби тафаккури нерӯманд ва шахсиятҳоии намоён қудрати шоирӣ пайдо карданд. Онҳо шеърро ба ҷониби инсоният дар ҳама нишонаҳои вуҷудаш равнақ доданд ва барои унсури андеша дар шеърашон ҷойи васеъ қарор доданд.

Вақте ба мавзуъҳои шеър ва фунуни он назар меафканем, метавонем бигӯем, ки шеър дар оғоз ба ҳамон ҳоле, ки дар асрҳои куҳан дошт, аз мадҳ, рисо ва амсоли он боқӣ монда буд. Сипас, тамаддуну аҳволи иҷтимоӣ шеъри сиёсиро падид оварда . Шеъре, ки баёнгари шавқу алоқаи мардуми Машриқзамин ба истиқлол ва озодӣ аз ҳар гуна ситаму истеъмор буд [8, 127].

Шеъри иҷтимоӣ шеърест, ки дарду доғи рӯзгор ва бемориҳои иҷтимоиро баён мекард. Масалан, шоирон дар ин навъи шеърӣ ба озодии занон ва тарбияи кӯдакон, парда бардоштан аз зарарҳои қимор тавоҷҷуҳ зоҳир намуда, роҷеъ ба масъалаҳои худшиносиву меҳанпарастӣ ва таҷассуми ҳаёти халқҳои мазлуму ситамдида фаровон сухан мегуфтанд. Ҳамзамон шеъри тамсилӣ ва қиссагӣ низ ривоҷи бештар пайдо намуд, ки достони тулониро баён медошт. Гузашта аз ин, шеър гоҳо бо гароишҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ баъзе аз мавзуъҳои тоза ва ихтирооти ҷадид, чун қатора, киштии зериобӣ, ҳавопаймо, барқ ва амсоли инҳоро арзёбӣ менамуд [1, 224].

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки шеъри давраи наҳзат вежагиҳои хосси худро дошта, бо ҷараёнҳои мухталифи шеърӣ, ки ҳар кадоме аз онҳо мехостанд аҳдофи хешро дар шеъри араб ҷойгузин намоянд, мумтоз гардидааст. Бо вуҷуди он ки баъзе аз ҳаракатҳои шеърӣ бинобар қабул нагардидан аз ҷониби ҷомеа ба нокомӣ дучор гардиданд, лекин бо ин ҳама аксари онҳо бо ғояҳои пешқадамонаи худ ҷиҳати ривоҷу пешрафти адабиёти навини араб саҳми сазовор гузоштанд.

АДАБИЁТ

1. Крымский А.Е. История новой арабской литературы (XIX - начало XX века). -Москва, 1971.
2. Сайидраҳмон Сулаймонӣ, “Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ”. -Душанбе, Эр-граф, 2021.
3. Умар ад-Дасуқӣ. Фи-л адаби-л-арабийи-л- муосир. Дор-ул-фикр ал-арабӣ. 1966.
4. Шавқӣ Зайф. Ал-Адаб-ул-арабӣ фӣ Миср. -Ал-Қоҳира, 1992.
5. Шодиев М. Таърихи адабиёти муосири араб (арабӣ). Душанбе, 2019.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1. -Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-950 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 2. -Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-945 с.
8. Ал-Фохурӣ, Ҳанно. Ал-ҷомиъ фӣ таърихи-л-адаби-л-арабӣ. Ал-Адаб-ул-қадим. -Байрут-Лубнон: Дор-ул-Ҷил, ат-табъат-ул-уло, 1986. – 1096 с.

МАКТАБҲОИ АДАБИИ ДАВРАИ НАҲЗАТ ВА МАРҲАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛУ РУШДИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур мактабҳои адабии давраи наҳзат дар адабиёти араб мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ҷараёнҳои адабии давраи наҳзат, мухтассоти онҳо ва намояндагони маъруфи ин ҷараёнҳоро баррасӣ намуда, таъсири онҳоро ба рушди минбаъдаи адабиёти араб таъйин кардааст. Муаллиф чандин асарҳои донишмандони дигари дохилу хориҷро низ мавриди омӯзиш қарор дода, андешаҳои эшонро доир ба ин мавзуъ баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Ҷуброн Халил Ҷуброн, Башшор Форис, мухазрамин, Миср, Сурия.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ ШКОЛЫ ЭПОХИ ВОЗРОЖДЕНИЯ И ЭТАПЫ ИХ ПРЕОБРАЗОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ

В этой статье рассматривается литературные школы эпохи Возрождения в арабской литературе. Автором исследовано литературные течения эпохи Возрождения, их преемственность и известные представители этих течений, а также их влияние на дальнейшее развитие арабской литературы. Автор статьи изучив множество исследований отечественных и зарубежных ученых относительно данной темы и представил их точку зрения по данной теме.

Ключевые слова: Джубран Халил Джубран, Башшар Фарис, мухадрамин, Египет, Сирия.

LITERARY SCHOOLS OF THE RENAISSANCE AND THE STAGES OF THEIR TRANSFORMATION AND DEVELOPMENT

This article examines the literary schools of the Renaissance in Arabic literature. The author examines the literary movements of the Renaissance, their continuity and famous representatives of these movements, as well as their influence on the further development of Arabic literature. The author has also studied several works by other scholars, both domestic and foreign, analyzing their perspectives on this topic.

Keywords: Jubran Khalil Jubran, Bashshar Faris, mukhadramin, Egypt, Syria.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонова Сурайё Музафаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумхурии Точикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 901439596.

Информация об авторе: ***Курбанова Сурайё Музафаровна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса кафедры арабской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон:** (+992) 901439596.

Information about the author: ***Kurbanova Surayo Muzafarovna*** – Tajik National University, 2nd year master's student, Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 901439596.

ДИДГОҲҲОИ АҲМАД АМИН ПЕРОМУНИ ТАЪСИРИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК БА АДАБИЁТИ АРАБ ДАР АСАРИ "ФАҶР -УЛ- ИСЛОМ"

Раҳимзода И.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳамсоягӣ ва омезишу воқеаҳои миёни форсу араб рух дода чӣ дӯстию душманӣ, чӣ ҷангу сулҳ, инчунин равон кардани корвонҳо ба сӯи якдигар, кумак талаб кардан аз ҳамдигар ҳангоми бо душворӣ рӯ ба рӯ шудан – ҳамаи ин бе шубҳа забони ин ду миллатро бо ҳам пайваст ва адабиёташонро бо ҳам наздик сохт. Ёдгориҳои замони Сосонӣ, бахусус, даврони охири он, ки дар даст дорем, ба ин робита гувоҳӣ медиҳад. Агар ба ҳодисаҳо ва ёдгориҳои қадимаи ҳарду халқият назари амиқ намоем, дарк мекунем, ки робитаи ин ду миллат қадимтар аз он аст, ки фикрашро мекунем.

Метавон гуфт, ки мардуми форсу тоҷик бо вуҷуди соҳиби руҳияи баландӣ форсӣ доштан ҳамзамон адабиёт, забон ва илмҳои дигари арабиро мавриди омӯзиши васеъ қарор медоданд ва онҳоро ташвиқ мекарданд. Дар ҳама давр донишмандон, адибон ва файласуфони зиёде аз насли онҳо зуҳур мекард, ки ифтихори салтанати исломӣ буданд. Қобили тазаккур аст, ки форсҳо бештар дар Бағдод, Басра ва Куфа зиндагӣ мекарданд ва он ҷо доираҳои илмию адабӣ ташкил карданд. Бо ин амали худ Ироқро машҳури олам карда буданд.

Аҳмад Амин таъсири бузурги форсҳо-тоҷиконро дар давлати Аббосиён дар ин ду мебинад:

Якум, таъсиси вазоратҳо дар давлати Аббосиён ва ба мансаби вазирӣ бештар соҳиб гардидани форсҳо;

Дуюм, пойтахти давлатро аз Димишқ ба Бағдод, ба иборaи дигар, аз Шом ба Ироқ интиқол додан [7, 161];

Ҳарчанд то ба даврони мо осори ками форсӣ расидааст, вале ин равшан аст, ки дар асрҳои аввали исломӣ мусалмонон ба китобҳои зиёди форсӣ дастрасӣ доштанд. Ибни Қутайба дар китоби **"عيون الأخبار"** ишора мекунад, ки форсҳо чунину чунон навиштанд, номаи Парвиз ба писараш Шерӯяро хондам, ки дар зиндон буд. Муаллифи **"كتاب التاج"** дар

чандин ҷой аз ахлоқи шоҳони форс, аз одоби форсҳо ва навиштаҳои онҳо иқтибос меорад [9, 126].

Аҳмад Амин дар китоби **"فجر الإسلام"** таъкид доштааст, ки адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба адабиёти араб дар 5 самт таъсир кардааст. Ҷиҳати равшанӣ андохтан ба назарияи донишманди мавсуф самтҳои мазкурро мавриди омӯзиш қарор медиҳем:

Самти якум – бисёре аз исломовардаҳо маҷбур шуданд, то забони арабиро омӯзанд. Дар муддати кӯтоҳ аз онҳо ва насли онҳо шоирон бархостанд. Шумораи онҳо дар даврони Умавиён низ кам набуд. Машҳуртарини онҳо Зиёди Аҷамӣ буд. Асли ӯ аз Исфаҳон буд ва дар он ҷо ба воя расида, баъдан ба Хуросон омад ва то поёни умраш он ҷо боқӣ мемонад. Шеърҳои зиёде эъҷод кардааст ва Аҷамӣ номида шуданаш дар он аст, ки худ дар сурудҳояш ба ин ишора мекард. Чун ӯ дар муҳити форсӣ ба воя расид, баъзе ҳарфҳои арабиро талаффуз карда наметавонист. Ӯ дар ивази **"ما كنت تصنع"** мегуфт: **"ما كنت تسنأ"**. Дар ҳангоми шеър гуфтан низ ба хатогӣ роҳ медод, чуноне ки мегӯяд:

إذا قلت قد أقبلت أدبرت كمن ليس غادٍ ولا رائحُ

Бояд мегуфт, **"غاديا ولا رائحا"** [9, 126].

Ҳамчунин оилаи Ибни Ясори Насоӣ, ки таассуби форсӣ доштанд ва ба арабҳо интиқом доштанд, шоирони машҳур буданд. Дар қатори он шоирон номи Абулаббоси Амӣ ва Мусо Шаҳавот зикр шудааст, ки ҳарду аз Озарбойҷон буданд.

Инҳо ва ҳамсони инҳо тарбият гирифтаи муҳити форсӣ ва адабиёти форс буданд ва сипас адабиёти худро дар қолаби арабӣ шакл доданд ва аз уҳдаи ин кор ба хубӣ баромаданд. Забони шеър арабӣ, вазнҳо арабӣ, таркибҳо арабӣ буд, вале ин ҷои инкор надорад, ки маъно форсӣ буд, андешаҳо форсӣ буд ва умуман руҳи шеър форсӣ буд.

Илова бар ин, бисёре аз шоирону адибон ва ҳамчунин шоирони араб ба кишвари Форс ё ба Ироқ сафарҳо мекарданд ва бо мардуми муқими он омезиш меёфтанд ва фарҳангу маданияти мардум дар афкору шеърҳояшон таъсир мегузошт. Тириммоҳ, Абунаҷми Роҷиз, Ҷарир ва Фараздақ ба Ироқ ва Наҳор ибни Тавсеа, Собити Қутнат, Ибни Муфарриғи Ҳимярӣ, Муғира ибни Ҳабно ва дигарон ба Хуросон сафар карда буданд. Аҳмад Амин таъсири форсҳо - тоҷиконро инҷо танҳо дар шеър нишон додааст. Дар дигар шоҳаҳои илм низ форсҳо – тоҷикон нобиғагони давр буданд.

Аз ҷумла, Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷобир ибни Синон, бо тахаллуси Батонӣ аввалин касе аст, ки тригонометрияро дар илми астрономия истифода бурдааст. Батонӣ дар истифодаи секунҷаҳои курай диққати ҷиддӣ равона кардааст ва ҳамин вижагӣ ӯро дар илми риёзӣ ва ҷуғрофия низ машҳур кард. Аврупоиҳо чандин аср ёздаҳ асари ӯро дар донишгоҳҳои Ғарб дарс медоданд [12, 44].

Соиди Андалусӣ дар китоби худ “Табақот-ул-умам” мегӯяд: “Ҳеҷ касеро дар ислом намедонам, ки дар мушоҳидаи дурусти ситораҳо ва санҷиши ҳаракати онҳо ба дараҷаи Батонӣ расида бошад” [10, 247].

Самти дуюм - таъсири дигари адабиёти форсиро Аҳмад Амин дар забоншиносӣ таъйин намудааст. Бино ба андешаҳои ӯ арабҳои даврони ҷоҳилӣ дар ҳаёти бадавӣ ва чизҳои алоқаманд ба он пешрафта буданд. Аммо бо ишғоли Форс ва баъзе манотиқи Рум ашёҳои ороишӣ ва зинатҳоеро диданд, ки дар арабҳо собиқа надошт. Онҳо ҳунарҳои мардумӣ, девонҳо ва давлату давлатдориро дида, ҳайратзада гаштанд ва забонашон дар баёни он оҷизӣ кашид. Сипас лозим омад, то аз мардуми таҳти идораи худ калимаҳои навро иқтибос оранд. Забони форсӣ-тоҷикӣ наздиктарин манбаъ ҳисоб мешуд ва аз он калимаҳои кӯза, ҷарра, ибриқ, ташт, хивон, табақ, қасъа, хаз, дебоҷ, сундус, ёқут, фирӯза, булӯр, каък, фолузаҷ, лавзинаҷ, фулфул, занҷабил, қирфа, наргис, насрин, савсан, анбар, кофар, сандал, қаранфул, бастон, арҷувон, қирмиз, саровил, истабриқ, танӯр, ҷавз, лавз, дулоб, мизон, зиъбақ, бошақ, ҷомус, тайласон, мағнотис, морстон, сак, санги мизон, савлаҷон, кусаҷ, нофиҷи масак, фарсах, банд, зумрад, оҷара, ҷавҳар, сакар, танбӯр ва ғайраҳоро иқтибос карданд [9, 129].

Аз ин ин ҷо хулоса мебарорем, ки арабҳо калимаҳои дар ҳаёти рӯзмарра истифодашударо қабул кардаанд. Бештари калимаҳое, ки Аҳмад Амин номбар кардааст, номи навъҳои гуногуни зарфҳо, матоъҳо, сангҳои ороишӣ, растаниҳо ва пухтупазҳо мебошанд. Ҷои шубҳа нест, ки бо истифодаи ин калимаҳо дар баёноти арабӣ ва адабиёти он маъною андешаҳои нав пайдо шуд.

Самти сеюм – Бино ба андешаи Аҳмад Амин ҳикмати форсӣ дар ахлоқи исломӣ таъсири бузурге дошт. Аз ин хотир, қайд менамояд, ки одобу ахлоқи исломӣ аз се сарчашма об хӯрдааст:

Аввалан, таъсирот аз таълимоти динии дар “Қуръон”, “Таврот” ва “Инҷил” омада, инчунин ҳикматҳои Сулаймон;

Дуюм, аз фалсафаи Юнон, ба монанди андешаҳои Арасту ва Афлотун таъсир гирифтааст.

Сарчашмаи сеюм ҳикмату андарзҳои форсӣ аст. Панду андарз ва ҷумлаҳои кӯтоҳ дар шакли зарбулмасал ва ё ривоятҳо дар бораи зиндагии шоҳон, вазирон ва ё ҳокимони форс дар забони мардум чарх мезад ва ин дар адабиёти араб назар ба андарзҳои юнонӣ серталабот буд, зеро фарҳанги форсӣ ба мардуми араб наздиктар буд.

Ҳикматҳо дар бораи шуҷоат, саховат ва вафодорӣ, ки машҳуру маълум буданд, бо ҷумлаҳои кӯтоҳ баён мешуданд. Дар миёни форсҳо ин панду андарзҳо хело зиёд буд, мисоли он **"الأدب الصغير والأدب الكبير"** –и Ибни Муқаффаъ дар замони Аббосиён ва **"عيون الأخبار"**- и Ибни Қутайба ва **"سراج الملوك"**- Тартушӣ аст.

Завқи арабҳо дар ин тарзи андарзҳо ба завқи форсҳо комилан монанд аст. Ҳикматҳое, ки дар ҷоҳилият ба Аксам ибни Сайфо ва дар ислом ба Имом Алӣ ва ба бузургони араб чун Аҳнаф ибни Қайс ва Руҳ ибни Зинбоъ нисбат медиҳанд дар қолаб, сиға ва баёни фикр ба ривоятҳое, ки китобҳои адабиёт аз Бузургмеҳр, Парвиз, Муъбади муъбадон ва ҳамсони онҳо мекунанд, комилан шабоҳат доранд. Ибн Абд Раббиҳӣ дар китобаш **"العقد الفريد"**- бо номи “Масалҳои Аксам ибни Сайфо ва Бузургмеҳр” фасли алоҳида боз кардааст, вале муайян кардани он ки масал ба кадоме аз он ду нисбат дорад, хело мушкил аст.

Бузургмеҳр мегӯяд:**إذا اشتبه عليك أمران،فلم تدر في أيهما الصواب فانظر أقربهما إلى هواك فاجتنبه**) (Агар дар ду чиз шубҳа дорӣ ва намедонӣ кадоме аз онҳо дуруст аст, пас ба он ду нигар, ки кадоме ба нафсат наздиктар аст ва аз он парҳез кун) [9, 131].

Баъзан худи шоирон ҳангоми истифодаи зарбулмасал ба кӣ нисбат доштани онро баён мекунанд. Низомиддин Зоҳидов дар китоби “Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX” вобаста ба ин мавзуъ мисоле аз Абунавос меорад. Дар он мисол Абунувос ба асли форсии мақоли овардааш чунин ишора мекунад:

سألتها قبلة ففزت بها	**بعد امتناع و شدّة التعب**
فقلت بالله يا معذبتى	**جودى بأخرى أقضى بها أربى**
فابتسمت ثم أرسلت مثلا	**يعرفه العجم ليس بالكذب**
لاتعطين الصبىّ واحدة	**يطلب أخرى بأعنف الطلب**

Бӯсае хостам аз ӯ ва ситонидамаш онро бо сад азобу зориву илтиҷо,

Гуфтам: “Ба худо қасам, эй дилозори ман, бӯсае дигар бароям қурбон кун, то ҳоҷатам барояд”.

Табассуме карду масале бизад, ки сиҳҳати онро Эрониён хуб донанд:

“Чу кӯдакро бидодӣ бозичае, бо тундиву тезӣ талаб кунад бозичае дигар” [2, 114].

Самти чорум- Аҳмад Амин тазаккур месозад, ки оҳангҳои форсӣ дар ҳаёти адабии араб таъсири бузург гузошт. Арабҳо мусиқиҳои форсиро аз худ карданд ва дар шеърҳои худ истифода карданд. Абулфараҷ дар китобаш **"كتاب الأغاني"** мегӯяд: Дар замони зиндагии Умар ибни Хаттоб аз оҳангҳои арабӣ ба ҷуз васфи шутур, дигар чизе маълум набуд. Мегӯяд, Саид ибни Мисҷаҳ, мавлои бани Ҷумаҳ, маккии сиёҳпӯст саромади сарояндаҳо ва аз машҳуртарин ва бузургтарини онҳо аст. Ӯ аввалин оҳангсоз буда, оҳанги форсиро ба арабӣ интиқол дод. Сипас ба Шом сафар кард ва оҳангҳои румӣ, барбатӣ ва астухусияро аз худ кард ва боз ба сарзамини Форс рӯй овард ва аз он ҳам оҳангҳои бисёре гирифта

зарбро аз худ кард ва ба Ҳиҷоз омад. Оҳангҳои беҳтаринро аз худ кард ва сурудҳои нописанди худро дур партофт ва аз оҳанги араб берун кард. Бо ҳамин равиш сурудхонӣ мекард ва аввалин касе буд, ки инро асоснок ва танзим кард ва мардум ӯро пайравӣ карданд.

Мегӯянд, аз мавло Ибни Мисҷаҳ сурудхониро мешунаванд ва ӯро мепурсанд. Инро чӣ гуна тавонистӣ? Мегӯяд: форсҳоро дидам, ки инҳоро месуруданд ва ман онро дар ин шеър ҷой додам. Ба ӯ мегӯянд: “Ту ба хости Худо озодӣ”.

Суруду оҳанг бештар майл ба санъат дорад. Дар самти адабӣ таъсир чунин шуд, ки шоирон мекӯшиданд то шеърҳое эҷод созанд, ки ба оҳангҳо мувофиқат кунад. Инчунин дар адабиёти араб маҳфили адабӣ аз форсҳо интиқол ёфт ва дар он маҷлис суруд мехонданд ва мардум ба он гӯш медод. Дар ин маҷлис қисса ва латифаҳои ҷолиб низ гуфта мешуд ва шоирон рақобат мекарданд.

Далели мо дар гуфтани ин ки маҳфилҳои форсӣ ба араб интиқол ёфт ва арабҳо онро тақлид карданд, суханони соҳиби **"التاج"** (Одоби шоҳон) аст. Ӯ дар асари худ боби махсусе ҷудо мекунад ва онро “Ҳамнишинҳо” ном гузошта мегӯяд, ки шоҳони форс дар ин кор пешсаф буданд, мо аз онҳо қонуни ҳокимию салтанат, тартиботи хусусӣ ва ҷамъиятӣ, идораи халқ, уҳдадор кардани ҳар табақаро ба вазифаи худ ва дигар амалҳои монанд ба инро аз худ кардем.

Баъдан ёдовар мешавад, ки шоҳони Аҷам надимони худро ба қисмҳо ва рутбаҳо тақсим мекард ва бо ҳар як гурӯҳи он маҷлис меорост ва баъдан мегӯяд - шоҳони Форс аз Ардашери Бобакон сар карда то ба Яздигурд аз надимони худ бо парда пинҳон карда шуда буданд. Шоҳон аз табақаи аввали надимон 20 зироъ дур буданд. Яъне миёни шоҳ ва парда 10 зироъ ва миёни табақаи аввал ва парда 10 зироъ буд. Аз шоҳ фармон оварда мешуд, ки чӣ кор кунанд ва чӣ сароянд. Баъдан гуфт: Аз Исҳоқ ибни Иброҳим пурсидам, ки оё халифаҳои Бани Умавӣ худро ба надимону сарояндагон нишон медиҳанд? Гуфт: Миёни Муовия, Марвон, Абдулмалик, Сулаймон, Ҳишом ва Марвон ибни Муҳаммад ва надимон парда буд. Ҳеҷ яке аз надимон аз амалҳои шоҳ дар ҳангоми тарабу сурудхонӣ огаҳӣ надошт. Халифаҳо мерақсиданд, китф меҷунбонданд, вале танҳо хизматгорони хосси онҳо инро медид. Агар аз паси парда садо ва ҳаё ҳуйи рақсу тараб аз ҳад зиёд мешуд, пардадор мегуфт: “эй каниз бас аст, кофӣ, ба поён расон”, надимон ҳам мепиндоштанд, ки ин кори кадом каниз аст. Аммо халифаҳои баъдӣ аз ошкоро ва нимбараҳна рақсидан дар ҳузури надимон ва ромишгарон тарсе надоштанд [9, 134].

Халифаҳо маҷлисро барои сурудхонӣ ва хушгузаронӣ барпо мекарданд ва ин ҷои шак нест, ки баргирифта аз фарҳанги шоҳони Форс аст. Ин маҷлисҳо шоиронро водор мекард, то дар эҷодиёти худ бештар ёру шароб ва зебогиҳои ҳаётро васф кунанд.

Самти панҷум – Мувофиқи назари Аҳмад Амин охирон таъсири Форс дар навишти арабӣ сурат гирифтааст. Мегӯяд, форсҳо дар охири даврони Умавӣ кӯшиданд, то навишти арабиро ба дигар усул шакл диҳанд, ки ин барои арабҳо маълум набуд. Ин тарзи китобате мебошад, ки Абдулҳамиди Котиб ва дастпарворонаш бо он машҳур гаштаанд. Абдулҳамид котиби Марвон ибни Муҳаммад, охирон халифаи Умавӣ буд. Ибни Халликон мегӯяд: Вай дар санъати навишти ҳама навъи илму адаб пешво буд. Пайравон аз ӯ гирифтанд, роҳашро касб карданд ва ба таълифоташ такя карданд. Ӯ аввалин касе буд, ки мактубро дароз кард ва ситоишро дар фаслҳои китоб ҷой дод. Мардум низ баъди ӯ чунин карданд. Далели мо, ки мегӯем, навовариҳои ӯ дар китобат хусусияти форсӣ дошт, сухани Ибни Халликон аст, ки мегӯяд: Абдулҳамид аз маволӣ аст ва аслаш аз Анбор аст. Абуҳилоли Аскарӣ дар китобаш**"ديوان المعاني"** мегӯяд: касе балоғати забонеро аз худ кард, вақте ба забони дигар мегузарад аз саъати сухане, ки дар забони аввал дошт, метавонад дар забони дигар истифода кунад. Абдулҳамиди Котиб намунаҳои навишти форсиро ба забони арабӣ интиқол дод ва далели ин тарҷумаи суханронӣ ва мактубҳои форсӣ ба шакли суханронӣ ва мактубҳои арабӣ аст. Ҳамчунин масалҳои арабӣ дар маъно ва санъат ба

форсӣ монанд аст, шояд калимаҳои форсӣ дар баъзеаш аз калимаҳои арабӣ фасеҳтар аст [9, 135].

Донишманди тоҷик Раҷабова Марҳабо дар ин хусус изҳор медорад, ки адибони эронии аҳди Умавиён, хоссатан Абдулҳамиди Котиб дар ифодаи эҳсоси эронпарастӣ ва меҳандӯстии худ ба муборизаи ошкорои адабӣ бо аъроб напардохтааст, балки дар рӯҳу оҳанги умумӣ ва ҳатто ҷузъиёти муҳтавои расоили худ, ба вижа дар "Рисола ила-л-куттоб" (Нома ба дабирон) ва дар рисола аз ҷониби халифаи Умавӣ Марвон ба писар ва валиаҳдаш суннатҳои адабиву фарҳангии тоисломии эрониро ғунҷоиш додааст. Истифода аз ин шева дар ҳифзи осору мафохири фарҳангии тоисломии эронӣ ва эҳёи ҳастии маънавии Аҷам, нисбат ба муборизаи ошкорои адабӣ нишонрастар ва муассиртар буд [3; 52]

Аз баррасии мавзуи мавриди назар метавон чунин бардошт намуд, ки миллати тоҷик аз қадимулайём соҳиби илму фарҳанг ва тамаддуни ғанию беназир буда, бо он ба ҳар миллату халқияте, аз ҷумла, арабҳо таъсири неки худро гузоштааст. Аҳмад Амин барин донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ ин таъсиротро эътироф мекунанд ва дар асарҳои худ аз он ёдрас намудаанд. Андешаҳои донишманди маъруфи араб Аҳмад Амин шаҳодати боризи нақши мардуми форсу тоҷик дар пешорӯи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ва таъйиди заҳмату хизматҳои миллати мо дар рушду таҳаввули ҷомеаи мутамаддин маҳсуб мешавад, ки дар саҳфаҳои таърих абадан сабт шудааст.

АДАБИЁТ

1. Бобоҷон Ғафуров, Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе, "Нашриёти муосир", 2020. - 976 с.
2. Низомиддин Зоҳидов, Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX (давраи арабизабонӣ), Душанбе, "Бухоро", 2014. - 444с.
3. Раҷабова М. Адабиёти шуубии форсу тоҷик дар асрҳои VIII-X.– Хуҷанд, 2011.- 202 с.
4. Сайидраҳмон Сулаймонӣ. "Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ". Душанбе, Эр-граф, 2021.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1.- Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 2.- Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-945 с.

٧. أحمد أمين، ضحى الإسلام، مؤسسة هنداوي، المملكة المتحدة، ٢٠١٢، ص ٩٦٨.

٨. أحمد أمين، ظهر الإسلام، مؤسسة هنداوي، المملكة المتحدة، ٢٠١٣، ص ٩١٦.

٩. أحمد أمين، فجر الإسلام، مؤسسة هنداوي، المملكة المتحدة، ٢٠١١، ص ٣٣٢.

١٠. أحمد محمد الحوفي: تيارات ثقافية بين العرب والفرس، دار النهضة مصر للطبع والنشر، القاهرة ١٩٦٨م.

١١. عبد الوهاب عزام، الصلات بين العرب والفرس وآدابهما في الجاهلية والإسلام، كلمات للترجمة والنشر، القاهرة، ٢٠١٣، ص ٦٧.

١٢. علي عبد الله الدفاع:أثر علماء العرب والمسلمين في تطوير علم الفلك، مؤسسة الرسالة، بيروت ١٩٧٥م.

ДИДГОҲҲОИ АҲМАД АМИН ПЕРОМУНИ ТАЪСИРИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК БА АДАБИЁТИ АРАБ ДАР АСАРИ "ФАҶР -УЛ- ИСЛОМ"

Дар мақолаи мазкур дидгоҳи нависандаи мисрӣ Аҳмад Амин дар мавзуи таъсири адабиёти форсу тоҷик ба адабиёти араб гирдоварӣ шудааст. Мақола 5 самти таъсири адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба адабиёти арабро дарбар гирифта, сарчашмаи асосӣ "Фаҷр-ул-ислом"-и донишманди номбурда мебошад. Муаллиф дар баробари асари мазкур чандин асарҳои донишмандони дигари дохилу хориҷро низ мавриди омӯзиш қарор дода, андешаҳои эшонро доир ба ин мавзуъ баррасӣ намудааст.

Калидвожаҳо: Ардашери Бобакон, Яздигурд, Аҳмад Амин, Ибни Халликон, Анбор.

ВЗГЛЯДЫ АХМАДА АМИНА О ВЛИЯНИИ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА АРАБСКУЮ ЛИТЕРАТУРУ В ЕГО ТРУДЕ «ФАДЖР-УЛЬ-ИСЛАМ»

В статье представлены взгляды египетского писателя Ахмеда Амина о влиянии персидско-таджикской литературы на арабскую литературу. В статье рассматриваются 5 направлений влияния персидско-таджикской литературы на арабскую литературу, основным источником которой является «Фаджр-уль-ислам». Наряду с вышеуказанной книгой автор статьи изучив множество исследований отечественных и зарубежных ученых относительно данной темы и представил их точку зрения по данной теме.

Ключевые слова: Ардашер Бабакан, Йездигурд, Ахмад Амин, Ибн Халликан, Анбар.

AHMAD AMIN'S VIEWS ON THE INFLUENCE OF PERSIAN AND TAJIK LITERATURE ON ARABIC LITERATURE IN THE WORK "FAJR-UL-ISLAM"

This article presents the views of the Egyptian writer Ahmad Amin on the influence of Persian - Tajik literature on Arabic literature. It covers 5 aspects of this influence with the primary source being "Fajr-ul-Islam". In addition to this work, the author has also studied several works by other scholars, both domestic and foreign, analyzing their perspectives on this topic.

Keywords: Ardasher Babakon, Yazdigurd, Ahmad Amin, Ibn Khallikon, Anbor.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимзода Исфандиёр Абдуманон*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 1-уми кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, Ҷумхурии Точикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. **Телефон:** (+992) 903655005. **E-mail:** kharper96@inbox.ru

Информация об авторе: ***Рахимзода Исфандиёр Абдуманон*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант 1-го курса кафедры арабской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон:** (+992) 903655005. **E-mail:** kharper96@inbox.ru

Information about the author: ***Rahimzoda Isfandiyor Abdumanon*** **–** Tajik National University, 1st year master's student, Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. **Phone:** (+992) 903655005. **E-mail:** kharper96@inbox.ru

КОРБУРДИ НОМҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ ДАР «ДОРОБНОМА»-И МУҲАММАДИ БЕҒАМӢ

Назаров Ш.А.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

«Доробнома»-и Муҳаммади Беғамӣ ба унвони яке аз ганҷинаҳои забонӣ, адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии эрониён дарбардорандаи мавзуот ва масоиле аст, ки ҷанбаҳои гуногуни фарҳангу адаб ва таърихи пешиниёни моро ба хубӣ нишон медиҳад. Яке аз мавзуоти муҳимми ин китоб, ки дар он ҳузури чашмгир дорад, корбурди номҳои хосси форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ аст, ки то кунун пажуҳиши густурда ва шоиста дар бораи он анҷом нагирифтааст.

«Доробнома» ё «Қиссаи Фирӯзшоҳ» аз шоҳкориҳои адабиёти мансури достонӣ дар қарни IX ҳиҷрӣ (асри XV мелодӣ) мебошад, ки Мавлоно Муҳаммади Беғамӣ онро бо ёрии Маҳмуди Дафтархон дар ду ҷилд ба шеваи наққолони қиссагу навиштааст.

«Таҳқиқу омӯзиши номи одамон (антропонимия) муддати зиёдест, ки диққати намояндагони илм ва забоншиносонро ба худ ҷалб намуда истодааст. Ҳамзамон, ин соҳаи илми забоншиносӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи антропонимия аҳаммияти калон дорад, зеро монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳилаи рушду ташаккул қарор дорад. Дар номшиносӣ (ономастика)-и тоҷик, баробари дастовардҳои муайян дар омӯзиши антропонимияи осори хаттии классикӣ, алҳол баъзе масъалаҳо ҳалли худро наёфтаанд» [5, 3].

Омӯзиши номи ашхос ва қаҳрамонони асарҳои таърихӣ ва бадеӣ баҳси яке аз бахшҳои номшиносӣ (ономастика) мебошад. Афзуда бар ин омӯзиши масъалаҳои номшиносӣ, бавижа антропонимияи осори хаттии классикии тоҷик то имрӯз пурра мазуи алоҳидаи омӯзиш қарор нагирифтааст, дар ҳоле ки насри рифоятии классикӣ, истифода аз хазинаи ғании номҳо сарчашма меёбад. Мо дар ин бахш ба гунаи бисёр фишурда мехоҳем номҳои зебои форсӣ-тоҷикӣ ва арабиро, ки дар матни асар дарҷ гардидаанд, баррасӣ намоем.

Муҳаққиқи эронӣ Аҳмад Раҷабзода перомуи ин мавзуъ чунин изҳори андеша кардааст: «Аввалин суоле, ки дар хусуси ном матраҳ мешавад, таъриф ва тамоюзи он аз соир алфоз аст; ном ба унвони як калима чи тафовуте бо соир калимот дорад. Номро метавон дар маънои васеъ ба унвони калима ё маҷмуае аз калимот таъриф кард, ки ҳувияти хосеро дар тамомияташон нишон медиҳад.» [1, 5].

Баҳси мо дар ин бора хеле мухтасар сурат мегирад, чунки баррасии ҳамаҷонибаи маҷмуаҳои фарогири номҳо аз доираи вазифаи мо берун буда, пажушиши қиёсӣ ва таъйини арзиши илмию адабии онҳо кори илмӣ-таҳқиқотии алоҳидае мебошад.

Забони «Доробнома» ганҷинаи пурғановати пайдоиши антропонимия аз давраи бостон то замони муосир ба шумор меравад. Дар захираи вожагонии (лексикии) антропонимияи «Доробнома» дар баробари номҳои аслан умумиэронӣ, антропонимияи арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва юнонӣ низ истифода шудааст.

Ин гуна зебономҳои ориёиро ҳангоми номгузории расмӣ ба фарзандони хеш истифода бурдан мумкин аст. Хушбахтона шуморе аз ин номҳо солҳои охир дар номгузории тоҷикон низ ба мушоҳида мерасанд.

а) номҳои форсӣ-тоҷикӣ

1. номҳои занона. Суманрух **سُمن رخ** [ҷ.1.с.34], Ҷаҳонро **جهانرا** [ҷ.1.с.20], Шоҳхубон **شاه خوبان** [ҷ.1.с.21], Гулнӯш **گل نوش** [ҷ.1.с.63], Гуҳартоҷ **گُهرتاج** [ҷ.1.с.136], Моҳона **ماهانه** [ҷ.1.с.82], Шангула **شنگوله** [ҷ.1.с.200], Суманбӯй **سُمن بوی** [ҷ.1.с.225], Туробдухт **توران دخت** [ҷ.1.с.518].

«*Духтар гуфт: Номи ман **Моҳона** аст. Ман духтари бозаргоне будам, бо падар дар киштӣ будам ва дар ин дарё мерафтем.*» [2, 9]; «*Ӯро **Гулнӯш** ном буд.*» [2, 63].

2. **номҳои мардона**. Фирӯзшоҳ **فیروزشاه** [ҷ.1.с.9], Фаррухзод **فرخ زاد** [ҷ.1.с.9], Шабранг **شب رنگ** [ҷ.1.с.9], Зӯрозмой **زورآزمای** [ҷ.1.с.11], Беҳрӯз **بهروز** [ҷ.1.с.13], Хоҷасиёваш **خواجه سیاوش** [ҷ.1.с.18], Озарбарзин **آذربرزین** [ҷ.1.с.23], Фаромарз **فرامرز** [ҷ.1.с.23], Рустами Зол **رستم زال** [ҷ.1.с.23], Шоҳ Баҳроми Кашмирӣ **شاه بهرام کشمیری** [ҷ.1.с.38], Шоҳнӯш **شاه نوش** [ҷ.1. 39], Некмард **نیک مرد** [ҷ.1.с.57], Шоҳрӯз **شاه روز** [ҷ.1.с.114], Ҳуранг **هورنگ** [ҷ.1.с.115], Куранг **کورنگ** [ҷ.1.с.115], Шангул **شنگوله** [ҷ.1.с.118], Беҳрӯз **بهروز** [ҷ.1.с.192], Шабранг **شبرنگ** [ҷ.1.с.256], Кирмоншоҳ **کرمانشاه** [ҷ.1.с.260], Шаҳсавор **شهسوار** [ҷ.1.с.263], Ширинсаворارسوار **شیرین** [ҷ.1.с.263], Рустами Ардистонӣ **رستم اردستانی** [ҷ.1.с.263], Сиёмак **سیامک** [ҷ.1.с.278], Тури Эронӣ **تور ایرانی** [ҷ.1.с.334], Солори Эронӣ**سالار ایرانی** [ҷ.1.с.334], Беҳзод **بهزاد** [ҷ.1.с.361], Форс **فارس** [ҷ.1.с.374], Баҳроми Наҳравонӣ **بهرام نهروانی** [ҷ.1. с.393], Фарҳод **فرهاد** [ҷ.1.с.394], Хуршедшоҳ **خورشید شاه** [ҷ.1.с.489];

«*...ва дар он қалъа аз хидматкорони Шоҳ Сарвар сарҳанге буд **Форс** ном, марде муборизбуд, бо он пач ҳазор мард он қалъаро нигоҳ медошт.*» [2, 374].

«Доробнома»-ро метавон ҳамчун як ёдгории хаттие арзёбӣ кард, ки дар он номҳои шевову равон, зебо ва бостонии форсӣ-тоҷикӣ бештар истифода шуда, аз бостони будани мардуми тоҷик ва забони форсӣ-тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳамин қисмат мехоҳем номҳои дутаркибаи тоҷикӣ-арабӣ, номҳои арабӣ, номҳои туркӣ ва номҳои юнониро ба гунаи бисёр фишурда зикр намоем, то дониста гардад, ки ба ғайр аз номҳои форсӣ-тоҷикӣ боз кадом номҳо дар асар ба кор рафтааст.

б) номҳои дутаркибаи тоҷикӣ-арабӣ. Бояд зикр намуд, ки яке аз бахшҳои ин номҳо форсӣ-тоҷикӣ мебошанд:

1. мардона: Шоҳ Лайс **شاه لیث** Шоҳ Шуҷоъ **شاه شجاع**, Шоҳ Ҳорис **شاه حارث**, Шоҳ Асад **شاه اسد**, Шоҳ Ҳузбар **شاه هزبر**, Шоҳ Зарғом **شاه ضرغام**, Шоҳ Ғазфар **شاه غضفر**, Хоҷа Рашид **خواجه رشید** [ҷ.1с.11], Қодиршоҳ **قادرشاه** [ҷ.1.с.29], Шоҳ Валид бини Холид **شاه ولید بن خالد** [ҷ.1.с.39], Шоҳ Солеҳ бини Валид **شاه صالح بن ولید** [ҷ.1. с.39], Рабеои Қайсар (арабӣ-юнонӣ) **ربیعای قیصر** [39], Хоҷа Илёс **خواجه الیاس** [ҷ.1. с.49], Малик Салимшоҳ **ملک سلیم شاه** [ҷ.1.с.60], Хоҷа Яҳуд **خواجه یهود** [ҷ.1.с.175], Хоҷа Салоҳ **خواجه صلاح** [ҷ.1.с.135], Музаффаршоҳ **مظفرشاه** [ҷ.1.с.260], Барқосои Ямонӣ **برق آسای یمانی** [ҷ.1.с.439], Ошӯби Айёр **آشوب عیار** [ҷ.1с.512], Пилпойи Айёр **پیل پای عیار** [ҷ.1.с.512],

2. **занона**: Ҳурпайкар **حورپیکر** [ҷ.1.402].

«*...ҳамшираат **Ҳурпайкар** дар орзуи ту беқарор аст ва ҷамеъи умаро ва аркони давлат мунтазир будаанд то аз куҷо хабари ту зоҳир гардад....*» [2, 402].

в) номҳои арабӣ.

1. номҳои занона. Айнулҳаёт **عین الحیات** [ҷ.1.с.21], Шарифа [ҷ.1.с.40], Асмоъ-доя [ҷ.1.с.43], Асмо **اسماء** [ҷ.1.с.134], Шарифа **شریفه** [ҷ.1.с.134], Шифоулмулк **شفا الملک** [ҷ.1.с.489].

2. **номҳои мардона**. Малик Фидус **ملک فیدوس** [ҷ.1.с.9], Малик Холид **ملک خالد** [ҷ.1.с.34], Уторид **عطارود** [ҷ.1.с.84], Қатир **قطیر** [ҷ.1.с.91], Қотир **قاطر** [ҷ.1.с.۹۱], Тамим **تمیم** [ҷ.1.с.97], Тумор **طومار** [ҷ.1.с.84], Майсара **میسره** [ҷ.1.с.84], Ғазанфар **غضنفر** [ҷ.1.с.103], Ҳамдуна **حمدونه**

[ҷ.1.с.180], Маймуна **ميمونه** [ҷ.1.с.180], Саълук **صعلوک** [ҷ.1.с.185], Қатрон [ҷ.1.с.207], Торам **طارم** [ҷ.1.с.263], Ҳорис бини Қайдар **حارث بن قيدر** [ҷ.1.с.267], Шифоулмалик **شفاء الملک** [ҷ.1.с.273], Ҳилои Айёр **هلال ايار** [ҷ.1.с.267], Салолат бини Асам **سلاله بن اصم** [ҷ.1.с.389], Ҷарир бини Адан **جرير بن عدن** [ҷ.1.с.389], Тағомаш **تغامش** [449], Хитоб **خطاب** [ҷ.1.с.445]; Хатир **خطير** [ҷ.1.с.445]; Қайдор **قيدار** [ҷ.1.с.505]; Масруқ бини Утба **مسروق بن عتبه** [ҷ.1.с.515]; Ҷаҳр **جهر** [ҷ.1.с.488]; Ниом **نعام** [ҷ.1.с.448]; Маҳр **مهر** [ҷ.1.с.448]; Фаҳр **فهر** [ҷ.1.с.448]; Ҳорис **حارث** [ҷ.1.с.505].

«*Шоҳ Баҳромро вазире буд **Уторид** ном дошт, бо вазир маслиҳат дид, ки чора ва тадбир чун кунем, ки сарвари яманӣ духтар ба мо надод....*» [2, 84]; «*Шаҳри Тоиф аз они Шоҳ **Ниом** буд ва **Ниом** бо Шоҳ Сарвар буд ва лекин паҳлавоне дошт, ки ӯро **Ҷаҳр**и диловар гуфтандӣ ва ин **Ҷаҳр**ро ду бародари дигар буд, яке кӯчактар ва яке миёна, якер **Фаҳр** ном буд ва дигареро **Маҳр** .*» [2, 488].

Дар «Доробнома» дар баробари номҳои хосси форсӣ-тоҷикӣ, номҳои ғайриориёӣ монанди арабӣ, туркӣ ва юнонӣ низ зикр шудааст:

г) номҳои туркӣ. Такинтош **تكين تاش** [ҷ.1.с.30], Қултош **قُل تاش** [ҷ.1.с.30].

«*Ҷавоне буд **Такинтош** ном, азми майдон кард ва гуфт: Ман биравам ва ин саворро ба зарби даст бигирам ва ё сарашро биёрам.*» [2,30]; «*Ровӣ гӯяд, ки Такинтошро бародаре буд **Қултош** ном, чун бародари худро бад-он навъ кушта дид, оташ дар ҷонаш шуъла зад.*» [2, 30].

ғ) номҳои юнонӣ. Тайтус **طيطوس** [ҷ.1.с.1].

«***Тайтус**и ҳаким ном буд. Ва ин Тайтуси ҳаким аз ҳукамои Юнон буд ва ба ғоят доновкордон ва дар ҳама илме моҳир буд.*» [2, 1].

д) номи шоҳони пешдодиён. Гаюмарс **گيومرث** (Каюмарс) [ҷ.1.с.422], Ҷамшед **جمشيد** [ҷ.1.с.422].

*«Эй муборизон Эрон, доим давлату қуввату шавкат аз замони **Гаюмарс*** (Каюмарс – Н.Ш.) *шоҳ то рӯзгори **Ҷамшед** то айёми падарам малик Баҳман дар хонадони мо будааст ва пайваста фатҳу зафар ва пирӯзӣ дар олам эрониёнро буда.»* [2, 422].

Номи афроди достон бар ду даста аст, қисмате аз онҳо эронист ва қисмати дигар арабӣ. Чунончи дар матни зер мушоҳида мешавад:

«***Фирӯзшоҳ** пурсид, ки номи фарзандонашро медонӣ? Гуфт бале медонам. Гуфт: Бигӯй то бишнавам. **Сиёваш** гуфт: Аз ғояти шуҷоату паҳлавонӣ, ке дар хонадони эшон аст ин ҳафт фарзандро ном шер ниҳодааст, ки араб шерро ба ҳафт ном мехонад. Шоҳ **Сарвар** ин ҳафт номи шерро бар ҳафт писари худ ниҳодааст. Писари бузургро ном Шоҳ **Лайс** ниҳода ва фарзанди дувумро Шоҳ **Шуҷоъ** ном кардааст, дигариро Шоҳ **Ҳорис**, дигариро Шоҳ **Асад**, фарзанди дигарро Шоҳ **Ҳузбар**, фарзнди дигарро Шоҳ Зарғом, дигарро Шоҳ **Ғазфар** ном кардааст. Гуфт номи духтараш чист? Гуфт: Ду ном дорад. Он чи халқ мегӯянд Шоҳ **Хубон** ном дорад, аммо он чи падару модар мехонандаш **Айнулҳаёт** мегӯяндаш.*» [2, 20-21].

Зикри пайдарпай номи ашхос дар «Доробнома» аз шеваи дигари насри ин китоб аст, чунончи: «***Паҳлавон Пилзӯр бини Пилтан** дар суҳбати шоҳ буд ва умарои Эрон чиҳил сар умаро ҳозир буданд, мисли **Баҳмани Зарринкулоҳ** ва **Баҳмани Зарринқабо** ва **Қоруни Ҷаҳонгир** ва **Қоруни Ҷаҳонсӯз** ва **Эроншоҳи Эронӣ** ва **Гударзи Эронӣ** ва **Қаҳҳори Эронӣ** ва **Қаҳрамаи Эронӣ** ва **Хуршедшоҳи Эронӣ** ва **Ҷамшедшоҳи Эронӣ** ва **Пилафгани Эронӣ** ва **Шерафгани Эронӣ** ва **Тӯри Эронӣ** ва **Таҳмосби Эронӣ** ва **Таҳмураси Эронӣ** ва **Ардашери Эронӣ** ва **Мардафгани Эронӣ** ва **Баҳроми Эронӣ** ва **Соми Эронӣ** ва **Солори Эронӣ** ва **Фаррухи Эронӣ** ва **Фарҳоди Эронӣ** ва ду вазири хирадманди оқил ва кофиву кордон чун **Тайтуси Ҳаким** ва **Равшанройи вазир**.*» [2, 251-252].

Дар пайванд ба ҳамин бахши мақолаи хеш меоҳам як нуктаро зикр намоям. Имрӯз гурӯҳе дар пайи онанд, ки миёни «дин» ва «вожа» пайванди ногусастанӣ барпо кунанд ва ойини исломро аз вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ пок созанд.

Дар гузашта, бештар фарзандони тоҷикро бо номҳое монанди Ҷамшед, Хуршед, Хусрав, Фарҳод, Рустам, Суҳроб… меномиданд ва имрӯз номҳои арабие чун Исломиддин, Камолиддин, Билол, Анас, Мусъаб, Судайс…ҷойи онҳоро гирифтасст.

Номҳо бахше аз вожагони як забон ҳастанд, бо гузоштани номи бегона ба фарзанди худ як вожаи бегонаро дар дили фарҳанги худ ҷой дода ва ба гунаи ноогоҳона ё зиракона бегонапарастӣ мешавад.

Хушбахтона дар ганҷинаи забони мо ҳазорҳо зебономҳои ориёӣ ҳастанд, вале сад дареғ, ки мо дорандагони ин забони бостонӣ онҳоро дур партофтаем. Беҳтар аст ба ҷойи номҳои бегона ва ноошно, ки мояи нишон додани нодории фарҳангиву забонӣ мегардад аз номҳои ориёӣ баҳрагирӣ намоем.

Хулоса, равияи соданависӣ, мавриди корбурд қарор гирифтани воситаҳои луғавии забони зинда ва истифода аз зебономҳои ориёӣ дар «Доробнома» хуб мушоҳида мешавад ва ба сухани дигар шумораи умумии номҳои форсӣ-тоҷикӣ, нисбат ба номҳои арабӣ, туркӣ ва юнонӣ зиёд ба назар мерасанд.

АДАБИЁТ

1. Аҳмад Раҷабзода. Таҳлили иҷтимоии номгузорӣ. Теҳрон, 1378. –351 с.
2. «Доробнома». Нависанда Муҳаммад бини Аҳмади Беғамӣ. Бо муқаддимаву тасҳеҳ ва таълиқоти Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷилди аввал. – Теҳрон: “Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ”. 1381. – 918 с.
3. «Доробнома». Нависанда Муҳаммад бини Аҳмади Беғамӣ. Бо муқаддимаву тасҳеҳ ва таълиқоти Забеҳуллоҳ Сафо. Ҷилди дувум. – Теҳрон: “Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ”. 1381. – 874 с.
4. Муҳаммадпарвини Гунободӣ. “Доробнома ё қиссаи Фирӯзшоҳ”. Маҷаллаи сухан. Урдибиҳишт. 1340. – 112 с.
5. Шаҳбози Рустамшо. Антропонимияи «Таърихи Систон» [ҷанбаи тарихӣ-забоншиносӣ]. Автореф. диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D. – Душанбе, 2021. – 32 с.

КОРБУРДИ НОМҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ВА АРАБӢ ДАР «ДОРОБНОМА»-И МУҲАММАДИ БЕҒАМӢ

«Доробнома» яке аз шоҳкориҳои қарни IX ҳичрӣ (асри XV мелодӣ) мебошад, ки Муҳаммади Беғамӣ онро таълиф кардааст. Омӯзиши номи ашхос ва қаҳрамонони асарҳои таърихӣ ва бадеӣ баҳси яке аз бахшҳои номшиносӣ (ономастика) мебошад. Илова бар ин омӯзиши масъалаҳои номшиносӣ, бахусус антропонимияи осори хаттии классикии тоҷик, то имрӯз ба гунаи муфассал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст, дар ҳоле ки насри ривоятии классикӣ, пур аз номҳои форсӣ-тоҷикӣ мебошад. «Доробнома»-ро метавон ҳамчун як ёдгории хаттие арзёбӣ кард, ки дар он номҳои шевову равон, зебо ва бостонии форсӣ-тоҷикӣ бештар истифода шудааст, ки аз бостони будани забони форсӣ-тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳад. Мо дар ин мақола ба гунаи бисёр фишурда номҳои зебои форсӣ-тоҷикӣ ва арабиро, ки дар матни асар дарҷ гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор додем.

Калидвожаҳо: Муҳаммади Беғамӣ, «Доробнома», достон, осори таърихӣ, наср, номҳо, номҳои занона ва мардона, форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ, номшиносӣ.

УПОТРЕБЛЕНИЕ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ И АРАБСКИХ ИМЕН В «ДАРАБ-НАМЕ» МУХАММАДА БЕГАМИ

«Дараб-наме» является одним из шедевров IX века хиджры (XV века н.э.), автором которого является Мухаммад Бегами. Изучение имен людей и героев исторических и художественных произведений является одним из разделов ономастики. Кроме того, вопросы ономастики, в частности антропонимика классических таджикских письменных памятников, до сих пор подробно не изучены, в то время как классическая повествовательная проза полна персо-таджикских имен. «Дараб-наме» можно расценивать как письменный памятник, в котором широко использованы изящные, плавные, красивые и древние персо-таджикские имена, что свидетельствует о древности персо-таджикского языка. В данной статье мы в сжатой форме рассмотрели красивые персо-таджикские и арабские имена, зафиксированные в тексте произведения.

Ключевые слова: Мухаммад Бегами, «Дараб-наме», поэма, исторические произведения, проза, имена, женские и мужские имена, персо-таджикские, арабские, ономастика.

THE USE OF PERSIAN-TAJIK AND ARABIC NAMES IN "DARABNAMA" BY MUHAMMAD BEGHAMI

"Darabnama" is one of the masterpieces of the 9th century AH (15th century AD), which was written by Muhammad Beghami. The study of the names of persons and heroes of historical and literary works is one of the branches of onomastics. In addition, the study of onomastic issues, especially the anthroponymy of classical Tajik written works, has not been studied in detail until now, while the classical narrative prose is full of Persian-Tajik names. "Darabnama" can be evaluated as a inscription monument in which elegant, fluent, beautiful, and ancient Persian-Tajik names are mostly used, which testifies to the antiquity of the Persian-Tajik language. In this article, we have very briefly reviewed the beautiful Persian-Tajik and Arabic names that are recorded in the text of the work.

Keywords: Muhammad Beghami, "Darabnama", epic poem, historical works, prose, names, female and male names, Persian-Tajik, Arabic, onomastics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назаров Шаҳриёр Абдурасулович*** **–** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, унвонҷӯй. Суроға: 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: (+992) 985-33-18-38.

Сведения об авторе: ***Назаров Шахриёр Абдурасулович*** **–** Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзаде, соискатель. Адрес: 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мухаммадиева, 17/6. Тел.: (+992) 985-33-18-38.

Information about the author: ***Nazarov Shahriyor Abdurasulovich*** **–** Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, candidate of philological sciences, applicant. Address: 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: (+992) 985-33-18-38.

ИСТИФОДАИ ОРОЯҲОИ БАДЕЙ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ГУЛРУХСОР САФИЕВА

Моҳираи М.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истифодаи воситаҳои тасвир, санъатҳои бадеӣ ва дигар унсурҳои каломи бадеъ аз воситаҳои муҳимми шеър ба ҳисоб меравад. Дар тарҷумаи шеър низ истифодаи ин воситаҳо нақши ҳалкунанда мебозанд. Ба мо маълум аст, ки Гулрухсор Сафиева ашъори зиёда аз шаст адиби хориҷиро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Зимни таҳлилу баррасиҳои тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева маълум шуд, ки тарҷумаҳои ӯ аз воситаҳои каломи бадеъ, аз ҷумла, санъатҳои бадеии зиёде бархӯрдоранд. Дар тарҷумаҳои Гулрухсор санъатҳои бадеие аз қабили ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, таҷнис, ирсоли масал, тафсир, тавсиф, нидо, такрор, таълил, тазоду муқобала, санъати саволу ҷавоб, тафвиф, иштиқоқ, санъати тааҷҷуб, ташхис, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ғ. истифода шудаанд.

Яке аз навъҳои санъати бадеӣ, ки дар тарҷумаҳо хеле зиёд аст, ин санъати ташбеҳ аст. Дар шеъри “Кулоҳи сангин”-и шоири рус Римма Казакова қаҳрамон худро ба “сайди тирхӯрда” ва “ҳайкал” монанд мекунад.

Чун сайди тирхӯрда
Ошуфтаҳолу ғамгин,
Истодаам чу ҳайкал
Назди кулоҳи сангин [12, 42].

Ё дар шеъри шоири арман Силва Капутикян “Рафтӣ” қаҳрамони шеър худро ба “насими анбарину дилнавоз” ва “барқи навбаҳор” монанд мекунад:

Чун насими анбарину дилнавоз,
Медароям ногаҳ аз тирезаат.
Медароям ҳамчу барқи навбаҳор,
Кай маро тарсест аз истезаат? [7, 99].

Дигар аз санъатҳои бадеӣ, ки дар тарҷумаҳо зиёд аст, ин санъати истиора аст:

Ба сӯйи хирмани оташ назар кард,
Чу машъал ҷовидон месӯхт Ворон.
Барои ту, Ватан, баҳри ту, модар,
Бигуфто, медиҳам акнун тану ҷон [5, 62].

Дар тарҷумаҳо санъати маҷоз низ ба мушоҳида мерасад. Ин навъи санъат чунон аст, ки шоир дар шеър калима, ибора ё таркиберо ба маънии ғайриаслии он истифода мекунад, ки маънии он ба маънии аслӣ монанд аст. Чунончи дар тарҷумаи шеъри “Зан”-и шоири белорус Эди Огнесвет зан ба “шамъи уммедворӣ”, “ғунчаи баҳор” ва “байрақи зафарҳо” монанд карда шудааст.

Зан номи неку олист,
Тамкину беқарорист.
Дар ишқу зиндагонӣ,
Шамъи уммедворист.

Ҳам ғунчаи баҳор аст,
Ҳам байрақи зафарҳост.
Дар дасту дар дили ӯ
Зӯру умеди дунёст [7, 38].

Санъати киноя низ дар тарҷумаҳои Гулрухсор нуфуз дорад. Ин санъат аслан дар ашъори худи Гулрухсор хеле зиёд аст:

Ту мегӯӣ, ки бе ман сахт хушбахтӣ,
Дурӯғатро агар бахшад, худо бахшад! [9, 311].

Истифодаи санъаи киноя дар тарҷумаҳои Гулрухсор:

Лаҳзаи хушбахтиву бечорагӣ,
Инчунин дар барқу дар бӯронҳо.
Зиндагӣ дигар (худо надҳад нишон)
Лаҳзае моро зи ҳам созад ҷудо! [13, 10].

Дигар аз навъҳои санъати бадеӣ, ки дар тарҷумаҳои Гулрухсор хеле зиёд аст, ин санъати ирсоли масал мебошад. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар шеър барои тақвияти андешаи худ аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ истифода менамояд ва ба воситаи он як навъ фикри худро тасдиқ мекунад.

Зи моён мурдаҳо чизе нахоҳанд,
Барои зиндаҳо бояд тасалло [5, 65].

Мақоли халқие ҳаст, ки мегӯянд “Аз гиря кардан бар сари мурда, ба зинда кӯмак кардан савоб аст”. Шоир дар ин шеър мазмуни ҳамин мақоли халқиро ба кор бурдааст.

Зи дарди хеш медонам, нагардад
Давои дард танҳоию фарёд.
Ғами дил нест захми неши шамшер
Нахоҳад ҳеч гоҳе рафт аз ёд [5, 65].

Мақоли халқии ин мазмун чунин аст, ки “Ҷароҳати шамшер меравад, аммо ҷароҳати сухан не”.

Бидеҳ акнун каме зӯру тавонам,
Ки бинвисам суруди дарди мардум.
Нависам қиссаи талхи ҳақиқат,
Ба ёд орам ҳар он кӣ кардаам гум [5, 62].

Мақоли халқие ҳаст, ки мегӯянд “Сухани ҳақ ҳамеша талх аст”.

Ин санъат аслан дар ашъори худи Гулрухсор нуфузи зиёд дорад. Шеъри Гулрухсор низ аз аввал бо дубайтиву рубоиҳои халқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Шоир дар сарсухани китоби “Фолклори водии Қаротегин” чунин менигорад: “Шеъру суруд, тарона, байт, ки овозу фарёди диланд, дарди баланд ё шодии баланд тавлид мекунанд. Падару модари шеър дарду шодӣ аст. Он чакидаҳоеро, ки аз оби дидаи дард ба забон омадаанд, он чакидаҳоеро, ки аз чашмаи шодии одамӣ сар зада моли халқ ном гирифтаанд, чун тӯшаи роҳи зиндагӣ ва эҷодӣ ҳамеша бо худ хоҳам дошт” [8, 11].

Мӯйи испеди ту нур аст,
Нур тақсире надорад.
Пир гардад санги хоро,
Ишқи ман пирӣ надорад! [10, 187].

Ин аст, ки шоир дар сурудани рубоиву дубайтӣ низ маҳорати хосса дорад:

Баъди ману ту фасона мемонаду ишқ,
Аз оҳи ду дил тарона мемонаду ишқ.
Андар варақи хотираи барги хазон,
Ду мисраи ошиқона мемонаду ишқ [9, 890].

***

Имрӯз ба ҳар диёр ёре дорам,
Дар пуштаи бегона мазоре дорам.

Наврӯз, зи ман ишқи дилафрӯз маҷӯй,
Чун деги сиёҳ рӯзгоре дорам [9, 893].

Таъсири рубоиву дубайтиҳои халқӣ дар ашъори Гулрухсор ба андозае зиёд аст, ки агар шеъри “Бар об гуфтам”-и ӯро, ки аз панҷ банд иборат аст, ҳар бандро дар алоҳидагӣ оварем, шунаванда ё хонанда гумон мекунад, ки ҳар яке аз бандҳои ин шеър дубайтии алоҳидаро мемонад:

Маро зӯру тавоно кард ишқат,
Ғамат омӯхт дарси сабру тоқат.
Туро бо дигаре дидам намурдам,
Намемирам дигар аз ҳеч офат.

Зи наздат бо сари боло гузаштам,
Ту бо дилдору ман танҳо гузаштам.
Агарчанде, ки бепарво гузаштам,
Дар ин як лаҳза аз дунё гузаштам.

Нигорат дар барат дилшод мерафт,
Зи дунёи дилам умед мерафт.
Дилам чун хонаи ман гашта холӣ,
Зи болои сарам хуршед мерафт...

Напурсидам зи паймону вафоят,
Нарафтам аз паят бо оҳу зорӣ.
Напурсидам бақоятро, дилатро,
Чиро пурсам, ту бар ман дил надорӣ!

Ба назди чашмаи қишлоқ рафтам,
Ба рӯйи сабзаҳо як лаҳза хуфтам.
Ду чашмамро ба оби чашма шустам,
Ғами худ, дарди худ бар об гуфтам [10, 255-256].

Истифодаи санъати ирсоли масал дар адабиёти классикии тоҷику форс ниҳоят машҳур аст. Масалан, дар ашъори Саъдии Шерозӣ:

Бародарони тариқат, насиҳатам макунед,
Ки тавба дар раҳи ишқ обгина бар санг аст [23, 56].

***

Ин гурсуна гурги бетараҳҳум худ сер намешавад зи мардум,
Абнои замон мисоли гандум, в-ин даври фалак чу осиёб аст [23, 44].

Истифодаи санъати тафсир низ дар тарҷумаҳо ба назар мерасад:

Дар ин ҷо номҳои одамони некро ҳарчанд,
Набитвонам якояк сабт бинмудан, вале донем,
Зи рӯйи санги мармар, аз сукути санг мехонем:
Зи ёди одамӣ ҳаргиз касе, чизе нахоҳад рафт! [5, 12].

***

Зи байни солҳои шодию ғам,
Маро якумр меояд ба хотир:
Баҳорони пурандуҳи чилу ду,
Баҳорон дар миёни оташу тир [7, 9].

Дигар аз навъҳои санъати бадеӣ, ки дар тарҷумаҳо ба мушоҳида мерасад, ин санъати таҷнис аст:

На он чашмони хандону дурахшон
На он чашмони ҳайрону пур аз дард.
На он чашмони зебои пурасрор

Ки бар дил ҳамчу наштар кора мекард [5, 61].
Таҷниси зоид низ дида мешавад:
Забони модарӣ чун аллаи ширин
Дил аз ишқи Ватан лабрезтар гардад.
Нигоҳи дӯстонат достони нав
Баҳову қадри ёрон бештар гардад [7, 37].

Санъати нидо низ дар тарҷумҳои Гулрухсор хеле зиёд аст:

Аё, эй мурдаи нагристаи ман,
Азизам, ҳамсари ман, сӯзу дардам.
Туро андар қатори қаҳрамонон,
Бубахшо, бори аввал ёд кардам!!! [5, 66].

Дигар аз навъҳои санъати бадеӣ ин санъати такрор аст, ки дар тарҷумаҳои Гулрухсор ба таври фаровон истифода шудааст. Ба воситаи ин санъат шоир фикри худро тасдиқ мекунад.

Ҳама танку пулемёту машина...
Замин аз тир ларзон асту ларзон.
Зи бомба бишканад ях мисли шиша.
Само аз тир сӯзон асту сӯзон [5, 69].

Дар адабиёти классикии тоҷику форс низ санъати такрор фаровон аст. Намунаи олии онро дар ғазали зерини Ҳофиз метавон дид:

Гар зи дасти зулфи мушкинат хатое рафт, рафт,
В-ар зи ҳиндуи шумо бар мо ҷафое рафт, рафт.

Барқи ишқ ар хирмани пашминапӯше сӯхт, сӯхт,
Ҷаври шохи комрон гар бар гадое рафт, рафт.

Дар тариқат ранҷиши хотир набошад, май биёр,
Ҳар кудуратро, ки бинӣ, чун сафое рафт, рафт.

Ишқбозиро таҳаммул бояд, эй дил, пой дор,
Гар малоле буд, буду гар хатое, рафт, рафт.

Гар диле аз ғамзаи дилдор боре бурд, бурд
В-ар миёни ҷону ҷонон моҷарое рафт, рафт.

Аз суханчинон малолатҳо падид омад, вале
Гар миёни ҳамнишинон носазое рафт, рафт.

Айби Ҳофиз, гӯ, макун, воиз, ки рафт аз хонақоҳ,
Пойи озоде чӣ бандӣ? Гар ба ҷое рафт, рафт [24, 104].

Ё дар ғазали дигари Ҳофиз:

Дй пири майфуруш, ки зикраш ба хайр бод,
Гуфто: «Шароб нӯшу ғами дил бибар зи ёд!»
Гуфтам: «Ба бод медиҳадам бода ному нанг»,
Гуфто: «Қабул кун сухану ҳар чӣ бод, бод!» [24, 119-120].

Ё дар рубоиёти дилангези Абусаиди Абулхайр:

Донӣ, ки чиҳо, чиҳо, чиҳо мехоҳам,
Васли ту мани бесарупо мехоҳам.
Фарёду фиғону нолаам донӣ чист?
Яъне ки туро, туро, туро мехоҳам [3, 295].

Санъати такрор дар дубайтиҳои ошиқонаи Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ:

Дило чунӣ, дило чунӣ, дило чун,
Ҳама хунӣ, ҳама хунӣ, ҳама хун.
Зи баҳри Лайлии симинъизоре
Чу Маҷнунӣ, чу Маҷнунӣ, чу Маҷнун [3, 361].

Дигар аз анвои санъати бадеӣ, ки дар тарҷумаҳо фаровон аст, ин санъати тазод аст:

Бо сухан бедор кардан хуфтае,
Ҳар дами худро ғанимат доштан.
Оқилу ҷоҳил, гадову шоҳро
Бо яке ними назар бишнохтан [5, 13].

Дар тарҷумаҳои Гулрухсор санъати саволу ҷавоб низ дида мешавад:

Аскари маҷруҳро таб мегирифт,
Синаи захмини ӯ дармегирифт.
Ҳарзагӯён, маргхоҳон ҳар замон
Дар забонаш номи модар мегирифт.

-Очаҷонам, ту куҷоӣ, очаҷон?!
Хоҳари шавқат ба ҳарфаш гӯш кард.
Духтарак бо лафзи ларзону қавӣ,
-Ҷони оча! – гуфтаву оғӯш кард [7, 11].

Истифодаи санъатҳои ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ низ дар тарҷумаҳо зиёд аст. Ин санъат аслан дар ашъори худи Гулрухсор нуфузи бештар дорад. Ба хотири зебоии шеър шоир мисраи аввали шеърро дар охир ба такрор меорад ва сухани ниҳоии худро як навъ тасдиқ ва ҷамъбаст мекунад. Масалан, дар шеъри “Таронаи таскин”:

Дунёра бин, дунёра бин,
Кашмокашу ғавгора бин,
Савдогару бозора бин.
Айби ту, ки пӯшидааст,
Айбу гуноҳи мора бин!

Дунёра бин, дунёра бин,
Шодира бин, озора бин.
Аз зери чаҳ болора бин,
Байни замину осмон,
Ин кӯҳу ин саҳрора бин!

Бингар нигоҳи сардро,
Сӯзи фироқу дардро,
Рухсораҳои зардро.
Дар зери чархи мардкуш,
Осоиши номардро.

Бингар, ба қадри дил бирас,
Бо қадри умри гул бирас,
Дар сӣ ба қадри чил бирас,
Баҳри наҷоти хушдиле,
Дар холати мушкил бирас.

К-олам ба коми дил шавад,
Шодӣ паёми дил шавад,
Воло мақоми дил шавад,
Меҳроби ишқи зиндагӣ,
Ҷойи саломи дил шавад.

Аз мо бипурсӣ чӣ касем?
Мо ҳақшиноси ғамхушем,
Дар байни обу оташем,
Аз ашки худ нам мекашем,
Бо ростиву ростон,
Охир ба мақсад мерасем...

Дунёра бин, дунёра бин,
Худро бубину мора бин! [10, 203-204].

Дар ин шеър таркиби “Дунёра бин, дунёра бин” ҳам дар оғоз ҳусни матлаъ бахшидааст ва ҳам дар анҷом шеърро як навъ хулоса намудааст. Ин таркиб дар оғози шеър ба мисли масъалаи ҳалноёфта аст ва дар анҷоми он низ хулосаи ҳалногашта аст.

Дар шеъри “Дунё ғанимат аст” низ санъати матлаъ ва санъати мақтаъ истифода шудааст:

Дунё ғанимат аст, аз ман хабар бигир,
Ҳар лаҳза қиммат аст, аз ман хабар бигир.
Ин ҷомаи хазон, ин ранги заъфарон,
Панду насиҳат аст, аз ман хабар бигир!

Рӯрӯйи қулла рав, аз хок дил накан
Фарзанди хок ту, фарзанди хок ман.
Дар даҳр зиндагӣ ҳарчанд киммат аст,
Бе ту чӣ зиндагист, эй ёри дилшикан?!
Аз ман хабар бигир!

Чашми муҳаббатам, муштоқи рӯйи туст,
Гӯянд одамӣ бо дӯстӣ накӯст,
Аз қасри худ фаро, бар мулки ман биё,
Ин хона бурҷи дил, ин дил макони туст!
Аз ман хабар бигир!

Аз ман назар нагир, ёри дигар нагир,
Дунё ғанимат аст, аз ман хабар бигир! [10, 252].

Истифодаи санъати матлаъ ва санъати мақтаъ дар тарҷумаҳои Гулрухсор:

Нахустин шеъри ман ояд ба ёдам,
Даме бар ёд меояд гузашта.
“Ба рӯйи Нева мерахшад ситора,
Ба шохе булбули шайдо нишаста”...
Гузашти солҳо собит намудам,
Ки умри рафта ширинтар намояд.
Ту ҳақ будӣ, гули гумкардаам ҳақ,
Дили ман аз ғами дигар сарояд.
Ҷавонӣ буд молу сарвати мо,
Ҷавонӣ рафт, дигар барнаояд.
Ҷавони ошиқе мисли ману ту,
Зи нав дар соҳили Нева сарояд... [5, 22-23].

Дар тарҷумаҳои Гулрухсор бештар санъати ҳусни мақтаъ истифода мешавад ва ин вижагиро дар ашъори худи ӯ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан дар шеъри “Завол”:

Васли ғуссазо дорам,
Ҳаҷри носазо дорам,

Сози дар гулӯ монда,
Сӯзи ғамфазо дорам.
Аз ҳама дили холӣ,
Бо ҳама ғазо дорам.
Зомини заволи ишқ,
Миннати қазо дорам.
Фасли ҷойза бигзашт,
Як чаман ҷазо дорам.
Ошиқони ман мурданд,
Як Ватан азо дорам [10, 272-273].

Ё дар шеъри “Гулбуни Пойиз”:

Мӯйи испеди ту нур аст,
Нур тақсире надорад.
Пир гардад санги хоро,
Ишқи ман пирӣ надорад! [10, 187].

Ин аст, ки ҳанӯз дар яке аз тарҷумаҳои нахустини шоир ин хусусият ба мушоҳида мерасад:

Баҳори рафтаи ман, омадӣ боз,
Ки дар гулгашт бо ман бошӣ ҳамроҳ?
Барои вохӯрӣ бо ту равонам,
Ба ёдат меравам, афсӯс, танҳо! [7, 43].

Дар миёни тарҷумаҳо як навъ мусиқии ҳуруфро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки иштироки бештари ҳарфҳои садоноку ҳамсадои якхела дида мешавад, ки дар таъмини хушоҳангӣ ва таъсирнокии шеър мусоидат мекунад. Ин ҳодисаро дар илми бадеъ санъати иштиқоқ меноманд:

Дардро кушам даруни синаам,
Бо умеди бахту шодию нишот.
З-ин сабаб болои қабристонҳо
Шеъри ман мағрур болу пар кушод [5, 34].

***

Лаҳзае дар паҳлуи модар нишин,
Оля, эй духтарчаи хандони ман.
Бин, чи сон боронӣ найсон мезанад,
Бар замин, чун меҳри ту бар ҷони ман [14, 9].

Санъати тааҷҷуб низ дар тарҷумаҳо хеле зиёд аст:

Чист иқболи баланди одамӣ? –
Хешро дар зиндагонӣ ёфтан!
Сӯзи ишқу ҳукми сарди ақлро,
Бо ҳам овардан, зи ҳам бишнохтан.

Саҷда овардан ба пойи пири шеър,
Саҷда бинмудан ба эъҷози сухан.
Он чунон к-аз дидани эъҷози ҳусн,
Гум кардан хешро дар хештан.

Лаҳзаро бо қарнҳо омехтан,
Байтро бо ишқ кардан ҳамнаво.
Ханда кардан ҳар саҳар чун офтоб,
Бар замини ташнаи меҳру зиё.

Бо сухан бедор кардан хуфтае,
Ҳар дами худро ғанимат доштан.

Оқилу ҷоҳил, гадову шоҳро,
Бо яке ними назар бишнохтан.

Чист одамро аз ин бахте баланд,
Хешро дар чашми дилбар ёфтан.
Зистан бо шодиву дарди замин,
Андар ин раҳ хешро дарёфтан! [14, 13].

Дар тарҷумҳаои Гулрухсор ҳамчунин калимаву ибораҳои лаҳҷавӣ низ ба мушоҳида мерасад:

Дунёра бин, дунёра бин,
Кашмокашу ғавгора бин,
Савдогару бозора бин.
Айби ту, ки пӯшидааст,
Айбу гуноҳи мора бин! [10, 203].

Ин навъ ҳодисаро дар ашъори шоирони классикӣ низ дидан мумкин аст. Масалан, дар шеъри Саъдии Шерозӣ:

Ҳазор бораш аз ин панд бештар додам,
Ки гирди беҳуда кам гарду бештар мегашт.
Ба ҳар тариқ, ки бошад, насиҳаташ макунед,
Ки ӯ ба қавли насиҳаткунон батар мегашт [23, 98].

Дигар аз навъҳои санъат, ки дар тарҷумаҳо зиёд аст, ин санъати тафвиф аст. Барои ин бештар калимаҳои қофия мусоидат намудаанд. Гулрухсор низ дар интихоби калимаҳои қофия ниҳоят ҳассос аст ва мушоҳида мешавад, ки барои ин кӯшиши зиёд низ мекунад, то ҷамъбасти суханаш пурҷозиба ва таъсирбахш барояд. Аз ин лиҳоз бештари тарҷумаҳои Гулрухсор аз ин навъи санъат бархӯрдор мебошанд. Ин хусусият дар ашъори худи Гулрухсор низ мушоҳида мешавад, ки дар фасле дигар, ки бахшида ба интихоби вазну оҳанг, калимаҳои қофия ва радиф аст, баррасӣ хоҳад шуд.

Истифодаи санъати тафвиф дар тарҷумаҳо:

Ду чашми масту дилҷӯйи зани ту,
Аҷоиб дилрабо асту хумор аст.
Туро ман дӯст медорам, валекин,
Дилам назди зани ту беғубор аст...

...Ба ҷойи рашку ҷанҷолу маломат,
Шуморо дӯст дорам, дӯст дорам.
Аз ин ёриву аз ин меҳрубонӣ
Чи мехоҳам? Чи мегирам? Чи дорам?

...Валекин меравам ман бо раҳи худ,
Ки пайванди шумо пайванд бошад,
Ду дил, ду кӯдаки маъсуму беғаш,
Ҳамеша ҳамдаму хурсанд бошад.

Ҳамехоҳам шуморо бахти ҷовид,
Ҳаёти шоду манзилгоҳи обод.
Дари бикшодаву ёрони ҷонӣ –
Маро ҳам гоҳ-гоҳе оваред ёд! [7, 19-20].

***

Маро бигзоштӣ дар дашт танҳо,
Ки андар чор сӯйи он набуд роҳ.
Маро бигзоштию гуфтӣ ту, -
Бирав акнун, вале н-афтӣ баногоҳ.

Бирафтам, ҳар қадар будӣ мадорам,
Бубахшо, лек роҳам буд мушкил.
Зи по афтодаму бархостам боз,
Бирафтам хаста то даргоҳи манзил.

Раво дидӣ бароям имтиҳоне,
Напурсидам вале шарҳи саволам.
Дар ин роҳи дарозу дарси мушкил,
Ту худ донӣ тамоми шарҳи ҳолам.

Зи нав дар назди ту истодаам ман,
Нигар бар чашми ман! На бар дили ман!
Бикун такрор ҳарфи аввалатро,
Ки бовар мекунӣ бар ҳосили ман [5, 45].

Дигар аз навъи санъат ин санъати таълил аст, ки гоҳ-гоҳе дар тарҷумаҳо ба чашм мерасад:

Дардро куштам даруни синаам,
Бо умеди бахту шодию нишот.
З-ин сабаб болои қабристонҳо
Шеъри ман мағрур болу пар кушод.

Шояд аз ин рӯ ғами ӯ то кунун
Нақши худ дар қисматам бигзошта,
Ончунон ки аскари маслуқро
Ҷанг нақше дар бадан бигзошта [5, 34].

Дигар аз навъҳои санъат ин санъати тавсиф аст, ки гоҳ-гоҳе дар тарҷумаҳо ба назар мерасад:

Зи наъли аспи ман имрӯз ҳам истора мерезад,
Маро имрӯз ҳам дил мебарад то пойгаҳ ҳар дам.
Чӣ боке, гар дар ин майдони дунёӣ барои худ,
Гаҳе марди савора, гаҳ саманди бодпо ҳастам [13, 3].

Чунон ки аз мисолҳои овардашуда маълум шуд, дар тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева истифодаи санъатҳои бадеӣ ниҳоят зиёд аст. Санъатҳои бадеие, ки дар тарҷумаҳои Гулрухсор истифода шудаанд, аз рӯйи корбурдашон метавон ба ду навъ ҷудо кард. Санъатҳои бадеии серистеъмол ва камистеъмол. Ба гурӯҳи санъатҳои серистеъмол санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, таҷнис, тафвиф ирсоли масал, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, тавсиф, такрор, таълил, тазоду муқобала, санъати саволу ҷавоб ва ба гурӯҳи дуюм метавон санъатҳои бадеии иштиқоқ, санъати тааҷҷуб, ташхис, нидо, тафсир ва ғ. ворид намуд.

Дар маҷмуъ метавон хулоса кард, ки истифодаи ороятҳои бадеӣ ва дигар унсурҳои каломи бадеъ, аз қабили вазну оҳанг, қофияву радиф ва ғ. барои таъсирбахш шудан, маъниофарӣ, ҷаззобиёт ва равониву хушоҳангии тарҷумаҳо мусоидат намудаанд.

АДАБИЁТ

1. Алиева, Ф. Агар маҳзун шавӣ аз дурии ман (Шеър) / Ф. Алиева // Комсомоли Тоҷикистон. –1978. – 22 янв. – С.3.
2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Ашъори ҳакимон ва орифон. — Душанбе «Адиб», 2010. - 480 с.
4. Барто, А.Л. Большая книга стихов. – Москва, РОСМЕН, 2019. – 208 с.

5. Бергголс, О. Ошиқи зиндагӣ (Шеърҳо. Достонҳо. Тарҷумаи С. Гулрухсор). – Душанбе, “Ирфон”, 1977. – 80 с.
6. Берггольц, Ольга. Избранные произведения / О. Берггольц; Сост. М.Ф. Берггольц, А.И. Павловский. – Л.: Сов. Писатель, 1983. – 607 с.
7. Гулистони гӯё (Намунаи ашъори шоирони Иттифоқи Советӣ). Тарҷ. Гулрухсор Сафиева. – Душанбе, Ирфон, 1978. – 112 с.
8. Гулрухсор Сафиева. Тӯшаи роҳ. Сарсухан ба китоби Фолклори водии Қаротегин. – Душанбе: Маориф, 1986. С.11.
9. Гулрухсор. Девон (Девони Ишқу Ашку Ханда). – Душанбе, 2004. – 954 с.
10. Гулрухсор. Шӯъла дар санг (гулчини ашъор). –Душанбе, Адиб, 2011, 384 саҳ.
11. Зулфия. Гул кард зардолу (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева / Зулфия // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1968. – 29 март.
12. Казакова Р. Эҳсос (тарҷума аз русӣ). – Душанбе, “Ирфон”, 1978. – 80 с.
13. Милев, Й. Шеър. Тарҷумаи шоира Гулрухсор аз. аз русӣ / Й. Милев // Маориф ва маданият. –1976. – 4 сент. С. 3.
14. Кузовлева Т. Сояи себ: Маҷмуаи шеърҳо (Тарҷ. аз русӣ). – Душанбе: “Ирфон”, 1983. – 64 с.
15. Мухтор, Ш. Ҳамсадои дил. Тарҷумаи асарҳои Гулрухсор Сафиева ба забони русӣ / Ш.Мухтор // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 26 июл.
16. Рашидӣ, Р. Тарҷума ва мутарҷим / Р. Рашидӣ. – Машҳад, 1378. – 190 с.
17. Русские писатели о художественном переводе. – Л.: Сов. писатель, 1960. – 312 с.
18. Сайфуллоев, А. Дӯстии халққо-дӯстии адабиётҳо / А. Сайфуллоев. – Душанбе, Ирфон, 1975. – 224 с.
19. Тарба, Н. Дарёи Ритса (шеър). Аз забони русӣ тарҷумаи Гулрухсор Сафиева / Н. Тарба // Тоҷикистони советӣ. – 1977. – 27 март. – С.3.
20. Федоров, А.В. Введение в теорию перевода / А.В. Федоров. - М.: Изд-во лит. на инностр. яз. - 1958. – 376 с.
21. Федоров, А.В. Искусство перевода и жизнь литературы: Очерки / Федоров. - Л.: Сов. писатель, 1985. – 352 с.
22. Шарифов, Х. Шоир ва шеър: (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 217 с.
23. Шерозӣ, С. Ғазалиёт. – Душанбе; «Адиб», 2014. – 480 с.
24. Шерозӣ, Ҳ. Девон. – Душанбе: «Адиб», 2015. – 480 с.

Сарчашмаҳои электронӣ

25. https://rustih.ru/nikto-ne-zabyt-nichto-ne-zabyto/
26. https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D1%83%D0%BB%D1%80%D1%83%D1%85%D1%81%D0%BE%D1%80_%D0%A1%D0%B0%D1%84%D0%B8%D0%B5%D0%B2%D0%B0

ИСТИФОДАИ ОРОЯҲОИ БАДЕӢ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ГУЛРУХСОР САФИЕВА

Зимни таҳлилу баррасиҳо дар ин мақола маълум гардидааст, ки дар тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева орояҳои зиёдӣ бадеӣ истифода шудаанд ва барои муассиру ҳаяҷонбахш гаштани онҳо муосидат намудаанд. Маълум гардидааст, ки дар тарҷумаҳои санъатҳои бадеие аз қабили ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, таҷнис, ирсоли масал, тафсир, тавсиф, нидо, такрор, тазоду муқобала, санъати саволу ҷавоб, тафвиф, иштиқоқ, ва ғ. истифода шудаанд. Муаллифи мақола ин санъатҳои бадеиро аз рӯйи корбурдашон ба гурӯҳҳои серистеъмол ва камистеъмол ҷудо намудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар тарҷумаҳо махсусан санъатҳои бадеии ташбеҳ, киноя, ирсоли масал, таҷнис, тазоду муқобала бо санъату касбияти баланд истифода шудаанд. Ҳамаи санъатҳои бадеиеии лафзиву маънавӣ, ки дар тарҷумаҳо корбурд шудаанд, дар хушоҳангӣ, равонӣ, муассирнокӣ ва ҷаззобияти маъниву мусиқии шеърҳо кӯмак кардаанд. Ишора мегардад, ки тарҷумаҳои Гулрухсор ба ҳадде хушоҳангу таъсирбаш ҳастанд, монанди ашъораш ба рубоиву дубайтиҳои халқӣ монандӣ доранд. Аз ин ҷиҳат онҳо табиӣ ва самимӣ баромадаанд.

Калидвожаҳо: Гулрухсор Сафиева, тарҷумаҳо, тарҷумаи бадеӣ, матни тарҷума, мусиқии шеър, дубайтӣ, санъанҳои бадеӣ, рубоиёти халқӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ УКРАШЕНИЙ В ПЕРЕВОДАХ ГУЛРУХСОР САФИЕВОЙ

В ходе анализа в этой статье выяснилось, что в переводах Гулрухсор Сафиевой использовались художественные элементы, что в результате они стали эффектными и захватывающими. Стало известно, что в

переводах были использованы такие художественные приёмы, как сравнение, метафора, иносказание, ирония, описание, притча, интерпретация, описание, вызов, повторение, противопоставление, искусство вопроса и ответа, объяснение, желание, т. д. были использованы. Автор статьи разделил эти художественные искусства на многопользовательские и малоиспользуемые группы. Автор отмечает, что такие художественные приемы как сравнения, ирония, метафора, контраст и диалог используются в переводах с высоким искусством и профессионализмом. Все художественные украшений, использованные в переводах, способствовали душевности, эффективности и привлекательности смысла и музыки стихов. Отмечается, что переводы Гулрухсора очень приятны и эффектны, так как его стихи подобны народным стишкам и куплетам. В этом отношении они естественны и искренни.

Ключевые слова: Гулрухсор Сафиева, переводы, художественный перевод, текст перевода, поэтическая музыка, дубейти, художественные украшения, народные четверостишия.

USE OF ARTISTIC DECORATION IN TRANSLATIONS BY GULRUKHSOR SAFIYEVA

During the analysis in this article, it was found that artistic elements were used in the translations of Gulrukhsor Safiyeva, as a result of which they became spectacular and exciting. It became known that such artistic techniques as comparison, metaphor, allegory, irony, description, parable, interpretation, description, challenge, repetition, contrast, the art of question and answer, explanation, desire, etc. were used in the translations. The author of the article divided these artistic arts into highly used and underused groups. The author notes that such artistic techniques as comparisons, irony, metaphor, contrast and dialogue are used in translations with high skill and professionalism. All the artistic embellishments used in the translations contributed to the sincerity, efficiency and attractiveness of the meaning and music of the poems. It is noted that Gulrukhsor's translations are very pleasant and effective, since his poems are similar to folk rhymes and couplets. In this respect they are natural and sincere.

Key words: Gulrukhsor Safieva, translations, literary translation, translation text, poetic music, dubeyti, artistic decorations, folk quatrains.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Моҳираи Маматхон*** **–** унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Саид Носир, 33. **Тел: (+992) 985-61-02-92.**

Сведения об авторе: ***Мохираи Маматхон*** **–** соискатель кафедры таджикского языка и документации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, Саида Носира, 33. **Тел: (+992) 985-61-02-92.**

Information about the author: ***Mohirai Mamatkhon*** **–** reseacher of the chair of tajik language and documentation of Academy of public administration under the Prezident of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir, 33. **Tell.: (+992) 985-61-02-92**

РАШИД ҶАҲОН ВА МАҶМУАИ "АНГАРЕЙ"

Асозода З.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Доктор Рашид Ҷаҳон чеҳраи дурахшон ва пурҷилои ҳаракати озодихоҳ (тараққипарвар) мебошад, ки дар умри кӯтоҳи чилу ҳафт солаи худ дар як вақту замон дар бисёр ҷабҳаҳо фаъолият бурдааст. Ӯ дорои малакаҳои зиёде чун достоннависӣ, драманависӣ, рӯзноманигорӣ ва табибӣ буда, аз ҷумлаи намоёнтарин фаъолони сиёсиву иҷтимоии даврони худ ба шумор мерафт. Пеш аз ҳама, Рашид Ҷаҳон дар гузоштани пояи як ҳаракати пешрафта дар кишвар ва такон бахшидани ҷомеаи худ саҳми беҳамто дорад. Ҳикояҳои ӯ бозгӯи возеҳи шароите ҳастанд, ки он замон дар ҷомеа ҳукмфармо буд ва ҳар кадоме ҳоло ҳам мисли он замон дилрабо ҳастанд.

Дар арзёбии моҳияти воқеии осори нависанда баҳогузории таърихӣ ва фарҳангии замони ӯ ниҳоят муҳим аст. Назарияи таърихшиносӣ ошкоро иддао мекунад, ки адабиёт ҳамеша инъикоскунандаи давру замон аст ва воқеоти ҳар давру замон ба мазмуну мундариҷаи ҳар як асар таъсири назаррас дошта метавонанд. Аз ин рӯ, маънои матнро танҳо дар робита бо замони мавҷудияти он дуруст кашф кардан мумкин аст.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, фаъолияти Рашид Ҷаҳон низ бояд дар заминаи бозсанҷии ҳодисаҳои замони ӯ ва таъсири доираҳои мухталифи адабиву сиёсӣ ва маҷмӯаи "Ангарей" (Ангиштҳои сӯзон) ба ҳаёти ин нависандаи номдор, омӯхта шавад.

Баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ, ки дар давраи таъсис ёфтани «Анҷумани адибони пешқадам» байни ин одамон ба амал омада буданд, ба Рашид Ҷаҳон дурнамои наве бахшиданд. Ралф Рассел дар асари «Роҳбарӣ дар ҷунбиши нависандагони пешрафтаи умумиҳиндӣ» қайд кардааст, ки "ислоҳоти иҷтимоӣ дар навиштаҳои Премчанд, Иқбол ва

маҷмуаи баҳсбарангези “Ангарей”, ки решаи он ба давраи пеш аз “Ассотсиатсияи нависандагони прогрессивии умумиҳиндӣ” (AIPWA) мерасад, мавҷуд буд” [9, с. 120].

Бояд қайд кард, ки маҷмуаи “Ангарей” моҳи декабри соли 1932 дар нашриёти Низомӣ нашр шудааст. Он як ҷилди иборат аз 10 достони кӯтоҳ мебошад. Маҷмӯа аз нӯҳ ҳикоя ва як пиесаи якпардагӣ иборат аст:

“Гармиён ки эк раат” (Як шаби тобистон) – Саҷод Зоҳир;

“Дулари” (Дуларӣ) – Саҷод Зоҳир;

“Ҷаннат ки башарат” (Ваъдаи биҳишт) – Саҷод Зоҳир;

“Нинд наҳи ати” (Бехобӣ) – Саҷод Зоҳир;

“Фирйе ка ҳангама” (Ҳангомаи шӯриш) – Саҷод Зоҳир;

“Ҷаванмардӣ” (Мардонагӣ) – Маҳмуд Зафар;

“Бадал наҳин ати” (Абрҳо намеоянд) – Аҳмад Алӣ;

“Маҳаватон ки эк раат” (Шаби боронии зимистон) – Аҳмад Алӣ;

“Дилли ки Сейр” (Сайри Деҳлӣ) – Рашид Ҷаҳон;

“Парде ке пичҳе” (Дар паси парда) – Рашид Ҷаҳон [7, с. 110].

Чӣ тавре ки қаблан таъкид карда шуд, дар нашри маҷмуаи “Ангарей” нақши намояндагони “Ассотсиатсияи нависандагони прогрессивии умумиҳиндӣ” бениҳоят зиёд аст, зеро маҳз бо кӯшиши онҳо, дар қатори дигар корҳои муфид, асари болозикр ба табъ расонида шуд.

Ҳадаф аз бунёди “Ассотсиатсияи нависандагони прогрессивии умумиҳиндӣ” ва нашри маҷмуаҳое чун “Ангарей” ва ғайра, ин ба рушду тараққӣ раҳнамун сохтани халқи оддӣ ба шумор мерафт. Соли 1936 дар маҷаллаи “Left Review” маводе нашр шуда буд, ки дар он гуфта мешавад: “Вазифаи нависандагони Ҳиндустон аст, ки дигаргуниҳоеро, ки дар ҳаёти Ҳиндустон ба амал меоянд, баён кунанд ва ба рӯҳияи пешрафти кишвар мусоидат кунанд” [8, с. 51].

Маҷмуаи “Ангарей” аз асарҳое иборат буд, ки муаллифони онҳо дидгоҳи махсус доштанд ва мехостанд Ҳиндустони пас аз мустамликавиро ҳамчун як кишвари пешрафта ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд. Приямвада Гопал дар китоби худ “Радикализми адабӣ дар Ҳиндустон: гендер, миллат ва гузариш ба истиқлолият” менависад: “Солҳои 1936—1954 марҳилаи гул-гулшукуфии ҳаракати бениҳоят бонуфузи фарҳангӣ ба шумор мерафт. Ин давра ба сифати давраи ташаккули адабиёти тараққипарвари умумиҳиндустонӣ ва замони рушду нумуи нависандагони озодихоҳ шинохта шудааст” [4, с. 103].

Бо боварӣ метавон гуфт, ки аксарияти ҳикояҳои маҷмуа ҳама мавзуъҳоро новобаста аз ҷинс, табақа, ақида, дин, тафовутҳои забонӣ ва мазҳабӣ муттаҳид ва дарбар мегирад. Миллатчигии муосир гӯё фош мешавад ва дидгоҳи муаллифон ин буд, ки танҳо пас аз рафъи ин тафовутҳо ва қолабҳои куҳнаву шахшуда шахсияти нави миллӣ ва фарди озодихоҳ таҳаввул хоҳад кард.

Дар мавриди ворид шудани ҳикояҳои Рашид Ҷаҳон ба маҷмуаи ҳикояҳои “Ангарей” гуфта мешавад, ки вақте тарҳи он таҳия шуд, нависанда низ розӣ шуд, ки ҳикояи «Дилли ки Сайр» (Сайри Деҳлӣ) ва песаи якпардагии «Парде ке пичҳе» (Дар паси парда)-ро ба он дохил кунад. [1, с. 121].

Ёдовар шудан бамаврид аст, вақте ки ин китоб дар соли 1932 нашр шуд, он дар ҷомеа як шӯришро ба вуҷуд овард. Рашид Ҷаҳон яке аз чаҳор нависандагоне буд, ки ҳикояҳои худро дар “Ангарей” ба чоп расонидааст. Ин маҷмуа асари гаронарзише буд, ки барои аз ҳад зиёд иғвоангез будан ва зери суол бурдани баъзе арзишҳои ҷомеа ва риёкории як гуруҳ аз намояндагони он, нашри минбаъдааш мамнуъ шудааст. Амита Дутта дар ин бора чунин менигорад: “Ҳикояҳо ва пиесаҳоро чаҳор муаллифи ҷавон ва идеалист Саҷҷод Зоҳир, Аҳмад Алӣ, Маҳмуд Зафар ва Рашид Ҷаҳон навиштаанд, ки умед буд, маҷмуаи мазкур “эълони ҷанги ҷавонони синфи миёна бар зидди ниҳодҳои бартаридоштаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва динӣ” хоҳад гардид. Ҳикояҳое, ки муаллифон дар таълифи онҳо аз асарҳои Ҷеймс Ҷойс,

Вирҷиния Вулф ва Д.Х.Лоуренс илҳом гирифтаанд, ғуломии одамон ба догмаҳои иҷтимоӣ ва диниро танқид мекарданд” [3, с. 53].

Маҷмуаи «Ангарей» дар ҷомеаи Ҳиндустон изтиробро ба амал овард. Ҳаҷра Бегум менависад: «Дар ҳоле, ки тарҳи ин маҷмуаро таҳия менамуданд, худи Саҷҷод Зоҳир ҳеҷ гумон надошт, ки он ба нуқтаи оғози роҳи нави адабӣ табдил хоҳад шуд» [6, с. 169]. Худи Саҷҷод Зоҳир пас аз чанд муддате ба Лондон рафт, аммо дар ин ҷо шӯру ғавғо ба амал омад. Муқобилияти хонандагон то ба дараҷае афзуд, ки дар тамоми мамлакат бар зидди Рашид Ҷаҳон-«ангарейвалӣ» тазоҳуротҳо сурат мегирифтанд. Ҳатто, ҳукм бароварда шуд, ки китоби «Ангарей» мусодира гардад. Дар он вақт «Ангарей» воқеан оташеро фурӯзон намуда буд. Бешубҳа, «Ангарей» ба Рашид Ҷаҳон таъсири калон расонд. Бар зидди ӯ вокунишҳои шадид сурат гирифтанд, ҳатто таҳдидҳои марг низ садо медод. Аммо вай аз ин ҳукму таҳдидҳо аслан наметарсид, балки ба муқобили ин қувваҳо устуворона истода буд. Ба туфайли ин ҳодисаҳо боварии ӯ ба ақидаҳои пешқадами худ боз ҳам мустаҳкамтар гардид.

Чуноне ки дар боло гуфта шуд, ду асаре, ки Рашид Ҷаҳон ба “Ангарей” ворид намудааст, “Дилли ки сейр” (Сайри Деҳлӣ) ва “Парде ке пичҳе” (Дар паси парда) буданд. Ғайр аз ин, маҷмӯа панҷ ҳикояи Саҷод Зоҳир, ду асари Аҳмад Алӣ ва як достони Маҳмуд Зафарро дар худ ҷой додааст. Ҳамчунин, маълумоти мухтасари тарҷумаҳолии чор муаллиф ва саъю кӯшиши онҳо барои барҳам додани мустамликадорӣ ва озодии ҷомеа низ дар он оварда шудааст.

“Дилли ки Сейр” (Сайри Деҳлӣ) гуфтори муфассали як нафар аз дидгоҳи як зани мусалмон Малика Бегум, ки истиқоматкунандаи Фаридобод буд, мебошад. Саёҳате, ки қаҳрамони асосии он дар аввал ҳисси ҳаяҷон пайдо карда буд ва бо хайрхоҳии шавҳараш ин сайр барояш имконпазир гардид.

“Парде ке пичҳе” (Дар паси парда) гуфтугӯи ду зан аз оилаҳои сарватманд аст. Яке аз ин занҳо Муҳаммадӣ Бегум бар асари ҳомиладории чандкарата бемор шудааст. Ӯ бо марде издивоҷ кардааст, ки ба таваллуди писар исрор мекард, аммо зан ҳар сол духтар таваллуд мекунад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар навиштаҳои Рашид Ҷаҳон “на танҳо аҳамияти мавзуӣ, балки бунёдӣ” дошт, масъалаи гендерӣ (баробарҳуқуқии зану мард) ба шумор мерафт [5, с. 110]. Барои Рашид Ҷаҳон дарки муассир ва мубориза бо зулм ва нобаробарии занон, пеш аз ҳама, таҳаввулоти куллӣ ва табдили масоили ошноӣ, аз қабили хонаводагӣ, хонавода ва издивоҷ лозим буд. Ӯ масъалаҳои вобаста ба ин мавзуъро дар ҳикояҳое, ки ба маҷмӯаи “Ангаре” шомил кардааст, низ дарҷ намудааст.

Бояд гуфт, ки ба таъкиди худи муаллифон ҳадафи аслии нашри “Ангарей” на ҳайрон кардани халқ ва на ҷанҷол барпо намудан буд. Ҳадафи аслии он нишон додани ҳолати воқеии ҷомеа ва аҳволи мардуми оддӣ буд. Рахшанда Ҷалил, ки муаллифи “Исёнгар ва сабаби исёни ӯ: ҳаёт ва фаъолияти Рашид Ҷаҳон” буд, дар шарҳи тарҷумаи ҳоли Рашид Ҷаҳон чунин иброз медорад: “Нависанда бояд бо навиштаҳои худ, бо як кӯшиши худшиносона одамонро аз беэътиноиву бетарафӣ боздорад, нишон диҳад, ки чӣ гуна риёкорӣ ва зулми ҷинсӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ворид шудааст, ёдрас намояд, ки ин ҳолат боиси нигарониву изтироб аст, то аҳли ҷомеа ба ислоҳоти иҷтимоӣ кӯшиш кунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилотро пайдо намоянд” [2, с. 58].

Бо вуҷуди он, ки озодбаёнии ӯ боиси хашм ва сарзаниши бархе аз хонандагони муҳофизакор гардид, “Ангарей” ҷойгоҳи Рашид Ҷаҳонро дар манзараи адабии Ҳиндустон устувор гузошт ва ҳатто ӯ эҳтироми оммавии пешгомони адабӣ, ба мисли Премчанд ва Файз Аҳмад Файзро низ ба даст овард. Ғайр аз ин, дар соли 1936, чаҳор сол пас аз интишори “Ангарей”, Рашид Ҷаҳон дар таъсиси Ассотсиатсияи нависандагони тараққихоҳ (PWA) дар Лакҳнав, барҷастатарин ҷунбиши адабии асри ХХ дар минтақа, нақши муҳим бозид. Гарчанде ки вай дар таъсиси Ассотсиатсияи нависандагони тараққихоҳ кӯмак кард, дар солҳои баъд Рашид Ҷаҳон танҳо порчаҳо навишт ва ба ҷойи ин вақти бештари худро

барои таҳрири муштараки маҷаллаи сиёсии урду “Ҷингарӣ” (Шарораҳо), дар якҷоягӣ бо ҳамкори қаблии “Ангарей” Маҳмуд Зафар, ки баъдан шавҳараш гардид, сарф кард. Ӯ аз шӯру ғавғо атрофи “Ангарей” бепарво буд, ба кори худ идома медод.

Адибону мунаққидони зиёде оиди ин маҷмӯаи овозадор ибрози ақида намуда, вокунишу баҳсҳоеро, ки баъди нашри “Ангарей” ба миён омаданд, пайваста зикр менамуданд: “Ангарей” маҷмӯи нӯҳ ҳикоя ва як пиесаи якпардагӣ ба забони урду аз ҷониби Саҷҷод Зоҳир, Рашид Ҷаҳон, Маҳмуд Зафар ва Аҳмад Алӣ аст, ки бори аввал соли 1932 нашр шудааст ва умуман дар адабиёти Ҳиндустон ибтидои ҳаракати нависандагони пешқадам ҳисоб карда мешавад. Нашри китоб бо мавҷи эътирозҳо рӯбарӯ гашт ва баъд аз чанд моҳи нашри он аз ҷониби ҳукумати музофотҳои муттаҳид мамнуъ эълон шуд” [12].

Бо гузашти 58 сол “Ангарей” бо забони “деванагари” бо кӯмак ва дастгирии баъзе одамони ҳамфикр эҳё шуд. Моҳан Тапалиал, Рооп Рекха Верма ва баъзе аз ҳаваскорон буданд, ки ба ҳайати таҳририя кӯмак расониданд. [10].

Хулоса, ҳамлаи далеронаи Рашид Ҷаҳон ба ҷанбаҳои муҳим ва ба истилоҳ “муқаддас”-и сохтори элитаи иҷтимоӣ, як мушкилии калидиро, ки то ин дам дар арсаҳои адабӣ гуфта намешуд, нишон дод. Рашид Ҷаҳон масъалаи занон ва вазъи саломатии онҳоро ба рӯзномаи адабиёт ворид намуд ва ҳолати дар ҷомеа роиҷро зери тозиёнаи танқид қарор дод. Ин ба ӯ унвони “зани хашмгин”- и адабиёти урдуро оварад. Решаҳои ин шуҳрати Рашид Ҷаҳон дар баҳсҳои соли 1932 буд, ки то абад ба ӯ унвони “ангарейвалӣ” медиҳад.

“Ангарей”-и Рашид Ҷаҳон ифодагари муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳолати маънавиву шароити моддии ҷамъияти мусулмонӣ дар Ҳиндустони пеш аз истиқлолият мебошад. Дар асарҳои ин маҷмӯа бештар ба таҳлили вазъи сохторҳои иҷтимоӣ, махсусан оила, хонавода ва масоили модарӣ, ки ба канорагирии занон дар ҷомеа мусоидат кардаанд, таваҷҷуҳ равона шудааст. Ба ибораи дигар, муаллифон дар асарҳои худ, бо сабкҳои гуногун нишон додаанд, ки чӣ гуна маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ занонро аз чизҳое, ба монанди дастрасӣ ба таълим, омӯзиши касб, пеш бурдани фаъолиятҳои мухталиф, имконияти ба худ вобаста будан ва ғайра бозмедорад.

АДАБИЁТ

1. Attia, Abid. Selected short stories & plays; Attribution: translated from Urdu: Contributors: Rashīd Jahān, 1905-1952. Publication: Yash Delhi. 2010. 352 p.
2. Bano, Shadab. “Rashid Jahan"s Writings: Resistance and Challenging Boundaries, Angaare andOnwards”. Indian Journal of Gender Studies, 19.11. 2012, pp. 57-71.
3. Dutta, Amrita. “Rashid Jahan: A Spark that Lit the Fire.” The India Express, 23 May 2014. p. 48-95.
4. Gopal, Priyamvada. Literary Radicalism in India Gender, Nation and the Transition to Independence. Routledge, 2005. pp. 98–118.
5. Coppola, Carlo and Sajida Zubair. “Rashid Jahan: Urdu Literature"s First “Angry Young Woman.” Journal of South Asian Literature, 1987, p. 83–166.vol. 22, no. 1,
6. Hajra, Begum. A freedom fighter and a votary of gender equality Posts Angarey and the Progressive Writers Movement. Rupa. 2019. pp. 168–189.
7. Jalil, Rakshanda. A Rebel and Her Cause: The Life and Work of Rashid Jahan. Published by Women Unlimited, 2014. 240 p.
8. Left Review. Left Review was a journal set up by the British section of the Comintern-sponsored [1] International Union of Revolutionary Writers E. P. Thompson and John Saville in July 1956. pp. 72-85.
9. Russell, Ralph. “Leadership in the All-India Progressive Writers Movement, 1935–1947.” In Leadership in South Asia. Edited by Bishwa Nath Pandey 26 апр. 2019. pp. 64-106.
10. https:// www. plhr.org.pk// [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 22.12.2024).
11. https://www.thecreativelaucher.com// [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 02.09.2024). https://www. rekhta.com // [Манбаи электронӣ] (санаи истифодабрӣ: 30.01.2025).

РАШИД ҶАҲОН ВА МАҶМУАИ “АНГАРЕЙ”

Дар мақола фаъолияти эҷодии нависандаи забардасти адабиёти урду Рашид Ҷаҳон ва робитаи ӯ бо маҷмӯаи “Ангарей” (Ангиштҳои сӯзон), мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар раванди таҳлилу баррасии масъала, муаллиф сараввал, оид ба мақом ва нақши Рашид Ҷаҳон дар адабиёти урду ишора намуда, таъкид мекунад, ки номбурда дар рушди адабиёти урду саҳми бениҳоят арзишманд дорад. Сипас ба таври умумӣ дар бораи сифат ва мундариҷаи ҳикояҳои ӯ сухан ронда, иброз медорад, ки ҳикояҳои Рашид Ҷаҳон бозгӯи возеҳи шароити дар ҷомеа ҳукмфармои замони зиндагии нависанда буданд ва ҳар кадоме ҳоло ҳам мисли он замон ҷолиб, хонданӣ ва мубрам мебошанд. Муаллиф қайд мекунад, ки фаъолияти Рашид Ҷаҳон бояд дар заминаи таҳлили ҳодисаҳои замони ӯ ва таъсири доираҳои мухталифи адабиву сиёсӣ ва маҷмӯаи “Ангарей” ба ҳаёти ин нависандаи номдор, омӯхта шавад. Ӯ дар идома айнан ҳамин корро анҷом медиҳад. Яъне, оид ба таърихи нашри “Ангарей”, вокунишӣ қишрҳои гуногуни ҷомеа ба он ва таъсири ин маҷмӯа ба вазъи минбаъдаи адабию сиёсии кишвар, андешаҳои худро баён намудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар мақолаи мазкур фикру андеша ва назарияи олимону муҳаққиқони соҳаро оид ба мавзуи баррасишаванда, бахусус қайдҳои мунаққидонро дар рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун нисбати ин масъала, низ овардааст.

Калидвожаҳо: Рашид Ҷаҳон, “Ангарей”, адабиёт, адабиёти бадеӣ, нависанда, ҳикоя, забони урду, Ҳиндустон, мунаққид, ҷунбиши адабӣ.

РАШИД ДЖАХАН И СБОРНИК РАССКАЗОВ “АНГАРЕЙ”

В статье рассматривается творчество гениального писателя урду Рашида Джахана и его связь со сборником «Ангарей» (Горящие угли). В процессе анализа и обсуждения вопроса автор в первую очередь обращается к статусу и роли Рашида Джахана в литературе урду, подчеркивая, что она внесла чрезвычайно ценный вклад в развитие литературы урду. Затем, говоря в целом о качестве и содержании своих рассказов, она утверждает, что рассказы Рашида Джахана были четким отражением преобладающих социальных условий при жизни писателя, и каждый из них сегодня так же интересен, читаем и актуален, как и тогда. Автор отмечает, что творчество Рашида Джахана следует изучать в контексте анализа событий ее времени и влияния различных литературных и политических кругов, а также сборника «Ангарей» на жизнь этого известного писателя. Она продолжает делать то же самое. То есть она высказала свои мысли об истории издания «Ангарея», реакции различных слоев общества на него, а также о влиянии этого сборника на дальнейшую литературную и политическую ситуацию в стране. В то же время автор в данной статье также представляет мнения и теории ученых и исследователей в данной области по рассматриваемой теме, в частности, комментарии критиков в различных газетах и журналах по данному вопросу.

Ключевые слова: Рашид Джахан, “Ангарей”, литература, художественная литература, писатель, рассказ, язык урду, Индия, критик, литературное движение.

RASHID JAHAN AND COLLECTION OF STORIES “ANGAREY”

The article discusses the creative activity of the great Urdu writer Rashid Jahan and her connection with the collection "Angarey" (Burning Coals). In the process of analyzing and discussing the issue, the author first of all refers to the status and role of Rashid Jahan in Urdu literature, emphasizing that she has made an extremely valuable contribution to the development of Urdu literature. Then, speaking in general about the quality and content of her stories, she states that Rashid Jahan's stories were a clear reflection of the conditions prevailing in society during the writer's lifetime, and each of them is as interesting, readable and relevant today as it was then. The author notes that Rashid Jahan's work should be studied in the context of analyzing the events of her time and the influence of various literary and political circles and the collection "Angarey" on the life of this famous writer. She continues to do exactly the same. That is, she expressed her thoughts on the history of the publication of "Angarey", the reaction of various segments of society to it and the impact of this collection on the future literary and political situation of the country. At the same time, in this article, the author also presented the thoughts, ideas and theories of scholars and researchers in the field of the topic under consideration, especially the notes of critics in various newspapers and magazines on this issue.

Key words: Rashid Jahan, “Angarey”, literature, fiction, writer, story, Urdu language, India, critic, literary motion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асозода Зарина Сайфиддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ 17. **E-mail:** kharper96@inbox.ru. **Тел.:** (+992) 915905919

Сведения об авторе: ***Асозода Зарина Сайфиддин*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры Индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. **E-mail:** kharper96@inbox.ru. **Тел.:** (+992) 915905919

Information about the author: ***Asozoda Zarina Sayfiddin*** – Tajik National University, competitor of the Department of Indian Philology of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. **E-mail:** kharper96@inbox.ru. **Тел.:** (+992) 915905919

ОШНОЙ БО «РИСОЛАТ-УТ-ТУЮР»-И АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

Саидғанизода С.
МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун як асари ирфонии рамзӣ ва фалсафӣ дар адабиёти ирфонӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Дар миёни осоре, ки ба Аҳмади Ғаззолӣ мансубанд, «Рисолат-ут-туюр» дар шумори осори барҷастаи ирфонӣ қарор дорад. Ин асар анъанаи корбандии тимсоли туюрро дар шарҳу басти ақоид ва матолиби ирфонӣ тамдид бахшидааст. Рисолаи мазкур аз лиҳози фарогирии мавзуи аслӣ, тарзи сужабандӣ, корбасти тамсилу ҳикоёт, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо бо дигар асарҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ шабоҳати хеле наздик дорад.

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст. Рисола оғоз мешавад аз сифатҳо нисбати худаш бо василаи суханони туюр:

Имоми раббонӣ, сайид-ул-авлиё (сайид-ул-авлиё – пешвои дӯстони Худо-С.С.), қутб-ул-асфиё (қутб-ул-асфиё – пир ва марҷаи баргузидагони Худо-С.С.) Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-ъазиз (Яъне: Худованд руҳи азизашро муқаддас дорад-С.С.), гуфто: «Агарчи мурғон бисёр буданд ва хӯю сиришту овози эшон мухталиф буд ва ҳар як аз эшонро кашиш (майл, дилбастан- С.С.) ба ошёнаи дигар ва манзилгоҳи дигар буд. Лекин ҳамгинон (ҳамагӣ, ҳамагон-С.С.) бо якдигар ёвар шуданд ва иттифоқ карданд, ки моро лобуд (д) (нестӣ, маҳв шудан-С.С.) подшоҳе бояд, ки ба ҳар вақт ба даргоҳи вай равем ва ҳоҷати хеш бар вай арза дорем» [2, 160].

Фурӯзонфар «Рисолат-ут-туюр» унвон гирифтани ин осори ҷолибу ирфонии Ғаззолиро ба «Қуръони маҷид» нисбат дода, ақидаашро ба таври зайл шарҳ медиҳад: «Рисолат-ут-туюр» маъхуз аст аз оя ва ворисаи Сулаймону Довуд ва қола ё аййуҳанносу ъулимно мантиқуттайри (сураи Намл, ояи 16), ки муфассирин онро ба маънии зоҳири худ, яъне дониш ва пай бурдан ба сухану оҳанги мурғон тафсир карда, чанд ҳикоят аз гуфтугӯи Сулаймон бо мурғон боз гуфтаанд ва Шайх Аттор дар васфи хотами Сулаймон ҳамин маъниро ифода кардааст:

Зи номи он нигинаш шуд, на аз ғайр,
Румузи мӯру кашфи мантиқ-ут-тайр [5, 214].

Дар бораи «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ё пайравии он дар таърихи адабиёти классикӣ ба ҷуз зикру тавсифи тазкиранависон асари алоҳида таълиф нашудааст. Аммо баъзе аз суханварони барҷастаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ аз Аттор пайравӣ карда, аз ҳикоятҳои маснавиҳояш баҳраҳо бурдаанд. Дар адабиёти классикӣ пас аз таълифи «Мантиқ-ут-тайр» аксари ишораҳое, ки ба олами паррандагон шудааст, бешубҳа, ишораҳо ба ҳамин достони Аттор буданд. Намоёнтарин пайрави Аттор Мавлавӣ аст, ки ишқу ихлоси зиёд бар Аттор дошт ва мегуфт:

Ман он Мавлои Румиям, ки аз нутқам шакар резад,
Валекин дар сухан гуфтан ғуломи шайх Атторам.

Нусхаи «Рисолат-ут-туюр»-е, ки аз ҷониби Фурӯнзонфар омода гардидааст, муқаддимаи муфассале дорад, ки дар он нисбати масъалаҳои зиндагӣ ва осори Аҳмади Ғаззолӣ изҳори андеша намудааст. Дар ин рисола муҳаққиқ андешаҳои шахсии хешро нисбати шахсияти бузургмардони таърих баён дошта, дар идома бобати моҳияти тасаввуф изҳори ақида кардааст ва ин ҷараёнро бо зиндагии орифонаи Ғаззолӣ пайвастааст [6, 43].

Дар байни ин осор «Рисолат-ут-туюр» асарест, ки манобеи аз ҳама зиёд аз Ғаззолӣ будани онро таъкид кардаанд. Фурӯзонфар дар бораи ин рисола мухтасаран маълумот дода, аз нусхаҳо ва чопҳои муҳимтарини он иттилоъ медиҳад.

Омӯзиши аҳвол ва осори Ғаззолӣ на танҳо дар ховарзамин, балки дар олами Ғарб низ аҳамияти махсус дорад. Донишманди дигаре, ки ба омӯзиши осори Ғаззолӣ даст задааст ва таҳқиқоти худро ҳунармандона анҷом додааст, ховаршиноси олмонӣ Ҳилмут Риттер

мебошад. Ин донишманд устоди забонҳои форсиву арабӣ, нависанда ва пажӯҳандаи олмонӣ, коршиноси илоҳиёт ва матншиноси забонҳои лотинӣ ва юнонӣ аст. Ӯ китоби гаронбаҳое дорад, бо номи «Дарёи ҷон» дар ду ҷилд. Ин китоб муҳимтарин ва чашмгиртарин асари Риттер ба ҳисоб рафта, комилан ба шарҳу тавзеҳи андешаҳои Ғаззолӣ бахшида шудааст [2, 16]. Нигоранда фазилатҳои дақиқназарӣ, покизакорӣ, дарки ҳастии маънавии адибонро дошта, донандаи хуби забонҳои урупоию шарқист ва ҳамин боис шуда, ки таҳқиқоти хубе нисбати Ғаззолӣ ба анҷом расонад.

Риттер дар асари худ асосан ба ҳамон чор маснавӣ такя мекунад, ки «Мантиқ-ут-тайр» дар ин радиф ҷойгоҳи махсус дорад, аз ҷумла, дар мавриди «Мантиқ-ут-тайр» чунин менависад: «Дар бораи «Мантиқ-ут-тайр» хушбахтона, аз манбае, ки шоир аз он дар пардохтани ин достон баҳра бурдааст, огоҳӣ дорем. Ин манбаъ «Рисолат-ут-туюр» аст, ки ривояти арабии он мансуб ба Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аст.»

Аз бархе душвориҳо, ки дар сабки ривояти арабист, чунин бармеояд, ки ин ривоят бояд тарҷума бошад ва гӯё аз асли форсӣ тарҷума шуда бошад. Ривояти форсии он мансуб ба бародари ӯ Аҳмади Ғаззолӣ аст» [2, 18]. Риттер андеша ва ҷаҳонбинии Ғаззолиро аз он чӣ дар «Рисолат-ут-туюр» омадааст, фаротар ва ғанитар медонад.

Мусанниф мавзуъҳои ҷолиберо аз эҷодиёти Аҳмади Ғаззолӣ интихоб намуда, дар атрофи 30 мавзуъ андешаронӣ мекунад. Дар китоб ҳар як мавзуъ дорои зермавзуъҳои зиёд мебошад, ки ин имкон медиҳад то мавзуи асосӣ боз ҳам возеҳтар ва ҳамаҷониба баён гардад. Қариб дар ҳамаи мавзуъҳои мавриди баҳсу таҳлил овардашуда, барои тақвияти сухан аз ҳикоёти «Рисолат-ут-туюр» истифода бурда мешавад. Ба хусус, дар мавзуи марг ва нопойдорӣ, мавзуи дунё, мавзуи шавқи таскиннопазир ба маърифати Худо, мавзуе, ки шоир дар бораи худаш сухан мегӯяд, мавзуи густохии девонагон бо Худо, мавзуи қаноат ва фақр, мавзуи фано ва иттиҳод бо улуҳият, мавзуи сафар дар худ фаслҳое мебошанд, ки дар онҳо мусанниф аз «Рисолат-ут-туюр» бештар баҳра мебарад. Гоҳ аз симои паррандагон, гоҳ аз воқеаҳое, ки бо мурғон рӯй додааст, баъзан аз симои барҷастаи Ҳудҳуд ё аз ҳикоёти дилнишини достони мазкур баҳра бурда, матлабҳои ҷолиберо баён менамояд. Риттер ба мо олами наҷиби Ғаззолиро аз даричаи хосе намудор месозад, ки ҳар нафари суханшиносу ишқпеша ҳатман ошуфтаи ҳарфу андешаҳои ӯ мегардад.

Фурӯзонфар доир ба он қиссаҳое, ки барояш дастрас буд, маълумоти муъҷаз дода, заминаҳои воқеии қиссаи Шайх Санъонро ҷустуҷӯ мекунад. Аз ҷумла, ҳикоятҳои воқеӣ аз даврони Умавиён ва Аббосиён (дар ин давра дайрҳои ободу гуворои масеҳиён вуҷуд дошт, ки баъзе мусулмонони ошиқпешаву бодагусор рӯй бар он ҷо меоварданд ва бо духтарони дайрнишин вақтхушӣ мекарданд), қиссаи Мадрак ибни Алии Шайбонӣ (аз бодиянишинони Басра буда, фиқҳ мехонд ва оқибат ошиқи Умру ном тарсодухтар мегардад), достони Аббодаи шоир (дилбохтаи яке аз роҳибон мегардад ва баръакси дигарон маъшуқро аз дайр берун мекашад), қиссаи Ибни Саққо (машҳуртарин қисса буда, аз рӯи нақлҳо Ибни Саққо қории Қуръон буд, оқибати кори ӯ низ чун дигарон буд)-ро нақл мекунад. Дар хулосаи ин масъала таъкид месозад, ки достони дигаре мавҷуд аст, ки наздик ба ривояти Шайх Аттор аст ва ин қисса баргирифта аз китоби «Туҳфат-ул-мулук»-и Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад. Номи Шайх дар қиссаи Ғаззолӣ Абдураззоқи Санъонӣ омадааст.

Дар идомаи нақду таҳлили маснавӣ Фурӯзонфар ба тарҳи аслии «Мантиқ-ут-тайр» пардохта, иртиботи онро бо «Рисолат-ут-туюр»-и Ибни Сино равшан месозад. Дар муқоисаи рисола ва достон иштироки мурғон, моҳияти манзилҳои эшон ва вазъияташон, инчунин ҷиҳатҳои чузъии ин ду асарро низ ба назар гирифта изҳори ақида мекунад. Илова бар ин, дар ин ҷо аз «Рисолат-ут-туюр»-и Ғаззолӣ низ ҳарф зада, қайд мекунад, ки Шайх Аттор дар таълифи достони худ бегумон ба ин асари пурмуҳтаво назар дошт. Муҳаққиқ «Мантиқ-ут-тайр» -ро бо асари Ғаззолӣ қиёс намуда, умумият ва фарқияти онҳоро муфассал нишон медиҳад, баъзе қисматҳои достонро айнан оварда, ба таҳлил мекашад. Дар идомаи таҳлили қиёсии се асари ҳамҷинс Фурӯзонфар андешаи ҷолиберо баён

месозад, ки айнан овардани он гуфтаҳоро ҷоиз донистем: «… Шайх Аттор низ агар моя аз сухани Ибни Сино ва Ғазолӣ гирифта, ба нерӯи фикрату лутфу завқ онро ба сурате мураттаб сохтааст, ки худи Ибни Сино ва Абӯҳомид аз он нуктаҳо тавонанд омӯхт ва агар зинда шуданд ва ҷуръае аз майи мансурӣ, ки дар хумхонаи Аттор аст, бинӯшанд, бегумон масти ҷовид гарданд ва ба оҳанги мастона овоз баркашанд, ки:

Кардӣ, эй Аттор, бар олам нисор,
Нофаи асрор ҳар дам сад ҳазор.
Хатм шуд бар ту чу бар хуршед нур,
«Мантиқ-ут-тайр»-у «Мақомоти туюр» [6, 322].

Абулҳусайни Зарринкӯб дар асари таҳқиқотии худаш андешаҳои марбут бо зиндагии шахсӣ ва замони зисти шоирро ба таҳлил мекашад ва дар аксар маврид ба Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун мухотаби худ мурочиат мекунад. Аз сабки хосаи ин мурочиат равшан мегардад, ки муҳаққиқ сидқу муҳаббати хос ва қаробати қавии рӯҳонӣ ба дунёи Аҳмади Ғаззолӣ дорад, чунончи ӯ мегӯяд: «…Аммо садоят аз дурдастҳо меояд, аз дунёи рӯҳ, ки бо дунёи мо фосила бисёр дорад. Мепиндорам, амдан садоятро дар даҳонат хафа мекунӣ. Агар на, чаро садои Ҳаллоҷ, садои Бӯсаъид ва садои он кас, ки аз забони най менолад, аз садои ту ба мо наздиктар аст? Аммо ҷои тааҷҷуб нест. Садои ту садои Симурғ аст – садои боли Симурғ, ки ҷабарути он тамоми коинотро илзом ба сукут мекунад. Ва на ҳар гӯшро тоқати идроки он тавонад буд» [4, 214]. Номи китоб низ баргирифта аз ҳикояти Симурғ аст.

Дар умум, метавон таъкид дошт, ки ҳарчанд «Рисолат-ут-туюр» аз назари сохтор ва ҳаҷм таълифи хурде ба шумор меравад, вале тавассути забони мурғон ин нависаандаи соҳибназар шарҳи мароҳити сайри сулукро бо ҷаззобияти хоса баён намудааст, ки баъдан аз он адибону суханварони пас аз вай таъсир пазируфтаанд.

АДАБИЁТ

1. Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература. Избранные труды.- Москва, 1960. -555с.
2. Ғаззолӣ, Аҳмад. Рисолат-ут-туюр. Таҳия ва тавзеҳи Иззаатбек Шехимов. / Фаслномаи Камоли Хуҷандӣ. 2015. №3 (3). С. 160-168.
3. Ғаззолӣ Аҳмад «Достони мурғон, Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмад Ғаззолӣ ба эҳтимоми Насруллоҳ Пурҷаводӣ. Теҳрон, 1976. 60 с.
4. Зарринкӯб А. Баҳр дар кӯза / Зарринкӯб А.- Теҳрон, 1366.- 616 с.
5. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи ҳол ва осори Мавлоно / Бо кӯшиши Ҷаъфари Ранҷбар ва Масъуди Миршоҳӣ. -Душанбе: Китобхонаи устод Халилӣ, 2007. -252 с.
6. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодиси Маснавӣ / Ҷамъ ва тадвини Бадеуззамон Фурӯзонфар.- Теҳрон: Амири Кабир, 1347.

ОШНОӢ БО «РИСОЛАТ-УТ-ТУЮР»-И АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ достони кӯтоҳу рамзӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар бораи сайру сулуки орифона буда, матни он бо оёту ривоёт ва чанде аз абёт зиннат ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки Аҳмади Ғаззолӣ аз орифони номии мактаби Хуросон ва аз пайравони мактаби Боязиди Бастомӣ мебошад. Ӯ нахустин касе буд, ки тасаввуфи ошиқонаро дар Хуросон шарҳ дод. Осори гаронбаҳое аз Аҳмади Ғаззолӣ боқӣ мондааст, ки “Рисолат-ут-туюр” аз ҷумлаи онҳост. Аз он ҷо, ки матни рисола бар осори баъд аз худ таъсири бисёре ниҳодааст, аз аҳамияти фаровоне бархурдор аст. Ин асар ҷамъе аз афкори Аҳмади Ғаззолӣ дар бораи ишқ, маъшуқ ва иртибот миёни онҳост. Мавзуи баҳси ин мақола ошноӣ бо «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ бо назардошти сохтору муҳтаво, аҳамияти адабӣ, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо ва таъсирпазирии дигар осори баъдӣ аз матни «Рисолат-ут-туюр» буда, ба аҳаммият ва арзиши адабии он аз нигоҳи донишмандон изҳори назар карда шудааст.

Калидвожаҳо: Аҳмади Ғаззолӣ, Рисолат-ут-туюр, ишқ, ошиқ, Симурғ.

ВВЕДЕНИЕ В “РИСАЛАТ-УТ-ТУЮУР” АХМАДА ГАЗАЛИ (ТРАКТАТ О ПТИЦАХ)

“Рисалат-ут-Туюур” Ахмада Газали – это короткий символический рассказ на персидско-таджикском языке о мистическом пути и духовном поведении гностика (арифа). Текст украшен аятами (из Корана), преданиями (риваят) и несколькими стихотворными строками (абьят). Следует отметить, что Ахмад Газали был известным мистиком хорасанской школы и последователем школы Баязида Бастами. Он был первым, кто изложил концепцию мистицизма, основанного на любви (тасаввуф-и ашикана), в Хорасане. Ахмад Газали оставил после себя ценные труды, среди которых – “Рисалат-ут-Туюур”. Поскольку текст трактата оказал

значительное влияние на последующие произведения, он имеет большое значение. Этот труд представляет собой собрание мыслей Ахмада Газали о любви (ишк), возлюбленном/возлюбленной (маш'ук) и отношениях между ними. Темой обсуждения в данной статье является введение в "Рисалат-ут-Туюур" Ахмада Газали с учетом его структуры и содержания, литературного значения, значимости художественного воображения мистика, деталей событий и влияния текста "Рисалат-ут-Туюур" на другие более поздние произведения. В статье также излагаются мнения ученых о его важности и литературной ценности.

Ключевые слова: Ахмад Газали, Рисалат-ут-Туюур, любовь (ишк), влюбленный (ашик), Симург.

AN INTRODUCTION TO "RISALAT-UT-TUYUR" BY AHMAD GHAZALI (THE TREATISE OF THE BIRDS)

"Risalat-ut-Tuyur" by Ahmad Ghazali is considered to be a short, symbolic Persian-Tajik story concerning the mystical journey and spiritual conduct of a Gnostic (arif). The text is embellished with verses (from the Quran), traditions (riwayat), and several poetic verses (abyat). It should be noted that Ahmad Ghazali was a renowned mystic of the Khorasan school and a follower of the school of Bayazid Bastami. He was the first to expound upon the concept of love-based mysticism (tasawwuf-i 'ashiqana) in Khorasan. Ahmad Ghazali left behind valuable works, of which "Risalat-ut-Tuyur" is one. Because the text of the treatise has had a significant influence on subsequent works, it is of considerable importance. This work is a collection of Ahmad Ghazali's thoughts on love (ishq), the beloved (ma'shuq), and the relationship between them. The subject of discussion in this article is an introduction to Ahmad Ghazali's "Risalat-ut-Tuyur", considering its structure and content, literary significance, the prominence of the mystic`s artistic imagination, the details of the events, and the influence of the text of "Risalat-ut-Tuyur" on other later works. The article also expresses opinions on its importance and literary value from the perspective of scholars.

Keywords: Ahmad Ghazali, Risalat-ut-Tuyur, love (ishq), lover (ashiq), Simurgh.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидғанизода Саидсултонхон*** **–** доктори фалсафа (PhD), муаллими кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Мавлонбеков 1. **Тел.:** +992928347600. **E-mail:** mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru

Сведения об авторе: ***Саидганизода Саидсултонхон*** **–** доктор философии (Phd), преподователь кафедры арабской филологии факультета восточных языков ГОУ "Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова". **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, Мавлонбекова 1. **Тел.:** +992928347600. **E-mail:** mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru

Information about the author: ***Saidghanizoda Saidsultonkhon*** **–** Doctor of Philosophy (PhD), on the Specialty of Philology, Lecturer of the Department Arabic Philology, Faculty of Oriental Languages, SEI "Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov" **Address:** 735700, Tajikistan Republic, Khujand-city, Mavlonbekov 1. **Tel.:** +992928347600. **E-mail:** mistersaidsultonkhon_91-03@mail.ru

МУНДАРИҶА ВА БАНДУ БАСТИ «РАБЕЪ-УЛ АБРОР»-И МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Тӯйчиева М.О.
МДТ «Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Абулқосим Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Замахшарӣ яке аз донишмадони сермаҳсултарин ва тафсирнигорони соҳибноми асри XII аст. Ӯро «Имоми кабири мусаллам дар тафсиру ҳадис ва наҳву луғату балоғат» ва «Фахри Хоразм» низ мехонанд ва тавонманд дар ҳар донишу улум, аз ҷумлаи саромадон дар мактаби тафсирнигории арабизабони форсу тоҷик ба шумор меравад.

Яке аз он асарҳои Замахшарӣ «Рабеъ ул-аброр ва нусух ал-ахбор» **«ربيع الابرار نصوص الاخبار»** *(Баҳори парҳезгорон ва баёни (наҳли) солномаҳо*), номи дигари ин асар «Рабеъ ул-аброр фӣ мо йассурру ал-хавотир ва-л-афкор» (*Баҳори парҳезгорон: оид ба он хотира ва фикрро хурсанд мекунад*). Ин асар маҷмӯи панду амсол, мақолу зарбулмасалҳо ҳикматро дарбар мегирад. Китоби мазкур дар олами ислом хеле маъруф ва машҳур буд.

Китоби мазкур дар даврони камолоти илмии муаллиф, дар даҳаи охири зиндагии ӯ бо забони арабӣ ба қалам омадааст. Аз муқаддимаи муаллиф бармеояд, ки ӯ ин китобро пас аз «ал-Кашшоф»-и Маҳмуд Замахшарӣ (соли итмомаш 528/1133) тасниф намудааст.

Чунин зикр шудааст: *«Ин китобест, ки тасмим гирифтам, то бо он хавотири нозирон бар «ал-Кашшофу ъан ҳақоиқи-т-танзил» оромишу нузҳат биёбад ва дилҳои хасташуда дар такопӯи дастёбӣ бар нуктаҳои пӯшидаи он, фароҳату фароғат бипазирад»* [3, 19].

Дар ҷаҳон садҳо асарҳои гаронарзиш мавҷуд мебошад, ки дар услуби «Муҳозара» навишта шудааст, монанди: «Мунис ал-Воҳид ва нузҳат ал-мустафид фи ал-муҳозарот», «Ҳилят ал-муҳозара» ва «ат-Тамсил ва ал-Муҳозара»-и Абу Мансур ас-Саолибий, «Ал-

Муъҷализи ва Ҷавоҳир ал-илм»-и Ибн ал-Марвон ад-Диноварӣ «Муҳозарот ал-аброр ва мусомирот ал-ахёр»-и Муҳиддин ибн Арабӣ, «Симимрат ал-авроқ фи ал-муҳозарот»-и Ибн Ҳоҷа ал-Ҳамавӣ ва ғайра.

Номи асар дар феҳристҳо, дастхатҳо ва тарҷумаҳо гуногун навишта шудааст. дар феҳристи дастхатҳои арбӣ осорхонаи Британия «ربيع الابرار» «Рабеъ ал-аброр» [6, 714], дар феҳристи дастхатҳои китобхонаи Честер Битти «Rabe` al-abrar fima yasurr al-khawatir wal-afkar» [7, 16]. Дар феҳристи дастхатҳои арабӣ китобхонаи Олмон «كتاب ربيع الابرار» «Китабу Рабеъ ал-аброр» [8, 333] сабт шудааст.

Муҳиддин Муҳаммад ибни Қосим ибни Ёқуб ибни Аҳмад Асомии Румӣ ин асарро мухтасар намуда, «Равз ул-ахбор» ал мунтахаб мин «Рабеъ-ул-аброр» номидааст. Инчунин Ёқутӣ Ҳамавӣ дар асари «Муъҷам-ул-удабо» Заҳабӣ Зириклӣ ва чандин адибон ин асарро унвони «Рабеъ-ул-аброр» шинохтаанд. Вале унвони пурраи асар «Рабеъ-ул-аброр ва нусус-ул-ахбор» мебошад. Номи пурраи асарро Ҳоҷӣ Халифа ва Исмолипошшои Бағдодӣ дар асари худ зикр карда бошанд. Ибни Халликон, Довудӣ Карл Брокелман «Рабеъ-ул-аброр ва фусус-ул-ахбор» навиштаанд.

Дар таъйин ва муқаррар намудани нусхаҳои хаттие, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуданд, ҷусторҳое аз ҷониби донишманд Ҷоруллоҳи Маҳмудӣ Замахшарӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавсуф муқаррар намудааст, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон нусхаҳои хаттӣ аз ин китоб мавҷуд мебошанд. Нусхаи асли арабии «Рабеъ-ул-аброр» аз 98 боб иборат аст. Дар баъзе сарчашмаҳо зиёд будани бобҳои асар зикр шудааст, вале дар бораи ин далел нест. То ба дасти 98 боби асар маҳфуз мондааст. Нусхаи аслии дастнависи «Рабеъ-ул-аброр» дар китобхонаи Бағдод таҳти рақами №934 мавҷуд буда, соли навишти ин асар номаълум аст. Дар бораи ҷилди китоб ва боби он дар ҳама сарчашмаҳо ва нусхаҳои он гуногун омадааст.

Китоби мазкур дар даврони камолоти илмии муаллиф, дар даҳаи охири зиндагии ӯ бо забони арабӣ ба қалам омадааст.

Минбаъд донишмандони зиёд ба талхиси «Рабеъ-ул-аброр» эҳтимом варзиданд, ки Муҳиддин Муҳаммад ибни Хатиб (ваф. 940/1533) аз маъруфтарини онҳост. Мавсуф талхиси худро ба «Равз-ул-ахбор», «Равз-ул-ахёр» номидаасат [9, 161]. Яке аз нашрҳои арзишманди «Рабеъ-ул-аброр» бо тасҳеҳу тавзеҳи Абдуламир Алии Муҳанно тавассути «Муассисат-ул-аъламӣ ли-л-матбуот» (Бейрут, 1412) дар панҷ ҷилд маҳфуз аст.

Муҳаққиқи тоҷик Насимҷон Ҳамробоев зимни зикри маълумот дар бораи ин асар навиштааст: «Рабеъ-ул-аброр»-и Ҷоруллоҳи Замахшарӣ аз зумраи муҳимтарин асарҳои адабӣ-ахлоқӣ ба забони арабӣ буда, бо арзишҳои адабӣ ва таърихии худ дар адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳу мақоми хоса дорад. Арзиш ва аҳамияти «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ пеш аз ҳама, дар он аст, ки бештарин қаҳрамонҳои ҳикоёти ин асар подшоҳону ашхоси эронинажод буда, хислатҳои ҳамида ва панду андарзҳои онон дар қолаби қиссаву ривоёти таърихӣ, дар матни асар ҷойгир шудаанд. Гузашта аз ин, аксари достону ҳикоёти он сарчашмаи форсӣ дошта, осори гаронқадри форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла «Худойнома», «Калила ва Димна», «Таърихи Табарӣ» ва «Панднома»-ву «Андарзнома»-ҳои шаҳриёрону амирони эронитабор аз маохизи асосии «Рабеъ-ул-аброр» шинохта шудаанд. Ҳамзамон китоби «Насим-ур-рабеъ»-и Сӯфии Самарқандӣ чун тарҷумаи «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ мебошад, ки аз ин рӯ вежагиҳои забониву хусусиятҳои грамматикӣ ва сабкшиносиву адабии ин тарҷума, аз як сӯ аз арзиши адабиву таърихии «Рабеъ-ул-аброр» хабар медиҳад ва аз ҷониби дигар, майдони пажӯҳишро барои таҳқиқи паҳлуҳои дигари осори Ҷоруллоҳи Замахшарӣ ва ҳам Сӯфии Самарқандӣ фарох месозад» [11, 27].

Дар ин асар аз осори машҳури Ҷоҳиз, Умар ибни Хатоб, Ибни Аббос, Алӣ ибни Абӯтолиб, ал-Худрӣ, ал-Ҳасан, Анас ибни Молик, Заҳаб ибни Мунӣ, Аҳмад ибни Юсуф, ас-Санавбарӣ, ал-Маъмун, ал-Фараздақ, Ибни Масъуд, Ибни Румӣ, ал-Асмай, ал-Ҳаҷҷоҷ,

Абдулмалик ибин Марвон, Бадеъуззамони Ҳамадонӣ, Саҳл ибни Ҳорун, Анӯшервон ва дигарон намунаҳо оварда шуда, ҳикоёти халқӣ, қиссаву достонҳо зикр шудааст.

«Рабеъ-ул-аброр» -и Замахшарӣ дар канори садҳо осори адаби хеш аз қабили «ал-Кашф фӣ қироат ал-ашара»,«ан-Насоеҳ ас-сиғор», «ан-Носиҳа» ва ғайра таваҷҷуҳ доштааст.

Нусхаи асли арабии «Рабеъ-ул-аброр» аз 98 боб иборат аст. Дар ин асар мақолоте, ки ба мавзӯъҳои адабиёт, таърих, ҷуғрофия ва мавзуҳои ҷамъиятӣ, рӯзгори пайғамбарон, шоҳон мардум, бахшида иншо шудаанд, ҷамъ оварда шудааст. Дар он бисёр мисолҳои аниқ ва иқтибосҳои дақиқ аз сарчашмаҳо оварда шудааст.

- Мавзӯоти асар:
- Вақт, дунё ва ҳаёти онҷаҳонӣ;
- Осмон, ситораҳо фазои осмон ва арш;
- Ҳаво, шамол, бод-гарму хунук ва гуногуншакли он;
- Дӯзахи сӯзон, шуълаи оташи дӯзах, чароғ, шамъ;
- Замин, куҳҳо, сангҳо, боигарии замин, канданиҳои фоиданоки замин;
- Зилзила, гирифтани моҳу офтоб;
- Об ва баҳрҳо, водиҳо ва рӯдҳо, чашма, чоҳ;
- Заврақ, ашёи шинокунанда;
- Дарахтон, растаниҳо, боғу гулистон, биҳишт;
- Шаҳрҳо, бино ва хонаҳо, иморат ва ободонӣ, вайнронӣ муҳаббат ба ватан;
- Аҳмақӣ, ҷаҳолат, фориғболӣ, ғам бесабрӣ;
- Дӯстӣ ва алоқаи одамон, вохӯрӣ, маҷлисҳо муносибати байниҳамдигарӣ, салому табрик боадабӣ;
- Дар бораи шеър, фасоҳату балоғат, камолот, нафосат;
- Хутбаҳо, бемантиқӣ ва заъфи нутқ, сустӣ, лакнати забон, камгапӣ ва дамдуздӣ, мӯҷазбаёнӣ;
- Дар бораи занон, никоҳ ва талоқ, тӯйҳо, таърифу мазаммат ва ғайра [5,108].

Унвони боби 25-уми асар «Дӯстӣ ва алоқаи одамон, вохӯрӣ, маҷлисҳо муносибати байниҳамдигарӣ, салому табрик боадабӣ дӯстӣ ва алоқаи одамон» мебошад, ки дар он аз гуфторҳои Луқмони Ҳаким иқтибос овардаст: «Луқмони Ҳаким фармудаанд: Агар бо касс риштаи дустиро бастан, хоҳӣ авал ҷаҳли ӯро бурор агар дар ҳолӣ фелӣ муносибати он нисбати ту ягона аст паст бо ӯ риштаи бародарона банд ва агар акси ин ҳолат бошад аз ӯ худро дур соз» [5, 95].

Ин асари Замахшарӣ ба шакли мухтасар чандин бор чоп шуда, он ба забонҳои, форсӣ, туркӣ, ӯзбекӣ тарҷума шудааст. Шоистаи ёдоварист, ки талхиси мазкур аз ҷониби Ошиқӣ Чалапӣ (ваф.979/1571) ба туркӣ тарҷума ёфтааст [10, 494]. Мутарҷими мазкур худ талхиси ҷудогонае низ мураттаб сохта будааст.

Боиси хушнудист, ки ин асар дар айни замон аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Насриддинов Фахриддин ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда истодааст. Тарҷумаҳои асар дар ҳар нусхаи маҷаллаи фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ» пайдарпай чоп шудаистодаассат. Саҳифаҳои чопшудаи он:

-Ҳубби ватан;

-Дӯстиву муҳаббат ва рафоқату улфат;

-Адаб намудан, таълим фармудан ва зикри муаллимону муқаввимон; [11, 92-97].

-Бахту иқбол, маҳрумиву идбор, юмну шум ва ризқу ҳирмон;

-Тағайюри аҳвол, табаддули салтанату шавкат ва вуқуъи фитнаву ҳаводиси рӯзгор; [11, 83-94].

-Хайру хубӣ, ёди ёрону солеҳон ва сифоту ахбору онон;

-Хулқ ва сифоти он, зикри ҳусну қубҳ, қомати дарозу кӯтоҳ ва бузургиву хурдӣ;[11, 171-176].

-Ахлоқу одоти хуби зишт;

-Маззамат,истеҳзо, носазогӣ ва ғайбат намудан;

-Хорӣ, нотавонӣ, хиссат беҳимматӣ ва бехирадиву ғафлатва ғайра; [11, 99-103].

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки ин таълифи Замахшарӣ дар ташаккули илму адаби Арабу Аҷам нақши муассир доштааст. «Рабеъ-ул-аброр» бо доро будан бар зарифтарин нукоти адабӣ, ҷолибтарин ахборӣ таърихӣ комилан таҷассум намудааст. аз нуқтаҳои боло хулоса гуфтан мумкин аст, ки ин китоб ҳарчи зудтар ба забони тоҷикӣ тарҷума шавад ва дар байни илму адаби тоҷик мақоми арҷманд пайдо намояд ва чароғи садҳо маҳфилҳо гардад.

АДАБИЁТ

1. Замахшарӣ, Ҷоруллоҳ. Рабеъ-ул-аброр.-Бейрут: Муассисат-ул-аълами ли-л-матбуот (иборат аз панҷ ҷилд). 1412.
2. Ватвот, Рашидуддин. Латоиф-ул-амсол. Таҳия ва тавзеҳи
3. Карл Броккелман. Торих-ул-адаб ал-арабӣ.-Ҷ.4.-Мактабат-уш-шомила, 2004.
4. Карл Броккелман. Торих-ул-адаб ал-арабӣ.-Ҷ.5.-Мактабат-уш-шомила, 2004.
5. Мушор, Хонбобо. Феҳристи китобҳои чопии арабӣ.-Ҷ.1.-Миср:Булоқ, 1279.
6. Фахриддин. Насриддинов Тарҷумаи «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ Камоли Хуҷандӣ (фаслномаи илмӣ адабӣ). -Хуҷанд, 2016. 224 с.
7. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун.Ҷ.1.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008.
8. Marshall G.S. The Venture of Islam Volume 2: The Expansion of Islam in the Middle Periods. -USA: The University of Chicago Press, 1977. – 308 p.
9. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун.Ҷ.1.-Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008.
10. Arthur J. Arberry. A Handlist of the Arabic Manuscripts. -Dublin, 1962. -p.16
11. Wilhelm Ahlwardt. Arabischen Handschriften. - Berlin, 1895. -333 p.

МУНДАРИҶА ВА БАНДУ БАСТИ «РАБЕЪ-УЛ АБРОР» - И МАҲМУДИ ЗАМАХШАРӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии асари пуразриши адабиёти арабу аҷам - «Рабеъ-ул-аброр»-Замахшарӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки оид ба сарчашма ва нусхаҳои он, ки дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз мебошад, маълумоти мухтасар иншо шудааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки сабаби гуногунзикрии унвони асарро такя ба сарҷашмаҳои муътамад матраҳ намояд. Асари мавриди омӯзиш маҷмуи панду амсол, мақолу зарбулмасалҳо ҳикматро дарбар гирифта, дар олами ислом хеле маъруфу машҳур мебошад. Бояд гуфт, ки «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ зарифтарин нукоти адабӣ, ҷолибтарин ахборӣ таърихӣ комилан таҷассум намудааст ва ҳар чи зудтар ба забони тоҷикӣ тарҷума шавад ва дар байни илму адаби тоҷик мақоми арҷманд пайдо намояд ва чароғи садҳо маҳфилҳо гардад.

Калидвожаҳо: «Рабеъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ, тарҷума, нусха, дастхат, китобхона, сарчашма, таърихи адабиёт, адабиёти тоҷик.

СОДЕРЖАНИЕ И КОНТЕНТ «РАБЕЪ-УЛ-АБРОР» МАХМУДА ЗАМАХШАРИ

Данная статья посвящена рассмотрению ценного произведения арабской и персидской литературы - «Рабеъ-ул-аброр» Замахшари. Отмечено, что краткие сведения были написаны об его источнике и копиях, которые хранятся в библиотеках по всему миру. Была сделана попытка объяснить причину различных упоминаний названия произведения, опираясь на достоверные источники. Исследуемое литературное произведение представляет собой сборник пословиц, поговорок и притч, содержащих мудрость, и является очень известным в исламском мире. Стоит отметить, что «Рабеъ-ул-аброр» Замахшари в полной мере воплощает в себе самые изящные литературные положения, самые интересные исторические сведения и должен быть переведен на таджикский язык как можно скорее и занять почетное место среди таджикской науки и литературы.

Ключевые слова: «Рабеъ-ул-аброр», Замахшари, перевод, кодикология, рукопись, библиотека, источник, история литературы, таджикская литература.

CONTENTS OF «RABE'-UL ABROR» BY MAHMUD ZAMAKSHARI

The given article is devoted to the consideration of the valuable work of Arabic and Persian literature - «Rabe'-ul-abror» by Zamakhshari. It is noted that brief information was written on its source and copies, which are preserved in libraries around the world. An attempt was made to explain the reason for the various mentions of the title of the work relying on reliable sources. The literary production under study is a collection of proverbs, sayings and parabolas containing wisdom, and is very famous and well-known in the Islamic world. It is worth mentioning that «Rabe'-ul-abror» by Zamakhshari fully embodies the most elegant literary points, the most interesting historical information, and should be translated into Tajik as soon as possible and gain a respected position among Tajik science and literature.

Keywords: «Rabe'-ul-abror» by Zamakhshari, translation, codicology, manuscript, library, source, history of literature, Tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тӯйчиева Маҳфуза Олимҷоновна*** **–** унвонҷӯи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров». **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. **Тел.:** (+992) 92 177 63 32. **E-mail:** tuychievolim67@mail.ru

Сведения об авторе: ***Туйчиева Махфуза Олимджоновна*** **–** соискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков ГОУ «ХГУ им. акад. Б.Гафурова». **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбеков, 1. **Тел.**: (+992) 92 177 63 32. **E-mail:** tuychievolim67@mail.ru

Information about the author: ***Tuychieva Mahfuza Olimjonovna*** **–** Applicant of the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages, SEI «KhSU named after acad. B.Gafurov» **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue, 1. **Tel.:** (+992) 92 177 63 32. **E-mail:** tuychievolim67@mail.ru

ТАҲҚИҚОТИ ХОВАРШИНОСОНИ ҒАРБ ПЕРОМУНИ «ҲАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚАТ»-И САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Юлдошева М.А.
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»

Дар бораи «Зиндагии Санои Ғазнавӣ» бори нахуст дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихию адабӣ ва пажӯҳишҳои марбут ба ҳаёт ва осори Саноии Ғазнавӣ чи дар адабиётшиносии дохилӣ ва чӣ дар адабиётшиносии ҷаҳон тарҷумаи ҳоли шоир оварда шудааст. Тадқиқ ва таҳлили онҳо собит мекунад, ки номи худи шоир Абул-Маҷд ибни Одам Саноӣ, шоир ва орифи маъруфи охири асри 11 ва ибтидои асри 12 буда, тахминан соли 473/1081 дар Ғазна таваллуд шудааст, падараш Одам аз оилаи ашроф ва саховатманд будааст. Саноии Ғазнавӣ 62 сол умр дида, солҳои 535/1140-41 дар Ғазна вафот кардааст. Саноӣ на танҳо дар замони худ, балки дар садаҳои баъдӣ низ аз ҷониби шоирону нависандагон, муаррихон ва тазкиранависони гуногун васф гардида, баъди маргаш ҳам шоири хеле муътабар ва муҳтарам боқӣ мондааст. Санои Ғазнавӣ низ ба унвони устоди аълои вожаи шоирӣ мақом дорад, аммо бо вуҷуди он ки ӯ аз намояндагони барҷастаи адабиёти форсу тоҷик дар маҳфили адабии Ғазна маҳсуб мешавад, рӯзгор ва осори адабиётшиносони точику хориҷӣ то ҳол мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар адабиётшиносии хориҷӣ, инчунин дар шарқшиносии ҷаҳон, дар осори Ҳерман Этте, Артур Арберри, Аннемари Шиммел ба ҳаёт ва фаъолияти Санои Ғазнавӣ ишораҳои ҷолиб мавҷуданд.

Ҳерман Этте таърихи адабиёти форсиро омӯхта, оид ба эҷодиёти Саноии Ғазнавӣ қайд мекунад, ки шуҳрати Саноӣ дар давраи салтанати се тан аз шоҳони Ғазнавӣ яъне Иброҳим, Масъуд ва Баҳромшоҳ баланд буда дар навиштани қасида моҳир буданаш ва завқи баланди суханварӣ ба ҳикмату фалсафа майл дошта дар ашъорҳояш маъниву мафҳумҳои илмии замонаашро истифода бурдааст, ки дар онҳо печидагиву душвориҳои замонааш навишта шудааст. Этте инчунин пайравони Ҳаким Саноиро низ қайд кардааст, ки баъди вафоти Саноӣ роҳи пешгирифтаи ӯро дар адабиёт Аттор ва баъд аз он Мавлоно Румӣ эҷодиёти худро дар мазмун ва шакл ба равияи Саноӣ монанд намуданд. Дар бораи асари Саноӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» маълумотҳо низ овардааст. Дар воқеъ, маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» баъди «Шоҳнома» дувумин асари манзуми назми форсист, ки ҳам аз ҷиҳати таъсиргузорӣ ба осори адибони дигар ҳам аз лиҳози ҳунарӣ беназир аст [5, 117].

Асари муҳимтарин ва бузургтарин шоҳкории Саноии Ғазнавӣ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат», модари маснавиҳои ирфонии адабиёти форсу тоҷик буда, дар соли 525 ҳиҷрӣ/1120 навишта шудааст. Манзума аз 10 боб иборат буда, ҳамагӣ 10 ҳазор байтро дарбар мегирад. Ҳар як фасли достон дорои чанд намуди ҳикояҳо ва масал аст. Мундариҷаи асосии асар ба ғайр аз бобҳои анъанавӣ аз баёни фазилати илм, тасвири ишқу муҳаббат, ҳикмат, накуҳиши ғафлат, муносибат бо дӯстону душманон, баёни ҳол ва инчунин дар ин асар муҳимтарин масъалаҳои рӯзгори ашхоси таърихӣ ва фалсафаю хикмати зиндагӣ ба калам омадааст.

Дар адабиёти тоҷик «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» бо номҳои «Илоҳинома» ва «Фахринома» низ маъруфият дорад. Асари мазкурро қомуси ирфони форсӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Саноии Ғазнавӣ бо ин маснавӣ самти маснависароии адабиёти ирфониро ба сӯйи ба ҳам омехтакунии фалсафа ва ирфон ибтидо бахшид.

«Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» ҳамчун шоҳасари ирфонии форсӣ-тоҷикӣ дар байни олимони ғарб низ бисёр машҳур гардида буд, бо мақсади ҳарчи осонтар дастрасӣ пайдо кардани алоқамандон ба моҳияти ин маснавӣ аз ҷониби соҳибназарони олами Ғарб осори мунтахаб ба забони англисӣ тарҷума ва таҳия гардид.

Муҳақиқи чех Ян Рипка мегӯяд, нахустин шоири бузурги тасаввуф Абул-Маҷд Маҷдуд Саноӣ ҳамзамонони салтанати Ғазнавиён аст. Дарборро тарк карда, ба дарвеш лоиқ танҳо зиндагӣ мекард. Девони ӯ, ки аз 30 000 мисраъ иборат буд, ҳоло 13346 ададро ташкил медиҳад. Ӯ яке аз аввалинҳоест, ки шакли ғазалро барои тафаккури ирфонӣ истифода бурда, ба наслҳои баъдӣ намуна гузоштааст. Машҳуртарини ин ашъор (дар маҷмуъ ҳафт аст, аммо ба ҷуз як ҳамааш хеле кӯтоҳанд) «Ҳадикат-ул-ҳақиқат» («Боғи ҳақиқат ва қонуни роҳ») аст, ки тақрибан 10 000 ададро ташкил медиҳад, аз даҳ боб иборат аст. Дар ин ҷо Саноӣ дар бораи Худо ва паёмбар, ақлу илм, биҳишт, фалсафа, ишқ ва ҳатто дар бораи Султон Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1117-1157), ки шеър ба ӯ бахшида шудааст, сухан меронад. Хидматҳои Саноӣ дар ривоҷи назми тасаввуф хеле бузург аст, бидуни омӯзиши таъсири тасаввуф ба оммаи васеъ ва таҳлили баррасиҳои адабиёти тасаввуф аз ривояту суннатҳои мардумӣ бардошт намудааст [8, 210].

Яке аз тарҷумон ва тадқиқотчии Қуръони карим мутахассиси тасаввуфи исломӣ А.Ҷ. Арберри оиди маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноии Ғазанвӣ чунин гуфтааст, ки ӯ аввалин муаллифи назми форсӣ дар бораи ақоид навиштааст. Эҷодиёти Саноӣ нимаи асри 12-ро дарбар мегирад. Саноӣ яке аз шоироне мебошад, ки устоди ду намуди назми классикӣ қасида ва ғазал мебошад. Инчунин бо рубоӣ ва маснавӣ бо ин намуди услуб китоби худ «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и худро навиштааст [1, 134].

Саноӣ дар ин асари худ системаи муназзами ҷаҳоншиносии ирфониро бо назардошти мақому манозили сайру сулук ба назм овард. Ҳакими Ғазнавӣ бо роҳи муназзам сохтани ақоиду афкори ирфонӣ ва дарёфти роҳу усули манзур сохтани онҳо, ки ғолибан бо овардани достонҳо ва ҳикоёти тамсилӣ ва таҳлили ҳакимонаи онҳо сурат мегирифт, равиши комилан тозае дар таърихи маснависароии адаби форсӣ ба майдон овард.

Шиммел Аннемари олими намоёни Ғарб буда оид ба таърихи асримиёнагии ҷараёни суфизм корбарӣ намудааст. Ӯ муаллифи китоби «Ҷаҳони тасаввуфи ислом» (Мир исламского мистисзима) буда дар он таърихи асримиёнагии ҷараёни суфизм ба пуррагӣ нишон дода шудааст. Ӯ мегӯяд: «Саноии Ғазанвӣ мутафакири бузурги исломӣ буд, бинобар ин ҷаҳонбинии ӯ ба таълимоти ислом асос ёфтааст. Мувофиқи ақидаи ӯ ҳамаи мавҷудоти оламро Худованд офаридааст. Дар ҳамин нуқта ҷаҳонбинии ӯ ба маҷрои тасаввуфӣ дохил мешавад». Шиммел Аннемари дар тадқиқоти худ оид ба эдодиёти Саноӣ қайд намудааст, ки назми тасаввуфи форсӣ алалхусус хусусияти дидактикии назм дар қисми шарқии Эрон мавҷуд буда, сарчашма мегирад. Инчунин ӯ қайд менамояд, ки асарҳои бузурги Саноӣ дар намуди маснавӣ навишта шудааст. Дар бораи асари бузурги «Хадиқат-ул-ҳақиқат», ки Саноӣ шоири дарбор буда ин асари худро ба султон Баҳромшоҳ бахшидааст. Олимони Ғарб ин асари Саноиро ҳамчун асари мураккаб ҳисоб менамуданд, дертар ин асарро чун намунаи беҳтарини байни маснавиҳо бо тариқи тасаввуфи дидактикӣ навишта шуда ба назар гирифта шудааст [7, 235].

Дарк намудан ва фаҳмидани мазмунҳову розҳои «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» барои касоне, ки бо «Маснавии маънавӣ» ошноӣ доранд, осонтараст. Аз суханони Ҳаким Саноӣ мустафид шавад ва ба фаҳми асрори он калом расад ва ҳаркӣ суханони Саноиро ба ҷидди тамом мутолиа кунад, бар сирри Саноӣ суханони ӯ воқиф шавад. Ифодаҳои пуррамзу роз ва теъдоди зиёди тамсилот дарки матлаби Саноиро барои онҳое, ки аҳл нестанд мушкил кардааст. Махсусан баъзе шарқшиносони ғарб оҷизии худро дар шинохти ҳақиқати андешаҳои Саноӣ зоҳир кардаанд. Эдуард Браун онро «пур аз тавзеҳоту изофоти бемаза ва беруҳ» пиндоштааст, ки албатта, ғалат аст. Дар ҳоле, ки устод Мударриси Разавӣ дар

бораи ин асар чунин навиштааст: «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» аз шоҳкорҳои назми форсист ва камтар китобе бад-ин поя ва моя аз салосату равонии алфоз ва диққати маониву матолиби олия аст». Сухани Э.Браун сухани шахсиест, ки бо «Ҳадиқа» ошноии сатҳӣ дорад. Сухани Мударриси Разавӣ бо он имтиёз дорад, ки ин донишманд ба ҷаҳони фикрии Саноӣ ворид шудааст ва осори ӯро дар партави ҷаҳоншиносии шарқӣ бо диққат мутолиаву баррасӣ кардааст. Манзур он аст, ки дар назми «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» таъсири Қуръону ҳадис, суханҳои пурмағзи донишманду орифон, тамсилҳову ҳикматҳои халқӣ, маъниҳои ирфонию динӣ ва ахлоқию фалсафӣ нақши асосӣ доранд. Роҳи воридшудан ба ҷаҳони фикрии Саноӣ аз тариқи ҳамин осор аст.

Ховаршиносони Ғарб бештар ба лирикаи Саноӣ мароқ зоҳир намуданд, ки ӯ аввалин шуда шакли жанри ғазалро барои ифода намудани ақидаҳои тасаввуфӣ истифода бурда тавонистааст. Яке аз шеърҳои беҳтарини Девони асосии ӯ «Шикояти аҷинаҳо» мебошад, ки дар он забони асар ба дараҷаи баланд нишон дода шудааст, ки он ҳатто барои назми тасаввуфи форсӣ низ ғайри оддӣ менамуданд. Ҳаким Саноӣ яке аз суханварони забардаст ва машҳур буда дар сурудани ашъори баландмазмун дар анвоъи мухталифи шеърӣ мақоми устоди дорад ва номи ӯро ҳамеша дар радифи шуъарои тирози аввали адабиёти форсӣ бо эҳтиром ба забон мегиранд ва арҷ мегузоранд.

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз шоирони бузургест, ки ҳамвора аз замони зуҳур то ба имрӯз мавриди таваҷҷуҳи шоирону адибон, суханшиносону муаррихон ва тазкиранависон қарор гирифта, чи дар замони хеш ва чи баъд аз маргаш иштиҳор доштаву соҳибэҳтиром будааст. Вайро ҳамчун ҳаким, суфӣ, ориф, шайх хондаанду аз бузургони адаб ва ашрафи ҳукамо шумурдаанд. Санои Ғазнавӣ бо ибтикороти анҷомдодаи худ дар назми ирфонӣ дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик бузургтарин рисолати таърихиеро ба ҷо овардааст, ки чунин дастоварда ба эҷодкори дигаре даст надодааст. Санои Ғазнавӣ аз нигоҳи имрӯз на танҳо ҳамчун як намояндаи дурахшони муҳити эҷодии он замон, балки ҳамчун навовар дар арсаи шакл ва мазмуни шеъри форсӣ-тоҷикӣ эътироф шудааст. Санои Ғазнавӣ пешрав дар яке аз самтҳои беназири адабиёти форс-тоҷик, ки адабиёти тасаввуф аст. Саноӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ ҷозибаҳои ирфониро дар пайванди қавӣ бо ҳикмату ахлоқ, нигоҳу таҳлили шоирона ворид кард, ҳамин ҷиҳатҳои ҷолиб буд, ки дар замони зиндагии шоир ашъораш дар саросари каламрави забону адабиёти форсӣ интишор ёфт ва маҳбубият пайдо кард.

АДАБИЁТ

1. Арберри, А. Суфизм. Мистики ислама. -Москва: Сфера, 2002.
2. Бертельс, Е.Э. История литературы и культуры Ирана/ Избранные труды. -Т.5. – М.: Наука, ГРВЛ, 1988. - 558 с.
3. Бертельс, Е.Э. Суфизм и суфийская литература/ Избранные труды. Т.3. - М.: Наука, ГРВЛ, 1965. - 524 с.
4. Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук, нақду таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ.-Теҳрон, 1372.
5. Олимов Карроматуллоҳ. Мировоззрение Санои. -Душанбе, 1473.
6. Саноии Ғазнавӣ. Ҳадиқату-л-ҳақиқат ва шариату-л-тариқат. /Тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ. -Теҳрон, 1377.
7. Ҳерман Этте. Таърихи адабиёти форсӣ. Теҳрон.: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. - ٣٨٦ с.
8. Ҳаким Саноӣ. Осори мунтахаб. -Душанбе: Мунтахаби ашъор. –Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с.
9. Шиммель Аннемари. Мир исламского мистицизма (пер. с англ. Н.И. Пригариной, А.С. Раппопорт). - М.: Энигма, 1999. – 235 с.

ТАҲҚИҚОТИ ХОВАРШИНОСОНИ ҒАРБ ПЕРОМУНИ "ҲАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚАТ"-И САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Дар мақола доир ба маснавии Ҳадиқат-ул-ҳақиқати Саноии Ғазнавӣ роҷеъ ба андешаҳои олимони Ғарб мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Саноӣ дар ин асари худ системаи муназзами ҷаҳоншиносии ирфониро бо назардошти мақому манозили сайру сулукро ба назм овард. Ҳакими Ғазнавӣ бо роҳи муназзам сохтани ақидаву афкори ирфонӣ ва дарёфти роҳу усули манзур сохтани онҳо, ки ғолибан бо овардани достонҳо ва ҳикоёти тамсилӣ ва таҳлили ҳакимонаи онҳо сурат мегирифт, равиши комилан тозае дар таърихи маснависароии адаби форсиро ба майдон овард. Дарк намудан ва фаҳмидани мазмунҳову розҳои «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» барои касоне, ки бо «Маснавии маънавӣ» ошноӣ доранд, осонтараст. Аз суханони Ҳаким Саноӣ мустафид шавад ва ба фаҳми асрори он калом расад ва ҳаркӣ суханони Саноиро ба ҷидди тамом мутолиа кунад, бар сирри Саноӣ суханони ӯ воқиф шавад. Дар воқеъ, маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат» асари манзуми назми форсист, ки ҳам аз ҷиҳати таъсиргузорӣ ба осори адибони дигар ҳам аз лиҳози ҳунарӣ беназир аст.

Вожаҳои калидӣ: Санои Ғазнавӣ, ҳикоёти тамсилӣ, Ғарб, ирфонӣ, Ҳадиқат-ул-ҳақиқат, ҷаҳоншиносии ирфонӣ, таъсиргузорӣ, ақидаву афкори ирфонӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЗАПАДНЫХ УЧЁНЫХ О «ХАДИКАТ-УЛ-ХАКИКАТ» САНАИ ГАЗНЕВИ

В статье рассматриваются идеи западных ученых относительно маснави «Хадикат-ул-хакикат» Санаи Газнави. В этой работе Санаи сформулировал систематическую систему мистического мировоззрения, принимая во внимание статус и значение путешествий и путешествий. Систематизируя мистические идеи и мысли и находя пути и методы, чтобы сделать их доступными, что в основном делалось путем представления историй и аллегорических историй и их мудрого анализа, Хакими Газнави представил совершенно новый подход к истории персидского литературного маснави. Легче понять и постичь содержание и секреты «Хадикат-ул-хакикат» тем, кто знаком с «Маснави манави». Пусть каждый получит пользу от слов Хакима Санаи и придет к пониманию секретов этих слов, и тот, кто читает слова Санаи с полной серьезностью, узнает секреты слов Санаи. По сути, «Маснави Хадикат-ул-хакикат» - поэтическое произведение персидской поэзии, уникальное как по своему влиянию на творчество других писателей, так и по своим художественным качествам.

Ключевые слова: Санаи Газнави, притча, Запад, мистицизм, «Хадикат-ул-хакикат», мистическое мировоззрение, влияние, мистические идеи и мысли.

WESTERN SCHOLARS' RESEARCH ON «HADIKAT-UL-HAQIQAT» SANAI GHAZNAVI

The article discusses the ideas of Western scholars regarding the masnavi «Hadikat-ul-haqiqat» by Sanai Ghaznavi. In this work, Sanai formulated a systematic system of mystical worldview, taking into account the status and significance of travel and travel. By systematizing mystical ideas and thoughts and finding ways and methods to make them accessible, which was mostly done by presenting stories and allegorical stories and analyzing them wisely, Hakimi Ghaznavi introduced a completely new approach to the history of Persian literary masnavi. It is easier to understand and comprehend the contents and secrets of «Hadikat-ul-haqiqat» for those who are familiar with the «Masnavi manavi». May one benefit from the words of Hakim Sanai and come to understand the secrets of those words, and whoever reads Sanai's words with full seriousness will become aware of the secrets of Sanai's words. In fact, the Masnavi «Hadiqat-ul-hakiqat» is a poetic work of Persian poetry that is unique both in terms of its influence on the works of other writers and in terms of its artistic quality.

Keywords: Ghaznavid poetry, allegorical stories, West, mysticism, Hadiqat-ul-hakiqat, mystic worldview, influence, mystic ideas and thoughts.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юлдошева Муҳайё Абдуллоевна*** **–** унвонҷӯи кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, факултети забонҳои шарқ, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». **Адрес:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. **Тел.:** (+992) 92-793-55-65. **E-mail:** ymuhayo@bk.ru

Сведения об авторе: ***Юлдошева Мухайё Абдуллоевна*** **–** с оискатель кафедры таджикского языка и литературы факультета восточных языков Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова». **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1. **Тел.:** (+992) 92-793-55-65. **E-mail:** ymuhayo@bk.ru

Information about the author: ***Yuldosheva Muhaiyo Abdulloevna*** **–** is a member of the Department of Tajik Language and Literature, Faculty of Oriental Languages, State Educational Institution «Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov». **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue, 1. **Tel.:** (+992) 92-793-55-65. **E-mail:** ymuhayo@bk.ru

М У Н Д А Р И Ҷ А

М Е Ҳ Р Н О М А

Ғаффорова У.А. Ёде аз устоди равшанзамиру соҳибдил 3
Худойдодова С. Ҷуфти кабутаронанд – устодони ман 5
Рачабова М.Т. Устоди варзидаи арабшиносии тоҷик **7**
Музаффар М. Наш любимый Муминов 9
Сайдализода Ш.А. Рӯзгор ва фаъолияти эҷодии устод Мӯъминов Ҳ.Қ. 11
Мавлюда Х. Первый переводчик 13

1. ЗАБОНШИНОСӢ – ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Шодиев Р.А. Масоили вожасозии феъл дар забони форсӣ 21
Саломов А.Ҷ. Пажуҳише дар масдари синоӣ 25
Солиҳов Н.Ҳ. Фарҳангнигорӣ ба сифати фаъолияти амалӣ ва соҳаи мустақил дар илми забоншиносӣ 28
Абдулҳадов Ҷ.З. Тавоноии забони форсӣ-тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ 32
Раҳматуллоева З.А. Корбурди феъли “ लगना ” дар забони ҳиндӣ 36
Наврузшоев Б.Х. Тарҷумаи ибораҳои рехтаи забони матбуоти тоҷик ба забони англисӣ 42
Ҳасанова М.И. Омилҳои ташаккули ҷамъбандии арабӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик 46
Ashrapov B.P., Huseynova M.F. Comparative analysis of morphological peculiarities of the tajik modal particle *shoyad* and its english equivalents 49
Kurbanova S.Z. Some theoretical views on lexicographical eculiarities of mu'arrab in ibn barri's dictionary 54
Murodzoda N. Comparative analysis of morphological peculiarities of demonstrative pronouns in tajik-arabic languages 58
Абдуллоева Г.А. Тарҷумаи бадеӣ, хусусият ва проблемаҳои тарҷума 62
Ашрапов Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои сарфии калимаҳои ифодагари шумора дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX 67
Мусоев М.С. Нигоҳи бархе аз олимони муосири араб дар шинохти тоҷикон 70
Зиёев С.Н., Холида Н. Ҳамкориҳои Ҷумҳури Тоҷикистон бо Созмони конфронси исломӣ 78
Ибрагимова Р.А. Андешаҳо перомуни ибораҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 84
Саъдизода Ш.М. Таъсири қоидаҳои фонетикаи дарӣ ба калимаҳои иқтибосии англисӣ 87
Мишин Д.Е. Трактат *al-Muarrab* аль-Джавалики как отражение контактов между арабами и персами в средневековье 92
Додарзода О.М. Мақоми фарҳангҳои тафсирии пешин дар рушду такомули афкори забоншиносии тоҷик 96
Саидмуродова С.Д. Вижагиҳо ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳаи маориф дар даврони шуравӣ 103
Сайфидинова Р.Б. Трудности языковой и межкультурной коммуникации 111
Аминов Ҷ.Ҳ. Тобишҳои замонии маънои феъли замони гузашта дар забони арабӣ 114
Иматшоева С.Ҳ. Исмҳои мураккаби пайваст ва тобеъ дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” (2008) 118
Равзалиев А.Ш. Заминаҳои таваҷҷуҳи назар ба ҳиссача дар забони англисӣ 122
Илёсова Ф.Т. Таҳлили калимасозии истилоҳоти амниятӣ дар васоити ахбори омма бо пешванд дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 125
Ханчаров Б.Қ. Мактаби забоншиносии Басра ва аввалин намояндагони он 131
Кабиров Б.А. Таснифи мавзуии муарработи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ 134

2. АДАБИЁТШИНОСӢ – ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Гафарова У.А. Некоторые аспекты художественного перевода 138
Рачабова М.Т. Намунаи ихвониёти манзум дар тазкираи “Харидат-ул-қаср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ 141
Насриддинов Ф.А. Сарчашмаи нодири адабӣ бо нигориши шевои арабӣ 146
Очилова М.И. Литературная ценность и ее элементы в комментарии «ал-Кашшаф» Махмуда Замахшари 152
Расулзода А.Б. Сабкҳои адабӣ ва вижагиҳои он (дар мисоли шеъри шоирони нимаи аввали саддаи XX) 161
Муҳаммадӣ М.М. Нигоҳе ба хостгоҳи андарзҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 166
Нуриддинова Ш.И. Тарҷумаи бадеии осори насрии С. Айнӣ ба забони арабӣ 171
Mirzalim kyzy G. Achievements of arabic philology in the modern world 178
Мирзоев С.Х. Нақши Соинуддини Хуҷандӣ дар рушди адабиётшиносии арабӣ 181
Холов А.С. Хусусиятҳои сабкию забонии тарҷумаи арабии достони “Рустам ва Сӯҳроб” (дар асоси тарҷумаи Бундории Исфаҳонӣ) 185
Қамбаров Н.Ч. Назаре ба мазмун ва мундариҷаи “Чаҳор унсур”-и Бедили Деҳлавӣ 193
Латифӣ А.Д. Муҳаммад Дорошукӯҳ – таснифгари аҳли тасаввуф 199
Каримова Д.Б. Хусусиятҳои хоси жанри мақома дар адабиёти араб 201
Тураева Г.Б. Переводы касыды «Ламият-уль-аджам» на европейские языки 205
Оқилова М.А., Абдуллоева Ш.Ҷ. Зикри шаҳрҳои Осиёи Миёна дар тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ 210
Дададжанова И.Б. Сопоставительное описание концепта «женщина» в таджикском и английском языках (на примере произведения Садриддина Айни («Воспоминания») 216
Амиршоева М.П. Инъикоси воқеият дар ҳикояи «Оина»- и Ҷилони Бону 221
Abdulloeva M.A. Arabic commentaries on “Masnavii Ma'navi” by Jalaluddin Balkhi 226
Ibrohimova M.A. General ideological peculiarities and differences between the poems “Leyli and Majnun” by Nizami Ganjavi and “Romeo and Juliet” by William Shakespeare 231
Шокиров Ҷ.В. Абдулҳамиди Котиб асосгузори жанри номанигорӣ (тарассул) дар таърихи адабиёти арабизабони форсу тоҷик 234
Маҳмадуллозода А.Н. Вижагиҳои ғоявию жанрии ашъори урдуи Муҳаммад Иқбол дар маҷмуаи “Бонги даро” 238
Рашидова Д.А. Вижагиҳои мақомоти Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ва нақши он дар такомули мақомоти ҳарирӣ 243
Ҷуракулова И.Б. Раҳул Санскритиян ва таснифоти адабиёти ҳиндӣ 248
Искандаров М.Р. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ – асосгузори насри арабӣ 252
Абдулазиз-зода С. Симои Баҳлул дар «Уқало-ул-маҷонин»-и Ҳасани Нишопурӣ 258
Исмоилова С.А. Инъикоси зарбулмасалҳои халқӣ дар ашъори Абуисҳоқи Ғаззӣ 264
Қурбонова С.М. Мактабҳои адабии давраи наҳзат ва марҳалаҳои рушду таҳаввули онҳо 270
Раҳимзода И.А. Дидгоҳҳои Аҳмад Амин перомуни таъсири адабиёти форсу тоҷик ба адабиёти араб дар асари “Фаҷр-ул-ислом” 274
Назаров Ш.А. Корбурди номҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ дар «Доробнома»-и Муҳаммади Беғамӣ 279
Моҳираи М. Истифодаи ороятҳои бадеӣ дар тарҷумаҳои Гулрухсор Сафиева 283
Асозода З.С. Рашид Ҷаҳон ва маҷмуаи “Ангарей” 293
Саидғанизода С. Ошноӣ бо «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ 298
Тӯйчиева М.О. Мундариҷа ва банду басти «Рабеъ-ул аброр»-и Маҳмуди Замахшарӣ 301
Юлдошева М.А. Таҳқиқоти ховаршиносони Ғарб перомуни “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”-и Саноии Ғазнавӣ 305

МАСОИЛИ МУБРАМИ АРАБШИНОСӢ

(МАҶМУАИ МАҚОЛАҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ДАР МАВЗУИ «НАҚШИ АРАБШИНОСОНИ ТОҶИК ДАР РУШДУ ТАҲАВВУЛИ ХОВАРШИНОСИИ МУОСИР», 14-УМИ МАРТИ СОЛИ 2025)

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ АРАБИСТИКИ

(СБОРНИК СТАТЕЙ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ТЕОРИТИЧЕСКИЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ: «РОЛЬ ТАДЖИКСКИХ АРАБИСТОВ В РАЗВИТИИ И ЭВОЛЮЦИИ СОВРЕМЕННОГО ВОСТОКОВЕДЕНИЯ», 14 МАРТА 2025 Г.)

TOPICAL ISSUES OF ARABIC STUDIES

(COLLECTION OF ARTICLES OF THE INTERNATIONAL CONFERENCE SCIENTIFIC AND THEORETICAL CONFERENCE ON TOPIC «THE ROLE OF TAJIK ARABISTS IN THE DEVELOPMENT AND EVOLUTION OF MODERN ORIENTAL STUDIES», MARCH 14, 2025)

Муҳаррир:
д.и.ф., профессор Рачабова М.Т.

Мураттиб:
н.и.ф., дотсент Солиҳов Н.Ҳ.